ИСТАД ҚОСИМЗОДА

# ОШИҚ БУДАЕМ РӮЗЕ

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК – 84 Тоҷик 7 – 4
Қ – 83

Муҳаррир
*Юсуфҷон Аҳмадзода*

**Қ-83 Истад Қосимзода. «Ошиқ будаем рӯзе».**
– Душанбе, «Адиб», 2008. – 480 саҳ.

Дар ин маҷмӯа қиссаю ҳикоя ва ёддоштҳои муаллиф (дар бораи баъзе аз фарзандони фарзонаи миллату рӯзгори мо) гирд оварда шудаанд.

Қаламкаш бо эҳсоси ҳақиқатнигорӣ, воқеоти дилписанд ва лаҳзаҳои муассири зиндагиро, ки худ бевосита дида, шунида ва аз сар гузаронидааст, ба тасвир гирифтааст.

ISBN

© Истад Қосимзода, 2008

# САРСУХАН

Истад Қосимзода 19 майи соли 1936 дар деҳаи Пасурхӣ, ноҳияи Бойсун (вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон) таваллуд ёфтааст. Соли 1954 мактаби миёнаи №5 ба номи М. Горкийро тамом карда ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд, бахши филологияи онро соли 1959 хатм намуда, дар Пажӯҳишгоҳи ба номи Рӯдакӣ ба кор гузашт. Солҳои 1961–63 дар маҷаллаи «Тоҷикистон» (сардабираш Абдусалом Деҳотӣ) кор кард. Солҳои 1963–64 дар сарредаксияи адабӣ-драмавии радио муҳаррир буд. Аз соли 1964 то 1969 дар идораи «Тоҷикистони Советӣ» (чун мудири шӯъбаи ахбор, илм ва фарҳанг) фаъолият кард. Соли 1964 узви ҳизб ва 1965 узви журналистони Иттифоқ гардид. Очерку ҳикоя, тарҷумаҳои бадеӣ ва мақолаҳои илмиаш чоп мешуданд, ки аз назари устодон А. Деҳотӣ ва Н. Маъсумӣ мегузаронд.

Солҳои 1969–1972 аспиранти Академияи улуми Тоҷикистон буд. Таҳти роҳбарии академик Носирҷон Маъсумӣ оиди «Лирикаи солҳои сиюми тоҷик» рисолаи илмӣ навишт… Соли 1974 ба сафари хориҷӣ (Афғонистон) рафта соли 1977 баргашт. Рӯзҳои аввали Инқтилоби Савр дубора ба Афғонистон фиристода шуд, ки то соли 1981 он ҷо буд. Аз январи соли 1984 ба Тошканд (чун хабарнигори «Овози тоҷик» (дар вилояти Сурхондарё ва Қашқадарё) ба кор гузашт. Аз январи соли 1991 чун сармуҳаррири нахустрӯзномаи тоҷикии «Садои Сурхон» (нашрияи Ҳокимият ва ҳизби демократи вилояти Сурхондарё) фаъолият карда, майи соли 1996 ба нафақа баромад.

И. Қосимзода дар тӯли умри худ ҳамеша бо аҳли адаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамос буда, дар муддати даҳ соли охир бо эҷоди бадеӣ ва тарҷумаи осори бадеию илмӣ машғул буд. Дар ин муддат романҳои машҳури «Рӯзгори мозӣ»-и Абдулло Қодирӣ, «Қиёмат»-и Чингиз Айтматов, «Кимёгар»-и Пауло Коэлоро (якҷоя бо Ҷонибек Акобир) ба тоҷикӣ тарҷума ва баргардон кардааст. Феълан тарҷумаи романҳои «Фиеста»-и Эрнест Хемингуей, «Сурати нотамом»-и Ал. Чаковский, «По-

этика»-и Арастуро ба дасти чоп супоридааст. Тарҷумаи асари Нурсултон Назарбоев «Даҳ соли бӯҳронӣ» (якҷоя бо Ҳ. Ёров), ки бузургдошти онро сафорати Қазоқистон дар шаҳри Душанбе баргузор намуд, қадр карда шуд.

Чанде аз қиссаҳои марғуби нависандагони ӯзбекзабони Тоҷикистон – Ӯлмас Ҷамол, Ҷамолиддин Тошмат, Ҷӯра Аҷибро тарҷума ва таҳрир кардааст, ки аксар ба чоп расидаанд.

И. Қосимзода рӯи асари калонҳаҷми худ «Тиллоҳои амакам» ва «Ялафкан» (аз ҳаёти паҳлавонони тоҷики Бойсун) кор мекунад. Ӯ нақшаҳои эҷодии рангин дорад ва барои амалӣ гардидани онҳо комёбӣ орзумандем.

Инак, маҷмӯаи қиссаҳо, ҳикояҳо ва хотироти ӯ. Худ хонед ва худ қазоват намоед.

*Ато ҲАМДАМ*

# ҚИССАҲО



# ОШИҚ БУДАЕМ РӮЗЕ

*Мардум гӯянд: биҳишт хоҳӣ ё дӯст?*
*Эй бехабарон! Биҳишт бо дӯст накӯст!*

**1**

– **Одамӣ** бо хотираҳои нек устувор аст. Бе он ҷуволи холиро мемонад, Хуррам Носир, – гуфтам ба худ.

Воқеан ҳам хотираи ҳар кас барои худаш эътибору манзалате дорад.

Як нисфирӯзии аввали баҳор автобуси сурхи «Икарус» аз Душанбе сӯи Бойсун ҳаракат кард. Вай дастаи ҳунарии «Баёзи кӯҳистон» (Тоҷикобод)-ро, бо даъвати ЮНЕСКО, ба озмуни байналхалқии «Баҳори Бойсун» мебурд.

Пеш байни ин ду ҷумҳурии дӯсту бародар, Тоҷикистону Ӯзбекистон сарҳад вуҷуд надошт. Раводид (виза) ҷорӣ шуду рафтуо душвор гардида, дам ба дам қатъ мегашт.

Мо бояд аз ду сарҳад мегузаштем. Сарҳади асосӣ аз Чумчуқҷар шурӯъ мешавад ва ба пойтахти тоҷикон чунон наздик аст, ки «Икарус» онро дар ним соат тай кард.

Аз рӯи қоида, мутасаддиёни ҳарду сарҳад моро хуб тафтиш карданд. Барои убури автобус аз сарҳади ҳамсоя маблағи калон пурсиданд. Ин мушкилотро пешвозгиранда – полковники назорати роҳ Нор Ҳайдар бартараф кард ва барои бехатарӣ, роҳи наздикро монда, моро бо роҳи дури Сурхон-Шеробод – Сайроб сӯи Бойсун бурданӣ шуд.

Аз соҳилҳои Тӯпаланг то соҳилҳои Тӯрондарё бо шиддат борон мерехт. Роҳро барқи раъдҳои гулдуросӣ муттасил равшан мекард.

Мо шабошаб бо суруду навои ҳамсафарон, минтақаи боронҳои баҳорӣ, селҳои калон ва ағбаҳоро паси сар карда, вақти хурӯсбонги саҳар ба Бойсун расидем.

Ба Бойсун расидему осуда нафас гирифтем…

...Оҳ чӣ зебост Бойсун дар ин фасл: боғу гулгашт, дашту данаш гӯё саропо ҷомаи сабз дарбар кардааст. Кӯҳи Фарҳод ҳанӯз барфпӯш буд. Вай кадом як хирси хуфтаи алоро мемонд.

Мардум аз чаҳор тараф, ба самти ҷанубу ғарби шаҳр, чун лашкари юнониёни қадим турнақатор мегузашт. Идгоҳ –

варзишгоҳи байни теппаҳои табиӣ ва боғи нави Алпомиш бунёдгардида, торафт аз одам пур мешуд.

Меҳмонон бо даъвати намояндагони ЮНЕСКО ва комиссияи тадорукот қариб аз ҳамаи собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, аз Чину Ҷопону Фаронса ташриф овардаанд. Радиои идгоҳ муттасил хабар медод ва суруду навоҳои гуногунро пахш карда, меҳмононро ба Бойсун – «Дурдонаи Замин» хайра мақдам мегуфт.

– Худоё! Ба зодгоҳи мо чӣ унвоне додаанд: «Дурдонаи Замин-а?!» – мегуфтам ба худ бо ифтихор.

– Оё воқеан ҳам вай ба ин ном сазовор аст? – рӯ овардам ба дӯсти давраи донишҷӯиям Ҳаким Сиддиқ, ки ҳарду ба идгоҳ барвақт омада ҷо гирифта будем.

Вай хандид. Одаташ ин буд, пеш аз он ки гап занад, аввал базавқ ҳарду чашмашро пӯшида расо механдид. Лекин... дар идорааш – додситонӣ ё вақти мурофиаҳои судӣ бисёр ҷиддӣ буд. Ҳамеша дар либоси зебои расмӣ мегашт. Мӯи ғӯлии ҷингилааш акнун кабудча метофт... Дар шаҳру ноҳияҳои воҳаи Сурхон бештар аз чиҳил сол вазифаи додситониро ба ӯҳда дошт. Мардум эҳтиром менамуд.

Ҳаким оғо ба суолам ҷавоб доданӣ шуда, ангуштони сергӯшташро ба шумур омода кард:

– Ба ёд оред, – гуфт ӯ, – косаи сари одами қадимтарин (неандертал) аз мағораҳои ин кӯҳ, – ба «хирси хуфта» ишора кард, – дастраси ҷаҳонён гардид.

Дуввум, – гуфт ӯ, – гандуми серҳосилтарин бо номи «Муслимка» аз Бойсун машҳур шуду солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ногаҳ ғайб зад, ба само рафт ё заминаш фишурд, номаълум бимонд!..

– Ё худ, – гуфт ӯ, – ангиштсангаш!.. дар ҷаҳон аз ҳама бештар ҳарорат дорад. Дар бухорӣ се бор бисӯзад, пас хокистар мешавад.

Ё гирем паҳлавононашро дар тӯли ҳазорсолаҳо достон шуда омадаанд. Ба ёд оред. Достони «Шоҳнома» ва асарҳои Аҳмади Дониш («Наводир-ул-вақоеъ») ва устод Айнӣ – «Ёддоштҳо»-ро. Паҳлавононашро чунон тасвир кардаанд, ки қоил мемонед.

Ва ниҳоят санъаткорони Бойсун, ки ба туфайли онон, пайи ҳам ду – се сол боз фестивали байналхалқӣ дар ин «Дурдонаи Замин» таври тантанавӣ барпо мешавад...

Додситон боз ким-чиҳо гуфтанӣ буд, ки ман гапашро буридам:

– Хуб, ин чизҳо маълум ва беҳисобанд. Лек чӣ сон маҳз Бойсун таҳти назари «ЮНЕСКО» афтодааст? Инаш бароям як муаммо барин.

Ӯ боз хандид.

– Ҳеҷ кас надонад ҳам, шумо бояд бидонед, – гуфт Ҳакими додситон ва шарҳ дод. – То давраи ҷанг Бойсун театри халқӣ дошт, ки инро медонед-а?

– Медонам. Ҳафиз ака, Инот, Акрам ака, Тӯҳфа апа барин овозхонҳои машҳур дошт...

– Боракалло... Онҳо баъд аз ҷанг боз ба фаъолият шурӯъ карданд... Баъдтар ҳайати ҷавони он театр номбардор шуд. Онро дӯсти давраи мактабхонии шумо Шоҳимардон Қодир то Маскав бурд, ... чанд бор дар хориҷа соҳиби ҷоизаҳо шуда баргашт.

– Воқеан, хизмати дӯсти ман Шоҳимардон бузург аст ин ҷо, – гуфтам хандида. – Вай пас аз хатми Дорулфунуни Осиёи Миёна мудири шӯъбаи фарҳанги ин ноҳия буд...

Ман он вақт дар хориҷа будам... Овозаи шӯҳраташро шунида хурсанд мешудам... Як писари дӯстам ва чанд ҷиянаш ҳам санъаткоранд-а?

– Бале, – гуфт Ҳакими додситон ба ман бодиққат нигоҳ карда. – Мо ҳама Дорулфунунро хатм карда Бойсун омадем. Шумо ранҷише доштед магар, ки мусофириро афзал донистед...

– Э, не! Ин кас аз мо ранҷида Бойсунро тарк карданд! – баногоҳ аз қатори ақиб шунида шуд овози форам ва шиноси хонуме.

Ҳарду беихтиёр баргашта нигоҳ кардем.

– Худоё! Киро мебинам?.. Э, салом! «Дух-та-ри ра-ис?» – ба ҳаяҷон омадам.

– Ас-са-лом, акаи Хуррам, – ба худ печиду таъзим ба ҷо овард он санам.

– Ҳоло ҳам маро «духтари раис» меномед? – табассумаш тӯлонӣ гардид.

– Падаратон раиси номбардор буданд!.. Шумо духтари ҳамон раис-дия, – хандидам.

– Ташаккур, – гуфта вай ҳам гарму нарм пурсупос кард, – фарзандонатон сиҳатанд?

– Шукри Худо! – гуфта дар навбати худ аз таҳти дил ҳолпурсӣ кардам.

Рӯи ҳамин гап писари дӯстам Даврони артист бо шитоб аз куҷое пайдо шуд. Падарвор ба оғӯш гирифтам ва аввал суханам «саломатии падараш – Шоҳимардон Қодир» буд!

– Падар? – гуфт ӯ чашмонаш ҳалқаи об гирифта, – ҳоло нағз, амакҷон. Ҷарроҳии сахтро аз сар гузаронданд. Дирӯз хонаашон бурдем...

– Чаро ба ман як даҳан хабар накардӣ?

– Телефонатон нагирифт... «Бевиза» аз сарҳад гузаштан амри муҳол... Ҷон амакҷон, шуморо дида хурсанд шудам. Имшаб хонаи ман меравед. Аз он ҷо ба ҷӯретон (ба Тирмиз» телефон мекунем... Ҳоло ба иҷозати шумо, равам. Мо баромад дорем!..

– Хуб, саломат бош! – гуфтам.

Даврон сӯи хиргоҳи қадимии тухми мурғ барин сафед давида рафт. Аз ҳамон ҷо дастаи онҳо ҳамин ҳоло ба саҳна бояд мебаромад.

– Дӯстат касал бошад, ҷарроҳӣ шаваду хабар гирифта натавонӣ, – гуфтам ба худ аз вазъи солу замона ба андеша рафта.

– Хавотир нашавед, – «духтари раис» вазъи парешони маро ҳис кард, – ҷарроҳӣ бахайр гузашт...

Маълум, ки ӯ аз ҳоли дӯсти ман хабар дорад ва инро махсус гӯшрас карда илова намуд, – Ба шумо ҷӯраҳо қоил! То охир ба ҳам содиқ мондетон...

– Ташаккур Ҷавоҳир! – Дилам об хӯрд аз ин гапаш, «Духтари раис» гуфтанамро ба дил сахт нагиред, – гӯён бо ин баҳона боз ба чеҳраи моҳи тобонаш нигаристам.

– Баръакс, хурсандам, ки фаромӯш накардаед...

Овозаш дар гӯшам мусиқӣ барин форам расид. Ҳусни худододаш ҳанӯз ҳам беолоиш буд, заррае накостааст. Баръакс, даҳчанд афзудааст. Пероҳани атласи фарғонӣ дар танаш, мӯй ҳамоно дарозу тиллогун. Бари рӯ-анор, ғаб-ғаб шафтолуи рӯғанак барин. Лабони бе лолобаш сурх – ҳамон Лаъли Бадахшон. Чашм – чашми оҳуи кӯҳӣ, баргашта нигоҳ карданҳояш ғизоли раманда барин! Мижгонаш як теғи бало, абрӯвони борик – чун ду моҳи ҳилол дар осмони мусаффои пешонӣ!..

Танҳо нати биняш, ки рӯзгоре бо доначаҳои марворид бинандаро мекушт, ҳоло набуд...

Оҳ, чӣ маҳшар барпо карда буд он ду соли охирини таҳсил дар мактаби деҳаи мо ин нозанин!..

## 2

**Наврас** будем он вақт.

Солҳои пас аз ҷанг. Ҳанӯз ҳам оқибати ҷанг – гуруснагӣ, ҷандапӯшӣ, мӯҳтоҷӣ эҳсос мегардид...

Боғбон – падарам аз Россия, аз баталиёни коргарӣ баргашту раиси хоҷагӣ – падари Ҷавоҳир ӯро барои боғу роғ карда додан ба Гулистон ном мавзеи Танги Ҳарам фиристод. Дар он ҷо ду сол истода, боғу навток барпо карда, ба Пасурхии худ омадем.

Як пагоҳӣ, ду даст дар кисаи камзӯл, таги дарвоза баромадам. Яке аз хешовандони ҳамсолам, ки Ҷӯрахӯҷа ном дошт, – наздам омада гуфт:

– Ҳа Хуррам, ту мактаб намеравӣ?

– Мактаб? Кадом мактаб?

– Гард, ба мактаби мо.

– Дафтару қалам надорам-ку? – гуфта музтар мондам.

– Э-ҳа, мана дафтару қалам! – аз ҷилди латтагинаш як дафтару қалами хурдакаки нӯгтез бароварда дод. – Дафтар – финландӣ... Ман сардори синф, – илова кард вай.

– Хуб, – гуфта бо ӯ рафтам.

Вай маро рост пеши муаллими шинелпӯш, ки аз ҷанг маҷрӯҳ шуда баргашта будаст, бибурд.

Муаллим лангида қадам мемонд, асобағал дошт. Пойи чӯбинаш вақти гаштан ғаж-ғуж садо медод. Лекин бисёр хушсурат, хушгап буд. Номи маро пурсида, дар дафтари синф навишт. Носириддини Бадриддин мегуфтаанд, ки нахустмуаллими ман буд.

Он синф синфи саввум будаст... Як сол хонда қусури ду сол аз таҳсил ақиб монданамро баровардам, ба ҳамсолон расида гирифтам.

Аз Ҷӯрахӯҷа хушнуд будам, ки маро бо худ мактаб бурд.

Соли дигараш синфи чорумро дар масҷиди амакам Қурбонбой мехондем. Сутунҳои баланду чортарош ва кандакоришуда дошт. Дарунаш салқину барҳаво буд. Хаёлам, ки ин мактаб олами дигар аст. Дар синф писарон кам. Баъзе духтарон аз мо калон. Лекин ҳама парӣ барин... Фақат хондани баъзеҳошон чандон хуб набуд...

Муаллими хурдакаку харобу лоғари мо Нор Умрон ном дошт. Маро махсус паҳлӯи духтари раис – ана ҳамин Ҷавоҳир бурда нишонд, то ҳусни хаташро омӯзам...

Ҳусни хаташ як тараф, лекин худаш як дона тилло, гавҳар, лаъл барин метофт ба чашми ҳар бинанда.

Тахмин ду моҳ якҷоя нишастем. Муаллими нимҷони касалнамои сиёҳчурдаамон як саҳар гуфт:

– Бачаҳо! Аз мактаби тӯм (калон) директор меоянд... Тартиб риоя шавад!..

Директор Ато Бӯрӣ омад.

– Салом! – гуфта аз ҷо хестем.

– Шинед, – синфро аз назар гузаронд ӯ, – бачаҳои аълохон доред? – пурсид аз муаллим ва худ ба дафтари синф зеҳн монд.

– Дорем, – гуфта сӯи ман ишора кард, то ба тахтаи синф бароям. Директор китобчаашро аз киса ба даст гирифта гуфт:

– Навис: «**Ман дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд хондаам. Шарикдарсам шоир Мирзо Турсунзода буданд**!»

Навиштам.

Дар китоби хониши мо ин хел гапҳо набуд. Аз худаш баровwarда буд, устод.

Вай ба синф муроҷиат намуд:

– Канӣ, чӣ хато дорад?

Ҳама ҷим. Ниҳоят, муаллим Нор Умрон гуфт:

– Бехато навишт!..

– Дуруст, бехато, офарин! – таъриф намуд директор. – Чорамалро медонӣ?

– Медонам, – тарафи Ҷавоҳир нигоҳ кардам. Вай сар ҷунбонд.

Аз ҷамъу тарҳ, зарбу тақсим мисолҳо нависонданд. Ҳал кардам зуд-зуд...

– Ма-ла-дес! Бишин! – гуфт директор ва ба муаллим фармуд, ки маро пагоҳ ба мактаби тӯм, синфи панҷум, бубарад...

– Ман як худам намеравам! – гуфтам ба чӣ фикре рафта.

– Чаро? – ҳайрон шуд директор.

– Аз ман нағзтар мехондагиҳо ҳастанд, – гуфтам.

– Кӣ? – ба Нор Умрон рӯ овард ӯ.

– Ҷавоҳир, – тарафаш ишора кардам.

– Ҳа, духтари раис! Табарова, баро назди тахта. – гуфт директор.

Ҳамаи синф ҳайрон...

Ба вай ҳам суол доданд. Ҷавоб гардонид. Мисол ҳал кард.

Хулоса:

– Ҳардуяшро баред! – гуфту бирафт устод.

## 3

**Оҳо-о!..**

Пагоҳаш Нор Умрон моро бурд. Худи аз осмон афтодагӣ барин шудем, аввал...

Роҳбари синф Рашид Бадал моро ба синф муаррифӣ кард:

– Ҳардуи инҳоро барои нағз хонданашон якбора аз чорум ин ҷо оварданд. – Наранҷонед, нағз бинед! – гуфт ҳарбиён барин, ки худаш ҳам аз ҷанг баргашта буд.

Сардори синф Шоҳимардони Қодир тарафи мо ҷиддӣ нигоҳе кард. Маро ба паҳлӯи ӯ нишонданд. Бо ҳавас ба дафтарҳояш нигаристам: ҳусни хат, арифметикааш хушрӯ, беғалат, топ-тоза...

Мо ҳам батадриҷ одат кардем. Соли хониш чи хел гузашт, нафаҳмида мондем. Ҷавоҳиру ман худи дугоникҳо барин будем.

Баъдҳо муаллимон, берун аз дарс, вақти таътил моро ба боғҳои хоҷагӣ, ки хӯҷаинаш падари ман буд, барои олу, зардолу, себ, алмуруд ва ангурчинӣ мебурданд. Ҷавоҳир ҳам бо духтарҳо меомаду аксар пас-паси ман мегашт. Аз шохҳои баланд беҳтарин зардолу, себ ё алмурудро гирифта ба вай медодам.

Аз токҳо ангури пешпазак-чилагии сафеду сиёҳ, кишмиши сиёҳу зард, ҳусайнӣ ва соҳибии чун ақиқ сурхро канда, беҳтаринашро ба сатиле андохта, то хонаашон бурда медодам. Баъзе ҳамсинфҳо бо табассум, баъзе бо қошу қавоқ ба мо менигаристанд.

Аз худаш дида ба падари Ҷавоҳир зиёд эҳтиром доштам: ҳанӯз бо ӯ шинос набудам, ки ба гурӯҳи боғдорони падарам ду халта орди сафед, як халта шакари зард фиристода буд. Зери зардолуи нимдунбул онро боғбонҳо тақсим карданд.

Пас аз солҳои ҷанг вай аввалин шакар буд, ки ман ҳам чашидам... Ҳамчунон гуворо буд, ки хаёле ҳанӯз ҳам лаззаташ аз комам намеравад...

Мисли ҳамон шакар чеҳраи гарму ширини духтараки парипайкараш ҳам дар чашмам гарм метофт ва чун фарзанди одами шарофатманд, чун инсон ба инсон меҳре пайдо мекардам...

## 4

**Соле** ки ҳаштум шудем, ба синфи мо писару духтараконро аз деҳоти Авлоду Сариосиё низ оварданд. Номҳои аҷиб доштанд онҳо: Эрон, Бағдод, Балхия, Рӯзимоҳ, Салмо... Ҳама аълохон, ҳушёр, чаққон. Муаллимҳояшон Умар Соҳибу Шамсӣ Саид гӯё гулҳои сари сабадро сара карда оварда буданд...

Лекин байни мо ҳеҷ кадоме мисли сардори синф Шоҳимардону Ҷавоҳир назаррабо набуданд.

Шоҳимардон сиёҳчурда, қадбаланд, чашмаш сурма кашидагӣ барин табиӣ сиёҳ, нигоҳаш мардона, пурмаъно... Донишаш аз

баъзе муаллимҳо баландтар... Аксар хомӯш, дамдузд, фаҳмидаанаш душвор!..

Ману ӯ хеле ба ҳам унс гирифта будем. Хонаҳои якдигар мерафтем. Боре вай маро ба фабрикаи шоҳибофӣ бибурд, ки се бародари калонаш, амакҳо ва почояш шоҳию атлас мебофтанд. Худаш ҳам паси дӯкони қадимӣ нишаста шиқир-шиқир шоҳӣ мебофт. Рангубор, гулпартоӣ, оҳардиҳӣ ва танидани шоҳӣ, атлас, алоча, суф ва карбосро медонистааст...

Муҳимаш, Шоҳимардон аз мо дида забони русиро низ беҳтар медонист. (Деҳаи Лофгаҳи онҳо ба маркази ноҳия наздик буд. Бо русҳо бештар гуфтугӯ доштанд). Ҳатто «поршивий», «курва» гуфтанӣ дашномҳоро бори аввал аз ӯ шунида будам, ки маънояшро намедонистам. Ҳатто аз луғат пайдо намешуд...

Ҳар қадар, ки калонтар мешудем, ҳамон қадар одати нав пайдо мекардем. Вақти синфи нӯҳум хонданамон яке гӯшам гирифт, ки Шоҳимардон ба Салмо ном духтари нозанини Авлодӣ бо шеър нома навиштаст. «Одам дорам!» – гуфтааст ӯ дар ҷавоб.

Салмо пас аз Ҷавоҳир дуюмин парӣ буд... Рӯзимоҳ калонсолтар, қаду қоматаш расо, батамкин ва гуфтору рафтораш тамом ашрофона, пурмаъно, пурасрор буд.
– Аҷиб, бисёр аҷиб, – мегуфтам ин гуна муносибатҳоро дидаю шунида ба худ. Вале ба касе гап намезадам. «Сирри дӯстон пӯшида беҳ»... Хаёлам, ки «ишқ» ҳам мисли як булбул асту хӯс хӯрда парида рафтанаш мумкин!.. Пас, аз куҷо меёбӣ онро?

Ҳамин гуна як орзую ҳаваси дӯстдорӣ нисбат ба Ҷавоҳир дар дили ман ҳам буд. Лекин ақлам мегирифт, ки ман – фарзанди боғбони камбағал куҷою ишқи духтари раис куҷо?! Одам ба кӯрпааш нигоҳ карда, пой дароз мекунад... Роҳбари синф Рашид Бадал бо раис – ошно! Аҷаб не, маро таъқиб намояд, – метарсидам аз ӯ.

Боз ҳам рафтори беҷо, ки надоштам, парво намекардам. Лекин аз чӣ буд, ки ҳамон сол тағои худам Носир Нӯъмонӣ шеъри ҳаҷвие навишта маро дар рӯзномаи деворӣи мактаб танқид кард:

«Мегӯянд, ки аълочӣ. Вале хулқаш баднамо!»...

Ҷавоҳир ҳам онро хонда, бо як табассум зиқии маро рафъ карда буд... Оҳ, он лаҳзаҳо! Лаҳзаҳои нотакрори умр!...

Ҳамон тобистон моро боз ба ҷавдарав, гандумдарав, зардолуафшонӣ бурданд. Рӯйхати кӣ омад кӣ неро ман ё Шоҳимардон навишта медодем.

Аксари хонандаҳо меомаданд. Танҳо Ҷавоҳир – духтари раис

гоҳе намеомад... Сабаб?.. Гап ҷои дигар будаст.

Одатан Бойсун манзилу маъвои тақводорон буду ҳаст.

Худо накарда ҷавонеро бинанд, ки бо духтаре гуфтугӯ кард, тамом!.. Аллакай гапу калоча, занозанӣ, муштбардорӣ...

Аммо дӯстдорӣ, ишқварзӣ, тӯҳфадиҳӣ, аҳду паймон баҳри вафодорӣ – то охири умр ба савияи инсонӣ, авлод ба авлод давом карда, қадру манзалати ишқу одамгарӣ сахт риоя мешуд... Ба ваҳшоният роҳ намедоданд, фиребу найрангро маҳкум мекарданд.

Фарзандонро аз хурдӣ эҳтиёт мекарданд... Аз афташ Ҷавоҳирро ҳам «эҳтиёт» карданӣ шудаанд.

– Ҳа, Ҷавоҳир, чӣ гап? – пурсидам боре.

– Нотоб шудам, – табассум кард, – мазаам нашуд...

– Э, ин тавр нагӯед: «бемаза» нагӯянд боз? Дурӯғчӣ! – шӯхӣ кардам оҳиста.

Ӯ маро аз пушт пучида монд.

Инро Шоҳимардон пайхас кардааст. Ба ман луқма партофт.

– Шӯхӣ мекунад, – гуфтам ман дар ҷавоб.

– Чаро бо дигарон шӯхӣ намекунад? – хашм овард ӯ.

– Вай ҳам мисли Салмо «одам» надошта бошад боз? – киноя кардам рост ба чашмонаш нигоҳ карда.

Ҷӯраам сурх шуд. Ман ҳам пай мебурдам, ки пас аз «одам дорам!» гуфтани Салмо аз нав Шоҳимардон тарафи Ҷавоҳир майл пайдо карда буд. Ин корашро як навъ «беақлӣ» мепиндоштам. Лек боз андеша мекардам, ки:

*«Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,*
*Кин аз пайи кин асту меҳр аз пайи меҳр!»*

– Аҷаб не, бо ҳам унс гиранд, хушбахт шаванд... Бародарону амакҳои бадавлат дорад, Шоҳимардон… Ҳама ҳунарманд, доро!.. Синну солаш ҳам мувофиқ...

Вай аз мо ду-се сол калонтар буд...

Аммо Ҷавоҳир ба вай чӣ муносибате дошт, ман намедонистам. Гӯё вай тавассути Маҳрӯи ҳамсояашон, ки доим якҷоя мегаштанд, гап дода гап мегирифтааст. Ин ҳам аниқ набуд. Охир, гумон касро аз имон ҷудо месозад! Ғофил набояд шуд! – мегуфтам ҷигарам об шуда.

## 5

**Солҳои** нав муждаҳои нав меоварданд. Нону шакару қанд фаровонтар мешуд. Раис ба гурӯҳи боғпарварони падарам собун, чит, сатин ҳам медод. Модари муштипарам аз орди додаашон барои аъзои бригада нонҳои сап-сафед мепухт, ки ранги рухсораҳои Ҷавоҳир ҳиммас мезад.

Дар мактаб ҳам, берун аз он ҳам муносибати ҳеҷ кас мисли ману Ҷавоҳир гарму самимӣ набуд.

Одатан китобҳои ӯро падараш одам фиристода, аз Сталинобод меоваронд. Ба ман китоб лозим бошад, китоб медод. Гоҳ-гоҳ конфете оварда даруни партаам мегузошт.

Он солҳо аз ҷавонҳои калонсолтари синфамон Хурсанд Саъдулло аз ким-куҷо қанди коғазпеч оварда ба мактабиён мефурӯхт. Бо пул бозӣ мекард.

Боре ҳодисаи аҷоибе дар синфи мо рух дод: Хурсанд пул доштанашро ба атрофиён намоиш доданӣ шуда, бо Салими ҷӯрааш, ки дар як парта менишастанд, шарт бастааст.

Он солҳо синфро печ гарм мекард. Барои он ки дуди ангиштсанг набарояд, фаррошҳо даҳони печро лой мемолиданд. Лой хушк шуда торс-торс мекафид, кулӯх мешуд.

Як лӯнда аз ҳамон кулӯхи тафсонро Хурсанд ба тахтапушти Салим меандозад ва панҷ сӯм медиҳад. Ҳамин гуна шарт кардаанд.

Салим розӣ шудааст.

Дар танаффуси калон Хурсанд панҷ сӯму панҷ дона қанди коғазпеч дода, бадбахт, кулӯхро аз гиребони ҷомааш (паси каллааш) дарун андохта бо як даст пахш кардаст.

Ин дам Салим дод гӯён, дашномро арзонӣ дошта, худ мисли барраҳои ширмаст боло-боло ҷаҳида берун давид.

То кулӯхро аз зери ҷомааш гирифтем, ки баданаш ҳар ҷо – ҳар ҷо сӯхта, суп-сурх гӯшт шуда буд.

– Ҳеъ пулат сарата хӯрад! – – раҳбари синф Рашид Бадал сари Хурсанд Саъдулло дӯғ зад.

Ба болои ин Раиса Шукуроваи бошқирд-муаллимаи забони русӣ – «За всё отвечает Бадалов!»[1]-гуфт!

Ана бинед хандаро!

Муаллим аз ин гап қимоб (дилгазон) шуда буд.

Сари ҳар гап мечаспид ин сухани болу пардор ва шӯхиомез.

1 Ба ҳамааш Бадалов ҷавобгар!

Ҳамон рӯз дар мактаб дарс қатъ гардид. Салими сӯхтаро харсавор ба духтур бурданд... Муаллими ҷуғрофияамон Нисон Файзиеви каҷалапо, ки ҳамон сол аз Бухоро омада буд, ба ҳоли ӯ афсӯс хӯрда худаш ба назди духтури калон-Довуд ҳамроҳ бибурд. Аз набуданаш истифода карда, дар синфи «гунаҳкор»-и мо ҳама механдид. Тамоми мактаб механдид, деҳа механдид. (То ҳол ҳар кас, ки ёдовар шавад, механдад).

Танҳо сардори синфамон Шоҳимардон бисёр ҷиддӣ буд. Сабабашро касе намефаҳмид. Аҷаб не, ӯро мудир Саид Асомидин ба идорааш ҷеғ зада, танбеҳ дода буд.

Он рӯзҳо мо чанд тан ба калонсолон баҳс карда, гаштак (маҳфил) ороста будем. Ҳафтае як бор барра ё бузғолае харида, дар хонаи яке аз дӯстон нишаст барпо мекардем. Акаи Саломи шӯхи атласбоф суруди худро месуруд:

*Занбӯракам, заринакам!*<br>
*Мӯрчамиён ҳалимакам.*<br>
*Мо туро хаста кардем,*<br>
*Ту моро хаста накун!*

Ин байтҳо аз суруди занбӯри асалпарварон буда, оҳангаш ҳам мисли овои занбӯрони қуттиҳои занбӯрхуш садо медод.

Бӯрони як чашмаш парда гирифтаи ғӯладинг (лақабаш Кутузов овозашро гӯё аз даруни кӯза мебароварда бошад, гӯяндагӣ, балки як навъ овозхонӣ карда ҳамаро механдонид. Аз Пасурхӣ Ато Самад ба рақс даромада, ба оҳанги «Судхӯр акем ҷон медиҳад, бубин чӣ сон ҷон медиҳад» ва гоҳе рақси «Пуштсӯзӣ»-и Салими сӯхтаро иҷро мекард, ки бинанда бо кафкӯбии бардавом аз ханда рӯдакан мегардид. Ин ҷо ҳам танҳо сардори синф Шоҳимардон намехандид.

Дертар ба ман аён гашт, ки вай ба Ҷавоҳир сахт дил бастааст. Аз ҳама рашк мебурдааст. Ҳатто муносибати самимонаи байни ману Ҷавоҳир ба вай маъқул набудааст. Аз ин рӯ «сӯхта дуд» мекардааст.

Инро вақте фаҳмидам, ки синфи моро аз бисёрии хонандааш ба ду тақсим карданд. Ман дар партаи назди мизи муаллим мондам. Ҷавоҳиру Маҳрӯ аз партаи ақиб ҷой гирифтанд. Шоҳимардон хесту ба партаи охирини кунҷи синф рафта нишаст.

Маҳрӯю Ҷавоҳир зуд пай бурда, тарафи ман чашмакӣ заданд. Аммо ман аҳамият намедодам; хуб, ҳар кас ҳам як ҳисси

худхоҳӣ дорад. Бовар доштам, ки Шоҳимардон як рӯз не як рӯз аз чунин рафтораш пушаймон мешавад...

Лек он рӯз ба дарозо кашид, ки ман ҳақиқати ҳолро ба ӯ ҳеҷ фаҳмонда натавонистам...

Ба болои ин ҳамон сол писараммаам Самар Ҳамза бо маълумоти олии физикаю математика аз Бухоро баргашт, дар мактаби мо муаллим шуд...

## 6

**Чунонки** мегуфтанд, модараш Бибиқанди чевар-аммаи ман Самарро бо нӯги сӯзанаш хононд: вай сӯзаниҳои зебо медӯхт. То ҳаштодсолагӣ, то аз чашм монданаш сӯзанӣ медӯхт...

Солҳои хондани Самар падарам аз ҳосили боғамон кам-кам ёрӣ медод. Аз байни ҷиянҳои ноӯҳдабарояш ҳамин Самар ба хондан зеҳн монда, пас аз тамом кардани мактаб Бухоро рафта, дохил шуда буд… Дар тумани Бойсун каси сеюми маълумоти олидор ҳисоб мегардид он сол Самар Ҳамза.

Канӣ, акнун падари устокораш Ҳамзахон бошад, ки ӯро дида сараш ба осмон расад, ифтихор намояд. Сад афсӯс, ки охири солҳои сиюм «каси доро, тиллодор, ҷувозрон» гуфта ба кимкуҷои Сибир бадарға кардаанд. Доно, чаққон ва ғаюр будааст. Солҳои ҷанг овозае шудааст, ки ӯро аз ҳабсхона ба ҷанги Холхин Кӯл фиристодаанд. Бо ҳамин бeному нишон рафтааст.

Аммаам Бибиқанд аз падарам се сол калон буд. Баъди ба шавҳар баровардани ягона духтараш – Нарзимоҳи дар ҳусн якто тамоми меҳрашро ба Самар равона карда буд.

Самар аз ман панҷ – шаш сол калон буд. Мисли дигар ҷавонон беҷогардӣ, тӯйравӣ, орзую ҳавасҳои беҳуда надошт. Доим дар дасташ китоб, бештар масъалаю мисол ҳал мекард. Хаста шавад, танбури аз падараш меросмондаро тинг-тинг менавохт, бо овози маҳину ҳазин суруд ҳам мехонд. Ин одаташро вақти ба таътил омадан ва баъд аз муаллим таъин шуданаш ҳам напартофт.

Ман ба ҳар рафтору гуфтору кирдораш тақлид мекардам. Ҳатто бо собуни ироқӣ (хушбӯй) шустушӯ кардан, ҳар субҳ бо хамираи дандон шустани даҳону ворааш зеҳн мемондам.

Ҳар сол то вақти Бухороравиаш аз зардолу аштак-паштак, аз донак ҳамел месохтам. Бодому чормағз ҷамъ оварда, тирамоҳ ба қуттӣ андохта, бо ягон шинос дода мефиристодам.

## 7

**Имсол** омад-омадаш аз Бухоро дар Бойсун овоза шуду ман хуб омодагӣ дидам: чӣ дар боғи худамон ва чӣ дар боғоти хоҷагии ба номи Сталин, ки таҳти назорати падар қарор дошт, ҳар куҷо токи ангурҳои пешпазак бошад, таги чашм карда, рӯяшонро бо хору хас мепӯшондам, то чашми саг ё нохалафе наафтад. Даҳҳо хел ангур буд дар боғи худамон: чилагии сафеду сиёҳ, кишмиши сиёҳу зард, соҳибӣ, ҳусайнӣ, ҳақдодӣ, уштурдандон, песабанд, тойфӣ, ҷавз, дороӣ...

То тойфӣ мепухт, ки навъҳои пешпазак ба қиём расида, шакарак мебастанд...

Ҳамин ки Самар меомад, сатил-сатил канда, барои меҳмононаш мебурдам, ба қавле тӯҳфа мекардам.

Аммо имсол Самар дертар омад. Барои гирифтани диплом ва хайрухуш бо устодонашон дер мондаанд...

Чанд рӯз пеш аз омаданаш муовини раис ба боғ даромада, токҳои хору хаспӯш кардаи маро пайдо карда, аз падар хеле хурсанд шудааст: ду сабад ангури ба қиём расидаи пешпазакро ба хонаҳои котиби ҳизбӣ ва раиси иҷроқум фиристодааст.

Инро фаҳмида зиқ шудам ва «сад хушомад кунад ҳам, ҳоло ҷои акаи Рамазони Табар – падари Ҷавоҳирро гирифта наметавонад» – гуфтам.

Падарам хандид. Вай дегҳои калон барои мавизхобонӣ, оҳаку ишқор оварда, майдонро бо каҳгил андова мекунонд.

Мардуми деҳа, ҳатто худи раис – Рамазони Табар ба падарам қоил буд.

Вай ҳар сол, ғайр аз боғбонҳои тобеи гурӯҳи худаш як даста нимчамуллоҳои гузарҳоро ба ҷамъоварии ҳосил ҷалб мекард. Онҳо ҳам, қатори дигарон, дар чида ғӯлунг кардани зардолуҳои балхӣ, қандаку рӯғанак, қоқ кардани себу алмуруд, ҷамъ карданӣ ҷувол – ҷувол санҷиду чормағзи хоҷагӣ ёрӣ медоданд. Намозро даруни боғу токзорон мехонданд. Саҳархӯриро ҳам вақти рӯзагирӣ бо нони пӯлка (бӯлка) дар Теппаи Ӯлуғбой мекарданд.

Аксари он нимчамуллоҳо (дар Бухоро таҳсил накардаро ин тавр ном мегирифтанд) аз панҷоҳ болотар умр доштанд. Лекин бо ришу фаш, босаводу боинсоф маҳсуб мешуданд.

Калонсолтарашон ҷияншавандаи падарам – мулло Раҳмон буд, ки «тағоҷон» гуфта ҳамеша ба хидмат омода меистод. Дигар бобои мулло Қурбон буда, байни мардум бо лақаби Ачина машҳур. Ин одам он лақабро беҳуда нагирифта: аз хурдӣ

қоқина, қадпаст, хиррӣ, лек мисли рӯбоҳи кабудчатоби зери кӯҳҳои Фарҳод чаққон, маккор, даванд буда, дарахтбурою обвоз, далеру нотарс буд. Риши дарозаш ба шакли турб то миёнаш мерасид. Буруташ ҳам дароз шуда ба ӯ намуди афсонавие эҳдо мекард. Дар қироати сураҳои Қуръон ҳам, агар хирригии овозашро ба ҳисоб нагиранд, аз дигар нимчамуллоҳо монданӣ надоштааст. Аз чор як қисми самти шарқии боғистони «қаламрав»-и падарам дар тасаррӯфи ӯ буд.

Аз мулло Қурбон касе озор намеёфт. Лекин зоту зурриёти оилаи кӯри Ҳаким ном инсони шӯху дилорою бениҳоят камбағалу бебизоатро бад медид. Намегузошт, ки ақаллан аз ягон боғ буттае алаф бигиранд.

Саидназар ном писари масхарабози ӯ муллоро қимоб мегардонд: саҳарии барвақт, ҳангоми азон гуфтани мулло, шарт ба зардолуе баромада, миёнашро бо ресмоне баста, даруни куртаашро пур карда зардолу мечинд.

Вай зардолуҳои пешпазаки он боғро медонист.

Як саҳар мулло азонро хонду шамол барин худро таги зардолуи рӯғанаки боғи Малахи Мода расонд.

Вай фуромада гурехтанӣ шуд, ки нӯги ресмони ба миён бастааш дар шохи шикастае дармонд. Зардолуяш рехт.

– Фуро, бачча! – гуфт мулло.

– Неъ, – масхарабозӣ карда, дар шохи дарахт ба рақс даромад ӯ. – Мезанед-дия!

– Намезанам, фуро!

– Қасам хӯред!

– Ҳе-е муттаҳам! Ин дуздӣ мекардасту ман «қасам» мехӯрдаам! – мулло чаққон ба танаи зардолу часпид ва боло баромад.

Саидназар аз тарс ба танаи ғафси як шохи зардолу, бо ду даст маҳкам часпид, то мулло зада нағалтонад.

Зардолу баланд. Кас афтад, маибу мубтало нашуда намемонад.

Мулло нӯги дарозшудаи ресмонашро қапида дар хамон шохи дарахт печонд.

– Қасам хӯрама-а?

– Тавба кардам, мулло амакҷон!.. – ба зорӣ даромад вай…

Ёд дорам, ки боре мисли ҳамин, мулло ин масхарабозро дар санаи калони ангури кишмиши зард, як рӯзи дароз, баста монда буд. Падараш омада, бадаста аз таги ток ӯро кушода, зада-зада хонааш бурда буд.

Ҳамин гуна одами аҷибу наҷиб буд мулло Қурбон. Мулки давлатро эҳтиёт мекард. Дузду дурӯғгӯйро бад медид.

Байни муллоҳо, Рӯҳиддинхоҷаву Мулло Саид сӯҳбаторою доно буданд. Инҳо медонистанд, ки ин боғҳо муддати ҳазор сол аз дасти кӣ ба кӣ гузаштааст, қаламчаи токҳо, ниҳоли себу зардолу, алмуруду нок, бодому чормағз, шафтолую анор, анҷиру шаҳтут аз – Балху Самарқанду Шаҳрисабзу Бухоро оварда шудаанд…

Дар ин бора муллоҳои калони деҳа , таҳсилдидаи Бухоро – мулло Бадал ва мулло Умар охун, бародарон мулло Абӯносир ва мулло Маҷид қисса мекардаанд. Ин муллоҳо «зиёфатхӯрӣ» ҳам сари хирманҳо намеомаданд. Дарвоқеъ боэҳтирому соҳибманзалат буданд.

### 8

**Ҳар сол** раис, пеш аз мавизхобонӣ, як гӯсфанд ё як серкаи калони фарбеҳ, ба падарам мефиристод, то сари хирман хун баroварда, дуо гирад.

Дуоро худи ҳамин нимчамуллоҳо медоданд. Муллоҳои калон онҳоро муваззаф гардонда буданд. Ба якдигар сахт эҳтиром доштанд.

### 9

**Ҳамин** ки ангури боғҳои хочагӣ чашмак мезад, мулло Ҳамро бурҷи ҷанубии боғҳои «қаламрав»-и гурӯҳро посбонӣ мекард. Ҷойхоби худро бардошта меомад. Таги ду дарахти алмуруди чинор барин баланду сершоху серҳосили боғи Бадалхоҷа чайла мезад… Ҳамроҳи худ, албатта, як ҷувона ё буқачаи шуданиро нӯхта баста меовард. Дуртар аз ҷои хобаш баста, бо «доси ҷавҳардор»-аш аз ҷӯяки боғҳо алаф даравида наздаш мепартофт. Себу алмуруди шамол резондаро, пӯчоқи харбузаю тарбузро шуста тоза карда медод ва то охири тирамоҳ фарбеҳ карда бармегашт. Аз боғе ба боғе гузаштанӣ шавад, ресмони гӯсолаю ҳамон досаш дар даст рафтуо мекард.

Ин мулло ҳам аз писаракони баду балои Ҳакимхоҷа метарсид. Боре қариб буд, ки гӯсолаашро сар дода, саргардонаш созанд.

Қисса мекарданд, ки дар ҷавонӣ мулло Ҳамро як вақт Бухоро, барои таҳсил рафтааст. Азбаски лақаби «гӯсолабоз» доштааст, ӯро муллобачаҳои мадрасаҳо «ӯсал» (масхара) кардаанд. «Ҳамин қадараш бас!» – гуфта таҳсилро партофта меояд.

Инсони аҷиб буд ӯ: қадбаланд, каландриш. Овози расою қироати зебо дошт, «бод» мехонд беморони муроҷиаткардаро «афсун» мекард. Ҳар сол аз садҳо дарахт зардолую алмуруду санҷиду чормағз ҳосил медод. Себу алмурудро бо ҳамон доси «ҷавҳардор»-аш пора карда, мехушконид ва ҷувол – ҷувол бурда ба анбори хоҷагӣ супурда, ба ивазаш «меҳнат» мегирифт, мувофиқи он, дар охири сол, ҳақ медоданд.

Ин бобои мо китобҳои шеъру ғазал нахонад ҳам, афсона бисёр медонист. Аз худаш бароварда баъзан чунон бавоҳима гап мезад, ки мо наврасакон ҳайрон мемондем ва аз ӯ ду суолро дам ба дам мепурсидем:

– Бобо, чаро ба гӯсолаи худ алафи юнучқа даравида намедиҳед?

– Э – э, боз шумоён шӯхӣ накунед, – пешгирӣ мекард мулло бобо. – Юнучқа гӯсоларо торс мекафонад!..

– Не, бобо! Мо ин хел не. Лекин доси шумо чӣ хел «ҷавҳар» дорад, бобо? – боз мепурсидем.

– Ин хел доси «ҷавҳардор» дар мулки Бойсун нест! – ҷавоб медод ӯ, лек намегуфт, ки «ҷавҳараш» чист.

– Пас, шумо онро аз куҷо пайдо кардед? – ба шавқ меомадем мо. – Канӣ, ҷавҳараш? Нест-ку?..

– Ҷавҳаршро одам ҳар вақт дида наметавонад-дия, баччем! – мегуфт пирамард ва баъд якбора қисса мекард: – Ин досро вақте ки ҳаждаҳсола будам, аз шаҳри Тирмиз харидам… Устои бойсунӣ сохтагию дӯкони оҳангариаш ҳамон вақт, дар соҳили дарёи Аму буд.

Воқеа ин тавр буд: як саҳар, айни ангурпаз Худораҳматӣ падарам дар ду маркаб чор сабад ангур бор карданд.

Ситораи рӯз нав баромадагӣ.

Ду харро пеш-пеш тарафи Тирмиз ҳай кардам. Аз роҳи Бандихону Истара. Гашти пешин ба бозори калонаш даромада рафтам.

Мардуми ташнаи ангури Тирмиз дар як дам талош карда гирифтанд. Пули бисёр шуд, дар камар баста гирифтам. Лаб-лаби дарё харҳои салтро рӯфта мегузаштам, ки дар соҳил, аз байни қамишзор як бало даҳанаша мекушояд – мепӯшад, мекушояд – мепӯшад, бинам як наҳанги калон.

Худам бағайрат. Эзора нифа задам. Ҳамин дос дар дастам. Агар забон дошта бошад, гап занад! – досро ялаққос занонда дар нури офтоб ба мо нишон дод: «Ана дидед, ҷавҳар ин хел ялаққос мезанад, дар офтоб!» – гуфта ба нақли худ, ба лаби дарёи Ому баргашт. – Оҳиста ба наҳанг наздик шудам. Бо дос ба тахтапуш-

таш якто задам-дия! Тапаррос карда чаҳид. Ман ҳам дос-пос кати ба ҳаво ғуррондам-е-е!

Наҳангу дос дар ҳаво муаллақ задаю ялаққос карда рӯи регу хоки соҳили Аму омада зад.

Давида гузашта, бо дос сарашро шартас буридам. Ҳалол кардам.

Аз ҳамон атроф як аробакаш мегузашт. Каллаи наҳанга дукаса дар аробааш бор кардем. «Раҳмат писарам» гуфта хурсанд шуда бибурд.

Наҳанга бо ҳамин дос чор тақсими баробар карда, дар чор сабад ҷой додам. Як худам ба харҳо бор карда, шабошаб, дар рӯшании моҳ, ҳофизӣ карда омадан гирифтам. Вақти хурӯсбонги саҳар ба хона расидам… Падар хурсанд.

Пулҳоро додам.

Наҳангро як порчагӣ ба ҳамсояҳо хомталош кардем.

Ҳама ҳайрон! Дуо карданд…

– Ҳамааш ба шарофати ана ҳамин доси «ҷавҳардор»! – охир таъкид кард ӯ.

Ҳар вақт ки бобо «ҷавҳардор» гуфта досашро таъриф мекард, дилам таҳ кашида духтари раис Ҷавоҳирро ба ёд меовардам. Баъд рӯз мешумурдам, ки боз чанд рӯз боқӣ монд, то саршавии дарс-якуми сентябр.

Бобои мулло Ҳамро бе муҳобот гап намезад. Наврас бошем ҳам, ҳис мекардем, ки Тирмиз аз Бойсун 150 – 160 километр дур аст. Дар ду шабу як рӯз (боз бо маркаб) он ҷо рафта баргаштан бо мошин базӯр муяссар мешавад, ки амри муҳол буд. Бо вуҷуди ин «изои мӯъмин ҳаром аст» гӯён гап намезадем. Лекин суоли бисёр медодем. Чунки он солҳо асарҳои устод Айнӣ – «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби кӯҳна», «Ҷаллодони Бухоро»-ро хонда, аз ин асар бо кадом як ҷаллод ошно шуда будем, ки ному лақабаш «Ҳамро гавбоз» буд. Бо ҷӯраҳо онро сари ҳавзамон нишаста баланд-баланд мехондем… Аз дур бобои мо ҳам гӯш мекард.

Рӯзе аз бобо пурсидем:

– Мулло бобо, шумо ҳам дар Бухоро хондаед?

– Не-не-не-не! – гуфта пӯчоқи харбузаеро бо доси «ҷавҳардор» пора карда, ба пеши гӯсолааш мерехт.

Мо бачаҳо «домулло Айнӣ номи қаҳрамони асарашонро аз номи ҳамин бобои мо гирифта навиштагӣ. Лекин ин кас пинҳон медоранд!» – гӯён хеста паси кори худ мерафтем.

Аз ростӣ, ки мулло Ҳамро дар гӯсолабонӣ ва боғбонӣ моҳир буд. Дар мавизхобонӣ ҳам падар бе маслиҳати он кас «қиём»-и оҳаку ишқорро тайёр намекард. Оҳаку ишқорро ҳам одамон худи таги рез – Харангон рафта, дар вурудгоҳи Дараи Авлод, аз санги кабуд ва кадом растанӣ ҳосил мекарданд. Ишқорро аз растании сӯхта хокистаршуда мегирифтанд. Лекин оҳакро дар хумдонҳои калон санги кабуд чида, аз тагаш алов монда ҳосил мекарданд, ки хумдон аслан дар мавзеи Харангон, байни се деҳа – Сариосиё, Авлод ва Кӯшкак воқеъ буд.

**10**

**Айни** авҷи ангурканӣ ва мавизхобонӣ буд. Занон, наврасакону ҷавонон сатил-сатил ангур канда ба хирманҷо меоварданд.

Ҳавои охири август гарм.

Мо аз ангурхӯрӣ маст. Ба замми ин, агар аз маркази ноҳия нони буханкагии мағзаш варамидаи бисёр хуштаъм биёранд, тоза роҳат мекардем. Он нону ангур аз гӯшти гӯсфанду сарка ҳам нағзтар буд.

Падарам маро ҳамроҳи яке аз нимчамуллоҳо барои химчабурӣ ба сойи Обиборик мефиристод. Банд-банд химчаи гоз зада меовардем. Дигарон бо падарам сабад мебофтанд. Камаш бист-биступанҷ сабади дастадор лозим мешуд, ки дар ҳар кадомаш як сатилӣ ангур бояд ҷо мегирифт. Аз он зиёдаш зиёд буд. Бе сабадчаҳо мавиз хобондани он миқдор ангур ҳеҷ имкон надошт. Маҳз бо сабадчаҳои дастадор ангурро ба «шарбат»-и дегҳои оҳаку ишқори ҳазор дараҷа ҷӯшидаистода ғӯтонда мебароварданд. Сатил ба кор намерафт.

Инро «қиём»-и оҳаку ишқор ҳам мегуфтанд, ки мабодо чакрае ба дасту рӯю чашм расад, месӯзонд. Хубии сабадчаҳои дастадор боз дар он буд, ки вақти аз деги ҷӯшон бардоштан, рӯи оҳанаки дег нигоҳ медоштанд, то ки оби «қиём» бирезад даруни дег. Сипас медиданд, ки он «қиём» ангурро яксара кафондааст, баъд бурда рӯи замини андовашуда мерехтанд.

Хосияти он «қиёми заҳрогин» боз дар он буд, ки пӯсти ангур мекафид, ҷинҷак мешуд, лек шираю шарбаташ намерехт. Донаҳои ангури аз дег баромада, ҷонзоди аз таги амалиёти ҷарроҳӣ халосхӯрдаро мемонд, ки дар ҳавои тоза озод нафас мегирифт, оҳиста-оҳиста хушк шуда ба мавиз мубаддал мешуд. Бо вуҷуди он ҳама дараҷаи баланди гармӣ ранги ангур тағйир на-

меёфт. Ангури сиёҳ – мавизи сиёҳ мешуду ангури сафеду зард-мавизи зард…

Равиши мавизхобонӣ нозукиҳои худро ҳам дошт:

– аввал ин ки ангурро тоза карда, бе хасу гарду чанг, донаҳои хушкшуда ё лухсидаашро чида, соф ангури солимро дар сабадчаҳо андохта медоданд;

– донаҳои хушкшударо пуда ё «чимегӯӣ» меномиданд дар ду деҳаи боғдорон (Пасурхию Бибиширин). Пудаю «чимегӯӣ»-ро хушк карда ба анбор месупурданд. Аммо донаҳои пӯсида (ё лухсида)-и ангурро баъзе аз муллобачаҳо махсус якто-якто чида, дар кӯзачае меандохтанд. Қатрае ҳам об нарасида, даҳонашро докапеч карда меловиданд. Онро вақти чидан ҳам якта-нимта ба даҳон меандохтанд, ки дар олам ягон неъмат мисли он лазиз намешавад. Чанд вақт он кӯзачаро маҳфуз медоштанд. Сипас, маводи дохилашро, ки ба қиём расида тайёр мешуд, бо корд бурида-бурида мегирифтанд. Ва номи он «очор» аст.

Ин «очор» аз «очор»-и дигар, ки даруни деги шиннӣ, биҳӣ ё лаблабу партофта ҷӯшонда мегирифтанд, фарқ мекунад. Таъми нордони очори аввал беҳамтост.

Ин «очор»-ро бойсуниён аз майи ноб камтар намедонанд. Ва ҳосил кардани он ба ҳар кас ҳам муяссар намешуд…

## 11

**Падарам** ҳамон сол, дар аснои мавизхобонӣ, хеле серташвиш буд.

Аз як тараф ҳосил фаровон буд. Онро талаву тороҷ накарда, боэҳтиёт ҷамъ овардан, мавиз хобондан ва ҳангоми ба анбор сутурдан эҳтиёт зарур буд.

Борҳо шудааст, ки қаровули мавизчойро дар хоб мононда, меҳнати мардумро ба абас мефиристоданд. Ҷувол-ҷувол мавизро ким-киҳо шабу ними шаб мебардошт. Инро падарам ба ҳисоб мегирифт. Саги дари хонаамонро он ҷо бурда, даҳ-бист рӯз баста мемонд.

Сари деги калон худи падарам ду пояшро маҳкам монда, сабадҳои пури ангурро ба «қиём»-и оҳаку ишқор тез-тез хобонда мебардошт. Сари деги дигар ҷавони базарбае истода аз талхии «қиём»-и оҳаку ишқор тарсида даҳонашро баста гирифта буд.

Баҳсобаҳс то сад сабади дастадорро ба дег зада, «қиём»-ашро равонда, сабадчаҳоро ба дасти сабадкашонҳо медоданд, ки онҳо

давону тозон, дасту по аз чарахсаи «қиём» эҳтиёт карда мерехтанд. Чор кас бо чор ҳачча сарҳои ангури аз дег баромадаро дар замини андовашуда хушрӯ мехобонданд...

Шамоли серун аз ҷониби кӯҳ вазида, дудро гоҳо аз таги дег печонда бароварда ба сару рӯи одамон мезад. Онҳо маҷбур бо равиши дуд, ҷои исташонро дигар карда, корро давом медоданд.

Баногоҳ падарам садо кард:

– Мулло! Ангур накафида аз дег мебарояд-ку? Шаҳди «қиём»-атон паст шудааст!

– Ҳозир-ҳозир! – гӯён мулло Ҳамро давида аз дегҳои «қиём»-и оҳаку ишқори софшуда як-ду сатил ба дег рехта, тагаш ҳезум партофта меҷӯшонд ва ғализии онро ба ифоқа меовард.

Сабадҳои ангурро занон пур мекарданд. Ҷавонон дасту бадаст оварда, корро метезонданд.

Риши сип-сиёҳ, мӯйи сип-сиёҳ, ранги рӯи анор барин сурхи падар арақшор мегардид. Ҳеҷ кадоме аз кормандон бо он кас, дар чаққонию чашмикордонӣ баробар шуда наметавонист…

## 12

**Мавизхобонию** ангурканӣ монугир ду ҳафта давом кард.

Мавиз дар майдони андовашуда намеғунҷид.

Муллоҳо чаққон шуда, аз бурҷи дигари Теппаи Улуғбойӣ заминро ҳамвор ва бо каҳгил андова карданд.

Ҳанӯз нисфи ангури сад боғ канда нашуда буд.

– Туф-туф, чашм нарасад, – гуфта мулло Рӯҳиддин як бағал ҳазориспандро аз дашт оварда, дуд андохт. Бӯи хуши он ба димоғи занакон бисёр мефорид.

– Э, раҳмат, бобоҷон! – ғӯён ӯро дуо мекарданд.

Ҳамон рӯз аз тезкорӣ нисфи сабадҳои дастадор аз кор баромаданд.

Мо наврасакон пас-паси бобои мулло Раҳмон давида, досу теша дар даст, барои химчабурӣ ба сойи Обиборик медавидем. Бағал-бағал химча меовардем. Аз танаи олуча, олуболу ва себ, аз танаи ҳар дарахте, ки химча дошта бошад, зада меовардем.

– Бас, кифоят! – гуфт падарам. Вай ҳоло бо муллоҳо дасту ба даст карда, сабадчаҳои нав мебофт. Ба ин кор дасташ чунон мечаспид, ки гӯё чун машшота мӯи духтаронро гесу мебаст ё майдабофӣ мекард.

Рӯзи даҳуми мавизхобонӣ мардҳо тамом лакот шуданд, худро базӯр зери соя, сари дастархон мерасонданд. Падарам инро ҳис

карда, як сатилӣ ангур дода гусел кард. Онҳо барвақт рафта, пагоҳаш саҳартар омаданӣ шуданд. Қариб ҳар рӯз онҳо бо худ ангур мебурданд, «меҳнат» ҳам менавишт ба онҳо табелчӣ…

Ин ба кӣ намефорид? Аз ин хотир ҳама шавқманд буданд.

## 13

**Ман** низ алоқадри ҳол ёрӣ медодам.

Ҳамин ки монда шудам, рафта рӯ ба рӯи яккамазор, болои санги калони тафсон, ки падарам досу табару тешаро дар он со-виш дода тез мекард, менишастам. Гоҳ-гоҳ сӯи сӯрохи мори сафеди гӯё ҳалқадор нигоҳ мекардам.

– Ҳаҳ, – механдид бобои мулло Ҳамро, – монда шудӣ-чӣ?

– Не! Вай мехоҳад мори сафедро бубинад, – луқма мепартофт Рӯҳиддин хоҷа.

– Дар ин бӯю тафи ишқору оҳак мор берун намебарояд! Вай беақл не, – гуфта падарам ҳамаро хандонид.

Гапи ҳақ...

Аммо ман, воқеан ҳам, бисёр мехостам онро бубинам. Ҳатто боре дар ин бора ба духтари раис – Ҷавоҳир ҳам қисса карда будам.

Болои ин гап ҳамон раис аспсавор омад. Аспашро пешдастӣ карда мулло Раҳим бурда таги кадом дарахт баст, об дод, беда партофт…

– Ҳа-а, чутӯ? – пурсид раис аз ман. – мори «ҳалқадор»-атро дидӣ ё не?

«Худоё, раис аз ин гап, аз куҷо хабар ёфта бошад? – мегуфтам ба худ. Ва зуд духтараш Ҷавоҳир ба ёдам расид. – Э, ҳа-а, инро Ҷавоҳир, барои фаҳмидани рост ё дурӯғ будани гапи ман, аз падараш пурсида бошад?»

– Дидам! – гуфтам ман ҳам суст наомада. Медонистам, ки ба калонҳо «дурӯғ» гуфтан хуб не. Лекин гоҳе «Зарур бошад, раво бошад!» гуфтаанд-ку!

– Ҳама аз мор қади аҷал метарсад. Ту наметарсӣ?

– Не, раис, вай мори худамон! Ошно ҳастем, – гуфтам.

Ҳама хандиданд.

Падарам гапназада сӯям як назар кард… Хапу дам шудам. Ҳис мешуд, ки раис парешонхотир аст. Табъаш хира. Як гап дорад. Чӣ гап, – худаш медонисту Худо!..

Вай наздиктари падарам рафт.

Падар бо ишора дар ҷои худаш, ба сари деги ҷӯшони «қиём»-и оҳаку ишқор Рӯҳиддинхоҷаро монда, назди раис рафт.

– Ангура ҳамаша кандед?

– Ҳа, раис! Ғайр аз як тахта токи тойифӣ. «Нигоҳ дор» гуфтед, мо ҳам накандем…

– Нағз. Дигар дар ҳеҷ ҷо, ҳеҷ чиз намонд?

– Не, раис. Намонд, – ҳайрон шуд падарам.

– Агар монда бошад-чӣ?

– Ба шумо чӣ шуд, раис?

– Боғи Улуғбойӣ кадомаш?

– Ҳӯ ана, ҳамон, – ба боғи қади сойу ҷарии Кабкхона ишора кард кадоме.

– Хӯш, чанд сабаду сатил доред? – Рафтем, ангур меканем! – гуфт раис бо зарда ва ба одамон нигарист.

Падарам хиҷолат шуд.

Лекин дар гапаш устувор буд.

Раис пеш-пеш, дигарон аз ақиб равона шуданд. Мулло Раҳим чоплусона, аз ҳама пеш гузашта, ба дохили буттаҳои ҳулӯлу дӯлонаи пурхор ишора кард.

Ҳама ҳайрону умедвор, ки чӣ мӯъҷизае рух медиҳад.

Раис пошнаи мӯзаи хиромашро боло бардоштаву аз паси буттаҳо ба чанд ҷӯяки даруни хорзор наззора кард ва дарунтар рафтанӣ шуд.

– Надароед, раис, – пешгирӣ кард падарам, – кӣ медонад дарунаш чӣ балоҳо бошад. Роҳ кушоем, баъд…

Зуд белу каланд, тешаю табар оварда, буттаҳоро зада, роҳ кушоданд.

Як ҳодиса: ним-ними охирин ҷӯякҳо зери буттаҳои худрӯйи ҳулӯлу дӯлона монда, ҳар навдаи ток даҳҳо навдаи дигар партофта аст. Ҳар ҷо-ҳар ҷойи дигар фарғонҷ реша давонда ҳосил баста, дар замини мулоими серпору чунон ангур андохта, ки одамон чӣ тавр канданро намедонистанд. Ангур мисли зумурраду лаълу ёкут ғуҷумак баста буд. Бар замми ин думчаи ангури уштурдандон ба ҷисми «модар»-аш бисёр сахт, ба мисли ноф, баста шуда буд, ки барои канданаш аз корду дос истифода карданд. (Шербачаҳои деҳа аксар бо худ корди бағилоф гирифта мегаштанд).

Ҳама эҳсос карданд, ки чанд сол ба он хористони байни буттаҳои ба ҷангал табдилёфта пойи одам нарасидааст… Касе он токҳоро надидааст, набуридааст. Инро аз нартҳои то даҳ метр давидаи токҳо, дар ҷояшон пухта мавиз шуда, баъд зери барфу борон, дар оғӯши «модар-ток» лухсида ба пору табдил ёфтани сарҳои хурду калони ангур дарёфтанд.

Раис аз замину токҳо чашм намеканд.

Одамон гиребонашонро дошта ҳайрон монданд.

Раис барои густохиаш аз падарам узр хост ва тарафи мулло Раҳим теғ кашида нигарист…

– Чӣ ҷои узр, раис! – гуфт падарам сарбаландона. – Ҳосил имсол фаровон аст, боз фаровонтар шуд…

– Мулло, равед, таги дегҳоятон оташ гиронед. Ҳамаашро ба дег мезанем, мавиз мехобонем.

Раис гап назада пас гашт ва аспашро савор шуда рафт.

Аз он ҷо бештар аз сад сабад, як хел ангури ба қиём расидаи уштурдандон канданд. Худи ҳамон рӯз ба мавизхобонӣ шурӯъ карданд.

## 14

**Мулло** Ҳамро оҳаку ишқорро ба қиём овард. Ангури уштурдандон ба осонӣ намекафид. Ҳар ғуҷилаи он мисли зардолуи қандак, ки дар шохи дарахт ғӯлинг мешавад, мавизи дараҷаи аъло мегардид.

Пас аз анҷоми кор мулло Ҳамро риши каландворашро дар шамол мавҷ занонда гуфт:

– Қосимхон, зиқ нашавед. Ҳамааш ба фоидаи кор шуд. Кадоме он ҷоро медонистаасту барои гарм кардани рӯи худ ба раис хабар додаст…

– Надонистам, – хандид падарам.

– Ин кори мулло Раҳим, – илова кард Рӯҳиддинхоҷа… Вай даҳ-дувоздаҳ сол пеш ин ҷо «истарҷӣ» (саркор) буд. Баъд, гуноҳе содир карда аз ин ҷо рафт. Ҳоло ҳам ба ин боғҳо назар кунад, дилаш гум мезанад…

– Аҷаб не, – гӯён ҳар сари ангури уштурдандонро, ки байни хору хас чун марвориду зумурад расида буд, тоза карданд. Дар як бурҷи майдон, аз ҳисоби мавизи хушкшуда, ҷой таҳия намуданд. Ана баъд ду-се соат зӯр зада, боз сабадчаҳои дастадорро ба кор андохта, мавиз хобонданд.

Боғбонҳо ва боғдорони урфии он ҷо байни худ мегуфтанд:

– Ака, аз панҷ килои дигар ангурҳо як кило мавиз ҳосил мешавад. Аз чанд килои уштурдандон?..

– Аз ду – дуним кило уштурдандон як килло мавиз ҳосил мешавад… Мавизаш ҳам мавиз-де. Аз шакалоди Украина ҳам хуштар…

– Ин навъ ангур хеле камёфт аст, – гуфт мулло Ҳамро.

– Боз муҳобот мекунед-дия, мулло! – хандид падарам.

– Не, Қосимхон! Ман шунидаи худро мегӯям… Чанд сол пеш аз кадом мамлакат ба Бойсуни мо як олим, махсус ҳамин навъи ангурро кофта омадаст. Вай яке аз боғистони Хоҷасоату Синаи Деҳнав ва яке аз ана ҳамин боғҳои худамон, дар вақти ангурпаз уштурдандонро пайдо карда, донак ва қаламчаашро бо худ бурданӣ будаст. Мири Бойсун ба маҳкама кашида, бурдани онро манъ кардааст. Э-ҳа, номаш Қобили ҳинду будаст. Худаш ҳиндустонӣ бошад ҳам, дар Шибурғону Балху Кобул рафтуо доштаст.

– Э, офарин мулло, хотираи хуб мустаҳкам доред-дия, – таъриф кард падарам…

Баъд аз хобондани мавиз ду рӯз ҳаво хеле гарм шуд. Мавизи уштурдандон аз дигар мавизҳо боз тезтар хушк шуд: камобу сергӯшт, ки ҳаст, тез хушк шуд.

Дигар мавизҳоро ғундоштанд. Чӯбураашро ҷудо карда, дона-дона аз ғалбез (ғирбол) гузарониданд. Дар ҷуволу қанорҳо андохтанд. Рӯи хирманҷойро ҷуволҳои пур, мисли он ки пингвинҳо аз даруни баҳр ба баландӣ баромада рост-рост меистанд, зеб дод.

Аммо ба мавизи уштурдандон касе даст назад.

Падарам раисро даъват кард. Ба ӯ одам фиристода буд.

Ӯ ҳамоно аспсавор омад.

Табъаш хуш буд.

Бо ҳама даст дода вохӯрд.

Аз ҷумла бо ман ҳам…

Бисёр мехостам аз саломатии Ҷавоҳир пурсон шавам. Аммо шарму ҳаё роҳ намедод.

Чӣ чизи хуб аст ин шарму ҳаё!..

– Раис! – гуфт самимона падарам, – мо ба мавизи ангури кашфкардаи шумо даст назадем. Онро ба ихтиёри шумо мондем, – як сар ангури мавизшударо байни ду даст гирифта тоб дод. Чӯбураҳои пора шудаи онро «пуф-пуф!» карда ба замин резонд ва ба раис дароз кард.

Ҳар кас ду-ду дона гирифта ба даҳон бурданд.

– Шукр, ба мавизи нав расидем, – гуфта Рӯҳиддинхоҷа оби дида рехт.

Раис хандид. Вай аз донаҳои он ки тиллопораҳои хомро дар чашми тезбин ҷилва медод, чашм намеканд.

– Ин ҳам як гап-дия, раис! Мо онро дона карда медиҳем…

Хуб мешуд, чун доди худой, ба дӯстонатон – калонҳои ноҳия кам-кам тӯҳфа бикунед… Онҳо ҳам аз мавизи боғҳои мо бичашанд… Фақат ба анбор насупоред. Ин тарафаш, – ба «пингвинҳо» ишора кард падарам, – барои захира кифоят мекунад…

– Рост, дуруст, – гапи падарамро тасдиқ карданд ҳозирин.

Раис дигар чизе нагуфт.

«Сукут аломати ризост» – гуфтаанд…

Ман аз ин гуфтугӯ рамуз гирифта хурсанд будам, ки аз он мавиз каму беш ба хонаи раис ҳам хоҳад рафт ва он ба даҳони Ҷавоҳир низ хоҳад расид. Ва ӯ дар ин бора ба ман гап мезанад: «чи хел мавизи хуб!» мегуфтагист, ақаллан…

Барои ман муҳимаш ин буд, ки раис ба ҳалолкории падарам боз ҳам бештар итминон ҳосил кард ва ӯро ҳамон сол, барои маҳсулоти фаровон расонаданаш ба мукофот пешниҳод намуд…

Бо ин роҳ падар ҳар сол садҳо тонна ангури пуршаҳду шакарро мавиз хобонда, ба анбори хоҷагӣ месупурд.

То синфи даҳум шуданам ман хам ба ӯ ёрӣ медодам.

Як пешинӣ хӯроки сари хирманҷо бурдаамро ба падар дода бармегаштам, ки аммаам Бибиқанд аз пайраҳаи теппаи Теғкалта гузашта омад.

– Муҳаммад Қосим, нағзед, саҳат ҳастед? – пурсупос кард. – Мани гӯр фурсат ёфта аз ҳоли шумо хабар гирифта натавонистам, – гӯён як курта – эзори суф аз остин баровард.– Танатон будааш чирк гирифтаст, ба дасти Хуррамҷон дода фиристед. Шуста мемонам, – гуфт.

Падар як лаълӣ ангури марворидосоро об зада-об зада, рӯи дастурхон гузошт. Ба дасти амма аз офтоба об рехтанӣ шудам, ки иҷозат надод:

– Худам мешӯям. Писар, ки калон шуд, ба дасти занҳо об намерезад! – танбеҳ дод ӯ.

Ба гапи «калон»-ҳо халал нарасонданӣ шуда, дуртар, назди яккамазори атрофаш андовашуда рафта нишастам... Ҳушу ёдам боз ба он банд буд, мори сафеди кокулдор, шояд аз зери он сангҳо бароядд, ки бубинам...

Дигарон «дидем» мегуфтанд. Лек ман ҳеҷ надида будам. Падарам мегуфт, ки «соли фаровонҳосилии боғҳо он мор яке пайдо мешавад... Ҷонварак дар шаби моҳтоб рӯи санг баромада, ҳалқа мезанад...»

Ин сол ҳам соли аз ҳама фаровонҳосилӣ буд...

– Биё, бо аммаҷон нону ангур хӯр! – гуфта падарам наздашон хонд.

Шарм дошта-шарм дошта рафтам.

– Барои як маслиҳат омадам, – гуфт аммаҷон.

– Чӣ маслиҳат мо(х)? – пурсид падарам ба ҷомаи худ такя карда.

– Раис ба ин ҷо омада буд?

– Омада буд.

– Ягон гап ба шумо нагуфт?

– Не-ку. Дар чӣ хусус?

– Кадом рӯз хонумаш чанд занро ба кӯрпакашони духтараш даъват кард. Ман ҳам будам... Як вақт раис омада гарм – гарм пурсупос кард: «Писар кай аз Бухоро меоянд?» гуфт. «Ду чашмам дар роҳаш!» гуфтам. Баъд худаш гап кушуд, ки ҳамсояаш ҳавлии фурӯшӣ дорад. Ҳамонро ба нияти ҷиянатон гирам...

– Шумо чӣ гуфтед? – бо андеша пурсон кард падарам.

– Ҷояш маъқулу пули тайёр надорам, раисҷон, – гуфтам.

– Ҷояш маъқул бошад, шуд. Пулаша як кор мекунем.

– Нархаша нафаҳмидед?

– Напурсидам.

– Раис гапи маъқул гуфтаст. Пагоҳ мебинам. Гап мезанам, лекин аз ҳеҷ кас қарз нагиред, худамон ягон доду муомила мекунем.

– Хуб, аз худатон гап намемонад, – гуфта аммаам ҷон хеста рафтанӣ шуд.

Ҳарду аз баландӣ нишеб шудем. Падар дар сари хирман монд.

Ҳар кас ғами худашро мехӯрдааст дар ин дунё.

Агар ҳавлӣ ба падар ҳам маъқул шавад, чӣ хуб хоҳад шуд! – мегуфтам ба худ.

Ман он ҳавлиро медонистам: аз ду тарафаш об мегузашт. Осиё наздик буд. Муҳимаш то хонаи раис чаҳор қадам... Ҷавоҳирро дам ба дам дидан мумкин... Кӯзабардӯшу сатилбадаст барои об меояд... Охир, се моҳи таътил ӯро надидан!.. Осон аст магар?

Фардои он рӯз хабардор шудам, ки ҳавлиро гапзанон кардаанд.

Аммаамро кӯчонда бурдан лозим буд... Ман гӯё болу пар бароварда он ҷо рафтам: се дар хона, сафед кардагӣ, деворҳояш гулкорӣ, гаҷкорӣ

Худи ҳамон рӯз Ҷавоҳир ҳамроҳи модараш ба муборакбодӣ омад. Модараш ҷавонзани сап-сафеди хушрӯ, хушгап... Як табақи лангарӣ палав оварданд...

Ҷавоҳирро дида хурсанд шудам. Хаёлам, ки дар ин се моҳ калону зеботар шудааст. Бо ман чунон ба шавқ омада пурсупос кард, ки дар умрам аз ягон кас чунин меҳрубонӣ надида будам. Модараш ҳайрон менигарист:

– Доим «ака-ака» мегӯӣ. Акаат ҳамин кас? – пурсид модараш, ки аммаам ӯро Зирагул меномид.

– Ҳа-а, ҳамин кас! – сурх шуд Ҷавоҳир.

– Хонаи мо ҳам биёед. Ҳамроҳ дарс мекунетон! – гуфт ҳангоми рафтан очаи Ҷавоҳир.

– Мактаб сар шавад канӣ, – гуфтам ва аз аммаам иҷозат пурсида ба хонаамон баргаштам.

Ҳушам ба полизи харбузаамон банд буд.

**16**

**Ҳамон** баҳор падарам қариб даҳ таноб токзори кӯҳнаю хунукгирифтаро вайрон карда, қаламчаи токи уштурдандон шинонда буд. Дар ҷӯякҳои навток, одатан, соли аввал харбуза мекоштанд. Усули обмониаш мувофиқ буд.

Мо як хел харбузаи «тиркиш» (пӯсташ ғафси зимистонӣ) коштем. Тухми аввалро аммаам ба замин партофта буд...

Одатан, агар тухмии ҳар чизро ба нияти нек зан ба замин бикорад, ҳам ҳосил фаровон мешуд ва ҳам, ширин бошад ширин, тунд бошад тунд, фаҷ бошад фаҷ ҳосил медодааст...

Аҷибаш ин ки харбузаи мо имсол дутогӣ ҳосили хуб дода буд, мисли ин ки аммаи ман Бибиқанд низ ду фарзанди солиму баақлу ба назар намоён дошт...

Ҳар як пояи палак дутогӣ харбузаи калон баст. Агар баъзеяш сетогӣ «бача» карда бошад, яктояш дар «тифлӣ» заб-зард шуда ривоҷ наёфт. Палаки зӯртар, ки аз замин обу ғизо бештар гирифта буд, сеюмашро ҳам расонд, лек мисли ду харбузаи аввал «тавлид»-шуда ривоҷ надошт сеюмаш...

Носозгории табиат буд ё қудрати Худо, ки нимаи дуввуми моҳи июл ғуборе омад. Ду соат борони жолааралаш борид. Ҷои борону жола расидаи харбузаҳои калонакак дар офтоб, батадриҷ сафед мешуд, лекин аз нашву нумӯ намемонд.

– Додо, – гуфтам рӯзе ба харбуза дилам сӯхта, – боз напӯсад. Канем, бозор андозем, намешавад?

– Не, бачем. Агар шамоли тирамоҳро нахӯрад, ин харбузаро хӯрда намешавад, то моҳи март-апрел нигоҳ доштан душвор, – гуфт падарам...

Борҳо шуда буд, ки падар то иди Наврӯз чунин харбузаро нигоҳ медошт.

## 17

**Аввали** тобистон, айни саршавии гармои тоқатфарсо буд. Самар Ҳамза омад аз Бухоро.

Ӯро шӯъбаи маориф ба ҳайси муаллим ба мактаби мо фиристодаст... Ин гап овоза шуд.

– Ҳа, сабил монад! Агар дар ақиби вай ҳам одами зӯр мебуд (падари ҷррораш зинда мебуд), мегуфтанд одамон, – вазифа(!) мегирифт... Баъзеҳо гумон доштанд, ки «вай ҳам аноӣ не! Пас аз ду-се моҳ баъзе мудирҳои маълумоти миёнадоштаро танг карда ё директор, ё мудири қисми илмӣ мешавад!..»

Баъзеи дигар мегуфтанд, ки «ин муаллим ояндаи дурахшон дорад: меҳрубонии Рамазон – раисро бинед. Чи гуна ба худ ҷалб кардани одамро нағз медонад. Пешакӣ ҳавлии ҳамсояашро ба Бибиқанди чевар харида дод! Бо ҳамин роҳ тақдири ягона духтараш Ҷавоҳирро ҳам ҳал карданист... Агар Самар Ҳамза ба вай домод шавад, бад намешуд!»...

Ман ин гапҳоро бо гӯши худ мешунидам.

Дар дил мазаммат мекардам чунин касонро, ки рӯи сабза ғелида ё сари санги кӯча нишаста, аз Асои сиёҳи мазанги деҳа сар карда то Сталини маҳбубро муҳокима мекарданд, бекорхӯҷаҳо!.. Фикр намекарданд, ки тақдири одамон ҳазл нест, бо дуои кӯрмуш ҳаргиз борон намеборад!.. Чи сон гапи як духтари ҳоло очааш набӯсидаро гуфта, ба гуноҳ ғӯтида менишинанд! Эҳ, одамон, одамон!..

Бад медидам чунинҳоро!

Қариб ҳар рӯз хонаи аммаам меомадам ва Ҷавоҳири фариштахӯро медидам... Вай бо баҳонаи гуфтани ин ки «модараш ба амма кор дорад», ё кӯзабадаст обро баҳона карда меомад. Лаби ҷӯйбори мусаффо, мисли мусичаҳои бегуноҳ рӯ ба рӯ нишаста, гуфтугӯ мекардем. Дар коғазаке кишмиши сиёҳи тагитокиро печонда меовардам. «Фақат худат бихӯр!» мегуфтам...

– Ин ангурро аз куҷо меоред? – мепурсид ӯ дона-дона дар оби равон шуста бо андеша ба даҳон мебурд.

Мо воқеан ҳам мусичаҳои бегуноҳе будем.

– Дар боғи худамон як ҷӯяк кишмиш ҳаст, – мегуфтам, – ба худат аз боғи мулло Азиз охунд чилгии сафед овардани будам. Афсӯс, ки муовини падарат ҳамаашро канда ба калонҳо савға кардаст...

– Барои ҳаминаш ҳам раҳмат, – мегуфт вай, – ин хел ангури ширина ҳеҷ надида будам.

Баъд аз ду-се рӯз Ҷавоҳир ба лаби ҷӯй ҳамроҳи Маҳрӯ меомадагӣ шуд. Онҳо ба ман гуфтанд, ки ин вохӯриҳои мо, ангур оварданҳои шумо, «раҳмат» гуфтанҳои Ҷавоҳирро кадоме нарезондаю начаконда ба Шоҳимардон-ҷӯраатон мерасондааст. Ӯ хашм гирифтааст.

Вақт ёфта назди Шоҳимардон рафтанӣ шудам, ки падарам ҳамон рӯз ба ёдам расонд:

– Имсол ба хонаи ҷӯраат ва муаллима аз Ҷипаксарӣ* ангур намебарӣ? Чӣ гап шуд? Аз хонаи аммаат ягон чиз ёфтӣ? – шӯхӣ кард.

Гапи охиринаш маро як қад парронд.

– Кай шумо ангур додед, ки ман набурдам? – гуфтам ҷуръат карда.

– Ҳӯ ана, ду сатил. Хари сафеда савор шав! Аз боғи худамон ҳақдодӣ, ҳусайнӣ гир! Урус муаллимат шаробиро хуш дорад. Шаробӣ, ҷавс ва соҳибӣ гир! Ба тойфӣ даст нарасон! – таъкид кард падарам, – тез раву тез баргард!

– Осон будаст-дия!

– Чӣ душворӣ дорад, э кӯдак! Ҳамин замон аз ток барои овехтану шиннӣ ангур меканем. Баъд фурсат намеёбӣ!.. Аз неъмати Худодод онҳо ҳам бичашанд-дия, бачем...

## 18

**Оҳ, чи** серҳосил буданд он сол боғҳо!

Ду сатил ангурро аз ду-се токи он сӯи ҳавз канда пур кардам. Ҳусайнии пухта гулобӣ метофт, ҳақдодӣ – зарди тиллоранг, соҳибӣ-ақиқи яманӣ барин...

Хонаи дӯстам Шоҳимардон сари роҳ, дар деҳаи Лофгаҳ буд. Аввал ҳавлии онҳо даромадам. Худаш набудаст. Модараш-зани қадбаланди ҳиндумонанд сад бор садқаю банда шуда, ангурро гирифт. Дуто нон, як шох (лӯнда) набот, як ҷелаквор шоҳӣ ва як

---

* Ҷипаксарӣ шаҳри Чебоксари Россия, маънояш абрешими зард. Аҷаб не бо Роҳи Абрешим алоқа дорад. (Муаллиф).

саллаи пишоварӣ (барои падарам) печонда баровард. Ҳарчанд «не» гуфтам, намонда дар хӯрҷин ҷо кард.

Харсавор рӯболо шудам. Аз Қӯрғон гузашта, ба хонаи Анастасия Михайловна Углова рафтам.

(Баъди ба хондан рафтану дигар барнагаштани ман, муддати чанд сол ба он ду хонадон худи падар ё додаронам ҳар сол сатил-сатил ангуру анору алмуруд мерасондаанд. Ин ба хотири дӯстии ман бо Шоҳимардон ва ба хотири ин буд, ки солҳои ҷанг падарам дар баталиёни коргарӣ дар Ҷипаксар хизмат карда буд).

Ангури муаллимаро ҳам дода, сари Қӯрғон расида будам, ки Шоҳимардон аз фабрикаи шоҳибофӣ баромад. Маро дида, чаппасар рафт. Ман ҳам ноилоҷ раҳи худро давом додам. Гӯшам гирифт, ки «поршивый» гуфта дашном дод. (Ман маънои онро ҳатто аз луғат кофта намеёфтам). Ба гапаш якзайл механдидам. Ӯ сахт ранҷидагӣ барин метофт...

## 19

**Самар** Ҳамза чун муаллими одӣ ба мактаби мо омад.

Ин охири тобистони соли 1953 буд. Вай ба зудӣ бо муаллимон ва мактабиён унс гирифт. Соатҳои зиёди дарс дода буданд ба ӯ: аз алҷабр, физика, риёзиёт, астрономия. Ӯ ба китобу дафтару «конспекташ» нигоҳ накарда, дарс медод. Ҳама Самар – муаллим мегуфтагӣ шуданд ӯро...

«Дар ягон мактаби ноҳия чунин «физмат»-и бақувват нест» – гӯён душвортарин масъаларо наздаш меоварданд.

Ӯ як панҷа мӯи сап – сафеди табиии худро, ки ба пешонияш фуромада меистод, бо як даст боло бардошта, дар як дам варақҳои зиёдро бо рақамҳои хоно навишта пур мекард ва ба дасташон медод.

Инсони одӣ буд. Аз касею чизе ҳарос надошт. Танҳо аз падари ман (тағояш) ва модараш – аммаи Бибиқандам андеша мекард, ҳатто метарсид.

Аммаи Бибиқанд аз хонумҳои забардасти деҳа ба шумор мерафт. Ҳама «кайвонӣ» (кадбону) гуфта муроҷиат мекарданд. Маъракаи мардуми деҳаҳои Пасурхию Бибиширин бе он кас намегузашт.

Азбаски тӯю азо бе машварати вай намегузашт, мабодо ягон каси мавриддошта бо ягон тан аз ҳамдеҳагон «тую ман!» карда бошад, то оштӣ нашаванд, ба маъракаашон намерафт... Хусусан, баъд аз муаллим таъин шудани писараш иззату обрӯи ӯ боз ҳам баланд гардид...

Муаллим обрӯи калон дошт он солҳо…

Аммаам, ба умеди он ки оянда тӯю тамошо барпо мекунад, орзую ҳавасҳояшро мешиканад, ба маъракаи ҳамдеҳагон акнун бо сару савғо рафта хизмат мекард. Фикран арӯс меҷуст. Лекин ба касе ошкор намесохт. Ҳар гап, ки дошта бошад, албатта пеши падарам рафта, маслиҳат мекард...

Мо мактабиён аз ин ки дар мактабамон маълумоти олидорҳо зиёд мешуданд, хурсанд будем. Маҳфилҳо ташкил медодем. Дар бораи классикони адабиёти тоҷик, рус, оид ба олимони забардаст, монанди Ломоносов, Менделеев, Ибни Сино, Алхоразмӣ, Берунӣ, Навоӣ, Аҳмади Дониш маърӯзаҳо таҳия мекардем...

Муаллимҳо сахт мегирифтанд: моро метарсонданд, ки соли оянда камаш аз даҳ фан имтиҳон месупорем. Махсусан, ба иншо, нақли хаттӣ, ҳалли масъалаҳо диққати зиёд медоданд. Ҳамаи устодон фанни худро «асосӣ» мегуфтанд.

Роҳбари бебадали синфи мо – Рашид Бадал аз таърих дарс медод. «Таърих модари фанҳост. Фардо ба мактаби олӣ даромаданӣ шавед, аз таърих ҳатман имтиҳон мегиранд! Дигар фанҳоро ҳам омӯзед!» – таъкид мекард.

Мо ҳам ҷиддан ба хониш машғул мешудем. Устодон, ки зӯр буданд, мо ҳам «зӯр» шудан мехостем. Баҳсобаҳс аз муаллимҳо баҳо мегирифтем. Дар баҳомонӣ ҳеҷ як аз онҳо раҳм ё рӯихотир намекарданд. Байнашон дӯстию рафоқат буд. Мардум ҳам онҳоро қариб ҳар шаб ба тӯю маъракаҳошон, ҳарифонаҳошон даъват менамуданд. Баъзан ба деҳаҳои Кӯшкак, Сариосиё ва ё Авлод шабхобрав мерафтанд.

Дар чунин рӯзҳо Самар – муаллим гоҳе ба ман мефармуд, ки «конспект» навишта биёям.

Мудири қисми илмӣ Раҳим Шариф кӣ навиштани конспектро пай барад ҳам, гап назада имзо мемонд.

Одами дилсоф, дилвасеъ буд ӯ.

Кор ба ҷое расид, ки вақти набуданаш гоҳе дарсашро ҳам, аз рӯи «конспект» ман мегузарондам.

Дар ин маврид дӯстам Шоҳимардон, ки бо ман қаҳрӣ буд, гап назада аз синф мебаромад. Ман аҳамият намедодам. Медонистам, ки вай ҳам аз ман хубтар дарс гузаштанаш мумкин...

– Аз байни шумоён бишак гузаштаст, – гуфт рӯзе оҳистаҳак Ҷавоҳир. Гӯё гули қоқо мерехт аз забонаш.

Ман аз ин гапаш диламро дошта хандидам.

– Чӣ механдед? – лабони ғунчаашро базӯр во кард ӯ.

– Чӣ хел нахандам? «Пишак»-ро «бишак» мегӯед... Ақаллан «гурба» гӯед...

Бачаҳо синфро ба сар бардоштанд, бо ханда...

Хандаи синфро шунида, Шоҳимардон аз раҳаш гашта даромад... Ханда дубора такрор шуд... (Духтару писаракон ҳама шӯху дилоро буданд). Ранги дӯстам тағйир ёфта, дар ҷояш нишаст.

Ман Ато Ҷаббор ном ҳамсинфи раққос ва шалоимбозамонро назди тахта баровардам. Аввал носкадуи сурхи нуқракӯбашро аз ҷайбаш гирифта, рӯи мизи муаллим – рӯ ба рӯи сардори синф гузоштам. Баъд:

– Дарсро такрор бикун! – гуфтам ҷиддӣ.

Синф ҳайрон! Вай даҳан воз намекард. Ду чашмаш ба носкадуяш...

Вай ногаҳ оҳанги суруди шӯхеро хонда рақсид:

*Судхӯракам ҷон медиҳад,*
*Бубин, чӣ сон ҷон медиҳад!*

Вай хушрӯ рақс мекард. Дасту китфу по баробар меҷумбонд. Чашми маро хато карда, носкадуро гирифту занги баромад садо дод.

## 20

**Ҳамаи** воқеаҳои хушу нохуш, чӣ дар мактаб ва чӣ дар деҳа барои мо мактабиён ҳамон сол рух додан гирифт.

Рӯйдоди аввал ин шуд, ки пеш Ҷавоҳиру Маҳрӯ ҳар саҳар аз роҳи калон ба мактаб меомаданд. Аз моҳи октябр сар карда, ҳарду пӯшидаю печида, бо роҳи лаби ҷӯйбори Ёмчин, аз паҳлӯи қабристони қадимии Лангаратои чандҳазорсола, ки ба замин яксон шудааст, рафтуо мекардагӣ шуданд. Ин пайраҳа наздик ва бечангу ғубор ҳам буд.

Аҷибаш ин ки роҳ рӯ ба рӯи деҳаи Лофгаҳ, ҳавлиҳои аз даруни сой то таги Қӯрғон қабат ба қабат сохта баровардаи ҳамдеҳаҳои Шоҳимардон ва хешу табори ӯ воқеъ буд. Вай низ ҳар саҳар ба сӯи мактаб равон шуда, рафтуои ин ду танро аз он сӯи рӯди Ёмчин мушоҳида мекардаст...

Ман ҳам гоҳе аз мактаб баромада хонаи аммаам рафтанӣ шавам, аз он пайраҳа мегузаштам.

Як рӯз ба ҷои Самар – муаллим ман дарси охиринро мегуза-

рондам, ки Шоҳимардон дарсро партофта баромад. Вай ҳам рафту Ҷавоҳиру Маҳрӯ аз ман ҷавоб хостанд.

– Чӣ гап? – пурсидам.

– Хонаи Ҷавоҳир меҳмон меомадаст, – гуфт Маҳрӯ.

– Майлаш, равед, – гуфтам ва дурии роҳи духтарони аз Авлоду Сариосиё омадаро низ ба ҳисоб гирифта, раҳо кардам.

Худам низ сӯи хонаи аммаам равона шудам. Аз назди мақбараи ҷалавдори Лангарато мегузаштам, ки чашмам ба Маҳрӯ афтод. Вай паси буттаҳои баланд танҳо меистод. Онсӯтар Ҷавоҳиру Шоҳимардон гап-гап доштанд...

Маро дида ҳар се сурх шуданд.

Гӯё онҳоро надида бошам, аз поёнтар ба роҳи худ давом кардам.

Даҳ қадам онсӯтар, аз паси танаи чаҳормағзи азим писари қадбаланди ҳамсояи аммаам-Зайд мор барин сӯи онҳо менигарист.

Дилам таҳ кашид. Мабодо, ки байнашон ягон гапу кор рӯй диҳад... Беҳуда «Дил-назаргоҳи ҳақ» нагуфтаанд…

Рост тарафи Зайд қадам задам.

– Ҳа-а, акаи Зайд? – гуфтам нотарсона.

– Э, худам, – гӯён боло, ба шоххои дарахт нигоҳ кард, ки қӯша-қӯша ҳосил баста ва вақти афшонданаш фаро расида буд.

– Афшонданӣ ҳастед? – пурсидам ба шоххои дарахти пурбор ишора карда. Латтааш дар об афтод.

– Э, не! – гӯён баробари ман қадам зад ва ба онҳо шунавонда гуфт: – Ин ҷӯраи шумо дар кӯчаҳои мо чӣ гум кардаст?

– Аз худаш напурсидед? – бо суол посух додам.

– Гӯед, ки пояшро аз ин ҷо кашад, – чашмонаш бозӣ мекард, – гапи қарз!..

Маро то ин дам ӯ «шумо-шумо» намегуфт.

– Гапи қарзро расондан мумкин, – гуфтаму ба ҳавлии аммаам даромадам. Зайд дарвозаи худашонро ғижас занонда нопадид шуд.

Писараммаам дар хона будаст. Сараш бастагӣ. Шамол кашидааст. Китобу дафтарашро дода, зуд баргаштам.

Пагоҳаш худи ӯ дарс гузашт. Табъаш хира, мисли табъи ҷӯраи ман Шоҳимардон.

Вақти танаффуси калон латтаи синфро тар карданӣ шуда, лаби ҷӯйбори Ёмчин баромадам, ки аз болотари мактаб мегузашт. Аз ақиб Ҷавоҳиру Маҳрӯ низ омаданд.

Маҳрӯ аз мо ду-се сол калонтар буд. Вай ҳам солҳои ҷанг нахонда будаст... Ба синфи мо омаду бо Ҷавоҳир якҷоя мегаштагӣ шуд. Аҷиб ин ки касе ба Ҷавоҳир гап дошта бошад, ба воситаи ӯ гуфтугӯ мекард. Фақат бо ман ин тавр намекарданд...

Ғайричашмдошт Маҳрӯ пурсид:

– Дирӯз Зайд ба шумо чӣ гуфт?

– Оё овозашро нашунидед? Шунавонда гап зад-ку? – ба Ҷавоҳир хандида назар кардам.

Ҳарду ҳам оҳуи рамидаро мемонданд.

Аҷиб мегаштам, ки сари роҳамро Шоҳимардон гирифт. Ба андомаш нигоҳу беихтиёр лабханд кардам. Вай ҳам лабханде зоҳир намуд ва охир кафид:

– Дирӯз Лаклак чӣ гуфт? – ӯ Зайдро дар назар дошт. Ба вай аз дарозу камбар буданаш ин лақабро дода буданд ҷӯраҳояш.

– Нашунидед-чӣ? – пурсидам аввал, баъд «гапи қарзаш»-ро расондам: – Дар он гузар бебок қадам намонед будас!..

– Ҳамин хел гуфт? Оҳ, «курва*!»-таври худ дашноми русӣ дод. Ва ким – чӣ гум кардагӣ барин, ҳар сӯ нигарист.

– Чӣ хавотир мешавед? Натарсед, ҳеҷ чиз аз дасташ намеояд!... – гуфтам. «Душман чӣ кунад, чу меҳрубон бошад дӯст» ном панд ба ёдам расид, лек ба забон наовардаму илова кардам: – парво накунед, Шоҳимардон. Вай аз комиссариати ҳарбӣ даъватнома дорад, аскарӣ меравад.

Инро аниқ медонистам.

– Медонам, – гуфт бо овози ҳазину раҳмовар Шоҳимардон.

– Синф меравед? – гӯён барои озмуд латтаи тарро ба дасташ додам, ки дилу бедилон гирифт.Ин лаҳза Ҷавоҳиру Маҳрӯ тарафи китобхонаи мактаб гузаштанд. Ман ҳам аз он ҷо китоби «Ғуломон»-и Айниро ба навбат нависонда бояд мегирифтам…

Бинам, паси рафи китобҳо Самар муаллим, ду-се қадам дуртар Ҷавоҳир хиҷолатманду рост истодаанд.

Пас гаштам.

– Ин гапу корҳо чӣ маъно дорад? – оҳиста пурсидам аз Маҳрӯ, ки таги дар меистод.

– Эҳ, – гуфт ӯ дандони садафосояшро нишон дода. – «Як гулу сад харидор» гуфтаанд...

– Қоил-қоил! – оҳи вазнине кашидам беихтиёр.

– Дили Ҷавоҳир соф! Кӣ медонад тақдираш то кучоҳо меба-

---

* Курва – ҷӯҷа; палағда!

рад... Бахмал барин духтар! – таъриф кард Маҳрӯ. – Ҳеҷ касро мисли Шумо дӯст намедорад... Фақат...

– Чӣ фақат?...

– Зайд, – гапро дигар тараф кашид ӯ.

– Зайдро намедонаму лекин, мо куҷоию ситораҳои осмон куҷо? – гуфтам ва аз ӯ пурсидам: – Зайд ҳам ҳушкашолӣ дорад?

– Э-ҳа-а, наход хабар надоред?

– Не, бахудо.

– Вақтҳои пеш, ҳамсояҳо гӯё «гаҳворабахш» гуфтаанд. Зайд ба ҳамин умед мегаштаст... Акнун, ки аз чор тараф ба вай хостгор меояд, васвосӣ шудагӣ. Хостгор фиристод. «Ҳоло вақти ин гапҳо нест»-гуфтаанд падару модари Ҷавоҳир.

– Худаш чӣ мегӯяд?

– Худаш?.. Аз ҳафт маҳали ӯ безор аст!..

– Барои ҳамин роҳатонро тағйир дода, аз пайраҳаи қабристон мегузаред? – хандидам.

Вай ҳам базавқ хандид.

Духтараки ҳалиму меҳрубон буд ӯ. Медонистем, ки имрӯз ё фардо шавҳаршавандааш тӯй карда, ба кадом як ноҳияи дур бурданист...

– Тӯйи кадоматона пештар мехӯрда бошем? – гуфтам.

Ин дам Ҷавоҳир пеш-пеш, аз ақиб Самар муаллим аз китобхона суп-сурх шуда баромаданд. Китобдор онҳоро гусел дошт.

Маро дида Ҷавоҳир ба худ мепечид... Вай моили кӣ буд, ҳеҷ фаҳмида намешуд. Дил сурфа не, ки ҳар ҷо пахн кунӣ... Аз чор тараф хостгор борида, ҳама одамони дорою обрӯманд талабгор баромаданаш на танҳо ӯро, балки тамоми аъзои оила, ҳатто мардуми ҳангоматалаби маҳаллаю ноҳияро дар ҳайрат оварда буд. Ҳайрат ҳайрату лекин таҳдиди Зайд хуб набуд. Аз ӯ ҳар «бало»-ро интизор шудан мумкин буд...

Тез-тез қадам монда, ба синф даромадем.

Самар муаллим ду синфро якҷо карда, дарс гузаштанӣ шуд. Хонандаҳои синфи «Б» турнақатор ба синфи мо даромаданд. Ман китобамро бардошта, назди Шоҳимардон нишастам. Ҷавоҳиру Маҳрӯ, ки аз оштишавии мо ҷӯраҳо бегап хурсандӣ иброз медоштанд, ба партаи ақиби мо гузаштанд.

## 21

**Баъд** аз он ки писараммаамро дар китобхона бо Ҷавоҳир дар гуфтугӯй дидам, аз чӣ буд, ки хонаи аммаамро тарк кардам. Ин

амри дил буд. Ба корҳои падарам ёрӣ медодам. Он кас сари теппаи Теғкалта чайлае сохта, ба чаҳор тарафи боғҳои хоҷагӣ аз ҳамон ҷо муоина мекард.

Падар маро аз дигар корҳо озод карда, имкон дода буд, ки бештар дарс хонам ва фолизи харбузаи зимистониву ангури тойфии боғи худамонро посбонӣ кунам.

Ҳамон рӯз харбузаҳои калон-калони полизро, ки палакаш мурда (хазон шуда) буду мисли барраю бузғолаҳо дар замин мехобид, шумур кардам. Бештар аз дусад харбузаи калон... Онҳоро намекандем. Чунки ҳоло хом ва сахт буданд.

Аз рӯи таҷрибаи пештара онҳоро канда, бо лух дар ҷои алоҳида овехтан лозим буд. Ё ки болои коҳи каҳдон чида мемондем. Он навъи харбуза моҳҳои декабру январ ранги сабзашро бо зарди тиллогун иваз менамуд ва хеле мулоим ҳам мешуд. Мардум худ хонаамон омада, пулашро нақд дода мебурданд...

Мисли ҳамин ҳосили имсола моро ба бисёр чизҳо умедвор гардонда буд.

Падарам ба аммаам гуфта будаст, ки пули онро барои ман нигоҳ медорад. Пеш аз рафтан ба хондан ба дастам медиҳад.

Ин гап маро водор мекард, ки онро хубтар посбонӣ намоям. Гуфтам-ку, ҳамон сол, айни авҷи расидани харбуза як соат борону жола борида, ҷои жола расидааш аз нури офтоб доғи сафед пайдо карда буд.

– Додо, боз пӯсида нобуд нашавад. Харбузаро канда гиремчӣ? – гуфта будам бори дуюм.

– Э кӯдак! Натарс, намепӯсад. То шамоли тирамоҳро нахӯрад, ин навъ харбузаро аз палакаш намекананд ва аз ҷояш намеҷунбонанд, – гуфт ӯ боз насиҳатомез.

Ҳамин тавр то охирҳои сентябр харбуза дар замин монда, на танҳо баргҳояш, балки нартҳояш низ хушк шуда рехт. Сангҳои санглохро мемонд, харбузаи полиз.

Як бегоҳ аммаам маро кофта хона омад.

– Ҳа, Хуррамҷон! Чӣ гап шуд? Аз чӣ хона намеравӣ? – қариб, ки гиря кунад. – Туро ягон кас ранҷонид?

– Не, амма! – гуфтам.

Пеши чашмам бо толибаи худ дар китобхонаи мактаб гап-гап кардани Самар муаллим ҷилва кард. Хостам ба аммаам гап занам, ки муаллим ба толибааш бо чашми «бад» назар кардаст гуфта боз беобрӯ накунанд... Лекин гуфта натавонистам.

– Хона биё... Акаат шабҳо монда меравад, – шикоят кард!

– Нарав гӯед-дия!
– Э, гапам нагузашта монд...
– Хонадор кунед, амма, хонадор!
– Ту ҳам биноӣ, – хандид ӯ. – Ҳамина бо додоят маслиҳат кунам гуфта омадам.
– Ана, худашон ҳам омаданд, – аз хари сафед фуромад падарам.
Апаю додар гарм пурсупос карданд.
Ба гапи калонҳо гӯш кардан аз рӯи одоб не гуфта, хона даромадам.
Аздусар гапашонро мешунидам.
– Ҷиянатона сараша дуто кунем мегӯям, ба ин чӣ маслиҳат медиҳед? – гап сар кард аммаам.
– Ҷои ҳушкашолӣ доред, охир, моҳ?
– Дораму камтар ҷанҷолӣ барин, – забонхоӣ кард.
– Кӣ?
– Духтари раис... Ба онҳо ҷиянатон маъқул... Худаш ҳам моил. Духтар нағз, баақл, даҳ дасташ пури ҳунар... Аз ман сӯзанидӯзӣ омӯхт... Дар оилаи хуб калон шудагӣ... Аз чор тараф хостгор омада меравад... Лекин...
– Ҳамон «лекин»-аш ганда-дия. Ман ҳам шунидам, – гуфт падарам... Бачаи ҳамсояаш «доманчок» ё «гаҳворабахш» будаст, ки хостгорҳоро беҳурмат карда, аз раҳ мезадаст... Ҳоло ба ҳеҷ кас розигӣ надодаанд, охир?
– Не-не. Баҳонаашон – «ҳоло мактабхон аст, тамом кунад, аҷаб не хонданӣ равад» гуфтаанд. Ҳамсояписар аскарӣ мерафтааст. «То рафтанам фотиҳа карда монед!» – гӯён хостгор фиристодаст, ки раис рӯйихуш надодааст...
– Ин хел гапҳо бошад, моҳ, шумо ҷои дигара бинед. Хешони худамон – Имом қассоб, Воҳид қассоб, Ҳамро корвон ошнои ман Тӯрақули чармгар, Ҳомид заргар – ҳамаи ҳаминҳо духтарҳои хуб доранд, аз хоҷаҳои Амон-хона. Гапи мою шуморо рад намекунанд.
– Ҷиянатон розӣ мешуда бошад?... Хуб, маслиҳат карда бинам, чӣ мегӯяд... Баъд худатон ба миён медароед.
– Иншоаллоҳ! Кадом вақт гап задед, ман тайёр... Боми раис баланд! Ҳушёр шавед! Кор бе дилмонӣ гузарад, – таъкид кард падарам.
Аммаам нӯги рӯймоли докаи сафедашро аз хору хас эҳтиёт шуда бирафт.

## 22

**Рӯзи** ҷумъаи ҳамон ҳафта ман хеле серташвиш шудам.

Нав ба дарс даромада будам, ки ба идораи мудир даъват карданд.

Он ҷо котиби Шӯрои деҳа Ҳамро Сиддиқ менишаст.

Мудир гуфт:

– Бо ин кас бирав. Каме ёрӣ деҳ!.. Ҳуснихати хуб дорад, – гуфта маро ба котиб таъриф кард.

Бо ӯ, ки марди миёнақаду миёнасол буд, дар он идора аз ҷавонӣ кор мекард, рафтам. То бегоҳ дафтару варақҳои зиёдашро рӯнавис кардам.

– Туро хурсанд созам? – пурсид ӯ.

– Чӣ тавр? – гуфтам.

– Рӯзи таваллудатро медонӣ?

– Не.

– Ҳозир дафтар мекушоем, – гӯён як албоми калон баровард. Варақ гардонда-гардонда гуфт: – Ана бин, 19 май, 1936.

– Инро кай навиштед? – пурсидам.

– Худи ҳамон вақт… Ба мо чунин супориш дода буданд. Вақти таваллуди кӯдакони деҳаро ном ба ном менавиштем!

Воқеан ҳам хурсанд ва хеле монда шуда хона рафтам. Пас аз хӯроки шом хоб ғалаба кард… Хона даромада хобидам. Пагоҳӣ низ бехабар аз кори олам, ба чизе нигоҳ накарда, сӯйи мактаб шитофтам. Ногаҳ, дар роҳ ба ёдам расид, ки аз чӣ ба Алопар хӯрдание надодам? Аз чӣ вай худро ба ман нишон надод, аккос назад, дум наликонд? Хаёлам, ки дар куҷое кадом ҳодисае рух додасту ман бехабар…

Дарс охир шуду сӯи хона давидам.

Бинам, Алопар таги зардолуи калон мурда хобидаст. Тарафи полиз назар кардам: замин холӣ, ҳамвор. Аз ҳамон қадар харбуза як дона ҳам нест.

– Шояд падар канда бошанд? – ба таҳхона, оғилу каҳдон назар кардам. Нест, ки нест...

Дав-давон худро ба чайлаи Теғкалта расондам. Нафасгардон шуда гуфтам:

– Додо! Харбузаҳоро куҷо кардед?

– Куҷо мекардам?

– Бешӯхӣ?

– Бешӯхӣ.

– Дар палакаш як дона ҳам нест...

– Не-е, – бовар накард падарам.

– Рост... Сагамонро куштаанд...

Падарам гап назада, ба роҳ даромад. Ман пеш-пеш меомадам...

Ӯ аз баландӣ ба саг ва замини кӯл назар кард... Табъаш хира шуда, ба фолиз даромад.

– Ҳамаашро бо думчааш кандаанд, худобехабарҳо! – гуфту сари маро сила кард, ба тойфизорамон гузашт, сипас оҳиста-оҳиста сӯи хирмани мавизи хоҷагӣ роҳ гирифт.

– Ба милиса хабар медиҳем? – пурсидам.

– Э не, ягон рӯз маълум мешудагист! – розӣ нашуд падарам.

Чӣ хел мехостам харбузаро канда овезем, рӯи каҳдон нигаҳ дорем ва ягон панҷ ё даҳтояшро хонаи раис фиристем, то Ҷавоҳир ҳам бичашад. Не, нашуд.

Алами ман меомад, ки чаро сари вақт ғундошта нагирифтем? Чаро ба умеди «шамоли мизон хӯрад» шудем?

На ман ба касе гап задам, на падарам.

Кӣ мехоҳад, ки хандасор шавад?... Аз ин ки «дузд бурдааст» бигӯянд, «дуздондааст» гуфтан бадтар буд дар деҳа.

## 23

**Ҳамон** рӯзҳо ҷавонон аз аскарӣ ҷавоб шуда меомаданд. Ба ҷои онҳо ҷавонони дигарро ба комиссариат даъват карда, аз духтур гузаронда, гурӯҳ-гурӯҳ ба идгоҳ, лаби сойи Ёмчин оварда машқ медоданд.

Қатори аз аскарӣ баргаштаҳо Очил Ҳаким ном як ҳамдеҳаи мо низ буд...

Ӯро пас аз шаш моҳи хизматаш «шабкӯр аст» гуфта ҷавоб додаанд.

Омад. Ба қавли худаш, ҳанӯз ҳам дасти рост кадому чап кадом, гӯё намедонист. Маккори гӯр, худро ба нодонӣ мезад. Дар сухану макру ҳила устухон надошт. Шаш моҳ дар бешазорони Россия ба дили ҳама зада будаст. Каттагӣ мекард, ки ғайр аз як мисраи суруди «Широка страна моя родная!»* – аз урусӣ дигар чизе ёд нагирифтаст. Онро даст сари зону зада дар кӯю кӯчаҳо, боғу даруни бадрафти мактаб ҳам бо овози хиррии дилбазани нофорамаш замзама мекард.

Рӯзе вай ба синфи мо ҳам даромад. Самар муаллим пеш кард.

---

* Беҳаду беканорӣ, кишвари азизи ман!

Дусолӣ дар ҳар синф монда охир синну солаш ба аскарӣ расида, мактаб аз ӯ халос хӯрда буд, ки боз омадааст...

Ду чашмаш ба духтарҳо... Шабкӯри ҳамабин!…

Лекин шабкӯрӣ барои онҳо авлодӣ буд. Падараш Ҳакимхӯҷа низ лақаби «кӯрӣ» дошт.

Одами ганда набуд Ҳакимхӯҷа. Ӯ дар ман як таассуроти аҷибе боқӣ гузошта буд, ки нақл накардан ноинсофӣ мебуд.

Аз сеюм то панҷуми марти соли 1953, вақте ки Сталин бемор буду баъд фавтид, се рӯз пай дар пай ба назди падарам омада мегиристу мегирист...

Аз радиои калони деҳа овози ларзаафкани Левитанро шунида, падарам ҳам мегирист, ки Сталин бемор афтодаст.

Он лаҳзаҳо ман дар лойдон, бо бел лой медодаму падарам devори бороншустаро мебардошт.

Бобои Ҳаким дар тан ҷомаи садямоқ, дар даст асои заранг, дар хона нони хӯрданӣ нею ҳунг-ҳунг мегирист, ки Сталин аз олам гузаштааст.

Падарам «омин, аллоҳу акбар!» гӯён даст ба рӯ кашиду корро бас кардем...

Ман ҳарчанд нав аз мактаб омада будам, боз сӯи мактаб давидам. Муаллимон, фаррошон ҳама бо чашмони пурнам ва аз гиря сурхшуда мотам гирифта буданд. Танҳо кӯри Очил ҷоғ мезаду каф ба сари зону зада «Широка страна моя...»-ро мехонд...

Вай ҳамон рӯз ду-се ҷӯраашро ба хонааш даъват карда будаст, ки мерафтанд...

– Ҳеҷ зиндагӣ дорӣ? – пурсиданд ҷӯраҳояш.

– Бобо як «такаи калон» баста мондагӣ. Насиб бошад, ҳамонро мехӯрем, – муҳобот кард ӯ.

Онҳо пеш ҳам гаштакхӯрӣ доштаанд. Дар ҳамон ҷо маслиҳат мешавад, ки он анъанаро давом медиҳанд...

Сардорашон Қайюм Ҳабиб будааст ё усто Абдулло, ки дар қаду баст ҳарду ҳам шамшодро мемонданду дар макру ҳила, қофияю мазох шайтонро лаби об ташна бурда ташна меоварданд. Яке аз онҳо бо кӯри Очил хайрухуш карданӣ шуда, гӯши чапашро сахт мегазад. Ҷиддияташ ҳам ҳамону ҳазлу шӯхияш ҳам ҳамон, дергоҳ сар намедиҳад.

Кӯри Очил зора мекунад. Дод мезанад, ки бефоида.

– Чӣ мехоҳетон аз ман, девонаҳо, савдоиҳо! – мегӯяд ниҳоят ба ҷон расида.

– Як супориш ҳаст, – мегӯяд дигаре аз ҷӯраҳояш.

– Чӣ супориш! Гап зан! Гӯшама сар деҳ!
– Қасам хӯр! «Очаам занам шавад» гӯй!
– Девона, аз оча гап назан!.. Дарди бачета гирам, пеши худат мурам...
– Нон занад гӯй!
– Нон занад.
– Қуръон занад, ки сирро фош намекунӣ?
– Қуръон занад!..
– Сабр кун! – мегӯяд ӯ ба гӯши дигараш, – як ҷо як чиз дидем. Агар шаб кашонда мегирӣ, як зимистон роҳатамон таъмин...
– Чӣ?
– Харбуза!
– Э худам ҳам дидам! Харбузаи фолизи ҳамсоя. Гӯшама сар деҳ!
– Не, ҳоло сар надеҳ!
– Агар ваъдахилофӣ кардӣ, ё ба даст афтода сирро ошкор кардӣ, гӯшатро канда пеши саги худат меандозем...
– Майлаш! Садқаи одам шавед! Гӯшам дард кард! Сар диҳед, нобакорҳо!
– «Ҷӯраҷон» гӯй.
– Ҷӯраҷон!
– Садқаат шавам! – гӯй.
– Садқаам шавӣ!...
Ҷӯрааш боз сахттар газид. Боз дод зад.
– Умри Ҳазрати Хизрро диҳад гӯй!
– Умри таккабузғоларо диҳад!
– ....
– Акаҳо бас! – додари хурдии кӯр – Чорӣ молбон ба мобайн даромад. – Як хари дигар даркор... Ман худам ба гардан мегирам, – гуфт ӯ, – кашонда гирифтани харбузаро.
– Хуб шудааст, – сари китфи кӯри Очил як мушт зад ҳамоне, ки гӯшашро то ҳол ба дандон газида меистод.
– Ба як шарт, – гуфт кӯри Очил. – Бадал Асад аз гап хабар наёбад. Соҳиби харбуза амакаш аст, медонед девонаҳо ё не!
– Ҳа, медонем! Гап якто. «Харбуза» нагӯед, «бdevраю бузғола» гӯед, ҷин занад!..
– Шудаст...
– Кадомат якто хар медиҳӣ? Бо чӣ мекашонем?
– Чорибой, равед, хари моро биёред!

Ҳар чорашон сари харсангҳои сойи Обиборик нишастанд, ки тобистону тирамоҳ чакрае об надошт.

– Ягон нишона диҳед, ба ман кӣ бовар карда хар медиҳад? – гуфт Чорӣ.

Ҳамчунон хандиданд, ки харсангҳо садо дод.

Хардор рӯймолчаи махсус дӯхташудаи шилшиладорро ба вай дод.

– Шуд! – гуфт кӯри Очил. – Акнун хезед, дафъ шавед!

Бо хандоханд ҳар кадомашон аз сой баромада, чор тараф тақсим шуданд...

## 24

**Чорӣ** ҷомаи сиёҳи дарозашро болои хари усто Абдулло партофта, «их-их-э»-гӯён тозонда ба сой фуровард. Ӯро кӯри Очил мунтазир буд. Як даст дар гӯши сахт газидашудааш гуфт:

– Меравем?

– Ҳоло не, – гуфт Чорӣ. – Моҳ барояд, ака, моҳ!

– Рост, – кӯри Очил ба ҷомааш печида дар як бурҷи суфа кулӯла шуд.

– То баромадани моҳ ман як тарафи Теғкалтаро безобита карда биёям-чӣ? – маслиҳат пурсид ӯ аз бародараш.

– Боракалло, – зуд дарк кард ӯ фикри Чориро, – ин корат нағз, диққати боғбонро ба дигар тараф кашидан лозим, балота гирам!..

Чории дароз аз пайраҳаи барои қаровул намоён рост тарафи боғи мулло Азиз равона шуд... Вай медонист, ки боғбон аз таги чайлаи баландӣ ҳатман ӯро мебинад. Вай рафта-рафта худро тарафи Қумсой зад.

– Ҳа-а-а!! – гуфт боғбон аз баландӣ ҳаракати беҷои шахси номаълумро дида. – Кистӣ? Он ҷо чӣ гум кардӣ?

– Ҳо-о, хайрият! Боғбон маро бидид! – хурсанд шуда чапғалат дод Чорӣ ва пас-паси буттаҳои пурхори дӯлонаю ҳулӯл сӯи кӯпруки Изомхӯҷа давид...

Вай ба худ бовар дошт, ки имшаб боғбон хоб накарда, аз ангурбоғи Қумсой чашм намеканад. Ба хона расиду тарафи акааш: – Хезед, моҳ баромад! – гӯён ба хари сиёҳ нишаст.

Кӯри Очил хари лоғари худашонро савор шуд.

Масофа аз хонаи онҳо то полизи харбуза аз шашсад – ҳафтсад қадам бештар набуд. Онҳо дере нагузашта бо пасткӯчаҳо тарафи боғҳои Ҳафиз Ҳаким ва Наҷмиддини Муҳаммадӣ расиданд.

Ин боғҳои калонро ду сол пештар давлатӣ карда, ба соҳибонашон панҷ-шаш танобӣ замин аз ҷойи дигар дода буданд. Ҳавлию боғҳои обод ҳоло ҳуввас зада мехобид. Токҳояшон ҳанӯз аз ҳосил намонда буданд.

Бародарон харҳоро ба пешгаҳи боғ, ба полиз наздик бурда бастанд ва дар гардани ҳардуяш тӯрбаҳои ҷав овехтанд, то ки овоз набароранд.

Чорӣ нӯг-нӯги по паси хонаи соҳиби харбуза гузашт. Тарафи саге, ки ӯро мешинохт, рӯдаю талхаи такабузғолаи имрӯз хӯрдаашонро бо доруи марги муш оганда оварда будаст, партофт. Аз айвони хона назар кард, ки Хуррам хур-хур хоб аст. Онсӯтар модари бемораш ҳам ҷогаҳ андохта мехобид. Бехавотир аз як бурҷ ба полиз фаромада, ду харбузаи калонро канду зӯр зада ба акааш наздик рафт, аз обмӯрӣ дароз карданӣ шуд.

– Гиред, ака!.. Эҳ, сабил! Мӯрӣ танг – харбузаҳо калон! – аз болои девор дароз кард.

Акояш ду дарзаи паридро аз рӯйи девор афтонд.

– Эҳтиёт шавед, таги парид мору каждум набошад, ки газад?

– Ман ме-га-зам мо-ру каж-ду-мат-ро, – каттагӣ кард кӯри Очил.

Ҳарду дав-давон ними харбузаҳоро дар як дам канда дар бурҷи боғи беодам тӯда карданд.

Акнун кашондан лозим буд. Онҳо дар ин кор таҷриба доштаанд. Каме дам гирифта, ба харҳо бор карданӣ шуданд. Дар ду чашми хӯрҷин бештар аз ду харбуза ҷойгир нашуд, калон буд...

– Ака, бареду хӯрҷинҳоро монда, ҷуволу қаноромонро, биёред, – гуфт Чорӣ. – Ман мондагеша...

– Рост гуфтӣ! Ҷуволу қанор дар куҷо?

– Қӯшшагии гуҷумро* бинед. Тахт карда мондагӣ, – гуфт Чорӣ ва баъд аз рафтани кӯри Очил боз ба полиз даромад. Донадона харбузаро канда меовард.

Кӯрӣ Очил бо харҳо зуд баргашт.

Онҳо харбузаҳоро чор-панҷтогӣ ба ҷуволу қанор андохта, бор мекарданд. Акнун фуроварданаш душвор буд, ки Чорӣ низ ҳамроҳ рафта, зуд-зуд меомаданд.

Моҳ хуб рӯшан буд. Касе аз ин дуздии онҳо хабар наёфт. Харҳо аз вазнинии бор ҳиқ-ҳиқ нолиш мекарданд. То баланд шудани ситораи рӯз корро анҷом доданд.

---

* Гуҷум – сада.

Акнун он миқдор харбузаро ба каҳдон андохта хушрӯ чида мондан лозим буд. Очил як харбузаро пора кард… «Оҳ-оҳ! Акнун об давондаст!» – гӯён ҳалқ тар карданд. Сипас, ҳамаашро бо эҳтиёт дар каҳдон ҷо ба ҷо ва хаспӯш намуданд. Кӯри Очил як ночақулфи қадимии дарозро, ки замоне аз пои аспи кадом раҳгузар – меҳмон кушода гирифта буд, ба каҳдон зада, калидашро дар кисаи шими аскариаш гузошт.

– Рав, додарам. То ними рӯз хоба зан! – гуфта худаш боз ба суфа баромада кулӯла шуд. – Худоро шукр! Ба ризқи додаат шукр! – гӯён зуд хобаш бурд.

Аз кори онҳо имшаб гӯш аз бинӣ хабар наёфт...

Дар ин бора, пас аз вақти зиёд, падарам хабар меёбад, аммо...

## 25

**Кӯри** Очил хари сиёҳи ҷӯраашро савор шуда, саҳар ба комиссариати ҳарбӣ рафт. Харро ба симчӯби телеграф баста даромад. Одами маст барин қадам мезад. Чашми нимкӯрашро аз бехобии имшаба кушода наметавонист.

Комиссар Петров ҳоли ӯро дида шӯхӣ кард:

– Очил Ҳакимович, ба ихтиёрат як «взвод»... Ду-се рӯз машқ медиҳӣ? – гуфт.

– Ҷон Петрофҷон, дарди бачета гирам, балоят ба ҷонам, асло ин корро накун, маҷоли гаштан надорам, – зорӣ кард ӯ.

– Туро боз чӣ бало зад?

– Ҳамин шаб «як грамм» хоб накардаам!

– Хоби ту ҳам бо «грамм!» – хандид Петров. – Расо нӯшидӣ, аз афташ, бо ҷӯраҳоят?

– Нӯшидан дар гӯр!.. Ҳоло навбат ба кашонда бурдани хуми шароби амаки Турсун Шукур нарасидааст, Петрофҷон.

– Ин савдоӣ чӣ мегӯяд? Нафаҳмидам, – ғур-ғур кард Петров.

– Ҳамун нафаҳмиданат хуб аст, Петрофҷон, – шӯхии маккоронаашро ним урусию ним тоҷикӣ давом дод ӯ.

Даъватиён ба гапҳои тумтароқаш механдиданд. Забони ӯро Зайди лак-лакӣ, ки аз субҳ булбулаки ӯ ҳам мехонд, мефаҳмид.

– «Хуми шароби амаки Турсун»-ро боз ҳамроҳ мезанем? – духӯра карда пурсид ӯ.

– Аввал аскарӣ рафта биё! То омаданат «шароб ба қиём мерасад», додар...

– Ҳа, хуб... Имшаб куҷоро задӣ? – одати duздии ӯро ҳанӯз вақтҳои синфи нӯҳ хонданашон медонист...

– Т-ш-ш! – ангушт ба лаб бурд, хаёлаш ки вай аз харбузадуздӣ хабар дошта бошад, даст сари зонуяш зада, сурудашро хонд: – «Широка страна моя род-на-я!»... Ёд гир додар, ин гуна сурудҳо дар аскарӣ лозим мешаванд...

– Э рӯят сафед... Ту барин хизмат мекарда бошам, худамро меовезам!..

– Хуб мекунӣ, додар! Овез, овез! Аздусар духтари раис ба ту намерасад!..

– Хез-е, саг, дафъ шав аз ин ҷо! – Зайди лаклак бо мушт арбада кард.

– Бахудо, ки меравам... Хафа нашав, додар, меравам, якта тасдиқи Петрофа гирам, зуд меравам!

Даъватиёнро кадоме саф кашонда аз дарвоза баровард. Зайд ӯро дашномҳои дастабиринҷӣ дода, бад-бад нигоҳ карду бирафт.

Очил назди Петров даромад.

– Ба ту чӣ лозим?

– Яктаҳак испаравка... «Ба синфи даҳ қабул карда шавад» гӯед, командирҷон. Дар синфи нӯҳ ду сол хонда будам, бас-дия! Синфи даҳашро ҳам бинам, чӣ хел мешудаст... «Астрономия» дарс медодаанд. Бо ин «чашмон» – ба худ ишора кард ӯ, – ситораю сайёра мешумурдаам мани шабкӯр!..

– Ҳа-ҳа-ҳа, – механдид Петров, ки ба тоҷикӣ гап назанад ҳам, сарфаҳм мерафт.

– Барои чӣ «синфи даҳ»? – гашта пурсид ӯ.

– Э, ҳаминро ҳам намедонед-чӣ? Дар он синф чор-панҷ паризод мехондаанд... Тамоми маълумоти олидорҳоро девона кардаанд... Ақаллан мо ҳам аз наздик мебинем-ку?. Як шоир гуфта будаст, Петрофҷон:

*Даст агар кӯтоҳ бошад, орзуе мекунем,*
*Атри гесӯи варо аз дур бӯе мекунем!*

– Чӣ-чӣ? Такрор бикун! – хоҳиш кард ӯ.

– Не, аз дусар намефаҳмед, аллакай аз ёдам баромад, Петрофҷон.

Петров «Справка»-еро мӯҳру имзо карда ба дасташ дод.

– Ина ба дасти кӣ диҳам, Петрофҷон?

– Бубар, ба дасти роҳбари синф бидеҳ, ё ба худи директор!.. Ба ҳар кас ки хоҳӣ, – хандид ӯ, – зудтар бирав!..

– Хуб шудаст, Петрофҷон. Раҳмат, – аз дар баромад кӯри Очил ва банди хари сиёҳро аз симчӯби телеграф кушода, ҷаста

савор шуд: «Их, ҷонвар!»... Худо агар хоҳад, ту имрӯз ҳам ба ман хизмат мекунӣ! – «миннатдорӣ» кард ӯ.

## 26

**Бегоҳи** ҷумъа дар хонаи падари Зайд хешовандонаш барои хайрухуш бо аскариравандa гирд омадаанд. Онҳо ҳамсояашон Рамазони раисро ҳам даъват кардаанд... Не, ӯ наомад... Ба хонаaш хостгорҳо омада буданд...

Димоғи Зайд сӯхта, хона-назди меҳмонҳо ҳам надаромад. Аз роғи девору паси хавозаҳои ток сӯйи ҳавлии онҳо назар кард: яке аспсавору дигаре харсавор. Аз дарвозаи тарафи собот ба ҳавлии раис даромаданд. Онҳоро худи раис ва додараш Чоршанбе даст пеши бар гирифта хона даровrouted.

Пойҳои бақувввати Зайд ларзид. Хостгорҳо одамони обрӯманд буданд. Онҳоро мешинохт. Шайтон бардор мекард ӯро: «Дигар илоҷ надорӣ! Ин хостгорҳо аз ҷониби касе омадааст, ки панҷ сол дар университет таҳсил карда, дорои маълумот, ба болои он санъаткор, падараш ҳам тиллодор!.. Биё, ҳаминҳоро як шармандa соз!»

Зайд аз сари девор тарафи кӯча назар кард: «Аспу харашонро аз сабот баровардa раҳо мекунам! Куҷое ки бираванд!» аз дил гузаронд ӯ.

Ин лаҳза дид, ки кӯри Очил мегузарад. Дар дасташ асо...

– Ҳа, кӯр! – гуппи худро аз девор партофт Зайд.

– Э, талхакаф кардӣ-ку, Зайд?..

– Ин ҷо чӣ карда гаштӣ?

– Э додар, дар кӯчаи шумо саг-паг набошад гӯён мерафтам, ки худат баромадӣ, – духӯра карда посух дод ӯ.

– Худат аз кадом саг камӣ, хи-хи-хи, – хандиданд ҳарду.

– Хуб, гӯш кун, кӯр, – гуфт Зайд.

– Гӯшам ба ту, – гӯши озурдаашро дошт ӯ.

– Мехоҳӣ асп ё харе дошта бошӣ?

– Кӣ намехоҳад?

– Ҳамин ҷо як аспу як хари зӯр ҳаст. Баровардa диҳам, мебарӣ?

– Аз соботи кӣ?

– Аз соботи раис... Меҳмон дорад...

– Не-не-не! Садқаат шавам, аз раис гап назан! Мабодо ман ҳам ба духтараш хостгор фиристоданӣ шавам, рӯям месӯзад!.. Не-не, асло!..

– Бе ин ҳам рӯи ту сӯхтагӣ, кӯр! – сари китфаш як мушт фуровард.

– Куҷо меравӣ?

– Пеши Самар муаллим!..

– Рав! Тезтар дафъ шав!

Кӯри Очил таёқ зада гузашта рафт.

Зайд аз фикраш нагашт. Зада даруни собот даромад. Торик буд он ҷо. Хост, ки аз ақиби хар тарафи асп гузарад. Хари сабил бо пояш чунон зад, ки Зайд бо пешонияш ба сутуни ғурумдор бархӯрд. Шаррас хун ҷорӣ шуд... Сари ҷаҳл чаккуш буд ё табари тез, ки аз даруни охури кӯҳна даст-даст карда ёфту харро зада, шикамашро чок кард. Худ пешонии хуншорашро бо латтакӯҳнае дошта кӯча баромад.

«Куҷо равад? Хуни сабил рафта истодаст! Духтур!» – хулоса кард ва давон-давон ба сой фуромад.

Медонист, ки он сӯи сой, дар сари қӯрғон байтор-духтур ҳаст. «Ман мол не-ку! Хуб, як чакра ёд чаконда бо докае бандад, шуддия!»

Аз сари девори рехтаи қӯрғони кӯҳна дарун даромад. Дар хонае чароғ месӯхт. Наздиктар рафт.

– Кист? – пурсид бо овози ларзон навбатдор.

– Манам... Зайд!

– Чӣ мехоҳӣ?

– Ҳагай амакӣ? – Зайд байтори машҳури ноҳия Ҳагай ҷуҳудро мешинохт.

Ӯ рухсораҳои сергӯшт ва ғабғаби халтазадаи сурхашро овезон карда пештар омад.

– Чӣ шуд?

– Сарро кафондем, амакӣ! – пешонаи хуншорашро нишон дод.

– Даро!... Ҳамсояи раис нестӣ?

– Ҳамсояи раисам, амакӣ!..

– Чӣ шуд? Гав зан!.. Рост гав зан!..

– Ғалтидам... ногоҳ аз лабгӯшаи бом! – дурӯғ гуфт ӯ.

– Сахт ғалтидаӣ. – Зуд бо пахтаи спиртдор пок карда, ёд молида баст. – Пагоҳ духтур рав, духтур... Пеши Довуд рав!

– Хуб шудаст... Раҳмат! – пул баровард аз ҷайбаш Зайд.

– Ман аз одам пул намегирам!.. Ҳайвон биёр, ҳайвон! – хандид ӯ ғабғабашро ларзонда.

Зайд боз аз девори Қӯрғони қадимӣ фуромада, роҳро миёнабур карда, аз сой гузашт ва тарафи хонаашон рафт.

Ин ҳама як соат ҳам тӯл накашида буд.

Меҳмонон – хостгорҳои хонаи раис ҳанӯз ҳам гап-гап дош-танд.

**27**

**Раис –** Рамазони Табар дар назди хостгорҳо худро ноҳинҷор ҳис мекард.

То омадани онон ба ӯ аз идораи комиҷроия Шаҳриёри Шараф – одами мӯътабар телефон карда гуфта буд:

– Хонаатон хостгор рафт, раис. Одамони худӣ. Домодша-ванда ба шумо маъқул хоҳад шуд... Иншоаллоҳ тӯй мехӯрем.

– Худо ба тӯй расонад, – гуфта гӯшакро дар ҷояш монд. – Ҳаминаш намерасид, ки ба масъалаи шахсӣ-оилавӣ ҳам одамони ҳукумат дахл кунанд... Хуб, Шаҳриёр инсони шариф аст... Вай байни ҳар кас намедарояд, ба фикрам, хулоса кард Рамазон раис.

Додари раис Чоршанбеи зард дастархон даровард. Пас аз ҳолпурсии муқаррарии Тӯрақули чармгар, собиқ анборчии раис Наҷмиддини Шокир лаб кушуд:

– Мо ба даргоҳи шумо бо як нияти нек омадем, раис.

«Бо нияти «бад» омада ҳам бин! Дар пӯстат каҳ ҷо мекунам!» – аз дил гузаронд раис ва зери чашм ба дастархон назоракунон гапи ӯро гӯш карданӣ шуда гуфт:

– Хостгорӣ барои кӣ?

– Барои як ҷавонмарди арзандаю зебанда, хатмкардаи уни-верситет – Зуҳур Умбар... Ин кас, амакашон. Падару бародарони он касро нағз мешиносед, – баланд гап мезад Наҷмӣ, ки овозаш-ро як хона онсӯтар, аз дари нимроғ занҳои хонадон низ мешуни-данд ва гӯш мекарданд, ки боз чӣ мегӯяд.

– Мо ҳамроҳи акаатон Шаҳриёри Шараф омаданӣ будем…

– Телефон карданд ба ман, – гуфт раис.

– Хуб, ҳамаи гап маълум. Фақат розигии шумо лозим.

– Розигии дигарон чӣ? Охир, шири сафед дода калон карда-модараш, модаркалонаш, ин ҷо амакаш… Фикри инҳоро ҳам бояд гирифт?

– Аз мо пештар хонумҳо омадаанд. Янгамоҳ, ба фикрам, розӣ – «падараш медонанд» гуфтаанд, – ба чармгар нигарист Наҷмӣ.

– Хуб раванд. Фикри онҳоро ҳам гиранд. Мо аз ин ҷо то «рӯймол» нагирем, намехезем, – ба лӯлаболишт такя кард Тӯрақули чармгар.

Раис вазнин аз ҷо хест. Ба хонае, ки хонумҳо нишаста бу-данд, даромад. Хонумаш кӯрпачаи нав густурд.

– Одамони Зуҳур омадаанд... Фикри шумо чӣ? – гуфт бо сари хам раис. – Ба болои ин аз исполком телефон шуд. Калон «тӯй мехӯрдаем-дия!» гуфта монд... Чӣ кардем?

– Э бачем, – гуфт хушдоманаш. – Духтар, ки қадрас шуд, нағзаш дуои сафед додан аст. Ҷои андак-мундак набудааст. Ин хел одами хондагӣ, баобрӯ, дар кучо? Теду фиристед!..

– Ту чӣ мегӯӣ? Духтарат чӣ мегӯяд?

– Шумо розӣ бошед, мо чӣ ҳам мегуфтем, – моил будани шавҳарашро пай бурда, ҳавола бар худаш кард.

– Ин тавр бошад, «сафедӣ» тайёр кунед! – аз ҷояш хест раис. – Ба духтарат ҳам фаҳмон!..

Хонумҳо ҳам хестанд ба ҳурматаш.

Чоршанбе ба ошхона даромад. Табақи палавро бардошта омад. Ангуру харбузаро бо табақҳои чинӣ бурда доданд. Ахиран «сафедӣ» – як-як метр суфи сафед ва дар рӯймолҳои гулдӯзӣ нону қатмол, кулчаҳои ширмолу набот баста, пеши хостгорҳо гузоштанд.

Ҳарду тараф ҳам мунтазири як гап, ба ҳам менигаристанд. Начмӣ дарк карда гуфт:

– Хуб, мо, ба қавле «нон шикастем». Лекин гапҳои дигарро низ бояд аниқ кард. Дар дунё фотиҳа, ичоб, тӯй гуфтанӣ гапҳо ҳаст.

– Маъқул, – гуфт Чоршанбе-амаки духтар. – Ҷиянам нӯҳума тамом кард. Фотиҳа ба ихтиёри шумоён. Хоҳед худи пагоҳ ё фардо. Даҳани мардума бастан лозим. Лекин тӯяш баъд. Даҳумро тамом кунад. Шаш-ҳафт моҳ, ҳа нагуфта мегузарад.

– Ҳамин гап маъқул, – гуфт чармгар, – мо инро ба қудоҳо мерасонем. Охир, пагоҳ як бедаҳан нависонда медиҳад , ки фалонӣ директор духтари нӯҳумхонро аз мактаб бароварда ба хонааш овард.

– Дуруст, – гуфт Начмӣ, – масъалаи фотиҳаро бо онҳо мепазонем. Хабараш ба шумо мерасад.

– О-мин! Илоҳо қӯшапир шаванд… – кӯтоҳак дуо кард чармгару аз ҷо хестанд.

### 28

**Амаки** духтар чароғи саботро гиронд.

– А? – як қад парида пас гашт ӯ.

– Чӣ гап? – раис як-як қадам монда омад.

– Хари амаки чармгара чок кардаанд?

Чармгар ва Начмӣ гуфтанд:

– Ба асп осеб нарасидааст?

– Не, – ҷилави аспро дошта баромад Чоршанбе ва бо овози баланд гуфт: – Маълум, ки ин кори кист. Пагоҳ рӯз шавад, чӣ будани харкуширо нишон медиҳам!..

– Э бас, бас! Овозата набарор! Ҳамаро шарманда карданд! – гуфт оҳиста раис.

– Ҳамсоя нашуда таги замин гардед! – хитоб намуд Чоршанбе. – Байторро биёрам? Ҳамин ҷо... наздик!

– Ҳагайро? – пурсид раис. – Телефон кунем-чӣ?

– Бо асп зуд рафта меорам. Раҳ наздик

– Аспи мана савор шав, – гуфт раис.

Чоршанбе аз дарвозаи ҳавлии дарун аспсавор баромад ва дере нагузашта Ҳагайи хук барин фарбеҳро ба қоши зин шинонда овард. Вай ҳайратзада метофт...

– Ҳамсояатон кист? – харро аз назар гузаронда пурсид Ҳагай ва рӯдаҳои ҷонварро аз ишками чокаш дарун андохта бо се-чор газ карбос зич карда баст. Миёнашро кашида берун баровардани шуд ӯ.

Хар базӯр ду-се қадам пеш рафту як-як ҷунбида аз дарвоза ба кӯча баромад.

Ин вақт кӯри Очил , асобадаст аз дарвозаи Самар муаллим берун шуд.

Ҳама бо ҳайрат ба вай чашм дӯхтанд.

– Иби, кай мурам, – ба лафзи ҷуҳутон иброз дошт дасташро дар рӯшании чароғ лапар карда ба Ҳагай гап парронд. – Ба хари бечора чӣ шуд?

Касе посухаш надод. Вай ғур-ғуркунон мисли савдоиҳо бо худ гап зада, сарболо рафт.

Наҷмӣ ҳам ба асп савор нашуда, пеш-пеш ҷилави онро дошта, ба сой сарнишеб шуд. Хари карбоспеч низ пояшро тир карда, базӯр мерафт. Чармгар аз нӯхтааш дошта оҳиста мекашид...

Ҳагай дар хонаи раис бо собун даст шуста, ба меҳмонхона даромад. Он ҷо ҳеҷ кас бо якдигар гап намезад. Ҳушу ёдашон ба он банд буд, ки оё ҷонвар-харак то хонаи соҳибаш мерасида бошад?

Хостгорҳо ба сойи Ёмчин фуромаданд. Хар байни харсангҳои азим расиду аз по монд... Тӯппи афтод.

– Шар-ман-дагӣ! – ба ҳаяҷон омад Тӯрақули чармгар. Хӯрҷини холиро аз пушти хар гирифта, ба сағрии асп партофт.

– Шинед, рафтем!

– Ба асп савор шавед, – назди санги ҳамвор боздошт аспро Наҷмӣ. Пасопеш савор шуданд.

Асп рӯ-рӯи сангу оби сой, шақаррасу тапаррас аз зери Қӯрғон гузашту ба роҳи шаҳр даромад.

## 29

**Мардуми** саҳархез намози бомдод хонданӣ шуда, таҳорат мегирифтанд, ки чашмҳошон ба калҳоту калмурғҳои баландпарвози осмони Бойсун афтод.

Онҳо бештар болои Қӯрғон, деҳаи Лофгаҳ, атрофи Лангар айзон давр мехӯрданд. Онҳоро раис ҳам дид. Шояд ҳамсояписар Зайд ҳам зуд пайхас карда буд, ки бо сари докапеч, аз раҳ не, аз пайраҳаи боло гузашта тарафи комиссариати ҳарбӣ равона шуд... «Худо!» мегуфт дар дил, ки шарманда накунаду худи ҳозир ба тарафи Тирмиз (ба аскарӣ) фиристанд ҳам, сад шукрона ба ҷо меовард.

Одати лошахӯрҳо ҳамин: шаб хоб мебинанд ва ҷои лошаро аниқ карданӣ шуда, яке давр мехӯранд дар само!..

То чоштгоҳӣ харро сагҳои гузар пар-пар карда, баъд ҷои худро ба лошахӯрҳо вогузошта буданд...

Ҳамон рӯз касе аз хонадони раис ба кӯча набаромад. Бачаҳои мактабрав ду чашм ба лошахӯрҳои беҳисоб, таги по нигоҳ накарда қадам мезаданд.

Аз баландӣ ҷӯраи ман Шоҳимардон ҳам гоҳ тарафи лошахӯрҳо, гоҳ ба роҳи кӯндаланг, ки Маҳрӯю Ҷавоҳир шамол барин мегузаштанд, назоракунон сӯи мактаб равона шуд. Вай ҳам аз олам бехабар буд...

Касе чизе намефаҳмид. Танҳо Зайд бо сару пешонии докапеч пеши раҳи Шоҳимардонро бурида гузашту ба кӯчаи комиссариати ҳарбӣ даромад.

Ягона кас, ки сирро ҳамон субҳ ошкор кард, Наҷмӣ Шокир буд. Вай назди раиси комиҷроия даромада, аз хостгорӣ рафтани худ «ҳисобот» бояд медод...

– Хӯ-ӯ-ш, шер ё рӯбоҳ? – хандида пурсид раис.

Наҷмӣ ҳайрон шуд: «Наход, ки аллакай хабар ёфта бошад?» – мегуфт ба худ ва дилашро кушоду равшан холӣ кард:

– Хостгорӣ рафта, сари як хара хӯрда омадем! Лекин шер омадем, – гуфт бо лабханд.

– Чутӯ? – ба ҳаяҷон омад Шаҳриёри Шараф.

– Сари хара ё гӯсфанда? – боз ҳам базарба хандид ӯ.

– Не, сари харро!

– Ҳеҷ чиз нафаҳмидам... Хар куштанд-чӣ?

Наҷмӣ нимшӯхию нимҷиддӣ воқеаи рухдодаро нақл кард. Раис сари дилашро дошта хандид.

– Он қишлоқро акнун «хархӯрон» наноманд боз?..

Касе аз болои харкуш даъво накард.

Зайд баъд аз ду рӯз бо даъватшудаҳои аскарӣ ба Тирмиз фиристода шуд. Гӯё олам тинҷ шуд.

Баъд аз як ҳафта, Бойсун фаҳмид, ки зеботарин аз духтарҳояш ба обрӯмандтарин аз фарзандонаш фотиҳа шудааст.

Бо ҳамин пои хостгорҳо аз ҳавлии раис канда шуд.

## 30

Ҷавоҳири олампаноҳро Маҳрӯ-духтари усто Карими мӯзадӯз, ки чун машшота номбардор буд, ба шакли Чилгесӯ (афсонаест дар деҳа) даровarда, мӯяшро майдабофӣ карда, ба ақибаш партофт, ки ба замин расида меистод ва пайроҳаашонро тағйир дода, аз кӯчаи калон сӯи мактаб мерафтанд. Онҳо дар синф ғайр аз ман бо дигаре гуфтугӯ ё саломалек намекарданд.

Дӯстам Шоҳимардон аз чӣ бошад, ки боз бо ман ногап шуд. Тарафи Ҷавоҳир нигоҳе ҳам намекард. Маҳрӯи машшота, ки то он рӯз гӯё «миёнаравак»-и Шоҳимардон буд, мӯҳри хомӯшӣ, аниқтараш мӯҳри пушаймонӣ, бар лаб зада буд.

Дигаронро парвои фалак набуд.

Аз ростӣ, ба Шоҳимардон дилам месӯхт: ягона касе, ки аз сидқи дил ӯро дӯст медошту меҳр баста буд, аз ман ҳам дида ҳамин Шоҳимардон буд. Ният дошт ӯро бо худ ба мактаби олӣ бубарад... Лек нашуд.

Мехостам ба вай дилдорӣ диҳам. Бигӯям, ки «Эй ҷӯра! Ин гуна санамҳо лоиқи ҳақиқии онҳое, ки маълумотро олӣ карда баргаштаанд! Мою ту ҳам иншоаллоҳ университет хонда меоем. Худо як чӣ гуфта мондагист-дия!»

Лекин гап ба гӯши ӯ намефорид.

Ман, писари як боғбони одӣ, ки ақаллан дар хона як гови ҷӯшоӣ надоштем, аз паси чунин ҳавою ҳавас нагаштанро дарк мекардам. Аммо дил як балои дигар буд. «Дили одаткарда – балои ҷон»-аш ҳамин, – мегуфтам ба худ.

Чунин ранг гирифтани масъала, ба «хархӯрон» машҳур шудани номи он гузар аммаи оқилаамро водор намуд, ки маҳз аз деҳаи Зуҳур Умбар, аз он ҷое ки Ҷавоҳири соҳибҷамол арӯс шуда бояд мерафт, ба Самараш арӯс ҷӯяд. Ҳамин тавр ҳам кард.

Ҳатто аз гузари «хархӯрон» гурехтанӣ шуда, аз Кабудтеппа ном мавзеъ хона харида гузаштанд.

Арӯси интихоб кардаи аммаамро ман рафта дидам. Аз Ҷавоҳир ҳеҷ монданӣ надошт. Танҳо падараш аз туркҳои Қаршию модараш тоҷик будааст. «Фарзандонашро ҳам туркӣ ёд медиҳад-дия! – мегуфтам дар дил. – Ҷавоҳир ҳам ҳамин тавр мекарда бошад? Охир, як тарафи шӯи вай ҳам туркнаҷод аст-ку! Хуб, зинда бошанд!»

Аз ҳама аламангезаш ин буд, ки раис Рамазони Табар, аз «хархӯрон» ном гирифтани гузараш шарм дошт магар, ки аз раисӣ истеъфо дода, тарафи боғистони Хоҷа Соат хеста рафт. Корро киҳо карданду бечора раис қимоб гардид. Ҳоло гап сари он мерафт, ки ба тӯи арӯсии ягона ноздонааш Ҷавоҳир меомада бошад?

Аз ин гапҳо ман ҳам бохабар будам. Ҳаргиз равои озори ӯро надоштам. Аз ашк рехтанҳояш дилам об мешуд.

– Хуб, ҳамин тавр шуд. Шумо ба ҷои акаам бошед. Мурдам ба шумо! – мегуфт Ҷавоҳири париваш. Саргаранг буд. Ӯро дастгирию мададгорӣ шарт ва зарур буд…

## 31

**Мо тамомкунандаҳо** ба ду гурӯҳ тақсим шуда ҳамон баҳор ба имтиҳонҳо тайёрӣ медидем. Ин таъриф не, қариб ҳамаи зебопариҳои синф ба гурӯҳи ман омаданд.

Ду дона «бюллетен» махсус аз Сталинобод ба мактаби мо фиристода шуда буд, ки яктои онро ба ман доданд. (Варақҳояшро канда ба ҳамсинфон додам, то шабошаб рӯбардор карда биёянд). Рӯзи дигараш хушрӯ дӯхта, қабати «Ғуломон»-и Айнӣ монда будам, ки ба сирқат бурданд. Маълум буд, ки ба ин кадоме аз гурӯҳи дӯстам Шоҳимардон даст дорад…

Аввалин имтиҳон – иншо буд.

Ман аз Шоҳимардон дуртар рафта, пеши партаи Маҳрӯю Ҷавоҳир нишастам.

Як мавзӯи иншо аз романи «Ғуломон» буд. Ман ҳамонро навиштам. Се-чор варақ шуд... Варақҳоро якто-якто аз таги парта ба Ҷавоҳир дароз мекардам. Вай азоб накашад мегуфтам…

Ӯ ором-ором рӯбардор мекард.

Комиссия пай мебурд ё не, намедонам...

Мо се кас баҳои «аъло» гирифтем: дӯстам Шоҳимардон, хоҳархондаам Ҷавоҳир ва мани сарсахт...

Дар андак вақт ҳамаи имтиҳонҳо тамом шуд. Лек «Номаи камол» ба зудӣ аз вилоят наомад. Шабнишинии мо бо баъзе сабабҳо барпо нашуд. Хайрухуш ҳам аламангез, пурдард, бо ашкрезӣ, лек пурмеҳр анҷом гирифт.

Ахиран моро ба «Слӯт» – ҷамъомади тамомкунандагони ноҳия даъват карданд. Аз мактабҳои тоҷикӣ ба ман сухан доданд. Дар минбар сухан мекардаму чашмам Шоҳимардону Ҷавоҳирро меҷуст. На ин буду на он! Баъда ба «Тоҷгу» – Университети Давлатии Тоҷикистон дода фуромадам.

Дигар бо ҳамин фикр бо Ҷавоҳир, бо мактаб, муаллимонам падруд гуфтам.

Ҳамон сол байни сесад тан имтиҳон супурда, сиҳату гоҳ бемор (аз ҷабинам ҷароҳат-хасак баромада буд) дохил шудам.

Пас аз он нишонии дӯстам Шоҳимардонро ёфта, мактуб навиштам. Ӯ ба ҳамон риштаи таърих, ки завҷи Ҷавоҳир хонда тамом карда буд, дохил шудааст. Табрик кардам. Ӯ ҳам нома навишт...

Пас аз як сол ба таътил омадем. Ҳамчун дӯстони ҷонӣ таътилро якҷоя гузаронидем. На вай аз Ҷавоҳир дигар гап мезаду на ман.

## 32

**Мо гапҳои** гуфтанӣ доштем.

Гоҳ хонаи онҳо, гоҳ хонаи мо омада, аз таҳсил дониш, вазъи зиндагӣ ва ҷаҳон баҳс мекардем. Ҳарду ҳам лаънат мехондем ба онҳое, ки Сталинро бад гӯянд. Охир, ӯро мо муборизи роҳи озодӣ ва истиқлол медонистем, чун инсони матинирода мешинохтем.

Ҳамин тавр ба мо таълим медоданд.

Ҳамин навъ мо ба ғояҳои озодихоҳон эътиқод доштем.

– Э, биё мон ҳамин сиёсатро! Бало ба паси миллатгароён. Як сияҳчашми гурҷистониро ин «кали Хрушев» чашми дидан надоштааст, – гӯён аз баҳри баҳс мегузаштем. Ҳамсинфонамонро, ки аксар дар ноҳия монда буданд, ба ёд меовардем.

Рӯзе, пеш аз бозгашт ба таҳсил (ба Сталинободу Тошкент) ҳарду дар «Дӯкони китоб»-и маркази ноҳия (дӯкондораш амакам Нарзӣ Қозӣ) вохӯрдем.

Амакам ба ҳардуи мо ду китоб дод. «Тӯҳфаи ман» – гуфт. Яке «Ман аз Шарқи озод»-и Мирзо Турсунзода буд, дигаре «Танланган асарлар» («Осори мунтахаб»)-и Ғафур Ғулом.

Осори Ғафур Ғуломро ман аз дасти Шоҳимардон гирифтам. Китоби устодро ба ӯ додам: «Дар Сталинобод ёфт мешавад», – гуфтам.

Дар саҳифаи аввали асари шоири академик чашмам ба мисраҳои зер афтод:

*«Тақдирин қўл билан яратур одам,*
*Ғоибдан келажак бахт бир афсона...»*

Тоҷикияш мазмунан чунин аст:

*Қисматашро бо дасти худ созад инсон,*
*Бахте, ки аз ғайб меояд, афсона аст.*

Қудрати сухани ин шоирон, ки ҳарду академик – шоир буданд, маро мафтун мегардониданд.

Ҳамон рӯз китоб дар даст, бозор даромадем. Бодиринг, помидор ва ду шиша «Кагор» («Қаҳҳор» – шарбати ширини усто Қаҳҳор) бо худ гирифта рӯ ҷониби Кӯҳи Қаламқош ниҳодем. Роҳамон аз паҳлӯи ҳавлии хоҳаркалони ҷӯраам мегузашт. Ӯ даромада як ҷӯра нони гарми танӯрӣ ба коғаз печонда баромад.

Пас, аз Чорчинори машҳур (ҷое, ки охирин амири манғит амир Олимхон вақти фирор аз Бухоро он ҷо як соат меҳмон шуда буд), гузашта, пои пиёда то деҳаи Авлод расидем. Нисфи рӯз ба соҳили Кӯли Сангин, ки бо номи Кампиркӯл машҳур аст, расидем.

Ин кӯл ба андозаи ду ҳавзи муқаррарӣ буда, дар баландии 2000 метр (аз сатҳи баҳр) воқеъ аст.

Монда шуда, акнун рӯи сабза, наздиктар ба чашмаҳои обаш шилдиросзанон ба кӯл ҷоришаванда қарор гирифта будем, ки аз боло санг омад.

Аз ағба рамаи бузу гӯсфанд обхӯрӣ фуромад.

Мо зуд зери камари кӯҳ гузаштем.

Рама об хӯрда пас гашт.

Он ҷо барои рама ҷои хоб набуд. Дар шебу фарози кӯҳ ва гирди кӯл, ғайр аз одам, дигаре истода наметавонист. Бузу гӯсфандон аз рӯи одат ду пойи пеши худро қат карда, фук ба оби кӯл мезаданд. Эҳтиёт мешуданд, ки даруни кӯл наафтанд…

Мо ҷӯпонро ба нон даъват кардем.

Вай ҳам қуруту сир баровард аз «саноч»аш. Нони тобагие аз ҷави сип-сиёҳ доштааст. Чунон хушлаззат, ки…

«Кагор» ба ӯ таъм дод. Аввал «не» гуфта буд. Баъд нӯшид. Ширакайф шуд.

Дам ба дам ба рамааш менигарист, ки чун лашкари Искандари Мақдунӣ аз бузроҳаҳо, қатор андар қатор, рӯболо, сӯи ағба мерафт.

– Оби кӯл ширин аст? – пурсидем.

– Ангубин – асал! – гуфт. – Оби ана ҳамин чашмачаҳо – дия, – бо даст ба чор-панҷ чашмаи хурд, ки аз мағзи санги хоро берун меомад, ишора кард. – Аз дарунаш ҳам чанд чашма ваҳаррас мебарояд…

– Чуқур аст? – пурсид Шоҳимардон.

– Бисёр чуқур, бетаг!.. Боз, оббозӣ накунед! Кашида меравад, – тарсонд ӯ моро.

Саросема аз пайдоиши ин кӯл, аз ашки пиразол (аз достони «Фарҳоду Ширин»), даруни он афтодани як шутури пурбор, вақти сӯи Қизилнавр гузаштани корвон гап мезад ӯ.

– Биёед ба авули мо равем, – даъват намуд моро.

– Рӯзи дигар сафар дорем. Иншоаллоҳ, солҳои дигар меоем, – гӯён хайрухуш кардем.

Рамаи ӯ аз ағбаи сангин гузашта нопадид шуда буд. Худаш низ дар як дам чун раъду барқ омаду рафт.

## 33

**Дар баландии** Кампиркӯл нишаста ба Ҳавзаи Бойсун, ки байни чор сӯ – кӯҳу талҳои азим аст, баҳузур назора мекардем.

Офтоб торафт рӯ ҷониби ғуруб мерафт.

Ниҳоят, ду – се сангча ба кӯл андохта, беному нишон рафтанашро ҳис карда, таг-таги деворкӯҳи баланди Қаламқош, лаблаби ҷӯйбори як вақтҳо аз чиму аз санг сохта гузарондаи падарам нишеб шудем.

Он ҷӯйбор аз чашмаи таги «Дарвозаи Фарҳод» аз захми тешаи ӯ гӯё пайдо гардидааст, қариб аз ду километри камари кӯҳ сарозер мефуромад. Аз қисми поёнаш сангу чим зер кардаанд, ки рӯяшро як навъ алафи худрӯйи кӯҳӣ (гиёҳи маҳин) чун колини паташ яквағабӣ фаро гирифта буд. Рӯ-рӯи он «пати мулоим» туфлиҳоро кашида қадам мезадем, ки по роҳат мекард.

Обаш аз боло бисёр буд. Пойин фуромада то рафт кам мешуд, шояд арчазорону марғзорон ба худ шамида мегирифтанд… То ба сойи Обиборик фуромаданаш камтарак мемонд. Онро ҳам «шукр» гуфта мардуми ду деҳа ба навбат бурда, зироат мекарданд.

Ҳамон сол падарам он ҷӯйбори худро, пас аз рафтани барфу ях ва гузаштани ҷолаю боронҳо, ҷо-ҷо соз карда будаст боз. Ба

умеди ҳамон об шуда, қариб ду гектар замини торс-торс кафида хобидаро ба фолизи харбузаю тарбуз табдил дода буд.

Лаблаби он ҷӯй омада, аз Кабудҷар пушти зави Кабкхона гузашта ба сари палаки падарам ба теппаи Чашмаи Лоло омадем.

Он ҷо расида дидем, ки дасти деҳқони асил ба чӣ қодир аст: ангурбоғҳои серҳосил як тарафу фолизи сабзу хуррами замини Ҳамзахонӣ (падари Самар муаллим) як тараф чашми касро мебурд.

Даруни полиз ду-се хӯсаи сиёҳу сафед намудор шуд.

Болотар аз онҳо, зери дарахти алмуруд, дар тан пероҳани сафед падарам рост меистод. Ӯ даст ба ҷабин гузошта, мо «меҳмонони нохонда»-ро муоина мекард.

– Ҳа-а, – гуфт хурсандии худро ниҳон дошта натавониста, – ба хайр?..

Наздик рафта салом додем.

Бо Шоҳимардон, мисли ҳарвақта, завқ бурда мулоқот кард падарам.

– Хӯш, аз ин тараф?..

– Кӯҳ рафта будем, – гуфтем. – То Кампиркӯл баромадем.

– Хуб ғайрат кардетон.

– Лаб – лаби ҷӯйбори шумо фуромадем…

– Обаш аз боло зиёд, – гуфт Шоҳимардон, – ба ҷои боз зиёд шудан чаро то рафт кам мешавад?..

– Обро кӯҳу арчазорон шамида мегиранд дар ин фасл. Онҳо низ ташна мешаванд! – Хандид он кас. – Шумоён ҳам ташна шудагистед? – ба ман рӯ овард, – ба саргаҳи ҳӯ он ҷӯяк гузаред, бачем, як харбузаи ранговарда ҳаст…

– Аввалинашро мо биканем? – суол кардам маънидор. – Не, худ биканед. Файзи фолиз дар дасти худатон бошад…

– Ҳо-о, як бор таъзирамонро доданд, доданд-дия, – ба Шоҳимардон нигарист падарам. Ӯ нафаҳмид…

Ҳарсе сӯи он ҷӯяки харбуза гузаштем. Палак каб-кабуд, сероб. Пур-пури ҳосил… Бӯи хуши харбуза ба машом зад, ки атри Фаронса пеши он об хӯрдаст…

– Э ҷонварак, худаш думча партофтааст, – харбузаи тӯрдори болояш кабуду тагаш заб-зарди тиллорангро падарам аз замин бардошта ба дасти Шоҳимардон дод.

– Аввали ҳосил насиби мо будаст-дия, – гуфта пас гаштем.

– Ош шавад! Ман хурсанд, ки ба даҳони шумоён ҳам мерасад. Сафаратон кай? – пурсид падарам.

– Пагоҳ… То Шӯрчӣ якҷоя меравем. Аз он ҷо бо ду қатора ба ду тараф, – гуфт Шоҳимардон. – Яке сӯи Сталинобод, дигар – сӯи Тошканд.

– Нағз, – гӯён падар харбузаро се «коса» карда, якумашро назди ҷӯраи ман гузошт. Дуввумаш ба ман… Сеюмашро назди худ гирифта, бо нӯги корд як карч ба даҳон бурд: – бай-бай-бай! Асал-е, асал!..

Пас, мо ҳам чашидем.

Аз харбузаи сари палак дида ширинтар неъмате кам дар дунё!..

Шоҳимардон харбуза мехӯрду қиссаи «чӣ таъзир» дидани моро хост бишнавад, ки пурсид.

– «Таъзир» гуфтеду гап назадед? – суол карду ӯ.

– Э-ҳа-а! – падарам шаби гум шудани дусад харбузаи «тиркиш»-ро нақл карда, дар охир хандида гуфт:

– Дуздони харбузаҳо ошкор шуданд.

– Эъ, ба ман гап назадед-ку? – гуфтам.

– Имсол арафаи Иди Наврӯз аз бозор меомадам, ки таги дарвозае шаш-ҳафт ҷавонмард саф кашиданд. Аз байнашон Нарзулло Махсум – гардан як газ, тануманд, шоффбурут маҳкам дасти мана дошт: «Ҳошшо, як сари қадам ба меҳмонхонаи мо медароед», – гуфт.

– Не, Махсумҷон, намозам қазо нашавад, – гуфтам.

– Намоза ҳама якҷоя мехонем, – гуфтанд онҳо.

Ноилоҷ даромадам.

Йигитҳои сара. Даст ба дуо бардоштам…

Байни онҳо Очил Ҳаким ҳам буд… Баъд аз дуо оҳиста хесту ғайб зад.

Обу зиёфат баҷо. Палав омад. Табақҳо холӣ шуд. Як вақт, як чизи вазнини карбоспечро бо корде оварда пеши ман монданд.

– Хизмат акнун аз шумо, – гуфтанд.

Ҳама ҷим…

Карбоса аз рӯяш бардоштаму дилам таҳ кашид.

Дили одамӣ аҷиб ҳассос мешудааст…

Бинам, харбуза аз ҳамон фолизи порсолаи худамон: рӯяш доғаки сафед (тамғаи жола) дошт…

Хандидам.

Дигарон ҳам маҳтал буданд, ки қаҳ-қаҳ заданд…

– Амакҷон, узр! – гуфт Бадал Асад. – Аз худатон гап намемонад… Ба ин охиринаш корд расонед…

Корд гирифта думчаашро буридам. Аз ростӣ, ки дастам ларзид. Думчаашро дошта, – Бадал, гир! Худат коса карда мон! – гуфтам.

Вай пора мекард.

Харбуза дирӯз аз палак кандагӣ барин. Лекин заб-зарди тиллогун. Рӯяш гарди коҳ дорад.

– Ош шавад, – гуфтам.

Дигар чӣ ҳам мегӯед?..

Базавқ ду-се карч хӯрдам. Асал дар ширинии вай ҳеҷ…

Хуллас, дуои харбузаро алоҳида хонда, ба ҷавонмардҳо умри дарозу ризқи фароғ хоста, аз ҷо хестанӣ шудам.

– Истед, – гуфт Нарзулло Махсум. – Розигии Шумо лозим... Шербачаҳо «шерак-шерак» гуноҳе содир кардаанд. Дигар ин номаъқулиро намекунанд! – гуфта пули зиёди дар як рӯймол бастаро пеши ман монданд.

– «Ош шавад» гуфтам-ку! Ман розӣ. Дар ҷавонмардӣ мо ҳам ин хелаш не, дигар хелашро кардагӣ, – гуфта хестам…

Пулашон монд…

Аммо як ҷома, салла ва як ҷуфт калӯшу маҳсӣ баста доданд:
– Моро бекорд куштед! – гуфт Махсум.

(Қиссаи чӣ гуна ба сирқат рафтани харбуза дар боло ба хонанда маълум аст).

Ҳамин тавр, мо ҷӯраҳо, бегоҳӣ аз назди падар хеста, хона ба хона рафтем.

Пагоҳаш, субҳ падарам то сари бозор омада, ба мо дуо ва аз захираи меҳнати ҳалоли худ кам-кам пул ҳам дод.

* * *

Баъд аз он ҳам, ҳар сол, пасопеш ману дӯстам Шоҳимардон Бойсун меомадем. Лекин бо ҳам вохӯрда наметавонистем… Вай соле ба замини навкорами қазоқ рафту ман ба пахтачинӣ. Ҳамин тавр то рафт ба дидори якдигар расидан мушкил мешуд.

Лекин дар ин миён, ҳар бор ки Бойсун меомадам, ҳатмӣ амаки Ҷавоҳир – Чоршанбеи пӯшидачиро медидам. Одами дидадарое буд. Хуш пурсупос мекард... Аз ӯ Ҷавоҳирро пурсон мешудам. Аз зиндагонии хушу хурсандонааш хабар ёфта, «пурсида монед!» мегуфтам.

## 34

**Ба ин** тариқ солҳо мегузаштанд.

Шоҳимардон Дорулфунунро тамом карда Бойсун омад. Маро дар худи Сталинобод мононданд.

Олам дигар мешуд, одам дигар мешуд. Номҳо иваз мегардиданд. Тақдир то куҷоҳо мебурд, маълум набуд.

Ҳарду ҳам оила барпо кардем. Соҳиби фарзандони ба ҷон баробар, соҳиби ҷо, мансабу манзалат гардидем. Якдигарро ба меҳмонӣ даъват менамудем.

Дар мобайн ман ҳафт сол дар хориҷа, (дар он тарафи Омӯ) будам. Пас аз бозгашт, рӯзе ба идораи дӯстам Шоҳимардон даромада, ногаҳ Ҷавоҳирро дидам, ки дар ошхонаи коллеҷ сарошпаз будааст …

Аз ростӣ хурсанд шудам. Хайрият, хусуматро аз байн бурдаанд, – гуфтам ба худ. Ҳис кардам, ки як нукта дар дили дӯстам гиреҳ бастагӣ. Лек на ӯ гап мезанаду на ман...

Аз ӯ пурсидани ин гап бефоида буд. Ҷилави суханро дигар сӯ тоб додам. Пурсупос кардем.

– Нағз, – гуфт.

– Нағзиатонро медонам, – ҳазл кардам. – Фарзандон саломатанд? – Шукр, – гуфт ва аз фавти шавҳараш гап зад. – Хуб, ҳаёт ҳамин. Таъзияи моро қабул фармоед, – сар фуруд овардам.

Ӯ гирист.

– Буданд ё набуданд, ҳамааш гузашт. Об ба лаби ҷӯй баробар шуд, – гуфт.

Хуб ҳам гуфт.

Баъд аз он ман боз чанд сол сафар доштам. Натанҳо Ҷавоҳирро надида будам, балки Бойсуни ҷаннатосоро ҳам.

Ва инак, имрӯз, дар майдони варзиши Алпомишу гулгашти Бибиширин, дар пеши назари ҳазорон фарзандонаш, бахусус Ҷавоҳири соҳибҷамол нишаста, он рӯзҳоро ба хотир овардам. Аз «Дурдонаи Замин» унвон гирифтанаш масрур будам. Аз шунидани овози зангӯлаосои ҳамсинфам, инсони бедоркунандаи аввалин эҳсосоти боназокати инсонӣ – ишқу меҳру меҳрубонӣ Ҷавоҳир шод шудам... Ӯ буд, ки «Шумоён дӯсти ҳақиқӣ мондед!» гуфта тавсиф кард.

Ҳамон ҷо аз бемории дӯстам Шоҳимардон бо дилгармӣ гап заданаш бароям боиси хурсандӣ гардид.

Ва ман ҳамон бегоҳ, ба қасди дидани дӯсти беморам, дар идгоҳ бо Ҷавоҳир ва Ҳакими додситон хайрухуш карда, роҳи Тирмизи бостониро пеш гирифтам.

Мешуд,ки ба ин қисса дар ҳамин ҷо нуқта гузорам. Лекин масъалаи дигаре пеш омад.

## 35

**Ҳамон** шаб, соати қариби дувоздаҳ ба Тирмиз расида, назди хонаи дӯстам аз мошин фуромадам.

Дида ба дидор расид. Аз шодӣ ашкамон равон шуд. Шукргузорӣ кардем.

Хонумаш чой дам кард, қаҳва овард. Одатан замони сиҳатиаш дер гоҳ шоҳмот мебозидем. Ҳоло аз бистар хестанаш амри муҳол будааст. Дар ин синну сол гузаронидани ҷарроҳӣ кори ҳар кас не, дилаш бақувват будааст.

Чароғи рӯи мизро гиронда, дароз кашидам. Ба ёдам Ҷавоҳири имрӯзӣ расиду гуфтам:

– Аз як инсон, ба шумо салом.

– Кӣ будаст он инсон? – гуфт ва ҷароҳаташ азоб дод магар, ки абрӯ чин кард.

– Аз духтари раис-Ҷавоҳир! – гуфтам оҳиста, – боз хонуматон нашунавад?

– Ӯро хонумам нағз мешиносад, – хандид бепарво. – Дидед?

– Дидам. Дар идгоҳ!

– Нағз будаст, охир?

– Нағз ҳам гап шуд? Гул-гул шукуфтааст.

– Расо таъриф кардед-дия!

– Лоиқи таъриф аст, ҳоло ҳам!

– Эҳ-а, ҳоло ҳам дӯст медоштаед-дия!

– Шумо ё ман?

– Шумо-дия.

– Ман не. Ман кайҳо аз дил бароварда будам. Ҳамчун як хоҳар ба ӯ эҳтиром доштаму дорам. Лек шумо... Ёдатон ҳаст, як вақт ман аз хориҷа омадам, ки дар коллеҷ вазифааш дода будед? Ва шумо олиҷанобӣ карда будед.

– Худаш омад. Ба ман кор ёфта диҳед, – гуфт, – тамом!

– Боз мегӯед, ки дӯст намедоштед. Ӯро сахт дӯст доштани шуморо ман ҳамон соли нӯҳумхониамон фаҳмида будам... Гумон доштам, ки болои хостгорҳояш шумо ҳам хостгори худро мефиристед. Ҳамин гуна ният доштед-ку?

– Дош-там, – нимхез шуд ӯ.

– Пас, чаро нафиристодед? Ва аз чӣ бо ман сахт қаҳрӣ шудед? Инро кайҳо боз пурсиданӣ будам аз шумо.

– Намедонед, барои чӣ?

– Не. Намедонам. Бовар кунед. Росташро гӯед.

– Барои он ки, – гуфт ӯ хоҳам – нахоҳам, дудила шуда, – шу-

мою писараммаатон байн даромадед ва писараммаатон ӯро аз роҳ зад!.. Ана, барои чӣ?

– Ҳа-ҳа-ҳа! – беихтиёр хандидам.

– Чӣ механдед? – асабонӣ шуд ӯ.

– Ором бошед, бечора ҷӯрекам, – гуфтам дар ҳайрат афтода. – Бисёр ба ғалат роҳ додаед. Чаро ҳамон вақт рӯирост ин гапро ба ман нагуфтед? Ин тасаввури бадро чӣ сон то ҳол дар ҷисму ҷон ҷой дода омадед! Ана, ба ин иродаи шумо қоил нашудан имкон надорад!..

– Ба ҳурмати дӯстӣ... Аз ростӣ, то ҳол шуморо бахшида наметавонам.

– Агар ҳақиқати ҳолро ба шумо гап занам, маро мебахшед?

– Аз ин дигар чӣ ҳосил? Ин қадар вақт гузашт...

– Муҳимаш, ғалати худро ҳанӯз ҳам тан гирифтанӣ нестед?..

– Тан намегирам!

– Беҳуда. Агар донед, ҳамон вақтҳо аз асрори хонадони онҳо, аз асрори дили Ҷавоҳир ва миёнарави шумо Маҳрӯ ман бештар бохабар будам. Ман ҳам Ҷавоҳирро дӯст медоштам, аммо мисли шумо не! Ман ӯро чун хоҳархонд, барои зебоӣ, ширинзабонӣ, поквиҷдонӣ, ҳалимияш нағз медидам. Нағз медонистам, ки вай барои ман-писари як марди боғбон ситораи осмон аст, дастнорас аст. Медонистам, ки шумо бародарони хуб, амакҳои доро, бамеҳру шафқат доштед. Агар хостгор фиристед, шояд «не» намегуфтанд... Чунки Ҷавоҳир аз ҳама бештар ба шумо майл дошт. Шумо дар бораи он фаришта фикри нодуруст доштаед!

– Чаро фикри нодуруст? Писараммаатон барои вай шуда аз ҳамон гузар ҳавлӣ харид? Харид. Ҳар вақт бихоҳад, хонааш мебурд? Мебурд. Пас, боз чӣ мегӯед?

– Мегӯям, ки оё шумо ягон бор хона оварданашро бо чашми худ дидаед?

– Не. Ба ман мегуфтанд.

– Ҳа, ба шумо «мегуфтанд». Агар касе ҳам гуфта бошад, ҳатто навишта дода бошад, танҳо ба нафъи худаш кор карда, бар зарари шумо амал менамудаст.

Ӯ кӣ буд, ман пайхас мекардам. Он ҷо «лаклак»-ҳо, кӯри Очил барин масхарабозҳо буданд...

– Шумо гумон мекунед, ки – боз нимхез шуд Шоҳимардони дӯстам ба ҳаяҷон омада, – вай ба хонаи шавҳар духтар рафт?

– Бале, бале! Агар дар мо дуто фариштаҳӯ бошад, якаш ҳамин Ҷавоҳир буд! Якто бошад, худаш буд.

– Ҳаҳ, тавсиф кардед-дия!

– Маро агар дӯст ҳисобед, бовар кунед, ки як умр гапи ҳақро гуфта омадаам. Боз ҳам, ба хотири дӯстиамон, ба хотири он як тан «пошикастаи боиффат» (ба қавли бойсуниён) ҳақиқати ҳолро ба ёди шумо овардам. Маъзарат мехоҳам, агар безобита кардам шумо-дӯсти беморамро...

– Ҳеҷ ақлам намегирад!

– Як суоли охирин, – гуфтам ба ӯ. – Хуб. Гӯем, ки вай «кор кофта» ба идораи шумо, дар айни гул-гулшукуфии ҳаёташ омада будаст. Ҳамин тавр?

– Ҳамин тавр.

– Ягон гандагӣ дидед аз ӯ?

– Не.

– Пас, худаш, ки назди шумо сар хам карда (не, албатта ӯ бо ғурур, бо ҳисси қаробати ҳамсинфӣ) омадааст, оё ба гапи худ дароварда наметавонистед? Ишқи ҷавониро ба хотир овардан мумкин буд – ку? Ҳанӯз ҳам ширааш норафтаю дилкаш буд-ку?

– Ин ҷиҳаташро фикр намекардам. «Ишқи ҷавониямон олуда нашавад, пок бимонад» гуфтам, – тиззас ашкаш равон шуд.

– Ин аз олиҷанобии шумост. Лекин ба сухани ман, ба Ҷавоҳири бегуноҳ бовар накарданатон хатои маҳз аст... Аммаи ман Бибиқанд ҳам, мисли модарҷони шумо инсони воло буданд. Дар хонаи раис даробуро доштанд. Сӯзаниҳо дӯхта доданд, дар кӯрпакашони Ҷавоҳир иштирок карданд. Пас аз воқеаи «хармурд» аммаҷон, падари ман, худи Самар-муаллим аз инсофу адолат кор гирифтанд. Ба Зуҳур Умбар, ки иззату обрӯяш аз ҳеҷ кас кам набуд, муқобил баромаданро беақлӣ мепиндоштанд. Барои Самар на камтар аз Ҷавоҳир арӯсе ёфтанд. Ҳатто тӯйҳояшон дар як вақт барпо шуда, фарзандонашон дар як вақт ба дунё омаданд. Зуҳур Умбарро намедонам, лек Самар муаллим соҳиби чордаҳ фарзанд буд... Дар миёнсолӣ ҳангоми дар хориҷа будани ман аз олам гузаштаст... Бовар кунед, ӯ, шодравон, чандон бешараф набуд!.. Инро ҳам ба назар гиред ва хуб медонед, ки мардуми Бойсун, мисли ҳамаи одамони шарофатманд, агар духтар иффат гум карда бошад, осмонро ба замин фурӯ равонанд ҳам, ӯро дар хона беш аз як шаб нигаҳ намедоранд!.. Шумо инро тан мегиред?

– Тан мегирам.

– Пас чаро ба ёд наовардед, ки:

*Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,*
*Ҷойи кин кин асту ҷойи меҳр меҳр?*

– Шуд? Маро бовар кунондед. Шумо маъзур, – гуфт Шоҳимардон.

Субҳи содиқ ман аз пешонии дӯсти беморам гарм бӯсида, хайрухуш кардам. «Дигар бемор нашавед!» гуфтам.

Ба қатораи «Тирмиз-Сариосиё» нишаста, ба қасди Душанбе рӯболо шудам. Меомадаму хаёлам рӯи дар ҳам – девор ҳам, акси дилҷӯи як парипайкар аксандоз мешуд, мисли як фаришта, ё ҳастак-нестак гирди сарам гӯё чарх мезад. Вай Ҷавоҳир буд!..

Ҳамон вақт боз хубтар эҳсос кардам, ки мо ҳам хуб ошиқ будаем рӯзе... Ошиқони ҳақиқӣ, ҳушёр, бовиқор!..

*Душанбе, 2008*

# МАЪШУҚАРО НАКУШАНД!

**=1=**

**Тирмиз** аз қадим маркази манзили тоҷикони соҳили рости Ому будааст.

Аз бисёрии мардумаш онро шаҳри Ғулғула низ мегуфтаанд.

Дар ривоёти тоҷикони Бойсун омада, ки: ғулғулаи ин шаҳр замоне дар он сӯи Ому, дар Балх ҳам, ки модари шаҳрҳои дунёст, шунида мешудааст*.

Ин шаҳр имрӯз ҳам серодам. Мардум аксар тоҷикони Бойсун, Дарбанд, Сайроб, Панҷоб, Пошхурд, Зарабоғ, Қарабоғ, Вандоб, Сина, Сариосиёву Деҳнаванд, ки бо бародарони ӯзбеку як қисм туркман, якҷоя як ҳаёти серташвишу мардонавор ба сар мебаранд.

Ба ин маъно онҳо мақоле ҳам доранд, ки «Дар Тирмиз ё зӯр зиндагӣ мекунад, ё шӯр!». Зеро барои сокини ин шаҳр, то одат карданаш, чанд чиз басо тоқатфарсост.

Аввал, баҳору тобистони Тирмиз хеле гарм аст. Дар сoярӯ ҳарорат аз чиҳил то панҷоҳ дараҷа мерасад.

Дуввум, тирамоҳу зимистони Тирмиз сарду сершамол. Аз он сӯи Ому «Шамоли афғон» ҳафтае як бор вазида, чунон регборон мекунад, ки чашм во кардан душвор шуда, ҳатто регро зери дандонҳо ғиҷиррос мезанонад!..

Он шамол агар сахт вазад, чангу тӯфонаш, аз ҷониби шимоли Тирмиз, ба ду қабат қаторкӯҳҳои Бойсун бархӯрда, худро сӯи водии Ҳисори Шодмон мезанад. Гӯё баъдан дарун-даруни кӯҳу дараҳои бешумор чангу хокаш то Дарвозу Помир ҳам мерасидаст…

Саввум, хомӯшакҳои беҳисоби нешдори Тирмиз, дар ҳар чаҳор фасли сол, аз шом то саҳар, ба «хунхорӣ» мебароянд. Мардум агар шаб зери чодари суфу дока надароянд, ба умеди хоби ширин намешаванд.

Меҳмони аз атроф ба Тирмиз омада кӯшиш мекунад ҳарчӣ зудтар бо мошину қатора худро ба Бойсуну Деҳнаву Сариосиё расонад, ки обу ҳавои якранг доранд бо Душанбешаҳр.

Муддати бист соли охир банда, чун собиқ хабарнигори «Овози Тоҷик» ва сардабири «Садои Сурхон» ҳар гоҳ ки гузорам ба

* Искандари Мақдунӣ баъди фатҳи Балх, ин шаҳрро ба хок яксон карда «Шаҳр не, термос» гуфта будааст, ки маъноят гарм аст.

Тирмиз афтад, шаб ҳам ки бошад, аз гармову шамолу пашшаи «хунхор»-и Тирмиз тарсида гӯё фирор мекардам…

Лек як шаби тирамоҳ, ба сабаби маъракаи шодравон амакам Самадхоҷа, дар ҳавлии писарашон Расул мондам ва зуд зери чодар («пашшахона») даромадам.

Эй Худо!..

Ҳавлии Расул бист қадам инсӯтар аз симхори сарҳад, қамишу чакалакзори ҳамешасабзи соҳили Ому воқеъ аст. Лашкари пашша аввал он ҷо баҳри «хунхорӣ» чун лашкари Қутайба шабехун зада, баъд аз найнавозию чоплусӣ, сӯйи шаҳр мешитобад…

Мабодо яктояш аз роғи хайма бидарояд, то маҳв нагардад, шири аз модар хӯрдаи касро ба даҳон меорад…

Худо накарда тобистон хомӯшаки хурди назарногире газад, ҷароҳаташ («пиндинка») шаш моҳ (то барфи аввал) баданро сӯзонда, аз худ доғи якумрӣ боқӣ мегузорад.

Адами ин се даҳшат, кас худро дар Тирмиз чун дар оғӯши гарми ҷонона ҳис мекунад ва ба тадриҷ ба ҳамааш хӯ мегирад.

Лек ман кам-кам хӯ карда бошам ҳам, он шаб маро дар он ҳавлӣ хоб набурд. Аз як сӯ хомӯшак, аз дигар сӯ гап-гапи ду хонуми ношинос (мисли ман меҳмон) ҳеҷ имкон надод, ки мижа таҳ бикунам.

=2=

Он ду хонум дар хонаи торики тирезааш тӯр ва панҷарадор то нисфи шаб ҷоғ заданд. Дар дунё гап намонд. Ҳамаашро гуфтанд: хаёлам, ки аз бандари Тирмиз ба киштие нишаста, Хоразму Қарақалпоқ рафтанд. Аз Арали обаш хушкшаванда, аз тунукобаҳои Хазар убур карда, бо паривашони Кӯҳи Қоф дар тамос шуда, гапашон пухт ё напухт, ки сӯи Қазон (Аштархон) гузаштанд. Аз қоидаю қонунҳои Россия тарсида, ба қатораи «Астрахан – Кӯлоб» нишаста ба Тирмиз расидаанд ва барои дуою фотиҳа хонаи амак фуромадаанд!..

Ҳар кас ҳам бошад, хоҳу нохоҳ, ба қиссаҳои шабҳангоми он ду хонум гӯш медод. Ҳама гапашон як сӯ буду лек қиссаи ҳавлангези хонуми солхӯрдатар як сӯ буд. Вай дар бораи чӣ сон ҷон канда натавонистани як марди Худо, аниқтараш сардори милисаи ноҳияи Н. гап зад.

Тимсоли он қиссаро, ки он шаби ҳавлангезу пурбим аз ҳуҷуми лашкари пашша дар соҳили Омуи пир шунидам, пеш ҳаргиз нашунида будам. Ҳатто чунин ҳолати назъро ёд надорам, ки дар ягон асари бадеӣ ин қадар ваҳим тасвир шуда бошад.

Вақти саҳар чӣ сон хобам бурдааст, намедонам. Бедор шудам, ки писарамаки содаю дилаш софу беғашам Расул (Никулин лақабаш) тори сарам нишаста, ашк мерезад.

Ашкрезии ӯро дида, дили худам ҳам ганда шуд.

Гумон кардам, ки шодравон амакам ба ёдаш расида мегиряд.

Не, худаш сир бой дод.

– Маро тарсондед, амак, – гуфт ӯ ба ман, – чӣ, хоб дидед магар? Қад-қад паридед? Ким-чиҳо мегуфтед!..

– На-хо-о-д? – хандидам. Ба афту андоми Никулинвораш чашм дӯхтам. Ҳаракат, овоз, лабу даҳон, чашму бинӣ, ҳатто нигоҳҳояш Никулинвор аст.

Чун завҷааш Анора дар косаҳо ширчой бардошта омад, оҳиста пурсидам:

– Келин*, он «апаҷонҳо!»-ро бе наҳорӣ гусел доштед?

– «Меравем», – гуфтанд. Дар шаҳр кор доштаанд, – посух дод Анора.

– Чӣ хел «апаҷонҳо?» – милт-милт ба ман нигарист Расул амак.

– Эҳ! Ин шӯҷони ман – «Лаку Пак» барин! Дунёро об барад – сел барад, ки парво надоранд! – хандид Анора.

Расул воқеан ҳам аз он ду «париёни парниёнпӯш»-и Ому, ки шаб дар ҳавлии амак меҳмон буданд, хабар надоштааст.

– Амак, – гуфт Анораи ширинзабон ба ман, – он занҳо магар ягон гап гуфтанд?

– Як дунё гап заданд, – беихтиёр ба нақли гуфтаҳои онон пардохтам. – Аҷибаш ин ки собиқ сардори шӯъбаи милисаашон се шабу се рӯз ҷон канда натавониста, хешон ва зану фарзандонашро қариб, ки девона кардааст… Аз талвосаи ҷон худро бардошта – бардошта ба замин мепартофтаст. Ғелидаю хазида то ҷӯякҳои боғ мерафтаст. Дарахту ҳайвонотро беихтиёр лагад мезадаст. Номи кадом як инсонро гирифта дашном медодаст. Болишти таги сарашро мушткорӣ карда «ана ба ту, сагбача!» – гӯён боз аз ҳуш мерафтаст.

Ӯ ин амалро беист такрор мекардаст, лекин ҳеҷ не, ки ҷонаш барояд.

Одам одатан ҷон додани як инсонро асло намехоҳад. Лекин, ҷон додани ин инсонро, ки се шабу се рӯз боз азоб мекашидааст, ҳама мехостаанд!..

---

* Тоҷикияш синҳор (дар Бухорои Шарқӣ) будаст. (Муаллиф).

– Охир чӣ шуд? – пурсид ҳамсӯҳбати он зан дар ҳуҷраи торик.

– Чӣ мешуд?.. Аз деҳаи Пасурхӣ як кампири қаддароз ёфта оварданд. Куртаи зарду-сиёҳ пӯшидагӣ… Овозаш гулдуросӣ. Худаш зард, мардҳо барин мӯйлабаш зард. Асли номаш Фазила, лекин аз сабаби зарди тиллоранг буданаш Зардпарӣ мегуфтаанд. Ҳама аз вай метарсидаанд. Калон-калон одамонро писанду манзур намекардаст…

– Худоё! – мегуфтам ба худ. – Охир, он кас момонофи ману садҳо ман барин ҳамдеҳаҳои ман аст-ку?..

Ба давоми гапи онҳо гӯш додам.

– Он Зардпарӣ чӣ кард? – пурсид ҳамсӯҳбаташ.

Ман ҳам инро донистан мехостам...

Ӯ гуфт:

– Пиразан бало будаст. Ҳамаро аз хона баровард. Ману хонуми милиса аз паси тиреза нигоҳ мекардем…

… Нотарсона ба сари вай даст бурд. Пешона, баногӯш ва гарданашро молиш дод. Зери лаб кадом дуо бихонд. Гӯшҳояшро сахт – сахт кашид… Ба ду китфаш дудаста ду – се бор тап-тап зад… Баъд, аз нӯги рӯймолаш кадом дору баровард, ба лабу даҳонаш молид… Як бӯи ғализ аз тиреза ба димоғи мо ҳам расид. Накҳати райҳон ё алафи кӯҳӣ буд бо омехтаи мӯмиё!..

Баъд аз ҳамин вай орамид… Чанде «хирр-хирр-хирр!» овози даҳшатнок баровarду ҷим шуд.

Зардпарӣ бо дока манаҳашро басту берун омад…

Он ҳарду хонум хомӯш монданд, дигар гап назаданд. Аз афташ, хобашон бурда буд. Бисёр мехостам субҳ онҳоро бинам, ки чӣ гуна одаманд.

Боз мехостам бипурсам: он одам кӣ буд, аз кадом ноҳия буд ва аз чӣ ин қадар талх ҷон кандааст?!

Афсӯс, ки ман онҳоро дида натавонистам…

Сари дастархон, ба тақвияти нақли он хонум, дида ва шунидаҳои дигари худро, ки дар ман сахт асар доштанд, беихтиёр нақл кардам.

**=3=**

Наврасак будам. Паҳлӯи падарам нишаста намози бомдод мехондам (ба қавли баъзеҳо «намоза бобош!»). Рӯзҳои зимистон, баъд аз намози хуфтан, зери шуои фонус китобҳои «Дохунда»-ю «Ғуломон»-и устод Айниро бо овози шунаво ба пада-

ри деҳқонам хонда медодам… Вақти намоз як гапи тағо ва тағобачаам ба ёдам расида, гоҳ-гоҳ механдидам.

Тағоям муаллим буд. Аммо пинҳонӣ намоз мехонд. Ба писари калониаш Раҳматулло ҳам намоз ёд дода буд. Боре дар паҳлӯи якдигар нишаста мехонданд.

Тағоям ба ҳамон қисмати намоз омада, ба тарафи рост нигоҳ карда «салом алекум ва Раҳматуллоҳ» мегӯяд…

Ин вақт писараш Раҳматулло ҳам ба он ҷои сура расида, ба ҷои «ва Раҳматуллоҳ» «саломалекум падари бузургвор!» – мегӯяд…

Инро баъзе муаллимҳои шӯх шунида, ба латифа табдил дода буданд…

Вақти адои намоз ман ҷиддӣ будам. Ҳамаи гапҳо, дуоҳои падарам низ ҷиддӣ. Бомдодон рӯи ҷойнамоз дергоҳ нишаста азизу авлиёҳо, гузаштагони худ, онҳоеро, ки дар мазороти атрофи Бойсун туғ бардошта хобидаанд, ном ба ном ба забон овардаю ашк рехта, баъд гӯё махсус таъкид мекарданд, ки «Парвардигоро! Талхаи ҷон кандан осон кун!»…

Ин бечиз набудааст. Ман он вақт ба маънояш сарфаҳм намерафтам.

Падарҷон дар хазонрези наваду якуми умри худ бемор шуд. Зимистони дароз хобида монд.

Ҳамон шабурӯз ман дар Тошканд будам. Дӯстам Шоҳимардон Қодир сим зада хабар дод ва таъкид кард, ки «бобо бемори вазнину дилашон бодиринг мехоҳад!».

Ин аввалҳои моҳи апрел буд.

Аз Тирмиз ё Душанбе пайдо кардан имкон дошт.

Аз Тошканд ба Душанбе (ба фарзандонам) сим задам, то бодиринг пайдо кунанд.

Бо парвози охирин, дар чиҳил дақиқа ба фурудгоҳи Душанбе расидем. (Он вақт чаҳор тайёра мепарид). Мошинамро дар истгоҳи он ҷо монда рафта будам.

Аз фурудгоҳ ба хона сим задам.

Гуфтанд, ки «бодиринг»-ро пагоҳ, аз гармхонаи соҳили Кофарниҳон меоваранд!.. Ба ман лозим, ки имшаб ба Бойсун расида равам…

Раҳорaҳ ба ресторани «Тоҷикистон» даромадам. Медонистам, ки он ҷо, барои меҳмонони хориҷӣ ҳатман бодиринг захира мекунанд.

Ба пурсишам пешхизмати фариштаҳӯе омад. Матлабам изҳор доштам.

– Охирин як-ду дона ҳаст. Ҳамин ҳоло пора карданӣ будам, – гуфт ӯ.

Гардан кач кардам.

– Ҳо, албатта ба шумо, – гуфт ӯ ва дар коғази тоза печонда овард. Як даҳсӯмии сурх баровардам.

– Дар ин маврид пул намегиранд, – гуфт он фариштахисоли рус. – Илоҳо, шифо шавад!..

– Ташаккур! – гӯён паси фармон нишастам.

Вақти саҳар хона расидам.

Падар чашм во карданд. Як – ду қалам аз бодиринг нӯши ҷон карданд. «Бодиринг ранги каса тоза мекунад» гуфтанд…

Ҳамон рӯз ва рӯзҳои дигар чеҳраашон рӯшан буд… Инро «хонаравшанкунӣ» мегуфтаанд…

Чоштгоҳи 24 апрел ба ман гуфтанд:

– Писарчаатро биёр, бинам!..

Бурдам. Вай якунимсолаи хушрӯяк буд. Мӯйи дарози сипсиёҳашро сила карда, «Умратон дароз шавад!» гуфтанд, – баред, – дасти дуо ба рӯ бурданӣ шуданд, ки даст вазнинӣ кард ва миёни кому забон, ба кадоме маҳтал будани худро фаҳмонданӣ шуданд:

– Мул-ло А-мон-қул?.. – гуфтанд.

Холисии ниятро бинед, ки худи ҳамон лаҳза мулло Амонқул-писари калонии дӯсти ӯзбекашон Хӯҷамқул Сарӣ аз дар даромад. Бо имою ишораи чашм хайрбод гуфтанд…

Мулло Амонқул бошитоб Ёсин мефуроварл… Ба чашми худ медидам, ки падари бузургворам «Аввал занахе заданду охир хуфтанд»… Осон хуфтанд.

Худо барояшон «талхии ҷонкандан»-ро осон гардонда буд…

Ҳоло фаҳмидам, ки он гап чӣ маъно доштааст.

Ғайр аз ин аз бародархонди Сариосиёгиям Аҳмади Бобоёр низ чунин ривоят шунида будам: Бобои бештар аз садсолаашон – нигоҳдорандаи зоти «Элита»-и гӯсфанди ҳисорӣ, сари бистари беморӣ, изҳори орзу мекунанд, ки «Кош, гӯсфанд аз «Дашти Ноф» меомад, кош бӯи чангаш ба димоғам мерасид!..».

Он солҳо дар рамаҳои зоти тозатарини гӯсфандони ҳисории Хуфариён бештар аз садубист ҳазор мешу қӯчқори зоти ҳисорӣ буд… Ҳамин ки аввалин рамаи набераҳояшон – Аҳмаду Мирҳоҷӣ аз деҳаи Чароғон сӯи Сари Ҷӯй ва Дараи Ниҳон гузаштан гирифт, пирамардро рӯи даст бардоштанд. Аз болохона ӯ рамаро бидид. Баоси барраю очагӯсфандро шунавид, чангу бӯйи гӯсфанд ба димоғаш ҳам заду гуфт:

– Шуд, бас!..

Набераҳо рӯи бистараш бурда хобонданд. Табассуме карду чашм аз олам пӯшид.

Инак, дуввумин осон ҷон таслим кардан!

Миллион чунин мисол овардан мумкин…

Аммо Худо нигаҳ дорад аз он талх ҷон кандан, ки он хонум шабҳангом қисса карда буд.

Мехостам пурсам, ки ҳамон сардори милиса кӣ ва боиси ин қадар сахт ҷон канданаш чӣ буд?..

Лек нашуд.

Анора келин каллачаи зебояшро ҷунбонда ба табассум гуфт:

– Тафсилоти он фоҷиаро, амакҷон, фақат як кас нағз медонад!..

– Кӣ? – саросема пурсидам аз ӯ.

– Амакатон – Бадал Асад!..

– А?

– Ҳа-а!..

– Ҳатман хонаи амакҷон меравам.

– Албатта равед. Пушаймон намешавед, – маънидор таъкид кард Анора келин.

**=4=**

Ман аз овони наврасӣ одате доштам: паси ҳар гап намегаштам. Рафту ягон гап дар деги калон ҷӯшад, то риштаю сӯзанаш нафаҳмам, ором намегирифтам.

Он моҷаро ва гапи оддие набудааст.

Ҳеҷ ба худ тасаввур намекардам, ки он моҷаро батадриҷ аз доираи деҳа баромада, ба чандин ҳодисаю воқеаи нохушу тақдирсоз, ҳатто фоҷиа, бурда расондааст.

Аламовараш боз ин буд, ки амаки дарёдилам, ҷону ҷигарам – Бадал Асад он ҳама бори ғамро дар мушт барин дили кӯчакаш чӣ сон то ин вақт ниҳон дошта омадааст?!

**=5=**

Бадал амакро кайҳо боз надида будам. Лек медонистам, ки дар корҳои хоҷагии деҳа шери даврон аст. Дертар посбони истгоҳи калони барқ шуд. Аз ҳамон ҷо ба нафақа рафт. Хона нишаст. Рӯзаю намозаш тарк набуд. Чаҳор тахта боғи Асад паҳлавони падарашро обод нигоҳ дошт. Дар ҳар ду-се сол таги токҳои тойфӣ, уштурдандон, ҷавс, ҳақдодӣ, шаробӣ, ҳусайнӣ ва

кишмиш поруи зиёду кулӯхи офтобхӯрдаи девори кӯҳна андохта, об мемонд, баъд чуқур побел мекард. Ҳосили фаровон мегирифт.

Зиндагонии хонаводаи калонаш аз болои ҳамин буд. Аз касе тамаъ надошт. Чашми дилаш сер як ҷавонмард буд.

Ҳама хуш будем, ки шаъну эътибори авлоди Муҳаммадӣ Арбобро барҷо нигоҳ дошта меояд. Ба гапаш хурду калон гӯш медиҳанд. Эшони Бадалхӯҷааш мегӯянд. Ба «оқсақолӣ» ном бароварда аст.

Рӯзе ки барои диданаш рафтам, байни ҷӯякҳои боғи калон гаштугузор мекард. Ангур мисли лаълу ёқут дар бағали токҳои заминакӣ мехобид. Ҳавасам омад ва боғҳои калони падарии худамро, ки замоне дар Чашмаи Лоло воқеъ буд, ба ёдам овард. Агар ҷаннат дар рӯи замин бошад, ҳамин қадар мешудагист!..

– Аз афташ, кадом реҷа мекашед, амак? – гуфтам пас аз пурсупос. – Чанд тонна тойфӣ меовезед? Чӣ қадар мавизу шиннӣ мешавад-а?.. Рост гап занед, мисли амаки Турсун Шукур шароб ҳам мехобонед? – овозамро пасттар карда пурсидам.

– Пеш … буд, амак? Давраи ҷавонӣ «майи ноб» ҳосил мекардем. Як-ду хум таги пору гӯр мекардем. (Пору гарм-дия, расо меҷӯшонд)… Худаш бас буд!.. Акнун пир шудем, аз маърака дур шудем! – гиряаш омад ва як лаълии калонро ба дастам дод: – аз кадомаш хоҳед, худ бадаста ангур канед. Аз боғи амакатон! – таъкид кард ӯ.

– Не-не, худатон, амакҷон. Ҳусайнӣ, ҳақдодӣ канед! – гуфтам.

Дукаса лаълиро пур карда ангур кандем, сари ҳавз рафтем. Ӯ ангурро об зада – об зада шуст. Ман «Волга»-и наппа навамро аз дарвоза дароварда дар як бурҷи сарҳавз гузоштам.

Хаёлам бо Бадал амак банд буд… Воқеан пир шудааст. Пири хуб, нуронӣ, оқил, худотарс! Ранги рӯяш ҳам суп-сурх. Маълум, ки рӯҳан пурқувват аст!.. Ришаш марғула – марғула печида, то банди дилаш мезад. Чашмаш мисли чашми бобои модарӣ, модар ва тағояш кабудчатоб. Қоматаш ҳоло ҳам алиф барин.

– Ба чанд қадам мондед, амак? – пурсидам ба оби шиша барин каб-кабуди ҳавз нигоҳ карда.

– Таги ҳаштод рафтам, – ришашро даст-даст кард. – Шукр ҳамаамон дарозумр!..

– Амак, фақат дар шумо ҳавз ҳаст. Дигар ба ҳама «водопровод» гузаштагӣ-а?

– Дар Бойсун то дирӯзакак сесад ҳавз мавҷуд буд. Раиси комиҷроия Ҳумоиддини Шарофиддин ба ҳисоб гирифта, нисф зиёдашро нест кард. Аз деҳаи Тӯди ҳаждаҳ чоҳи амиқ канонд. Шермард инсони аҷиб, ҷони одам буд!.. Ҳоло мардум аз ҳамон оби чоҳҳо мехӯранд. Барои боғу роғ аз сойи калон об мегирем, – шукрона ба ҷо овард ӯ.

Лаълии ангурро кадоме бо худ бурд. Мо даст об гирифта ба меҳмонхона гузаштем.

– Раҳ гашта омадаед. Дам гиред! – болиштҳои ҷилдаш сӯфи сап-сафедро аз болои тахмон гирифта, таги оринҷи ман гузошт.

Худ таҳорат доштаст. Намози асрро ғалтида хест… То адои намозаш рӯи дастархон бо нони гандумию ангуру чаккаю мағзу мавиз пур шуд…

Чароғи барқӣ хонаро рӯз барин рӯшан кард…

– Аввал таом, баъд калом, – гӯён нон шикаста монд амакам…

Баъд сӯҳбатамон тӯлонӣ шуд. Ман танҳо ҳамон ду даҳан гапро пурсидаму халос. Дигар ҳушу гӯшам ба амак буд. Амак як таърихи зиндаи деҳа ва ҳатто ноҳия аст гӯям, муболиға намешудаст…

Ман аз омаданам, аз сӯҳбатамон, ҳарчанд ки басо вазнин, ҳузнангез, аламовару ҷонкоҳ буд, пушаймон набудам. Ягон сатр ҳам рӯи коғаз наовардам…

Пагоҳаш маро то маркази ноҳия гусел дошт, амакам.

– То дидан! – гуфтам.

– Омада-омада равед, – гирякунон ба гарданам часпид ӯ. – Мо ҳам офтоби сари кӯҳем!

– Дилро васеъ гиред. Шумо ҳоло бақувват, – дилашро бардоштам ва паси фармон нишастам. (Ӯ баъд аз ду ангурпази дигар аз олам гузашт).

## =6=

Ман «ин фоҷиаро наменависам» гӯён дар дил гиреҳ андохта будам ҳамон шаб дар хонаи амакам Бадал Асад. – Нозукиҳои зиёд дошт ин қисса. Лекин аз гуфтани ҳақиқат чутӯ чашм мепӯшӣ?

Аммо вазъи тирукамонии ҳамоншабаи амакам, ба чандин ранг даромада қисса карданҳояш, дил хуну ҷигар пора бинмуда, ахиран «мо ҳам офтоби сари кӯҳем!» гуфта ашк рехтанаш дар сари бозори ноҳия, маро ҳар лаҳза водор мекард, ки онро мухтасар бошад ҳам, зеби рақам созам, то ба дигарон, бахусус

ҷавонон, ибрат шавад. Худ бихонанд, худ хулоса бикунанд, ки ҳаёт ба инсон як бор дода мешавад. Ба қадри он бирасанд. Покдомон бошанд. Ишқро Маҷнунвор пос доранд, Лайлию Ширинвор дар вафодорӣ устувор монанд. Мисли бонувоне, ки қаҳрамони беҳамтои ғазаланд, поку самимӣ, танноз ва нозанин бошанд. Маъшуқаро, ки зиндагӣ бе ӯ маънӣ надорад, накушанд!..

=7=

Ҳамон шаб ман аз амакам Бадал Асад пурсидам, ки «он одами се шабу се рӯз ҷон дода натавониста чӣ ном дошт ва боисаш чӣ буд?». Вақти назъ номи касеро гирифта дашноми қабеҳ медодаст. Ӯ кӣ буда бошад? Амакам дергоҳ гап назад, ба андеша рафт. Ман низ ба андеша рафтам.

Ҳис мекардам, ки амакам инсони бамулоҳиза аст. Намехоҳад «коҳи кӯҳнаро бод диҳем».

Лекин, ҳақиқатро пинҳон набояд дошт. Он абрҳо, ки як замон бар сари мардуми деҳа борону барфу жола шуда рехтаанд, кайҳо аз ин диёр кӯч бастаанд. Вале асароташон то ҳол ҳаст. Як кас не як кас, як рӯз не як рӯз ба ёд хоҳад овард. Ва хоҳад гуфт, ки оқибат чӣ шуд?.. Сокинони ин деҳаи дурдасти кӯҳистон оё ору номус гум карда буданд, ки нисбат ба тақдири фарзандонашон ба ин андоза беэътиноӣ мекунанд? Чаро аз достон кардани некномону мазаммати гургону шағолону каргасон барҳазар бошем?!

Хаёлам, амакам Бадал Асад низ ин фикрро аз ниҳоди ман, аз чашму дилу нияти ман хонда тавонист ва ба шӯр омад:

– Эҳ, амак, амак! – гуфт ӯ. – Паси гап нагардед! Шумо напурседу ман гап назанам. Аз дарду ғам ин дил тамом шуд. Бо суолҳои худ аламҳои гузаштаро тоза кардед! Аз чӣ болои сӯхта намакоб мепошед? Монед! Касе ки боиси титу урён шудани як оилаи наву ду сағираи бепадару бе модар гардид, гӯре раваду дар наёбад! Худо будагист-ку!..

Ҷабру зулме, ки аз «Касофати он калла ба шӯрбо расид», барои тӯби Арбоб дусад сол ҳам гузарад, ки аз ёд намеравад. Авлод ба авлод, чун оби таги пирях ноаён гузашта, оқибат фурӯ менишинад, баъзеҳоро рӯ ба нестӣ мебарад!..

– Бале, – гуфтам, – бинобар ҳамин ҳам «сафедро сафед, сиёҳро сиёҳ» гуфтан лозим. Ҳақиқат рӯи об баромаданаш даркор-ку!..

– Шумо Малларо дар ёд доред? – ногоҳ суол кард амакам ба девори хона такя карда.

– Малла? Писари мулло Ислом? Ҳамон, ки дар Шарғун ронандагӣ мекард? Ӯро кӣ намешинохт? Амакҳо ҳама мешинохтем, – гуфтам. – Апа дошт. Муҳаррами паризоду безурёди кар. Акаҳо дошт. Калонаш Сулаймон телефончӣ. Ҳоло мулло шудагӣ. Касби падарро соҳибӣ кардааст. Дар Деҳнав зиндагӣ мекунад. Қавоқҳояш фуромада, болои чашмашро пӯшондааст. Дар маъракаҳо сурраҳои Қуръонро баланд – баланд қироат мекунад… Як рӯз байни рафиқони ӯзбек, худро ба осмон бардошта, «ба ман ваҳй омад!» гуфтанашро шунида, расо хиҷолат шудам. Берун бароварда ба тавбааш тазаррӯъ кунондам. Дирӯз арақ хӯрда, пас-паси тоторзанҳо давида мегаштӣ, акнун ба ту «ваҳй» меомадааст? Кофир! – гуфтам. Дамаш ба дарунаш печид.

– Дар вақташ, агар вай одамгарӣ мекард, додараконаш титу пароканда намешуданд, – Бадал амак гапи маро қувват дод. – Хуб, Зокир акааш бо ошпазӣ ризқу рӯзии худро аз маъракаҳои деҳа ёфта гаштаст. Вай ҳам пир шуд. Қайюм ном додаракаш дар Тошканд, ба худаш ҳушёр. Додари хурдиаш Наими аҳвал ҳам соҳиби зану фарзанд аст. Кӯҳнадӯз аст. Инҳоро ҳамон Малла ба «хонаи бачаҳо»-и Бойсун супурда аз гуруснагӣ эмин дошта буд.

– Рӯзе ки ба сари онҳо омада буд, ба сари касе наафтад, амак, – гӯён аз падару модари онҳо гап кушуд Бадал Асад.

– Ман ҳам онҳоро дар ёд дорам: боғи калон доштанд. Рӯи чайлаи калон нишаста Қуръон мехонданд, падарашон мулло Ислом, – гуфтам.

– Боракалло… Он кас писари чаҳоруми Арбоб буданд. Байни боғи бародаронашон як ҷӯйбор буду марз. Девор вуҷуд надошт, – давом дод амакам.

– Чӣ хеле, ки мегуфтанд «ҳалолашон якҷою ҳаромашон алоҳида» буд.

– Амаки калон (Маҳмадсаидхоҷа) рӯи дигар чайла мешиштанд. Атрофашон хавозаи токи сурхак ғарқ пухта, дар шуои офтоб чунон ҷило медод, ки ҳайрон мешудем. Аз ҳад зиёд пир буданд. Сарашон алоҳида, ҷоғашон алоҳида меҷунбид. Барои он ки бисёр ба гап нагирем, як сарӣ сурхак канда медоданд. Наздашон нишаста мехӯрдем. Ҳар бор як суол мепурсидем мо бачаҳои кунҷков:

– Бобо?

– Ҷони бобо, – мегуфтанд, ҷоғашон аз боло ба поён не, аз паҳлӯ ба паҳлӯ меҷунбид. Бинобар ин овозашон мисли овози ғаллабез (ғирбол) ба гӯш мерасид.

– Дар дашт гандум мепазад-а, бобо?

– Ҳа-а, мепазад.

– Байни гандумзор гоҳе як сараки гандум каб – кабуд напухта мемонад. Ҳамун чӣ хел кабуд мемонад, бобо? – мепурсидем мо.

– Ҳа-а, шумо ҳоло надидагӣ-де! Ҳӯ вақти пошидани тухмӣ як – ду дона ҷав ё гандум дар болои (сағрии) барзагов меафтад. Аз саҳар то бегоҳ ҷуфт карда – карда, барзаговро, ки сар доданд, вай монда шуда, худашро меларзонад ё мелесад… Ҳамон вақт он дона рӯи хок меғалтад. Агар парранда ёфта нахӯраду сабз шавад, ана ҳамун дер ба воя расида, охир кабуд мемонад.

– Раҳмат бобоҷон!

Қариб ҳар рӯз вақти сурхакпаз мо наздашон рафта, ин суолу ҷавобро гуфтаю шунида, ангур хӯрда хона ба хона мерафтем.

Аммо бародарашон мулло Ислом ҷиддӣ буданд. Он кас рӯи чайла «Қуръон»-ро варақ – варақ, бо овози баланду хушрӯ қироат мекарданд, мо метарсидем… Наздик намерафтем.

Гоҳ-гоҳ сипораҳоро бардошта, бо муллобачаҳо ким-кучоҳо мерафтанду ману Сулаймон болои чайлаи он кас нишаста, баромадани моҳи пурраро тамошо мекардем… Ситораҳои худро аз осмон меҷустем, – гуфта ба фикр рафт Бадал Асад.

**=8=**

Боре, айни пухтани ангур осмони Пасурхиро абрҳои тира фаро гирифт. «Борам – наборам!» гӯён таҳдид мекард, – гапашро давом дод Бадал Асад. – Мо ҳамон шаб аз дидани моҳи шомхӯрда маҳрум шудем…Одамони бедорхоб – деҳқонон, боғдорон, Худо мегуфтанд, ки борон наборад!.. Агар борад, чӣ қадар зарар меоварад. «Борони бемаҳал – занбӯри беасал»… хирманҳои ғалла нокӯфта тар шуда мағор мебандад!.. Ангури токҳо мелухсад. Мардум аз ман-ман мавиз, пӯст-пӯст шиннӣ, хум – хум шароб бенасиб мемонд!..

Ҳар чиз дар вақташ фарз. Борон ҳам тирамоҳи баланд, баъд аз ба замин афтодани донаи ҷаву гандуми лалмию тирамоҳӣ, борад нағз-дия!..

Не, хайрият, ки ҳамон шаб наборид.

Қарибиҳои субҳ аз ҷануб як шамол омад. «Шамоли афғон» буд аз афташ. Абрҳои қатрачаконро тарафи кӯҳҳои Дӯғобаю Қӯрғончаю Санггардак биронд…

– Ҳай хуб шуд-дия, – гуфтанд амаки мулло Ислом ва як бағал китоби муқоваш чарми сурхро таги болишти хобашон монда, рӯи чайла як дам дароз кашиданд.

Аз чайлаи дигари кунҷи боғот «уҳу-уҳу» сулфаи акаи калонашон шунида мешуд. Мулло хавотир гирифтанд. Аз ману Сулаймон пурсиданд:

– Акем нотобанд-чӣ?

– Не, доимӣ сулфаашон! – бепарво даст афшонд Сулаймон, ки мӯи ғафсаш бо теғ топ-тоза тарошидагӣ, абрувони дарози сип-сиёҳаш то ду бари гӯшҳои калонаш мерасид. Аҷаб хушсурате буд!..

Умуман, ҳамаи фарзандони амаки мулло Ислом хушсурат буданд. Очаашон бениҳоят хушрӯ. Худи мулло амак ҳам марди калон, салла калон, ғабариш, абрувони ғафс, мӯйлабашон бо риши сип-сиёҳашон омехта шуда рафта буд. Саллаю дастори сафед чунон зебиш дошт, ки додари хурдиашон Қурбонбой аз ҳинду покистониҳо (то инқилоб дар растаю бозори Бойсун савдо мекарданд, ки онҳо аз Кобулу Пишовар меовардаанд) гирифта дар анборҳояшон тахт зада мемонданд.

Бойи калони Бойсун ҳамон кас будагӣ. Вақти пеш аз инқилоб рӯ ба фирор овардани ҳинду, покистонӣ, афғон ва Суюн ҷуҳут, молу амволи бисёри онҳоро бо андак пули тиллою нукра гирифта тахт зада будаанд. Бисёр доно буданд амаки Қурбонбой (агар қиссаҳояшон навишта гардад, ҷилд-ҷилд асар мешавад), – илова кард амакам Бадал Асад.

– Рафтем, боборо хабар мегирем. Ҳам сер шуда зардолу мехӯрем, – гуфтанд мулло Исломи амаккалон.

Ману Сулаймон пас-паси он кас рафтем.

– Ака, сулфида мондед? Чӣ шуд? Шамол хӯрдед-чӣ? – бо меҳрубонӣ ба китфҳои фурӯхамидаи марди пир даст бурда молиш доданд.

– Мурдам ба шумо, муллоҷон! – гуфта янгаи Муқим аз хона баромад. Зуд дастархони шоли калонро бо ду ҷӯра нон овард. – Канӣ, муллоҷон, марҳамат кунед.

– Ян-га-а! – гуфтанд он кас, – акема шамол кашондед? – Пиёбаи (пиёзобаи) тундакак пухта хӯронед. Гӯшти қайла доред ё не?

– Дорам, дар қадамҳоятон мурам, муллоҷон, дорам! Акая хабаргирӣ омадед, садқаю банда шавам! Гӯшти «қайла» биёрам-а? Манак мурам, чӣ хел ақлам нарасидааст, – беист дуо мекард Муқимбону.

– «Қайла» лозим не, ян-га! Зардолу пухт ё не?

– Ав, садқа шавам, амакҷонаш! Ман ба зардолу баромада натонам!.. Нарзуллоҷонам ҳоло майдаяк!.. Шумо бароед Бадалҷон!

Як шохаша афшонед. Мурам ба шумо! Садқа шавад янга! – гӯён моро таги зардолу бурд янгаи Муқимбону.

Ин хел зардолу ҳеҷ кас надошт. Зардолуҳои боғи Бойсун кайҳо тамом шуда буд. Дар ангурпаз ҳам амаки калонамон зардолу мехӯрданд. Он зардолуро балхӣ мегуфтанд. Яъне тухмаш (ё ниҳолаш) аз Балх омада буд. Вақти думбул шудани зардолуҳои боғи моён ин дарахти амаккалон гулу давча мебаст. Ба давчааш нигоҳ кунед, рӯ турш мешуд. Давчааш майда – майдаву санг барин сахту шӯр мешуд… Ҳоло ғарқ пухта буд.

Ба як шохи хурдакакаш баромада афшондам. Рӯи алафи кабкабуд зардолуҳои барф барин дурахшон рехт. Сад бор «садқаю банда шавам!» гуфта Муқим кайвонӣ як табақи чӯбини калон зардолу ҷамъ кард.

Сулаймон сари дупо нишаста, аз рӯи сабзаю себаргазор чидачида ба даҳан мебурд. Ман табақи калони пури зардолуро бардошта пеши ду амаккалон бурдам. Ҳамин вақт амаккалонро «нотоб» гуфта шунида додом-Асадхӯҷа, амакҳо-Қосимхӯҷа, Наҷмиддин, Хурсандсӯфӣ қатор шуда омаданд. Гирди дастархон нишаста ҳай нону зардолу хӯрданд-е!

Баногоҳ нӯги остини нимтанаашро тори сар партофтаю бари рӯяшро андаке панаҳ дошта янгаамон Бибӣ Панир – зани мулло Асомиддин омаданд. Аз сари дастархон чанд қадам онсӯтар, зери токи сурхак нишаста ба мулло Ислом гуфтанд.

– Муллоҷон! Ин вақтҳо як фурсат хона намешинед!..

Пӯсткандаи гапро мегуфт он кас.

– Чӣ гап, келин?

– Хонаатон гузаред, – гуфт оҳиста.

– Ав, пештари дастархон биёед, – гуфт Муқимбонуи фарбеҳи гурезу парҳезро намедонистагӣ ва шохи дигари зардолуи сафедакро афшононда боз як табақ чинда бо якта нон ба дасти Бибӣ Панир дод: – Ҳамунҷа баред, – гуфт.

Мулло Ислом ба дастархон дуо карда хестанд ва аз марзҳои байни боғ гузашта тарафи хонаашон рафтанд. Дигарон бо хавоси парешон сари болини амаккалон монданд, ки дам ба дам месулфиданд ва сару ҷоғашон мисли махлуқи Худо – буми зебо беист меҷунбиду меҷунбид.

– «Чӣ гап бошад?» – ману Сулаймон ҳам хестем.

Бибӣ панир ба Муқим кайвонӣ гӯшакӣ карда ким-чӣ гуфт ва пас – паси мо омада Сулаймонро маҳкам аз дасташ қапид:

– Гӯш кун! Ҳардуят давида хонаи Бибӣ Фазила равед… Гӯед, ки ба тезӣ биёянд. Очаат шаб боз нотоб!!! Фаҳмидӣ?

Мо пасопеш давидем. Калонакак бача ҳастем. Ва зуд гашта омадем, ки амаки мулло Ислом, ҷониби қибла нигоҳ карда хушрӯ «Қуръон» тиловат мекунанд. Бибӣ Панир парешон, баромада Бибӣ Фазиларо пешвоз гирифт.

Мо таги чайла рафта, рӯи сабзаи лаби ҷӯй ғел задем ва аз абрҳои сафеди сари қуллаҳо чашм намекандем.

Баъд аз омадани Бибӣ Фазила мулло тиловатро бас карда, дасти дуо ба рӯ кашиданд ва китобашонро таоф карда боз рӯи болишт гузоштанд. Саросемавор аз сарҳавзи тағои мулло Шодӣ гузашта дарвозаи Сайфиддинхоҷаро тақ-тақ заданду баъд бо шарикдарсашон Рӯҳиддинхоҷа омаданд…

Мо ба ҳурматашон аз ҷо хестем.

Онҳо ҳам сари марза нишастанд ва додари Рӯҳиддинхоҷа Хол (курра лақаб дошт) яке милтиқи ба карбос печонидашударо оварду ба ҷои панаҳ, ба таҳхонаи мулло наздик шуда гумбуррос ба ҳаво як тир холӣ кард.

Овози тир ба дару девор бархӯрда, акси садо медод, ки овози қаҳролуди «инга-инга! Ваъ-ваъ, инга-инга!» то поёни боғ расид.

Чеҳраи муллоҳо рӯшан шуд. Холи милтиқдори пакана ҳаққашро гирифту бо Рӯҳиддинхоҷа тез-тез қадам зада рафтанд. Даҳани Сулаймон титу пит буд…

Мулло Ислом рӯйи ҷойнамоз ғалтида хестанд. Лекин ҳоло пешин нашуда буд. Новақт ҳам намоз мехондаанд-дия! – ҳайрон будем ману Сулаймон.

Момодояҳо ҳам корашонро тамом карданд магар ки як вақт Бибӣ Панир парпечи кӯдакро бардошта пеши мулло овард.

– Шодиёнаи моро бароред! Ана, боз писарча! Худо яке гардонда дод! Янгем ду рӯз дард хӯрданд… Дар гӯшаш азон хонед! – амр кард Бибӣ Панири бади бало!

Мулло амак аз киса як рупия (он вақтҳо ҳанӯз пинҳонӣ нигоҳ медоштаанд одамон) ва донае тилло барои момонофи калон – Бибӣ Фазила (Зардпарӣ) доданд. Кӯдакро рӯи зону гузошта, аввал ба гирду пеш тарсида-тарсида назора карданд. Баъд бодиққат ба рӯи кӯдак нигариста: – Худоё, ин ба кӣ монанд. Ба амаки Қурбонбояш рафтааст… Бигзор, мисли вай доно, зирак, бою бадавлат шавад! – дубора ба гирду пеш, бо хотири парешон назар карда, паст-паст ба гӯши тифл азон хонданд. Панҷа ба рӯи тифл расонда, дасти худро бӯса доданд. Кӯдак дар хоби ором буд. Вай пас аз азоби талоши якшабу якрӯза барои ҳаёт гӯё «дам» мегирифт!..

– Ана, баред! – тифлро дасти янгаашон доданд.

Ӯ рафт.

Мулло амак боз рӯи ҷайла баромада дароз кашиданд. Ҳама ҷо ором буд…

– Додарчаат муборак! – гуфтам ба Сулаймон, ки бефаҳмтар буд. Ё ақлаш гирад ҳам, дамдузд буданашро намоиш медод, – рафтем, – гӯён шодиёнагирӣ хонаи амаккалон давидем.

Муқим кайвонӣ сад бор садқаю банда шуда, «Додома гардам, хабари хуш расондед»-гӯён яктогӣ рӯймоли гулдӯзии духтарашон Саломати чевар дӯхтаро ба миёнамон баст.

Шодона тарафи хонаи худамон – Даҳанаи Шамъ давидам, то очаамро хабардор созам…

**=9=**

Дар ҳафтрӯзагӣ Малларо гаҳворабандон карданд.

Ҳамаи амакҳо омаданд.

Қурбонбойи назарбаланд ҳам омад.

– Ба вай ном монед, амакҷонаш, – тифлро момодояаш Бибӣ Фазила (Зардпарӣ) бардошта пеши мардҳо овард. – Рӯкалону каллакалон мисли падараш, мӯяш зарди тиллоӣ – мисли амакҷонаш Қурбонбой! – ғулдурос зада мисли раъд овоз мебаровард Бибӣ Фазила.

Қурбонбой фаши саллаи симобияшро, ки ба риши сиёҳи қайчизадаи кулӯтааш аҷаб зебише дошт, боло халонда парпечи кӯдакро дар бағал гирифт:

– Эҳе-эҳе! Инака бинед, инака бинед! Малла будааст! Мӯякаш зард, тилло барин! Номаш худаш катӣ – Малла! Ҳа, Малла. Аз ин номи мувофиқтар нест! – Тангаҳои панҷсӯмаи тилло (Николайи) баровард.

– Малла бошад, Малла-дия! – Бибӣ Фазила аз дасти Қурбонбой як дона тиллоро гирифта бирафт.

Ҳамин тавр номаш Малла шуд… Бурда ба гаҳвора бастанд!

Барои он ки бача ба душворӣ таваллуд шуд (ҳатто милтиқ андозонда буданд) як буқачаи дусолро кушта, «хомталош» карданд… Як кӯчқори шохдорро аз кӯра кашида дасти қассоб доданд.

Зиёфат рӯғанӣ шуд.

Аз рӯғани думба ба лабу бадани кӯдак молида, махсус ҷӯшонда гирифта, кам-камак «ҷизза-бувва» гуфта очааш мехӯронд, то ки бо шири модару равғани думба устухони кӯдак

сахт шавад,, касал нашавад, чаққону солим ба воя расад, паҳлавон гардад.

Дар Бойсун ҳамаи модарон ин корро мекунанд. Худи очаҳо чормағзу пистаю бодомро бо мавиз якҷоя хоида ба даҳони кӯдак медоштанд. (Ҳоло ҳам ҳамин тавр мекунанд) То дандон баровварда мағзу мавизхӯр шудани кӯдак ин амалро давом медоданд.

**=10=**

Ҳамон сол бисёр бафайз омада буд. Ҳосил фаровон шуда буд. Ангури боғҳо ҳам пухта расида, мардумро серташвиш гардонд. Муддати чиҳил рӯз ҳамаи корҳои асосии ҷамъоварии ҳосилро бояд анҷом медоданд. Ҳар оила мувофиқи қудраташ хум-хум шарбату шароб, кӯза-кӯза ва пӯст-пӯст шиннӣ бардоштанд…

Хуб, ғалла-ҷав, гандум, нахӯд, зағир, мош, кунҷид, индавро дар анборҳо ҷо дода, коҳу бедаю пахолро дар коҳдонҳо андохтанд. На танҳо ғами зимистони худро хӯрданд, балки хӯрокаи чорвои худро низ нағзакак захира карданд.

Мардум батадриҷ меосуд. Ҳама дар деҳа Худоро шукр мекард, ки офтоб бар сарашон нур мепошад. «Подшоҳ» Исталин мамлакатро сахтакак идора мекунад. Мардум интизомро риоя карда, торафт серу пур мешавад. Тӯй паси тӯй. Дар деҳа касалӣ кам шуда, муромурӣ гӯё қатъ гардида буд… Бимирад ҳам пирамард ё пиразани навад-садсола мемурд. Мардум «чашми бад дур – чор рӯз дами беғам занем» мегуфтанд.

Ин охирҳои соли 1936 буд.

Дам ба дам ба пеши Сулаймон мерафтам. Зокир майда буд. Малларо доим бардошта мегашт. Намезад, ҷанг ҳам намекард. Як кӯдаки ором буд Малла. Калла-калон, рӯяш сап-сафед, мӯяш забзарди тиллоранг (як даста мӯи маҳинаш сафеду ба пешонааш фуромада меистод). Бинед – набинед Қурбонбой – асл тоҷики орийӣ! мегуфтед… Гиря чист, намедонист. Баъзан аз дасти Зокиракааш рӯи сабзаю себаргаҳои боғ меафтод. Кирми шабчароғ барин хазида таги токҳои пурангур медаромад, ғӯраи чашмакзадаро канда ба даҳан мебурд. Лабакони паллаи зардолу баринашро дӯр мекард, рӯяш буҷур мешуд, баъд қиқир-қиқир механдид. Бисёр хушбӯй буд. Ман ҳам тез-тез хонаашон рафта, гарданашро бӯ-бӯ карда бардошта мегаштам. Зокир баъзан бахилӣ карда ба ман намедод. Гоҳе ҳарду барои вай ҷанг мешудем!..

Ин аҳвол дер давом накард. Баъд аз ду-се сола шудани вай янга боз ду писарча таваллуд кард.

Онҳо мисли Малла набуданд…

Барои ман ҳамин тавр метофт магар, ки Малла як навъ меҳр дошт. Ҳатто ба Зокир нафаҳмонда бардошта хонаамон меовардам.

Модари ман ҳам кӯдак дошт. Додаракам Абдулҷалил таваллуд шуда буд. Очаам ба ҳардуяш бо шиннӣ омехта карда қаймоқ медод. Тухм ҷӯшонда мехӯронд. Албатта думбаи гӯсфандро алоҳида барои кӯдак пухта нигоҳ медошт, дар таги сабад.

**=11=**

Баъдтар ким-чи хел воқеаҳо рӯй медод, ки даҳони мо қишлоқибачаҳо воз мемонд. Намефаҳмидем…

Баъзеҳо аз «Инкибеди» (НКВД) метарсонданд. Кадоме аз Яъқубча ва Ишқул ном одамон метарсонданд. Онҳо «шербачаҳо»-и Питиринка (Петренко). «Илоҳо ба қаҳру ғазаби Худо гирифтор шавад!» – гӯён дуои бад мекарданд. Мегуфтанд, ки «азонгӯӣ», «қуръонхонӣ» дар ҳамаҷо манъ шудааст. Худамон чуқур канда, китобҳои арабиро дар ҷӯякҳои боғ, таги ток гӯр мекардем.

Боғро соле як ду бор «гулоб», «алаоб» медодем. Китобҳо аз хотир мебаромад. Баъд кушода медидем, ки пӯсидаю лухсида нобуд шудаанд.

Хуб, китоб садқаи сар, худи муллою саводхон намонд!.. Ана ҳамон вақт мулло Исломи амакамонро ҳам бурданд. Бедому дарак шуданд!.. мулло Шодихоҷаро бурдандy он касро «пир» гуфта худи Питиринка ва Ғаффор командири пиёлачашм ҷавоб додаанд…

Китобҳояшонро дар бурҷи милисахона ҷамъ карда, нағз – нағзашро алоҳида монда, баъзеяшро бо варақҳои бекора оташ мезадаанд.

Мардум дар ҳарос!...

Дар деҳа аз ҳама фаъол чанд ҷавони хабаркаш, чаковак барин худро аз кӯрпа ба пӯстак мезадаанд, аз лабгӯшаи бому байни долу дарахт одамонро ба муоина гирифта, хабарбарӣ мекардаанд.

Муллоҳо мегурехтанд, сӯи Кӯҳитанг, Қӯрғонча, Алачапон, ба авулҳои ошнои ӯзбекашон рафта, моҳҳо пинҳон мешуданд…

Ин таъқибот тамом шуда-ношуда «Компанияи тилло» сар шуд… Ба одамон «Худо дод!».. Хуб, тилло дар куҷо?!. Авалҳои инқилоб, баъд аз Инқилоби Бухоро, солҳои мубориза зидди

босмачиён «тилло»-ро ким-киҳо аз байни мардум ғун карда гирифта, гӯё ба хазинаи давлат супурда буданд.

Инак, боз боқимондаашро ҳам ҷамъ карда гирифтан лозим…

Щербачаҳои ГПУ хабар мекашидаанд, ки аҳволи кадом оила хубтар. Кӣ тилло доштанаш мумкин?

Даставвал Қурбонбойро аз Пасурхӣ гирифта бурданд. Амаку амакбачаҳояшро ҳам бурданд.

– Қосим! – гуфт Ғаффор командири пиёлачашм, – рав, аз ошноҳои ӯзбекат як-ду дона тилло ёфта биёр! Ба ту ҷавоб!

Писарамаки мулло Ислому Қурбонбой аз маҳбаси пурдаҳшати Бойсун ҷавоб шуда омад. Амаки Қосимхон ҷавонмарди боғдор, даравгар, пойбелкун, дар меҳнат аз ҳеҷ мушкилот рӯ натобанда буд. Баромаду сӯи Чак-чак ном мавзеи Танги Ҳарам (Деҳқонобод) рафт. Ғаллаи ошнои ӯзбекаш Хӯҷамқул Сарии бойро даравида, пас аз даҳ рӯз ду дона тилло оварда доду ҷонашро халос кард

Аз Пасурхӣ, Бибиширин, Кӯшкак, Авлод, Сариосиё, хусусан Дарбанд (тиллодортар буд), Сайробу Панҷоб, Пошхурду Вандоб, Ҳавзу Кӯрғонча чӣ қадар касро Питиринка овард, «тилло надорем» гӯён зор-зор гиря кунанд ҳам бовар накарда, тарафи Тирмиз, аз он ҷо ба вагонҳои шалақ бор карда сӯи Оренбургу баъд тарафҳои Сибир ҳай мекард.

Амаки Қурбонбой ҳам рафт. Аз ҳеҷ кадомашон дараке набуд!..

Мардум зиндагиашро ба қавле бо «чашми кӯру оби шӯр!» – давом медод… Кӯдак таваллуд мешуд, духтар ба шавҳар мерасид… Як сол ҳосил фаровон шавад, соли дигар ҳамаи боғу роғро сармо зада, зиндагии мардумро пурташвиш мегардонд. Бо вуҷуди ин деҳа пур-пури одам буд. Ҳама гарданфарозону гурдон!.. Садои ханда аз кӯю кӯчаҳо дур намегардид. Суруди хирманкӯбӣ, найнавозии Бобораҳими сангшикан, садои карнаи радиои маркази ноҳия доимӣ шунида мешуд. Тӯйю тамошоҳо низ барпо мегардид... Мактаби нав, иморати сап-сафедаш нури чашмро мегирифт. Муаллимони аз Самарқанду Бухоро курси омӯзгориро хатм карда омада, ба деҳа шаъну шукӯҳи нав зам мекарданд.

Ана, ҷанги Гирмон сар заду боз деҳа холӣ шуд… ҷавонмардону гарданфарозон ҳама рафтанд. Бачаҳои наврас, занҳо, пирамардҳо корҳои хоҷагиро анҷом медоданд. Вақти мевапаз номаълум мегузашт… Хусусан охирҳои соли 1944 чатоқ

шуд… Зимистон сахт омад. Мардум ҳарчӣ дошт, тамом карда буд. Занон, писару духтаронашон дар ҷустуҷӯи як пар нон кӯхистони Бойсунро тарк карда сӯи Деҳнаву Регар, Ҳисору Исталинобод мерафтанд… Агар ордеву ноне меёфтанд, дар роҳ дуздҳо кашида мегирифтанд… Маҷбур ордро хамир карда, хамир бардошта меомаданд…

Ин ҳам дер давом накард. Пирон, бачаҳакҳо хона-хона аз гуруснагӣ мемурданд. Роҳбари хоҷагӣ ҳарчӣ дар анборҳо дошт – аз қабили ҷав, гандум, мавиз, санҷид, ғӯлунг тақсим карда медод!..

Ҳамон сол хонуми мулло Ислом – модари Малла, касал шуда дар дасти авсунаш – зани Қурбонбой ҷон дод. Духтари қадрасаш Муҳаррам, ки ба писари Қурбонбой – Ато фотиҳа шудаю Ато дар ҷанг буд, барои зинда нигоҳ доштани додараконаш Зокир, Малла, Наим, Қайюм ба каси дигар … шавҳар кард. Малларо янгааш – зани Қурбонбой ба хонаи худаш овард. Вай ҷавони 12 сола, чаққонак шуда буд, дар корҳои хона ба янгааш Муслима ёрдам мерасонд.

Аз ҳоли ҳамаи онҳо Бибӣ Панирӣ мардсифат хабар мегирифт.

– Бибӣ, – гуфт рӯзе Муслима шаш қатор ашкаш равон шуда, – гушна ҳастем. Бачаҳо мемуранд… Чӣ кунем?

– Надонам! – ожангҳои ҷабинашро боло кашид он пиразани сияҳҷурдаи оқила. – Ин сӯ – он сӯро кофта бин! Аз тиллою нуқра ва рангҳои шавҳарат дар дастат ҳеҷ чиз надорӣ? – гуфт ӯ.

– Бу-в-в-в! Бибиҷон! Агар медоштам, нигоҳ карда менишастам? Ба худатон шояд ҷои чизҳои шавҳарам маълум бошад?

– Не-не-не-не! Ҷонам! Ӯҳӯ-ӯ-ӯ! Бой магар ба мо сир бой медод! Аҷаб не, дар ягон ҷо чизи пинҳонӣ дошта бошад, – овозашро паст кард вай. – Агар бошад ҳам, ғайр аз Асад полвону Қосимхон дигар касе намедонад. Ҳардуи онҳо ҳам дар ким – кучҷои Урусия…

Ба баталиёни коргарӣ рафта буданд онҳо.

– Кошкӣ ягонтаашон меомаданд, – номи онҳоро шунида Муслима сахт гирист.

Бахусус бо Қосимхон (ки янгаҷон гуфта аз дилу ҷон дӯст медошт, ҳурмат мекард) аз давраи духтаракиаш унс гирифта мегашт…

– Ин духтари мулло Хурсанд барин нозанин дар ҳафт иқлтим нест, – мегуфтанд одамон.

Вай холаи ман буд. Рӯ сап-сафед. Чашм каб-кабуд, қад сарви сиҳӣ. Авлод-авлод онҳо қаддароз буданд, модари ман ҳам. Ҳама чашмкабуд, китобхон, шеърдон, суханпардоз, ширинзабон. Байни онҳо ин Муслима боз як ҷаҳони дигар буд… Аз очаи ман се сол хурд буд…

Бибӣ Панир ба ашкрезиҳои ӯ тоқат карда натавониста сарбасар ниҳод. «Дод!» гӯён ҳарду хонаро ба сар бардоштанд. Хонаҳои усто Аъло андовакардаи силиқи гаҷкории Қурбонбой акси садо медоданд. Кӯдакони бисёр дар атрофашон ҷамъ шуда фиғон бардоштанд. Гумон мекардӣ, ки ягон каси бисёр наздикашон мурда бошад!..

Не, Худо нигаҳ дорад!.. Ҳеҷ кас намурад! Бас аст, ки аз ҳама зиндаҷудоанд…

Пагоҳаш бибӣ Панир ним халта сабӯси ордаралашро аз кунҷи анбори кӯҳнаашон ёфта баромад.

Ин арафаи Наврӯз буд. Бачаҳо нони зағора гуфта ба завқ хӯрданд.

Пагоҳии дигараш Мусаллам ном духтари калонии Қурбонбой, ки ба як Аҳмад Қийшиқ ном марди ҳардурӣ расида буду ӯ ҳам асо зада, лангон-лангон мегашт, хабар овард: барои кор ба кони ангишти Шарғун рафтанӣ будааст…

Ду сол пеш шахтаи ангишти Бойсунро (гӯё бо супориши худи Исталин) баста, ҳамаи коргаронро ба кони ангишти Шарғун фиристода буданд… Он ҷо ба роҳи оҳан наздик. Ба «фронт» ангишт зарур! – мегуфтанд одамон.

– Янгаҷон! Мо ҳам меравем, бо онҳо! Он ҷо акаи Ғаффор Нурӣ, бобои мулло Нурӣ ҳастанд, – гуфт Малла чаққон аз ҷо хеста!.. Онҳо ба мо ёрӣ медиҳанд.

– Майлаш! Ман аз худашон пурсам-канӣ, – мунисакашро ба сар гирифта баромад Мусаллам.

– Чӣ илоҷ, – гуфт Бибӣ Панир. – Майлаш рав! Бачаҳот аз гуруснагӣ намуранд!..

Муслима ҳам рафту Бибӣ Панир ба ёдаш ким-чӣ расид магар, ки ба харичӯбҳои хонаҳои даҳ-дувоздаҳ болораи чортароши лӯлавассадор чашм давонда, ангушти ҳайрат ба дандон газид. Одати ӯ ду даст ба пас, харпанҷа андохта, як остини нимтана дар сар, як остинаш дар бар хеле гаштугузор кард.

Вай фақат як қисми хонаҳои ҳавлиеро, ки Муслима бо бачаҳояш ва Малла зиндагӣ мекарданд, наззора кард.

– Ҳа, – сар ҷунбонд ӯ. – Агар ҳамон харичӯбҳои Қосимхону

Асад аз ду тарафаш, бо фармоиши бой, пармакардашуда дар ҳавлии дарун набошанд, пас, дар хонаҳои гаҷкории ҳавлию болохонаи берун монда шудагӣ. Калиди он хонаҳо дар дасти анборчӣ.

Ин зани миёнсол, ки синнаш таги панҷоҳ рафта, се писараш – Ориф, Салим, Саидро ба ҷанг гуселонида, аз ягонтояш ҳам хату хабар надошт, мардонавору бепарво мегашт… Ба ҳама дилсӯз, ба ҳама маслиҳатгар буд. Тамоми деҳа ба иродаи ӯ қоил мемонд. «Як худи фарзандони ман нарафтааст, ки гиряву нола кунам! Қатори мардум (кӯп) рафтанд… Илоҳо, саломат баргарданд!» мегуфт ӯ ҳамаро тасалло дода.

Худ шабҳои дароз фикр мекард: «Қурбонбой он чӯбхариҳоро беҳуда парма накунонда буд. Охир, аз байни дусад-сесад чӯби беду бурс кӣ медонад, ки кадомаш аст?.. Кошкӣ ягонтааш нишона медошт… Гирифта, обу лой карда, ин бачаю качаро аз гуруснагӣ наҷот медодем… Не, куҷо?

Ҳамаи хона, таххонаю болохонаи ҳавлии берун, баъд аз ҳабс шуда рафтани бой, ба ихтиёри давлат гузашта буд. Ҳоло онҳоро ба анборҳои хоҷагӣ бадал кардаанд. Қулфу калидаш дар дасти Наҷмиддин Шукур! Ихтиёр дар дасти раис ва раиси комиссияи тафтишот – мулло Шариф охунд…

Дигар касе ба он ҷо дастрасӣ надорад. Гумон аст, ки аз он сирр касе огоҳӣ дошта бошад. Бой ақаллан ба зани худаш – Муслимаи нозанин ягон ишора накарда будаст. Он чӣ ки дар дасташ буд, давлат ёфта гирифта худашро ҳам бурд…

**=12=**

Домоди Муслима болои лангиданаш як чашми сурхи пилкаш обрав ҳам дошт. Аниқтараш, пилки чашми росташ чаппа шуда фуромада, сурхи хунчакон метофт. Барои ҳамин ҳам ӯро ба ҷанг набурда буданд.

Вай як аробаи чорчархаи дуаспаро, ки аз Ҳазорбоғи Деҳнав ба бозори Бойсун караму сабзию шалғам оварда буд, киро кард. Занаш, модарарӯсаш Муслима, Марям ном хоҳарарӯси чордаҳсолааш ва ҳамон Малларо бо худ гирифта, ба роҳ баромад.

Аробаро ду аспи сиёҳмушкини пир вазнин кашида мерафт. «Чӯҳ!» – гӯён аробакаш гоҳ-гоҳе бо тозиёнаи дарозаш якто зада мемонд.

Вақте ки ароба аз Гӯри Ҷуҳуд, Кампирчорбоғ, гузашта ба Инкабод расид, дона-дона борон омада, торафт шиддат мекард.

Ду чашми аробанишинҳо тарафи кӯҳҳои кабуд дӯхта шуданд. Аробакаш ҳам гоҳ-гоҳе дар хамгаштҳо ба ақиб – ба кӯҳҳои осмонбӯси пурабру борон менигарист. Селҳои азими аз он кӯҳҳо нишебшаванда, ки аз даруни Сафеддара вағғасзанон бояд мегузашт, хатари калон дошт.

Роҳ аз як оби шӯри он сой дарун-даруни дара аз чиҳил ҷой убур мекард. Аз саршавии дара то расидан ба ҳамвории Катману Кӯганлиато барои аробакаш камаш як соат бо шитоб гузаштан лозим буд… Борҳо шуда, ки селҳои кӯҳӣ ногаҳон омада, ҳазорон харсангро бо худ оварда, сари роҳаш партофта – партофта, ҳар чизи сабуктаре вохӯрад маҳв мекард. Бераҳмона рӯфта мебурд. Аз он атроф дигар роҳи гузар ба водии Ҳисору Сурхон вуҷуд надошт. Аробакаш ҷавр ба ҷони аспҳо мекард… Худо раҳми мусофиронро хӯрд магар, ки ароба чиҳил бор аз он як оби Сафеддара убур карда ба ҳамворӣ ҳам баромаду сели кӯҳӣ дарёи дамон шуда расид ва ягона кӯпруки Кӯганлиаторо ҳам рӯфта бурд.

Аробакаши ҳазорбоғӣ аз он кӯпрук гузашта, аспҳоро дам медод. Одамон дар соҳил истода сел тамошо карданд, гиребони худро дошта, ҳазорон бор Худоро шукр мегуфтанд, ки саривақт аз он селраҳа берун омадаанд!.. Вагарна аз сад ҷонашон як ҷонашон ҳам раҳо намеёфт!..

**=13=**

Он рӯз қарибии намози аср ароба ба Ҳазорбоғ расид. Вай роҳро аз тарафи Миршодӣ миёнбур карда гузашта буд.

Бойсуниҳо он шабро дар ҳавлии аробакаш рӯз карданд…

Аҳмад Қийшиқ дар заводи Роми Ҳазорбоғ, ки аз лаблабу ва найшакар нӯшоквории навъи аъло мебаровард (фақат ба Маскав, Кремл ирсол медоштааст) барои худ кор пайдо кард…

Муслима, Марям ва Малла роҳро давом доданд. Ба як «кӯнка» нишаста, то шаҳрчаи Юрчӣ рафтанд. Бозори калон дошт Юрчӣ. Муслима аз он ҷо ба сӯи Узун бояд ҳаракат мекард. Ҳамидхон ном бародараш бо зану фарзандаш он ҷо манзилу маъво доштанд. Он ҷо ки расиданд, иншоаллоҳ, дарнамемонанд!..

Ҳамон рӯзҳо борон он ҷо ҳам беист борида, барфи кӯҳҳои азимро об кардаю шуста, сел шуда поён мефуромадааст. Селҳои калон кӯпруки чӯбини байни ду ноҳияро вайрон карда будаст. Одамон барои гузаштан ба Узуну Регар ҷои тунукобаи он дарёро меҷустаанд…

Аз Бешкаппа ном деҳа роҳ сӯи он гузаргоҳи дарё мебурд.

– Аз ҳамин об гузаретон, – мегуфт пиразане, ки ба лӯлӣ шабоҳат дошт, – он тарафаш хатар надорад.

– Оҳ! – кашид Муслима, – чӣ рӯзҳое ба сарамон омад-а! Маллаҷон, чӣ кардем? Ту дасти хоҳарата гир. Ман як бало мекунам!.. Шумоён пеш-пеш гузаштан гиред!

– Хӯш, янгаҷон!.. Шумо ҳамин ҷо, дар соҳил истед. Шояд ягон аспакӣ биёяд. Агар наояд ҳам, худам Марямро мегузаронаму гашта барои шумо меоям!

– Охир, рӯз рафт. Торикӣ фаро мерасад! Хайр, таваккал, – гӯён як дам ба равиши об нигоҳ кард Муслима. Дудила шуд…

Малла шунида буд, ки ба равиши тунукоб, муқобили ҷараён, оҳиста-оҳиста қадам монда гузарӣ, бехатар аст!..

Вай ҳамин тавр ҳам кард. Дасти Марямро гирифта, рӯболо қадам задан гирифт…

Муслимаро ҳам ғайраташ ҷӯш зада, калӯш дар даст ба об қадам монд.

Вай медид, ки Маллаю Марям ҷойҳои пурмавҷи обро нағалтида гузаштанд.

Санги таги пой лағҷонак буд.

Малла инро ҳис мекард…

Муслима ҳам ба равиши онҳо қадам задан гирифт… Баногоҳ пояш лағҷид. Афтод. Як дасти калӯшдораш аз тунукоба берун монд. Аз ҷояш хесту бо тамоми овоз:

– Мал-ла-а-а! – фарёд зад.

Мавҷи пурзӯре аз куҷое омад, ки надониста монд. Ҳамон мавҷ ӯро аз по афтонд.

Одамон аз дур диданд, ки чӣ сон пеш-пеши мавҷ мерафт. Нимтанаи норпӯстирангаш рӯ-рӯи об мерафт…

– Янга-ҷо-о-н! – гӯён Малла Марямро дар соҳил монда ба равиши дарё тохт.

– О-ча-ҷо-о-н! – фарёд мезад бо пероҳану лозимии шип – шилта тараш Марям.

Ҳарду девонавор ба равиши дарё, аз соҳили чап, рӯ – рӯи сангу харсанг, хору хас медавиданд. Бисёр давиданд.

Об ӯро мебурду мебурд…

Овози онҳоро шунида сагҳои лӯлиён тарафашон тохтанд…

– Чӣ гав, чӣ гав? – гӯён лӯлимарди қаддарозе ҷомаи сиёҳ дар тан давида баромад. Сагҳои тозиашро гардонд.

Вай аз нолаи бачаҳо фаҳмид, ки очаашон дар об рафтааст…

Кадом порчаи матоъро бидид магар, ки ҷӯгӣ худро ба дарё андохт. Рафта он матоъро бардошт. Як остини пероҳани занонаро кадом сим канда гирифтааст.

– Ови дарё баланд хеста буюс! – гуфт лӯлӣ.

– Бечора янгаҷонам! Воҳ очаҷонам! – сарашонро ба сангҳо зада мегиристанд Маллаю Марям…

Ҳардуро ашк дар чашм боқӣ намонда буд, месӯхт аз беобӣ чашмонашон!.. Онҳо дуртар аз хаймаҳои лӯлиён, куҷо рафтани худро надониста, дарақ-дарақ меларзиданд… Лӯлиён онҳоро ба хаймаҳои худ дароварда, либосҳои тарашонро хушкониданд… Лӯлиён ҳам дар чунин ҳолат дасти ёрӣ дароз мекардаанд…

Ҳамон лӯлии сиёҳи дароз онҳоро аз ҳуҷуми сагҳои табор гузаронда, ба сари сероҳаи Шарғун баровард…

Ҳоло ба онҳо лозим буд, ки хонаи мулло Нурӣ ва фарзандонашро пайдо кунанд.

**=14=**

Малла дар хамгашти сероҳа ба як мошини кӯҳнаи боркаш даст бардошт.

– Куҷо меравӣ? Шар-ғу-н? – гӯён аз кабина дод гуфт ронанда ва онро қиғғос занонда боздошт. – Биё, шин! Аз куҷо меоӣ? Хонаи кӣ меравӣ?

– Хонаи Ғаффор…

– Дунё пури Ғаффор! Кадом Ғаффор?

– Писари мулло Нурӣ – ҷӯраи шумо, – гуфт Малла.

– Ина бинам! – хитоб кард ӯ, – мана мешиносӣ? Чашмота гардам…

– Шумо – Малик Исмат… Ман – Малла, писари мулло Ислом! – ларзида гап зад ӯ.

– Э во, – сари зонуи худ як мушт фуровард ӯ аз рӯи одаташ. – Ин духтарча кӣ?

– Духтари амаки Қурбонбоям… Янгем қатӣ меомадем, – гиристанд Маллаю Марям, – янгама сел бурд!..

– Эҳ! Охир аз кӯпруки боло мегузаштетон!.. Шумо аз тунукоба гузаштанӣ шудетон!.. Охир, санги дарё лағҷонак аст-ку!.. Шинетон! – Малик Исмат афсӯс хӯрд… Ҷоғаш тафсида буд. Дар як дам саду як суол пурсида онҳоро ба ҳавлии мулло Нурӣ бурда фуровард.

Худаш ҳам дар як хонаи алоҳидаи онҳо зиндагӣ мекардааст. Шиораш: «Шабу рӯз кирокашӣ мекунам, зан мегирам!..» будааст…

Мулло Нурӣ ва фарзандонашон шабошаб ҷамъ шуданд. Аммаи Набот дастархон кард… Марямро ба ҳуҷраи худаш даровард. Либоси гармтар дод.

Қарор доданд, ки субҳ ҳамаашон Узун мераванд. Ҷангали Қарасув рафта «оббурда»-ро меҷӯянд.

Ғаффор Нурӣ шери даврон буд. Мошини «Судобекр»-и амрикоиро ҳай мекардаст. Аз базаи ангиштканон сӯзишворӣ пур кард. Даҳ – дувоздаҳ кас шуда Узун рафтанд. Марямро дар хонаи тағояш – Ҳамид махсум гузошта, худҳошон ба бархӯрдгоҳи ду дарё (Қаратоғу Тӯпаланг якҷоя шуда Сурхонро ташкил медиҳад) расиданд.

Об ҷасадро одатан дар ҳамон ҷойҳо бароварда мепартофтааст… Лекин ҷасади ӯро наёфтанд. Мардуми чангалоти он ҷо ба мулло Нурӣ, ки ихлос доштаанд, «дараки ғарқшударо ёбем, худамон хабар медиҳем» – гуфтанд… Ҳайҳот!

Муслима бедому дарак шуд.

Малларо Ғаффор Нурӣ ба худ шогирд гирифт…

Як саҳар мулло Нурӣ ба фарзандонаш гуфт:

– Мо намаки Қурбонбой – тағоятонро бисёр хӯрдаем. Мурдаю зиндаи «пошикаста»-ро аниқ кунед. Урфу расмашро худамон ба ҷо меорем…

– Майлаш додо, – гуфт Ғаффор.

Вай ҳарчанд худ марди майдон буд, аз гапи падари нуронияш намебаромад.

Ҳамин тавр ҳам карданд. Худи мулло хатм бахшид. Як дег ош карда, аз пеши мардум гузаштанд…

Дар Шарғун аз мулло Нурӣ дида муллои обрӯмандтар набуд.

Ӯ худ бо намуди зоҳириаш ҳам фарқ мекард: рӯ – дароз, бинӣ – баланд, риш – сари зону мезад. Фаши саллаи сафедаш як газ. Қоматаш – алиф, газгӯшт. Ким-чӣ хел рагҳои намоёне дар чашмон дошт, ки аз алломагӣ ва сеҳру ҷодугарияш дарак медоданд. Шахсе вонамуд мегардид, ки гӯё аз афсонаҳои «Ҳазору як шаб» баромада бошад!.. Ҳамеша рӯи болишташ китобе ба форсӣ-тоҷикӣ, Қуръони Шариф дар бағал…

Хонумаш – аммаи худамон Бибӣ Набот «муллоҷон!» гӯён ҷонашро аз шавҳараш дареғ намедошт. Қаймоқи говашро шиннӣ ё шакар андохта ба вай мехӯронд ё пеши Ғаффор мемонд…

Ин зан писари калонаш – Раҳмони безурёдро бад медид. Хонаашро ҳам ҷудо карда дода буд. Ба вай духтари акаи худаш Норгулро «иҷоб» карда дода буд, ки ӯро «безурёд» гуфта ҳай

кард. Бечора Норгул ба сад азоб, зимистони соли 1947 хонаи падараш рафта вафот ёфт.

Инҳоро Бадал Асад бо оҳу надомат ёдовар шуда, бо тақдири писарамакаш Малла пайваста қисса мекард.

**=15=**

Малла дар хонаи мулло Нурӣ монд.

Аммаи Набот ба вай ҳамчун писарони худаш ғамхорӣ мекард. Андак лакнати забонӣ дошт, Раҳмонро «Лаҳмон» мегуфт. Аз Салому Малла гуфтан забонаш роҳат мекард. Писараш Пардаро ҳам таври худ ба забон мегирифт, ширинзабон буд, аммаҷон…

Малла ҷавони қобил баромад. Акаи Ғаффор ӯро дар автобазаи худашон ба кор монд. Дасташ ба корҳои тармим мечаспид. Мошинҳои тамом аз кор баромадаро соз карда, ба дасти ронандагон медод. Асло кӯча намебаромад. Медонист, ки одамони Шарғун – ҳарҷой… Гоҳ-гоҳ байни якдигар хуб муштзанӣ мекарданд. Малла инро намехост. Ҷавоне буд, ки мӯрча аз ӯ озор намедид.

Ин аз он набуд, ки гӯё вай беғайрат, тарсу ё беқувват бошад. Аз ҳар гуна одамон ҳазар дошт. Кӯча ки бароянд, албатта шиносҳо гирди пивофурӯш ҷамъ мешуданд. Нӯшида – нӯшида, оқибат бо якдигар шӯр мехӯрданд онҳо.

Боре бо чашми худаш бидид, ки ду тотор бо Парда писари дуюми мулло Нурӣ шӯр хӯрданд. Парда палангча барин чаққон буд. Ҳардуи он «пӯкка»-ҳоро ҳам зада ғалтонда хона мерафт, ки ҳомии онҳо Неъмон тотор сари роҳашро гирифт. Маст буд ӯ. Парда медонист, ки вай бо акаи Ғаффораш саломалек аст. Гап назада гузаштанӣ буд, ки ӯ пешпо андохт…

Парда нағалтида панҷ – шаш қадам сарнишеб рафт… Малла маҳкам оғӯш кард ӯро…

– Гардед ака, бо вай баробар нашавед, ӯ маст! – гуфт.

– Исто! – гӯён костюми нимдошташро кашида дасти Малла қапонду давида рафта як ҷаҳиду бо каллааш Неъмонро якто зад. Ӯ чапа шуда афтод. То аз ҷояш хестани вай чашмони хушрӯяшро танг карда ба вай дӯхта истод.

– Агар аҷалат пур шуда бошад, – гуфт Парда, – биё!

Ҳамин вақт акояш Ғаффор бо мошинаш омад. Фуромад. Рост мобайни ду хурӯси ҷангара даромад. Буруташро тоб дод.

– Чӣ гап Саид Неъмон? – пурсид Ғаффор.

Вай ғулдур-ғулдур ким-чӣ гуфт.

– Хуб, рав, хона рафта дам гир! – гуфт ӯ.

Неъмон фели Ғаффорро медонист. Ҳурмат ҳам мекард, ӯро «зубр» мегуфтанд.

– Агар ҳурмати ошноии шумо намебуд, – гуфт Парда, – дар пӯсташ коҳ ҷо мекардам.

– Хуб, рав! Малла, хона раветон! – гуфт Ғаффор. Болои ҳамин чанд «ҷӯра»-и Неъмон дасту остин барзада омаданд.

– Истед ака! – гуфт Малла! – Шумо Пардаро доред!

Малла се каси онҳоро зада ғалтонд… Ба чорумаш мебаромад, ки Қурбон милиса бо сечархааш гуррос омад.

Ҳама ба лаб кулӯх молиданд.

– Ҳа-а Қурбон! – базарба тарафи ӯ садо кард Ғаффор. – Рафтем, хона мерем, – Маллаю Пардаро ба сечархаи ӯ нишонд. Худ паси фармони мошинаш нишаст.

Ин ҷанги охирини онҳо набуд.

Аз Ғаффору Пардаю Малла чашми ҳамаи ҷангараҳо тарсида монда буд!..

Малла баъдтар дар мактаби ДОСААФ хонда ҳуҷҷати ронандагӣ гирифт. Ҳамроҳи Ғаффор барои кашондани шахтёрҳо шабу ними шаб ба кони ангишт, ду ҳазор метр болои кӯҳ мебаромад. Кашондани кончиёнро ба Ғаффор бовар карда буданд… Баъдтар Пардаю Малла ҳам ба автобус ба кор гузаштанд…

Пулу молу чизашро Малла ба дасти аммаи Набот дода мемонд. Ягон чизаш беҷо намешуд. «Иншоаллоҳ ҳамааша ба тӯят салф мекунем!» – нияти нек иброз медошт аммаҷон!..

**=16=**

Зиндагӣ солҳои пас аз ҷанг ҳам бо машаққат мегузашт. Лек аҳволи шарғуниён бад набуд. Ҳама дар маъдан кор карда маоши хуб мегирифтанд.

Таъминоти ин шаҳраки коргарон, мувофиқи қарордод аз Москва, тавассути пойтахти тоҷикон – Сталинобод суръат мегирифт. Истеҳсоли ангишт то рафт равнақ меёфт. Барои коргарон шаҳрак тангӣ мекард. Хонаҳо, котежҳо ва мактабҳои нав месохтанд. Ба таҳсили коргарони ҷавон ҳам дертар аҳамият медодагӣ шуданд. Аз ин рӯ Малла ҳам, ки давом додани таҳсилро мехост, дигар хонда натавонист.

– Ҳа-а, далдат-да ҷонам, ту писали мулло Ислом ҳастӣ. Навозиши падал надидӣ. Меҳли модал надидӣ! Шукл бӯзбала шудӣ,

намоз хон! Бобоят худашон ёд медиҳанд, – мегуфт модарвор Бибӣ Набот.

Малла намоз ҳам мехонд, рӯза ҳам медошт. Ҳатто дар қуллаҳои кӯҳи Тоқчиён, аз барфу борон, аз моддаҳои таркандаи маъдани махфии он ҷо наҳаросида ба кори пурмашаққат рафта меомад.

Ҳамин тавр, таҳти ҳимояти мулло Нурӣ ва фарзандонаш Маллаи сағира як йигити чор кас медидагӣ шуда ба воя расид.

Зиндагӣ торафт ба низом медаромад. Дар кӯчаҳои камбағалон – коргарони одӣ ҳам тӯю сур барпо мегашт.

Ҳамон сол, ки Гагарин – аввалин инсон ба кайҳон парвоз кард, писари шофбурути мулло Нурӣ қӯшаписар тӯй кард. Ба тӯяш аз Бойсун ҳам ду мошин фиристода одам оваронд. Ба тағою амакҳояш ҷома пӯшонд. Меҳмондорию тӯйхӯрӣ як ҳафта давом кард.

**=17=**

Байни одамони аз Бойсун омада собиқ директори мактаби деҳа Мирзо Барот низ буд. Авлод – авлоди ӯ манқа гузашта, бо ҳамин лақаб машҳур буданд.

Ин авлод асл аз тарафҳои Қаршӣ буда, зоту зурриёташ бо манғитиён ҳамхун мегуфтанд.

Ин одам соҳиби саводи кӯҳнаю нав буд. Дар ташкили мактабҳои ноҳия саҳм дошт. Шогирдонаш эҳтиром мекарданд. Ғаффори шофбурут ҳам аз рӯи ҳамин эҳтиром, махсус мошин фиристода ӯро дар тӯи фарзандонаш оваронда буд.

Мирзо Барот ҳамон солҳо яке аз аввалинҳо шуда ба нафақаи давлатӣ баромада буд.

Вай дар омади гап аз камии сӯзишворӣ шикоят кард. Онҳо баъди тамом баста шудани конҳои ангишти беҳамтои Бойсун ва ба Шарғун кӯчондани коргаронаш ба сӯзишворӣ мӯҳтоҷ буданд.

Ғаффор ваъда кард, ки як мошин ангишт аз ҳисоби худаш мефиристад.

– Шукр додарам Парда ва додархондам Малла мошин доранд. Иншоаллоҳ намегузорем, ки зимистон хунук хӯред, муаллим! – гуфт ӯ байни як меҳмонхона одам.

– Хона дар куҷо, мулло амак? – пурсид Парда.

– Даромадгоҳи қӯрғони Бойсун, дар назди идораи комиссариати ҳарбӣ! – сарак-сарак ҷавоб дод ӯ.

Гумон мекардӣ, ки гардани ғафсаш каллаи калону афти шим-

панземонанди ӯро бардошта натавониста, якзайл ларзонда меистад.

– Ду тоннааш чӣ «қачар» мешавад? – пурсид Мирзо Барот аз ҷайбаш пул бароварда.

– Ҳеч «қачар»! – хандид Ғаффор.

Тоҷикҳои Бойсун, мисли вай «қачар» намегӯянд, «қадар» мегӯянд.

– Пул медода бошед, – гуфт гапашро давом дода Ғаффор. – Ангишт намебарем, санги сепарра ҳам намефиристем, муаллим!

Меҳмонхонаро ханда фаро гирифт.

– Изои мардум ҳаром! – тарафи Ғаффор ахми чашм кард мулло Нурӣ.

Ғаффор чашмакӣ заду боз гуфт:

– Шумо ба ману додарам Парда ҳаққи устозӣ доред. Аз дарс дер монем, ҷанг мекардед, дар назди тахтаи синф «шах» карда мемондед. Ҳамон ҳам нағз будаст. Кам хонда бошем ҳам, касби ронандагӣ омӯхтем. Ҳар кас қадри устозро надонад, кӯр мешавад! – дигаронро ҳам «гунаҳкор» кард ӯ.

Мирзо Барот хушҳол шуд.

Пас аз як ҳафта аз корхонааш як мошини «ЗИС» пурсида, пури ангишти «чормағзак» («Орешка») карда аз завод баровард. Малларо ҳам дар паҳлӯяш шинонд. Ду-дуним соат роҳ гашта ба Бойсун расиданд ва ҳавлии Мирзо Баротро зуд ёфта ҳалқаи дарвоза заданд.

Дарвозаи чӯбини кандакориро як духтараки нозукниҳоли парӣ барин хушрӯ нимроғ кард…

– Муаллим ҳастанд? – овозашро баланд кард Ғаффори шоҳбурут.

– Меҳ-мо-нӣ рафтагӣ? – лабони танги ғунчаосояшро бо дасташ панаҳ карда ҷавоб дод духтари хушодоб. Рӯймолаки гули садбарги сабзашро шамоли дарвоза бозӣ медоронд.

Малла моту мабҳут шуда менигарист. Гӯё гунгу лол буд, ки гап намезад.

– Мо аз Шарғун ангишт овардем, куҷо резем?

Духтарак намедонист, ки чӣ бигӯяд.

Малла ба дарвоза нигарист.

– Мошин намеғунҷад, ишора кард ӯ, – дарвоза паст!..

– Ҳамин ҷо мерезем!.. Мекашонанд-дия.

– Бел ҳаст? – пурсид ниҳоят Малла аз духтарак.

– Ҳаст. Дароед, худатон гиред! – ҷои белу каланд ва ангишт-

хонаро нишон дод духтарак. – Ҳамин ҷо мекашонед? – илова намуд ӯ.

– А? – Малларо ханда фаро гирифт ва дандон ба дандон монда бели паҳни калони ӯрусиро гирифта баромад. Вай суп-сурх шуда буд.

– Ҳа-а? Чӣ шуд? – маънидор ба Малла абрӯ парронд акаи Ғаффор.

Барои он ки духтар нашнавад, дар гӯши акааш пичиррос зад Малла:

– Дарун кашонда ҳам диҳем, будаст!..

– Ваҳ! «Ничего себе!» – акаи Ғаффор ӯрусӣ карду буруташро тоб дода аз мошин фуромад. – Ягон кас ҳаст, ки дарун кашонад? Ҷеғ занед, духтарҷон!..

– Ҳеҷ кас нест, – дастони булӯринашро чаппа карда нишон дод духтарак.

– Чаққон шуда ангиштро фуровардан гир, – гуфт ӯ ба Малла. – Ягон кас меомадагист… Ман ба деҳа мегузарам. Ду – се ҷо дуою фотиҳа лозим. Зуд меоям!..

– Майлаш, – гуфт Малла бо табассум.

– Ҳаҳ! Якбора ба зеҳнат шишт, аз афташ! – калла ҷунбонд акаи Ғаффор ва таг-таги девори қӯрғони қадим гузашта ба роҳи калон баромад ва сӯи деҳаи Пасурхӣ равона шуд.

Вай хурсанд буд. Паҳлавонҳо барин вазнину босалобат қадам мезад.

**=18=**

Малла ҷавони бамулоҳиза буд. Аввал фикр мекарду баъд ба коре даст мезад.

Вай дид, ки бори мошинро он ҷо фурорад, ними ангишт роҳро банд мекунад ва даруни ҷӯйбори оби мардум меғелад.

Зуд сари фармон гузашт. Мошинро гуррос занонда аз ақиби дарвозаи комиссариат гардонду таги дарвоза оварда паснокӣ тамма кард.

Духтарак пештар омад. Ҳоло ӯ лабони ғунчаашро пинҳон намедошт. Малла дуздида – дуздида нигоҳ мекард: Ҳалқаи тиллои чашмаш фирӯзаӣ бо баногӯшаш ҷанг дошт. Нати бинияш кадом ситораи филми ҳинду барин. Духтарони Пасурхӣ кайҳо ба бинӣ хол (нат) намегузаронданд… Малла инро медонист. Танҳо Томирис ном паризоди Пасурхӣ, ки ба як одами калоншаванда келин шуда буду аз ҳавлӣ берунро намедид, чунин нати бинӣ дошт…

– Аҷаб зебише доштааст, – гӯён Малла костюми бастони хушрӯ дӯхташудаашро, ки дар Шарғун аз як ӯруси аз Россия омадагӣ арзонак харида, вақти меҳмонравӣ мепӯшид, аз тан кашид. – Куҷо монам? Чанги ангишт сип-сиёҳ месозад! – аз дил гузаронд ӯ.

– Ба ман диҳед, дарун бурда монам! – гуфт духтар.

Малла костюми киссаҳояш пури пулро аз бандаш дошта, ба дасти духтарак дод. Ӯ дав-давон бурду зуд баргашт.

– Аз ин ҷо дуртар равед! – гуфт Малла ба вай. – Гурезед!..

– Куҷо равам? – ҳайрон шуд духтар.

– Ман ангишт мефурорам… Либосатон чанг мегирад!..

– Э майлаш, собун ҳаст-ку! – гӯён зери дарахти лаби ҷӯйбор гузашт ва пурсид. – Шиматон чиркин намешавад?

– «Собун ҳаст-ку», – гапи ӯро такрор кард Малла ҳам.

Духтар завқ бурд ва тозон хона даромада як шалвори нимдошти «бобо»яшро баровард.

– Мешавад? – гуфт духтар бо лабханд.

– Мешавад, – Базӯр аз ханда худдорӣ намуд Малла он шалворро дида ва даруни кабина нишаста шимашро иваз кард. Сипас болои бордон баромада, ангиштро шалдаррос занонда бо бел фуровардан гирифт.

Шамоли кӯҳ гоҳе чангро ба рӯи Малла мезад, ки аллакай сипсиёҳ шуда буд, ӯро аз одами зангӣ фарқ кардан душвор буд.

Духтар механдид ба ҳоли ӯ.

Ӯ бепарво ангишт мефуровард. Ҳаво бисёр гарм буд. Ҳалқаш қоқ шуд. Об хӯрдан мехост…

– Дар хонаатон об ҳаст? – пурсид ӯ.

– Ҳаст. Ҳозир… Чойи хунук биёрам?

– Биёред.

– Духтар чойники қирмизиро бо пиёлааш овард.

– Пиёла лозим не, – Малла як қулт аз ҷумак гирифту ғар-ғара кард, баъд баҳузур нӯшида, чойники холиро баргардонд, – раҳмат!

– Боз чой монам?

– Монед, майлаш!..

То боз омадани духтар Малла ними мошинро фуровард.

– Ман бо сатил кашондан гирам? – пурсид духтар.

– Метавонед? Ягон кас нест, то киро кунем? – пурсид Малла рӯи бордон рост истода.

– Не, якто ҳаст. Атласбоф, ҳамсоя… Ба ин корҳо дасташ на-

мечаспад. Яки дигар – Пардеш бошад ё не? – гӯён тарафи дарвозаи поён назар кард. – Атласбофро ҷеғ занам?

Атласи сиёҳу сафеди шонагул дар тани духтар хоса зебише дошт…

Малла аз дил гузаронду шӯхӣ карданӣ шуд: «ин атласи тани шуморо ҳам вай бофтааст?»…

Не, нагуфт, худдорӣ кард.

Духтарак ҳам «атласбоф»-ро ба ёрӣ даъват накард…

Малла гоҳ-гоҳе таги чашм ба духтар менигарист. Ӯро ба ким кадом аз ҷонварон монанд мекард. Худоё, ба рӯбоҳи хушрӯ монанд аст. Рӯбоҳи сурхчатоби Боботов барин… Бисёр ситорагарм!.. Аз шиносҳояш ба кӣ монанд?

Баногоҳ бел аз дасти Малла бо ангишт ба замин ғалтид… Худаш болои бордони ангиштдор шах шуда монд: «Янгааш – Муслима, хонуми дар ҳусн беҳамто-зани Қурбонбой, ҳамон ки дар Тӯпалангдарё ғарқ шуда, беному нишон гардида буд, пеши чашмаш ҷилвагар шуд. Худи худаш!.. Фақат чашми ин духтар сиёҳ, фаттон, ҷоду!».

– Ҳи-ҳи-ҳӣ! – хандида наздик омад духтар. – Монда шудед? Белро диҳам, ё фуромада дам мегиред? – пурсид ӯ.

Малла байни обу оташ мондагӣ барин шуд. Хаёл кард, ки дилаш сустӣ карда, ҳамин ҳоло худаш ҳам аз рӯи бордон сарозер меафтад. Не, худро далер гирифт.

Духтар дастони мармарини сафедашро ба бели сиёҳ расонданӣ буд, ки Малла:

– И-и-и! – нидо кард ва бо шаст аз боло худро поён андохта, белро худаш аз рӯи ангишт бардошт.

Хаёл мекард, ки ба ӯ аз ким-куҷо як нерӯи фавқуттабиӣ пайдо шудааст. Болу пар дошта бошад, ки парвоз кунад…

Бо бел ҷаста боло баромад.

Бо ишораи даст духтаракро «равед-равед!» («киш-киш!») гуфт… Ангиштро тез-тез фуровардан гирифт.

Ӯ паснокӣ-паснокӣ лаби ҷӯй, рӯи сабзаю себарга гузашт. Он ҷо фақат гул намерасид. Ба хаёли Малла худи ӯ гӯё гул буд.

**=19=**

Духтар фарзанди ягонаи ин хонадон буд. Мирзо Барот як фарзанди сабабии дигар ҳам дошт, ки ӯ бо инҳо зиндагӣ намекард.

Духтарак, дар асл, бепадар калон мешуд.

Инро на ҳамаи ҳамсояҳошон медонистанд.

Падари духтар асл Абдулвайси Асрор ном дошт. Муаллим буд.

Дорулмуаллимини шаҳри Тошкандро якҷоя бо ҳамдеҳаашон Ато Бӯрӣ ва аз хонаи бачаҳои Сталинобод – Мирзои Турсунзода хонда тамом карда буд. Дар мактаби деҳаи Боғи Болою Чорчинор дарс медод. Бахмал ном духтарро аз ҳамон деҳа хуш карда, тӯи калон дода хонааш оварда буд…

Абдулвайси Асрор танбӯрнавоз, шашмақомхон, шӯху дилоро буд. Бо калонҳо, ҳунарпешаҳои ноҳия, хушчақчақтарин одамон рафтуо дошт. Як шаб куҷое меҳмонӣ рафт. Ними шаб аспсавор омад. Аниқтараш, кадоме ӯро аз паси асп таги дарвозааш фуроварда рафт. Субҳ дар ҷои хобаш беҳол ёфтанд… Хости Худо гуфтанду ӯ фаромӯш гардид.

Шаш моҳ гузашта соли падарашро доданду очааш ба ҳамин директор Мирзо Барот расида, ба ин ҳавлӣ омад.

Он вақт духтарча чорунимсола буд. Мирзо Баротро ҳарчанд, ки «додо» бигӯй гуфта очааш ёд дод, лек наметавонист. «Бобо» мегуфт. Он марди умраш таги панҷоҳ рафта гоҳо зиқ мешуд, лекин очаашро ки беҳад дӯст медошт, нисбат ба духтарча ҳам «ғамхорӣ» мекард.

Чун безурёд буд аз Бахмал ҳам фарзанд надид… Ҳарду ба тақдир тан дода, зиндагӣ мекарданд.

Ин духтар Зарира ном дошт. Падараш аз «Ёдгори Зарирон» ном порчаи Авестои муқаддас ин номро интихоб карда монда буд. Ҳоло шонздаҳро пур карда ба ҳафдаҳ қадам мегузошт. Азбаски ғайр аз мактаб ба ҷое намерафт, ақаллан деҳаи падар ё модарашро надида буд. Хешовандонаш ҳам қариб ки намешинохтанд. Вагарна кайҳо нон шикастаю фотиҳа карда ва ё арӯс хонда хонаашон мебурданд.

Зарира, ки аз падару модари хушрӯю солим ба дунё омада буд, ҳусни Худододе дошт, оҳуи даштӣ барин раманда, ҳушёр ва бофаросат буд.

Ҳар як фарзанди одам, ки хушрӯ бошад, ҳатман соҳибистеъдод, санъаткор, закӣ ва табиатан бофаросату боназокат мешавад.

Ин ҳамин тавр аст.

Дар чашми Малла вай аз нигоҳи аввал марворид барин тофта бошад ҳам, чандон аҳамият надода буд. То фуровардани ангишти бордони мошин ҷозибаи ӯ Малларо ба дараҷае расонд, ки гӯё

ин духтарро сад сол ин ҷониб мешиносад. Духтар ҳам ба сару рӯи чанги ангишт нишаста ва дастони сип-сиёҳ шудаи ӯ бо лабханд менигарист.

Зарира ҳоло ба Малла менигаристу ҳеҷ ба хотир оварда наметавонист, ки вақти навакак, ҳамроҳи он марди бурутӣ омаданаш чӣ хел ҷавон буд…

Махсусан, пас аз он ки шалвори «бобояш»-ро оварда ба ӯ дод ва ӯ дар кабина нишаста онро пӯшида болои мошин – ангиштфурорӣ баромад, чигунагии ӯро аз ёдаш бароварда, ба шалвори «бобояш» нигоҳ карда, лаби ҷӯй нишаста механдиду механдид.

**=20=**

«Тавба, тавба!» – мегуфт Зарира худ ба худ ва ӯ борҳо шунидааст (ё аз кадом китоб хондааст), ки ҳар шодмонӣ як хафагӣ дорад ва баръакс, ҳар як хорию залилӣ дар ақиби худ шодмонию фараҳмандӣ ҳам дорад.

Мисли ҳамин, бо пайдо шуда омадани асббону хукбони комиссариати ҳарбӣ – гунги Пардеши масту аласт яку якбора шодмониҳои қалби Зарира коҳиш ёфт.

Он мардаки миёнасоли хук барин фарбеҳу каллакалону шикамдам рост тори сари Зарира рафта соя афканд.

– Зазизашка (Зарирашка), и (н) кӣ? И(н) кӣ? – гӯён тарафи Малла ишоракунон таври худ гунгалакӣ кард.

Зарира гап назада, аз дарича ба ҳавлиашон даромад ва тарафи Малла нигоҳ карда бо даст сари худро бо ишорае «ҷиннист!» гуфта фаҳмонд.

Гунги Пардеш чанд суханро гунгона ёд гирифта буд. Худ аз куҷост? Авлодаш кист? Ба кадом элот мансуб аст? Касе намедонист. Як манқурти нимдевонае буд. Агар касе як шиша кашкоб (пиво) дода «фалониро беҳурмат бикун!» гӯяд, вай ин корро мекард.

Ё каси нотарс дӯғ зада сараш мушт бардорад, саг барин мегурехт.

Инак, Малла охирин белҳои ангиштро мефуровард, ки Пардеш ду даст дар кисаи шим таги бордони мошин омад. Аз фарбеҳӣ дарзи шиму костюмаш торс-торс кафида буд.

– Пеш кунед, пеш кунед! – аз паси дарвоза «амр» кард Зарира.

– Рав-рав! – гуфт Малла.

Пардеш бо даст беодобона ишораҳое ба ҷо овард.

Малла ин гуна «шиқ»-ҳоро дар Шарғун ҳам гоҳ-гоҳ медид. Чӣ гуна муомила карданро медонист. Дарҳол аз боло худро поён андохт. Маҳкам ду дасташро фурсати аз киса кашидан ҳам надода қапиду рӯяшро сӯи комиссариат гардонда, ба думбаи фарбеҳаш як кундазону фуровард:

– «Марш!»

Пардеш чию дӯғу дарангаш чӣ – рӯ ба гурез ниҳод ва дар як дам паси буттаҳои хору хаси худрӯй нопадид гардид.

Зарира хандон боз ба лаби ҷӯйбори обаш мусаффо гузашт.

Малла борро фуроварду белро ба дарвоза такя кунонд ва пурсид:

– Шумо чӣ ном доред?

– Зарира…

– Вай ба шумо чӣ гуфт?

– Э, як гунги девона!.. Ба вай баробар нашавед!..

Аз ин гап чашми Малла калон кушода шуд.

– Фуроварда шудед?

– Бале…

– Шустушӯ мекунед?

– …

– … Ангишта кӣ дарун мекашонад?

– Бобоям биёянд, худашон одам меёбанд, – гуфт Зарира биноӣ барин.

– Кай меоянд?

– Ҳамин ҳозир меоянд… Истед… Телефон занам.

– Ана, истодем… – «Зарира, Зарира!» – мегуфт ӯ худ ба худ. Чӣ номи аҷибе?

Зарира шитобон омад. Дар даст офтоба, собун ва сачоқ дар китф…

– Ҳозир меоянд… Оби гарму собун овардам… Ба саратон об резам?..

– А? Чӣ-чӣ?

– Ба саратон об резам? – содаҳак такрор кард гапашро Зарира.

– Э, монед, ду-се рӯз ором гардем, – гуфт Малла.

Маҷозан ин гап «маънои» барбод додан, «куштан»-ро дорад. Малла инро медонист ва шӯхӣ карда фаҳмонд.

– Вой, ман мурам! – гӯён чун лолаи кӯҳӣ сурх шуд Зарира. Вай ҳоло ба маънои маҷозии гапи худ сарфаҳм рафта буд.

– Майлаш гуфт Малла, – пеш аз он ки «ба сари ман об резед» ду сатили калон биёред, – ҷиддӣ хоҳиш кард ӯ.

– Ана, сатилҳо! – ишора кард Зарира ба сатилҳо, ки худаш ангишт кашонданӣ шуда оварда буд. Дар умраш ин корро накарданаш ва ба он қодир набуданаш ба Малла аён шуда буд…

Малла мошинро аз таги дарвоза ронда таги девори қӯрғон бурд. Бо он ду сатил аз ҷӯй об гирифта аввал «шарп-шарп» ба бордон об пошида мошинро шуст. Баъд дасту пойи худро… Сару рӯи худро бо оби сатилҳо шуст, ки оби сип-сиёҳ таги хору хаси девор рафт. Қатрае оби ифлос ба ҷӯй нашорид.

Зарира ба ин кори Малла низ бодиққат нигарист. Дигар ба «саратон об резам» гуфтан ҷуръат надошт. Обу офтоба, собуну сачоқро ҳанӯз ҳам бардошта, аз шарм ба худ печида меистод.

– Дастшӯ (умивалник) доретон! – пурсид Малла.

– Ҳо, ҳаст! – Зарира чаққон рафта оби офтобаро ба дастшӯй андохт. Вай ба андоми зангимонанди Малла нигоҳ карда якзайл механдид. Оби сатил сиёҳиро аз сару рӯи Малла дур накарда буд.

Ин дам:

– Ҳа, Зарира? – гуфт очааш бо Мирзо Барот аз дарвоза даромада. Ба ангишт, ба мошин ва Малла бо таҳайюр назар карданд.

Малла тез-тез сару рӯ, гардан ва дастони сип-сиёҳашро собун зада мешуст…

Ин лаҳза кадоме бо сечарха акаи Ғаффорро оварда таги дарвоза фуровард.

Мирзо Барот ӯро дида зуд фаҳм кард, ки ангишти ваъдагиро шогирдаш аз он роҳи дур овардааст…

Саломалеку пурсупоси тарафайн гарму ҷӯшон шуд. Мирзо Барот меҳмононашро рӯи кат гузаронд. Худ ба хонаи дарун даромад. Ин дам акаи Ғаффор абрӯ парронд тарафи Малла!

– Читӯ?

– Қариб «ба сарам об мерехт!» – гуфт Малла оҳиста хандида.

– Чӣ? – нафаҳмид акаи Ғаффор.

Малла гапашро такрор кард.

Ғаффор фаҳмида лаб инҷ кард. Зарира болишт овард… Апаи Бахмал дастархон густурд. Мирзо Барот бо пиёла ду шишаи сурху сафед оварду худаш ҳам нишаст.

– Мо роҳ меравем, – гӯён акаи Ғаффор ба нӯшокворӣ майл накард. Малла умуман наменӯшид.

– Ин кас чӣ? – ба ӯ ишора кард соҳибхона.

– Ин кас Малла… Шогирдам… Намоз мехонад! Падарам ёд додагӣ, – таъриф кард Ғаффор.

– Ба худашон резед, – гуфт Малла.

– Боз як – ду мошин ангишт лозим мешавад-дия, – гуфта Мирзо Барот қадаҳ пур кард. – Ду ҷӯраи нафақахӯр дорам. Пулашон накд. Агар ёрдам накунед, онҳо маро мехӯранд!..

Ака Ғаффор ба Малла нигарист.

– Ман худам мебиёрам, – гуфт ӯ.

– Хонаи онҳо дур нест?

– Не, ҳамин ҷо биёред! Худам ҳамроҳ мебарам, – гуфт Мирзо Барот.

«Як умр ба ин хона ангишт биёр гӯед, мебиёрам», – аз дил гузаронд Малла ва ваъда кард, ки ҳатман меорад…

Ака Ғаффор ва Мирзо Барот ду-се ҷоми тиллоранг конякро холӣ карданд.

Малла баҳузур таом мехӯрд, чойи дам карда мондаи Зарираро менӯшид…

Зарира аз паси парда медид, ки ӯ чӣ гуна «чойи сард»-и ӯро нӯши ҷон мекунад…

– Ба мо дер нашавад, – даст ба дуо бардошт ака Ғаффори шофбурут. – Агар ман омада натавонам, Малла худаш меорад. Омин! – даст ба рӯ кашиданд.

Хайрухуш самимона буд.

Чашми Малла ким-киро мекофт.

Вай худ паси фармон нишаст.

Зарира таги дарвоза рафта, бо баҳонаи белу сатилро даровардан аз Малла чашм намеканд.

«Номашон Малла будаст» – аз гапи Ғаффори шофбурут хулоса карда буд Зарира.

**=21=**

Худи Ҳамон шаб Ғаффору Малла ба Шарғун расиданд.

– Омадед, бачем? – риши афсонавии дарозашро ба ҷунбиш овард мулло Нурӣ. – Ҳама хешу табор саломатанд?

– Шукр, дуоюю салом гуфтанд, додо.

– Худо нигоҳдорашон бошад… Чӣ гапҳои нав будааст?

– Гапи нав ҳам нест… Ангишта бурда ба ҳавлии устод додем. Малла хуб хизмат кард… Ман ба деҳа рафта, ду-се ҷо фотиҳа хондам…

– Хуб кардед, бачем, Тағоҳоятон чӣ мегӯянд?

– Бойсунро фаромӯш кардед. Дар хонаҳои давлатӣ мешинед. Аз хешу табор дур шудед! – гуфта гила карданд.

– Гилаҳошон болои дида! Охир, агар мо дар вақташ ба Шарғун намеомадем, ҳоламон чӣ мешуд? Гап назадед?..

– Гуфтам… Ёд мекунанд-дия, додо! Мо ҳам хеле кам меравем!..

– Рост. Ягон вақт маро ҳам баретон, хоҳиш кард мулло.

– Худам мебарам, иншоаллоҳ! – ба гап ҳамроҳ шуд Малла.

– Ҳа, мана, Малла акнун тез-тез рафта меояд, – завқ бурд шофбурут.

Малла табассум кард.

– Дар хонаи устозам як товус будаст, – шӯхӣ кард шофбурут.

– Товус? – гапи онҳоро шунида аммаи Набот омад. – Товус гуфтед?..

– Ҳа, оча, – гуфт Ғаффор. – Як духтари нозанин доштаанд.. Ба Малла маъқул шуд. Малла ҳам ба вай…

– Нағз-нағз! – гуфт мулло. – «Як тиру ду нишон» кардем гӯед?

– Ҳа, додо! Равед ҳам акнун барои хостгорӣ меравед, – хандид шофбурут.

– Кошкӣ, – гуфт мулло.

Малла шарм дошта, аз мулло иҷозат хосту аз ҷо хест.

Ғаффор ҳам ба хонаи хоби худаш гузашт.

– Омадӣ, Ғаффор? – хоболуд ғурунгос зад ҷӯрааш Малик Исмат бо дашноми муқаррарӣ.

– Нағз ҳастӣ, Малик?

– «Аз хок афсурдатар, аз бод сарсонтарам», ҷӯра, – гуфт гапи аз китоби муллобобо ёд гирифтаашро ба хотир овард ӯ.

**=22=**

Баъд аз он Малла ду-се бор ба Бойсун ангишт бурд. Ҳамаашро мувофиқи қоида мекард. Ҳуҷҷат мегирифт бо худ.

Аз ин кори Малла Мирзо Барот – «бобо»-и Зарира хурсанд буд.

Бештар худи Зарира хурсандӣ мекард.

– Ҳа, Зарира? Чӣ гап? – механдид модараш Бахмал. – Ин йигитчаро нағз дида мондӣ?

– Эҳ, о-ча-а! – худро ба хонаи дигар мегирифт Зарира ва аз тиреза менигарист.

Мирзо Барот, ҳамин ки Малла ангишт меовард, дар кабина ба паҳлӯи ӯ нишаста, то хонаи ошнояш ҳамроҳ мерафт. То холӣ кардани мошин, ҳарду хонаи он кас даромада, чой менӯшиданд.

Пули ангиштро ҳисоб карда мегирифтанд. Боз ӯро Малла хона-аш оварда мемонд. Гоҳо «дароед-дароед!»-и Мирзо Баротро рад карда наметавонист. Пеш аз роҳ баромаданаш «инро чойпулӣ кунед» гӯён як даста пул медод ба ӯ.

Вай ин корро ҷавонмардона анҷом медод.

Дафъаи сеюми омаданаш ба Зарира атри «Москваи сурх» оварда, бо як шадда марворид тақдим кард…

Вай тӯҳфаро ба модараш нишон дод. Аз «бобо»-яш пинҳон дошт. Лек Мирзо Барот, аллакай, ҳис карда буд, ки Малла ба духтар майл дорад. «Ҷавони хуб аст. Аз ӯ хубтар боз ба кӣ расиданаш мумкин?» – аз дил мегузаронд ӯ ва инъоми Малларо рад намекард.

**=23=**

Худо ҳеҷ фарзанди инсонро новақт бепадару модар нагардонад. Ин рӯзи сахт будааст… Падару модар барои фарзанд як навъ қалъа, қӯрғон будаанд…

Инро Малла вақте ҳис кард, ки барои хостгорӣ фиристодан ба хонаи Мирзо Барот ба ягон кас гап заданаш лозим шуд… Аз хурсандӣ аввал гапашро ба хоҳаркалонаш Муҳаррами кар баланд – баланд гап зада фаҳмонд. Почояш ҳам аз сирр бохабар шуд…

– Киро мефиристӣ? – пурсид почояш. – Шояд мулло Нурӣ, Ғаффор акаат биёянд?

– Не. Аввал ду-се занак, худамон рафта аз пеши модараш мегузарем, – гуфт апааш Муҳаррам.

Вай, ки фарзанд надида буд, аз синну соли худ ҷавонтару зеботар ба чашм мехӯрд. Бааҳл ҳам буд.

Малла хеста Шарғун рафт.

Пас аз як ҳафта барои почояш ҳам як мошин ангишт овард.

Хоҳаркалонаш ӯро хурсанд кард: «Очааш розӣ, хостгоратона фиристед!» гуфтанд…

Ҳамон сол тирамоҳ баланд омада буд. Ҳаво офтобӣ. Табъи Малла болида хонаи Бадал Асади амакаш равона шуд.

Бадал Асад, ангури тойфии боғи худ ва боғи падарашро пас аз шамоли низом хӯрданаш ба кандан оғоз карда буд.

– Ассалом амак, – гуфта даруни боғ даромад Малла.

– Эъ-эъ, амакҷон-ку! Аз амаккалонам нишона, ҷону ҷигарам, – гӯён Бадал Асад ӯро ба оғӯш гирифт. Корро ҳам бас кард.

Вай ду-се сари тойфиро якҷоя баста, ба нӯги ҳар як сари ангур як ғуҷилаи бедумчаро гиронда мемонд. Он як ғуҷила шираю

нами худро муддатҳо ба сари ангур дода, онро навакак аз ток кандагӣ барин нигоҳ медошт. Ин амал каме мушкилписанд буд, лекин барои боғдорон муҳим ба шумор мерафт. Охир, ба ин васила ангурро то моҳҳои майи оянда нигоҳдорӣ карда, баъд ба фурӯш мебаровард, ки инро на ҳар кас медонист ва метавонист анҷом диҳад.

– Фақат ангури тойифӣ ҳамин хусусиятро дорост, – шарҳ дод Бадал амак ба пурсиши Малла.

– Амак, – гуфт Бадал Асад, – ана ин лаълӣ! Аз ангури дилхоҳатон канед. Ин ҳам кайфият дорад…

– Не-не, амакҷон! Худатон канед! Ман мошинро аз роҳ гирам, – гуфта ба оранди мошини дигаре давид. Малла мошинашро таги дарвоза гузаронда монд.

Бадал амак як лаълӣ ангури ҳусайнӣ, ҳақдодӣ, песабанди хушхӯр канда, сари ҳавз рафт. Бачаҳо ангурро об гирифта, бо дастархон, ба меҳмонхона даровbooарданд.

Аз ҳавлии дарун ба болохона ду коса шӯрбо оварданд. Нони калон-калони танӯрӣ, фатирҳои қат-қат пора карда хӯрданд.

Ҳарду ҳам ором буданд, гап намезаданд.

**=24=**

– Мал-ла! – гуфт Бадал Асад. Ба ман як гап дорӣ!.. Доим маслиҳати ту бо почоят мепухт!..

– Гап дорам, амак… Ҳамон почоям пеши шумо фиристод. Пагоҳ ҳамроҳи он кас ба хостгорӣ бояд равед, – гуфт Малла.

– Гапи нав-ку? Хонаи кӣ?

– Хонаи Мирзо Барот…

– А? Он каса аз куҷо мешиносед?

– Хонаи акаи Ғаффор Нурӣ, ба тӯй рафта буд… Ангишт лозим гуфт. Аз Шарғун ду-се мошин ангишт овардам. Бо худашону духтарашон шинос шудам… Розӣ барин… Хостгор фиристонед гуфтаанд ба занҳо.

Бадал амакаш гап назад.

Вай ба андеша рафта буд: «Охир, ин худ як сағира бошад. Духтар дар оилаи калоншаванда ба воя расидагӣ. Ғайр аз ин худаш дар қайди Шарғун, роҳи дур!.. Онҳо ба ҷои бегона духтар медода бошанд?»

Малларо ба гап гирифт.

Ҳамааш маълум шуд: вай пулу чизу чора доштааст. Дар дасти аммаи худамон Бибӣ Набот будааст… Малларо аз бачаҳои

худ кам намедидаанд. Муло Нурии кашмирӣ «Чашми бад дур!» гуфта бозубанд (тӯмор) додааст… Онҳо гуфтаанд, ки хуб, Бойсун рав! Машварат кори хуб аст. Бин, ки чӣ мегӯянд? Аз рӯи ҳамон кор мекунем. Обро надида мӯза накаш…

– Худат чӣ мегӯӣ? Дилат чӣ мегӯяд? «Дил назаргоҳи ҳақ!» гуфтаанд. Агар аз таҳти дил бошад, мо тарафдор. Боз ягон вақт «Э амак!» намегуфта бошӣ, байнатон медароям… Ман оилаи Мирзо Баротро нағз медонам. Очааш зани базарбаю духтар эркатар калон шудагӣ… Мирзо, ки безурёд аст, бо ҳамин духтар дунёяш биност… Пагоҳ сари ҳар гап таъна кунад, ё ту зиёдасарӣ нишон диҳӣ, он вақт зиндагӣ ба «дӯзах» мубаддал шуданаш мумкин! Худо нишон надиҳад, омади гап – дия, амакҷон! «То бад нагӯӣ, нек пеш наояд» – гуфтаанд.

– Ҳамин хел-куя, – хандид Малла. – Апаам рафтанд. «Хостгор фиристед» гуфтаанд онҳо.

Бадал амак Малларо аз хурдӣ медонист: бачаи дилсоф, камгап, қобил, сахтию зорӣ бисёр дидагӣ… Аз ростӣ раҳмаш омад: «Бечора бача, худаш худашро саранҷом карда, имрӯз ба ин ҷода расида бошад, дастгирӣ кардан лозим», – гуфта ваъда дод, ки пагоҳ албатта меравад…

Пагоҳаш аввал назди почояш Ҳайдаруф рафтанд. Нӯгизабонӣ гап мезад ӯ, як гап аз замин, як гап аз фалак!..

– Дигаре аз амакҳоро гап назадед?..

– Э, чӣ лозим! – худписандӣ кард почояш.

Ҳарду хеста хонаи Мирзо Барот рафтанд. Нағз обу зиёфат кард. Баъд онҳо шарту шароиташро фаҳмиданд. «Аввал, – гуфт ӯ, – аз Шарғун кӯчида Бойсун биёяд… Дуввум, ин ҷо хонаю дар дорад ё не? Агар не…».

– Ҳавлию дари мо-дия, – гуфт почо Ҳайдаруф андеша накарда.

– Не, – гуфт Бадал. – Худ ҳавлӣ мехарад, зӯраш нарасад, ёрдам мекунем!..

– Хуб, – писханд зад Мирзо Барот, – хостгорҳо пеши худ гапро напазонда омадед-дия?!

Бадал шарм дошт.

Хестанд.

Онҳо «сафедӣ» бояд медоданд. Фаҳмашон нагирифт магар, ки дасти холӣ бароварданд хостгорҳоро…

Ин хосият надошт. Дар дил ормон мешудааст…

Омада ҳамаашро ба Малла фаҳмонданд.

– «Ҳарчӣ гӯяд розӣ бояд мешудед», – гуфт ӯ мардона ба почояш.

Ҳамон шабурӯз дар ҳамсоягии почояш ҳавлии фурӯшӣ пайдо шуд. Савдо карда гирифтанд. Малла зуд мардикор овард. Нағзакак тармим карданд…

Ғаффори шофбурут аз Шарғун як мошин чизу чора – кӯрпа – болишт, сандуқҳои тоза, «Стенка»-и олмонӣ бор карда овард. «Тӯйро бе мо намехӯред!» гуфту шабошаб баргашт.

То тӯй ҳоло вақт буд. Мирзо Барот гуфта буд, ки «қоида ҳамин! Духтар даҳумашро тамом кунад, тӯй баъд…».

Фотеҳа карда, сафедӣ гирифтанд. Ба Малла ҳам Худо сабру тоқат дод. Дар ҳар ид «идона» мефиристод. Қуттӣ-қуттӣ ангур, ҷуфт-ҷуфт харбуза, сон-сон гӯшт, куртаворӣ мебурд. «Паси дар химчаи тар» – гӯён чун домод хабардорӣ мекард. Ин одати қадимии деҳа буд.

Малла ба худаш аз автобаза кор ёфта, кадом мошини кӯҳнаро дар як ҳафта соз карда савор шуд. Баъзан бо либоси чиркин аз кор бармегашт. Хуб, ин айб не, лекин дугонаҳои духтар дида, шӯхӣ-шӯхӣ ким-чиҳо мегуфтаанд. Малла инро шунида, аз шарм тарафи мактаб ҳеҷ тоб намехӯрд.

Аммо Зарира пас аз бафотиҳа шуданаш либосҳои тозаи арӯсона пӯшида мактаб мерафт.

Одатан наварӯсон дар ана ҳамин давра, агар эҳтиёт нашаванд, дев ҳам, парӣ ҳам ки асл вуҷуд надоранд, чорчашм мешудаанд!.. Аз одамҳо Худо бояд нигаҳ дорад.

### =25=

Зарира дар мактаби тоҷикӣ мехонд. Бачаҳои чор – панҷ деҳа синфи даҳро ин ҷо омада мехонданд. Аз ҳамин ҷо «Номаи камол» мегирифтанд.

Ба ин мактаб, ки дар соҳили сойи Ёмчин, дар хушманзартарин мавзеи поёни кӯҳи Қаламқош ҷой гирифта буд, аз маркази ноҳия омада мехонд Зарира. Даҳ-дувоздаҳ тан аз «Хонаи бачаҳо» ва муаллимаҳои забони русӣ меомаданд аз маркази ноҳия.

Шӯъбаи маориф беҳтарин муаллимонро ба ин мактаб мефиристод.

Ҳамон сол, ки Зарира ба синфи даҳум гузашт, аз Самарқанду Бухоро, Сталинободу Русия чанд маълумоти олидор омаданд. Яке аз онҳо, хатмкунандаи ҳамин даргоҳ Иззати Сабур буд. Ана ҳамин муаллим роҳбари синфи онҳо таъин гардид.

Рӯзи Иди Октябр «бобо»-и Зарира чанд муаллими он мактаб, ду-се касро аз шӯъбаи маориф ба хонааш даъват карда, шастусесолагии худашро қайд намуд.

Он ҷо Иззати Сабур низ даъват шуда буд. Ҷавони чор кас медидагӣ. Аз адабиёту забон дарс медод. Гап-гап буд, аҷаб не, мудири маорифи ноҳия шавад.

Не, ин тавр нашуд. Ба ҷои мудири пир, миёнсолтараш Аҳмад Валиро (аз мактаби Дарбанд) оварданд.

Ҳамон рӯзи зиёфат Иззати Сабур дам ба дам ба баҳонаи тамокукашӣ аз меҳмонхона берун баромад. Зарираро, ки давуғеҷ дошт, ба гап гирифт. Ҳарчӣ – ҳарчӣ гуфта механдид.

Ҳамсинфи Зарира дугонааш Заковат низ барои ёрӣ додан ба холаи Бахмалаш омада буд, ки хандаҳои беҷои Иззат муаллим ба ӯ нафорид, рашк бурда, дар дил кинаву кудурат гирифт.

Он солҳо гап гапи муаллим буд, ҳама ҳурматашон мекард.

Аммо баъзеҳошон аз доногӣ ё нодонӣ шармро таги чарм карда, бо фиребу найранг даст ба корҳои ношоям низ мезаданд. Яктояш ҳамин Иззат шуда баромад…

Вай то ҳонданӣ рафтанаш ба Самарқанд бо Бадал Асад ҷӯрагӣ дошт. Ҳамин ки маълумотро олӣ карда баргашт, як-ду бор дар маҳфили онҳо ҳозир шуду баъд:

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,*
*Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз!*

– гӯён маҳфили онҳоро тарк карда ба давраи муаллимҳо гузашт. Аз ӯ ҳамин гап – «Кабӯтар бо кабӯтар» ёдгор монд.

**=26=**

Ҳар як серӣ як гуруснагӣ, ҳар як мастӣ як пастӣ доштааст. Як қадами нодурусти фарзанди одам гоҳе боиси аз Осмон кӯчидани чандин ситора мешудаст!..

Асли гап аз Заковат мебарояд. Вай худ ба Иззат дил доштааст. Лек Иззат Зарираро таги чашм карда мегаштааст.

Зарира бошад, аз «ханда»-ҳои беҷои ӯ ким-чиро дарк мекардаст. Доим дар хавотир будааст…

Рӯзе Заковат, баъд аз дарс, Зарираро то лаби сой гусел дошта, қасдан мегӯяд:

– Читӯ дилат шуда ба ҳамин Маллаи зард расидӣ? Ба бӯи рӯғану бензинаш чӣ тавр тоб меорӣ? Мемурӣ, ки фотиҳаашро гардонӣ?!

– Ту чиҳо мегӯӣ, дугона? Ақлатро хӯрдӣ? Ба ман маъқул шуд, расидам…

– Иззат муаллим туро нағз мебинанд, дугона! Мегӯянд, ки «як дам набинанд, девона мешаванд!» Агар розӣ бошӣ, тамом ки кардӣ, тӯй – пӯй нашуда, туро ба хондан мебурдаанд!…

Зарира барги бед барин ларзид.

– Муаллим зан, ду писар доранд-ку. Боз чӣ мехоҳанд?

– Эҳ, аҳмақ! Бехабар астӣ?

– …

– Аз бахри зану фарзандҳо кайҳо баромадагӣ!.. Ту оё намедонӣ?

– Не, намедонам! Донистан ҳам намехоҳам!

– Ба фоидааш гап занӣ, шунидан намехоҳад! Ҳу-ҳ! Медонӣ, вақти дар Самарқанд хонда гаштанашон чӣ шудагӣ?

– Чӣ шудагӣ?

– Хонумаш бо ким-кӣ гап-гап мешавад аз деҳаи боло! Як кас аз ин хабар доштаст. Самарқанд рафта, вақти сайру гашт дар зинаҳои «Шоҳи зинда» ба азизу авлиёҳо қасам хӯрда, ҳама гапро якто-якто ба вай мегӯяд… Вай баъди як ҳафта омада «се талоқ» медиҳад!.. Зан бо ду писар паси кӯҳ – хонаи падараш меравад… Падараш бою бадавлат будааст…

– Ин гапҳо ба кӣ лозим? Бас кун!

– Магар ба ман лозим? Аз ман хоҳиш кард, ки «гапи қарз»-ро ба ту расонам!.. Баро, гурез! Рав!

– Дили худат ҷаззас мезанад-ку? Худат «баро, гурез, рав!»… Ин гапа дигар аз даҳанат набарор! Одамон шунаванд, чӣ мегӯянд? Ман бафотиҳаам!..

– Бафотиҳа бошӣ, пас чаро рӯйхуш медиҳӣ?

– Кай ман «рӯйхуш» додам?

– Рӯзи зиёфати «бобо»-ҷонат аз ёдат рафт? Чӣ хел хушомад мезадӣ?..

– Ҳо-о, ана гап аз куҷо?.. Дар дил гиреҳ карда будӣ-а?

– Ту ё ман?

– Албатта, ту-дия!

– Вай манро писанду манзур мекард, ҷон-ҷон гуфта ҳамроҳаш мерафтам!.. Агар хоҳӣ, дар як ҷо вомехӯронам!..

– Дафъ шав аз ин ҷо! – бо ҷаҳлаш Зарира сангеро аз лаби об бардошт бо дасти чап. – Худат вохӯр! Ҳунар дошта бошӣ!.. Ту барин дар кӯча намондаам! – сахт расид.

– Ҳоло ҳамин тавр? Аз қавлат намегардӣ? Пушаймон намешавӣ?!

– Неъ!.. Ман бо ту дугона не! – гирист Зарира ва сангро ду қадам он сӯтар, рӯи чим партофт ва аз об рӯ-рӯи помонаксангҳо гузашту хонаашон рафтанӣ шуд…

– Чӣ, алам кард?

– Албатта, алам мекунад-дия.

– Дӯст медорам гӯй!.. «Гапи қарз»-и муаллиматро гуфтам. Розӣ бошӣ, хабар деҳ! – гуфта Заковат аз он ҷо пас гашт. Вай бо қаҳраш санги аз лаби об бардоштаи Зарираро бо нӯги по якто бизад. Санг се ғелиду диққати Заковатро ба худ кашид. Вай қайроқсанги хушрӯе буд ба шакли дил!.. Хам шуда бардошт. Дар оби мусаффои сойи Ёмчин бишуст. Бо остинаш пок кард. Санг каб-кабуд, ҳаккокӣ кардаи табиии селобҳо, вазнин, қариб ним кило. Мисли устое тарошидагӣ барин. «Исто! Ин санг гувоҳ хоҳад шуд!» – гӯён бурду таги ҳулӯли пурхори сари роҳ пинҳон кард. – Ҳуҳ! – рӯ тофт Заковат, аз дугонааш, – ҳоло ист, рӯзи ҳар дуята сиёҳ накардам, номамро дигар мекунам! – қасам хӯрд ӯ.

Аз чашми бозингару фиребои вай бисёриҳо барҳазар буданд!.. Иззат ҳам аз тарс худро аз ӯ дур мегирифт. Иззат ҳамон сол аз Самарқанд ба деҳа омаду бо баҳонаи давом додани таҳсил дар аспирантура ким-куҷоҳо бирафт. Кораш барор накард. Гашта омаду муаллимиро давом дод.

**=27=**

Дар ин мобайн собиқ падарарӯси Иззат – марди сарватманд Асадуллои Бобоёр кори аҷибе кард, ки дар ёду хаёли касе набуд… Ва бой паси гапро хунук карда, шабе табелчии боғу токпарварон Салоҳро одам фиристода хонааш оваронд ва ду ба ду рӯи кати мобайни боғ нишастанд. Салоҳ аз бой чашм намеканд. Медид, ки мардак мор барин «афсун» мекунад…

– Амак, ба ман гап доштед? – гуфт ӯ.

– Ба гумонат, он корро ман ҳамин тавр беоқубат мемондам?..

– Кадом корро, амак?

– Биё, кушоду равшан гап занем!..

– Гӯшам ба шумо.

– Духтари маро бадном кардӣ? Кардӣ! Завҷаи бафотиҳаат як шабу як рӯз касал шуда мурд? Мурд! Солашро ҳам додӣ? Додӣ! Акнун чӣ фикр дорӣ? Ҳа, гап намезанӣ? Агар дар бадан ҷони гарм дорӣ, гӯш кун: худи пагоҳ ӯро ба иҷобат медарорӣ!.. Ду

писари гул баринаш дар хонаи ман мемонад. Худам тарбият мекунам!.. Гап ҳамин!.. То ин вақт дандон ба дандон монда омадам! Агар фикри дигаре дорӣ, гап зан! Инро ҳам ба ҳисоб гир, ки барои бегуноҳ гунаҳкор шуданаш, фарзандонам кайҳо ба хуни ту ва баъзе дигарон (домодаш Иззатро дар назар дошт ӯ) ташна буданд. Ман худам як қошуқ хунатро дам мекашам!..

Чашмони бой аз ҳадақааш баромада, ханҷари афғонии худро шарт аз ғилоф кашид.

Салоҳ табулчӣ табассум кард:

– Ин қадар «меҳрубонӣ» мекарда бошед, ман ба «ҳамааш» тайёрам, амак! Худам назадатон сар хам карда омаданӣ будам. Андеша доштам, ки падари наберахоятон оё умедашро канда бошад?..

– Аз вай дигар ба ман гап назан! – бадқаҳрона ханҷарро ба танаи дарахти бузурги алмуруд зад.

– Амак, – гуфт мардонавор Салоҳ табелчӣ абрӯи ғафсашро боло бардошта, – ман бо падари Иззат чанд сол кор кардагӣ… Чутӯ ба рӯяш нигарам?

– Чӣ, аз ӯ тарсида ба ин кор даст заданӣ нестӣ?! – пурсид бой. – Ба ҳамаи ин ҷудоиҳо худи ҳамон саркори фосиқ гунаҳкор! Худи вай сари тую духтари мо ин бӯҳтонро бофт!.. Ту дигар паси гап нагард!.. Ман худам ҳастам! Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, амак!..

– Фаҳмида бошӣ, хез, дафъ шав! Пагоҳ тараддудатро дида биё!..

– Тараддуд дорам, амак!.. Тӯй карда, ба мардум ош дода духтаратонро хонаам мебарам! – овозашро паст кард ӯ.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Як моҳ он тӯй ва он рафтори мардонавори табулчӣ дар даҳони мардум буд.

Салоҳ табулчӣ ва Асадуллобой ду писарчаро суннаттӯй карда, аз мардум раҳмат шуниданд… Иззати Сабурро дуд ба фалак печид. Вай рухсатиашро баҳона карда, шабошаб аз деҳа баромада рафт. Вай ҳам рафту падари пиру бемораш аз олам гузашт. Иззат хабар ёфт ё не, маълум набуд.

Аввали тирамоҳ дар маросими «чил»-и падараш пайдо шуд. Як рӯз нишаста фотиҳа қабул карду боз муаллимиашро давом дод.

Духтари аммааш Заковат, ки бо сад алам, дилу бедилон, ба як ҷавони тирмизӣ шавҳар карда рафта буд, ду моҳ нагузашта ҷудо шуда омад. Дигар нарафт, ба марги тағояш мотам гирифта, дар

хонаи онҳо, ҳамроҳи очаи Иззат мезист. Аз хона гӯё намебаромад, лек кулли гапҳои олам тавассути вай хона ба хона, кӯ ба кӯ паҳн мегардид. Вай аз бадбахт шудани худашу хушбахтии дугонааш Зарира дарун-дарун сӯхта дуд мекард. Одамон инро ҳам эҳсос мекардаанд ва «Худо охирашро ба хайр гардонад» мегуфтаанд.

**=28=**

Заковат ҳанӯз вақти дар Тирмиз, хонаи шавҳар буданаш шунида буд, ки тӯи Маллаю Зарира моҳи октябр барпо шудааст. Вай бо Малла худро хушбахт ҳис мекардааст. Малла ҳам аз духтари боақл, бофаросат ва меҳрубон будани завҷааш хурсанд будааст. Батадриҷ бисёр дӯст дошта, чаҳор ишкели хонаро омода кардааст. Зиқ нашавад гуфта аз аввалин телевизорҳои рангаи «Чайка» оварда, антеннаи баланд кати тамошо мекардаанд. Магнитофон он вақтҳо нав расм шуда буд, ягон-ягон кас дошт, ки Малла ҳам овардааст.

Махсус Шарғун рафта, аз «ОРС» яхдони «Снежинка» харида, онро бо ҳасиб, рӯғани маска, гӯшт, мурғи хориҷӣ пур мекардаст.

«Завҷаам ҳомила аст. Мабодо ба чизе дилаш раваду набошад, чашми кӯдак кабуд шуданаш мумкин!» – шунидаҳояшро ба ёд меовардааст Малла.

Соли дигараш вақти ало шудани ангур завҷааш писар таваллуд кард. Барои Маллаи сағира аз ин зиёда хурсандӣ набуд. Тамоми деҳа ӯро муборакбод мекард.

Дар гаҳворабандонаш гӯсфанд кушт. Дӯстон, амакҳо, баъзе аз муаллимони мактабро зиёфат дод. Дар он зиёфат собиқ роҳбари синфи завҷааш Иззати Сабур низ даъват шуда буд.

Ҳамон ҷо одамон медидаанд, ки Иззат безобита шуда, дам ба дам аз тиреза берун назар меафканад. Бо баҳонаи сигоркашӣ берун мебарояд…

– Медидем, ки чашмаш беҷо – беҷо ким-киро меҷӯяд. Киро? Маълум не… Аммо Заковат, ки касе ӯро даъват накарда, худаш «дугонаҷонакам!» гуфта омада будаст, байни занакҳо нишаста гап медод ва дам ба дам ба Зарира менигарист, – гуфта буд яке аз ҳамсоязанҳо. Вай буд, ки нигоҳҳои хеши худаш Иззатро, ба кӣ равона шуданӣ онро мехонду дар дил ҷо мекард, то ки як рӯз не як рӯз заҳрашро чаконад…

Зарира аз назди гаҳвораи кӯдак дур намерафт. Кӯдакаш хушрӯ буд. Рӯяшро ба касе кушода нишон намедод. Гулбуриди падараш буд. Зард не, сап-сафед! Пойҳояш дароз, мӯяш сияҳтоб,

лекин як бандча мӯи сафеди падараш дар вай ҳам акс ёфта буд, ки инро худи Зарира, аммааш Муҳаррами нозой ва бибӣ Панири момодоя хуб медонистанд. Онро ҳар бор бинад, даҳони Малла низ титу пит мешуд. Дергоҳ аз кӯдаки қобилаку рӯз то рӯз фарбеҳшаванда чашм намеканд. Барои ҳамааш аз завҷаи хуш карда гирифтааш хурсанд буд. Худо мегуфт, ки чашм нарасад!..

**=29=**

Ҳамон сол тирамоҳ камбориш омад.

Мардум тамоми ҳосили заминро ҷамъоварӣ карда, ба зимистон тайёрӣ медид.

Дар бисёр боғҳои деҳа ангур ҳанӯз ҳам қабат-қабат мехобид. Соҳибони боғҳо ангурро дар қуттиҳо, дар сабатҳои калон ҷо карда сари роҳ мебароварданд. Ду чашмашон дар роҳи мошини Малла мешуд, ки кай омада, борашонро ба сари бозор ё Дарбанду Сайроб, Шерободу Деҳқонобод бурда мефурорад…

Дар бозорчаҳои он ҷойҳо ангури асал барин ширини Пасурхию Бибиширину Кӯшкак хеле хуб ба фурӯш мерафт.

Ҳамон рӯзҳо Малла бо мошин даҳ қуттӣ, ду сабади калон ангури Ҷаъфар ном хеши худро бурда дар таги чинорҳои Сайроб фуровард ва зуд баргаштанӣ буд, ки келинчаки сурхпӯши шинос аз автобус – «Икарус»-и Тирмиз – Тошканд фуромад ва дастонашро ҷилва дода, Малларо боздошт.

– Ҳа? Куҷо? – пурсид Малла!

– Бойсун!

– Биёед тезтар!

– Ин қадар саросема! Чӣ, дугонема ёд кардед? – гӯён Зарира дар паҳлӯяш нишаст ва халтачаеро сари зонуяш гузошт.

Малла мошини «ГАЗ-51»-и наппа – навашро, ки автобаза дода буд, гуррос занонда сӯи Бойсун ронд.

– Аз куҷо пурсем? – гуфт Малла.

– Аз Тирмиз-дия!.. Як поям дар Тирмиз, як поям дар Бойсун! – гуфт Заковати қарғачашм. Чӣ мегуфт, худаш сарфаҳм намерафт. Одатан ин гапро барои масхара доштани ягон кас мегуфтанд, ҷавонони бойсунӣ…

Малла лабханде карду гап назад. Аммо ҷоғи вай тафсид. Раҳорах ҳар гап, ки дар дил дошт, ҳар нияту ҳар заҳрае, ки дар заҳрадонаш ҷамъ карда мегашт, ба забон овард.

– Шуморо йигити базарба гуфта мегаштам, дилам монд! – гуфт ӯ тарафи Малла.

– Э-э, боз барои чӣ? – аз роҳ чашм намеканд ӯ.

– … Мардакҳо ҳама як хел будаетон! Баъзеҳо чӣ нияти вайрон доранду шумо онҳоро пешгоҳи хонаатон мешинонед!..

– А? Киро дар назар доред?

– Муаллими азизи занатонро!..

– Чӣ хел?

– Ана ҳамин хел! – гуфт ва аз вақти ба хонаи Мирзо Барот меҳмонӣ рафтани худашу муносибати дугонааш бо Иззат муаллим, байни худашу Зарира хунукӣ афтоданаш, гӯё Зарира гуфта аз Иззат муаллим рӯ тофта ба кадом тирмизии ношинос шавҳар карданаш, бадбахт гардиданаш, ҳама ва ҳамаашро як-як нақл кард ва илова намуд, ки «ин ҳамаро аз дилсӯзӣ нисбат ба ӯ» ба забон овард ва омаду дар чорраҳаи деҳаи Бибиширин аз мошин фуромад, то ки ӯро касе дар мошини Малла дидам нагӯяд.

**=30=**

– Дар зиёфати гаҳворабандони писарчаи Малла ҳамаи амакҳо буданд, – гапҳои гузаштаро ҷамъбаст кард Бадал Асад. – Бачаро Зарир ном монданд. «Шодравон бобояш ҳамин номро, агар писар шавад, монданӣ буданд» – гуфтааст бибияш Бахмал.

Ҳамааш хуб, ҳама хурсанд!..

Фақат рафтори Иззат муаллим ҳайратовар буд…

Вай медонист, ки Малла ҷону ҷигар аст ва аз феъли тӯби Арбоб чиҳо бархостанаш мумкин!..

Кадом «рӯсиёҳӣ» доштанашро шунида ба дил гирифта мегаштем: «Шон, моро писанд намекунанд! Муаллим-дия! Мо одамони одӣ!..» мегуфтам ба худ.

Аз байн чанд рӯз гузашта хабар расид, ки Малла келинро қамчинкорӣ кардааст…

Дар ҳар хонадони ин деҳа шумо як қамчини рӯи девор овезонро мебинед. Он рамзи тарсондани чашм аст. Бештар ба занону фарзандон «таҳдид!» мекунад, то бетартиб набошанд!..

Пас аз як ҳафта шунидам, ки боз ҳамон гап: Малла завҷаашро «мур!» гуфта кӯфтааст, духтуру милиса омадаст!..

Дилам балоӣ кард!..

Худ гуноҳ намекардам, лекин Худо мегуфтам: «Корам ба духтуру милиса наафтад! Кас аз онҳо ба осонӣ халос намехӯрад». Бахусус, амаки келинамон Зайниддини Қаҳҳор сардори милисаи ноҳия буд. Одами зӯъму бадқаҳр… Ягон касро писанду манзур намекард. Аз шогирдони Питиринка (Петренко) буд…

Ҳамон лаҳза хеста хонаи Малла рафтам.

Модару духтар гирди гаҳвора, апаю почояш ва худи Малла бо сари хам таги тиреза нишастаанд. Ёрои гап задан надоштанд.

Раҳораҳ шунида будам, ки худи Зайниддин сардор бо мошинаш омада рафтааст… Ранги заъфаронии Малларо дида ҷигарам рехт. Ишора кардам, ки берун барояд. Баромаду оҳи вазнине кашид. Таги девор бурда оҳиста:

– Амакҷон, чӣ гап? – гуфтам.

– Ҳарчӣ шунида бошед, ҳамон, – ноаён ва бо нӯги пояш як санги қариб нимкилогиро, ки он ҷо мехобид, ғелонд. – Кошкӣ забон медошт ин сангу гап мезад! – гуфт.

Нафаҳмидам. Ба санг зеҳн мондам: санги кабуди одӣ, лекин ба шакли «дили одамӣ»…

– Ҳамин санг «нишона»-ашон будаст… Ана он ҷо, сари деворро нишон дод Малла, – «барояд» – пас «дев!» меомадааст!..

Малла болои онро бо латтакӯҳнае пӯшонда:

– Инро ғайр аз ману боз як кас дигаре намедонад, – таъкид кард.

– Номаъқул кардаст ҳамон касу ту ҳам! – пичиррос задам ба вай. – Ин кадом иғво барин!.. Гап зан, вай кист?

Не, гап назад.

– Хуб, он «дев»-аш кӣ будаст?

– Ҳамон «ҷӯраи ҷонӣ»-и шумо! Иззат!..гуфт лабаш пиррас зада.

– А! Марги вай барин ҷӯра! Ин ҳама гап аст, ё ки бо чашми худ дидӣ?

– Дидам, амак! Дидам, ки вай меомадааст…

Хунам ба сарам зад. Худи ҳамон лаҳза худам ханҷар гирифта ба сари Иззат рафтанӣ шудам. Боз шайтонро ҳай задам. «Ин масъалаи одӣ не! Ягон иғво будагист!» – аз дил гузаронидам ва ба Малла илтиҷо кардам:

– Амакҷон! Зaната беҳуда назан! Маибу мубтало шавад, ин бар зарари худат! Аз аҷалаш пештар мемирад. Ғофил мабош! Амаки вай сардори милиса! Метавонад ба сад бало гирифторат созад!.. Агар гуноҳ доштанаш собит шавад, ҷавобашро медиҳӣ, талоқ мекунӣ, қонунӣ!.. Лекин, беҳуда назан! Ту ҳайвон не-ку!.. Бо Иззати ифлос худам гап мезанам!.. Бинем, чӣ мегӯяд?.. Пӯсташа меканам!..

– Амакҷон! Шумо дахл накунед! Ин гап овоза нашавад! – хоҳиш кард Малла.

– Фикрат маъқул… Ба ту бовар дорам!.. Гуфтугӯи ман бо Иззат дигархелтар мешавад! Сирро бой надоданамон даркор!.. Ҷон додарам, худатро дор! Ба гапи шайтон надаро!

– Аз ду сар, сари ҳар кас, як мурдан ҳаст!..

– Гап ин тавр нашудааст! Рӯҳафтода нашав! Ҳамааш мегузарад, – гуфтам.

Ба Худо таваккал карда хонаи Иззат рафтам. Набудааст.

– Намедонам, – гуфт модараш суп-сурх тафсида. – Шаби ҷумъа бо муаллимҳо ба меҳмонӣ рафта буд. Пагоҳ ба дарсаш меомадагист…

Муаллимҳо ба деҳаи Кӯшкаку Авлод мерафтанд.

«Пеши фалокатро гирифтан лозим!.. Ҳамон ҷо гапзанон мекунам!»-гуфта рафтанӣ шудам… Боз поям накашид. «Ба вай чӣ мегӯям? Ба келини мо назари бад дорӣ! – мегӯям?.. Оё гуфтани ин гап осон аст? Осонаш, санге бардошта сарашро маҷақ кардан! Ман тезӣ кунам, вай ҳам ором намешинад, беақл нест! Исбот!» – талаб кунад, чӣ мегӯям?»…

Худо раҳ надода будаст. Нарафтам.

Аммо деҳа аз гап пур шуд. Атса занӣ ё баландтар сулфӣ, одамон таври худ хулоса мекунанд. Шаҳр – гапи дигар, касе ба касе кор надорад!..

Фич-фич гап мисли каждуми таги бӯрё хона ба хонаю кӯ ба кӯ мехазид. Шунида ҷисму ҷонам ба ларза медаромад. «Андак беэҳтиётӣ шавад, як оилаи нав ҳайф мегардад» – хулоса мекардам.

Ба Малла бовар доштам. Беозор буд. Ҳар кас хизмате дошт, бо мошинаш зуд иҷро мекард. Рӯзҳои аввали пас аз тӯяш, бо ҳамин мошин завҷаашро ба Шаргун бурда, аз хонадони мулло Нурӣ ва фарзандонаш иззату обрӯ дида буд. «Мулдам ба келини нозанин» – гуфта аммаи Набот аз хонаи чор писараш чор куртавор атласу кимхоб пӯшондаст. Маллаю арӯс ваъда кардаанд, ки онҳоро ҳатман ба писартӯйяшон даъват мекунанд…

Ҳамон тараф, ба қатораи байнишаҳрии «Душанбе – Деҳнав» нишаста, шаҳри азим – пойтахти Тоҷикистонро тамошо дода будаст… «Бисёр хурсанд баргаштем, амак» – гуфта хонаи мо ҳам меомаданд. Баъдтар, ки пойи завҷааш вазнин буд, ҳеҷ куҷо намебаромаданд…

Пас аз таваллуди писарчаашон ҳамчунон хурсанд буданд, ки … якбора чашм расид!.. Гапи ҳамон дугонаи қарғачашм Заковат дар қалбаш сахт асар карда, Малларо «девона» месозад… Вай пайт меҷустааст. Коре карда Иззатро ба даст афтонданӣ будаст.

Ҳамон шабу рӯз даруни бозор тасодуфе рух медиҳад: Малла бо мошин бори касеро оварда мефурорад. Ин вақт як шиносаш бо овози баланд ба вай:

– Ҷӯраҷон! Вақт дорӣ? – мегӯяд.

– Чӣ буд? – мепурсад Малла.

– Дар Деҳқонобод каме гандум дорам, овардан даркор!.. Бозор медарорам…

– Кай рафтанӣ ҳастӣ?

– Ғайрат кунӣ, худи ҳозир! – мегӯяд ӯ.

Малла мебинад, ки раҳгузар Иззат муаллим худро ба нодонӣ зада, ба гап гӯш медиҳад, ба он шиносаш мегӯяд:

– Ман ҳозир хона рафта, зуд меоям! Сари чорроҳа баро!.. – Шабошаб рафта меоем!..

Малла тарафи деҳа меравад…

Иззат аз дур ба мошини ӯ менигарад ва чаппасар ба мағозаи «Атриёту ҷавоҳирот» медарояд…

Инро дидагиҳо қисса мекарданд!..

**=31=**

Малла аз бозор саросема омада мошинро таги дарвоза дошта ортанд медиҳад. Завҷааш пӯшидаю печида мебарояд. Дарвозаро калон мекушояд.

– Мошинро медаоред?

– Не, – мегӯяд Малла. – Ин чизҳоро бигир. – Тӯрхалтаи пиёзу сабзӣ, гӯшт ва боз ким-чиҳоро аз кабина дароз мекунад: – Ман кор дорам – Деҳқонобод меравам. Як кас гандум доштаст… Шаб меравем, пагоҳ наоям хавотир нашав! Писарча хоб аст? Эҳтиёт кун!

– Хӯрок тайёр, даромада хӯред, чӣ ин қадар шитоб? – мегӯяд келин.

– Апаам ё Бибӣ Панирро ба пешат ҷеғ зада биёр! Танҳо нашин!..

– Хуб!..

Бо шитоб мошинро тарафи «Нефтебаза» ронда меравад.

Ҳаво хушк вале сард буд.

Малла ба мошин бензин андохта, як тараф, таги дарахт мегузорад. Ба посбон пул бароварда медиҳад:

– Акаҷон, як ҷо кор дорам. Нигоҳ карда монед. Иншоаллоҳ, зуд омада мебарам! – гӯён пиёда паси девор мегузарад. Аз

Қумсой – таг-таги Ҷарии Изомхоҷа сӯи Сойи Ойборик нишеб мешавад…

Айни вақти намози шом, ҳама аз кӯчаҳо ба хона даромадагӣ… Аз байни харсангҳои беҳисоби селоварда ноаён гузашта, бо тангкӯчаҳо худро ба паси хонаи ҳамсояаш мерасонад ва бо нардбони ҳамсоя боло шуда, таги «чердак»-и иморати худ медарояд…

… Мақсад – маълум: поидан!..

Кӯтоҳтарин рӯзу дарозтарин шаби зимистон «Шаби ялдо» ба қавле… Ҳама ҷо аллакай торик. Лекин хона ва дарвозахонаашро чароғи барқ равшан кардааст…

Вай гӯш меандозад: дар хона ким-кӣ, аллакай ҳаст, «уф-уфу ҳм-ҳм, мурдаму ҷон-ҷон!» ба гӯш мерасад!

Малла худро гум мекунад…

Давида фуромаданӣ мешавад, ки шифери таги пояш, аз болои ошхона шикаста, қасаррас садо мебарорад. То давр зада худро ба хона мерасонад, ки сиёҳие аз девори рӯи ҳоҷатхона худро ба кӯча меандозад!..

– Ҳа-ъ но-мард! – дав-давон ҷои сангро хабар мегирад, ки он рӯи девор «баромадааст!»…

– Ҳа-а, ба ҳамааш худи ҳамин гунаҳкор будааст! – гӯён ҷиннии тайёр мешавад! Аз ақиби «сиёҳӣ»-и худро аз девор партофта надавида, рост хона медарояд…

Завҷааш як назар мебинад, ки дар дасти шавҳараш корди дудама ялаққос мезанад, ягона чора худро ба гаҳвораи писарча мечаспонад, гӯё ба вай сина медиҳад!..

– Хез ин тараф, – мегӯяд Малла.

Ларзида-ларзида мехезад…

Кӯдак-ором. Дар хоби ноз!

– Вай хоб аст-ку? Бо дасти ношуста ба тифли хобида сина медиҳанд?! – як лагади ноҳамвор мезанад! Дами зан дарун мегирад…

Кӯдак қад-қад парида бедор мешавад!..

– Ана акнун бедор шуд? Дидӣ, ақаллан гиря намекунад… Ӯро сина медиҳӣ? Синаи дасти ҳаром расидаро-а?

– Ба ман даст нарасондааст. Чӣ хел пайдо шуд, надониста мондам!..

– Нагуфта будам, апаам ё Бибӣ Панирро ба наздат ҷеғ зан!..

– Бача фиристода будам… Меомадагистанд… Фурсат нашуд…

– Ба «ишорат»-и дигар кас фурсат ёфтӣ?

– Чӣ хел «ишорат»? – гиря мекунад Зарира, – ба гапам бовар кунед…

– Бовар кунам-а? Аз он қамчин ҳазар накардӣ?

– Занед, қамчин гирфита занед! Майлаш! Ба ман агар раҳм накунед, ба писарчаатон раҳматон биёяд!..

– Оё акнун ғами писарчаро мехӯрӣ? Аз Худо ҳам натарсидӣ?!..

– Ба «Қуръон» қасам, ман гуноҳ надорам. Ногоҳ дидам, ки аз кадом гӯр пайдо шуд!.. Бехабар мондам!.. Агар гуноҳи ман бошад, ман тайёр! Мана кушед, номард!..

– Аз санги сари девор ҳам хабар надорӣ-а? Санг худаш сари девор баромадааст-а? Мард?!.. Боз мо «но-мард-а?!»

– Чӣ хел санг? Мардак, ба шумо чӣ шудааст? Де-во-на-ку нашудед?!.

– Ту де-во-на кардӣ, маро! Мана ба ту! Ана ба ту! Агар ман девона шуда бошам! – гӯён девонавор ҳамла оварда, зад-зад-заду ҳарду ба хун оғушта шуданд…

Зарира дигар овоз ҳам бароварда натавонист…

Тифл дар гаҳвора шах шуда – шах шуда мегирист…

Аз берун тақ-тақи дарвоза ба гӯши Малла расид…

Ӯ кордро як сӯ партофта тарафи дарвоза рафтанӣ шуд. Занашро чанд корд зад,худаш ҳам ба ҳисобаш нарафт…

Кӯдак ғаш мекард.

– Воҳ, оча-ҷон! – гӯён Зарира яке тапид…

**=32=**

Чашми Малла хун гирифта буд. Вай беҳушу беёд дасти хунолудашро ба пероҳанаш пок кард. Ҷомаи нимдошташро пӯшида сари гаҳвора омад. Ба ҳоли зори модараш гӯё танҳо тифли ширхора ғашён дошт. Ба шах шуда-шах шуда гиристанҳои тифл тоб оварда натавониста, сарашро дошта, ба ғавчӯби гаҳвора такя дода Малла ҳам мегирист. Ашку хун ба ҳам омехта, афту андоми ӯро аз ҳар гуна ҳайвони одамхор, одамкуш, девонаи ба ҳарос афтода бадтар нишон медод. Тифли гирён аз тарс чашм кушодаю пӯшида ба он махлуқи Худо менигарист. Гӯё мегуфт, ки «ҳой беинсоф! Нархи сабзию пиёзро напурсида, чӣ моҷаро дорӣ? Чӣ коре ба модари ман кардӣ? Охир, вай туро дӯст медошт-ку? Агар дӯст намедошт, маро ба ту ҳадя мекард?!».

Малла гаҳвораро бардошт… Шояд ба хонаи дигар гузарондан мехост, ки озод бардошт…

Ин дам боз тақ-тақи дар ба гӯшаш расид.

Малла гаҳвораро ба меҳмонхона гузаронд. Рӯи тифлро кушода монд. Саросема ханҷарашро ба латтае печонда дар бағал зад ва рафта даричаро воз кард.

Пиразани хамидақомат Бибӣ Панир!.. Гап назада ворид шуд. Бо ҳарос ба афту андоми Малла нигарист.

– Оча, дер омадед, – гуфт ӯ. – Барвақт меомадед, шояд ин аҳвол рӯй намедод!..

Пиразан давид. Пояш ба пояш печида дар остона афтод. Хеста натавонист, базӯр хеста рафта сари Зарираро рӯи кафаш гирифт:

– Ҳаҳ, гарданшикаста! Ҷувонмарг! Охир кори набераи мана кардӣ-а? Сағираи сархӯр!.. Бар сари ҳама бало овардӣ!.. Дар вақташ, гум шуда рафта будӣ! Кошкӣ дигар намеомадӣ!..

Малла рост меистод. Ба арӯсаш, ки мурғи нимбисмилро мемонд, нигарист… Вай яке чашм кушуду: – Би-бӣ, – гуфту аз ҳуш рафт.

– Ҷавонмарг! Духтур ҷеғ зан! – бо тамоми овоз фарёд зад пиразан. – Аз ҷони набаромада умед!.. Гапам гӯш кун: то ҷон дорӣ, гурез! Тарафи мазори Хоҷа Сурхпӯш гурез! Ба Алачапон рав! Ё Қӯрғонча рафта сар панаҳ дор! Агар ин ҷа монӣ, аз сад ҷонат якташ ҳам халос намехӯрад!. Хешонаш гӯштата парча-парча мекунанд!.. Ба писарат худам нигоҳ мекунам! Гурез! Беинсоф, ба ҷони ҳамин хел келинчак ҷавр кардӣ? Аҳмакӣ кардӣ!

– Ба ҳамааш набераатон Иззат гунаҳкор!

– Ин хел будаст, барои чӣ як даҳан гап назадӣ! Чашми Иззата худам кофта мегирифтам!..

– Чашми вая ман кофта мегирам. Як мурдаро дуто мекунам. Ана баъд худам милиса рафта таслим мешавам! – бо шитоб баромад Малла.

Кӯдак ғашён дошт.

– Чӣ гап, чӣ гап? – гуфта Муҳаррами кар аз дар даромад. Арӯси оғуштаи хунро дида, фарёд зад: – Вой дод!! Эсиз келинакам!.. Илоҳо ҷавонмарг шавӣ, Малла! Ин чӣ корат шуд!..

Аз доду фиғони ӯ ҳамсояҳо безобита шуда пасопеш меомаданд.

Муҳаррами кар бо кӯдак машғул мешавад. Бибӣ Панир сари арӯсакро дар бағал гирифта ашк мерезад. Ба Бадал Асад одам фиристед, – гӯён дод мегӯяд.

Барои ин пиразан, ки ду писари баркамолаш аз ҷанги Гирмон барнагашт, тамоми деҳа фарзанд буд. Ҳама ӯро оча, модар, бибӣ мегуфт. Садҳо духтару писари деҳаро момоноф буд. Ба ҳар хонадон мусичаи бегуноҳ барин даробуро мекард, нони беминнат мехӯрд. Набошад – қаноат мекард. Савод надошт, вале аз сад саводнок донотару боақлтар буд… Ҳоло аз пеши чашмаш як маълумотдор, ки вай ҳамин ҳоло «оча!»-гуфта ба остонаи дараш рафта буд, дур намешуд. Ҳамон чашмаш ҷурида Иззат гуфт, ки «хонаи набераатон равед, Малла боз ягон фалокат накунад»…

Зуд бархост, омад, ки ана ин аҳвол!..

Зарира метапид. Вай ҳоло лахта-лахта хун мепартофт. Лабонашро пок мекард пиразан. Яке чашмашро калон кушуд, хонаро равшан дид ва «Би-би-ҷон!» – гуфту дамаш дарун зад, ларзид, барги бед барин меларзид...

Бибӣ Панир манаҳашро баст. Ҳамчунон баст, ки сездаҳ сол пеш хешон манаҳи падари ин духтар – писархонди ин пиразан – Абдулвайси Асрорро баста буданд…

– Воҳ, келинакам, воҳ набераҳакам! Ту мурдана ман мемурдам, намешуд! Охир, мурдан тани мани пир буд – ку, Зарираҷон!..

Ба гиряи ӯ дигарон ҳамроҳ шуданд. Замину осмонро овози гиря фаро гирифта, ҳавлӣ ба як мотамсаро табдил ёфт…

Пиразан мегирист, ки ман ҳам омадам. – Биё пештар, Бадал, – гуфта маро ба гӯшае бурду зора кард:

– «Маллая гурезон!.. Вай ҳозиракак аз пайи Иззати ҷувонмарг рафт!.. Иззат худаш мана инҷа фиристод: «хонаи набераатон равед, боз ягон фалокат рӯй надиҳад»-гуфту дафъ шуд… Давида рав! Як мурда се мурда нашавад!.. Гурезон, ҳа, гурезон онҳоро!..».

Одам паси одам меомад. Ҳавлӣ пур мешуд. Ҳар кас, ки меомад мепурсид: «Чӣ гап?.. Кӣ куштааст?..».

Ҷавоб якта:

Ҷувонмарги Малла! Шавҳараш!..

Баъд аз чанд дақиқаи дигар мошини милиса омад, «Ёрии таъҷилӣ» омад!..

Хилъати сафедпӯшон ҷасади маъсумаро печонда рӯи замбар монданд. «Ёрии таъҷилӣ» ҷасадро бурд… Дигарон ҳайрон!

Ҳамин тавр шуд.

Дигар хел шуданаш ҳам мумкин буд! Боз ҳам кӣ медонад? Аҷаб не, гуфтаи мо не, гуфтаи Худо шуд!..

Ҳалол ҳалол будааст!

Ҳаром, албатта, ба ҳаром мебаромадааст!..

Ҳамон шаб деҳа кӯчид. Гиряву нолаи занон, ғув-ғув ҳар сӯ ҳаракат кардани сечархаҳо, мошинҳо, якдигарро садо кардани одамон, тақ-тақи дарвозаҳо, ак-аки сагҳо...

Хоб аз дидаи мардум рафта буд.

**=33=**

– Аз ҳамон шаб ташвишҳои беохири ман сар шуд, – ба гапаш давом кард Бадал Асад. – Одамро то накушанд, худ аз пеши худ намемурдааст. Ҳатто ғаму анои ҷаҳон ӯро мағлуб гардонда наметавонистааст… Амак! Баъд фаҳмидам, ки ҳамон шаб Бибӣ Панир ба ман одам фиристода будаст. Бибӣ Панирро хонахароби Иззат хабардор карда будаст. Иззат ҳамон шаб аз дарича ба ҳавлӣ даромада, вақти фирор аз рӯи деворе, ки санги дил он ҷо будаст, не, аз бурҷи бадраф худро партофтааст.

Аз санг, ки Малла ба ман нишон дода буд, тасоддуфан, вақти гузаштанам хабар ёфтам. Вай рӯйи девор мехобид… Кадоме онро сари девор мондааст. Иззат ҳам аҷаб не аз он бехабар бошад! Вагарна, вақти аз сари девор паридонаш онро меғалтонду нест мекард…

Баъд фаҳмидам, вай кори ҳамон Заковати қарғачашм будааст.

Хуб, бало ба пасаш.

Баъд аз гапи Бибӣ Панир ман тарафи хонаи Иззат, ки аз Осиёи деҳа чандон дур набуд, шитофтам. Хаёлам, ки аз болои моҷарои дигар мебароям… Не, зада аз дарвозааш даромадам, ки чанде аз хешон, амакҳою додаронаш парешон, аз замин китобу варақ ҷамъ мекунанд.

– Иззат канӣ? – гуфтам.

– Ҳама Иззат хоб дидетон – чӣ? Ҳозир Малла пурсида омад… Боз шумо мепурсед? Чӣ гап, худаш? Тинҷист?..

– Ҳа, «тинҷӣ!».. – гуфта аз ҳавлӣ баромадам…

Маълум, ки инаш фирор кардааст, ваяш аз ақибаш афтидааст!.. Шармандагӣ!.. Роҳ якта: аз пушти Осиё, бо таги Чормағзи Хатиб ба сойи Ёмчин фаромаданашон мумкин!..

Ман ҳам бо ҳамон пайраҳа ба сой фуромадам. Шаб торик. Ғайр аз харсангҳои селоварда, ки ба чашм баррою бузғолаи хобида барин метофтанд, дигар чизе дида намешуд.

Ба роҳи калон даромада, рост тарафи Қӯрғон гузаштам.

Кӯчаҳо ором…

Посбони артели шоҳибофӣ дидааст, ки Маллаи парешон тарафи милисахона гузаштаст.

– Оҳ, Худо зад! Кор чатоқ! – мегуфтам ба худ.

Таёқамро таги дарахт монда назди навбатдори милиса даромадам.

– Ҳа? Чӣ гап? Шумо ҳам?.. – пурсид милисаи шинос, – ягон касро кушта омадед?

– Не, Худо нигаҳ дорад, – гуфтам. – Малла омад?..

– Омад, – хунолуда кордашро нишон дод ӯ ва зуд даруни ҷевон гузошт.

– Акнун чӣ мешавад? – пурсидам мани содда.

– Чӣ мешуд? Ҷазояшро мегирад, – одӣ ҷавоб дод ӯ. – Ана, сардор омад, – ба гурроси мошин гӯш дод ӯ. – Бароед!..

Баромадам. Хаёлам, ки агар ин шаб тадбире наандешем, пагоҳ дер мешавад: сардор – амаки келин Малларо як бор ҷеғ зада таъкид карда буд… Имшаб вай зинда мемонда бошад?..

Дар сари Қӯрғон як хеши милиса доштем. Пагоҳ ба навбатдорӣ мебаромадаст… «Шояд дар хонааш бошад» гуфта, тезтар қадам мондам…

Ба Қӯрғон наздик шудаму суроби шиносе тарафи комиссариати ҳарбӣ гузашт. Ба Иззат монанд кардам. Аз пасаш равам гуфтам, аз ду сар расондан наметавонистам… Ҳоло амаки милисаро дидан зарууртар буд. Дарвозаашро задам, худаш баромад. Дар танаш ҷомаи дарози шинам.

– Ҳа, Бадалбой? Тинҷист? – пурсид.

– Тинҷӣ дар гӯр! – гуфтам.

Воқеаро ба Ҳамро милиса фаҳмондам. Вай дар ҳайрат монд.

– Чӣ кунем? – мегуфт дам ба дам. – Ту ба чашмат дидӣ, ки Зайниддин ба милисахона даромад?.. Пас он ҷо рафтани мо бефоида. Хуб, «Аз карнайчӣ як пуф!».

Вай шитоб накарда, ба раҳи таги қӯрғон фуромад. Мо аз ҷониби шимол ба ҷануб, бо роҳи тангкӯчаҳои наздик сӯи милисахона равона шудем.

Раҳораҳ ба хотираш овардам, ки сабабгори ин ҳама наҳс Иззат аст. Рӯ ба фирор овардааст. Ҳамин ҳоло аз раҳи қабристони Шаҳидон тарафи бозор гузашт. Чашмам ғалат намекунад!..

Вай ҳеҷ чиз нагуфт. Аз хомӯшиаш хулоса кардам, ки гӯё: «Гумон инсонро аз имон ҷудо созад!». Дуввум як бадбахтиро ба даҳ бадбахтӣ гардондан кори одами бааќл не, дигар ин ки

гунаҳкории ӯро кӣ собит карда метавонад? Ӯро танҳо дар ҷояш дастгир кардан лозим буд!..» мегӯяд.

Бо ин фикру андеша ба милисахона расидем. Ҳамро милиса аз навбатдор пурсон кард, ки «сардор куҷост? Оё тарафи дух-турхона ё ҷои дигар нарафтааст?».

– Як бор рафта омад. Дигар берун набаромадааст, – гуфт на-вбатдор.

Бо ишорае фаҳмондааст, ки худаш инстинтоқ мекардааст…

– Чӣ илоҷ? «Шӯхӣ накун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб!»…

Бо роҳи рафтаамон баргаштем. Таваккал ба Худо кардем.

Ҳамро милиса гуфт, ки пагоҳ худаш навбатдорӣ мекунад.Аз Тирмиз мошини «Этап» омаданаш лозим. Биёяд, ормон нест. Илоҷе карда Тирмиз мефиристад.

– Хабар гирам? – пурсидам аз ӯ.

– Не, – гуфт. – Наоед. Худам одам мефиристам. Баъд чӣ қадар даводавӣ лозим шавад, медавед!.. – Боз таъкид кард, – аз маҳбасҳои Тирмизу Қаршӣ ҳам тезтар тарафи Россия фири-station, имкони аз марг наҷот ёфтанаш ҳаст… Вагарна, «қасд» кори хуб не, бо марг тамом мешавад… Мо бераҳмтарем назар ба ӯрус! Онҳо қоида-қонунҳои маҳбусдориро риоя мекунанд!..

Ҳайрон шудам аз ин гапҳояш. Тез-тез тарафи деҳа рафтам.

**=34=**

Ба деҳа баргашта, хостам ба ҳавлии мотамсаро дароям, лекин поям намекашид.

Гапи Ҳамро милиса ба ёдам расиду ҳамон «санги дил»-ро ёф-та ягон ҷо нигоҳ дорам гуфтам. Вагарна кай ба фаҳмаш мераф-там!.. Онро аввал гирифта ба таги обмӯрӣ, бо нӯги таёқам тела додам. Баъд, не, бароварда ба рӯймолам баста гирифтам.

Таёқамро кашола карда боз хонаи Иззат рафтам. Дилам қарор намегирифт… Мехостам донам, ки дарвоқеъ фирор кардааст?

Модараш занаки азимҷӯссаи ғабғабаш овезони ду бари рӯяш суп – сурхи «хунчакон» баромад Дар досташ фонус буд. Барои моён пеш якто модар барин ҳисоб мешуд.

– Иззат канӣ? – гуфтам.

Вай хуб медонист ҷӯрагиҳои ману писарашро. Фақат, баъд аз маълумотро олӣ карда омаданаш моро писанду манзур накарда монда буд, ки очааш аз ин гапҳо ҳеҷ парво надошт… «Зани

деҳотӣ кай паси чунин гап мегардад», – аз дил мегузаронидам. Не, ин фикрам ғалат будааст.

Очаи Иззат гуфт, ки Бибӣ Панир омаданд. Иззата ҷанг карданд. Нафаҳмидам барои чӣ. Иззата ҳӯ он тараф бурда ангуштҳошона нишон дода: «Инаша газӣ, инаш дард мекунад? Ҳамаша газӣ, ҷисму ҷонат дард мекунад? Аз ҷонама сӯхтанаш омадам. Тез бурою рав! Дигар пою қадамата ин ҷо набинам! Яктааш не, яктааш туро ҳам мекашад ё мекушад!» – гуфтанд. Ман ҳеҷ чиз нафаҳмидам Бадалҷон! – гуфт.

«Ҳа-а намефаҳмӣ? – гуфтам дар дил. Агар аввали шаб медидам, албатта як фалокат рӯй медодаст. Вақти аввал омаданам вай ҳамин ҷо будааст»…

– Худаш канӣ? – гуфтам.

– Баромад, – гуфт, – ким-чиҳо гуфта баромад!..

Тахминам дуруст будааст. Баъдтар як кас гуфт. Вай аниқ дида будаст. Иззат пас аз милисахона рафтани ман бошитоб, аз ҳамон таги чормағзи Эшони Хатиб ба сой фуромада, то Чашмаи Будённий меояд. Аз чашма ҳалқашро тар мекунад. Ду қадам аз роҳи калон ба баландӣ баромада, худро ба қабри уруси шаҳид мерасонад. Аз раҳи Қӯрғон не, аз паси комиссариати ҳарбӣ аз паҳлӯи дарвозаи Мирзо Барот гузашта ба бозори намак медарояд. Аз Кӯктеппаю Газа гузашта ба Гӯри Ҷуҳуд мерасад, ки мошини аз ҷониби Бухорою Самарқанд сӯи Тоҷикистон равона аз ҳамон ҷо мегузарад. «Нагурехтагӣ ҳам номард» гуфта бо мошине то Шӯрчӣ рафта, вақти саҳар ба қатораи «Душанбе-Москва» менишинад…

Дар деҳа хешонаш овоза карданд, ки Иззат ин ҷо набуд. Даҳдувоздаҳ рӯз пеш гӯё, ҷое меравам гуфта аз хона баромада буд.

Ба ин дурӯғи онҳо Заковати гумном фақат механдидаст!..

## =35=

Субҳи содиқ ҳавлии Малла кӯчид: тӯби Арбоб то сари кӯчаи калон тамма шуда, овоз баланд кард.

Ҳар одам, ки бо тамоми овоз «во келинам! Во хоҳаракам, во рӯз надидагӣ ҷигарам! Ин эркаписарата ба кӣ монда рафтӣ! Малла! Ин исноди туро куҷо барам, ба кӣ гӯям?» – гӯён амакҳо нола мекарданд. Як сӯ гиряи занҳо, овози якканавохти гӯянда чунон деҳаро ба ларза оварда буд, ки каси ашк нарехта, оҳ накашида, афсӯс нахӯрдаро намедидед!..

Овозбаланд каме басанда шуду ҳама мисли хонаи занбӯр чӯб халондагӣ барин ғурунг-ғурунг ба гап даромаданд:

Очааш, хешонаш гуфтаанд, ки ҷаноза аз хонаи худашон бароварда шавад!..

– Неъ! – оқсақолон ба мобайн даромаданд! Келин раҳматӣ хона дошт. Ана ҳамин ҷо «тахту бахташ» буд. Аз ҳамин ҳавлӣ бояд бароварда шавад! – гуфтанд.

– Ин рӯзи сахта Худо ба сари ҳеҷ бандааш наандозад! – ҷасад аз духтур рост ҳамин ҷо оварда шавад! – қарор шуд ва чанд ҷавонмард мошин гирифта, тарафи касалхона рафтанд.

Мардуми Пасурхӣ ору номус чӣ буданашро медонист. Мулло Саид Охунро ба миён даровarда маитро бо мошини «Ёрии таҷилӣ» хонаи худаш оварданд.

Духтурҳо қоида-қонунҳои худро адо карда буданд…

Марҳумаро ба тариқи «шаҳид» об нагирифта, либосу либосвориҳояшро даста-даста болои тобуташ партофтанд. Шербачаҳо тобутро дар майдон гузоштанд.

Мардум зич. Ҷаноза хонда шуд.

– Раҳматкунанда Ол-ло-оҳ! – гӯён тарафи қабристон гирифта ҳаракат карданд. То ба қабристон расидан шарфаи ҳазорон пой ва ҳамон нидои якканавохт: «Раҳматкунанда Ол-ло-оҳ!» – дару деворро об кардаю сӯзонда мегузашт!..

Мардум нӯг-нӯги даст ба хокҷояш расонданд. Қабр тайёр буд.

Рӯи миёнбанди санг печондаам як мушт хок андохтам. Пирони дигар низ мушт-мушт хок ба он андохтанд, ки рӯи лаҳад рехта мешуд. Он санги «соҳира» низ ба лаҳад рафт…

Гӯронда пас гаштем.

Ҳазорҳо одам даромада, дуои фотиҳа карда мебаромад.

Дар ин маърака ду кас набуд: яке шавҳараш Малла, дигар амакаш – сардори милиса Зайниддини Қаҳҳор!.. Дар бораи шахси сеюм гӯё касе чизе намедонист. Онҳое, ки «гунаҳкори асосӣ» кӣ буданашро пай бурда буданд, бо дили бирёну дидаи гирён он дари хонаро тарк мекарданд. Ҳазорон лаънат мехонданд, ки боиси хонавайронӣ шуд, ду сағираи акнун рӯзу рӯшноӣ дидаро барбод дод!..

Ҳамон рӯз, қарибиҳои пешин ба амак Бадал Асад хабар мерасад, ки худи ҳозир хеста Тирмиз биравад. Яъне мошини «Этап»-и ваъдагӣ омадааст… Малларо фиристодаанд! Малаи маслукро…

Дар як дам байни мардум фич-фич гап рафт:

«Сардор шаби дароз дам гирифта – дам гирифта Малларо задааст. Аввал вай чапғалат дода, аз мушту лагади сардор худро пасу пеш гирифтаст. Ҳатто дасту пойи сардор ба девор бархӯрда, лат ёфтаст. Назди навбатдор омада бандондаст ва то чоштгоҳ лату кӯб карда, баъд барои «истироҳат» ба хонааш рафтаст…».

– Ана ҳамин тавр, амак! – гуфт Бадал Асад. – Ман ба шумо гӯям, ҳамон вақте ки ин Зайниддини пир ҷон канда натавониста, се шабу се рӯз азоби гӯрро мекашад, фақат номи Малларо ба забон меовардаст. Ҳамон шаби истинтоқи ғайриқонунӣ ва бо ҷаҳлу ғурур анҷом додаашро пеш аз ҷон ба ҷаббор супурдан Худо барояш нишон додааст!..

Бадал амак сукут рафт. Дастархонро пеш кашид. Ангур, чойи хунук, нони сахтшударо низ… Ба хӯрдан таклиф кард. Куҷо, оё аз гулӯ об мегузарад?

Ҳарду ба ҳавои тозаи боғ баромадем. Осмони кабуд ситоразор буд. Аз ҳавзаи чуқурии Бойсун само чунон ба назар наздик мерасид, ки гӯё даст дароз бикунӣ ситора гирифтан мумкин…

Гашта болохона баромадем. Ҳарду ҳам хомӯш будем. Дар чашм хоб надоштем. Амакам гуфт:

– Дар ин мобайн, то додани «ҳафт»-аш ман Тирмиз рафта омадам. Дар маҳбаси Тирмиз хешон, дӯстон – аз худи Пасурхӣ, Сайроб, Панҷоб кор мекарданд. Исо Яҳё ном як хешамон вазифа дошт. Оташ буд. Ҳамаро сахт ба дасташ гирифта, қонуну қоида, интизомро сахт риоя мекард. Обрӯ дошт. Ду даҳан асли мақсадро гуфтам. Ҳамаашро фаҳмид… Ёрдамаш ҳамин шуд, ки бечора Малларо табобат кунонд... Суд понздаҳ сол ба ҳабс маҳкум кард. Ба тезӣ аз Тирмиз ким-куҷо фиристод Исо Яҳё ва барои дуои фотиҳа омада, оҳиста нақл кард.

Рӯзи гузаронидани «чил»-аш буд. Пас аз пешин кор ранги дигар гирифт: аз гузари поён, хешони келин ва аз маркази ноҳия одам омада дар сероҳаи назди идора тамма шуданд.

– Ҳа, чӣ гап?

– Қотилро гурезондаетон! Ёфта медиҳед! Вагарна худи ҳозир хун мерезем!

– Канӣ, кӣ хун мерехтаст?! Бас не, ки хуни ду кас рехт?! Маллаи хунхор занаша кушта бошад, Малларо шаби дароз сардори милиса зада, нимкушта карда, ба маҳбаси давлат фири-

стод-ку! Канӣ, мард бошад ин ҷо барояд! Хунрезӣ бошад, хунрезӣ! – тарафи тӯби Арбоб ба пеш ҳаракат кард.

Се-чор мӯйсафед ба мобайн даромаданд. Ҳамин вақт ҳодисаи ғайричашмдошт рӯй дод:

– До-о-о-д, аз дасти шумоён, тӯби Арбоб! До-о-о-д! – гӯён парпечи кӯдакро модаркалонаш тори сар бардошта, аз дарвоза берун шуд!

Дар мобайни издиҳом рост истод! Кӯдак ғаш мекард…

Ҳама бо даҳони воз менигаристанду мегиристанд.

– Ҳай кун мошина, – гуфт занак бо тамоми овоз!

Аз дарун чизу чораи боркардашударо ронандаи ношинос ҳай карда баровард!

– Фарзандамро куштед! Бас! Дигар хунрезӣ бас! Ин деҳаи шуморо дигар паси сарам бинад! – ӯ гирёну нолон ба қабати ронанда нишаст. Вай парпечи кӯдаки гирёнро маҳкам ба оғуш гирифта буд.

Дигар ҳеҷ кас ҳеҷ чиз нагуфт.

Кадоме як қулфи калонро ба дарвоза бизад ва калидашро оварда ба дасти зан бидод!

Одамони онҳо дар нишебии дари хонаи Дӯлонҷин ном додари Кенҷа паҳлавон мошинро боздошта, ба бордонаш баромаданд.

Мардуми Пасурхӣ чанд лаҳза сафашро нашикаста рост монда буд.

Аз қибла шамоле хест. Ҷиншамол чангу хоки кӯчаро бод карда, охирин баргҳои дарахтонро дар замин гирифта мезад…

**=36=**

– Эҳ, амак, амак! Боз чӣ гӯям ба шумо! Корро кӣ кард? Ҷавру ҷафоро кӣ кашид? Кӣ кушта шуд? Кӣ ба маҳбас рафта беному нишон гашт, ҳамаашро вақт андова кард. Об ба лаби ҷӯй баробар шуд. Лекин тамоми ҷабру ҷафои минбаъда ба сари ду-се тан аз авлоди Арбоб фуромад. Шумо напурседу ман гап назанам. Ҳамааш думболаи кори худ гирифт.

Иззати гӯр ҳам бо ҳамин бедому дарак шуда рафт. Амакҳояш мурданд, наомад. Падараш хайр ӯро вақт «оқ!» карда буд!.. Мегуфтанд, ки дар кадоме аз мактабҳои водии Вахш аввал муаллим будааст. Баъдтар раиси маҳалла шудааст. Аз кор зада шуда, чанд вақт думболи хатибии масҷидро гирифтаст.

Ва чизи ҷолиб ин будаст, ки аз ҳамон мактаби худаш кор мекардагӣ як муаллимаи ғоибона таҳсилкунандаро ба занӣ гирифтаст. Он занак аз авлоди одамони обрӯманд буда, ба ҳамон шодравон Зарира бисёр монанд будаст.

Ҳоло агар кас бинад Иззатро намешинохтаст: Харобу лоғар, риш ва ба чашм айнак мондаст… Ягона машғулияташ шоҳмотбозӣ будаст. Бо чанд улфаташ дар чойхонаи паҳлӯи заводи нон нишаста шоҳмот мебозидаст. Нағз ҳам мебозидаст… Лекин, як дӯсташ, ки аз ҷурми ӯ бехабар будаст, боре ӯро аз марги муфоҷо халос кардаст.

– Он чӣ гуна будаст?

– Ман намедонам. Агар гузоратон ба ноҳияи Вахш афтад, аз директори заводи нон, ки аз Маккаю Мадина ҳоҷӣ шуда омадааст, мепурсед, – гуфт амакам.

Лекин дар деҳа ҷабр ба ҷони падари ману амаки Қосимхон фуромад: додаре доштам, ки дар институти омӯзгорӣ мехонд. Абдуҷалил ном дошт. Рӯзе аз рӯзҳо хабар расид, ки ӯро заҳр додаанд. Кӣ додааст, маълум не. Рафта овардем, каб-кабуд шудааст. Устозҳояш ҳамроҳ оварда, ба хок супориданд.

Гуфтанд, ки каси заҳрдода аз ҷои худамон будаст. Ёфта ба ҷавобгарӣ мекашанд... Алами вай аз ақиби худ падари бузургворамонро ҳам бурд!..

Пас аз чанде як аскарбачаи мо дар соҳили Нева ба дарё ғарқ гардид… Сабабҳои он ошкор нашуда монд. Лекин гуфтанд, ки дар асоси кадом хусумат сурат гирифтааст…

…Баъдтар ҳушёртар шудем. Қадам дониста мемондем!..

Дар он солҳо, Мирзо Барот, ки пир буду Ленинградравиро бас карда се-чор сол аз по монда аз дар берун намебаромад, бимурд. Хонумашро як шиноси шавҳари пештарааш, дӯғобагӣ аз Париён ном деҳа омада ба иҷобаш даровард. Ин зан писарчаи Малларо бо худ бурд. Ва мо дигар ҳеҷ намедонем, ки тақдири ин писар чӣ шуд...

Яке аз амакҳояш хонаи он дӯғобагиро кофта-кофта то Музрабод меравад. Хонуме мегӯяд,ки «онҳо як вақт ин ҷо зиндагӣ мекарданд. Баъд ба Ашқобод (ба Туркманистон) кӯчида рафтанд».

Вақти бозгашт ӯ як навҷавони барбастаро мебинад, ки бо шаст мотосикл ҳай карда ба он хонадон меояд. Аз рӯи гапи ӯ наврас бо Малла як себи дукафон будааст…

Боре ман ҳам он хонаводаро кофта рафтам. Гуфтанд, ки ба тарафи номаълуме кӯч бастаанд…

Ана ҳамин тавр, амак як оилаи ҷавон титу пароканда шуд. «Касофатӣ калла ба шӯрбо зад!».

Рӯзе ҳам фаро расид, ки Зайниддин Қаҳҳор, барои хилофи қонун кор карданҳояш, аз вазифа сабукдӯш гардид. Бо чашми худ дидем, ки чӣ азобҳо кашид. Аз дари хонааш касе намедаромад. «Хонаи милисаю нони мулло кас надид!» гуфтанӣ гап ҳаст, ки дар шаъни вай монд. Вай нони мардум бисёр хӯрда буд. Лекин касе остонаи дарашро надида буд… Сахт ҷон доданаш як тараф, боз гӯрашро аз се ҷо канданд, ки тобасанг баромад ва гӯрканҳои бегона ба ҷои дуо дашном дода рафтанд…

Духтартағои Иззат Заковати қарғачашм аз шӯи тирмизиаш тамоман ҷудо шуда омад. Ба як ҷавон аз деҳаи Дидоркам расид.

Мегуфтанд, ки пас аз як соли вафоти Зарира таваллуд карда натавониста дар дасти лӯлизане ҷон додааст.

Аз он моҷаро танҳо Иззат ҷон ба саломат бурд…

Амакам Бадал Асад дар ҳамин ҷо лаб аз гуфтан фурӯ баст… Ак-аки сагҳои деҳа ҳам басанда шуда буд… Шояд мисли мо бисёр ҷакида охир хобашон бурда буд.

Аммо башоратдиҳандагони субҳи рӯзи нав – хурӯсони қашқарии амакам аз қафасҳои худ аввал пар-пар карда, ҳай ба «қу-қу-қу!» даромаданд. Аз кадом бурҷи оғил бӯаси гову гӯсолаи навзод ба гӯш расид.

Ҳамон шаб мо бехабар, гови алои амак гӯсолаи зебое зода будаст… Янга шири аввали говро (ки тарзо гӯянд) як бор ҷӯшида партофта, аз ҷӯши тозааш «келагай» пухта овард… Овози гӯсола хуш ба гӯш мерасид дар ҳавлӣ…

**=37=**

Аз ин сӯҳбати ману амакам Бадал Асад боз чанд сол гузашт.

Ман ин қиссаро нонавишта партофта монда будам. Намехостам, ки хотири зиндагон ошуфтаю рӯҳи рафтагон безобита гардад.

Лек дар ҳамин қарибӣ як нависандаи соҳибэҳтиром фавтид. Барои таъзия ба воҳаи Вахши номдор рафтан лозим омад.

Ман шунида будам, ки ҳамон Иззати гӯр дар ҳамон водӣ, дар идораи кадом як ташкилот ё фирма адои вазифа мекунад. Аз дур бошад ҳам, дидан мехостам. Ҳамсафари ман раиси суди ноҳия Н. ҷавонмарди бархурдор аз тамаддуни имрӯзӣ оҳиста гуфт:

– Рафту ӯ шуморо дидан нахоҳад… Пас хиҷолат нахоҳед шуд?

Ба андеша рафтам.

Воқеан, дуруст мегӯяд.

– Агар, – гуфт ӯ, – хоҳед, ки чӣ сон вай, ба қарибӣ, аз марг ба осонӣ раҳо ёфт, ман бароятон нақл мекунам…

Иззат ҳанӯз ҳам дар чойхонаи нишаста бо улфатҳояш шоҳмот мебозидаст.

Рӯзе аз рӯзҳо ба ҳамон Маллае, ки шумо гуфтед, монанд як ҷавон меояд. Чанд рӯз дар меҳмонхонаи он ҷо даробуро мекунад. Аз рӯи нишонаҳои ба худаш маълум Иззатро мешиносад...

Аз ин чиз ду ҷӯраи Иззат, ки онҳо ҳам собиқ одами ҳамон тараф буда, аз воқеаҳои рӯйдода хабар доштаанд, ба он ҷавон нафаҳмонда, ба ресторан даъваташ мекунанд ва нишаста камкам менӯшанд.

Баъд яке аз онҳо сари мақсад омада оҳиста ба ӯ мегӯяд:

– Додар, мо туро шинохтем. Ва аз мақсадат огоҳ шудем… Ҷавони хубе будаӣ… Паси гап чӣ мегардӣ! Хуб, фарз кардем, ту қасос меситонӣ? Қасоси киро? Қасоси падаратро? Не. Кор ин тавр нашудааст. Падарат, илоҳо дар қайди ҳаёт бошад, мо инро намедонем. Вай вақти зиндаҳолияш қасоси худ ситонда бирафт, таҳтансаро бирафт! Лекин ин одам чӣ гуноҳ дорад, ки ту бахри куштанаш омадӣ! Худ фикр бикун! То ҷое, ки мо медонем, ин одам модари туро дӯст медоштааст. Ошиқи шайдо будааст… Оё барои ҳамин ту аз вай қасос мегирӣ? Аввал ин ки маъшуқаро накушанд! Ошиқу маъшуқро куштан ин худ гуноҳи азим аст. Маъшуқа кушта шуд дар вақташ. Акнун ту ошиқкушӣ омадаӣ! Каме андеша бикун! Агар гапи мо ноҳақ аст, пас ба гапи ту гӯш медиҳем. Ҳатто, агар ту моро қаноат дода тавонӣ, мо дар «ошиқкушӣ» ба ту кӯмак ҳам карда метавонем.

Хуб акнун пир шудааст ӯ ҳам. Ту накушӣ ҳам худи Худо мекушадаш!.. Чунин одамро мардум зоғи бадмур гӯянд. Вай дар ҳақиқат сахтҷон будааст… Вақти гурезогурези мардуми Вахш дар ин ҷанги бародаркуш вай ҳам то Ҳалқаҷар (соҳили Аму) рафт. Инсонҳои нек роҳ надоданд, ки аз ин ҷо ҳам фирор бикунад… Агар он сӯи Ому мегузашт, ё ғарқи дарё мешуд ё ки қабраш дар хоки бегонагон мемонд…

Ба ҳамин гап чӣ мегӯӣ: охир рӯҳаш шод бод модари туро барои хубӣ ва зебоияш дӯст дошта будаст… Пас барои як вақтҳо

дӯстдоштанаш имрӯз ӯро аз байн бардоштан лозим мегӯӣ?.. Ту худро дон! Ҷабр ба ҷони ҷавони худ накун!

– Узр! – гуфт он ҷавон. – Марги чунин «ошиқ», ки боиси ин ҳама бадбахтиҳо гардидааст! Шумо маро қаноат додед. – Аз раъяш гашт ӯ.

Онҳо ӯро бо қатораи «Кӯлоб-Астрахан» сӯи Тирмиз гусел кардаанд…

Ҳамин тариқ, он «Ошиқи ноком»-и пир – Иззат ин дафъа ҳам аз хатар эмин мондааст.

Одами хушбахт аст ё бадбахт, як чиз гуфтан душвор. Ба ҳар ҳол, ба қавли Суқроти замон – дӯст, бародар ва тоҷики Дараи Ниҳонии ман Ҳумоидини Шарофиддин, ӯ як балои осмонист, ки то завол ёфтани худ чун харсанги ғелон меғеладу меғелад ва чанд ҷоро харобу валангор карданаш ҳам аз эҳтимол дур нест.

Аз чунинҳо барҳазар будан беҳтар! Ба қавле, «Хас каму, ҷаҳон пок» гуфтан хубтар буд!.. Набояд беҷазо мемонд кушандаи «маъшуқа», зеро ӯ ошиқ набуд, фосиқ буд. Ҳайфо, ки бегуноҳон маҳв шуданд. Таомул ҳамин, қисмати ошиқ маълум… Аммо маъшуқаро накушанд!..

Маллаю Зарира ошиқу маъшуқа буданд…

*Душанбе, 2004.*

# ХОЛИ БАХОСИЯТ

Ин қисса маро кайҳо асири худ гардонда буд ва пайваста талқин мекард: «биншину бинавис!». Лек, аз чӣ бошад шитоб намекардам.

Ҳар кор вақту соате доштааст. Ҳамон рӯз «Ҳазли сарнавишт» ном воқеаро аз рӯзномаи «Овози тоҷик» хондаму оташаке дар замирам барқ зад. Он ҷо лаҳзаи муассире – холи сиёҳе тасвир ёфта буд, ки тавассути он кӯдаки замоне гумгаштаро баъд аз ба воя расиданаш шинохтаанд.

Сарнавиштеро, ки ба шумо қисса карданиам, аз он ҳам муассиртар аст.

Соли 1988 бо супориши рӯзномаи «Овози тоҷик» бо Роҳи Абрешим аз Тошканд то Ҳисори Шодмон сафар доштам. Ҳини сафар мебоист сари роҳ бо котиби ҳизбии вилояти Қашқадарё Саломиддин Икром вохӯрда, мусоҳибае меоростам. Ин ҳам супориши коргоҳ буд.

Котиб маро хеле хуш пазируфта, ҳар чизе аз бурду бохти вилоят медонист, нақл кард ва бо андешаи «Шунидан кай бувад монанди дидан» пешниҳод намуд, ки кору бори деҳқонону чорводоронро бо чашми худ бинам ва бароям роҳбаладе таъин кард, ки Ҳаит Сафар ном дошт.

Ҳаит Сафар, маро пас аз сайри боғу киштзорҳо, ба бошишгоҳи чӯпонҳо бурд. Мошинро паҳлӯи хаймаи сафеде қарор додем. Аз ӯтов хонуме дар сар хирман* берун шуда моро пешвоз гирифт.

– Апаи Қирмиз, – соҳибхонаро муаррифӣ кард Ҳаит Сафар ва пас аз салому алек пурсид. – Хӯҷаин ҳастанд?

– Марҳамат, дароед. Амонқулакетон ҳозир меоянд, барои об рафтанд.

Ва ҳанӯз фурсати ба хайма даромадан нашуда, Амонқулбой бо хари сафеду ду бӯшка об ҳозир шуд. Моро дида хушҳол гардид ва ба яктан аз дастёронаш амр кард, ки аз рама як гӯсфанди чорӣ ҷудо кунад.

Бонуи ӯтов (хиргоҳ) дастархони шол густурда, ҷурғоту қаймоқ, нони тобагию гӯшти яхнӣ овард. Чӯпон моро ба дастар-

---

* Хирман – сарпечи хонумҳои мардуми қӯнғурот, ки аз якчанд рӯймолаки қабат ба қабат хушрӯ печондашуда иборат аст.

хон муроот карда, худ пайи дасту бадаст кардани гӯсфанди чорӣ шуд.

Ҳаит Сафар даври пиёлаи чой аз гирумони роҳбари нави вилоят бо як навъ эҳтирому самимият ҳарф мезад. Ва ман дар омади гап аз ӯ пурсидам:

– Саломиддин Икром аслан фарзанди кучост?

– Кучоӣ гумон мекунед? – Ба суолам бо суол посух дод.

– Ба назарам аз Самарқанд ё водии Фарғона.

– Ғалат накардед, – ӯ аз тахминам завқ бурда, косаи чурғотро дам кашид.–Аслан самарқандӣ, лекин дар водӣ ва худи Тошканд хеле сол кору зиндагӣ кардаанд... Пештар кучоӣ буданашонро мо ҳам намедонистем. Тахмин як моҳ пеш воқеае рӯй доду аз сарнавишти эшон огоҳ гаштем.

– Ҳамон рӯз саҳари барвақт, – ба гапаш давом дод ӯ, – назди идора як мошини «Мерседес» пайдо гардида аз он хонуми хеле хушсару либосе фуромад. Аз мошину кунчковона ба атроф назар андохтанаш пай бурдам, ки меҳмон аст. Бо тахмини он ки ачаб не бо ягон супориш аз идораи боло омадааст, ӯро ҳолу аҳвол пурсида ба дафтари корӣ даъват кардам. Хонум то андозае вачоҳати ташвишомез дошт ва даъвати маро напазируфта пурсид:

– Саломиддин Икром дар идора бошанд?

– Не, ҳамин саҳар Тошканд рафтанд, – гуфтам дар чавоб.

– Намедонед, кай меоянд?

– Рости гап, намедонам. Агар ягон кори зарур дошта бошед, муовинашон ҳаминчоянд. Метавонед…

– Не, ман ба худашон кор доштам, – каме маъюсона изҳор кард хонум.

– Пас, фардо хабар гиред, ачаб не пагоҳ биёянд, – таскин додам ӯро.

Дар воқеъ, рӯзи дигар соатҳои шаши бегоҳ ӯ аз Тошканд омад. Маро бо телефон наздаш хонд. Даромадам. Ӯ китобҳои бо худ овардаашро варақ мезад.

– Дар идора чӣ гапҳои нав? Маро кӣ пурсид? – гуфт.

Хостам бигӯям, ки дирӯз шуморо як хонуми зебо суроғ карда омад, аммо аз суханони андешаманд ба забон овардаи ӯ ин гап дар даҳонам монд.

– Ачиб, … шаб модарамро дар хоб дидаам. Чунон хушрӯ, мавзунқомат, нуронӣ будаанд, ки … Аз чоҳои дур ба суроғам омадаанд. Дар асл, ман он касро ҳеч дар ёд надорам. Вақте ки падару модарро ба Сибир бадарға кардаанд, ман кӯдак будаам.

– Воқеан дирӯз, Саломиддин Икромович, аз роҳи дур чунин як хонуми зебо шуморо пурсида омад, – гуфтам дар тақвияти суханаш. – Шахсан ба худашон кор дорам гуфт.

– Наход? – Аз рӯйдоди марбути хобаш ба ҳайрат омад котиб ва гуфт: – напурсидед, ки кисту аз куҷост?

– Не, гап назад.

– Ин ҷо ба умед меоянд, одамон. Кӣ, куҷоӣ, чикора буданашонро пурсидан лозим, – маслиҳатомез панд дод маро.

Пас аз як ҳафта хонум боз бо ҳамон мошин омад. Ба бахти ӯ боз котиб дар сафар буд. «Соатҳои шаши бегоҳ ҳатман меоянд» гуфтам. Ҳамон бегоҳ онҳо пасопеш ҳозир шуданд. Ва пас аз ба дафтари корӣ ворид гардидани котиб хонум бо ҳаяҷон аз ман пурсид:

– Қабул мекарда бошанд?

– Ҳозир мепурсем, – ман сим зада иҷозат пурсидам. Ӯ даромад.

Онҳо чӣ гуфтанду чӣ шуниданд, ба ман торик буд. Пас аз хеле фурсат он зан бо дидаи гирён аз наздаш баромад ва шитобзада аз зинапояҳо фуромада ба мошин нишаст. Баъд аз чанд дақиқаи ин рӯйдод котиб аз ман пурсид:

– Хонум бирафт?

– Ҳа, бирафт.

Ӯ андешаманд тақвими рӯи мизашро варақ зада, хоҳиш намуд:

– Илтимос, муайян кунед, ки ӯ кист ва куҷоист?

– Магар худаш ҳеҷ чиз нагуфт?

– Ким-чи гуфтан мехост, лекин аз ҳаяҷон қариб буд, ки бехуд шавад. Бо гиря баромаду рафт.

Ҷустуҷӯи хонум ба дӯши ман афтод. Хайрият барои рухсатнома гирифтан навбатдор ному насаб ва суроғаи хонумро пурсида қайд карда будаст. Кофта ёфтам. Бо ҳам баҳузур сӯҳбат кардем. Хонум Шаҳрия ном доштаст. Ӯ саргузашташро чун достони ғаму саргардониҳо бо алам қисса кард.

Амри тақдир аст ё тасодуф, ки ибтидои ҳама асрҳо дар таърих барои мардум рӯзгори сангину рӯйдодҳои даҳшатбор эҷод кардааст. Асри бист низ аз рӯйдоду моҷароҳо истисно набуд.

Охири солҳои сиюм Шаҳрия духтараки даҳ-дувоздаҳсола будаст, қатори ҳамсолонаш мактаб мехондаст. Рӯзе аз дарс омада модараш Саодатро гирён, додараки сесолаашро дар бағали ӯ

ранг бохтаву ҳаросон мебинад. Аз ин ҳолу аҳвол Шаҳрияро ҳуш аз сар парида мепурсад:

– Чӣ шуд, очаҷон? Барои чӣ гиря мекунед?

– Асло напурс, духтаракам, дар бало мондем. Одамони ҳукумат хонаро чаппароста карда кофтанд. Ин бало кам буд, ки бо дӯғу сиёсат дадета даст баста бурданд.

– Куҷо бурданд? – Бо дарку фаҳмиши кӯдакона бо ҳайрат ба модар нигарист Шаҳрия.

– Куҷо мешуд, ҳабсхона бурданд. Кадоме тиллофурӯш гуфта, маълумот додааст.

– Ҳабсхонааш чӣ, оча? – Бо ҳайрати бештаре пурсид Шаҳрия.

– Ҳабсхонааш ин ҷои қину азоб, духтарам, – гуфт модар ва Шаҳрияро дар бараш шинонда насиҳат кард. – Ту акнун духтари калон, Шаҳрияҷон. Мабодо маро ҳам одамони ҳукумат омада баранд, додарата гиру хонаи бобои Ортиқ гузар. Ба ягон каси дигар гап назан. Худо накарда духтари Икромбои тиллофурӯш буданатро донанд, туро ҳам азоб медиҳанд. Ана ин калиди таҳхона. Ма, гир. Гум накун. Дар таҳхона як гаҳвораи кӯҳна ҳаст. Дар ин гаҳвора тую додаракат калон шудагӣ. Ҳамин гаҳвораро эҳтиёт кун, вай сирре дорад. Даруни дастааш чизе ҳаст, калон шавед ба тую додаракат даркор мешавад. Фаҳмидӣ? Ба касе чизе нагӯ. Аз ману падарат ба тую додаракат мерос.. Фаҳмидӣ? Эҳтиёт шав, духтарам.

Ва ҳанӯз таъкиду таъиноти модар ба охир нарасида рӯи ҳавлӣ чанд одами шинелпӯш пайдо шуд.

– Ана, гуфтам-ку, омаданд, – гӯён модар зуд аз тахмон кӯрпа гирифта ба болои фарзандонаш партофту бо аввалин садои одамони ҳукумат ба дар рост шуд.

– Дар хона боз кӣ ҳаст? – Бо дағдаға пурсид кадоме аз онҳо.

– Ғайр аз мани сарсахт дигар ҳеҷ кас, – гуфт бо нола Саодат.

– Пеш даро-о! Сардори НКВД суроғат дорад. Тиллоҳоро куҷо кардани шавҳаратро гуфта медиҳӣ.

Саодат бо тарсу ларз аз дари нимроғи хона ҷониби кӯрпаи дамхӯрдаи пешгоҳи хона нигарист. Фиғонаш дар гулӯ печида, ба роҳи нафасаш гиреҳ андохт. Нолаи ҷонгудозашро бо азоби азим фурӯ нишонд, мабодо, ки духтараш низ чунин амал ба харҷ надиҳад.

Аз бесадо бо дидаи гирёну дили бирён зери фишори одамони ҳукумат хонаро тарк кардани Саодат фурсате нагузашта ҳамсояи девордармиён бобои Ортиқ ҳозир гардида, нола кард:

– Эй, Худо, Саодатро ҳам бурданд! Акнун ин бачаҳои берӯзиаш чӣ мекарда бошанд?

Бобо бо андешаи он ки барои як чиз – ним чиз пурсидан ҳамин кӯдакони бегуноҳро ҳам азоб доданашон мумкин, ба дари нимроғи хона сар халонда садо кард:

– Ҳой, Шаҳ-рия, ту куҷой? Натарс, баро, ман бобои Ортиқат...

Баробари шунидани ин садо Шаҳрияи дар таги кӯрпаҳо ба ҳадди нафасгардонӣ расида бо фиғон додаракашро оғӯш гирифта аз ҷой хест. Аз ин ҳол бобо ба риққат омада оби чашмашро бо фаши салла пок кард ва бо садои хаста Шаҳрияро таскин дод:

– Натарс духтарам, гиря накун, ҳамааш хуб мешавад.

Пирамард хост боз барои таскин «ҳеҷ гап не, падару модарат меоянд» гӯяд. Аммо худдорӣ намуд. Ӯ аз гирумони замон хуб медонист, ки онҳо дигар барнамегарданд. Бобо бачаҳоро ба ҳавлиаш гузаронд. Баробари дами дарвоза пайдо шудани онҳо саги бадҳайбати пирамард ғурросзанон аз ҷой бархост. Шаҳрия тарс хӯрда, бо додаракаш худро пушти вай гирифт.

Тарси Шаҳрия аз саги ҳамсоя асос дошт. Ин саги бадҳайбат, ки Гург ном дошт, аз баҳудаю беҳуда ҷонибаш сангандозии ҳамсолони Шаҳрия бачаҳоро бад медид. Аз ин рӯ ҳар куҷое онҳоро медид, дандон гиҷ мекард ва бачаҳои маҳалла аз ин дандон нишон додани саг тарс доштанд. Саг тарс хӯрдани Шаҳрияро дида баландтар ғуррос зада пеш омад.

– Бас, Гург, ором шав! – Ба саг пӯписа кард бобо. – Намебинӣ, одамони худӣ, бачаҳои ҳамсоя.

Аз ин сиёсати пирамард ғазаби саг паст шуд. Гург сари сабад барин калонашро рӯи ду по гузошта қадаммонии сусти бачаҳои «тарсу» ва соҳиби пири фартуташро хомӯш муоина мекард.

Бобо Ортиқ пас аз фуромадани торикӣ бо чашмони хирабин таг-таги девор асозанон ҷониби ҳавлии аробакаши гузар рафт. Ҳалқа бар дар зад. Шаҳрия, ки аз думбол меомад, додаракашро аз китф фуроварда нафас рост кард.

– Чӣ гап, бобо? – Аробакаш бо ҳайрат ба бачаҳо нигарист.

– Илоҳо барака ёбед, ҳамин ду кӯдаки бегуноҳро ба хонаи писарам расонед, – аз ҷайбаш пул баровард пирамард ва хам хӯрда ба бехи гӯши аробакаш чизе гуфт, ки ӯ бо таассуф сар ҷунбонда пас аз фосилае аробаи дучархаи хӯқандиро омодаи сафар кард. Бобо ба онҳо роҳи сафед хост, дуо дод.

– Таго, моро куҷо мебаред? – Пурсид дар роҳ Шаҳрия аз аробакаш.

– Аз бало ҳазар гуфтаанд, духтарам, баъд мефаҳмӣ, – сарбаста посух дод аробакаш ва насиҳатомез илова кард. – Додарата маҳкам дор.

Саломиддин бе ин таъкид низ дастони фарбеҳашро ба гардани Шаҳрия ҳалқа карда ба аспи дар дили шаб даванда менигарист. Аробакаш таноби роҳро хомӯш – бо андешаҳои махшуш – кӯтоҳ мекард. Тарси ӯ аз он буд, ки мабодо касе «бачаҳои тиллофурӯшро гурезонид» гуфта хабар расонад...

Онҳо ними шаб ба хонаи писари бобо – Фармон расиданд. Бачаҳоро фуровард. Шаҳрия медид, ки аробакаш мисли бобо Ортиқ гӯшакӣ карда ба Фармон чизе гуфт.

Фармон писари бобо Ортиқ ҷавони мӯйлабдори қадбаланде будааст. Дар тан костюм, дар по туфлӣ, дар сар кулоҳ дошт. Ӯ пас аз гуфтугӯй бо аробакаш зуд тағйири либос карда, Саломиддинро ба китф гирифт. Шаҳрия бе ягон пурсиш аз думболи ӯ ба роҳ даромад. Раҳораҳ Фармон ба онҳо обу нон дода, то истгоҳи қатора расонд. Қатораи боркаш омад. Нишастанд. Дар кунҷи бом барин вагони калон ҷафс шуда нишастанд. Писарчаро дар оғӯши хоҳараш хоб бурда буд. Субҳидам дар як дашти паҳно аз қатора фуромаданд.

– Куҷо омадем, таго? – Пурсид Шаҳрия ба дашти урёну бегиёҳ бо ҳайрат назар андохта.

– Камтараки дигар роҳ гардем, ба як шаҳраки нағз мерасем... Шумоёнро ба назди Аҳмад Валӣ мебарам. Вай мудири хонаи бачаҳо. То баргаштани падару модарат ту бо додаракат ин ҷо мемонӣ.

– Онҳо кай меоянд? – ба ҳаяҷон аз суханони Фармон умедворӣ кашид Шаҳрия.

– Намедонам, – нимғурма посух дод Фармон ва барои дилбардории Шаҳрия илова кард. – Бисёр одамонро баъди пурсуҷӯ ҷавоб доданд. Шояд падару модари туро ҳам ҷавоб диҳанд.

– Кошкӣ, – орзу кард Шаҳрия ва чашмонаш об гирифта аз қафои Фармон қадам бардошт.

Онҳо дар дашти паҳно хеле роҳ паймуда, пас аз фосилае ба деҳаи хушбоду ҳаво расиданд. Аввалин чизе, ки ба назар расид, ин боғҳои дилкушо буд, ки дар оғози тирамоҳи заррин бӯи хуши меваҳои ранг ба ранг мекард. Чанд боғи серҳосилу ҳавлиҳои

хонаҳояш пасту баландро гузашта, дар охири роҳи калон ба бинои сафеде расиданд. Фармон гуфт, ки ҳамин бино хонаи бачаҳост. Ӯ онҳоро дами дар гузошта, ба ҷустуҷӯи Аҳмад Валӣ рафт ва пас аз фурсате бо як марди зардинаи уруснамо ҳозир гардида, бо бачаҳо хайрухуш кард.

Мудири кулоҳпӯши зардина хоҳару додарро пеши мураббии хилъати сафедпӯш Алфия бурд.

Ҳамин тавр хоҳару додар муқими хонаи бачаҳо шуданд. Писараки ҳанӯз аз моҷарои хонаву кӯфти роҳ ба худ наомада аз хоҳараш лаҳзае ҷудоӣ надошт. Хӯрад-мехӯрд, хобад – мехобид. Ҳардуро дам ба дам хумори волидайн мегирифт, дурудароз мегиристанд. Дар чунин мавридҳо мураббия ба мададашон расида модарвор навозиш мекард.

Ва шабе аз шабҳо Шаҳрия ҳавлии худашонро хоб дид: «Таҳхонаашон холӣ. Ҳамон гаҳвораи кӯҳнаро касе пуштора мекардаст». Хаёле фиғони модараш ба гӯш мерасидаст. Бо ҳамон садои ба гӯшаш нишаста чеҳраи гарми модар пеши чашмаш меомадаст... Ӯ бо имову ишора ба Шаҳрия ким-чӣ мегуфтаст, аммо ӯ чизе нафаҳмида, бо ҳайрат ба чашмони гирёни модар менигарад. Ӯ рӯшан дарк карда наметавонад, ки ин ҳама гирумонро дар хоб мебинад ё дар бедорӣ?» Ва субҳ бедор шуда дид, ки болишти таги сараш тар аст.

Баъд аз ҳамин хоб духтарча ба фикри гаҳвора афтод. Ҳарчӣ зудтар ба ҳавлиашон рафтанӣ шуд. «Шояд падар ё модарашро ҷавоб дода бошанд!» Лекин додарашро чӣ кунад? Ин ҷо монда равад? Не, дилаш нашуд. Агар ӯ аз ин ҷо фирор кунад, ҳоли Саломиддин чӣ мешавад? Касал шуданаш мумкин. Хайр, ду-се рӯза аз Алфия – мураббӣ ҷавоб пурсам-чӣ? Боз тарсид, охир вай ҳам одами ҳукумат. Падару модарашро ҳам одамони ҳукумат бурданд-ку! Оҳ, дадаҷонам, очаҷонам, куҷоед шумо? Агар шуморо ҷавоб дода бошанд, овораю сарсон ману Саломиддинро ҷустуҷӯ доштагистед?

Ин фикрҳо ва суханони очааш аз хусуси гаҳвора ӯро ором нагузошт. Ба рафтори мураббияҳо зеҳн монда имон овард, ки онҳо ба додаракаш барин хурдтаракон нағз нигоҳубин мекунанд. Аз ин рӯ дилпур як саҳар вақти аз дарвоза даромадани аробаи ширкашон фирор кард аз хонаи бачаҳо. Пас аз хеле роҳ паймудан «Мабодо дар дашт аз пешам гургу шағол барояд», дар баданаш раъша давид, мадораш суст шуд ва ҳини ба деҳа расидан назараш ба чанд марди аспу харсавор афтода далертар гар-

дид. Аз наздаш аспакию харакӣ гузашт. То дур рафтани онҳо паси буттаҳо истоду боз ба роҳ даромад.

Дар саргаҳи деҳа аз ҳавлие се зан баромад. Худоё... якаш ба модараш хеле монанд ва ҳамон зани шабеҳи модараш оҳуи рамида барин баргашта ба духтарак нигарист. Чашмони сиёҳ, мӯю абрӯи шабгун, рӯи чун барф сап-сафед дошт. Пурсишаш низ мисли худаш дилкаш буд:

– Ҳа-а, духтарак, куҷо шитоб дорӣ?

Шаҳрия аз тарс музтар монд.

– Гунг аст, чӣ бало? – Тунд луқма андохт зани дигаре.

– Куҷо меравӣ? – Боз нарм пурсид ҳамон хонуми шабеҳи модараш.

– Ҳамин тараф, – бо даст ҷониби дашт ишора кард Шаҳрия ва аз алам инони гиряро сар дод.

– Гиря накун, духтарам, маълум, ки аз хонаи бачаҳоӣ… – Зани шабеҳи модараш инро гуфта ғамхорона насиҳат кард. – Танҳо гаштанат хуб не.

– Ман танҳо не, додаракам ҳаст, – содалавҳона ҷавоб дод Шаҳрия.

– Канӣ додаракат?

– Дар хонаи бачаҳо. Номаш Саломиддин.

– Номи хушрӯ доштааст, – бо навозиш даст ба сари Шаҳрия бурд ҳамсӯҳбаташ ва тахминашро ба забон овард. – Пас, ту гурехтӣ?

Шаҳрия бо сари хам гиря кард.

– Гиря накун, худат медонӣ, ки танҳо гаштани духтарчаҳо нағз не. Ҳар гапу кор рух доданаш мумкин… – Чӣ ном дорӣ? – Нарм пурсид зани шабеҳи модараш.

– Шаҳрия.

– Номи нағз. Номи ман Зулфин…

– Чӣ? – Шаҳрия, ки чунин номро бори аввал мешунавид, ҳайрон шуд.

– Зулфин, – гуфт бо табассум ва ҳайрати духтаракро пай бурда шарҳ дод. – Вақти таваллуд шуданам мӯи сип-сиёҳи ғафс доштаам. Барои ҳамин маро Зулфин ном кардаанд.

Ва пас аз фурсате Зулфин Шаҳрияро насиҳат хондаву навозиш карда хонааш бурд. Таги дар дастархонашро ба дасти Шаҳрия дода, дарвоза мекушуд, ки шавҳараш Азамат ҳозир гардида бо ҳайрат ба духтараки ношинос нигарист. Зулфин бо табассум ҳазломез аз шавҳар пурсид:

– Лӯхтак барин духтарча ёфтам. Ба духтархондӣ қабул мекунед?

– Ба ҷону дил, – гуфт Азамат ба духтарак зеҳн монда.

Онҳо пасопеш хона даромаданд. Зулфин дастархон густурда, нону ҷурғот овард.

– Гир, хӯр! Шарм надор, – гуфт як пиёла қандчой тайёр карда.

– Шумо муаллима?

– Ҳа, чутӯ донистӣ?

– Аз гапҳоятон…

Рӯзи дигар саҳари барвақт муаллима Зулфин барои Шаҳрия як коса ширчой тайёр карда пурсид:

– Хуб, акнун куҷо меравӣ?

– Хонаамон, бепарво ҷавоб дод Шаҳрия.

– Хонаатонро ёфта рафта метавонӣ?

– Ҳо-о, дар Самарқанд.

– Ваҳ, ҳоло ту тани танҳо Самарқанд рафтанӣ?! – Беихтиёр нидо кард муаллима Зулфин ва бадиққат ӯро гӯш карда маслиҳат дод. – Ин корро накун, духтарам, роҳи дуру шаҳри азим. Аҷаб не хонаатонро ёфта натавонӣ. Он ҷо кӣ ҳаст?

– Ҳеҷ кас, – оҳ кашид Шаҳрия. – Дадему биема бурданд…

– Кӣ бурд, куҷо бурд?

– «Тилло ёфта те» гуфта бурданд.

– Ҳа-а, шумоён тилло доштетон?

– Падарам доштанд. Он кас тиллофурӯш...

– Очаат-чӣ?

– Очаам зардӯз буданд, тӯппӣ, ҷиҳак, камзӯл, сӯзанӣ медӯхтанд.

– Ба ту ҳам ёд медоданд?

– Ҳа, ёд медоданд, дӯхта метавонам.

– Онҳоро кай бурданд?

– Аввали тирамоҳ… Ҳозир баҳор-а? Аҷаб не, онҳоро ҷавоб дода бошанд.

– Ба ҳар ҳол, ба ин қадар роҳи дур танҳо баромаданат хуб не. Агар хоҳӣ, шавҳарамро ҳамроҳат мефиристам.

– Худатон чӣ?

– Худам дарс дорам.

– Ҷавоб намегиред?

– Хонаатон дар кадом гузар?

– Гузари Наългарон. Медонед?

– Ман дар Самарқанд хондагӣ. Дар гузари Сӯзангарон зиндагӣ мекардам. Гузари шумоёнро ҳам нағз медонам.

Муаллима Зулфин аз мактабаш ду-серӯза ҷавоб гирифт. Шавҳарашро огоҳ кард. Онҳо худи ҳамон лаҳза ба роҳ баромаданд. Шитоб доштанд, то ба қатораи чоштгоҳӣ расида гиранд.

Қатора пас аз ҳафт – ҳашт соати роҳ паймудан онҳоро ба Самарқанд расонд. Ин тарафаш то Наългарон ароба киро карданд...

Шаҳрия баробари ба ҳавлиашон расидан ба дарвозаи чангу хокзеркарда бо меҳр такя кард. Қулфи он аз таъсири барфу борон занг зада буд. Маълум, ки падару модарашро ҷавоб надодаанд. Бо алам гиря кард. Муаллима Зулфин ӯро таскин дод.

– Ғам нахӯр, духтарам, шояд аввали тирамоҳ ба муносибати иди Октябр ҷавоб диҳанд.

Муаллима Зулфин инро барои таскин ёфтани Шаҳрия мегуфт. Аммо худаш аниқ медонист, ки яке одами тиллодору дигаре муллои китобдорро аз маҳбаси ҳукумат халосӣ нест. Шаҳрия гирёну Зулфин бо ҳамин андешаҳо ба ҳавлии бобои Ортиқ гузаштанд. Дар ҳавлӣ на бобо буду на сагаш Гург, кампири бобо даст ба ҷабин бурда пеш омад:

– Кистед?

– Ман Шаҳрия, духтари ҳамсоя, – қадаме пеш омад Шаҳрия ва ба ҳамроҳаш Зулфин ишора кард. – Ин кас муаллима.

– Вой, бибет чӯрӣ, духтари Икромбой ҳастӣ?

– Ҳа, бибиҷон… Дарвозаамон маҳкам.. Аз даричаи байн дароем, майлаш?

– Майлаш, лекин аввал ба хона гузаретон, – гуфт пиразан меҳрубонона ва худаш барои як пиёла чой тайёр кардан пеш даромад.

Пас аз дар хонаи заҳкашида гирди дастархон нишаста як пиёла чой нӯшидан Шаҳрияю Зулфин ба гирду пеш чашм давонда, даричаи хору хас пахш кардаро бо илоҷе кушода ба ҳавлӣ даромаданд. Дари ҳама хонаҳо маҳкам буд. Шаҳрия калиди таҳхонаро аз роғи зерсутуни айвон ёфт.

Онро бо гапи очааш ҳамон ҷо монда буд. Баъд бо муаллима Зулфин ба таҳхона даромад. Дар нимторикӣ чашмони духтарча гаҳвораро меҷуст. Худаш, ки алҳол чӣ доштани онро намедонист, ба муаллима Зулфин чизе нагуфта гаҳвораи чангзеркардаро бардошт ва ба вазни он дасташ тоб наоварда паҳлӯи гаҳвора нишаст. Муаллима Зулфин ба ин амал ба ӯ мадад расонида бо ҳайронӣ пурсид:

– Аз чӣ ин қадар вазнин?

Ва Шаҳрия ҳамин лаҳза ба чизе доштани гаҳвора комилан имон оварда айнан суханони модарашро такрор кард.

– Дастаи гаҳвора як чиз дорад.

– Чӣ дорад? – Бо ҳайронии бештаре пурсид муаллима Зулфин ва ба чашмони Шаҳрия зеҳн монда тахминашро ба забон овард. – Тилло?

– Аниқ намедонам, – иқрор шуд Шаҳрия. –Пеш аз он ки модарамро одамони ҳукумат мебурданд, он кас моро насиҳат карда гуфтанд, ки ҳамон дастаҳаки гаҳвора як чиз дорад, ба туву додарат аз ману падарат мерос.

– Модарат ҳамин хел гуфта бошанд, аниқ тилло, – гуфт муаллима Зулфин ва духтаракро саросема кард. – Хез зудтар ҷунбем, ки боз дар ягон балои ногаҳонӣ намонем.

Онҳо бо як оҳанаки нӯгтез илоҷе карда дастаро аз гаҳвора ҷудо карданд. Рӯи замини таҳхона шалдаросу ялтарос зада тангаҳои тиллоӣ рехт.

Шаҳрия духтари тиллофурӯш бошад ҳам, ин қадар тиллои бисёрро бори аввал медид.

– Акнун инро чӣ кор мекунем? – Гуфт Шаҳрия ба муаллима Зулфин нигариста.

– Ман ҳам ҳайрон. Моли ҳаққу ҳалоли меросӣ бошад ҳам, ба ин қадар роҳи дур бурдан хатарнок...

– Дар ҳамин таҳхона дар ягон ҷо пинҳон кунем? – Маслиҳат пурсид Шаҳрия. – Ҳар вақте дадему бием баргаштанд…

– Не, ин ҷо хатарнок, одамони нохалаф даромаданашон мумкин.

Муаллима Зулфин аниқ медонад, ки падару модари духтарак дигар ба ин хона барнамегарданд. Қатори садҳо дигар ҷабрдидаҳо онҳо дар Сибиранду зери барфу борони он кишвари дурдаст шояд дар ҷангалҳои анбӯҳ дарахт мебуранд... Муаллима Зулфин бо ҳамин андеша ва ба рӯзи неку бади ин зиндаятимон кор омадани тиллои меросӣ онро ба як латтакӯҳнаи равғанолуд печонда, барои шубҳа набурдани одамон, бо як табақи сафолин дар қарси сафед баст.

Шаб онҳо бо пиразан монданд. Чизе ба вай нагуфтанд. Девор муш дорад, муш – гӯш. Пиразан бо дарду алам нақл кард, ки пас аз як ҳафтаи ҳабси Икромбой Фармонро ҳам ҳабс кардаанд. Бобо дар ғами ӯ ғуссамарг шуд. Рӯзи ҳафти бобо Гург низ мурд.

Субҳидам Зулфину Шаҳрия бо ҳаросу эҳтиёти бисёр ба роҳ баромаданд… Дар қатораи серодам касеро ба касе кор набуд. Ва

рӯзи дигар чоштгоҳ дар ҳамон истгоҳи дашт аз қатора фуромада, пешинӣ ба хонаи муаллима Зулфин расиданд.

– Хайрият-е, хавотир шудам, – гуфт Азамат.

Муаллима Зулфин ба шавҳараш буду шуди сафарро батафсил нақл кард ва бо маслиҳати ӯ тиллоро дар ҳузури Шаҳрия дона-дона шумурда дар кӯза ҷо карданд ва қабл аз дар як гӯшаи ошхона ба замин гӯр кардан соҳибхона гуфт:

– Ин тангаҳои «Николай подшоҳ» – моли тую додарат. Ҳар гоҳе зарур шавад, истифода мебаред. Агар хоҳӣ, додаракатро ҳам аз хонаи бачаҳо мегирем. Ҳардуятон ба мо фарзанд мешавед.

Ин суханҳоро соҳибхона самимона мегуфт. Ӯ бо муаллима Зулфин даҳ сол ин ҷониб ҳамхона бошад ҳам, фарзанд надоштанд. Бо ҳавас ба бачаҳои мардум нигариста ба Худо илтиҷо менамудаанд, ки ба онҳо низ фарзанд ато кунаду хушбахт гардонад. Ва гӯё Худо оҳашонро шунида Шаҳрия барин духтараки ҳушёру чаққонро бо пои худаш расонд. Агар додаракаш ҳам ба ин хонадон қадам монад, нуран аълонур мешуд. Онҳо якбора соҳиби ҳам духтару ҳам писар мешаванд.

Аз гурезагии Шаҳрияю сафари Самарқанд чанд рӯз гузашт. Дар хонаи бачаҳо ҳамма тобу қарор гум карда буданд.

Аҳмад Валӣ ба ҳар тараф одам фиристода, Шаҳрия меҷуст ва расо пас аз даҳ рӯз бо муаллима Зулфин ба хонаи бачаҳо ҳозир гардидани ӯ ҳамаро хурсанд кард.

– О-ма-дӣ, гу-ре-за? – Нарм коҳиш кард ӯро Аҳмад Валӣ. – Напурсида куҷо рафтӣ?

– Агар пурсам, ҷавоб медодед?

– Ҳаргиз ҷавоб намедодам, – иқрор овард Аҳмад Валӣ.

– Ана барои ҳамин гурехтам, – гуфт Шаҳрия.

– Ба куҷо гурехтӣ? – Гӯлпурсӣ кард Аҳмад Валӣ

– Ба хонаи холаам, – Шаҳрия ба муаллима Зулфин ишора кард. – Ба хонаи ин кас.

– Ин кас холаат? – Бо ҳайрат ба муаллима Зулфин нигарист Аҳмад Валӣ.

– Ҳа, холаам, – бо қатъият изҳор кард Шаҳрия. – Омадем, ки Саломиддинро ҳам барем.

– Чӣ-ӣ? – Аҳмад Валӣ кулоҳашро аз сар гирифта пушти сар хорид.

– Ба иҷозати шумо, ману шавҳарам Шаҳрияю додаракашро ба тарбияи худ гирифтанием. Фарзанд, ки надорем ба мо фарзанд мешаванд.

– Аввал ҳуҷҷат биёред, баъд мебинем. – Рӯ ба девор овард Аҳмад Валӣ ва бо қатъият илова кард. – Лекин ба умеди додарчааш нашавед. Аз рӯи синну солаш ба хонаи хурдтаракон гузарондем. Аз боло ҳамин хел супориш шуд.

– Ҳоло Саломиддин ин ҷо нест? Барои чӣ ӯро фиристодед?! – Фиғон бардошт Шаҳрия. – Акнун ман ӯро аз куҷо меёбам?

– Хуноба нашав, духтарам, – ӯро таскин дод муаллима Зулфин. – Амаки Аҳмад Валӣ адреси додаратро медиҳанд ва мо ҳатман ба суроғаш меравем.

Муаллима Зулфин бо ҳамин ният чандин бор ба назди Аҳмад Валӣ омад, аммо ба кадом хонаи кӯдакон фиристода шудани Саломиддинро аниқ карда натавонист. Ӯ ҳар бори ин хоҳишу сӯҳбат дарк мекард, ки Аҳмад Валӣ аз вай чизеро пинҳон медорад. Ба онҳо суроғаи ҳар гуна шаҳрҳоро медод. Саломиддинро гӯё ба хонаи бачаҳои Каттақӯрғон фиристодаанд. Шавҳари муаллима Зулфин овора шуда рафт, аммо Саломиддинро пайдо накард. Хонаи бачаҳои Бойсун, Шӯрчӣ, Деҳнав, Тирмиз, Сталинободро ҳам ҷустуҷӯ кард. Дар ягон хонаи бачаҳо номи ӯ сабт наёфта буд.

– Аҷаб не, номаш саҳв шуда бошад, – маслиҳат дод рӯзе муаллима Зулфин ба шавҳараш ва аз Шаҳрия пурсид, – додаракат ягон нишона дошт?

– Дорад, – гуфт Шаҳрия бо гиря. – Дар китфи росташ холи калони сиёҳ дорад.

Бо чунин нишона, ки аҷаб не онро ҳатто худи соҳиби хол надонад, пайдо кардани Саломиддин натиҷае надод. Муаллима Зулфину шавҳараш аз ҷустуҷӯву шаҳр ба шаҳргардӣ ба ҳоле расидаду Шаҳрия ба тақдир тан дод. Бехабар аз он ба тақдир тан дод, ки додаракаш ҳамагӣ ду деҳа дуртар дар хонаи бародари бефарзанди Аҳмад Валӣ ҳамчун писархонд ба воя мерасид. Ва дар ин байн ҷанги хонумонсӯз сар шуду хонаи бачаҳоро ба шаҳри дигар кӯчониданд ва Аҳмад Валӣ низ ҳамчун мудир ба он шаҳр кӯч баст.

Азамат қатори даҳҳо нафар мардони деҳа ба ҷанг рафта беному нишон шуд ва Шаҳрияи бахтбаргашта аз меҳру навозиши падархонд низ маҳрум гашт. Овони наврасиаш бо меҳнату сарсониҳо гузашта бошад ҳам, муаллима Зулфин ӯро чун фарзанди дилбанд ба воя расонид, бо орзую ҳавасҳои зиёд ба шавҳар дод ва ҳамон мероси падарӣ, ки замоне аз дастаи гаҳвора пайдо карда буданд, бо вуҷуди ҳунармандию ёбандагиа-

шон дар бисёр мавридҳо ба духтару модархондаш кор доду қуввати миён шуд.

Дар зиндагӣ бисёр корҳо бо амри тасодуф сурат мегирифт. Ба яке хушрӯзию хушбахтӣ ато гардад, ба дигаре дарду ғам насиб мешавад. Аз байн беш аз чил сол гузашта бошад ҳам, Шаҳрия то имрӯз дарк карда наметавонад, ки ҳама он гирумони айёми наврасӣ, маҳрумият аз оғӯши гарми падару модар ва сипас бо навозишу сарпарастии дигарон ба камол расидан амри тасоддуф буд ё тақдир. Тақдире, ки аз фаҳму фаросати пешин-ҷомеасозони даврон эҷод ва мисли ҳазорҳо ҳазор бачаҳо гардид. Ва тасодуф пас аз чилу панҷ соли он даврони маҳрумияту сарсониҳо дар яке аз фароғатгоҳҳои машҳури кишвар рух дод.

Шаҳрия бо шавҳараш дар фароғатгоҳи «Тӯрон»-и Тошканд истироҳат мекард. Рӯзи дуввум ё саввуми истироҳат пешхизмат Султонбону ба мизи онҳо пирамарди ордену медалдореро оварда шинонд. Зану шавҳар бо мӯйсафеди хушчақчақ зуд унс гирифтанд. Як саҳар ҳамин мӯйсафеди хушчақчақ ба онҳо бо ифтихор маҷаллаи рангаеро нишон дод, ки дар муқовааш сурати як марди миёнсоли хушандом акс ёфта буд.

– Писари ман, – гуфт пирамард ва бо ифтихори бештаре илова кард, – мактаби Москваро хонда омад. Раиси ҳукумати ноҳия буд, депутат шуд...

Шаҳрия ба сурат зеҳн монд. Нигоҳи хаёлолуди пирамард гӯё дарде дошту чизе қисса кардан мехост. Шаҳрия ба сурат хеле зеҳн монда сипас барои қиёс ба чеҳраи нуронии пирамард нигариста пурсид:

– Фарзанди худатон?

– Ҳа, фарзанди ман набуда боз фарзанди кӣ мешуд? – Гуфт дар ҷавоб пирамард. – Ман ки калон кардаам, писари ман аст.

– Чӣ ном дорад писаратон? – Боз ба сурат зеҳн монда пурсид Шаҳрия.

– Исломиддин.

– Қариб ба додараки ман ҳамном будааст, ӯ Саломиддин ном дошт, – гуфт бо оҳанги дардолуд Шаҳрия маҷалларо ба мӯйсафед баргардонида.

– Чаро дошт мегӯӣ, духтарам? Чӣ вай…

– Не, ман ӯро дар сесолагиаш гум кардам.

– Дар куҷо?

– Дар хонаи бачаҳо.

– Дар хонаи бачаҳо? – Ман ҳам Исломиддинро аз он ҷо ги-

рифта калон кардагӣ. Аз кӯдакиаш бачаи ҳушёру доно буд. Нағз мехонд. Одам шавад гуфта шаҳр бурда ба интернат додам.. Баъд худаш ба донишгоҳ дохил шуд, донишгоҳро хатм кард. Вазифа доданд… Сиёсатмадор шуд. Боз ба Маскав, ба хондан рафта одами калон шуда омад.

– Бо ҳам зинадгӣ мекунед?

– Не, вай дар маркази вилоят, муншии ҳизб…

– Аз ҳолу аҳволи шумо хабар мегиранд?

– Набошад-чӣ? Маро ба ин муоличагоҳ худаш роҳхат гирифта овард!…

– Оила, фарзанд доранд?

– Шукри Худо, духтарчаҳои нозанин дорад.

Пирамард аз пурсуҷӯи бисёри ҳамсӯҳбаташ рамз гирифта меҳрубонона пурсид:

– Ту духтарам, додаратро дар кадом хонаи бачаҳо гум карда будӣ?

– Дар Шӯрчӣ, – гуфт Шаҳрия ва бо садои ғамзада илова кард. – Аз байн чил сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз аламаш аз дилам нарафтааст.

– Бинӣ, мешиносӣ? – Ба андеша рафта пурсид пирамард.

– Аз кучо, – гуфт ноумедона Шаҳрия. – Вай ҳамагӣ сесола буд. Агар зинда бошад, мардаки чилу сесола шудагӣ. Дар китфи росташ як нишона дошт, аз ҳамон шинохтанам мумкин. – Ва ба умед аз пирамард пурсид: – Агар писархондатонро калон карда бошед, аҷаб не як чизро донед. Ин барои ман хеле муҳим.

– Чиро? – Ҳайрон шуд пирамард.

– Писархондатон дар баданаш ягон нишона дорад ё не?

– Заб чизе пурсидӣ, духтарам, – ба ҳаяҷон омад пирамард ва ордену медалҳояшро ларзонда ба сурати маҷаллаи дасташ зеҳн монд ва дар акс гӯё ҳамон Исломиддини хурдакакро медида бошад, бо завқ қисса кард. – Бачаҳои қишлоқ як одати аҷиб доранд. Боғу полизи худашон пур-пури ҳосил бошад ҳам, фурсат ёфта ба боғи колхоз медароянд. Боре вай ҳам қатори бачаҳо ба боғи колхоз ангурхӯрӣ даромадаст. Аз ин ҳол боғбон хабар ёфта, садо мекунад ва ҳама бачаҳо мегурезанд. Исломиддин саросема шуда аз болои девор даруни чакалакзор меафтад. Қосимхони боғбон ӯро аз чакалакзор бардошта, пурсидааст:

– Ту кӣ?

– Аз хонаи бачаҳо. – Ба ҷои номашро ба забон овардан ҷои зисташро бо ҳарос зикр мекунад ӯ.

– Ангурхӯрӣ омадӣ?

– Ҳа-а.

– Хуб кардӣ*! – Мегӯяд бо навозиш боғбон ва сатилеро аз ангур пур карда хоҳиш мекунад. – Ин ангурро ба Аҳмад Валӣ бубар!

Боғбон мебинад, ки аз бачаи ҳаросхӯрда садое нест, ӯро гирифта бо сатили ангур ба роҳ мебарояд ва омада аз мудир Аҳмад Валӣ хоҳиш мекунад:

– Ин писарро ҷанг накунед. Пеши мо «ангурхӯрӣ» рафта будаст. Ҷӯраҳояш гурехтанд. Вай дар чакалакзор афтид. Ба ин баҳона барои шумо ҳам ангур овард, чашед!

Мо Исломиддини ба чакалакзор афтодаро либос кашида, аз баданаш сад хори ҳулӯл берун овардем. Ҳамон вақт дида будам, ки дар шонаи росташ як холи сиёҳи калон дорад. Онро холи бахосият гӯянд…

Ин лаҳза пешхизмат таом овард. Пирамард «бисмиллоҳиррaҳмонир-раҳим» гӯён косаашро пеш кашид. Шаҳрия аз нақли ӯ моту мабҳут монда буд.

* * *

Ҳаит Сафар воқеаро дар ӯтови чӯпон чунон нақл кард, ки аз шуниданаш ба ҳаяҷон омада беихтиёр пурсидам:

– Ҳамон хонуми «мерседес»-савор Шаҳрия буд?

– Бале, – гуфт дар ҷавоб ӯ, – рости гап сабаби дафъаи сеюм омада, Саломиддин Икромро дида, бо изтиробу ашкрезӣ аз қабулгоҳ баромаданашро ман ҳам намедонистам. Ҳамин ки ба водӣ рафта ӯро ёфтам, аввалин суолам ҳамин буд. Вай нақл кард, ки баробари ба ҳузури котиб ворид шуданаш Саломиддин Икром «чӣ хизмат, хоҳарҷон?» гӯён пеш меояд. Аз ин муомила Шаҳрияро дил гум зада, арз мекунад:

– Дар зиндагӣ аз чизе камбудӣ надорам. Шукри Худо дару хонаи обод, фарзандони баркамол дорам, ба назди шумо бо як хоҳиш омадам.

– Чӣ хоҳиш? – Бо ҳайрат мепурсад котиб.

– Додараке доштам. Солҳост, ки ӯро меҷӯям… Вай дар китфи

* Ривояте ҳаст байни тоҷикон: кӯдак ба боғ ангурдуздӣ дарояд, боғбон як доман ангур диҳад, агар ба фолиз дарояд як доман сангча. Зеро фолиз дар ду-се моҳ ҳосил диҳад, токзор дар се сол.

росташ холи сиёҳе дошт... Мехостам китфи ростатонро як бор бубинам.

Саломиддин Икром аз ин хоҳиш муддате ҳайрон мемонад ва ниҳоят бо табассум остини куртаашро фуроварда, китфи росташро ба Шаҳрия нишон медиҳад ва хоҳаркалони дар ҷустуҷӯӣ додар сарсону саргардонро чашм ба холи сиёҳаш афтода дасту по суст мешавад. Ӯ аз ғояти ҳаяҷон чӣ амал ба харҷ доданашро надониста, бо гиря ба берун медавад. Ва пас аз ин гапу кор Саломиддин Икром рост хона – назди хонуми худ Сороҷон меравад. Ӯ курта кашида хоҳиш мекунад:

– Ин ҷо биё.

– Хайрият аст? – Мепурсад Соро хонум

– Бубин, ки дар китфи ман чӣ ҳаст? – Китфи рости худ нишон медиҳад.

– Ҳамту пурсед ҳам, мегуфтам: як «холи калони сиёҳ», – механдад ӯ.

– Оина биёр, – мегӯяд шавҳар ва назараш бори нахуст ба он холи сиёҳи зебо афтода бо шавқ нидо мекунад:

– Шодиёна барор, занак, хоҳаркалонам ёфт шуд… Тайёрӣ бубин. Фардо ҳамакаса ба водӣ, меҳмонӣ меравем.

– Чӣ? Хоҳаркалонатон?

– Бале, ҳамон хоҳаркалонам, ки чил сол қабл аз ин гум карда будам.

Субҳи рӯзи дигар Саломиддин Икром бо падархонду завҷааш ҷониби водӣ роҳ гирифтанд.

Ман мебоист барои рӯзнома ба муншӣ мусоҳибае меоростам ва пас аз шунидани ин нақли муассир қарор додам, ки ба ҷои он мусоҳиба ҳамин рӯйдодро рӯи коғаз оварам.

*Деҳнав-Душанбе, 1999.*

# ҶАФО

*Дӯлор имрӯз чу аждаҳост!*
*Ҳамаро ба коми хеш мекашад.*
*Дорандааш оё Даҷҷол* нест?*
(Халқ)

=1=

Фалокати зиндагӣ бештар шаб рӯй медодааст.

Шаби тор буд, ки ӯро мошин зад, заду гурехт.

Кӣ зад? Чаро зад? Дониста ё надониста зад? Маълум набуд. Ҷиянам, ҷону ҷигарам дар садама афтод!.. Э во, дареғо! Ҳайфо!..

– Аҳмад! Шабгардӣ накун, бачем! – ҷон мекоҳонд модараш Сурма бибӣ. – Намедонӣ, ҳамаи инсу ҷинс шаб бароянд?.. Ба ҷои он биншину китоб бихон. Барвақт бихоб, мағзи сарат пур мешавад. Дарси муаллим ба гӯшат медароянд.

– Беғам бошед, оча. Ман тарсу наям. Аҷлам ҳам дар ҷояш, – мегуфт ҷиянам.

Модараш ангушти ҳайрат мегазид.

= 2 =

Аҳмад бачаи аҳл буд. Ҷӯраҳояш ҳам наврасакони қобил. Тоҷикбачаҳо, Ортиқи ӯзбак, Руслани урус, Анзори лакс, Фариди тотор. Ҳама дар мактаби ба номи Карбишев** мехонданд.

Сенздаҳсола буданд, ки шабгард шуданд. Ҳафтае як бор шаби суруду наво (дискотека) доштанд.

Гоҳе аз бозори Шаҳргун барра ё бузғолаи фарбеҳ харида, ҳарифона мехӯрданд… Дар гирди телевизор (дилизор ба қавли очааш) филм, футбол, каратэ, ушу медиданд. Аксар дар ҷо-ҷои худ хобашон мебурд.

Падари Аҳмад – ангишткани номдор Саттори Нур марди дидадаровю гаправ буд. Барои ин нахустфарзандаш ва ҷӯраҳои ӯ ҷонашро медод. Соле, ки синфи даҳро буд кард, калонҳои кони

---

* Даҷҷол – харест, охири дунё аз кадом гӯр пайдо мешудаст ва гӯё нишонаи қиёмат будаст. Ҳар кас, ки аз паи вай равад, ногузир гумроҳ мешудаст.

** Карбишев – генерал-лейтенант, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, иштирокчии Ҷанги якӯми ҷаҳон ва ҷанги шаҳрвандӣ. Дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маҷрӯҳ шуда асир афтод ба дасти гитлерчиён. Дар зиндони Маутхаузен нобакорон баробари қадаш об рехта, ях кунонданд (муаллиф).

ангишт гуфтанд, ки Аҳмадро худашон ба хондан мефиристанд, лекин ваъдахилоф шуданд.

Ин ба дили навҷавон сӯзан барин халид. Лекин ғам нахӯрд. Дар ҳайати тими ангишканон футбол зад, вазн бардошт. Давра даромада гӯштин гирифт. (Аксар ғолиб мешуд). Ба ин минвол як соли умрашро гузаронд.

Медонист, ки ин ҳама муваққатист. Охир, чӣ кунад? Ҷои кор не, даромад не. Бе пул гурба ба офтоб намебарояд…

Рӯзе фикр кард – фикр карду ба Деҳнав-хонаи язнааш рафт.

Ин замоне буд, ки олам дигар мешуд. Ҷаҳони империалистӣ аз ҳалокати «ҳайвони бузург» (СССР-ро онҳо чунин мегуфтанд) шодона мерақсид… Горбачев ҳамаро барбод медод. Сарони ҷумҳуриҳои собиқро гӯё дар киштие нишонда, байни уқёнус бурданду «чаҳор тарафатон қибла!» – гуфтанд, – ҳунаре доред, аз дарёи бало раҳо ёбед! (Худ ба курситалошӣ пардохтанд). Бисёриҳоро ғарқ сохтанд. Он ки шиноварӣ ёд дошт, ҷон ба саломат бурд, ба Истиқлол расид. Мардумонашро аз хатар эмин гардонд…

Аҳмадро язнааш хуш қабул кард. Вай ронандаи одӣ буд. Аз автобазаҳои торочгардида «КАМАЗ»-еро ба иҷора гирифт. Бо сахтию зорӣ тармим кард. Ҷон канда, дар мавсим пиёз, ангур, анор, тарбузу харбуза бор карда то соҳилҳои Итил (Волга) мебурд. Нозу неъмати хоси Осиёи Марказии ҷаннатосоро то манзили моҳ – Оймакону Маъдану Ёқутистон мебурд.

Аз он сӯ ҳам холӣ не, чӯбу тахта, ҷаву гандум (аз ҷӯли қазоқ) меовард. Дар андак вақт якаш-сад, садаш-ҳазор шуда, ба бойбачаи серпул табдил ёфт. Ҳама ба ӯ баҳс ва ҳавас мекард.

– Почо, маро ҳам мебаред? – пурсид Аҳмад рӯзе, ки аз ангурбоғҳои Сина ангури тойфӣ бор мекарданд.

– Аз азоби роҳҳои дур наметарсӣ? – гуфт язнааш Ҷӯраи Кенҷа ва қуттиҳои ангурро бор карда, худи ҳамон рӯз бо худ бибурд.

Одамро одатан дар асnои сафар месанҷанд.

Ӯ остин барзада мошин мешуст. Ғелҳои дамаш баромадаро ҷӯр мекард. Дар савдо низ моҳир буд. «Ба ту гап нест» мегуфт Ҷӯра. Вай дертар пул дода, ӯро аз аскарӣ* гирифта монд. Комиссари ҳарбӣ чун фарзанди калони оила рухсаташ дод.

Қариб ду сол ӯ бо почояш рафта омад. Пулдор шуд. Ҳама хурсанд, ки почояш роҳу равиш нишон дод…

---

* Аскарӣ рафтан дар Ҷумхурии Ӯзбекистон ҳоло пулакӣ аст. (Муаллиф).

Дертар ба фикри хонадоршавиаш афтоданд.

– Аз чӣ шитоб мекунед, очаҷон? – гуфт ӯ боре.

– Ав, оча гардад, соҳиби арӯс, хонаю ҷо шавӣ нағз – дия. Ту чилсола шавӣ, фарзандат ба бист медарояд… Аз таги кашат мебардорад! – мефаҳмонд модараш.

– Маъқул! – гуфт ангишткан падараш.

Э-ҳа-а, арӯси нозанин ёфтанд. Харҷӣ тӯйро почо ва падараш ба гардан гирифтанд. Худаш сару либос, ҷиҳози хонаро харид.

– Мурдам ба писару домоди қобил! – дуо мекард Сурма бибӣ.

Аҳмад бо арӯсаш Гулрух осуда зиндагӣ оғоз кард.

= 3 =

Як бегоҳии тобистон Аҳмаду почояш аз Ӯшор тойфӣ бор карданд. Мошинро Аҳмад то соҳили Сурхоб (Қизилсув) ронда овард.

Ҳар бегоҳ аз ҳамин ҷо даҳҳо мошини пурбор тарафи манзили моҳу хуршед – Россияи бекарон ҳаракат мекард. Аксар ронандаҳо то Ҷӯра шофир пеш надарояд, ба сафар намебаромаданд…

Ҷӯра дар соҳил кадомеро мунтазир буд, ки вай дер – қариби ғуруби офтоб омад:

– Пул овардам, тағо, – гуфт чарминапӯше.

– Аз чӣ ин қадар дер кардӣ? – овози хиррии Ҷӯра бадхашмона садо дод. – Дашноми дастабиринҷӣ тайёр карда будам…

– Дашном надиҳед, пулро шумуред, тағо, – хурӯси қашқарӣ барин сурх шуд қарздораш.

– Худат шумурдӣ, охир?

– Шумурдам, тағо.

– Чӣ қадар?

– Сад сӯми калон, тағо (яъне, сад ҳазор).

– Шуд, ба худат бовар ҳаст… Чаро дӯлор наовардӣ?

– Дӯлор?… Нархаш боз боло рафт, тағо. Ҳамаро хонабардӯш мекунад, тағо… Дар паноҳи Худо, тағо, – рафт ӯ.

– Аҳмад, – гуфт почояш.

– Лаббай.

– Ин пулро гиру хона бирав… Ин дафъа додарат бо ман меравад. То омадани мо анор ё хурмо савдо карда ист. Айни вақташ…

– Гап не, почо! – пулро гирифт Аҳмад.

Дар ҷои ӯ додараки зарди урусмонандаш Тӯра нишаст. Ӯ хурсанд буд, ки шаҳрҳои Русияро мебинад, паррончак мешавад.

Ҷӯра мошинро ғуррос занонда рӯи кӯпрук баровард. Аз соҳил боз даҳ – дувоздаҳ мошини пурбор заминро ба ларза оварда, аз ақиби Ҷӯра равона шуданд.

=4=

Аҳмад аз соҳил сарболо шуд.

Вақте ки вай аз саҳни мадрасаи қадими Саид Атолиқ гузашта ба истгоҳи таксӣ расид, ба осмони мағриб чашм давонд, як бурҷ абролуд буд, як сӯ шафақ хунрез… Офтоб чун лаълии мис сари кӯҳҳои Вахшвор расида, гӯё ғелида ба қаъри ноаёниҳо рафтанист.

Вай қадаммониашро тезтар кард: имшаб хонаи почояш мемонад, пагоҳ пайи супориш меравад.

Ин дам «Тико»-и ялаққосии нофармон омада дар паҳлӯяш истод. Аз даруни он:

– Амак, шинед… Шуморо дар хона мунтазиранд, – гуфт Ҳуснидини писарамакаш.

– Аввал хонаи почо дароем. Инро монам, – бастаи пулро нишон дод Аҳмад.

– Э не-е. Қудоҳо маҳтали шумо. Ба ҷиянатон хостгор омадаast. Дер нашавад, – гуфта ӯро нишонду мошинро тарафи шаҳраки Гулистон биронд.

Аҳмад ҳам салом дода даромаду «ноншиканон» сурат гирифт. Қудоҳо якдигарро муборакбод карданд. Табақҳои палав рӯи дастурхон фуромад… Зиёфат охир шуду онҳо ба ду мошин нишаста сӯи Сариосиё шитофтанд. Қудоҳо, аз ҳамон бар буданд.

Аҳмад таксӣ доштанӣ шуд, ба роҳи калон баромад.

Деҳнав, ки иқлими субтропик* дорад, аз куҷое як пора абр омада, ҳар ҷо – ҳар ҷо дона – дона ашк мерехт. Рӯи раҳи мумфарш андаке тар метофт. Мошин кам. Гоҳ-гоҳ ягонто пур шуда мегузашт.

– «Хуб, – оҳиста-оҳиста нишеб шуд ӯ, – пул лозим бошад, худаш меояд», – аз дил гузаронд Аҳмад.

Аз чӣ буд, ки воқеаҳои гуногун, ҷӯли қазоқ, хушнуд гардидани одамон аз дидани меваҷоти чун асал ширини ин воҳа, кадом «рекет», афтударафти ғайричашмдоште аз пеши чашмаш мегузаштанд. «Шабгардӣ хуб не!» – гуфтани очааш дар гӯшаш садо медод. Ба гирду пешаш нигоҳ кард. Вай медонист, ки Деҳнав

* Субтропик– минтақаи иқлимаш хушк ё тар (ба тропик наздик).

нооромм… Одамон ҳатто ба Бағдоду Бомбай монандаш мекарданд… Каргасу ноҷавонмардонаш ҳам кам не. Ӯ хеле роҳ пиёда рафт…

То хонаи почояш дусад қадам роҳ монда буд, ки мошини чароғаш хирае аз паҳлӯяш ширрос гузашту ба тангкӯчаи бечароғ даромад… Аз дилаш гузашт, ки ҳамин ҳоло фалокате рӯй медиҳад… Баргашта ба ақиб нигоҳ карданӣ шуду ҳамон мошин (лекин бечароғ) омада зад…

– Воҳ! – гӯён Аҳмад чанд қадам парида рафт.

Ҳамин қадар дар ёдаш монд, ки бастаи пул аз дасташ, тарафи чап, байни буттаҳои пурхор парид. Ин ҳам дар ёдаш монд, ки ронанда фуромада ба ҷои кӯмак дар торикӣ чизе меҷуст… Баъд нафасаш дарун зад, аз ҳуш рафт.

=5=

– Чун ду тарафи роҳ ҳавлӣ буд, «Воҳ!»-гуфтани ӯро шунида аввал пирамарде чароғи таги дарвозаашро гиронду мошини чароғаш хирасӯз ғуррос ба тангкӯчаи муқобил гузашт… Онсӯтар ҷуссаи одамеро дид, ки ба худ мепечид… Дигарон ҳам як-як омаданд… духтуру милиса хабар карданд…

– Охир, ин хусурбурдаи Ҷӯра-ку, – ӯро шинохт кадоме ва ба хонаи ӯ кас фиристод.

Ин вақт соҳиби аввалин мошине, ки гӯё ба ёрӣ расид, пурсид:

– Зинда аст? Чӣ шуд?

– Зинда, – гуфт бодиққат назар карда пирамард. – Як худобехабар бо мошинаш зада он сӯ гурехт. Ҳарду пояш шикастааст, хун меравад…

– Дидед, ки чӣ хел мошин буд? – боз пурсид ӯ.

– Мошини майда, аз афт «Москвич!»… Мошинсавор ба ҳамон тангкӯча зад худро.

Баъд мошинҳои мил – милакдори милисаю духтур омад. Аҳмадро рӯи занбар гирифтанд.

– Мошини зада гурехтаро ягон кас бидид? – пурсид афсари милиса Асриёри Назар.

– Ман дидам, – пештар омад пирамард. – Вайро як мошини дигар сурронда рафт, аз афташ милиса барин…

– Милиса?

– Ҳа, мошинаш шахсӣ… шабкааш даруни мошин буд, лекин худаш аз Деҳнав не!

– Чӣ тавр?

– Милисаҳои Деҳнава мешиносам.
– Маро шинохтед?
– Шумо писари ҷўраам – Асриёр ҳастед…
Асриёр зуд бо навбатдор тамос гирифт: – Навбатдор? Гўш кун! Ғайр аз ман ба ин ҷо боз киро фиристода будӣ?
– Фақат шуморо, – гуфт ў.
– Мошини одамзада гурехтааст. Аз оқибаш кадом милиса суррондааст… Кӣ бошад? Ба постҳо хабар деҳ! .. Агар худаш ба ту бараояд, маро огоҳ соз!
– Хуб шудааст.

=6=

Аҳмадро ба шўъбаи ҷарроҳӣ бурданд. Ў нолиш мекард, кимчӣ миёни кому забон мегуфт: пу-пу-пул-л!..
– Пула чӣ фикр мекунӣ, бенаво! – гуфта ҳамшираи тиббӣ асбобу ускунаро барои ҷарроҳӣ омода мекард.
Зарбаи мошин аз як сў, гашта ба чизи сахте бархўрдани пойҳояш чанд ҷои устухонҳоро бекора кардааст… Ба пурсиши шўъбаи милиса ҳамин навъ ҷавоб доданд духтурҳо.
– Намемирад охир?
– Не…

=7=

Навбатдори милиса Асриёри Назар хост гармогарм мошини гурезаро дастгир созад. Вай аз ҷои воқеа пораи «подфарник»-и зардро ёфта буд… Зуд ба ҳамон тангкўча даромад. «Жигули»-яшро сари роҳ дошт. Борони мўи гов пайи ғели мошинҳоро баръало нишон медод. Маълум, ки якумӣ чапғалат додааст.
Асриёр лаҳзае худро ба ҷои ронандаи гуреза тасаввур кард: тарафи рост тоб хўрда, то заводи арақ рафт. «Боло намеравад. Дар чорроҳаи назди Ҳукумат нозир ҳаст» – фикран муҳокима меронд ў.
Ба тангкўчаи паҳлўи завод ва кўчаи Пушкин гузашт. Дар назди «Гимназия» истода, аз дўкондори шабзиндадор Зайнаби танноза пурсид:
– Чӣ сирре мушоҳида кардед?
– Сирр аст ё не, лекин ду мошин якдигарро таъқиб карда гузашт, – гуфт зани баландболои дасту гарданаш пури тиллою марворид.
Асриёр ба соат нигоҳ кард. Фосила аз даҳ – понздаҳ дақиқа беш набуд… Фикран эҳсос кард, ки мошинҳо тарафи дарёи Сурхону кўҳи Боботов меравaнд…

Ба пули калони дарёи Сурхон расиду аз рӯ ба рӯ мошини боркаш (аз автобазаи 2516) омад. Бо ишораи чароғи фурӯзонаш ӯро боздошт.

– Аз куҷо пурсем?

– Аз Бобатов!..

– Сари роҳ мошин дидӣ?

– Дидам… Ду мошини майда тир барин парида сӯи мавзеи Серҳаракат рафт. Хаёлам, якдигарро таъқиб мекарданд.

Рақами боркашро дар ёд гирифт Асриёр. Бо шаст аз кӯпруки камбару дароз гузашту чароғаки сурхаш гирон шуд, мошин дигар пеш нарафт. Сӯзишворӣ чатоқ шуд…

– Ҳаҳ, сабил! – худи ин ки дар киноҳо рух медиҳад-а!

Дар атроф ягона шиносаш – эшони Шарифхон (бо лақаби хукча – «парасенок»). Оё дар хона бошад?

Хонааш дур набуд. Дар хона будаст, он лаҳза. Ҷони одам буд ӯ. Аз воқеа огоҳ шуда як равғанчобаро пур карда бензин гирифт, худ бо мошин оварда дод.

– Ҳамроҳ равам? – пурсид ӯ.

– Не-не! Ташаккур, – қабул накард Шаҳриёр.

Вай ба сероҳаи калон расиду аробаеро бидид, ки холӣ, шақар-шақар меояд. Боздошт.

– Аз куҷо меоӣ?

– Аз заводи пахта, аз Узун.

– Дар роҳ чӣ дидӣ?

– Э, ака-е, зуд равед! Ду тан дар таги ҷар занозанӣ доранд… Мошинашон сари роҳ… Халос карданӣ шудам, боз тарсидам…

– Чи хел одамҳо?

– Якаш милиса, дуюмаш…

– «Сабил, – мегуфт дар дил Асриёр, – бензин адо намешуд, аллакай мерасидам… – Бо суръат ҳай кард мошинро. Аз чап – ҷарӣ, обкандаҳои жарф!.. Аз рост – талу теппаҳо, хавф бурд, ки онҳо милмилаки мошинашро дида фирор карданашон мумкин».

– Ҳо-о, ҳамин тавр шуд. Аз охирин пастхамӣ гузашту бидид, ки он ду мошин ба пеш ҳаракат карда, баъд ҳар ду ба ду тараф рафт. Асриёр мошини чароғаш хирасӯзро таъқиб кард… «Мошини гуреза ҳамин бояд бошад! – мегуфт ӯ ба худ. – Лекин агар ӯ милиса бошад, пас чаро «сайд»-ашро раҳо кард?»

Ана боз як муаммо!

Ин буд, ки дар пастхамии дигар мошини чароғаш хирасӯз ғайб зад. Ба замин даромад ё ба само рафт, надонист…

=8=

Ҷаррохии Аҳмад дар касалхона тӯл кашид. Ҷуфткории устухонҳои шикаста қариб се соат давом кард… Ниҳоят, ӯро ба палата гузарониданд… Буди ҳунарашро сарф кард Ҳайбил духтур. Вай беҳуш буд.

Модараш Сурма бибӣ, хонумаш Гулрух, хоҳару додаронаш шунида кабки рез шуда буданд. Падараш Саттори Нур дар даҳлез ашк мерехт.

=9=

Асриёр сари кӯпрук, назди устохонаи Мухтори якчашм таваққуф кард. Аз зери ин кӯпррук оби Қаратоғдарё мегузашт, ки поёнтар аз ҳавзҳои моҳипарварӣ бо рӯди оби Заранг ва Тӯпаланг ҳамроҳ шуда Сурхонро ташкил медод.

Асриёр таги кӯпрук, атрофи устохонаро дида баромад. Алам мекардаш, ки аз пайи ҷинояткор афтоду лек дошта натавонист… Ин ҷо сирре ҳаст.

Зуд пас гашт. Сари баландӣ расиду ратсияро ба кор андохт. Бо Узун тамос гирифта гуфт: «Милисаи мошини шахсисавор» сӯи Узун меравад. Боздоштан лозим!..

Сардор Акрами Шароф сари кӯпруки Оби Заранг одам баровард. Каме вақт гузашту ногоҳ «Москвич»-е тир барин парида омад…

– Куҷо шитоб дорӣ? – пурсиданд аз ӯ.

– Деҳнав, – гуфт ронанда, милисаи шинос Н.

Нозир ҳуҷҷати ӯро дида «роҳи сафед» хост ва ба Асриёр хабар дод. Асриёр «пост»-и Тӯпалангро огоҳ кард, ки боздоранд.

=10=

Асриёр ба ҷои бархӯрди он ду тан омад. Аз байни дарахтон хонае ба чашмаш расид. Тахмин кард, ки он кулбаи посбони ҳавзҳои моҳипарварист.

Дари онро тақ-тақ зад. Аз қаъри торикӣ марди ҷомабарсари хирсмонанде омад. Чароғи таги дарвозаи калонро гиронд. Рутбаи заррини Асриёр чашми пирамардро бурд. Ӯ худро шиносонд:

– Новақт безобита кардам-а?

– Моро ҳама безобита мекунад, – гуфт пирамард. – Навакак ду тан аз кадом гӯр пайдо шуда, як майдон занозанӣ карданд… Яктааш милиса, дигараш-кадом авбош!..

– Хӯ-ӯш, баъд чӣ? – ба марди бузриш зеҳн монд.

Нигоҳҳои ӯ маккорона буданд. Вай аз туфангчаи Асриёр чашм наканда, сӯи ҷои ҷанги он ду тан қадам зад.

– Чӣ ном доред?

– Ҷоналӣ…

– Гап занед, амаки Ҷоналӣ. Чӣ воқеа, чӣ гап?

– Намози хуфтан хонда ба ҷойгаҳам медаромадам, ки яке «қиғғос»-и ду мошин баромад. Аз яке милиса фуромад, аз дигараш як ҷавони танаю тӯшдор, дар дасташ корд…

– Корда парто! – гуфт милиса. – Одам зада гурехтӣ… Ҷиноят болои ҷиноят содир кардӣ. Боз…

– Илоҷам-чӣ, ака милиса! – кордро бозӣ доронд. – Фалокат миёни дасту по… Тарсидам, гурехтам…

– Ту? Тарсидӣ? Кай боз? Ғо-рат-гар!.. Медонӣ, киро ғорат бикунӣ!.. Барор ҳам-маша?!

– Худо якто, ки нашуд, ака милиса! Дар торикӣ бастаи пулаш куҷо шуд, надидам…

– Саф-сат-та бас!

– Гуфтам-ку, нашуд… Ғалтиду надонистам куҷо шуд бастааш…

Ҳарду сахт рафтанд…

– Ҳарчӣ шуд, гузашт. Худо ба худат инсоф диҳад, ака милиса!

– Инсоф, инсоф! Худи ҳозир бурда зиндон мекунам. Пӯсида меравӣ!

– Як чӣ бигиру сар деҳ, ака милиса!

– Сар диҳам? Боз чӣ мехоҳӣ?..

– Э, ба касе гап бизан, ки туро нашиносад, ака милиса. Як ҳаромхӯр ҳастӣ, мисли ман! – Кордашро ба замин халонда аз ҷайбаш пул баровард. – Ана бигир. Инаш пули ӯзбекӣ, инаш «рубл»-и тоҷикӣ, урусӣ. Инаш – дӯллор! Бигир, ту сер шав! – девонавор хашм гирифт.

– Сад ҳазора куҷо кардӣ? Рост гӯй…

– Худо якта, ки гирифта нашуд… Ҳамон ҷо!..

– Ба рӯймол банд!.. Ҳуҷҷатро ҳам, – амр кард милиса.

– Ба ҳуҷҷат корат набошад… Пушаймон мешавӣ, ака милиса. Маро бепушту паноҳ гумон набар! – шарт дасти туфангдори ӯро гирифт авбош.

Ҳарду ба замин хӯрданд. Милиса зӯрӣ кард. Худи «фантамас» барин ӯро хобонда чанд кундазону бизад…

Ҳамин вақт аз боло ғурриши трактор баромад… Гӯё, чизе на-дида бошад, гузашта рафт.

– Бас! Назан! Ҳамаша гиру мана сар деҳ! – таслим шуд вай.

Милиса туфангча дар даст, пулҳои ӯро гирифту рӯ ба рӯ ис-тод:

– Уштури сафед дидӣ?

– Не, ака милиса…

– Пас, мошинатро гумном кун! Берун набарор, – гуфт.

Аз ин гапашон ҳеҷ чиз нафаҳмидам.

Ҳар ду зуд ба мошинҳояшон нишастанд. Ҳамин буд, ки аз поён чароғи мошини шумо …

– Онҳоро шинохтед?

– Ваяшро дар кучое дидаам, лекин милиса ношинос…

– Агар минбаъд бинед, мешиносед?

– Инашро намедонам… Аз колбадашон тахмин кардан мум-кин.

Ин вақт моҳи пур аз ақиби талҳои хокӣ баромад. Асриёр ин сӯ он сӯ қадам зад. Аз таги по тӯкмае ёфт, ки он ба милиса тааллуқ дошт…

=11=

Хаёли Асриёр, ки шаб ба дарозо кашид…

Вай бо роҳи омадааш ақиб гаштан хост.

Баъд аз гапи пирамард милисаи таъқибкардаро фикр мекард: «фантомас» барин?

Ин гуна милисаро дар ноҳияи ҳамсоя дида буд. Ачаб не, ба нафақа баромада бошад. Сардор ӯро мешинохтагист. Ӯ аз ҳамин ноҳия аст. Маслиҳат кардан лозим.

Ҳамон шаб бо сардор маслиҳат кард. Сардор марди чуссакалони чашмкабуд Рустами Раҳмат ҳайрон-ҳайрон ба Ас-риёр нигарист: «Баандеша, часур! Агар гиреҳи ҳамин чиноятро ҳам кушояд, ҳатман ба мукофот пешниҳод мекунам!» – қарор дод ӯ. Вале ба худаш гап назад.

– Дар бораи афсари «фантомассимо» дар дасти додситони вилоят як касета сурату маълумот мавчуд. Мошинҳои чаримашударо бо ӯ, ки чӣ сон дигарон пул ба чайбаш меандох-таанд, аз кадом қабати бинои чорошёна ба сурат гирифтаанд. Аз ростӣ, тарҳи рӯи рафидаосо, гардани ғафс, каллаи сергӯшташ ба «фантомас» наздик шуда меравад… Шунидаам, ки бадбахт аз чиноят ва ҳодисаҳои рӯйдода хабар ёфта, беибо сӯиистифода

мекардааст… Машғул шавед… «Таға»-ҳои корчаллонаш ҳаст мегӯянд. – Наход ӯ бошад, – ба Асриёр даст дода аз идора баромад сардор.

Асриёр ҳам тарафи хонааш рафт.

=12=

Аҳмад субҳ чашм кушод, ҳамаи чиз дар чашмонаш тозаю мусаффо метофт. Яктаҳи барфосои духтурҳо, оинаҳои шаффоф, нури заррини офтоби саҳарӣ… Ҳамааш нав, рӯҳбахш метофт.

Ӯ дасташро роиҷ боло бардошт, ки сабук, осеб надидааст. Пойҳояшро озмуданӣ шуд. Сахт дард кард. Хаёлаш, ки рӯи ду пояш ду санги азим гузошта бошанд, вазнин аст, даруни гаҷ.

– Ҷонсахт бандае будаам, – гуфт худ ба худ. – Чӣ илоҷ?

Ашкаш таровид. Гапи почояшро ба ёд овард: «Хурмо ва анор савдо карда мон!» Ҳа, воқеан пул куҷост? – Безобита шуд ӯ. Аҳён-аҳён ба ёд овард, ки пул латтапеч буд. Аз дасташ тарафи буттаҳои пурхор парид… Баъд чӣ шуд?.

Хост нимхез шавад. Натавонист… Чӣ кунад? Ба кӣ гап бизанад? Кош, почояш ин ҷо мебуд!..

=13=

Асриёр гуфта буд, ки бемор ба ҳуш ояд, ба ӯ сим зананд. Инак, ба ӯ сим заданд.

Сардор ва Асриёр байни худ ба хулоса омаданд, ки ронандаи гуреза ва милисаи пешдаст ҳарду аз як сирр бохабаранд. Чӣ сирр? Ба он шояд худи ҷаврдида рӯшанӣ андозад.

Асриёр тукма ва шикастапораи «подфарник»-ро дар сандуқи оҳанин гузошт… Ҳикояти қаровули пир низ сарриштаи асосӣ маҳсуб мешуд барояш.

Вақти назди Аҳмад даромадани Асриёр духтур Ҳабиби Ҳайбил гуфт:

– Зиёд ба гап нагиред, илтимос.

Асриёр аҳвол пурсид. Аҳмад ҳайрон ба сӯяш нигарист: шинос барин, лек ба ёд оварда натавонист…

– Дилро бақувват гиред. Ба сари ҷавонмард меафтад, чунин рӯз, – гуфт ӯ.

– Маъюбу мубтало шудам, – ба пояш ишора кард.

– Ронандаро, он мошинро ёд доред?

– «Москвич» буд, лекин рорандаашро надидам, торик буд…

– Бо худ чӣ доштед? Дар даст ягон чиз доштед?

– Пу-у-л, пу-ли ка-лон! По-чом дода буд…

Ин гапро шунида хоҳараш пештар омад. Рангаш парида, рӯяш хуншор! (Одатан занҳои деҳот вақти шунидани чунин хабари нохуш рӯю мӯй мекананд…) Вай ба гапи додараш гӯш кард.

– М-мо-шин з-за-ду бастаи пулро ғуррондам, – ба даст ишора ҳам кард. – Як лаҳза-дия!..

– Кадом тараф?

– Тарафи буттаҳои хордор!

Тахмини сардор ва Асриёр дуруст баромад. Хост ӯ боз кимчӣ бипурсад, аз духтур андеша кард. Ӯро ба ҳаяҷон овардан хуб набуд.

Хоҳараш гап-гапи пулро шунида дигар шуд. Пул-а? Боз пули шавҳараш…

«Дар таги буттаҳо маҳфуз монданаш гумон… Рафта дидан лозим, ба ҳар эҳтимол! – аз дил гузаронд Асриёр. – Агар чашми касе наафтода бошад!»..

– Пул чӣ қадар буд?

– Сад ҳазор…

– Почоятон куҷо рафт?

– Қазоқистон.

– Хуб, худро бардам гиред. Нағз мешавед. Гунаҳкорро мо дастгир мекунем…

– Ташаккур!..

=14=

Асриёр хоҳар ва додараки Аҳмадро бо худ онҷо бурд. Тагурӯ карданд зери буттаҳоро. Чизе пайдо нашуд. Ҳайрон шуданд…

– Майлаш, шумо равед. Лозим шавед, хабар мекунем, – гуфт Асриёр ва ба ҳузури сардораш даромад, аз гапи нав хабардор кард.

– Ҳадафашон «пул» будааст… Маълум…

Ҳарду хомӯш монданд. Асриёр нақли посбони ҳавзҳои моҳипарвариро ёдовар шуд… Яъне, онҳо пулро пешакӣ медонистаанд… Аммо ба дасти онҳо нафуромадааст…

– Онро аз сокинони ҳамон ду – се хонавода бояд пурсид, – гуфт сардор.

– Дуруст… Аммо дар ин солу замона касе «ман ёфтам ё гирифтам!» мегӯяд, – хулоса кард Асриёр. – Беҳтараш ҳила ба кор барем-чӣ? «Пул сохта буд… рақамҳояш дар ҳисоб!» гӯем, мешуда бошад?».

– Бад не, – гуфт сардор.

Асриёр одамони он гузарро мешинохт. Чанде пеш милисаи он гузар буд.. Рафт. Занги ҳавлии пирамард «Н»-ро пахш кард. Касе набаромад. Аз ҳавлии паҳлӯ пиразани тотор Тазкира качал-качал берун омад. Ӯ Асриёрро шинохт.

– Милисаи одӣ будӣ, хабар мегирифтӣ аз ҳоли мо пирон. Ҳоло калон шудаӣ… – гила кард ӯ.

– Хизмат-дия, абӣ! – оҳиста мақсадро фаҳмонд…

Тӯта Тазкира гап назад. Кампири гӯр аз гап хабардор барин тофт… Тадбир бад нашуд…

– Мани аҳмақ, – гуфта ӯро ба ҳавлӣ даровард тӯта Тазкира, – панҷ ҳазорашро нест кардам… Як ҷиянам дар хона буд, хабардор шуд. «Те» гуфта гаранг кард, – афсӯс хӯрд пиразан ва андеша кард, ки пул агар рақамдор бошад, хешаш дар бало мемонад…

– Аз таги замин бошад ҳам ёфта, худатон бурда супоред. Агар не, кор чатоқ! – таъкид кард Асриёр.

Қарибии бегоҳ тӯта Тазкира сим зад. Асриёр бо мошинаш рафта пиразану пули латтапечро овард. Дар ҳузури сардор хату чак карда, дар сандуқи оҳанин андохтанд…

=15=

Сардор дар маҷлис аз кори Асриёр хурсандӣ иброз кард. Барои чунин «оперативона амал карданаш ҳар кас ҳам ба ҳавасмандӣ ҳақ дорад», – гуфт. Вазифаи ҳамаи мо ҳамин… Бояд ба ҷабрдида ёрӣ расонем.

Асриёр дар даст далелҳо дошт.

Рӯзона аз раҳи «Серҳаракат» рафта, ҷои ғайб задани мошини чароғаш хирасӯзро аз назар гузаронд… Гапҳои посбонро боз ба хотир овард. «Мошинро нест кун, берун набарор!». Чӣ маъно дорад? – мегуфт бо худ ва дар сараш фикре чарх мезад.

«Атрофи ҳавзҳои моҳипарвариро бояд бидид». Дар ин хусус ба сардор гап зад. Ӯ мижа дарҳам кашида гуфт:

– Атрофашро, ки дида бошед, акнун даруни ҳавзҳоро муоина бояд кард.

Ҷаста аз ҷо хест Асриёр: – «ин гап дуруст». Одам фиристод ба он ҷо, то ки ноаён, ҳамту моҳигирӣ рафтагӣ барин назорат бибарад. Кадом одам мехоҳад, мошинаш даруни об пӯсида тамом шавад! Бароварда гирифтанаш ҳатмист…

Худаш бо машвараи сардор аз паси милисаи фанто-

масшамоил рафт… Субҳи рӯзи сеюм мошинро сари роҳ нигоҳ дошта, аз хона берун омадани ӯро маҳтал шуд.

Ҳаво абролуд буд. Шамолаке сард мевазид. Имрӯз ҳар кас ҳам бо либоси ғафстар кӯча мебаромад.

Вай ҳам баромад.

– Ҳа, Асриёр! Салом, – даст дод, – дар ин ҷойҳо?

– Ба бурдани шумо омадам! – гапро духӯра кард Асриёр шӯхиомез…

Фантомасшамоил як қад парид. Чашми Асриёр ба тукмаҳои ӯ дӯхта шуд. Вай худро ноҳинҷор ҳис кард. Тукмаҳояш якрангу яктояш каме навтар… «Ӯҳӯ-ӯ, – хонаобод!» аз дил гузаронд Асриёр.

– Идора меравед?

– Бале… Маро ҳам то гардишгоҳ мебурдед, – нишаст ӯ аз дари пеш.

Ҳарду то хеле роҳ хомӯш омаданд.

Аҷаб не, ҳарду ҳам зимнан «таъқиботи оншабинаро» аз лавҳи хотир мегузарониданд.

Асриёрро шайтон бардор мекард, ки рӯирост бипурсад: «Чаро он шаб сайдро аз даст додӣ? Гурезаро доштию боз раҳо кардӣ!… Не, – андеша кард. – Бе машварат бо сардор ин корро намекунад».

Ҳамон рӯз сардор Тирмиз рафта буд. Кай меояд, номаълум… Асриёр ба ҳузури додситон даромад. Марди чорпаҳлӯи айнакӣ (Менгликулов М.М.) паси миз, бо сари тос менишаст. Ӯро бодиққат гӯш кард.

– Агар посбон аз Серҳаракат, – гуфт ӯ, – милисаро шиносад, «фантомасшамоил»-ро фаврӣ ба ҳабс гиред, – иҷозат дод додситон.

Асриёр паси ӯ равон шуд. Пирамард баргу хазон мерӯфт. Саломашро базӯр алек гирифт.

– Аз дур ҳамон милисаро ба шумо нишон доданием, – гуфт Асриёр. – Бо ман гардед.

– Ба ҷое намеравам! – рӯирост изҳор кард.

– Чаро?Ихтиёрӣ наравед, маҷбур, ба зӯрӣ мебарем.

Аз авзояш маълум, ки ба ӯ аз куҷое таъсир расондаанд.

– Ҷин занад кори дунёро!.. Баъд аз он воқеа касе пешатон наомад?

– Сад кас пеши ман меояд. Аз кӯлҳо мошин-мошин моҳӣ мебаранд…

– Мефаҳмед: як ҷавон маибу мубтало шуда хоб аст. Шумо ҳам фарзанд доштагистед! – гӯён Асриёр чанд қадам тарафи ҳавзи моҳипарварӣ ниҳод.

Моҳиҳо чӯлуб-чӯлуб боло парида бозӣ мекарданд. Кӯл калон буд. Онсӯтар боз ду кӯли калони пуроб ба чашм мехӯрд, ки то шолипояҳо тӯл мекашиданд…

Асриёр одами худро меҷуст. Аз ӯ дараке набуд. Пирамард ҷомаю салла карда баромад. Онҳо то Деҳнав расидан гап назаданд.

Дар хонаи махсус ба ӯ чанд сурат нишон доданд. «Не» гуфт, нашинохт…

Он рӯз аз забони ӯ ғайри «не» ҳарфе нашуниданд. Дар ин хусус ба додситон телефонӣ гап зад. «Сабр кунед боз каме» гуфт ӯ.

Асриёр бо мошине пирамардро ба хонааш фиристоданӣ шуд. Ҳамроҳи ӯ боз ду касро фаҳмонд:

– То рафтани ман он ҷо бошед. Бо одамон сӯҳбат кунед, кӣ бо чӣ коре машғул … Аҷаб не, шаб ҳамон ҷо бимонем…

=16=

Баъд аз чаҳор рӯзи воқеа почояш Ҷӯра мошину борро дар Қазоқистон монда, бо тайёра ва қаторае расида омад. Назди Аҳмад даромад. Пойҳои даруни гаҷи ӯро дида гирист.

– Маъюбу маслуқ шудам, почо! – гӯён оҳи бадард кашид Аҳмад.

– Зинда мондӣ, сад шукр! Ту зӯрӣ! Пойҳоят асли қадим мешаванд. Духтурат гуфт, – дилбардорӣ кард почояш ва хеста милисахона рафт. Ӯро Асриёр даъват карда буд…

– Аз пули ба Аҳмад додаи шумо кӣ хабар дошт? – гапро кашол надода пурсид ӯ. – Онро кӣ оварда буд?

– Дӯстам «Н». Каси боваринок…

– Ҷою манзилашро, телефонашро медонед?

– Медонам… Худи ҳозир гап занам?

– Ҳоло не, – гуфт Асриёр ва шарҳ дод. – Гап дар ин ки пули калонро кадоме таги чашм кардааст. Каси гуреза аҷаб не ӯ бошад. Вайро каси дигар таъқиб мекунад. Байнашон бархӯрд ба амал меояд… Баъд забон як мекунанд… Ҳарду ғайб мезананд…

– Милисаро намедонам, лекин соҳиби «Москвич» ё аз Узун ё аз Сариосиё!.. Кофта равам?

– Ҳоло не! Ин корро ба ихтиёри худи мо гузоред, – рад кард

Асриёр. – Бо тахмин кор буд намешавад. «Москвич»-ро бояд пайдо кард…

=17=

Кори дунё омаду ноамадҳо доштааст. Айни ошкоршавии асрори ҷиноят «гӯсола чаппа омад». Чаппа барои Аҳмаду бобарор барои дигарон.

Ҳамон рӯзҳо Рустами Раҳматро вазифаи калон дода Тирмиз бурданд. Ба ҷояш муваққатӣ Асриёрро гузошт. Ба боло фаҳмонд, ки ӯ аллакай ба ин вазифа лоиқ аст. «Шаш моҳ такмили ихтисос рафта омаданаш лозим» гуфтанд.

Тоҷикписари ҷоннисор ҳамеша серкор. Ба сар хоридан дасташ намерасад. Сараш сих монда буд. Набудани маслиҳатгараш Рустами Раҳмат (асл аз Пошхурди Шеробод) маълум шуд. Қадраш гузашт. «Ничего» мегуфт ба худ. Бо ҳамкорони азиз мустақилона корро пеш бурдан мумкин…

Рӯзи панҷуми воқеа фантомассиморо даъват кард… Соати нӯҳи саҳар ҳамон тукмаро рӯи мизаш партофта монд… Шикастапораи чароғакро низ…

Фантомассимо ворид шуду аввал чашмаш ба он тукма афтод… Асриёр худро ба нодонӣ зад.

– Даъват кардед. Чӣ гап?

– Машварати шумо лозим, – гуфт Асриёр, – ёд доред, ҷавонеро мошин зада гурехт…

– Шунидам.. Хуб, чӣ?

– Мегӯянд, ки он мошин, он одамро шумо таъқиб кардаед?

– Аз мурдан хабар дорам, аз ин не! – дурӯғ гуфт ӯ.

Асриёр гап назада ба чашмаш чашм дӯхт.

– Ин гумон аст?

– На танҳо гумон!

– Гумон инсонро гоҳо аз имон ҷудо созад… Шумо, ба фикрам, маро хубтар мешиносед.

– Пеш не. Ҳоло дуруст мешиносам… Лек, «Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад» гуфтаанд. Умедвор будем, ба мо кӯмак мекунед… Шуморо касе гунаҳкор карданӣ набуд, – ӯ пинҳон дошт сӯизанни худро.

– Асос, далел, шоҳид лозим!

– Ҳамааш ҳаст…

– Гапи беҳударо монед! – ӯ дарро сахт пӯшида баромад.

Асриёр бо диктофон навбатчии таги дарро гуфт, ки ӯро «гиранд!»… Худаш ҳамон рӯз ба ҷое нарафт. Аз идора набаромад.

Пас аз як соати ба дасташ завлона зада шудани ӯ ба Асриёр аз чанд ҷо сим заданд: яке ширинзабон, дигаре дағал мисли Самурай, сеюмӣ чун Ротшилди[1] сарватманд бо таҳдид.. «Шунидем, ки ба хонданӣ (такмили ихтисос) мерафтаед… Хонед, шояд ақлатон дарояд!» – гуфт кадоме..

Ҳамин гап хоре буд, ки ба дилаш халид. Истеҳзоомез хандид: «ҳамон вақт бо шумои «боақл» дурустакак гап мезанам!» – гӯён гӯшакро монд.

Қарибии шом аз идора мебаромад, ки одами худаш-ба ҳавзҳои моҳипарварӣ фиристодааш сим зад.

=18=

Табъи Асриёр хира буд. Каси телефонкунандаро аз овозаш нашинохт.

– Шумо кӣ? – пурсид ӯ.

– Ман аз ҳавзи моҳипарварӣ.

– Фаҳмидам. Чӣ гапи нав?

– Омада метавонед?

– Кай равам?

– Худи ҳозир… Ҳамааш сад фоиз. Ҳозир «Кран» оварданд. «Москвич»-ро аз даруни ҳавз мебарорем.

– Аз кадомаш?

– Қарибии соҳили дарё…

– Рафтам… Сир бой надиҳед, – гуфту Асриёр эҳтиёткорона шикастапораи «подфарник»-ро бо худ гирифт. Дар як мошин «шербачаҳо» нишастанд. Аз роҳи калони Тӯпаланг ҳаракат карданд онҳо.

Вақте ки онҳо ба устохонаи усто Мухтор расиданд, бididанд, ки бо пайраҳаи соҳили дарё тракторе «Москвич 412»-ро кашола карда меояд. Сари фармонаш ба сияҳлой ғӯтидагӣ барин як шиқ нишастааст.

Асриёр ӯро зуд шинохт. Чанд сол пеш дар кадом як идораи маданият муфаттиш буд. Барои баднафсияш ҳашт сол гирифта рафта буд. Хонааш ҳам дар ҳамон қарибиҳост. Аҳамият надода нигоҳ мекард, ки чӣ сон мошинро дасти тармимгарон супурданд… Соҳибаш гуфтугӯ ҳам кард, ки барои тармим чӣ қадар маблағ сарф мешавад.

– Ман ин пулро пагоҳ меорам, – гуфт Исмоили мазанг.

1 Ротшилд – як сарватманд аз Аврупои ғарбӣ.

– Шояд ин «подфарник»-ро ба ҳисоб нагирифтаед? Онро ҳам дигар кардан лозим, – гӯён Асриёр онро дар ҷояш часпонд…

Ба дасти мазанг завлона бизад. Шербачаҳо ба мобайн гирифта бурданд.

=19=

Асриёри Назар аз хондан пас аз шаш моҳ не, баъди се-чор ҳафта, хурсанд баргашт. Ҳамон шабу рӯз Аҳмад ҳам лангон-лангон дар палата як-ду қадам монда метавонист.. Рангаш пахтаи кӯҳна барин канда буд. Ришу буруташ сиёҳ, базеб…

Дарро кушода почояш Ҷӯра даромад:

– Чӣ хелӣ?

– Нағзам, почо.

– Ман дар хона меҳмон дорам. Духтурҳо, ҳамшираҳоро, ки ба худат хизмат карданд, хона мебарам. Акаи Асриёратро низ даъват кардам… Барои саломатии ту қадаҳ мебардорем… Ту розӣ?

– Ман? Сарам ба осмон мерасад, почо! Раҳмати Худо бод ба шумо!

Ҷӯра бирафт.

Аҳмад рӯи кат нишаст. Якзайл механдид: «Аҷиб коре шуда-а? Ҳамааш аз шабгардӣ сар зад. Воқеан ҳам шабгардӣ, агар зарур набошад, фоида надоштаст. Очаҷон беҳуда дил хун намекардааст. Натиҷааш ана чӣ шуд? Куҷо, дигар он пойҳои солимам? Кадом по кунун маро аз ин ҷойҳо то макони Моҳу Офтоб – Оймакону Ёқутистон мебарад? Пой қисми эҳтиётӣ надорад, ки аз бозори Худо бихарӣ!

Оҳ нобакорон! Барои пул шуда зада маъюбам карданд. Пулу дӯлор гуфта дунёро ба дунё мезананд! Беинсофҳо! То кай ҳамаро бо пулу дӯллор андоза мекунанд?! Ба инсон ҷабру ҷафо то кай? То кай? То кай?»

*Деҳнав – Душанбе, 1999.*

# БУҚАМАСТ

Оби шифои Обигарм дар ҷаҳон беҳамтост. Мисли ҳавзҳои табиии он ҳавзеро боз аз куҷо метавон пайдо кард? Ба ҳазор дард даво бахшад.

Подарду миёндард шудаму ҳар сол барои даҳ-дувоздаҳ рӯз он ҷо рафта, ба оби шифояш медаромадам. Дард куҷо мешуд-намедонистам.

Нахустин бор охирҳои тобистони соли 1989 бо дӯстонам – журналист Нусратуллои Шоймардон, шоир – раиси хоҷагӣ Ҳамроқул Саидӣ (тахаллус Доно) орзуи обу ҳавои Оби Гарм кардем.

Як нисфирӯзӣ, баъд аз қабули муолиҷа рӯи кат дароз кашида китоб мехондем, ки аз берун овози писараке баланд шуд. Вай медавиду мегуфт:

– Амакҷон! Буқача мемурад! Ёрӣ диҳед, аз замин бардоред, ҳаром намурад боз!..

– Чӣ? Буқача? – гуфтам.

– Ҳо, қаровул бо санг зад!..

– Санг занад мемурад оё?

– О-ҳа, ганда зад!.. Гардед, бинед! – зорӣ кард ӯ дастамро гирифта.

Рафтам. Соҳили дарёча, зери сафедори баланд буқачаи зардалои хол-хол, чаҳор пояш дар ҳаво патаррос мезанад. Чанд каси дигар ҳам давида омада:

– Чӣ шудааст?

– Э ҷонварак, мор газидааст-чӣ? – мегуфтанд.

– Не, бобои қаровул ба санг зад! – гирист писарбача, – сахт бизад!..

Аз ресмони гарданаш дошта сари онро бардоштам: пешонааш хуншор, таги сараш санги табар барин нӯгтези хунолуд мехобид.

– Оҳ беинсоф! – ба атроф назар кардам. Қаровул ба чашм намехӯрд. – Аҷаб не, моли ягон бевaю бечора бошад?..

Гапам дар забонам монд: пиразани қадхамида асозанон омада бидиду:

– Ҳаҳ худобехабар! Илоҳо рӯзи некӣ набинӣ! – ба атроф нигарист – Қассоб! Ошпази шумо қассоб аст... Раҳ-мат-ҷон-у-у! Кордата гирифта биё, бачам!..

Ошхона дур набуд. Овози пиразанро шунида Раҳмат қассоб давон-давон омад.

– Чӣ гап, оча?.. Э, ҷонварак-е, навакак аз боло фуромада буд, ғурмагас рӯфта будааст-дия, – гуфт ӯ.

– Не бачам, аҷал рӯфт бигӯ, аҷал!.. Қассоб зуд тапу тез карда, онро сар буриданӣ шуд.

Натарсад гуфта писаракро як сӯ гирифтам.

– Ба нияти тӯйи набераҳакам нигаҳ медоштам, – афсӯс хӯрд пиразан асо ба замин зада.

– Беғам бош оча! Пули гӯшташ мебарояд. Гӯсолаи дигар мехарӣ, – гуфт Раҳмат қассоб ва илова кард.

– Ҷонвар моли тоза будаст. Фарбеҳ… Намемурд, буқаи зотӣ мешуд...

Аз ин воқеа чанд вақт гузашт. Ҳар ҷо буқача, гов, пиразан ё пирамард, хусусан қассоб бинам, беихтиёр он писарча, он буқача, он қассоб ба ёдам мерасад. Гапи он қассоб: «намемурд, буқаи зотӣ мешуд!» дар гӯшам садо медод. Ҳамон таассурот хотираи дигари овони бачагиамро, ки дар деҳаи Пасурхӣ (Бойсун) гузашта буд, пеши чашмам меовард. Гӯё он ду-се рӯз пеш аз саршавии ҷанги Гирмон не, балки дирӯзакак рӯй дода буд.

*  *  *

Тафсилоти он чунин аст.

Он вақт ҳам аввали тобистон будааст.

Ҳар бегоҳӣ бо писарамакам Ҳамид Тоҳир кӯчаи калон баромада, говҳоямонро аз подаи Пасурхӣ (паси сурхӣ) ҷудо карда меовардем. Он бегоҳ, офтоб паси талҳои сурх пинҳон нашуда пеши говҳои пода аз Сойчинг баромад. Говҳои навгӯсола пеш-пеш, пистони серширашонро алвонҷ додаю баасзанон нишеб шуданд. Писару духтаракони гузар тағораю сатилҳои кӯҳна дар даст, пас-паси говҳо давида тапак ҷамъ мекарданд:

– Саргини гови моро нагир, Бӯрӣ тентак!

– Дод назан, духтари Турсуншал! – лақаби падарони якдигарро гирифтаю қиву-чувкунон бачаҳои деҳа ғами сӯзишвории зимистон мехӯрданд.

Ману Ҳамид ба талоши онҳо хандида, пайи говҳомон ба тангкӯчаи худ метохтем. (Ман панҷсола будаам. Ҳамид ду сол калонтар буд).

Қариб ба ҳавлӣ расида будем, ки аз ҷониби боғоти Чашмаи Лӯълӯ овози даҳшатафкане шунида шуд:

– Бу-у-ҳ! Ҳум-бу-ҳ!

– Ваҳ! Буқа-Маст! – бо ҳаяҷон гӯш андохт Ҳамид. Ман он овозро ки дару деворро ба ларза овард, бори аввал шунидам. Тарсида тапар-тапар давидем. Говҳомон ба буттаю барги дарахтони гирди девор даҳан мезаданд. Овози Буқа-Мастро амакам Тоҳирхон ҳам шунида баромада будаст.

– Зудтар дароед! – ӯ бо ҳаяҷон моро дарун андохта занҷири дарвозаро гузаронд. Худаш аз дарича тағораи сафоли Тӯракулол сохтаро берун бурда монд. Бо ду сатил аз ҳавзамон об оварда онро пур кард.

Ману Ҳамид аз роғи дарвоза берун нигоҳ мекардем, то Буқа-Мастро бинем. Амакам дод мезад:

– Берун наравед! Буқа-Маст бачаҳоро ганда мебинад!

– Амак, буқа-ку буқа, «Маст»-аш чӣ? – пурсидам оромона.

– Ҳамина намедонӣ? Қилтозӣ! «Маст»-лақаби буқа...

– «Лақаб»-аш боз чӣ? Гап ба гӯшамон намедаромад: Фикру ёдамон – дидани Буқа-Маст!..

Амакам чақон аз ҷӯякҳои боғ алаф даравида, аз сари девор берун мепартофт. Обу алаф барои Буқа-Маст будаст... Амакам говҳомонро дарун ҳай накард, тарафи майдони сарбаста биронд. Мо ба паҳлучӯби дарвоза часпида боло шудем... Буқа-Маст абри сиёҳ барин омада, «ҳум-ҳум-кунон тарафи гови алои калон рафт. Аз фарбеҳӣ баданаш ҳиммас мезад. Чунон калон, ки тахтапӯшташ суффа барин. Фукаш ғафси чоркунҷа. Сӯрохи бинияш лонаи кабӯтарони ҷарии Низомхоҷа барин. Шохи чанбараш гӯё осмонро бардошта меистод. Гарданаш танаи чинорҳои Чорчинор барин. Вақте ки ба дарвозаи мо наздик шуд, тарсида фуромадем. Ҷуссаи азимаш роғҳои дарвозаро тамом маҳкам карда буд. «Ҳиф-ҳифу ҳум-ҳум» овоз медод.

– Нигоҳ накунед, бешармҳо! – фарёд мезад амакам.

– Худатон ҳам тарсидед-а, амак? – завқ мекардам.

– Аз ин буқа ҳама «металсад» – аз рафтори додояш шарм дошт Ҳамид. Вай «р» гуфта наметавонист.

Чашми амакро хато карда, мо боз ба ғурумҳои паҳлӯчӯби дарвоза по монда боло шудем... Гови сурхамон гирду пеши Буқа-Маст тор метанид. Буқа-Маст, оби тағораро насоси обкашӣ барин фурӯ мебурд...

– Ҷонвал, ҷигалаш сӯхта будас-е! – аз обхӯрии он чашм намеканд Ҳамид.

Ин вақт аз кӯчаи тарафи боло хари сафедсавор падарҷон омад. Давидем.

– Ассалом! Ассалом!..

– Ваъалейкум... Чутӯ, шербачаҳо?

– Нағз...

– Сафар бахайр ака! – пеш омад амакам Тоҳирхон. Бори хара дукаса фуроварданд.

– Гови сурх дар пода буқа гирифта будааст, – гуфт амакам. – Гови ало не. Ина бинед, ки «Маст» аз Чашмаи Лӯълӯ ба пои худаш омад. Ҷонвар, моли асил-дия! Иншоолоҳ, боз зоти хуб мегирем...

– Обу алафаш ҳозир кардед? «Маст»-а меҳмон кунед, – гуфт падарҷон.

– Ҳа-а, ҳа-а, – амакам харро ба сутун баст. – Ёдатон ҳаст, порсол буқаи Хурсанд Сӯфӣ аз паси модаговҳои ҳамсоя рафта, аз ташнагӣ ҷигараш сӯхта ҳалок шуда буд...

Падарҷон занҷири дарвозаро шарақ-шуруқ кушода ба Буқа-Маст нигоҳ дӯхт. Ман зери бағалаш даромада будам...

– Буқа ҳум-ҳум кард. Чашмонаш нимкоса барин гирд, супсурх, қабоқҳояш сипсиёҳ сурма кашидагӣ барин хушрӯ...

– Ҷонвар, аҷаб расидааст! Аз як тон зиёд гӯшт доштагист, – тахмин кард амакам.

– Будагист, – ман дар Урусия аз ин ҳам калонтараша дидагӣ, – дасти ману Ҳамидро гирифта хона бурд падарҷон. Ба ҳарду аз паллаҳои хӯрҷин, ки амакам аз берун даровард, телпакҳои қашқарӣ бароварда доданд. Пӯшидем.

– О-ҳо-о! Мезебад! Муборак, – гуфтанд ҳарду.

– Чиркин накунед! Нигоҳ доред... зимистон мепӯшед! – таъкид кард янгаам Иқлимбибӣ.

– Фаҳмидӣ, қилтозӣ? – хандид амакам.

– «Қилтозӣ» худаш-чӣ, амак? – зиқ шудам ман. Падарҷон хандид, риши сипсиёҳаш ба худаш мезебид.

– Тозӣ ҳасту қилтозӣ ҳаст дар дунё, – мад кашид амакам. – Тозӣ сагчаи гурҷӣ. Калону фарбеҳтараш акаи Ҳамидат барин, харобу лоғараш – ту барин, қилтозӣ!.. – Ҳаҳ гапнодароҳо! – Якбора овозашро сар дод амакам, – гуфтам, ки таги дарвоза наравед! Гӯш намекунанд... Буқа-Маст бачаҳои кулӯх ғуррондаро бад мебинад! Ба шохаш мебардорад! – чашми моро метарсонд ӯ.

– Мо кулӯх нағуллондем-ку, – гуфт Ҳамид.

– Инҳо қобил, – падарҷон аз қуттӣ қанди маҳмулпечон бароварда дод.

Мо берун давидем. Қитир-қитир қанд мехӯрдему аз Буқа-Маст чашм намекандем: «боз буас мезада бошад?» – вай таги

дарвоза истода «фашар-фашар» алаф мехӯрд. Мегуфтанд, ки вай аҳён-аҳён «буас» мекунад. Агар соҳибашро бинад, ё аз дур гургу шағоле бинад, ё манзилашро дигар созад, як бор «Бу-у-ҳ, ҳм-бу-ҳ!» мегуфтаст... Он шаб дигар «буас» накард...

* * *

Баъд аз он мо сари пода рафта ба бачаҳои гузари поён аз омадани Буқа-Маст гап мезадем. Ба овози ларзаафкани он тақлид мекардем. Онҳо дидани Буқа-Маст куҷо, ақаллан овозашро нашунидаанд. Фақат очаю бибиҳошон тарсонданӣ шуда, «Буқа-Маст омад!» мегуфтаанд.

Боре амакам сари ҳавз, зери сояи бедҳои баланд чой мехӯрд. Ману Ҳамид пурсидем:

– Соҳиби Буқа-Маст кӣ? Вай ин қадар ганда бошад, аз чӣ соҳибаш баста намемонад?

– Кӣ гуфт, ки вай ганда? – амакам боз овозашро якбора баланд кард. – Вай ганда не! Лекин вайро кӣ баста метавонад?..

Амакам ҳамон рӯз қиссаҳои нав гуфта дод.

Хонаи соҳиби Буқа-Маст дар поёни Арракӯҳи сурх, дар гузари Қӯшосиё будааст. Ӯро Муҳаммадӣ фаррош мегуфтаанд: одами қадбаланд, кулӯтариш, нотарс, дағалтоб ва шаҳрдида будааст. Вақтҳои ба Тирмиз нав омадани оташароба (поезд) то Урунбурун (Оренбург) рафта меомадаст. Равандакашӣ доштааст. Худаш нақл мекардаст, ки боре, дар Урусия, қад-қади роҳи оҳан мерафтаст, ки гови ғурмагасрӯфтае думашро хода карда, аз пеши қатора тохта гузаштанӣ мешавад. Бо шамоли оташароба парида ба заҳбур меафтад. Мебинад, ки гов маҳурӯзу хеста наметавонад. Мурданаш ҳатмӣ. Муҳаммадӣ Хоҷа бо ёрии одамон аввал шиками модаговро чок карда, гӯсолаашро мегирад, баъд онро сар мебурад...

Соҳибаш омада мебинад. Аз ӯ миннатдор шуда, гӯшти говро ба одамон тақсим мекунад, «гӯсола аз худат» – гуфта ба ӯ медиҳад. Муҳаммадӣ Хоҷа чанд рӯз бо пистонак ба гӯсола шир дода, ба кампал печонда то Тирмиз, баъд Бойсун меорад. Бо ширу хӯроки гови кабудаш калон мекунад.

– Шумо дида будед, амакҷон?

– Ба чашми худам дидам, ки гӯсолаи шудании сип-сиёҳи қундузӣ буд.Гирди чашмонаш сурма молидагӣ барин... Ҳама ҳавас мекард. Дар семоҳагӣ яксола барин, дар шашмоҳагӣ шохбандаша канда гурехт. Баъд занҷирбандаш карданд. Ғайри соҳибаш касеро наздаш намемонад, – гуфта мешунидем...

Як рӯзи тирамоҳ ғурмагасе ҳуҷумаш мекунад.

Ҳамаи ҳайвони калон аз ғурмагас (губаланг) қади аҷал метарсанд-ку!..

Буқа занҷира канда мегурезад. Ҳеҷ кас дошта наметавонад. Аз ду деҳа гузашта, ба тангкӯчаи масҷиди хатиб медарояд. Он ҷо, сари роҳ хайрият, ки касе набудааст, – гуфт амакам. – Аз дур дида «худоё, бахайр гардон!» – мегуфтаанд. Дар ёду хаёл набудагӣ кор. Аз рӯи эҳтиёт дарвозаро калон кушода, ду кас-ду кас пеши роҳи поёну мобайнро мегиранд. Аз боло аспароба шақаррас омада мемонад. (Қаришаст ном гумоштаи шӯъбаи алоқа онро мерондааст). Буқа лӯппӣ худа даруни дарвоза мегирад. «Се рӯз аз оғилу каҳдон набароварда, об дода меистодаанд, рӯзи якшанбе бозор рафта ҷорчӣ мегиранд, ки ӯ овоза мекунад: «Ҳу-ӯ бародар-о! Надидам нагӯед, нашунидам нагӯед-о! Ҳар кас буқа гум карда бошад, деҳаи Пасурхӣ, ҳавлии Қосимхону Тоҳирхон равад-о-о!»

Ин ҳамон гӯсолаи Муҳаммадӣ Хоҷа будааст. Як вақт, як рӯймол қанду қурс, ҳалвои кунҷитӣ бардошта хона омад.

– Наход, ин ҳамон гӯсолаи «сағира» бошад? – ҳайрон шуда хандидем мегуфт амакҷон.

Муҳаммадӣ Хоҷа боэҳтиёт шохбанд андохт. Вай ҳамроҳи соҳибаш вазнин-вазнин қадам монда рафт.

* * *

Баъд аз ин буқа ба соҳибаш ҳам сар нафуроварда кашокаш мекунад.

– Беҳтараш кушта «хомталош» кардан аст, – мегӯянд ҳамсояҳош.

– Не, бозор андозед, – маслиҳат медиҳад дигаре.

– Паси гап нагардед, Муҳаммадӣ Хоҷа, – гуфтааст амаккалони мо Асад полвон.

– Онро ба подаи деҳа сар диҳед. Подабон «буқаи сара» надорад. Ба савоби он чӣ расад, ки гови деҳа гӯсолаи солим диҳад. Ман саркор бошам, донед, ки аз мардум пул ҳам ҷамъ карда шуморо розӣ мекунам...

– Чизе лозим не, саркор. – Лекин, гапатон маъқул, – гӯён рӯзи дигар сари пода меоварад. Пеши пода аллакай, аз масҷиди Маҳмудхон гузашта будаст. Бохабарон ба дидани буқаи таърифӣ кӯчаро пур кардаанд. Буқа бӯи говонро гирифта, соҳибашро кашола мекунад.

– Э рав-е! – бо тамоми овоз дӯғ зада шохбандро мекушояд занҷири вазнин дар дасташ мемонад.

Буқаи моҳӣ барин фарбеҳ, чор пояшро баробар бардошта, мастона медавад. Одамон аз тарс роҳ мекушоянд. Аз ҳамон рӯз сар карда лақабаш «Маст» мешавад. Ҳама Буқа-Масташ мегӯянд.

Бегоҳӣ соҳибаш сари пода омаду баста бурданӣ шуд. Куҷо? Даста надод. Паси модагови дилхоҳаш бирафт. Муҳаммадӣ Хоҷа гузар ба гузар, хона ба хона гашта одамонро аз феъли Буқа-Маст огоҳ мекард. Ҳайвон-дия, ба касе зарар нарасонад: пешаш ду сатил обу ду банд алаф (ё хас) гузоранд бас! Арбада накунед, намерасад, – мегуфту мефаҳмонд.

Аз вақти шохбандашро сар додани соҳибаш ҳавлиҳои мардум барояш «хонаи даро» шуд. Соҳибаш рӯздармиён ба ҷустуҷӯяш баромада, сару гарданашро хорумол карда, дили худ низ таскин медод. Вай ҳам овозу қаддамонӣ, ҳатто бӯи соҳибашро гирифта, хоб бошад-мехест, бадқаҳр бошад – таскин меёфт... Ҳамин тавр вай байни мардум афсона шуд. Агар касе аз пешорӯяш ояд, ду фонуси чашмонашро ба ӯ медӯхт. Дар дасти касе санг ё чӯб бинад, норизо, «ҳиф-ҳиф» – кунон сари сабад барин калонашро ба ҷунбиш меовард, лекин шохашро ба кор намебурд. Мардум хурсанд буд, ки се соли охир говҳои деҳа гӯсолаҳои хушрӯ медоданд.

* * *

Ҳар кас аз бошандагони деҳа дар бораи Буқа-Маст бемуҳобот соатҳо гап мезад.

– Вай дар деҳа фақат як касро чашми дидан надошт, – мегуфт амакам Тоҳирхон.

– Кӣ буд, амак?

– Туҳо намедонед, – чашмакӣ зад амакҷон. – Ӯро Хол Дев (баъзеҳо Хол Гав) мегуфтанд.

Ин марди барзангӣ дар як нишаст гӯшти як гӯсфанд, бист нон, як сатил зардолу, ду сабад ангур хӯрда мехестааст. Қадаш қариб се газ. Синаҳош овезон, лабу лунҷаш ғафс. Хирс барин пурпашму хуки дашти барин чаққону чолок будаст. Ягон гови ҷуфтрон монда шавад, говронаро дасти деҳқон дода, юғу сипорро худаш мекашидаст.

Камбағалона умр ба сар мебурдааст. Аз ин рӯ бештар муздурӣ мекардаст.

Ҳангоматалабҳои деҳа гоҳ-гоҳ аз мастӣ бо ҳам шарт баста, бори вазнин мебардорондаанд. Кадоме бузу бузғола дода, як ғирбол коҳро хӯронда будаст. Бо дигаре шарт баста, дарахти теракро бо дандон параха карда меафтонад.

Ду каллаи қӯчқор дар як дег наҷӯшад, – мегӯянд, ки рост будааст. Кори Худоро бинед, ки ҳарду – Буқа-Масту Хол Дев дар як деҳаи калон намеғунҷидаанд. Ин бечиз набудааст.

Буқа-Маст одатан дар се мавзеъ-Кабкхона, Даҳани Шамъ ё Ҳаёти Мирҷон мегаштааст. Баъди аз хонаи соҳибаш баромадан, агар тирамоҳ ба Ҳаёти Мирҷон ба чаро фурояд, обашро аз паси ҳавлии апаи Гунги Гавҳар – аз сари новаи Осиё мехӯрдааст. Вақти обхӯриашро апа медонистааст. Сари девор истода, намегузоштаст, ки бачаҳо санг зананд, ҷонварро озор диҳанд.

Рӯзе Буқа-Маст об мехӯрдааст, ки Хол Деви хокбехта як қанор гандуми Нурқобил ном устокорро бардошта ба ин осиё наздик мерасад. Кӯча танг буда, ду ҷуссаи азим ҳеҷ ғунҷоиш намеёфт. Ҳарду дар сари нова ночор истода мемонанд. На Хол Дев пас гаштан мехоҳаду на Буқа-Маст роҳ холӣ мекунад. Вай об хӯрда ақиб гаштанӣ мешавад, ки Хол Дев сиёсат карда, «Бо-о-ш!» мегӯяд.

– «Ин кӣ бошад?» – ақиб гаштанӣ мешавад, Буқа-Маст, ки думғозааш ба қанори сари китфи Хол Дев мерасад. Ӯ мувозинатро гум карда, ба пастхамии паҳлӯи рости нова сарозер меафтад. Қанор кафида гандум пош мехӯрад.

Хол Дев боло шуда, бо қаҳру ғазаб санги калоне бардошта заданӣ мешавад, ки Буқа-Маст ӯро якҷоя бо санг ба шохаш гирифта меғурронад. Қиёмат барпо мешавад: Хол Дев мисли тулуми бой дар ҳаво парида, чаққон шохи беди баландро медорад. Шох ба вазнаш бардошт накарда, канда мешавад ва ба рӯи боми осиёи кӯҳна меафтад. Вассаҳои кӯҳнаю пӯсидаи боми осиё фурӯ рафта, Хол Дев рӯи дӯли пури гандум рафта мезанад. Сару рӯяш пури хоку чанги осиё мегардад. Осиёбон-Холи Нимсӯхта аз тарс гиребонашро дошта:

– Заминларза? Худоё! – Бахайр амак? Худаш чӣ гап? Шумо аз кадом гӯр пайдо шудед? – мегӯяд ва ба каси муштак* оварда мефармояд: – бидав, оби осиёро аз партобгоҳ сар деҳ!

Ӯ берун медавад.

Хол дев:

---

*Муштак–халтаи хурди ҷав ё гандум, ки ба осиё мебаранд. (Муаллиф.)

– Э-э, садқа шавам, ҳамном! Дардата гирам! Дам, гап назан! Мана Буқа-Маст ба шохаш гирифта ғурронд! Давида баро, бубин, ки рафтаст ё не. Мана қариб кушта буд!..

– Шумо чиҳо мегӯед? Киро бинам, хокатона безам, амак! Дӯли осиёро шикастед-ку! Аз ҷоятон хезед, охир! Осиё давид-ку! – ӯро базӯр аз паҳлӯи дӯл поён фуровард.

Санги осиё медавид*…

Ҳарду Хол мисли кӯрмуш ордолуду чанголуд ба якдигар нигоҳ мекарданд.

Холи Нимсӯхта (дар бачагӣ ба оташдон фурӯ рафта будаст) ҳоло механдид, сари дилашро дошта ба ҳоли амакаш Хол Дев механдид.

– Аҳмақӣ накун! Чӣ механдӣ? Баро бин ки рафтаст ё не?

– Кӣ? – гашта пурсид Холи Нимсӯхта бо хандоханд.

– Бало!.. Буқа-Маст!.. Як қанор гандум дар паси осиё... тит шуда хобидаст! Гандуми кас!

Холи Нимсӯхта бо лингҳои дарозаш ҳаллос зада сари нова баромад. Бидид, ки гандум пош хӯрдагӣ, Буқа-Маст вазнин қадам монда, сарболо меравад, пас гашта оби осиёро аз партавгоҳ сар дода, тамом хушк карда омад.

Осиёб бозмонд.

– Ҳа-а? – пурсид Хол Дев.

– .. Як-як ҷумбида рафсодай, – посух дод Холи Нимсӯхта боз ҳам ҷилави хандаро сар дода.

– Ҳоло ҳам худо бахайр гардонид!.. Қариб беамак шуда будӣ! Вай мана назад, Холҷон. Ҳамин тавр ба шохаш гирифту ҳаво дод...

– Товони орди мардума кӣ медиҳад, амак? Вассаҳои шикастаро-чӣ? – ба боми осиё чашм дӯхтанд.

– Парво накун, ҷони амак! Худат зинда бош! Ҳоло ҳам хайрият шуд-хайрият шуд. – Дев лаби оби партавшуда рафт, чангу хокашро афшонд, шустушӯ кард ва паси осиё гузашта қанорро бо гандумаш бардошта фуровард...

Пас аз ин воқеа Хол Деву Буқа Маст тамом қасд ба қасд шудаанд. Буқа-Маст ӯро тасодуфан бинад, шохашро тир карда ба ҳуҷум мегузаштааст. Хол Дев аз тарс панаҳ бурда, «Охир худам гӯштата мехӯрам!»-мегуфтааст.

---

* Гандум аз дӯл ба коса аз меъёраш кам фуроянд, санги осиё тез давида, чанги ордро мебарорад. (Муаллиф).

Ин бархӯрд овоза шуда рафт. Ҳангоматалабҳои деҳа Девро мазох медоштанд. Дар ҳама ҷо гапи ҷанги ин ду тан.

Буқа-Маст аз чизе ҳарос надошт. Ду-се ҳафта дар явшонзори зери зави баланду Чашмаи Лӯълӯ мегашт. Тирамоҳу зимистонро дар чакалакзори Даҳани Шамъ ва боғҳои атрофи Мирҷон мегузаронд. Мегуфтанд, ки тӯли чанд сол аз тарси вай гургу шағол, хирсу хук аз он ҷойҳо фирор карда, сӯи бешазорони бекарон рафтаанд...

Боре соҳибаш қисса кардааст, ки чиллаи зимистон дар хилватгоҳи Кабкхона, байни чанд гурги гурусна ва Буқа-Маст ҷанги сахт мешавад. Ӯ дар масофаи калони рӯи барф суми Буқа-Маст, афту дарафти он бо гургҳо (пайи беҳисоби онҳо)-ро дида, дар ҳайрат афтодааст. Баъд вай ба ҷарии жарф менигарад, ки он ҷо гурги калоне хобидааст. Аз эҳтиёт санг мезанад, ки зинда ё не. Фуромада онро пӯст меканад ва пӯстро барои аҷоибот, шах карда дар хонааш овехта будааст.

Мардум хислати дигари ин ҳайвонро ёдовар мешуданд, ки ба боғу полиз ва ғаллазоре намедаромадаст. Аз ин рӯ вайро як узви бохиради бошандагони деҳа медонистаанд. Танҳо устокор Нурқобил гуфта мегаштааст, ки як рӯз не як рӯз чизи калон дар байн монда, он ҳардуро ба майдони «ҷанг» мекашад. Ҳар шарт, ки Хол Дев монад, қабул медорад...

* * *

Як рӯзи равшан дар саҳни масҷиди Маҳмудхон чанд муаллим, паҳлавонону гурдон байни худ ҳазлу шӯхӣ доштанд. Хол Дев ҳам он ҷо. Дар мағозаи кафаратуф (кооператив) тағои мо Қаҳҳор Қодир савдо мекард. Қанду наботи дӯконро дида, мо бачаҳо қанотак мезадем.

Ману Ҳамид аз тамошои дӯкон дида, бештар аз Хол Дев чашм намекандем. Ҳар як китфаш як одам барин буд.

– Зӯратон ба як гов нарасад, шуморо кӣ Холи гав мегӯяд? – мазоҳ кард як тан аз калондаҳанон.

– Шуморо ба шохаш бардошт, ё ки бо пояш тӯби футбол кард? – механдид дигаре.

– Хоката безам, Хол! – гуфт сеюмӣ, – шарти устокора қабул намо, якчиздор мешавӣ!

Хол Дев гап намезад. Зери девори масҷид, рӯи сабзаи навхези тирамоҳӣ якпаҳлӯ ғел зада менишаст.

– Гиж-гиж медиҳанд-а? – дилсӯзӣ кард Рашид Тӯра.

Агар ин таъна ба ман мезаданд, аллакай ба майдон баромада будам, – гуфт Норқул полвони хиррӣ.

– Шумо ҳам полвон-ку, худ дароед, – Хол Дев даҳонашро калон кушода нигарист. Ҳозирон хандиданд.

– Гап ин тавр не, садқаат шавам, Хол, – боз чаққа шуд Норқул полвон, – синнат ба ҷое расида бошад ҳам, шукр зӯр ҳастӣ!.. Агар мири Бойсун ҷавонмаргаш намекард, бо ту Рама паҳлавон ҳарфу зарф мезад!.. Гапи Нурқобила нагардон. Вай қавл дод. Як бор бо «Маст» зӯр озмуда бин! Ин дамҳо ғанимат, чорта ҳангома шавад!..

– Майлаш ака, – сар ҷунбонд Хол Дев, – ман розӣ.

– Кадом рӯзро таъин кунем?

– Фардо, – эълон дошт Нурқобил.

– Ҳаъ қурбонат шавам, имшаб тамоми Бойсуна худам хабар медиҳам! – ба шавқ омад Яъқубчаи андозғундор.

– Боракалло, – тап-тап ба китфаш даст зад мулло Абдусаломи додситон, – аз худат «хабаркаштар»! инсон нест дар дунё.

– Ҳа-ҳа-ҳа! – ханда ба масҷид дакка хӯрд.

– Ҷои «ҷанг» куҷо? – суол кард Маҷид Турдӣ.

– Идгоҳ! Ҷои нағз! Ҳамон ҷо ҳавлии холӣ ҳаст!..

– Девораш ҳам бутун! – таъриф кард Нурқобил. – Хуб, сӯҳбат боқӣ!

– Неъ, истед! Касе ки навои най шуниданӣ бошад, бо мо бимонад!..

Диққати ҳамаро филвор қадам монда омадани Бобораҳими сангшикан ба худ кашид. Хонаи ӯ рӯ ба рӯи масҷид воқеъ буд, танҳо як ниҳолаки тут дар рӯи ҳавлияш барг паҳн карда меистод*.

– Ассалом тағоҷон!.. Ман ин «бекорхӯҷаҳо»-ро қасам додам, то навои найи шуморо нашунавем, ҳеҷ куҷо намеравем. Аскарӣ равем, найнавозии шуморо ёд мекунем!..

Як даста ҷавонон ба аскарӣ даъват шуда буданд, ки сангшикани безану фарзанд онҳоро чун фарзанд медонист.

– Хуб, писарони ширинам! – гуфта хонааш даромад, най гирифта рӯи боми пастакаш баромад.

Одати ӯ ҳамин буд: бо гурзи сангшикану мисрон, белу каланд роҳҳои гирду атрофро барои савоб соз карда мегашт.

---

* Ин дарахт ҳоло хеле калон шудааст. Гоҳ-гоҳ кирмакпарварон шоху баргашро зада мераванд.

Ҳамин ки бегоҳ хонааш меомад, ба бом баромада чанде най менавохт, бухси дил мебаровард. Аёлу фарзанд надошт. Касе ҳам намедонист, ки ӯ аз чӣ умри азиз ба ин нокомӣ мегузаронад.

Ӯ най навохт. Ҳамчунон оҳангҳои дилнавозу дилхарошро бинавохт, ки (пас аз солҳо пай мебурдем, он «Чӯли Ироқ»-у оҳанги «Наво» будааст) аз чашми баъзеҳо ашк равон шуд. Тағоямон Қаҳҳор Қодир як рӯймол қанду қурс баста ба мо дод, то бурда ба бобо диҳему дуо гирем.

Пагоҳаш набарди Хол Дев бо Буқа-Маст!..

Он бегоҳ ману Ҳамид ҳам бачаҳои гузари болоро аз ин гап хабардор кардем.

* * *

Ҳамон шаб бо Ҳамид дар паҳлӯи амакам хобидем. Саҳарӣ амакҷон омочу сипорро ба гардани барзаговҳояш баста, сӯи заминҳои Ҷаҳонамою Ҳавзи Чалав рафт.

– Амак, шумо ба «ҷанги» Буқа Маст намеравед? – пурсидам.

– Бекор намондаам. Туҳо ҳам наравед, – таъкид кард ӯ.

Чоштгоҳи калон хеста рафтем. Идгоҳро намедонистем. Пеши масҷид расида дидем, ки қатор-қатор одам сӯи идгоҳ меравад. Тағои Қаҳҳор Қодир «оби дандон»-и хуштаъм дода, дасти ману Ҳамидро гирифта равон гардид... Як пирамарди салласафеди нуронӣ, дар даст тасбеҳ, ба тағоямон наздик шуд:

– Чӣ гап Қаҳҳорхон!.. Ин ҳангомаро кӣ фикр карда баровард? Одаму ҳайвонро ҷанг андохтан таомули мо не!.. Ин кор хосият надорад!

Тағоям чӣ гуфт, ёдам нест. Лекин «ин кор хосият надорад!» гуфтани пирамард Қосим оқсақол (тилмоч-тарҷумон ҳам мегуфтанд) умре дар ёдам монд. Он солҳо ҳатто аз дил мегузаронидам, ки агар ҷанги Хол Дев бо ҳайвон барпо намешуд, шояд ҷанги Гирмон ҳам сар намезад, кӯчаҳои деҳа аз он ҳама ҷавонмардҳо холӣ намешуд!..

– Чутӯ «хосият надоштаст?» – баланд хандид он гапро шунида Нурқобил. – Монед, оқсақол, тамошо шавад, як дами беғам занем!..

– Беодобӣ бас! – гуфт Маҷид Турдӣ, – оқсақол дуруст мегӯянд.

– Кор аз кор гузашт! – хандид Яъқубча. – Мо мардума хабар кардем.

Қосим оқсақол аз бузургони Бойсун буда, чандин сол дар тарафҳои Қафқоз гашта, забони ӯрусӣ, озарӣ, тоторӣ, қазоқӣ,

туркманӣ ёд гирифта, ҳунарҳои бофандагӣ, сартарошӣ, дандонканӣ, омӯхта омада, баъдан дар деҳа бо онҳо машғул мешудааст. Ҳатто пас аз фирори Амир Олимхон ва ба таъқиби ӯ Бойсун омадани лашкари болшевикон ҳамон кас, ҳамроҳи ҳашт камбағал, бо ливои сафед пешвоз баромада, мардуми Бойсунро аз талафшавӣ наҷот додааст. Аз ин ваҷҳ байни мардум арҷманд будааст...

– Нахандед бачем! Хол Дев пир шудагӣ. Қуввате ки пеш дошт, ҳозир надорад. Бо ҳайвон шӯхӣ набояд кард. Маъюбу маслуқ шуданаш мумкин!...

– Дев ҳозир ҳам зӯр! – гардан тофт Самариддин сарбоз. – Бақувват набошад, як ғирбол коҳро фурӯ мебурд? Ё ки пеши трактори ба чукур афтодаро озод мебардошт? Як терака шарт баста, ба дандон пораха карда меафтонд?..

Қосим оқсақол доман афшонда, тиқ-тиқ асо зада, тарафи дӯкони сартарошии худ нишеб шуд. Яъқубу Самариддин сарбоз рӯи санг нишаста, ба тамошои ҷанги одаму ҳайвон мунтазир шуданд. Ҳазорҳо кас он ҷо гирд омада буд. Буқа-Мастро аллакай оварда, дар он ҳавлии холӣ нигоҳ медоштанд. Вай бо ҳарос, ҳиф-ҳифкунон гирди ҳавлии чор тарафаш маҳкам метохт. Хаёлаш, ки дарвозаро зада аз «қафас» берун равад.

– Нур-қо-бил! – ҷор андохт Нор баковул, – гап зан, чӣ мемонӣ, мардум шунавад?!

– Якто ҷувона.

– Кам, – ғавғо бардоштанд одамон.

– Як гӯсфанди дигар!

– Мумсикӣ накун!.. Ба замми инҳо як тиллои даҳсӯмӣ бимон!

– Тилло аз куҷо? – рад кард ӯ.

– Дорӣ. Тиллоҳои Бой туро бойбача кардагӣ, – оҳиста ба девор рӯ овард бакавул. – Дар ту тилло набошад, дар сойи Ёмчин санг нест!..

– Ба майдон дарояд, ман розӣ, – хандид Нурқобил.

Буқа-Маст «ҳум-ҳум» дошт, аҷаб не аз байни одамон соҳибашро меҷуст. Муҳаммадӣ Хоҷа сари девор рафт. Сараш, кокули аз байни шохи дароз фуромадаашро сила кард... Гӯё гапашро мефаҳмида бошад, «ҳушёр бош!»-гуфт, – ба худ наздик шудан намон! Ханҷараш тез аст!..

Мувофиқи шарт Хол Дев бояд буқаро меғалтонд... сар буриданаш баъд, ба зиммаи қассоб меафтод. Инро ҳакамҳо медонистанд. Агар Хол Дев мағлуб шавад, ҷоиза насиби соҳиби Буқа Маст мешуд.

Амаку тағоҳои Хол Дев ба одамони худашон таъин карда буданд, ки агар ба ӯ осебе расад, тайёр бошанд. «Фалокат миёни дасту по»-гуфтаанд!..

Ба Хол Дев чакмани истаравшанӣ пӯшониданд. Ӯ бо касе гап намезад. Фикраш банд буд, ки ин ҳайвони бузургро чӣ сон афтонад. Ӯ худро ба чашми ҳарифаш нишон надод. Медонист, ки ӯро бубинад, хунаш ба ҷӯш меояд. Ҷанги аввалинашро дар сари нови осиё пеши назар меовард. Буқа-Маст он вақт бисёр зӯр буд, ҳоло шасташ каме гаштагӣ. Худо накунад, ки хашмаш ояд. Ногаҳон ҳуҷум кардан лозим!

Одамон паси ҳам меомаданд. Баландӣ пур шуда, то таги қабристони кӯдакон рафта менишастанд. Хол Дев аз берун сари девор омад. Ин дам аз дур «баас»-и модагове баромада, ҳуши «Маст»-ро сӯи худ кашид. Хол Дев шиппӣ аз сари девор ҷаҳид.

Тағоям аз ҷо нимхез шуд. Ману Ҳамид ҳам аз ҳаяҷон хестем. Мардум ба ҷунбиш омад. Дев яке шохи чапашро дошта такон дод, каллаи калонашро таги девор пахш кард.

– Оҳ бало! Оҳ Хол Дев! – мегуфтанд одамон.

Буқа-Маст намеҷунбид. Вай ҳарифашро намедид гуфта намешуд. Чашми гов оина барин чандин қадами атрофашро бараъло мебинад... Вай шояд қувва ҷамъ мекард, то ҳамлаи ҳарифро бартараф созад.

– Наход ки ғалтонда натавонам! – якзайл аз дил мегузаронд Хол Дев...

Пушти гардани Буқа-Маст кӯҳони шутур барин баланд хест. Қаҳру ғазаби ҳайвони безабон забона мезад. Дасту бозуи Дев ҳам таранг шуда, остини чакман торс кафид. Мускулҳо варамида, китфи чакман ҳам дарз рафт. Ӯ бо чолокӣ сари говро тоб дода, бо шасти худаш онро ғалтонданӣ шуд. Буқа-Маст як тоб хӯрду шохашро аз дасти ӯ раҳо кард.

Хол Дев ҷаста худро болои суфаи баланди ҳавлӣ гирифт. Буқа-Маст поён монд. Вай ҳоло ҳарифашро шинохта буд, чашми хун гирифтааш ғалат накарда буд.

«Одами зӯр думи хука меканад» мегӯянд. Ӯ чапғалат дода, думи ҳарифашро дошта гирд гардонданӣ шуд. Не, нашуд. Пойҳои филвор ғафсашро ҷумбонда ҳам натавонист.

– Эҳтиёт! – фарёд заданд аз пушти девор амакҳои Хол Дев. Ӯ меандешид, ки чӣ амале ба кор барад. Буқа-Маст баякбор тоб хӯрд. Думаш сахт ба дард омада буд магар, ки «ҳум-ҳуму ҳиф-

ҳиф кунон тарафи мардум рӯ овард. – Ҳа-а-ъ! – худро нишон дод соҳибаш Муҳаммадӣ Хоҷа.

Ин қувва бахшид магар, ки думашро нарра карда, дар набардгоҳ ба бозӣ даромад. Шояд бозии гӯсолагиашро такрор карданӣ буд, ки ҷуссааш вазнинӣ кард. Бори дигар ба ҳуҷум гузашт. Хол Дев якзайл чапғалат медод. Ҳангоми чапғалатдиҳӣ баногоҳ китфаш ба девор сахт бархӯрд. Ними похсаи девор фурӯ ғалтид. Бо ҳарос ӯ худро рӯи девор гирифт.

Вай ҳоло сари дилашро дошта чуқур-чуқур нафас мекашид.

– Бас Дев, бас! – гуфтанд хешонаш. – Зӯрата нишон додӣ! Ҷанг ҳамин қадар мешавад-дия! Ғолиб шудӣ, ғолиб!

– Куҷо ғолиб шуд! – нимшӯхию нимҷиддӣ луқма мепартофт мардум. Мағлуб шуд, ҳаққи соҳиби буқа дода шавад! Охир, ғалтонда натавонист-ку? – мардум гуррӣ аз ҷой бархост. Амакҳояш Хол Девро аз рӯи девор фуроварданд... Аз чӣ буд, ки лабханди Хол Дев ба гиря табдил ёфт... Ӯ ашк мерехт...

Ҳайвони ҷонвар ҳамоно аз сари «ҷаҳл» нафаромада, ҳарифашро меҷуст. Соҳибаш сари девор омад. Гардани «Гӯсолаҳакаш»-ро дошта навозиш кард, хорумол намуд. Баъд аз гузашта рафтани одамон дарвозаро кушода, ҳарду тарафи марғзор нишеб шуданд.

* * *

Ду-се рӯз баъд аз он тамошо овозае замину замонро фаро гирифт: ҷанг сар шудаст!.. Ҳама ғамгин. Акнун чӣ мешуда бошад?.. Ҳама ба ҷанг!..

Дар андак вақт кӯчаҳо холӣ шуд. Мо бачаҳо, духтаракон, пирамарду пиразанҳо... Дар раҳи калон ғайри Бобораҳими сангшикан, Қосим оқсақоли пир, бобо Қарори харсавор, Норқул полвони хачир дигар касе наменамуд.

Ману Ҳамид аз боло то масҷиди Маҳмудхон мефуромадем. Кӯчаҳо холӣ. Дари дӯкони тағоямон Қаҳҳор Қодир баста. Рашид Тӯра, Маҷид Турдӣ, Насириддин Нӯъмон, Орифхон, Салимхон, Саид Асомиддин амакҳо ҳама рафтаанд. Аз хешони мо ин қадар кас рафт, аз хонадони дигарон чӣ?..

Дертар амакам Тоҳирхон, ҳатто падарҷонро ҳам бурданд. Синнашон калон гуфта, ба баталиёнҳои коргарӣ гирифтаанд.

Ҷанги калон баракати ҳама чизро парронд. Пеш «дар хона ҷанг шавад, чил рӯз файз аз хона парад» мегуфтанд. Олам бе мард олам набудааст...

Мо бачаҳо ҳам ором надоштем: ҳезум-шибоғу абурук аз талу теппаҳо канда меовардем. Вақти зардолупаз шохҳои баландашро натарсида меафшондем, онро хушконда бо мавизу санҷиду чормағз, чун тӯҳфаи мардум ба ҷабҳа мефиристонданд. Раис Нурулло Мурод ба мо ин тавр мефаҳмонд. Ӯро як чашм нобино буд, ба ҷанг нафиристоданд. Мухбир буд, баъд раис шуд. Ба интизом даъват мекард ҳамаро. Худ камзӯли Сталинӣ дар тан дошт...

Гиряи модарон, ғами дурии тағою амаку падарҷонро хӯрдан, шабу рӯз саломатак биёянд онҳо гуфта даст ба дуо бардоштанҳо Буқа-Мастро аз ёди мо бардошта будаст. Хаёле ки мисли ҳамаи гурдону гарданфарозон вай ҳам ба ҷанг рафта бошад, бепарво мегаштем.

Аз ин миён хеле вақт гузашт. Падарҷон аз Ҷипаксарӣ (Чебоксари) ном шаҳри Урусия баргашт.

Рӯзе овоза шуд, ки қӯшунҳои мо душмана рӯфтаю кушта пеш рафтаст. Боз овоза шуд, ки дар анбори хоҷагии Исталин донае ғалла намондааст, барзаговҳоро якто-якто кушта, ба сағирсуғур, ғарибу ғурабо хӯроки гарм пухта диҳанд.

– Неъ, – гуфтаст раиси комиссияи тафтишот Мулло Шариф охун, – барзаговҳо барои киштукор лозим. Розигии соҳибашро гирифта Буқа-Мастро сар занем, ки гӯшти даҳ барзагови харобу лоғарро дорад.

– Худоё, Буқа-Маст зинда будаст! Онро ба ҳавлии Қурбонбой-амакамон оварда мекуштаанд.

Як вақт соҳиби Буқа-Маст омад. Ришаш ях баста буд.

– Ҷон акаҷон! Хуб шуд, ки омадед! – Хурсанд шуд саркор Холиқ Улуғ. – Мулло Шариф охун ба шумо гап доранд!

– Фаҳмидам. Мақсад Буқа-Маст! – пурсид ӯ.

– Ҳа ака, мардум гурусна.... Овардани вай осон не, ҳамаро зада маҷақ накунад боз?...

– Кӣ дидаст, вай дар куҷо?

– Худам дидам. Гирди Ҳавзи Адир чарида гаштаст.

Ҳавзи Адир чандон дур набуд. Муҳаммадӣ Хоҷа пеш-пеш , се чор наврас ва ману Ҳамид аз пас равона шудем. Аз ҷониби Кӯҳи Фарҳод шамоли сарди барфолуд вазида сару рӯямонро лесида мегузашт.

Буқа-Мастро дидем, ки як бурҷи сархавзро обод нигаҳ дошта мехобид. Овози сохибашро шунида хест, ҷонвар! Пойҳои ғафсашро пеш монда пайкари кӯҳмонандашро ёзонд. Чунон

ёзонд, ки аз будаш ду газ дарозтар шуд. «Ҳиф-ҳиф» кунон «варзиш»-ро тамом карду тарафи соҳибаш омад, ӯро бӯ-бӯ кард. Соҳибаш кокулони мӯи асп барин дурушти онро бозӣ доронд. Пешонаи сурфа барин васеяшро молиш дод. Баъд, гӯё гапашро аз ним сухан фаҳмида бошад:

– Чув ҷонвар! – гуфт.

Буқа-Маст бо марғзори он манзилаш гӯё хайрухуш мекард, ки маъюс ба атроф назар афканд ва ба тангкӯчаи тарафи Асад полвон фуромад. Ҳум-ҳуму ҳиф-ҳиф ҳам намекард. Тарафи мо бачаҳо ҳам, ки аз пайраҳаи даруни боғот мегузаштем, нанигарист. Вай ба тақдир тан дода, пеш-пеши соҳибаш вазнину ғамгин по мемонд. Вақте ки ба кушишхонаи ҳавлии Қурбонбой ҳай карданд, пойҳояш гӯё калоба шуданд.

Вай аз дарвозаи азими қуббадор абри сиёҳ барин ворид шуд... Онро қассобҳо чӣ гуна «истиқбол» карданд, ба мо бачаҳо номаълум буд. Аммо «на бинаму на сӯзам!» – гӯён он ҷоро бо шаш қатор ашки равон тарк кардани соҳибаш Муҳаммадӣ Хоҷа ҳамаро гирёнд!..

Ҳамон нисфирӯзӣ Мулло Шариф охун бадаста, бо кафлеси калон ба мардум шӯрбо кашид. Ба ману Ҳамид ҳам, ки ба марги Буқа-Маст ашк рехта будем, як косаӣ расид... Шӯрбо басо болаззат буд. Барои таоми солҳои гуруснагӣ буданаш ё ки худи гӯшти Буқа-Масти ба ҳақ расида ин қадар лазиз буд, ки ҳанӯз ҳам онро ламс мекунам...

Одамон мегуфтанд, ки Хол Дев ҳам дар хона бемор буд, аз гӯшту шӯрбои Буқа-Маст чашиду шаб бо ҷаҳон падруд гуфт.

*Душанбе, 2003.*

# ҶИГАРХУН *

**– 1–**

Дар ҳама ҷо медамад субҳ.

Дар ҳама ҷо вай босафост. Лек субҳи Душанбе дигар аст:

офтобӣ,

рангин,

аксар гулобӣ,

гоҳе зарди тиллоӣ, қаймоқӣ.

Тирезаи як бурҷи хонаи писарам ба офтоббаро воз мешавад.

Ҳар субҳ онро воз карда, субҳро истиқбол мегирам.

Аз нури мулоимаш чашм роҳат мекунад. Офтобаш андак, ки баланд шуд, сӯзанаш ба чашм мехалад …

Ҳамон субҳи баҳор уфуқро абролуд дидам. Ҳазин буд, гӯё дар дида ғам дошт.

Ҳайрон будам …

Ҳамон лаҳза – корманди вазорати фарҳанг Иноятӣ Носир сим зад.

Одатан, аз ӯ хабари хуш чашмдор набудам.

Ин дафъа ҳам хабараш нохуш буд. Гуфт, ки дар хонадони дӯстамон – вазири фарҳанг Кароматулло Олим нохушист. Хоҳарашон аз олам гузаштаст!.. Соати дувоздаҳ мебароранд.

Шитоб бояд кард!..

**– 2-**

Дар чунин маврид, хоҳ тӯю сур бошаду хоҳ мотам, дар пояи ҳайкали Ибни Сино (Қарияи Боло) гирд меомадем.

Он сӯ равона шудам.

Шиносҳо, ҳамкорҳо, хабариҳо як-як ҳозир мешуданд.

Чун он рӯзҳо ман аз воҳаи Сурхон хонаи фарзандонам, ба Душанбеи азиз омада будам, ёру дӯстонамро дида шод мешудам …

Охир, дар ин шаҳр сӣ сол кору зиндагӣ кардаам ва дӯстони зиёд дорам. Ҳар кадомашон бароям азиз… бахусус устодон!.. Пас аз ҷанги бемаънии бародаркуш!..

Баъзеҳошон ба сафари охирин рафтаанд.

Аксар саломатанд!..

---

* Рӯзномае ин қиссаро бо мулоҳизае дар сандуқи худ дер нигаҳ дошт. Баъд аз таҷдиди назари мӯҳтарам К.О. Олимов – мушовири давлатии Раиси Ҷумҳуии Тоҷикистон барои чоп таҳия гардид. (Муаллиф).

Яке аз онҳо ҳамин Кароматуллои Олим… Охир, ҳафт сол мо дар он сӯи Ому – дар Балху Кобули орому нооромякҷоя хидмат, рафтуо, дӯстию рафоқат доштем. Ва ҳамон баҳор, дар арафаи Наврӯз, вазири фарҳанг таъин шуда буд…

Хурсандию ғам ба сари одам пасу пеш меомадаст.

Дар пояи ҳайкал дар ҳамин хусус гуфтугӯе доштем.

Худо ба Каромат, мисли Левинсон (аз романи «Торумор»), мисли Шастрии ҳинду ва Чарл Чаплини ҷаҳоншумул қаду бар камтар дода, лек ӯро аз ақлу фаросат, инсонгарию зарофатгӯӣ фаровон баҳравар гардондааст.

Инак, охирин як тан аз таъзияравҳо низ ба пояи ҳайкал омаду аз ҷо хестем.

– Биёед, «фитнаи давр!», – шӯхӣ кард яке аз шиносҳояш.

Ман низ ӯро мешинохтам., танҳо номаш дар ёдам набуд. Ҳар кас ҳар хел ном мебурд, баъзеҳо «Киҷон»-аш мегуфтанд.

Синнаш ба ҷое нарасида, тамом пир шудааст. Қадаш дуто, рангаш заҳир, харобу лоғар… Аммо суханҳо, мисли пештара калон-калон, бӯғҷома барин!..

– Ҳа, акаи «бурунмарзӣ!», – гӯён даст ба ман дароз кард.

– Салом, додари «дурунмарзӣ», – ҷавобаш додам.

Гапаш ба дилам халид. «Фарзандони бузурги миллат Душанберо пойтахти кулли тоҷику форсизабонони олам эълом доштаанду ин одам газоф мегӯяд. Фарсоқӣ ба дили кӣ гунҷоиш дорад?..

Ҳоло вақти гап набуд.

Болои ин, вай суоле низ ғайри чашмдошт ба миён гузошт:

– Роҳбари ҳамон ноҳияи шумо ҳоло ҳай, ё ки?..

– Ҳай-ҳай, – гуфтам, – худо нигоҳ дорад, ҳай! – духӯра шуд ҷавобам.

– Ҳай-ҳай, – норизо сар ҷунбонд дӯстам Абдураҳмон Расулӣ – журналист, ки солҳо дар расонаи иттилоотӣ кор мекарду ҷавонмарди баландболою нуронист.

– Аз будан ё набудани «он роҳбар» ба шумо чӣ нафъу, чӣ зарар? – ба чашмаш назар кардам..

– Гуфтем-дия, – саросема шуд ӯ. – Як бор сафар доштем, расо гарангамон карданд! – гила оғоз намуд.

Қиссаи «сарсонӣ»-и ӯро шунида будам: бо мошини хидматӣ, ҳамон моҳи декабри соли 1992 вай ҳам аз Суғд сӯи Душанбе меомадаст. Дар яке аз хамгаштҳо «нишона»-и муваққатиро надида, чапғалат задаст.

Нозирони роҳ хабар ёфта, аз «раҳгумзанӣ» наҷоташ дода, бо даҳ дасти адаб, то сарҳади Чумчуқҷар (Сариосиё) оварда гусел кардаанд …

Чӣ ҷои гилагузорӣ?..

Аз саҳви худ не, ин «Киҷон»-и мо то ҳол аз роҳбари он ноҳия домангир!

Хуб, ин чандон аҳамият надошт…

Агар ронандаи мошини ӯ ба «нишонӣ» риоя мекард, нозирони роҳ ҳаргиз кордор намешуданд. Ва ӯ аз роҳбарон намеранҷид.

Ҳоло чӣ гуна асли воқеаро фаҳмонам?

Ва он воқеаи одӣ набуд.

Воқеае буд вобаста ба муносибатҳои дӯстонаи ҳар ду давлат…

Он лаҳза ҳама дар пояи муҷассамаи Ибни Сино ҷамъ омаданду бо ғизолтаксӣ сӯи офтоббарои шаҳр равона шудем.

Дар «азохона» одам бисёр. Аксар дӯстон ва шиносҳо. Хаёлам, ҳамаи зиёиёни атроф ҷамъ омадаанд…

Эҳтирому хотирбинии одамӣ дар ҳамин лаҳзаҳо маълум мешудаст...

Пас аз ба хок супурдани шодравон фотиҳа хонда, мо низ хона ба хона шудем.

Тамоми рӯз аз он нохушии хонадони дӯст парешон будам ва ин батадриҷ мегузашт. Аммо гапи он «фитнаи давр» (минбаъд «Киҷон»-аш мегӯем) қалби маро тазйиқ медод. Охир, роҳбари он ноҳия, ки Киҷон аз ӯ ранҷидаст, дӯсти ман аст, дӯсти ҷонӣ!..

Ӯ аз он касон не, ки боиси мазаммат гардад. Ӯ роҳбар, сиёсатмадори варзидаи воҳа аст. Алам мекард, ки чаро субҳ ба гапи Киҷон ҷавоби муносибтаре надодам?! Ба қавли бузургон «Ҷавоби талх мезебад-ку лаби лаъли шакархоро!».

Хона расидам.

Дастархон кушудаю чой тайёр. Ғайри ду қулт чойи сард чизе аз гулӯям нагузашт.

Маҷбур, хеста паси миз нишастам, то номае ба номи Киҷон – он «фитнаи давр» зеби рақам созам.

**– 3–**

Мактуб ҳамин тавр шурӯъ шуда буд:

«Бародари азиз, Киҷон!

Баъд аз адои салом маълуматон бод, ки субҳ аз дидори муборакашон шод будам.

Вале бо як сухан табъи нафақат маро, балки табъи чанде аз дӯстонро ҳам хира кардед.

Аз ин ки маро «бурунмарзӣ» гуфтед, боке не!.. Воқеан ҳам, мо берун аз марзем. Агар муяссар мешуд, ки ҳамон қарори «ЦИК бо имзои Сталини бузург, солҳои аввали сиюм, оид ба додани чанд ноҳия ба тобеияти ин ҷумҳурӣ амалӣ мегардид, имрӯз мо низ «дурунмарзӣ» мешудем. Лек, то имрӯз он ҷо, дар марзи ҳазорсолаҳои обоӣ, ороми осудаем ва шиквае надорем!..

Ҳоло гилаи ман аз шумо ин ки субҳ нисбати дӯсти ман – роҳабари ноҳияи сарҳадӣ сухане носазо гуфтед. Ин хуб набуд.

Одам ба одам, зиёӣ ба зиёӣ набояд марг хоҳон шавад! Марг чизи бад аст, зинда будан бебаҳост! Инро хуб медонед. Гумон надоштам, ки шумо марди бадкин ҳастед…

Кин бар дил зиён дорад.

Бисёр мехостам он кина аз қалби шумо зудуда шавад.

Шояд ёд доред он рӯзро, ки худ аз Суғд сӯи Душанбе, бо мошини хизматӣ гузар доштед.

Маҳз ҳамон рӯзҳо, аз Суғд, аз баҳсу талошҳо дар Хуҷанд инсони бузурге ҳам, пас аз Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудан, аз ҳамон самт тарафи Душанбе ҳаракат мекард.

Аз ҳаракати шумо Киҷон, шояд касе огоҳ буд.

Лек аз ҳаракати он кас, бидуни Президенти он кишвар, дигарон баъд бохабар шуданд. Аз ростӣ, меҳрубоние, ки он рӯзҳо сарвари мо бурунмарзиён нисбати он инсон зоҳир карда. ба сарони вилоят супоришҳо медоданд, аз фармон камтар набуд: «Кӯшиш кунед, хоре ба пойи сарбозон нахалад, як тори мӯяшон кам нашавад!».

Чунин буд ғамхорӣ, чунин будааст маънои фармон!..

Қоида, супоришу фармонро муҳокима не, балки иҷро мекунанд.

Шумо ҳам Киҷон, шояд фармоне гирифта будед, ки иҷро мекардед. Зеро бо Роҳи Абрешим аз «Дарвозаи оҳанин»-и Бойсун убур карда, бо роҳи Миршодию Деҳнав ба Сариосиё расидед, ки аз он ҷо «ҳой!» гӯед, дар Душанбе шунида мешуд…

Ҳамон ҷо нишона («объезд») монда роҳро муваққатӣ банд андохта буданд. Гуфтам-ку, ин ба шумо маъқул нашуд.

Вай супориши махсус ва ногаҳонӣ буд.

Шумо раҳгум задед. Нозирони роҳ хабар ёфта, дунболи шумо рафтанд. Мошини шуморо, ки аз соҳили Тӯпалангдарё сӯи Қарасув мерафт, гардонданд…

Мефаҳмед, ки чаро?.

Барои ин ки бо он роҳ мошини роҳбари кунунии мамлакати ҳамсоя ва дӯст ҳаракат мекард. Бале! Онҳо супориш гирифта, иҷро мекарданд. Агар Филлипшоҳ бошад ҳам, он сӯ намегузоштанд…

Ҳоло фаҳмидед, Киҷон?

Ин ҳанӯз ҳамааш не…

Азбаски он амали махфӣ чи гуна нек анҷом гирифт, кам одамон медонанд. Ва он сари вақту айни мудао буд.

Дар он хусус имрӯз, ошкоро, ба шумо қисса кардан мумкин, Киҷон!..

Пеш аз он ки инро ба қалам диҳам, гуфтании дигаре низ ҳаст.

Ҳарчанд маро «бу-рун-мар-зӣ!» гуфтед, лек ман чандон бурунмарзӣ ҳам наям.

Сӣ соли умрам дар ин шаҳри зебо гузаштаст. Аз он ҳафт солаш чун фиристодаи ин кишвар дар Балху Кобул паси сар шуд.

Ин ҷо панҷ фарзанд ва дувоздаҳ набераи гул дорам. Онҳо ҷону ҷигари мананд.

Бо тақозои такдир соли 1984 аз ин ҷо ба зодгоҳи худ ба кор рафтам. Бист соли охирро (то нафақа) дар воҳаи Сурхон гузарондам.

Ҷои корам Тошканд идораи «Овози тоҷик» буд. Хабарнигори он дар ду вилоят будам.

Вақти Котиби ҳизбии Қашқадарё таъин шуда омадани як инсони шариф (Ислом Абдуғаниевич Каримов) ба ҳузурашон рафта борҳо маслиҳат гирифтаам. Барои рӯзнома хабару мақола, очерку фелетон навиштаам.

Маро дар он вилоёт туфайли роҳбарии инсонҳои шарофатманд мешинохтанд, ҳурмат мекарданд, ки барои ин умре миннатдорам.

Баъд вазъият тағйир ёфт.

Аз кадом гӯр Гӯрбачёв ба сари қудрат омад. «Бозсозӣ» гуфта ҳамаро барбод дод. Як давлати дар ҷаҳон чун ситораи тобон дурахшандаро нест кард!..

Аввалтар аз ҳама он инсон – Роҳбари Ӯзбекистон Мустақилият эълон дошт, дар мамлакат оромӣ барқарор кард ва нагузошт, ки оромии халқ халалдор гардад.

Ин комёбие буд, ки ҳафтоду ду миллатро дар он кишвар аз ҷангу хунрезӣ дар амон нигоҳ дошт. Ёдгориҳои Самарқанду Бухорою Хиваю Тирмизу Тошкандро, ки ба ҳамаи халқҳои Осиёи

Марказӣ як рақам тааллуқ мегиранду ифтихор ҳам дорем, аз талафшавӣ нигаҳ дошт. Аз бинии касе хун наомад.

Аз ин қазоқу туркману қирғиз сари вақт сабақ гирифтанд. Истодагарӣ карданд.

Аммо душманони хориҷию дохилӣ, лошахӯрҳое пайдо шуда ҷойи сустро аз Вахш пайда карда, аз чандин роҳ ба он ҷо зада гузаштанд. Оташи ҷангу хунрезиро дардоданд…

Роҳбарони онрӯзии ин марз ғайр аз «мансабталошӣ» ба дигараш қодир набудани худро намоиш доданд…

Дар ҷои як майдон ду майдон «оростанд!» Ҳа, Киҷон, ҳамин тавр карданд! Инро шумо хубтар медонед.

Душанбе ором надошт.

Хатлонзамин дар таҳлуқа, дар печутоб, гурезогурез, ҷанг, хунрезӣ, пайкор мавоҷеҳ буд.

Вахш оғуштаи хун…

Кӯҳҳои Помир дар сукунат ва ларза медаромаданд…

Рӯди Сири пурасрор дам ба дарун кашида, ғамгину маҳзун ҷорӣ мешуд…

Тамоми кишвар ноором!..

Ҳар кас ҳар ҷо ки тавонад, мегурехт. Парвое надошт, ки тақдир ӯро то куҷоҳо мебарад.

Оне ки сӯи қирғиз фирор кард, саломат монд ё намонд!..

Оне ки сӯи воҳаи Сурхон гурехт, дар амон монд!.. Хонаи тоҷики таҳҷоӣ пур-пури тоҷику ӯзбеку русу тотор гашта буд…

Оне, ки сӯи афғон рафт, фиғон дошт. Садҳо, балки ҳазорҳо ҷони ширинро дарё кушт. Панҷу Ому хӯрд!.. Оне, ки аз дарё ҷон ба саломат бурд, ба соҳил расид… Лек дар мулки афғон, ки ба хуни худ олудаю дар рӯғани худ бирён буд, ҷон аз даст дод, ору номус аз даст дод ё надод, худ медонаду худояш…

Ҳар ки он ҷо зинда монд, монд.

Мурда дар хок шуд, ба дарё рафт, ба қавли шоира Гулрухсор «Дарё туғён дошт»… «Моҳӣ мурда мехӯрд»...

Дар хоки Афғон, аз Бадахшон то Тахору Қундуз, аз Дашти бегиёҳи Ширмаҳӣ то Шодиёни Балх ва Ҷавзҷон қабрҳо, пуштаҳои тоҷик пайдо шуданд…

Мо бурунмарзиён аз ин ҳам хабардор будем.

Ҷаҳон аз ин ҳама бедод хабардор буд.

Доктари афғонӣ ҷаноби Фарзон аз он мулк бо иҷозати Тошканд, маҷалла ва рӯзномаи замони Раббонию Масъудро дар мат-

бааи Деҳнав аз чоп бароварда, аз тариқи Хайратон ба Афғонистон мебурд. Ӯ буд, ки аз ҳоли зори гурезагони тоҷикистонӣ қиссаҳои ғамангез мекард.

Мо (мани бурунмарзӣ ва дӯстонам) ниҳонӣ ашк мерехтем ба ҳоли ҳамзабонон, ба ҳоли тоҷиконамон!..

Оне ки дар Ватан оғуштаи хун монд, таваккал ба Худо дошт. Аз ин ҳам хабар доштем, Киҷон!

Мешунидем, ки вазъ дар ҳавзаи Кӯлоб хароб аст, ҳоли одамон аз истеъмоли хӯроки масмумкунанда табоҳ аст… Тифлакон «Нон!» – гӯён фарёд мезадаанд!.. Захираи хӯрокворӣ, озуқа, ғалладона то рафт коста мегардид…

Дар атроф ҳама ҷанг!.. Ҷанги шаҳрвандӣ, ҷанги бемаънӣ: писар зидди падар, бародар бо бародар душман! Кӣ ҳақ, кӣ ноҳақ, касе сарфаҳм намерафт!..

Бадтар аз ҳама каргасону лошахӯрҳо аз чор сӯ, аз замину аз фазо худро ба мулки муқаддаси тоҷикон зада, аз низои роҳбарону сарпарастони бепарво сӯиистифода карда, ҳар чиз аз бойгонӣ, аз зурриёти мошину мошинолот ба даст меоварданд, бо ҳар роҳ, бо сад ҳилаву найранг, аз сарҳади возу урёну беназорат ба сирқат гузаронда мебурданд. Бо тайёра, бо қатора, мошин-мошин мебурданд!..

**– 4–**

Бале, Киҷон! Шумо хабардор будед ё на, лек мебурданд.

Мо, ки сари роҳи оҳан – сари роҳи асосӣ ба чор тарафи дунё қарор доштем, бо чашми худ медидем, ки чи сон ин мулку диёрро талаву тороҷ мекарданд!..

Медидем, ки дар як худи истгоҳи қatoраҳои «Душанбе-Маскав», дар истгоҳи Сариосиё чӣ қиёмате мешуд барпо.

Қатораҳо аз ҷониби Душанбе шитоб доштанд!

Одамон шитоб доштанд!

Занон дар фиғон! Тифлакон гирёну нолон!

Зани шавҳар гумкарда кӣ?

Модари фарзанд гумкарда куҷо?

Зане бо кӯдакаш обхӯрӣ аз вагон фуромадааст… Ногаҳон садҳо гурезагони атрофи истгоҳ худро ба вагонҳо заданд. Он зан ба қатора боло шуд. Лек кӯдакаш об наёфта дар саҳн монд. Қатора ба роҳ даромад…

Одам зич.

Он зан аз дарун фарёд мезад:

– Писарҷо-о-н! Писаракам берун аз қатора монд!.. Писарамро ба ман диҳед!

Хаёлаш, ки худро аз тиреза берун андозад!..

Қатора торафт суръат мегирифт.

Ҳама метохт. Писарчаи гирёну нолон пас – паси одамон медавид… Меғалтиду мехесту медавид!

Модараш аз тирезаи шикаста ду даст ба ҳаво бардошта фарёд мезад:

– Писарам! Писарамро ба ман диҳед!.. Пи-сар-ҷон!!!..

Дӯсти фарғонавии мо, ҷавонмарди қадбаланд Абдулмалики Қодир (сокини Узун) давид! Писарчаро тори сар бардошта ба равиши қатора давид!.. Ӯро вақте ба дасти очааш расонд, ки то кӯпруки калони оҳанини сойи Оби Заранг чор қадам масофа боқӣ монда буд!..

Оҳ нолаҳои модар, воҳ фарёдҳои писарча!..

Дар атроф касе намонда буд, ки аз ҳаяҷон шах нашудаю ашк нарехта бошад, он лаҳзаҳои мудҳиш!..

Бале, Киҷон! Ҳамин тавр!

Мо низ ба ҳоли ҳамзабонон, ҳамсояҳо, гурезагон мегиристем. Дил хун мекардем, ҷигархун будем, ҷигархун!

Дигар чораю илоҷе надоштем.

Дарун-дарун эҳсос мекардем, ки рӯзҳои сахте омада буд, ба сари тоҷикистониён!..

Ҳар як фуқарои ҷумҳурии ҳамсоятон, аз кӯдаки мактабхон то Президенти муқтадираш, инро эҳсос мекард!.. Афсӯс мехӯрд, барои кӯмак миён мебаст…

**– 5 –**

Лек, ғарқи дарёшударо ҷон дар кафи дасти худаш аст, Киҷон!

Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат раҳо додан лозим буд.

Вай ба роҳбари кордону далеру тавоно эҳтиёҷ дошт. Хушбахтона, чунин роҳбар пайдо шуда буд.

Вай дар он вазъи ноҳинҷор чун уқобе аз Хатлонзамин ба парвоз омад. «Парвозаш илоҳо ба муборакию шодӣ анҷом гирад!»- дуо мекарданд одамон, мусулмонон!

Уқобони атрофаш низ ӯро танҳо нагузоштанд.

Ҳама он лаҳзаи парвозро интизорӣ мекашид. Ӯро Худо расонда буд ба сари ин халқи ҷафокаш!..

Буданд одамоне ҳам, ки дар танҳоӣ, аз раҳмхӯрӣ ё аз рӯи эҳтиёт мегуфтанд:

– Бо оташи сӯзону бо думи мор бозӣ нашояд!..

– Бозӣ не! – посух медодааст ӯ. – Оташи сӯзонро хомӯш кар-

дан лозим! Агар пешгирӣ нашавад, хатар андар хатар афтад! Шикаст андар шикаст афтад!

Он касро падару модар Эмомалӣ ном карда будаст, дӯстам Киҷон!

Он кас пуштибонҳои оқилу доно ҳам доштаанд. Пандомез мегуфтаанд онон, ки:

– Дар ин шабу рӯзҳои махуф одами солимақл вазифаро фикр намекунад. Ҳатто агар замона ором ҳам мебуд, ин вазифа ба шумо намерасид… Ҳушёр бошед, ки замона хунрез аст!..

– Охир, ягон кас ин бори гаронро ба дӯш бояд гирад! – мегӯяд ӯ, ки он вақт аз роҳбарии хоҷагии одии Данғара ба сарварии вилояти Кӯлоб пешбарӣ шуда буд…

Мегӯянд, ки он кас шабе хоб мебинанд:

Данғара…

Он ҷо тали бузурге будааст. Рӯи он тал пири хирадманде рост истода, фасонавор мегуфтааст:

– Касе ки аз ҷон-нисо-рӣ ме-тар-сад, аз ум-ри хеш баҳ-ра-вар на-ме-гар-дад! Ҷа-вон-мар-де ки аз марг на-ме-ҳа-ро-сад, а-ҷал ҳам аз ӯ бар-ҳа-зар аст!.

Ва боз мегуфтааст: «Ҳой ҷи-гар-бан-дам! Ту бо аж-да-ҳо рӯ ба рӯ хоҳӣ шуд, ки аз ко-маш а-лан-га бар-ан-гезад! А-лан-гаи на-фа-си вай нис-фи мам-ла-кат-ро фаро гирифт!».

Ва боз мегуфтааст:

« – Алай-ҳи он ба пай-кор бояд бар-хост!»

Роҳбари вилоят пайваста мулоҳиза мекардааст. Дили бузургаш ӯро ба мубориза ва пайкори оштинопазир даъват менамудаст. «Тақдири халқ бозича нест!» – мегуфтааст ба худ.

Маҳз оядаи халқу давлат ӯро ба ҳаяҷон меоварад. Масъала якто: «аввал қудратро ба даст овардан ва он гаҳ Худо подшост!».

Барояш аз ҳама бад он миш-миш гапҳо будаанд: «Тоҷикистон тамом шуд! Бо қирғиз ё ӯзбек муттаҳид шавад».

Буданд чунин фикрҳои ботил ва авомфиребона ҳам, Киҷон!

Аммо сарварони он давлатҳо дар фикри ёрию кӯмак ба ин кишвари гирифтори «офат!» буданд...

**– 6 –**

Шуморо намедонам, Киҷон. Лекин ман бо гӯши худ шунидаам ва аз тариқи телевизион дидаам, ки сарвари ҷумҳурии ҳамсоя ба Президенти онвақтаи Россия Борис Елсин гуфта буд: «Мо як замон сарҳадҳои муштарак доштем. Вай аз сарҳади имрӯзии Россия

хеле дур аст. Агар Елсин ва Россия ба масъала хунукназарӣ бикунанд, он сарҳад ба Россия хеле наздик шуданаш мумкин».

Ин гапи одӣ набуд.

Он сарҳад, агар ҳудуди Тирмизро истисно бикунем, тамом аз ҳудуди Тоҷикистон мегузарад…

Россия ҳушёр ҳам шуд. Кӯмак ҳам расонд. Лашкари худро ҳам фиристод…

Ҳамин тавр, бародари азиз Киҷон!

Замоне, ки собиқ роҳбарони карахт як майдони тазоҳуротро ба дуто табдил дода, боиси рехтани хуни халқи худ шуданд, дигарон ба фикри даъвати Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ афтоданд.

Буданд дӯстоне, ки чунин иқдомро дастгирӣ карда, бо техникаи замонавӣ, телефону телеграф, нерӯи пурқудрат таъмин намоянд…

Ӯ ба дӯстонаш такя кард, ба ғалат роҳ надод.

Ҳанӯз аз Хуҷанд (пас аз Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуданаш) набаромада, хати ҳаракаташ муайян шуда буд.

Омад-омади ӯро дар Душанбе чи гуна мунтазир буданд, маълум!..

Вале доир ба истиқболи ӯ дар соҳили Ому – шаҳри Тирмиз касе намедонист… Доир ба истиқболи ӯ дар он ҷо аз Тошкент сим мезаданд.

Ҳокиме он ҷо супориш гирифт.

Худи ҳамон рӯз шахсони боварибахши дастгоҳи Президент … ба Тирмизу Сариосиё сафарбар гардиданд.

Интизорӣ давом дошт.

Ҳеҷ кас намедонист, ки меҳмон-роҳбари нави Тоҷикистон кай дар Тирмиз истиқбол мегардад ва кай ба сарҳад наздик мешавад.

Ин сирр нигаҳ дошта мешуд, Киҷон!

## – 7 –

Он вақт ҷои кори ман – рӯзномаи тоҷикии вилоятии «Садои Сурхон» (дар Деҳнав) буд. Як ҳафта (ё даҳ рӯз) пештар шабонгаҳ, кӯчаҳои Деҳнавро ба ларза оварда, танку зиреҳпӯшҳои ИДМ гузашта буд.

Мо ҳам бо ҳаяҷон наззора доштем.

Танку зиреҳпӯшҳо сӯи шимолу шарқи воҳа ҳаракат карда, аз рӯди Тӯпаланг гузашта куҷо мешуданд, касе хабар намеёфт… Мақсад чист-номаълум…

Дар ин хусус, мо ҳамон рӯз фаҳмида хурсандӣ мекардем. Ҳамон рӯз мошини хизматии шумо, дӯстам Киҷон, раҳгум заду шуморо ба гузаштан сӯи Узун (сӯи Қарасув) иҷозат надоданд… Ва ин дуруст буд.

Шумо он ҷо сахт ранҷидед аз сарони ҳокимият, аз дӯсти мо домангир шудед… Бо супориши ӯ, ки нависанда, журналист, сиёсатмадорӣ варзида аст, шуморо бо эҳтиром, то сарҳад гусел карданд…

Он ҷо масъулияти лашкар ва истиқболи сарвари нави давлати ҳамсоя ба гардани ҳамон муовини ҳоким ва намояндаи ИДМ буд, ки аз сарвари худ супориш гирифта буданд. Онҳо низ маслиҳатро бо ҳамон Нусратуллои Шоймардон мекарданд…

Танку зиреҳпӯшҳо дар Бешаи Қарасув (соҳили Тӯпаланг) ҷойгир буданд. Бо чархболҳо ба он ҷо бештар аз ҳафтсад сарбоз фуромада буд. Ҳама дар либоси шаҳрвандӣ, ришҳо расидагӣ…

Акаи Нусрат он ҷо сартарош фиристод, ҳаммом ташкил кард, таъминотро таҳти назорат гирифт, бо раҳбари умумӣ (бо марказ)… дар тамос буд. Аз коргоҳи худ дур намерафт. Ба ӯ боварӣ ва эътиборӣ комил доштанд.

Шумо – Киҷон – намедонед. Мо хуб медонистем, ки акаи Нусрат ба чӣ қодир аст, байни мардум чӣ маҳбубияте дорад ва чӣ сон дар яке аз даргириҳо дар сарҳад (байни Пахтаободу мавзеи Якуми Майи ноҳияи Узун) метавон гуфт қаҳрамонӣ нишон дода, эътибори хосу омро пайдо карда буд…

**– 8 –**

Бале, ҳамон рӯзҳо рӯй дода буд он воқеаи нохуш ҳам, ки як тан аз милисаҳои таҳҷоӣ ба ҳалокат расид, вазъият дар он сарҳад муташанниҷ шуд. Агар пешгирӣ намешуд, талаф гардидани аҳолии бегуноҳ аз ҳар ду тараф имкон дошт.

Вақти ба мавзеи Якуми Май сарҳадшиканӣ карда ворид шудани фармондеҳ бо лақаби Сартос акаи Нусрат худ аз байни сарбозон ва роҳбарони Узун ба майдон баромад ва ба тахрибкорони сарҳад муроҷиат кард:

– Ҳой бародарҳо! Мақсад аз ин рафтор, ки силоҳ ба кор бурдед, чист? Чаро шумо ин ҷо хунрезӣ карданӣ ҳастед? Агар мақсад одам куштан бошад, ана ман! Одамам, муовини ҳокими ин ноҳия ҳастам! Аввал маро кушед! Калимаи шаҳодатро хонда рӯ ба рӯи шумо истодаам!.. Мақсад тоҷиккушӣ бошад ҳам, тоҷик манам! Он қадар хуни тоҷик рехт, бас набуд, ки ин ҷо хунрезӣ карданӣ ҳастед?!.

Мо зидди шумо силоҳ ба кор набурдаем ва бурданӣ ҳам нестем!..

Бас аст, ки як каси мо аз ҳаёт бенасиб гардид. Пас гардед, ҷанобон! Ба васвасаи шайтон надароед. Бегуноҳонеро маҷрӯҳ сохтед, ки ин аз рӯи ҳамҷаворӣ нест!..

Дониста бошед: асабе, ки шумо доред, мо ҳам дорем. Силоҳе, ки шумо дар даст доред, мо ҳам дорем! Мо худдорӣ кардем. Шумо ҳам худдорӣ кунед, андеша ба кор баред!.

Ҳоло сари вақт аст! Баргардед, бародарҳо!..

Ана ҳамин ҷасорати он муовини ҳоким буд, Киҷон, ки «шабехун»-и он авбоштабиатонро аз сарҳад гардонд!.. Онҳо пас гаштанд!..

Баъд аз он дар сарҳад оромӣ барқарор шуда буд… Шоирони таҳҷоӣ дар ҳаққи ин тоҷик – мардӣ майдон шеърҳо навиштанд, достон суруданд.

Ҳамин инсони шариф, якҷоя бо намояндаи ИДМ, ба сарбозони боиҷозат дохилгардида содиқона хизмат мекард.

**– 9 –**

Сарбозони тоҷик чанд рӯз он ҷо машқ карданд. Ронандагони автомобил ва тракторҳоро махсус танкронӣ ёд доданд ба умед…

Дар таъминоти онон ҳамин акаи Нусрат бештару хубтар хизмат кард. Ӯ одами ҷаҳонбинияш васеъ, бамулоҳиза ва дурандеш аст. Аз рафтори баъзе сарони дастаҳои низомӣ, ки он ҷо машқ мекарданд, ҳайрон мешуд.

Рӯзе онҳо саф оростанд. Кадоме ба ҷои салом гуфт:

– Привет, қасоскорон!

Ин гапи беҷо буд. Ӯ медонист, ки он ҷо «қасоскорон» не, балки тарафдорони сарпарасти нав – Раиси Шӯрои Олии ба нав интихобшуда гирд омада буданд. Теъдоди онҳо,ташвиши мизмонон ҳам то рафт меафзуд…

Ҳар рӯз се-чор маротиба хӯрок, нон, чой, шакар, равған ҳозир мекарданд!.. Ин осон набуд, дар шароити қишлоқ!..

Қариб дусад ҷавони ҳузарб, ришҳоро тарошида, тухми пӯстканда барин тоза шуда, ба навбат паси фармони танку зиреҳпӯшҳо нишаста, дар пайроҳаҳои байни беша дар як ҳафта танкрониро ёд гирифтанд…

Ба зеҳни тезу ҷасорати тоҷикбачаҳо намояндагони ИДМ-таълимдиҳандагони русу ӯзбек ҳам қоил монданд!..

Охирин рӯзи машқи онҳо буд. Ба ҷанги зидди мухолифин,

агар онҳо воқеан ҳам зиддият нишон диҳанд, хуб омодагӣ гирифта буданд!.. Ба онҳо хабар расид, ки сарвари нави Тоҷикистонро истиқбол менамоянд.

Бале, ин ҳамин тавр буд, Киҷон.

Роҳбари навро он ҷо теъдоди маҳдуде ҳушёрона мунтазир буданд.

– Ӯро ба вижа дар он сӯи сарҳад халқ бесаброна интизорӣ мекашид, то ки ҳар чи зудтар омада, дастгоҳи роҳбариро ба роҳ андозад…

Ба сари қудрат омадани ӯро дар Тошкент, Бишкек, Алмаато, Ашқобод ва Маскав аллакай хуб медонистанд ва интизор буданд, ки чи сон ба Душанбе ворид мегардад.

Ӯро ҳоло дар Сариосиё ва Узун интизорӣ доштанд…

Ба шарафи меҳмони олиқадр дар боғу гулгашти ҳокимият ҷо ҳозир карда, Нусратуллои Шоиймардон зери қадамаш гӯсфанд куштанӣ буд…

Ӯ бисьёр мехост, пас аз чандрӯза баҳсу талош роҳбари давлат ақаллан ин ҷо каме истироҳат бикунад…

Не, гапи хона ба берун рост наомад. Намояндаи Раиси ҷумҳур ғамхорона гуфт:

– Ин ҷо сари роҳ аст! Бигузор байни сарбозони худ бошанд. Ҳар қадар меҳрубонӣ карданӣ шавед, он ҷо дар «вагонетка» ҳам имкон ҳаст.

Ба худи меҳмони олиқадр низ он ҷо – соҳили Тӯпаланг маъқул афтод. Маълум, ки фарзанди деҳқон пурсабру бардошт, инсони хоксор аст!..

– Ҳамон рӯз то бегоҳ ҳамроҳ будем, – ёдовар мешавад муовини ҳоким. – Хӯроки нисфирӯзиро даруни вагон хӯрданд. Чаҳор тан буданд он ҷо: Эмомалии Раҳмон, Нусратуллои Шоймардон, Рустам Аҳмад ва як генерали рус, ки аҷаб не аз қисмҳои ҳарбии «ИДМ» буд…

**– 10 –**

Пас аз таом рӯи миз харита паҳн карданд. Сарбозон ба дастаҳо тақсим шуданд: кадоме аз кадом мавзеъ ба Душанбе медарояд ва худро ба ситод мерасонад, таъинот гирифтанд…

Ҳамааш ба маслиҳат ҳаллу фасл мегардид.

Вақти ҳаракат ба субҳи даҳуми декабр муқаррар гардид.

Мизбонҳо масъалаи таъминотро лаҳзае аз ёд намебароварданд.

Ҳазор «буханка» нон лозим, – гуфтанд ба ҳокими Сириосиё.

– Ҳозир фармоиш медиҳам, – гуфт ӯ.

Ин дам тасодуфи ғайричашмдошт рух дод: ҳамон лаҳза ӯро ҳокими вилоят ба ҳузур хост:

– «Зуд расида биё! Кори зарур ҳаст».

Ӯ ба роҳ баромад. Фармоиш додани нон аз хотираш рафт…

Хӯрок барои бегоҳ тайёр. Аммо нон нест. Лашкар ин шаб бе нон монданаш мумкин!..

Дандони намояндаи дастгоҳ газ-газ шуд.

– Зиқ нашавед, – гуфт акаи Нусратулло ва худ бо заводи нони шаҳри Деҳнав тамос гирифт. Гӯшакро хонуми мардсифати бойсунӣ Шаҳлои Қиём бардошт.

– Нон лозим, – гуфт ӯ баъд аз пурсупос. – Барои меҳмонон!

– Чӣ қадар?

– Ду ҳазор «буханка»…

– Ӯҳ, – гуфт хонум ба ҳаяҷон омада, – худи ҳозир як мошин мефиристонам. Пас аз як соат боқимондаашро…

– Ташаккур!

Масъала ҳал.

Акаи Нусратулло хурсанд… Дигарон ҳам…

Ҳамон рӯз то бегоҳ сарвари нав аз омодагии пухтаи сарбозон огоҳ гардид. Ҳафтоду се танку зиреҳпӯш бояд пагоҳ-субҳи содиқ ба роҳ дароянд.

Он ҷо кадоме иловатан ғамхорӣ зоҳир карданӣ шуд:

– Барои меҳмонҳо имкони палав дам кардан ҳаст?

– Мебинем, – гуфт намояндаи Сариосиё, барвақттар нагуфтед-дия?..

Ӯ ба акаи Нусратулло рӯ овард:

– Шумо чӣ мегӯед?

– Лозим аст. Худи ҳозир тайёр мекунем! Охир, сарбоз ба пайкор меравад! Ӯро сер кардан, рӯҳияашро бардоштан бо палав! Бад намешавад.

Шабошаб тараддуд карданд.

Ошпазҳо, қассобҳо ба по рост истоданд…

## – 11 –

Вақти ҳаракати лашкар махфӣ нигоҳ дошта мешуд.

Дар ин мобайн Нусратуллои Шойимардонро ба дафтари кораш даъват карданд.

Вай намехост аз назди меҳмони азиз – Эмомалии Раҳмон дур равад. Лекин илоҷ надошт.

«Зуд меоям»-гӯён бо иҷозат аз ҷо хест.

Рустам Аҳмад ва генерали рус дар назди меҳмон монданд.

**– 12 –**

Дар дафтари кории муовин радиои «Океан» доимӣ мавҷи Тоҷикистонро мегирифт.

Ҳоло ахбор шунавонида мешуд.

Акаи Нусрат бо диққат гӯш дод. Аҷиб: кадоме аз расонаҳо хабар пахш мекард, ки гӯё лашкари роҳбари нави кишвар дар ҷои номаълум машқ мекардаст… Ва кадоме (аз мухолифин) иброз дошта ва даъват намуда, ки «Бигузор аз сарҳад убур намояд… сари роҳ дуним-се ҳазор занро аз Регару Ҳисор мебарорем… Ку бинем, чӣ сон зер карда мегузаранд!?..»

Акаи Нусрат аз ин гап дар ҳайрат шуда хандид: «Ин фикри одами солим не!» – гуфт дар дил. Ӯ корҳояшро дар дафтар анҷом дод. Ба ҷойҳои даркорӣ телефон карду зуд ба «Уазик»-аш нишаста сӯи «Қарасув» рафт…

Вай мисли ҳамеша ором, солор ва бо чеҳраи пурнур ба «вагонетка» даромад.

Акаи Нусрат ба гуфтани он чи ки аз радио шунида буд, шитоб накард. «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» – мегуфт ба худ.

Лекин хабардор накардан аз он гап ҳеҷ имкон надошт ва худ дар дил дер гоҳ гунҷоиш дода натавонист.

– Мӯҳтарам, – гуфт ӯ. – Вақти ҳаракат сари роҳатон дуним-се ҳазор хонумро баровarда менишондаанд… Инро бо тафсилоташ, ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, урусӣ фаҳмонд.

Ҳар чор ором-ором ба ҳамдигар нигаристанд.

Ниҳоят, Эмомалии Раҳмон ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифта, бо лабханди пурмаъно:

– Пас, мо баъд аз ба хоби ноз рафтани «апаҷонҳо» ҳаракат мекунем!.. Субҳ-соати шаш не, балки шаб-соати се ҳаракат мекунем! – гуфт.

Ин қарори қатъӣ буд.

Ҳар чор ба ҳамин хулоса омаданд…

Таом тайёр буд.

«Шербачаҳо» пурра омодагӣ гирифтанд: танку зиреҳпӯшҳо соати сеи шаб ба ғурриш омада, Қарасуврo тарк карданд ва бо роҳи Дашнобод сӯи Чумчуқчар равона шуданд.

Сарҳад ба по хеста буд.

Телефонҳо муттасил бо Душанбею Тошкент тамос мегирифтанд.

Ҳамааш дар ҷояш!..

Кашшофон аз он сӯи сарҳад, оромию шефтагии сарҳадбонони тоҷик иттилоъ медоданд… Танкҳо суръатро метезониданд.

Посбонон дастафшону покӯбон бо сарбозони ташнаи сулҳу салоҳ, ки ҳоло сӯи сарнавишт мерафтанд, хайрамақдам ва хайрбод мегуфтанд…

**– 13 –**

Ин 10 декабри соли 1992 буд…

12 декабр «Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардид.

Мардум ба суханони сарвари худ, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ интихоб гардида буд, бо мароқ гӯш медод: **«Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои… барқарор шудани сулҳ равона карда, баҳри минбаъд гулгулшукуфии Ватани азизам содиқона хидмат мекунам!..».**

Ин суханонро интизор будем, ки шунидем.

Ин суханон ба дилҳо умеди тоза эҳдо карданд!..

Инак, солҳо пайи ҳам мегузаранд: хушбахтона мо шоҳиди амалӣ гардидани он гуфтаҳо ҳастем!..

Дунё шоҳиди он аст, ки Тоҷикистони азиз, мисли ҳамсояҳояш, то рафт бештар ба шоҳроҳи пешрафт ва рушду нумӯъ дохил мешавад.

Инро мо «бурунмарзиён» ба қавли шумо Киҷон, низ бараъло эҳсос мекунем ва аз шодӣ сарамон ба осмон мерасад».

Дар ҳамин ҷо ман ба нома ба номи он «фитнаи давр» нуқта гузоштам…

Боз пагоҳаш субҳ дамид…

Субҳ дар ҳама ҷо босафост…

Лек субҳи Душанбе дигар аст:

офтобӣ,

рангин,

аксар гулобӣ,

гоҳе зарди тиллоӣ,

қаймоқӣ…

*Душанбе, 2002.*

# БОБО ЗАРГАР ВА НАБЕРА

**1**

Дунёи бачаҳо дунёи рангин…

Дунёи бачаҳои деҳа боз ҳам рангинтар : онҳо озод!.. Мисли чӯҷаҳои бозу уқоб!.. Кӯҳ ба кӯҳу саҳро ба саҳро мераванд:

Гоҳ харсавор.

Гоҳе аспсавор.

Уштурсавор!..

Баъзан пою пиёда!..

Яке коҳ мекашонад аз дашт.

Дигаре ҳезум аз кӯҳ…

Сеюмӣ ба мошин харбузаю тарбуз бор мекунад аз фолизҳои обию лалмӣ, ҳамроҳи падар, бародар…

Ғами рӯзгорро мехӯранд, якҷоя. Нағз-дия.

**2**

Бачаҳои шаҳр чӣ? Онҳо дар биноҳои баланду зебо зиндагӣ доранд.

Театру сирк мераванд, музей, боғ, боғи ҳайвонот медароянд.

Дар хонаҳояшон телевизор, газ, барқ, оби гарму оби сард ҳаст.

Ғами дунёро надоранд!..

Лекин… дар хонаҳои қабат ба қабат зиндагӣ кардан ҳам осон не.

Хурдтаракон орзу мекунанд, ки аз ошёнаҳои боло поён фароянд, рӯ-рӯи хоку сабза қадам зананд, бидаванд…

Ҳамин ки ҳаво офтобӣ шуд, ба зора медароянд:

- Кӯча равем майлаш, оча?
- Дада, ҳавохӯрӣ берун равем?

Аҳволи Шаҳрому Анисаи хурдтарак низ ҳамин…

Оча-додо гоҳе рухсат медиҳанд.

Аксар ҳавола ба бобо мекунанд. Бобои пиру пир, ки солҳо заргарӣ кард, устод шуда буду шогирдҳо дошт ва акнун чашмаш нагузашта мондааст… Касбашро писараш ва шояд дар оянда наберахояш низ давом медиҳанд…

Бобоҷон гап назада, аз баҳри истироҳату китобхонии худ гузашта, ҳамроҳи наберахо ба сайри бегоҳӣ, ҳавохӯрӣ мебарояд…

Дигар чӣ ҳам мекунад, дар ин синну сол?..

Агар бобояшон ҳамроҳ биравад, онҳо чӣ қадар шод мешаванд…

Бобо доштан – чӣ хел на-а-ғз!..

**3**

Бобояшон Ҳомид заргар ном дорад… Ҳарчанд пир аст, лекин бақувват, шӯх, зиндадил…

Бо як асою қомати хамида ҳай қадам мезанад вай…

Ришу буруташ сап-сафед, сартос… Аммо агар саллаи сафедашро шалғамӣ баста, ҷелак пӯшида барояд, нуронӣ мешавад, гӯё фариштамарде аз осмон фуруд омада бошад…

Бобо хушгап ҳам ҳаст.

Хурду калонро «шумо-шумо» мегӯяд, бе «ҷон-ҷон» гап намезанад.

Шаҳрому Аниса ба ӯ сахт одат кардаанд.

Вай бе ин наберахои гулаш лаҳзае оромӣ надорад.

Ҳамин ки вақти сайри бегоҳӣ фаро расид, ҳарду зуд хоначаи бобо медароянд. Ӯ гап назада ҷома мепӯшад, бо наберахои ширин, аз ошёнаҳо нишеб мешавад.

Ана имрӯз ҳам очаашон Салмо, додояшон Ромиз заргар онҳоро иҷозат доданд…

Бачаҳо хурсанд…

– Рафтем, – гуфт furбобоҷон дасти Анисаро гирифта, – бо ҳамин шумо хурсанд бошед, ман ҳам хурсанд…

Хурсандӣ нағз-дия.

**4**

Онҳо ба гулгашту хиёбонҳои маҳаллаи Зарафшон гузаштанд…

Шаҳром боло-боло меҷаҳад, мисли баррачаҳои дашт…

Ҳо-о, ӯ дар зодгоҳи бобояш – Фанфароғ бозии баррачаҳои ширбозро борҳо дидааст: ҳар чор пояшонро бардошта дирк-дирк меҷаҳанд, метозанд баррачаҳо…

Ин бегоҳ ҳаво мулоим.

Ана, ҳамсоя – Зина бибӣ ҳам бо сагчаи чав-чавии зангӯлаосояш, занҷир дар даст, аз ошёнаи дигар нишеб шуд.

Сагча чунон бетартибак, ки пиразанро қариб аз пой афтонад.

Шаҳрому Аниса бетартиб не. Бобояшонро азоб намедиҳанд. Баръакс, эҳтиёт мекунанд, мабодо ки бобоҷон пешпо хӯрад ё пояш ба чуқур афтад…

Онҳо ҳоло роҳи мумфаршро монда рӯ-рӯи пайраҳаи хокӣ ва сабзаи тирамоҳӣ қадам мезаданд.

Рӯ-рӯи хоку сабза қадам задан нағ-а?

**5**

Анисаи хушрӯча парвои дунёро надорад. Чашмонаш олуболу барин сип-сиёҳ. Дасти сап-сафедакашро аз дасти шахшӯли бобо наканда, гилдир-гилдир қадам мезанад.

Хаёли бобояш, ки шамоли сахттаре вазад, ӯро гӯё мeғелонад.

Пиразани ҳамсоя бовар карда, занҷири сагчаро ба дасти Шаҳром дод. Вай нотарсона бо сагча – Заремаи чав-чавак гулгаштҳои маҳалларо дав-давон тай мекард…

Даводавӣ ба ҳардуяшон ҳам маъқул. Сагча худро ҳар тараф мезад. Мехост бо Шаҳром боз бидаваду бидавад…

– Шу-у-д! Ба-а-с! – сарзаниш кард пиразан сагчаашро: – Шакара камаш нағз! (Хорошего понемножку!)

Сагча бо ду пои пас рост шуда, «хушомад зада», рӯю гардани пиразанро лесида, дум меликконд, то бори дигар иҷозат диҳад, ки ҳамроҳи Шаҳром «гирди оламро» давр зада ояд…

Не, ӯ дигар розӣ нашуд. Бо сагчааш пас гашт, пиразан…

Аммо бобоҷон бо Анису Шаҳром дар ҳавои тоза баҳузур давр заданд…

Сайр дар ҳавои тоза, нағз-дия!..

**6**

Бобою набераҳо то фурӯ рафтани офтоб сайр карданд. Аз ақиби онҳо писару духтаракони ҳамсоя низ омада қиючив мекарданд. Ҳамрозу Юсуф, Фарруху Сиёвуш, Фарангису Зефуни кулӯла дасту бадаст мерафтанд… Яке дав-давон пеш мегузашт, дигаре аз нимароҳ пас гашта, рӯ сӯи хона меовард…

Шаҳрому Аниса қобил, чаққон, ҳушёр, бамаъни, рафтуо доранд…

Бачаҳо бамаъни бошанд, нағз-а?

**7**

Он рӯзҳо дар хонаи Шаҳромино дигаргуние ба амал омад: падараш Ромиз аз назди коргоҳаш хона хариду онҳо ба Яккачинор кӯчида гузаштанд.

Он ҷо кӯчабарой қариб, ки манъ шуд: як тараф-роҳи калону серҳаракат, як тараф – бозор наздик… Кӯча пур-пури одам!..

Мошинҳо дутарафаю чор қатор рафтуо доранд!..

Бачаҳоро то кай дар хона нигоҳ медорӣ? Оё берун набаромада метавонанд?

Аниса бепарво буд. Ҳамроҳи акааш фақат аз тирезаҳо ба берун менигарист.

Шаҳром дам ба дам пиразан ва сагчааш – Заремаро ба ёд меовард, ки дар маҳаллаи Зарафшон ҳамсоя буданд, медавиданд…

Ин ҷо – Яккачинор ҳам нағз…

Фақат ҷӯраҳои пештарааш нестанд…

Лекин ин ҷо ҳаракати тайёраву чархболҳо ба ӯ маъқул. Онҳо шуввосу қаррас зада аз болои бинои панҷошёнаашон тарафи фурудгоҳ мегузаранд…

Ҳамин ки тайёра ё чархбол дар ҳаво пайдо мешуд, бачаҳои ҳамсоя бо тамоми овоз урусӣ карда:

**Са-мо-лёт!...**

**Вер-то-лёт!** – гӯён хонаро ба сар мебардоранд…

Аниса низ тонам – натонам ба Шаҳром ҳамовоз мешуд.

Аммо бачаҳои он хонаҳо ҳатто худ суруде бофтаанд:

**Са-мо-лё-ти ҳа-во-йӣ,**
**Да-да-ҷо-нам би-ё-рӣ!**

Маълум. Бечора бачаҳо, падари ба Россия – ба мардикорӣ рафтаи худро ёд кардаанд!..

Падарҷонҳо биёянд, дар хона бошанд нағз-дия!

## 8

Фақат падарҷони Шаҳрому Аниса доим дар хона.

Инҳо он сурудро намехонанд. Лекин хонаро ба сар бардошта «Саммолёт, вертолёт!» мегӯянд…

Шаҳром ба он мурғҳои фӯлодин акнун бодиққат менигарист: «Ин қадар калону чӣ хел дар осмон парида мегарданд?» – мегуфт ӯ худ ба худ. Ба мусичаю гунҷишкакон нигоҳ мекард. Ба калҳоти баландпарвози осмон, ки ором-ором, дур аз сари роҳи тайёраю чархболҳо парвоз доштанд, чашм медӯхт…

Шаҳром як бегоҳӣ аз тирезаи хонаи хушрӯи бобояш дид, ки тайёраи бисёр калон, бо қарраси худ замину замонро ба ларза оварда, то рафт паст шуда меравад…

Бачаҳои калон онро «Антей» мегуфтанд…

Чӣ маъно дорад, ӯ намефаҳмад. Лекин ҷудо ҳам калон. Хаёлаш, ки мисоли бобои ӯ пир аст, зуд-зуд монда мешавад… Мехоҳад зудтар ба замин фурояд…

Шаҳром баробари дидани он ба ҳаяҷон омада:

– Бобо, бобоҷон! Бинед-бинед! Самолёт дар ҳаво бефара шудааст, ба замин мефурояд! – гуфт боре.

Бобояш ҳам сар бардошта тайёраро бидид, ки рафта дар ақиби дарахтони баланд нопадид шуд. Аммо гапи наберааш барояш хуш садо дод.

– Ту чӣ гуфтӣ? – гашта пурсид бобо.

– Ҳа-а, дар ҳаво бефара шудаст-дия, ба замин фуромад, – ӯ қиқиррос зад.

Бобояш ба шавқ омад.

Ӯро гарм ба оғӯш гирифт.

Бобо чанд вақт он гапро ба дигарон гуфта, дил хуш медошт.

Кай ба ёди дигаре мерасад, ки «тайёра дар ҳаво бефара шуда ба замин мефурояд»?..

Чӣ тавр аз чунин андешаи кӯдак хушҳол намешавӣ?

Хушҳолӣ ҳам нағз!

**9**

Бобо Ҳомиди заргар аз зеҳни тезу гуфтори ширини набераҳакаш Шаҳром хурсанд. «Кошкӣ, – мегуфт ӯ, – одамон қобилияти ин гуна бачаҳоро аз хурдӣ фаҳмида, ба тарбияташон хубтар машғул мешуданд!..».

Худаш ба набераҳояш афсона мегуфт. Шеъру тарона мехонд. Таронаҳои аз боғча ёд гирифтаашонро якҷоя ширин-ширин такрор мекарданд.

Хуллас, бобоҷон сахт ба онҳо одат намуд.

То аз боғча омаданашон онҳоро ёд мекард, пазмон мешуд.

Хаёлаш, Шаҳром хеле калон шудааст. Ҳамин ки онҳоро хона меоварданд, бобоҷон Шаҳромро ба оғӯш мегирифт: «Не, ҳоло китфакаш камгӯшт, хароб. Фақат бачаи шер «Симбо» барин чашмонаш дурахшон, нигоҳҳояш пурмаъно. Дилаш пурмехр… Ба бобояш, ба ҳама меҳрубон!..».

Меҳрубонӣ нағз-дия!

**10**

Тирамоҳи ҳамон сол бечора бобояшон сахт нотоб гардид.

Шаҳром зиқ шуд…

Бобояш одате дошт: ҳар баҳору тирамоҳ албатта як бор зуком мешуд. Аз чӣ? Худаш ҳам намедонист.

– Зукомро сахт мегузаронам, сунҳор (келин), – гуфт ӯ ҳамон рӯз ба очаи Шаҳром.

Худ беист атса мезад.

Аз чашму бинияш об мерафт.

Паҳ-паҳ месулфид, базӯр нафас мекашид, нолиш мекард. Табаш баланд, аз афташ!..

Шаҳром ӯро дар ин ҳол дида, қариб ки гиря кунад. Хаёлаш, ҷисму ҷони бобояшро тӯфоне фаро гирифтааст, ки дар киноҳо медид… Ӯ бо рӯймоле лабу даҳон ва оби дидаро пок карда, рӯи бистар мехобид…

Писараш Ромиз аз корхона барвақт омад, бо телефони бесим духтур хост.

Духтури пулакӣ зуд омаду пас аз ташхис гуфт:

– Назди бобо ҳеҷ кас надарояд!.. Бахусус бачаҳо!…

– Барои чӣ? – пурсид Шаҳром аз паси дар.

– Бобо сахт шамол кашидагӣ. Зуком. Гузаранда, – гуфт ва дору навишту худ бирафт.

– Одамони аҷиб, ин духтурҳо, – ба очааш рӯ овард Шаҳром:

– пеши furthermore бобоҷон ҳеҷ кас надарояд;

об, чой, хӯрок, дору набиёрад;

тирезаи хонаро кушода шамол надиҳад;

ҳоли бобоҷон чӣ мешавад?..

Очааш Салмо бо лабханд менигарист.

Вай як коса пиёба (пиёзоба)-и гарму серқаранфул овард. Дору монд рӯи хонтахта, то ки пас аз таом бо чойи сард бинӯшад бобоҷон.

Ҳамаашро Шаҳром мехост бо чашми худ бинад. Охир, бачаҳои ҳамсоя чиҳо гуфтанд?..

Вай аз роғи дар бидид: бобоҷон базӯр аз ҷой нимхез шуд, аз оби шӯрбо ду-се чумча хӯрд.

« – Хӯрок хӯрд бобояш! Пас, вай зинда аст!» – аз дил гузаронд…

Зинда будан, чӣ хел нағз!..

**11**

Қарибиҳои бегоҳ аҳволи бобо бад шуд. Ӯро боз сулфаи сахт гирифт. Аз зӯрии сулфа дамаш ба дарун мепечид.

Оча – додояш ба хонаи бобо тохтанд.

Шаҳром ҳам бо чашмони хоболуд аз роғи тирезаи мобайн нигоҳ кард…

– Пешин соз буданд, – мегуфт очааш. – Чӣ сирре ҳаст, ки баъд аз фурӯ рафтани офтоб сулфаашон хуруҷ карда, табашон баланд мешавад?..

– Офтоб – ин офтоб аст! – гуфт додояш ангуштарини тиллои офтобтамғаашро бозӣ доронда.

Шаҳром ба гӯши оча лаб наздик бурда пурсид:

– Оча, бобоҷон акнун … мемуранд?

– Э рав-э! Девона! – гуфт рӯйи ӯро бо кӯрпача пӯшонда. – Бачаҳо ин хел гапҳоро намепурсанд!..

– Хайр чӣ?..

– Чӣ мешуд?.. Дору хӯрондем… Боз дору мехӯранд, сиҳат мешаванд!..

– Ҳа-а?

– Ҳа-а!

– Дору нағз-а, оча?..

## 12

– Аҷиб! – мегуфт ба худ Шаҳром. Ҷӯраҳояш шуниданд, ки бобоҷон бемор, ҳар хел гап мезананд… ақл надоранд ин бачаҳо!..

Ҳамон рӯз вай дар боғча бо ҳеҷ кас гап назад. Бозӣ ҳам накард. Зиқ гашт. Ҳамроҳи очааш хона омад.

Очааш дар ошхона бо хӯрокпазӣ машғул шуд.

Аниса бо духтараkони ҳамсоя бозӣ мекард.

Шаҳром ба паҳлӯчӯби дари хонаи бобоҷон такя кард. Ба даромадан ҷуръат надошт.

– Бо-бо? Бобоҷон нағз шудед? – пурсид ӯ.

– Ҳо-о қариб… Шукр, ки мепурсӣ. Худат чӣ хелӣ? – гуфт аз дарун бобояш.

– Нағз…

– Анисаҷон чӣ?

– Вай ҳам… ҳозир дар берун!..

– Ба вай эҳтиёт шав. Танҳо намон! Бачаҳои ноқобил боз назананд!..

– Не, бобо! .. Ҳозир хабар мегирам…

– Шаҳром берун давид. Хоҳарчаашро хона овард, боло бардошта, аз роғи тиреза бобояшро нишон дод.

Онҳо овози «фиш-фиш»-и бобояшонро шунида, назди оча давиданд:

– Оча, бобоҷон «фиш-фиш» мекунанд… Чаро?..

– Хоб кардаанд-дия… Бемори хоболуд зуд сиҳат мешавад… инро намедонӣ?

– Ме-до-на-а-м!…Хобида– хобида сиҳат шаванд, нағз-а?

## 13

Ҳамин тавр «Тӯфон»-е, ки ҷисму ҷони боборо фаро гирифта буд, паст шуд:

на месулфид,

на атса мезад,

на аз чашмаш об мерафт.

Фақат рангаш пахтаи кӯҳна барин канда, чашмонаш чуқур фурӯ рафтаанд.

Духтури пулакӣ омада:

– Ҳо-о, ана! Қариб сиҳат шудед. Дорую даво фоида кардаст! – гуфт бо табассум.

– Пеши бобоҷон дароям, майлаш? – пурсид писарча аз айнаки духтур чашм накарда.

– Ҳоло не! – ангушт нишон дод духтур, – баъд аз ду рӯз!..

– Инҷо касалхона не-ку? Хонаи худамон-ку? – зиқ шуд Шаҳром.

Духтур аз паси айнак ба вай нигоҳ кард.

– Бобояшро нағз мебинад. Ёд кардаст! – додояш сари писарчаро сила кард.

– Маълум, – гуфт духтур. – Кай мактаб меравӣ?

– Соли оянда! – посух дод Шаҳром.

Онҳо ба мошини додояш нишаста рафтанд.

Шаҳром бо шитоб назди бобо даромад:

– Нағз шудед?..

– Шукр, ҷони бобо.

– Боз дору мехӯред?

– Ҳо-о.

– Дору талх-а?

– Талх, лекин зӯ-ӯ-р, касалро сиҳат мекардаст…

– Шумо чиҳо мегӯед, бобою набера? – очааш аз дар даромад.

Вай барои берухсат даромаданаш Шаҳромро ҷанг накард.

– Ҳеҷ чӣ! – Шарм дошт писарча ва худро ба оғӯши ӯ андохт…

Оғӯши очаҷон чӣ хел на-а-ғ-з!

## 14

Охири ҳафта бобо заргар сиҳат шуда ба по хест. Аз нав бо набераҳо унс гирифт.

Аз байн чанде вақт гузашт.

Зимистон охир шуда, кучое рафт… дар чояш баҳор омад: дарахтони бодому олу-болу сурху сафед гул карданд. Ҳама чо сабзу хуррам гардид.

Аммо ду-се рӯзи охир борони хунук борид. Сарду нами ҳаво барои берунбарой монеъ мешуд. Шаҳром дасти бобо дошта ба айвони сӯи офтобнишин гузашт.

Аз тиреза осмони беҳудуд намудор буд. Чи хел, ки уфуқ сипсиёҳ метофт.

Офтоб рафта-рафта, мисли лаълии сурхи калоне сари абрҳои сиёҳи кӯҳмонанд қарор гирифт.

Шаҳром онро дида, ба офтоб дилаш сӯхт. Хаёлаш, ҳамин ҳоло ба қаъри торикӣ ғелида меравад. Вай ба ҳаячон омад. Тарафи бобояш нигарист, ки ӯ низ даст лапар карда, ба он манзара чашм медӯхт.

Баногоҳ офтоб нопадид гардид.

– Бобо, ба офтоб чӣ шуд? – пурсид писарча.

– Ҳеч чиз!.. Рафт бо роҳи худаш…

– Боз меояд?

– Ҳо! Имшаб гашта-гашта боз саҳар меояд.

– Худаш меояд, ё ки офтоби дигар меояд?

– Албатта, худаш меояд-дия, – хандид пирамард.

– Худаш биёяд, нағз-а?

– …

**15**

Бобо ба «офтоби сари кӯҳ» наззоракунон умри рафтаи худро ба ёд овард. Дар чашмони хиратоби ӯ қатраҳои ашк пайдо шуд…

Шаҳром ҳайрон…

Ӯ офтоберо, ки ҳамон бегоҳӣ, мисли як лаълӣ ба қаъри торикӣ рафта буду боз пагоҳаш омад, ба ёд оварда, қариб ҳар рӯз ҳар чӣ пурсон мекард.

Бобо китобу айнак як сӯ гузошта, ба суолҳои ӯ чавоб медод.

– Читӯ офтоб аз чои рӯшан мебарояду тарафи торикӣ меравад? Аз торикӣ наметарсад?

– Не, аз торикӣ наметарсад. Вай як роҳ дорад. Бо ҳамон роҳ меравbooду меояд. Ҳар чо торик бошад, бо нураш рӯшан мекунад… Ҳама хурсанд мешаванд…

– Ҳа-а?

– Ҳа-а.

– Роҳашро ҳеч гум намекунад?

– Не…

– Равад-у дигар набиёяд-чӣ?

– Не. Вай мебиёяд. Медонад, ки ба мо – одамон рӯшанӣ лозим! Барои ҳамин, албатта, меояд.

– Фақат ба одамон?..

– Ҳо-о, ба одамон, ба ҳайвоноту наботот, паррандаю хазанда, ба ҳамаи ҷони зинда. Чӣ дар замин, чӣ дар ҳаво!..

– Ба Моҳтоб ҳам?

– Ба Моҳтоб ҳам… Медонӣ? Одамҳои доно мегӯянд, ки рӯшании Моҳ ҳам аз рӯшании ҳамин Офотоб аст. Рӯшанияш акс меёфтаст дар Моҳ!..

– Пас, Офтоб аз ҳама зӯр?

– Бале!.

– Аз одам ҳам зӯр?

– Ҳо-о, аз одам ҳам зӯр!.. Агар офтоб набошад одам ҳам ҳеҷ чиз карда наметавонад.

– Аз Офтоб зӯртар боз чӣ ҳаст, бобо?

– Аз Офтоб зӯртар? Чӣ тавр фаҳмонам? .. Худо! Фаҳмидӣ? Худо!

Шаҳром боз ҳайрон шуд.

– Ҳайрон нашав! – гуфт бобояш. – Ҳоло калон мешавӣ. Мактаб хонда-хонда ҳамаша фаҳмида мегирӣ…

– Майлаш, – розӣ шуд Шаҳром. – Калон шудан нағз-а?

– Ҳо-о,бисёр нағз.

**16**

Аз байн боз як баҳору тобистон гузашт.

Шаҳром торафт калонтар мешуд… Лекин чанд моҳаш намерасад гуфта, ӯро ба мактаб нагирифтанд.

Тирамоҳи салқин фаро расид.

Чӣ хуб бозӣ, дар ин фасл!.. Очаҳо бачаҳоро ба осонӣ хона даровarда наметавонистанд…

Лекин он бегоҳӣ Шаҳром, баъд аз каме бозӣ, худаш давдавон хона омад. Рост назди бобояш рафт, ки ба чашм айнаку китоб мехонд.

– Бобо, бобоҷон! Медонед-чӣ? Дар берун пистафурӯш омад!..

Чашмаш ногоҳ ба оча афтоду хап шуд, «пул диҳед» нагуфт.

Очааш пай бурду ба маънои «айб шуд!» ангушт ба чуқураки бари рӯи зебояш гузошта сар ҷунбонд.

Бобо, ки хоҳиши набераашро ба замин намегузошт, даст ба

кисабағал бурду як коғази кабуди шараққосӣ баровард. Сурати рӯи пул, мисли бобояш, ришу бурут ва дар сар тоқии чоргул дошт…

– Панҷ сомонӣ? Не, пули майда диҳед, – гуфт очааш.

– Имрӯз нафақа овարданд. Майда надоштаанд… Пистафурӯш худ майда доштагист. «Бақия»-ашро диҳед, гӯй… Бигир! – фаҳмонд бобояш.

– Хӯш, бобоҷон! – ду-се қадам пеш рафту гашта омад: – «Бақия»-аш чӣ?

Бобо хандид, айнак аз чашм гирифт…

Очааш ба вай фаҳмонд:

– Боқимондаи пул, яъне «сдачи», фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, – давид ӯ.

Фаҳмиданаш нағз-дия.

**17**

Бобо ба шавқ омада, аз айвон тарафи пистафурӯш нигоҳ кард.

Абдувоҳид ном дошт пистафурӯш – писари ҳамсоя… Доим шаддаҳои писта дар китф, халтачаи мағзи писта дар даст, кӯча мебаромад.

Ин бегоҳ, баъд аз борон омадааст.

То пул гирифта давидани Шаҳром вай хеле дур шуда буд.

– Пис-та-фу-рӯ-ӯ-ш! – садо кард Шаҳром ва пулашро нишон дод. – Писта медиҳед?

– Ҳов-ва! – гуфта Абдувоҳид аз роҳаш баргашт.

Шаҳром тез-тез сӯи айвони оинакориашон нигарист.

Вай медонист, ки оча ё бобояш аз он ҷо тарафаш нигоҳ мекунанд…

– Як кулоҳаку як шадда диҳам, бас? – пурсид пистафурӯш.

– Ҳа-а, – сар ҷунбонд Шаҳром.

– Як сомонӣ мешава(д), – як шаддаю як кулоҳаки коғазиро ба дасташ дод ва «м-н-ш» (ба ман бидеҳ!) гуфт.

Шаҳром «м-н-ш» гуфтани ӯро аввал нафаҳмид, лекин пулро дароз кард:

– Боқияшро медиҳед?..

– «Боқӣ» не, «сдачи» бигӯ, – таълим доданӣ шуд ӯ. – Эъ, майда не-ку! – ба атроф нигарист пистафурӯш.

– Майда набошад, калонаша бите(д), – гуфт Шаҳром аз шадда пистаи хандон гирифта ба даҳон бурд…

– А, чӣ? – гаранг-гаранг ба писарча нигарист Абдувоҳид. Кисаҳояшро кофт. Пулҳояш ҳама калон. – Камтар ист! Баъд мегирӣ.

– Не «Боқӣ»-яшро бите(д), – такрор кард Шаҳром.

– Нестай. Охи! Ина, пулта биги(р), майда карда биё(р)!..

– Нестай-да!..

Шаҳром пистаю пул дар даст ҳайрон.

Пистафурӯш шаддаю кулоҳакро аз дасташ гирифт:

– Нимаша тамом кардӣ-ку! – гӯён ба халтааш андохт.

Шаҳром зиқ шуд.

Имдодталаб ба айвон нигарист.

– Ҳа-а, чӣ шуд? – пурсид бобояш аз баландӣ.

– Писта на-дод! Гашта гирифт!..

– О-хи(р), пули майда надо-рум, – фаҳмонд пистафурӯш.

– Пас, ба ҳамааш – ба панҷ сомонӣ бидеҳ! – фармуд пирамард.

– Ягон чиз – салафан-халтача лозим. Ма(н) надорум! – гуфт ӯ.

Очааш аз тиреза салафан-халтача партофт. Шаҳром онро аз ҳаво дошта гирифт ва бо пул ба пистафурӯш дод.

Вай пулро ба киса карду се кулоҳак мағз ба салафан андохта печонданӣ шуд.

– Не-не, на-бан-дед! Кушоданаш душвор, – чанг зада аз дасти ӯ гирифт Шаҳром.

– Ҳа, майлӣ! – гуфт пистафурӯш. Бо ангушт ҳисоб кард. Боз ду-се шаддаро аз китф гирифта ба гардани Шаҳром ҳамоил карду гуфт:

– М-н-ш?

– Чӣ? – чашмонашро калон кушод Шаҳром.

– Пул!..

– Додам-ку! Да(р) киса задед-ку!

Вай пулҳояшро аз ҷайб кашида боз ҳисоб кард.

Шаҳром аз ӯ чашм намеканд. Пули шараққосии бобояш додаро шинохт:

– Ана, ҳаминаш! – гуфту боз нигарон истод.

– Ҳа, чӣ истодаӣ? Бирав! – гуфт пистафурӯш ва халтачаашро бардошта рафтанӣ шуд.

– Боқияшро намедиҳед?

– Боз чӣ хел «боқӣ»? Ба ҳамаи пулат писта додам-ку?! Ана, дар дастат, дар гарданат! – ба шӯр омад Абдувоҳид.

– Бобо! Бинед. «Боқӣ»-яшро на-дод! – шикоят кард Шаҳром.

– Биё, шуд! Биё! – хандид бобояш.

Очааш аз ин гуфтору рафтори ӯ сари дилашро дошта механдид.

– «М-н-ш», – бо қаҳр пистаҳои додаашро боз гардонда гирифтанӣ шуд вай.

– Неъ-э! – пистаро дудаста маҳкам қапид Шаҳром.

Пистафурӯш ҳадаҳа ба роҳ даромад. Вай мерафту дам ба дам сӯи Шаҳром менигарист. Писарча дона-дона писта ба даҳон бурда, аз вай чашм намеканд.

Гирди пистафурӯшро бачаҳои дигар печонда гирифтанд. Онҳо дар даст пулҳои майда доштанд…

Шаҳром дилу бедилон пас гашт. Очаю бобо «қаҳрамон»-ро бо хандаю табассум «пешвоз» гирифтанд.

– О-вар-дӣ? – пурсид очааш.

– О-ма-дӣ? – гуфт бобояш.

– «Боқӣ»-яшро надод-е, – шикоят кард Шаҳром абрӯи сиёҳашро дарҳам кашида.

Маълум, ки ӯ ба гап гӯш медиҳад… Охир, худи бобояш «бақия»-ашро биёр гуфтанд-ку. Оварданаш даркор-ку!...

– Не-е, бачем, ба ҳамаи пулат писта дод, – фаҳмонд очааш як шаддаро ба вай дода. – Дигар ин хел накун!..

Ӯ шаддаи дуюмро ба Аниса бидод ва мағзи пистаро бо тақсимча рӯи дастархон гузошт.

– Ҳеҷ гап не! Чашмаш ба савдо мепазад! Донотар мешавад! – Хандид бобо ва бо навозиш тап-тап ба китфи Шаҳром даст ниҳод. – Бачаҳо доно бошанд, нағз-дия!.. Ҳамин тавр не?

– Бале!

* * *

Ҳамин тавр давом дошт қиссаи бобо заргару набераааш Шаҳром, ки торафт калону қобилу боақлу донотар мешуд.

*Октябри соли 2004.*

# КӮДАКИ ТИРАЧАШМ ВА ПРОФЕССОР

*Ин ҷо саргузашти ғамангезе ба хонандаи азиз пешниҳод гардид. Лек бояд бигӯем, аз қисмати талхи ҷабрдидагон дида, рафтори профессори номаълум моро бештар мафтун намуд, ки ба гуфтор ин рубоии Хаёми бузургро мемонад:*

*Ҳар роз, к-андар дили доно бошад,*
*Бояд, ки нуҳуфтатар з-Анқо бошад.*
*К-андар садаф аз нуҳуфтагӣ гардад дурр,*
*Он қатра, ки рози дили дарё бошад.*

Ҳар гоҳ, ки сӯйи зодгоҳам Бойсун меравам, роҳам аз даруни қадимшаҳри Деҳнав мегузарад.

Ин шаҳр дар воҳаи зарнисори Ҳисори Шодмон, пас аз пойтахти тоҷикон – Душанбеи зебо, дуюмин шаҳри калон ва обод ба шумор меравад. Охир, таърих гувоҳ аст, ки он ҳам замоне пойтахти Чағониёни Бузург будааст: харобаҳои Дилварзинтеппааш даҳ километр ҷанубтари шаҳри имрӯза воқеъ буда, гоҳе аз он ҷо кӯзаи тиллою ёдгориҳои пурқимат пайдо мешаванд, ки оламиёнро дар ҳайрат мегузоранд.

Дар қарибӣ гузорам он ҷо афтоду воқифи ҳамин ҳодисаи ҳузновар шудам: дар даҳони ҳама як гап: «Бечора модар! Зиҳӣ, кӯдаки хушбахт! Ташаккур ба духтурҳо, ба профессори душанбегӣ, ки мо номашон намедонем. Илоҳо барака ёбанд! Шукр, ки ҷаҳон бо чунин одамон обод! Чашми бад дур!» – гӯён аз ҳайрат гиребони худ медоштанд. Лек асли воқеа маълум набуд…

Рӯйи ин гап, собиқ, ҳамсояам-ҷавони чиҳилсолаи хушандом Рӯзибой Малолиев омада монд. Ӯ маъюс буд. Баъд аз салому алейк:

– Ҳар хел гап мешунавам, Рӯзибой. Оё ин дуруст аст? – оҳиста пурсидам аз рӯи одоб.

Вай яке сар хам карду чашмаш ҳалқаи об гирифт. Баъд нимтабассуме зоҳир намуд. Дар як лаҳза ба чандин ранг тофту ниҳоят оҳи вазнине кашида:

– Рост. Ин тасодуф дар хонадони худи мо рух дод – гуфт ӯ.

Дар ҳайрат афтода, маъзарат хостам ва ӯро ба чойхонаи сарироҳии Ҷаббори Синавӣ таклиф намудам. Рӯзибой сари як пиёла чой ҳамаашро қисса кард. Ва инак, мехоҳам шумо низ воқиф шавед, ки бар сари фарзанди инсон гоҳе чиҳо меояд, одамони нек чӣ сон дасти ёрӣ дароз мекунанд, то ки мушкилоти зиндагӣ ҳарчӣ зудтар бартараф гардад.

Он ҳодисаи мудҳиш чоштгоҳи тирамоҳи соли 2004, дар деҳаи Даҳана (Синаи поён), бо ҷиянчаи Рӯзибой – Диёрбеки қариб яксола ва хоҳараш Саодати Нарзибек рӯй дода будаст. Тағо-дия, Рӯзибой Малолиев (корманди шӯъбаи таъминоти иҷтимоии шаҳри Деҳнав) бо дилсӯзӣ, бидуни кадом муҳобот гап мезад. Беҳуда намегуфтаанд, ки як тағо – ба ҷойи ҳафт падар!..

Ҳамон субҳ почояш Бахтиёр Равшанов (фермери ширкати боғу токпарварии ба номи Қӯзӣ Карим) дар сафар будааст. Ба тарафҳои Қазоқистону Русия бо «КАМаз»-ҳо ангур бурда будаст. (Ҳодисаро шунида, аввал бо тайёра то Тошканд ва баъд бо таксӣ то хонааш расидааст)...

Субҳ хоҳараш Саодат писарчаи мисли тағояш чашму абрӯсиёҳро сари китф гирифта, барои овардани нони гарм аз нонвойхонаи сарҳавзи Истам Саид, чор қадам аз дарвозаи ҳавлиашон берун мегузорад. Аз он ҷо роҳи гӯё бехатаре, аз зери қуллаҳои Хоҷабаркӯҳ то лаби рӯди Сурхоб (Қизилсув) чунон нишеб мефурояд, ки аксар ронандаҳо, хоҳ рӯз офтобӣ бошаду хоҳ барфу боронӣ, барои сарфакории сӯзишворӣ, калиди мошинро тоб дода, ба равиши худаш ронда мефуроянд, ки суръаташ гоҳе аз сад километр дар соат мегузарад.

Ин дар омади гап...

Аммо Саодат, пас аз шараққос пӯшида шудани даричаи дарвозаашон, баногоҳ гур – гури пурдаҳшати мошину «гурез – о гурез!» – гӯён фарёди ҷонкоҳи ногаҳониро шунидан, як назар мебинад, ки аз боло мошини шиноси «УАЗ-69»-и аз чандин раиси кӯҳнаю нав монда, ба тарафаш барқосо меояд ва кадоме худро аз даруни он берун партофта боз фарёд мезанад:

– Гурез, аз сари роҳ!.. Гуре-е-з!..

Ҷавонзан тифл дар китф на қадаме пеш рафта метавонаду на ақиб...

Мошини фарсудае, ки қисми каши солҳо боз хӯрдашудааш (тягааш) баромада, бо зарби буфери пеш як пойи Саодатро зада, пора – пора карда мегузарад ва ба дару девору дарахтон бархӯрда чаппа мешавад.

Вақти Саодатро задани мошин писарча Диёрбек, мисли тӯби футбол аз китфи оча парида, ҳафт қадам он сӯ – рӯйи хоку сабзаи тирамоҳӣ меафтад...

– Э воҳ! Пи-са-ра-кам! – гӯён Саодат рӯи хоку шағалу сангрезаи қади роҳ, ба хун оғӯшта меафтад ва аз ҳуш меравад.

Ҳамаи ин дар як лаҳзаи шум рӯй медиҳад. Одамони нек зуд аз атроф ба ёрӣ омада, ҳардуро бо мошин, ба наздиктарин нуқтаи ёрии тиббӣ мерасонанд. Аз он ҷо боэҳтиёт ба беморхона мебаранд. Хуллас, онҳоро аз марги «тайёр» раҳо медиҳанд...

Баъд аз ин воқеот чӣ гуна сурат мегирад? Инаш боз ҳам изтиробовартар аст.

– Вақте ки ман расида рафтам, – гуфт Рӯзибой, – гиребонашро доштаю шукрона ба ҷо оварда. – писарча кам-кам нафас кашида, нолиш мекард. – Ба сари инсон ҳар гуна ғаму ғусса меояд. Лекин чунин ҷуфт-ҷуфт ва ногаҳон омаданаш бас вазнин будааст. Худо инро ба ҳеҷ як бандааш нишон надиҳад!...

Хоҳараш Саодатро ба ҳуш овардан душвор шудааст. Ҳар бор, ки андаке ба ҳуш меомадаст, якбора, аҷаб не, ҳамон лаҳзаи наздик расидаю зада гузаштани мошин ба ёдаш меомада бошад, фарёди ҷонкоҳе мебаровардаст:

– Писарҷо-о-н! Ди-ёр-бе-ек !... – мегуфтаст бо тамоми овозу боз аз ҳуш мерафтаст.

Ҷарроҳон гирдаш ҷамъ шуда, устухонҳои ҳамон пойи титшудаашро ҷо ба ҷо мекардаанд.

– Чанд пораи устухони по намерасад... Гӯштро дарронда берун паридааст. Зудтар ёфта овардан даркор! – мегӯяд ҷарроҳ Н. бо изтироб.

Хешону ҷигарбандон мошинсавор ба ҷойи воқеа мерасанд. Паҳлӯи роҳ, байни регу сангу шағал ва хору хасро кофта, аз дида ашку хун рехта, чанд устухонпораро пайдо карда мебаранд.

Ду шабу ду рӯз барои зинда мондани модару кӯдак мубориза давом мекунад...

Ниҳоят падари кӯдак – Бахтиёр ҳам расида меояд... Аз аҳволи Саодату тифлаки нозанинаш воқиф гардида, ҷигархун мешавад. Мардонавор ба духтурҳо мегӯяд, ки онҳоро хурсанд хоҳад кард. Буду набудашро барои зану фарзандаш дареғ намедорад. Фақат ин ки онҳоро наҷот диҳанд, аз хатар эмин гардонанд.

Ҳамин тавр, Равшану Рӯзибой ҳафтаҳо аз бемористон дур нашуда хизмат мекунанд...

Чунон ки гуфтем, аввал писарча Диёрбек каме ба ҳуш меояд.

Кӯдак бисёр карахт шуда, лабонаш карахш баста, аз зӯри ҳарорати дарунӣ кафида хуншор мегардад. Аввал бо пахта, баъд бо қатрачакон обаш медиҳанд. Вай батадриҷ рӯ ба беҳбудӣ меорад, ҳушёртар мешавад, нолиш мекунад, лек ҳеҷ чашм намекушояд...

Падару таға, ҳамаи хешу таборон пинҳонию ошкоро ба ҳоли писараку модараш ашк мерезанд.

Духтурҳо танҳо байни худ фич-фич гап мезадаанд:

«Худо накунад, ки кӯдак умрбод нобино шуда бимонад».

Ин гуфтугӯро кадоме аз ҳамшираҳои шафқат шунида, ба падари писарча мерасонад ва илтиҷо мекунад, ки «ин сирро ошкор насозад, худ аз духтурҳо пурсон шавад, ба ин ҳақ дорад».

Дунё дар назари Бахтиёр торик мегардад ва ба худ меандешад, ки ин гап ба гӯши дигар касе нарасад, зеро мабодо завҷааш Саодат бишнавад, ӯ худро ҳалок месозад.

Вай ин гапро он рӯз ба Рӯзибой таға ҳам нагуфтааст. Меандешидаст, ки мабодо бо духтурон ба мунозираю муноқиша дарояд...

Бахтиёр дам ба дам аз тақдираш нолида, ба худ мегуфтаст, ки ман ба касе бадӣ накардаам, ҳаққи касеро нахӯрдаам. Аз чӣ Худо моро ба чунин ғазабаш гирифтор кард?

Ҷавонмард гоҳ сари болини писарчааш нишаста шабро рӯз мекардаст, гоҳо паҳлӯи кати як пойи гаҷкорӣ шудаи завҷааш Саодат нишаста, вақти чашм кушода ашк рехтанҳояш мӯю рӯю дасти ӯро қапидаю бо навозиш дилдорӣ медиҳад: – Иншолло сиҳат мешавӣ! Ана, писарчаамон қариб сиҳат шудааст. Ҳамин замон ба хона ҷавобаш медиҳанд. Худам бардошта ба наздат меорам... Парво накун! Барои ту ва писарамон ҷонамро фидо мекунам! Фақат ин ки ту ҳар чизро фикр накун! Чӣ дорую даво лозим шавад, ҳозир мекунам. Аз Маскав бошад ҳам, пайдо кунонда меорам!

Пас аз пайдо кардани резаустухонҳои пойи шикастааш ӯро бодиққат шикастабандӣ карда, тавассути асбобу ускунаҳо озмуда, даруни гаҷ (гипс) гирифтанд. Дарди ҷонкоҳ ҳолашро табоҳ гардонда буд. Танҳо бо дору ва сӯзанзаниҳо шиддати дардашро паст мекардаанд. Аксар беҳуш мехобидаст. Ҳамин, ки ба ҳуш ояд, якбора боз «пи-сар-ҷо-на-а-м!» гӯён фарёд мезадаст!..

– Дар ин асно духтуру беморони онҷоӣ ба фарёдаш тоқат накарда парешон мешудаанд. Бечора мардакаш Бахтиёр, мурғи посӯхта барин худро ба ҳар тараф мезадаст.. Хайрият, ки хусур-

бурдааш Рӯзибой меҳрубонӣ карда, аз ҳолашон шабу рӯз хабар мегирифтаст, бо хӯрданию нӯшиданӣ ва дорую давои даркорӣ таъминашон мекардааст. Ба ҳоли почояш низ раҳмаш меомадаст...

– Почоям Бахтиёр хатари нобино шуда мондани писарчаро аз ҳамшираи шафқат шунида дар дил зиёд ҷой дода натавонист, қисса мекард Рӯзибой. – Ҳамон шабро ӯ дар ҳавои сарди беруни бемористон, бо оҳу воҳ саҳар мекунад.

Субҳ, вақте ки Рӯзибой хабаргирӣ меояд, оҳиста мефаҳмонад. Рӯзибой ҳам одами фаҳмидааст. Пурсаброна ҳарду маслиҳат кардаанд: «Аз ҳозир чораю тадбир андешида давуғеҷ накунанд, баъд аз гузаштани вақт, дер шуданаш мумкин!» – ба ҳамин хулоса омадаанд ҷавонмардони ҳушёру тавоно.

Вазъи саломатии кӯдак дам ба дам дигар шуда, ҳамаро дар изтироб меоварад. Духтурон тез-тез бо ҳамдигар машварат карда, аз ноҳияи ҳамсоя духтури пуртаҷрибатаре даъват намудаанд. Бахтиёру Рӯзибой меҳмонро бо иззату икром қабул ва гусел кардаанд. Охир, дар ин солу замона касе ройгон дасти ёрӣ дароз мекунад магар? Ба ивази маслиҳаташ хизматона, ба қавли устод Айнӣ поранҷаш (пули киройи омадани табиб)-ро додаанд...

Ӯ чӣ гуфтааст, фақат ба ҳамкасбҳояшон маълум будаст. Бахтиёру Рӯзибой ҳам мардонавор ба рафтору кирдори онон даҳолат накардаанд. Медонистаанд, ки сирри «нобино шуда мондани кӯдакро» ҳоло ошкор карданӣ нестанд. Падару тағояш дандон ба дандон монда, дар ин бора чизе напурсидаанд.

Ниҳоят, дар арафаи Соли нави 2005-ум духтуронро хатари аз нав шикастабандии он пои Саодат пеш меояд. Ҳамин қадар ба шавҳараш Бахтиёр гуфтаанд, ки нигоҳ доштани пойи Саодат даруни гаҷ тӯлонӣ хоҳад шуд. Метарсанд, ки гангрена* нагирад...

Хайрият, ки безарар ин хатар бартараф шудааст.

Ва духтурони писарча низ ӯро хурсанд кардаанд: аввал рӯзи ҷавоб доданашонро ба ӯ хабар додаанд. Сипас:

– Хона бурда, табобатро давом медиҳед, – гуфта дору навишта бо парпеч Диёрбекро ба дасташ бароварда додаанд. – Худамон боз хабардорӣ мекунем, – ваъда додаанд онҳо.

Ана ҳамин лаҳза Бахтиёр хизматонаи духтуронро пардохта, бо хушнудӣ писарчаро ба оғӯш гирифта ба онҳо изҳори миннатдорӣ мекунад.

---

* Гангрена – бемории қарасон.

– Мехоҳам рости гапро донам, – рост ба чашми духтури табобаткунанда менигарад ӯ. – Оё ин тифл дар оянда кар, гунг ё нобино намешавад?

– Писарча, – мегӯяд сардухтур, – ба такони сахт ва тарсу бим гирифтор омад. Ҳоло ҳам хайрият, ки кам осеб дидааст. Қувваи шунавоияшро санҷидем, бад не. Аз нолиш ва гиряаш эҳсос мегардад, ки забон мебарорад, «дада» мегӯяд рӯзе...

Лекин чашм кушода натавонистанаш, таъсири сахти такон аст. Биноии кӯдак барқарор нашуданаш мумкин... Ин фикри як худи ман не... Боз вақт нишон хоҳад дод. Агар ба мо бовар накунед, ба мутахассиси чашм нишон диҳед...

– Ба му-та-хас-сис?.. Худоё, – ба ҳаяҷон омад Бахтиёр ва шаш қатор ашкаш равон шуд. – Дар куҷоянд онҳо? Дар Маскав? Дар Амрико ё Олмон? Агар лозим бошад мебарам!..

– Не, чаро ин қадар ба ҷойҳои дур? Дар Душанбе, Тошканду Самарқанди худамон духтурҳои хуби чашм ҳастанд. Мо роххат навишта медиҳем... Лекин ҳоло не, дертар, – баъд аз ду-се ҳафта. Кӯдак дар роҳ шамол кашиданаш мумкин... Эҳтиёт – ними ҳаёт гуфтаанд...

Хешон ҷамъ шуда, дар хона маслиҳат карданд, ки Диёрбекро ба Душанбе мебаранд.

– Бе раводид (виза) аз сарҳад гузаштан имкон надорад, – гуфт Рӯзибой – тағояш. – Беҳтараш аввал ба маркази вилоят – шаҳри Тирмиз баред. Он ҷо ҳам духтурҳои хуби Тошканду Душанберо хатм кардагӣ ҳастанд…

– Гапи маъқул, – гуфт Бахтиёр.

Пас аз як ҳафта Диёрбекро пӯшондаю печонда назди очааш бурданд. Вақти хоб буданаш ӯро як назар ба Саодат нишон дода, зуд пас гаштанд.

Оча-дия, ким-чиро эҳсос кард, ба афту андоми кӯдакаш нигарист. Чашмони пӯшидаашро «хоб аст» гуфта гумон бурд... Оҳ, агар мефаҳмид, ки Диёрбекаш нобиност!..

Бо иҷозати духтур, пас аз се ҳафта, як субҳ Бахтиёр рӯзро офтобӣ дида, сумкаи сафарӣ ва писарчаашро бардошту ба роҳ даромад. Барои ӯ «памперс» ва шишаи ширу чизҳои хӯрданӣ гирифт ва соатҳои ду бо «Тико-таксӣ» ба Тирмиз расид....

Писарча қобилак буд, зиёд намегирист. Ёройи сахт гиря кардан ҳам надошт. Ба замми ин падараш ӯро лаҳзае беназорат намегузошт ва аз худ дур намекард. Ӯ мошинро дар хиёбони Наримонов боздошта, ба касалхонаи чашм даромад.

Духтурҳои меҳрубон кӯдакро дида «чӣ буд – чӣ шуд?» гуфта аз воқеа огоҳ гардиданд. Бо асбобу ускунаи худ муоина карданд. Аммо ба даҳон об гирифтагӣ барин хомӯш буданд.

– Чӣ маслиҳат медиҳед? – пурсид ниҳоят Бахтиёр.

– Як чиз гуфтан душвор, – гуфт доктор Н. – Мо ин ҷо хобонда таҷриба гузаронем, мешудагист. Аммо вай бе очааш азоб мекашад. Аз ростӣ, ки дар таҷрибаи мо ҳоло ин хелаш во нахӯрдааст... Шояд Тошканд мебаред?

– Тошканд бошад, Тошканд-дия! – хайрухуш кард ӯ бо духтурҳо.

Атрофи онҳоро беморон, ҳамшираҳои хилъати сафедпӯш фаро гирифта буданд. Фич-фич байни худ гап мезаданд. Раҳмдилонашон ашк мерехтанд ба ҳоли кӯдак ва модараш.

Ҳамон бегоҳӣ обу ҳавои Тирмиз тағйир ёфт: шамоли сахт сар шуда, регрезаи арасотро дар атроф пош медод. Ин ҳол тирамоҳон доим авҷ мекард.

Бахтиёр писарчаро маҳкам печонда гирифта буд. Шабро дар хонаи хеши нонвояш гузаронд.

Он ҷо ҳамсояҳо, шоира Саидаи Рамазон ва шавҳараш маслиҳат доданд, ки тифлро ҳатман ба Душанбе бибарад.

Ними шаб ӯ аз Тирмиз ба қатораи байнишаҳрӣ нишаста, ба истгоҳи Сариосиё расид. Аз он ҷо бо таксӣ тарафи сарҳад (Чумчуқҷар) рафт. Он ҷо ҳуҷҷат пурсиданд.

Бахтиёр ҳуҷҷати худро нишон дода, асли воқеаро фаҳмонд.

– Ҳуҷҷати кӯдак канӣ? – пурсиданд сарҳадбонон.

– Барои кӯдак ҳам ҳуҷҷат?

– Ҳа-а, кӯдак одам не?

– Инак, ҳуҷҷати духтур.

– Гувоҳномааш лозим.

– Ҳанӯз фурсати аз шӯрои деҳа гирифтан нашудааст...

– Рафта гиред... Аз дусар, бидуни раводид гузаштани деҳнавиҳо мумкин не. Деҳнав ноҳияи сарҳадӣ нест. Роҳравро холӣ кунед, – гуфтанд онҳо дағалона. Ва илова карданд, – мо иҷозат диҳем ҳам, дар он сӯйи сарҳад шуморо мегардонанд.

– Э не.

Бахтиёр нозеҳ шуда, писарча дар оғӯш, ба деҳа баргашт.

Писарча аз кӯфти роҳ хеле хоболуд шуда буд. Падарашро шаб хоб набурд. Ба худ қарор дод, ки пагоҳ аз идора гувоҳномаи писарчаро гирифта, назди сардухтури касалхонаи маркази шаҳр Фарида Эшонхоновна меравад. Ӯ инсони ғамхор, вакили халқ

аст. Шояд роҳ нишон медиҳад. Ана баъд, бо хонумаш хайрухуш карда, писарчаро Тошканд мебарад.

Рафт. Аммо он ҷо гуфтанд, ки Эшонхоновна ба қарибӣ аз олам гузашт. Ӯ афсӯс хӯрд аз хабар надоштанаш ва дасти дуо ба рӯ кашид. Назди хонумаш – ба шӯъбаи ҷарроҳӣ даромад. Гуфт, ки писарчаро Тошканд мебарад, мабодо, ки асароти садама дар ҷонаш таъсири бад боқӣ гузорад... Ту хавотир нашав! Ором бихоб, сабру таҳаммул чизи хуб аст гуфт. Аммо аз хатари нобино шуда мондани Диёрбекашон боз ҳам лаб накушуд. Бо дили реш-реш ба сафари Тошканд тайёрӣ бидид. «То вақте чор тараф мебарам, ки дар дилам армон намонад» – мегуфт ӯ ба тағояш Рӯзибой.

Бахтиёр аз ин пеш ба духтурҳои Тошканд корафтода нашуда буд. Вай ба чанд духтурхона сар халонд. Духтурон, профессорони ҷавону куҳансол кӯдакро дида, чашмонашро муоина карда, аммо ба падари ғамхор аз гуфтани рости гап худдорӣ карданд. Гаштаю баргашта рафти воқеа, хулосаи духтурони деҳотро бо хулосаи худ муқоиса намуда, мӯҳри хомӯшӣ ба лаб мезаданд онҳо.

Танҳо ба Парда Пардаевич умед баст. Падару писар дар чойхонаи бозори Олой ғизо хӯрданд. Баъд Бахтиёр таксӣ гирифта ба ҷойи таъйин кардаи Парда Пардаевич, ки кадом профессори самарқандиро ба клиникааш даъват карда буд, рафт.

Мутаассифона, ӯро ҳамон рӯз барои гузаронидани «Консилиум» ба Донишгоҳи тиббии Тошканд даъват кардаанд. Парда Пардаевич хеле мунтазир шуд. Не. Аз ӯ дарак набуд. «Аз афташ, ҷоғи профессорон тафсид, ки тоқати Парда Пардаевич низ тоқ шуд. Ба «ҳиқ-ҳиқ» гиря карданҳои тифл тоб оварда натавонист. Баъд ба Бахтиёри рангаш заҳир фаҳмонд:

– Шумо мефаҳмед, чашм як чизи нозук ва нодир, додарам. Ман доруе навиштам, ки дар ҷойҳои шумо низ ҳаст. Аз Душанбе метавонед биёред. Онҳо доруи нав ихтиро кардагӣ. Ба чашми кӯдак мунтазам чаконед. Шояд фоида расонад. Вале во шудани чашмаш гумон. Зеро сари бача дар тасодум сахт такон хӯрдагӣ.

Бо шунидани ин гапи маълум дили Бахтиёр таҳ кашид. Ӯ коғазҳои профессор додаро ба ҷайбаш андохт ва хизматонаи ӯро дода, розӣ карду аз дар берун шуд. Вай аз «тақдири бад»-аш нолида, то сари роҳи калон ашк рехта-рехта, девонавор қадам зад.

Бахтиёр писарча дар оғӯш, ба таксӣ нишаст. Таксӣ бо равиши

сели мошинҳо мерафту фикре ба сараш зад: «Таваккал, ба Вокзали Ҷанубӣ меравам. Аз ҳамон ҷо ба қатораи «Москва – Душанбе» мешинам... Агар чипта надиҳанд, то Тирмиз мегираму то Душанбе аз қатора намефуроям. Охирин ормони дилам ҳамин!

Ӯ як соат пеш аз омадани қатора аз пайи гирифтани чипта шуд.

Чипта надоданд: «Ҳуҷҷат – раводид надорӣ» гуфтанд. Ноилоҷ зиқ шуда, даруни толор даромада нишаст. Ҳамон ҷо оби ҷӯш пайдо карда, ба шишаи ширхӯрии писарча ширу қаймоқ андохт омезиш дод.

Одамони Душанберав аз ӯ ва ҳоли писарча огоҳӣ ёфта, онҳоро бо худ гирифтанд. «Даруни қатора, – гуфт кондуктор Раҳимов, – хоки Тоҷикистон ҳисоб мешавад. Як туву писарчаатро худум мебарум!».

Ҳар ҷо, ки тафтиш сурат гирад, падару писарчаро ба ҳуҷраи худ гузаронда, то шаҳри Душанбе расонд. Аз он ҷо таксӣ рост ба яке аз бемористонҳо бурда, таги дарвозаи ҳавлии саросар гулзор фуровард. Таваккал карда даромаду атрофашро парӣ барин ҳамшираҳои хилъати сафедпӯш печонданд:

– Чӣ шудааст, ба кӯдак?

– Ба профессор нишон доданӣ ҳастед?

– Ҳозир он кас дар толори ҷарроҳӣ. Каме сабр мекунед, – гӯён писарчаи аз хоб бедор шудаи нобиноро аз оғӯши падараш гирифта, даст ба даст бурданд. Аз борхалтаи Бахтиёр «памперс»-и нав бароварда, пас аз огоҳ шудан аз аҳволи модари писарча, гӯё ҳар кадом хизмати онҳоро ба зиммаи худ гирифтанд...

Бахтиёр рӯи курсие нишаста оҳи сарде кашид. Ҳоло фикраш ба завҷаи маъибу мубталояш банд буд: «Ӯ чӣ кард? Чӣ ҳол дорад? Хуб, ба ҳар ҳол дар иҳотаи хешу таборон аст. Ҳама муҳибу меҳрубонанд он ҷо»…

Вай рӯ ҷониби дигар гардонда, пулу пайсаашро ҳисоб кард:

– Шукр мерасидагист. Агар камӣ кунад, – даст аз зери пираҳан ба занҷираи тиллоӣ, ки «релс»-аш мегӯянд, бурд. Онро хайрият, ки бо худ гирифтааст…

Ӯ ҳоло ба ёд меовард, ки ин занҷира ба ивази чӣ қадар ангури дар Русия ба фурӯш расонидааш омадааст. Ҳаққи ҳалоли худаш аст. Аз коми аждаҳо – тундравҳои ғоратгар ҷудо карда гирифта буд. Оҳ, чӣ қадар талош варзиданд онҷо. Ҳоло замона ҳамин!.. Даҳоняла будан кор намеояд!..

Пас аз як соат ҳамшираи хилъати сабзпӯше омада:

– Диёрбек кист? Профессор мепурсанд, – гуфт.

Бахтиёр писарчаро бардошта аз паси ӯ равона шуд.

Дар даҳлез одам, аллакай, бисёр шуда буд. Нобиноён, чашмдардҳо, ҳар кадом назди дари духтури худ, навбат гирифтаанд.

Бахтиёр аз нигоҳ сӯи беморони онҷоӣ андеша дошт: наход як вақт писарчаи ӯ ҳам мисли онҳо, дар даст асо, палмосида мегашта бошад?..

Ӯ бо писарча ба ҳузури профессоре даромад, ки дар либоси сап-сафед, дар пешонияш асбоби айнакмонанде медурахшид.

Аз чӣ буд, ки пояш ларзид: «Ин ҷо охирин умедгоҳаш аст… Эй Худо, навмед магардон!» – аз дил мегузаронд ӯ. – Дигар пайи духтуре намеравам... Ба тақдир тан медиҳам! Ин ҳам қатори нобиноён-дия! Чашми сараш агар набинад, чашми дилаш рӯшан мемондагист?... Чӣ фикри даҳшатборе!» – сарзаниш мекард ӯ худро.

– Чӣ гап? – пурсид профессор бо овози форам.

– Писарчаро овардам, – ӯро оҳиста ба ҷои нишон додаи ҳамшираи тиббӣ хобонд.

– Хоб аст? – профессор рӯяшро кушода нигоҳ кард – Чӣ шикояте дорем?

– Чашми писарча пас аз тасодум, – овози падар дар гулӯяш монд…

Баъд ба пурсиши профессор воқеаи рӯйдодаро қисса кард. Ҳуҷҷат ва «барги дору»-ҳои навиштаи духтурони Тошкентро низ назди ӯ гузошт.

– Ҳмм! Хуб, шумо дар даҳлез мунтазир бошед, – гуфта худ ба ҳамшираи шафқат ишора кард, ки писарчаро ба муоинагоҳ гузаронад.

Профессор писарчаро хуб муоина кард. Даст, по, сар, қувваи шунавоӣ, овоз ва вазъи чашм кушода натавонистани ӯро бо дасту чашму эҳсоси ботинӣ хуб озмуд. Чанде аз духтурони ҳамкорашро даъват кард. Навиштаҷоти духтурони деҳот ва Тошкентро таҷдиди назар кард. Доруҳои пешниҳодкардаашонро муфид донист. Пайваста оид ба ғамхорӣ ва мақсади падараш фикр мекард: намехоҳад, ки писараш нобино шуда бимонад, илоҷе карда ӯро наҷот бояд дод!...

Писарча бедор буд, дасту по мезад, гоҳ-гоҳе ангушти худ ба даҳан гирифта, чалап-чалап мемакид «Гурусна шудӣ?» – наво-

зиш кард профессор ва аз ҳамшира хоҳиш кард, ки ширашро бо шиша ба даҳонаш гузорад. Худ беист аз асбобу ускунаҳо кор мегирифт, ким-чи хел дастурҳою диаграммаҳоро аз назар гузаронд ва ниҳоят, пас аз машварат бо кадоме аз устодонаш гуфт:

– Хуб, падарашро садо кунед.

Писарча овози падарашро шунида безобита шуд, ҳиқ-ҳиқ гирист. Профессор ба ин лаҳза низ бодиққат нигарист ва оҳиста ба Бахтиёр фаҳмонд:

– Бисёр хавотир нашавед. Вазъи кӯдак торафт барқарор мегардад. Муолиҷа фоида кардаст. Додани доруро давом диҳед. Мо доруҳои нав дорем, аз дорухонаи ин ҷо гирифта метавонед...

– Ҳозир ба чашмаш якто чаконед, – фармуд профессор ба ҳамшира.

Писарча бетоқат шуда сахттар гирист.

– Нағз, бигзор бигиряд! – гуфт ӯ.

– Ояндааш чӣ мешавад, устод? – гуфт ниҳоят тоқати падар тоқ шуда...

Профессор медонист, ки падари кӯдак ҳатман ин суолро ба забон меорад.

– Диёрбек хоҳад дид! – гуфт ӯ, – зуд не, баъд аз ҳашт моҳ ё як сол чашмаш кушода мешавад...

– Худоё ! Аз ростӣ? – ба ҳаяҷон омад Бахтиёр. – Ман ҳамин гапро аз забони духтур шунидан мехостам. Ташаккур ба Шумо… Ин некии шуморо чӣ гуна гардондан мумкин? – гуфта аз ҷайбаш ҳамон занҷираи тиллоиро рӯйи даст гирифт ва бо эҳтиром ба профессор тақдим намуд.

– Ҳамин тӯҳфаи маро қабул фармоед... Аз зиёфат қарздорам!..

– Шумо чӣ мегӯед? – Профессор занҷираро бодиққат муоина кард. – Чизи нодир... Лекин вай ба худатон насиб кунад. Агар ба ивази муоинаи чашм ин гуна подош гирем, кайҳо миллионер мешудем, – хушрӯ хандид ӯ ва занҷираи нимметриро баргардонд.

– Ман, аз сидқи дил, устод.

– Мефаҳмам. Чашми писарча, ки во шуд, албатта, ба мардум зиёфат медиҳед. Агар моро ҳам даъват намоед, албатта, меравем.

– Иншоллоҳ!

– Ба шумо роҳи сафед !

Бахтиёр ҳайрону борхалта дар китф писарчаро бардошта аз дар баромад.

Вай бо чашмони ашкбор чашму рӯю ҷабини писарчаро бӯсаборон мекард. Атрофиён чашм аз ӯ намеканданд.

Бале, ҳамин тавр анҷом гирифта буд он сарсониҳои падари ғамхор.

* * *

Бахтиёр баъдтар қисса кардааст, ки ҳамон рӯз ӯ андаке хизматонаи духтуронро пардохта, мебарояд. Баъд аз расидан ба хона эҳсос мекунад, ки ақаллан ному нишонаи професорро напурсидааст. Эҳ калла, калла!..

Ба қарибӣ – охирҳои моҳи август, Бахтиёр, ки бо «КАМаз»-ҳо тарафи Қазоқистон ангур бурд, як субҳ писарчааш Диёрбек аз хоб бедор шуда, чашм ба олам кушуд. Ӯ ҳоло ҳама чизро мебинад ва гӯё «дада, дадаҷон шумо куҷоед?» – мегуфта бошад, ба атроф менигарад, – бо хушнудӣ мегуфт тағояш Рӯзибой. – Гапи профессори мӯҳтарам аз Тоҷикистон рост баромад. Расо пас аз як сол чашми ҷиян во шуд!..

Ҳамон рӯз ӯро назди модараш Саодат бурдаанд. Ҳамаи гапро ба ӯ, ки ҳоло боз чанд вақт зери гаҷ мехобад, қисса кардаанд...

– Аммо падараш ҳанӯз бехабар... Вай, ки аз сафар баргашт, ҳатман Душанбе меравад, ба профессор миннатдорӣ изҳор мекунад, ба зиёфат даъват менамояд, – гуфт Рӯзибой Малолиев.

– Танҳо бо як шарт, – илова намудам ба гапи собиқ ҳамсоям.

– Чӣ шарт? – гуфт ӯ бо чеҳраи хандон.

– Агар сарҳадҳоямонро кушоянду рафтуо озодона гардад, – гуфтам.

– Кошки, – гуфт ӯ бо таҳайюр.

– Мо бо чойхонадор – ака Ҷаббори тануманд, ки дунё ба парвояш намеомад, ҳамон ҷо хайрухӯш кардем.

*Сентябр, 2006.*
*Деҳнав – Душанбе.*

# ТУНДУР ЧӮПОН ВА ЧОРИ КАПИТАН

*(Қисса)*

=**1**=

– Ассалому алайкум, ҳоҷӣ бобо!

– Ваълейкум ассалом.

– Зиёрат қабул?

– Иншоаллоҳ, мурод ҳосил! – дасти адаб пеши бар гирифт Тундур сарчӯпон, ки аз ҳаҷ баргашта буду меҳмон қабул мекард.

Даста-даста меҳмонон – хешонаш аз Тирмиз, Сариосиё, Деҳнав, Узун, шаҳру навоҳии ҳамсарҳад–Регару Турсунзода, Шаҳринаву Ҳисори зарнисор ва Душанбеи зебо ба зиёраташ меомаданд. Тағою ҷиян Ҳумоидини Шароф (аз Тирмиз), холлниёзовҳо (аз Душанбе) омаданд, ки соҳиби мансабанду эътибори хосса байни мардум доранд.

Дар ин рӯзи сарду пурбарфи зимистон меҳмонхонаи он сарчӯпони номдор пури меҳмон шуд. Онҳо гирди дастархони пурнозу неъмат нишаста, даст ба дуо бардоштанд. Бо қабул гардидани ҳаҷаш ӯро муборакбод намуданд. Як қултӣ аз «Оби Замзам»-и овардааш нӯши ҷон карда, сипас даст ба ғизо бурданд. Шукрона ба ҷо оварда, дар ҳаққи давлату роҳбарони хирадманд, ки барои мардум сабукиҳо дода, ғамхориҳо зоҳир мекунанд, сидқан миннатдорӣ иброз доштанд.

Дар қабули меҳмонон ҳоҷӣ Тундур танҳо набуд. Дӯстонаш, ҳамсояҳои меҳрубон аз деҳаҳои атроф (Чароғон, Исоқӣ, Сари Ҷӯй, Нелу, Хуфар ва Кенггузар) омада, баъзеҳошон дергоҳ нишаста, аз гуна-гуна сӯҳбати инсонҳои наҷиб завқ мебурданд. Ҳазлу мутоиба ба авҷаш мерасид. Шӯхиро собиқ муовини Комиҷроияи вилоят Ҳумоидини Шароф шурӯъ кард.

Гап дар ин ки ҳамон нимрӯзӣ, аз дарвозаи ҳоҷӣ бобо (ҳоло қариб ҳама ӯро ин тавр ном мегиранд) ду шахси солҳо боз бо ӯ ногапу қаҳрию «рақиб» низ ворид шуданд. Яке Амон саркор ном дошту дигаре Чорӣ капитан.

– Аз Оби Замзам барои мо ҳам мондед ё ки тамом шуд? – пурсид Чорӣ капитан баъди даст ба дуо бардоштан.

– Ҳаст-ҳаст. Ҳақи шумо алоҳида, – ҳоҷӣ бобо ба ҷавоне, ки таги дар истода меҳмон қабул мекард, ишора намуд, то Оби Замзам оварад.

– Ман дар сафар будам, – гуфт Чорӣ капитан суп-сурх тафсида. – Шунидам, ки сиҳату саломат аз ҳаҷ омадаед, ҳамроҳи саркор барои муборакбодӣ шитофтем!..

– Хуб кардед. Хуш омадед. Қадамҳотон болои дида, – таъзим ба ҷо овард ҳоҷӣ Тундур ва худ аз кӯзачаи наппанав, қул-қул Оби Замзам рехта, ба ҳардуи онҳо ва баъд ба дигарон дароз кардан гирифт...

Чорӣ капитан, то пиёларо ба лаб бурдани Амон саркор сабр кард ва баъд як қулт гирифту гуфт:

– Бай-бай! Аҷаб оби ширин-а? Мисли чӣ гӯям? – ба андеша рафт ӯ.

– ... Мисли обҳои чашмасорони Дараи Ниҳон гӯед, – ҳозирҷавобӣ намуд устод Ҳумоидин, – обҳои рӯдҳои шӯхи Хонҷиза, Монҷиза, Сангардаку Маланди худамон аз он монданӣ надоранд. Лекин Оби Замзам табаррукист! –илова намуд ӯ.

Ҳама хушҳол шуданд.

Номи мавзею чарогоҳҳои тобистониро ба забон гирифтани устод Ҳумоидин бегап набуд. Ҳамаи воқеаҳои аҷоибу ғароиб, ки боиси ҳазлу мутоиба, боиси аз вазифа сабукдӯш шудану солҳо бо ҳам, чун рақибони безарару ҳазлкаш гап назадани ин се тан инсонҳои шариф гардида буд, бевосита бо ҳамон манзилҳо вобастагӣ доштанд.

– Иншоаллоҳ, соли оянда, банда ҳам ҳаҷ рафтанӣ, – гуфт дар омади гап Амон саркор.

– Акаи капитан ҳам мерафтагистанд? – суол кард яке аз меҳмонҳо.

– Э-ҳа-а, – гуфт Муҳидинхон – бародари устод Ҳумоидин, – Чорӣ акаатон се-чор сол пеш, бо ёрию меҳрубонии писарашон Эркинхон рафта омаданд.

– Мо бехабар будаем-дия! – хиҷолат шуд меҳмон.

– Рафта омадем, бародар, – гуфт Чорӣ капитан. – Ба «шайтони лаим» мо ҳам расо сангандозӣ кардаем!..

– Аз гуноҳҳо фориғ шудам, гӯед? – луқма андохт саркор. – «Поко Парвардигоро! Гуноҳҳои маро бубахш!» гӯед мешавад, охир?

– Бале, – сар ҷунбонд ҳоҷӣ бобо, – Худо гуноҳҳои «капитан»-ро бахшида бошад, иншоаллоҳ «гуноҳ»-ҳои шуморо ҳам мебахшад, саркор. Зеро вай «Беҳад меҳрубон ва ниҳоят бахшоянда аст».

Ҳозирин, воқеан ҳам завқ мебурданд аз ин хушгӯиҳо.

– Ҳо-о, – гуфт шоири ҳазлкаш Сулаймони Нелӯӣ, – ҳоло ҳам он воқеаро аз хотир набароварда будед-дия?

– Кадом воқеаро? – худро ба нодонӣ зад Муҳидинхон.

– Худ медонеду ба нодонӣ мезанед-а? – мад кашид шоир.

Меҳмонон бо чеҳраҳои хандон ба ҳамдигар нигаристаю ҳар кадом лаб ғунча карда, ким-чӣ гуфтан мехостанд. Аммо одобро дар ҳузури ҳоҷиҳои мӯҳтарам риоя менамуданд.

– Э монед-е, – эътироз кард Амон саркор. – Коҳи кӯҳнаро бод кардан чӣ даркор?

– Дуруст. Худо касро ба рӯзҳои нек расонад, – хулоса кард Чорӣ капитан. – Бо табъи хуш механдӣ, чақ-чақ мекунӣ. Саргузаштҳои аҷоибу ғароиб мешунавӣ. Гап ин – дия! Кайф!..

– Худатон гап занед, акаи саркор, – хоҳиш кард Сулаймони шоир. – Он воқеаҳоро, дар ин атроф касе аз шумо хубтар намедонад.

– Бале, дуруст! – гуфтанд дигарон. – Гап занед, мо ҳам шунавем!..

Он воқеаҳои тезу тунд, ҷанҷол, гапгузаронию талошҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, вақти дидани саркору акаи Тундур ва Чорӣ капитан, натанҳо калонсолон, ҳатто бачаҳои мактабӣ бо табассуми ширин аз наздашон мегузаштанд.

**=2=**

Он қиссаҳоро мо, сабткунандаи ин сатрҳо низ, борҳо шунидаю завқ бурдаем. Ва нияте ҳам доштем, ки як рӯз не – як рӯз, онҳоро рӯи қоғаз овардан муяссар мешудагист.

Хоҳу нохоҳ гапро аз ҳоҷӣ – даҳмарда бояд сар кард, яъне аз ҳоҷӣ Тундур.

Он вақт (замони Шӯроҳои Бузург) касе гумон надошт, ки як чӯпони дашту ҳомун, даҳмардаи кӯҳу дараҳои махуф, рӯзе ҳаҷ мераваду ин қадар мардум аз рӯи эҳтирому эътиқод, дидорбинӣ меоянд ба наздаш.

Ба ӯ бодиққат менигаристанд меҳмонон. Сару либоси сапсафеди сӯфиёна ба ҳоҷӣ, ки марди кулӯтариши қавиҳайкал, чашмонаш гӯсфандӣ, нигоҳҳояш уқобвор, вазнин қадам монданҳояш ба паҳлавонон монанд буд, басо мезебид. Бо таъбири Сулаймони шоир, ин даҳмардаи зираку хушёр ҳар чутӯ одамро ҳам лаби дарё ташна бурдаву ташна меовард. Ҷавонмарди саркашу боғуруре буд. Номаш низ ба худаш мувофиқ – Тундур!..

Дар як шаби тӯфонии чарогоҳҳои атрофи Дараи Ниҳон таваллуд ёфта, дар ҳамон муҳити ҷонсӯз ба воя расида будаст.

Мо он вақт ӯро хуб намешинохтем. Дар ҳаққаш ҳар чӣ мегуфтанд. Аммо то одамро аз наздик набинӣ, аз дилу нияташ огоҳ нашавӣ, ба гапҳои кӯчабоғӣ набояд бовар кард.

**=3=**

Бори аввал, ки ӯро дида будем, бо шоир Сулаймони Хоҷаназар, зери сояи дарахти ғуттаи сада (дар гармои тобистон) ба обу арақ ғӯтавару гуфтугӯ дошт. Чун уқоби омодаи шикор вай чор сӯ назар карда, ким-чӣ меҷуст. Баъдтар маълум шуд, ки ӯ таксӣ доштанист.

Вақте ки бо «Волга»-и сафеди нав наздаш рафтем, вай ҳайрон шуд, саломалейк ҳам накард.

– Шинохта гиред, хабарнигори рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» (Тошкент), – гуфта Сулаймон шоир маро муаррифӣ намуд.

Дар чеҳраи офтобхӯрдаи чӯпон хушҳолӣ давид. Даст сари дил ниҳоду бо лафзи ширин:

– Рафтем, ҳамагӣ хонаи мо... Меҳмон мешавед, – гуфт ва илова намуд: – ҳамин ҳоло аз чархбол фуромадам, аз Шотӯруд омадам, узр!..

– Хуш омадед, меҳмон, – гуфт ба ҳозирҷавобӣ Сулаймон шоир, – водӣ пешкаш!

– Соз-соз гап зан, Сулаймон!– хандид ӯ.–Одам ин соз гап намезанад!..

– Чӣ соз гап мезадаст?–ӯ дасти чӯпонро гирифта фишурд.

– Эҳ! На-ме-то-нӣ! Ана ин хел мефишоранд, – дастони сермӯи Сулаймонро сахт тоб дод сарчӯпон.

– Э, шуд-шуд, боз дастамро нашиканед? Чӯту қалам мегирам ба даст? – хандид шоир дандон нишон дода.

– Сулаймон, таксӣ қап! Гуфтам-ку, хона меравем, – такрор намуд сарчӯпон Тундур.

Он солҳо «Волга»-таксиҳои зардфом баромада буд, ки ронандагонаш пеши ҳар кас таваққуф намекарданд.

Ду-се таксирон нигоҳе накарда гузашт. Сарчӯпон дашноми дастабиринҷиро арзонӣ дошт, ки аз табъи саркаши ӯ дарак медод.

– Таксӣ чӣ даркор! Мошини муаллимро чӣ шудаст?–ишора кард Сулаймони шоир.

– Меҳмонро ташвиш диҳем? – ба шоир нигарист сарчӯпон.

– Э не, чӣ ташвиш? – дарҳои «Волга»-ро воз кардем дукаса.

Сарчӯпон тӯрхалтаҳои пури сабзию пиёз, помидору бодиринг, тарбузу харбузаи аз бозор харидаашро ба бордон гузошт. Худашу Сулаймон ва шиносаш Нормурод Парда дар курсиҳои пешу пас нишастанд.

– Ҳай кунед! – амр дод ӯ, – хонаи чӯпонро ҳам бинетон.

– Хонаи чӯпон, ба ҳар ҳол, мисли хонаи муллою милиса не, – шӯхӣ кард Сулаймон! – Яке мулло касеро ба хонааш даъват намекунад, дигаре милиса, – худ баланд хандид.

– Рост. Онҳо ба ин вақт надоранд. Ҳамеша дар «хизмат», сари кору бор, – гуфт сарчӯпон.–Ҳоли чӯпон ҳам ҳамин-дия! Доим пас-паси рама, дар чӯлу саҳро мегардад...

Ҳавлии вай дар байни маҳаллаи Исоқӣ ва Чароғон, – дуртар аз Сари Ҷӯйи қадимии ҳокимнишини даромадгоҳи Дараи Ниҳон воқеъ будаст. Деҳкадаи навбунёд, кӯчаҳои васеяш пури баччаю качча. Эҳтиёт шуда, мошин рондан лозим…

Ниҳоят, назди дарвозаи оҳанине таваққуф кардем.

– Пеш даро, Сулаймон! Ту чӣ хел меҳмон? Гарангӣ магар? – ҳазл мекард сарчӯпон бо ӯ.

Сулаймон шоир дандонҳои аз таъсири нос зардшудаашро нишон дода, лабханд кард.

– Ба хонаи салқин дароетон! – гуфт соҳибхона – акаи Тундур.

– Ҳоло вақти хонашинист, оё? – эътироз кард Сулаймон. – Дар ин гармо сояи таги дарахт хуб не? – тукмаи куртаи беостинашро воз намуд.

– Не! – гуфт сарчӯпон. – Пашша бисёр, туро геранг мекунад, шоир!..

…Меҳмонхона воқеан ҳам салқин буд, пашша ҳам надошт. Дар як бурҷи болору шифт хоначаи хушрӯи фароштурук буд, ки бачаҳояшро парронча карда, ба сафари мамлакатҳои дур омода менамуд ва ҳар замон даробуро карда, аз одамони «бегона» хавотир мешуд… Рӯи тахтафарши хона ду қабат қолин. Болои он кӯрпачаҳои тозаи серпахта густурдагӣ. Дар девор қолинҳои рангбаранг. Болотар аз он сӯзаниҳо, суратҳои кашидадӯзӣ шудаи духтаракон, ки бо гулҳои сафеду сурху зарду гулобӣ, чашми касро мебурданд… Сандуқу тахтмонҳо пури кӯрпаю болиштҳои гулдӯзӣ…

– Инҳо ҳунари дасти янгаю сунҳорҳо (келинҳо)-дия? – луқма партоф Сулаймони шоир.

– Бале, – гуфт сарчӯпон, ки ба по истода ба ҳар кадоме аз фарзандон ва хонумаш супориш медод, – бечора янгаат, имсол ҷарроҳии сахт аз сар гузаронд: духтурҳо ними талхаашро бури-данд, санг доштааст! Хайрият, ки дар бахти ману «чӯҷаҳо»-яш зинда монд!..

– Фарзанд чандто? – пурсидем мо.

– Шукр, ҳаштто! Се писар, панҷ духтар. Писари калонӣ – Чӯпонгул – ронанда. Муҳаммадӣ ва Абдураҳмон касби худама давом медиҳанд, – бо ангушт ишора кард чӯпон. Ҳоло дар чарогоҳҳои тобистонии Шотурӯду Киштӯт, ки то таги музофоти Панҷакент рафта мерасад.

– Читур ба онҳо бовар карда, рамаи калонро монда омадед? – боз ҳам кунҷковӣ кард Сулаймони шоир.

– Ҷавонанд … лекин бовар кардан мумкин!.. Худашон гуф-танд, ки «равед, додо, аз ҳоли очаам хабар гиред. Бо таъминоти хона машғул шавед!..». Лекин Абдураҳмон – писарам бо ҳушкашолии дигаре маро инбар фиристод: завҷааш маҳурӯз аст… Ман, ки онбар рафтам, худаш инбар меояд.

Ин гап дар забонаш буд, ки кадоме аз таги дарвоза садо кард:

– Тағоӣ! Ҳой, тағои Тундур!

– Ҳа-а, чӣ гап? Бидаро! – аз тиреза сар баровард тағои Тун-дураш...

– Шодиёна диҳед, тағоӣ! – гуфт писарак. – Янгаам писар та-валлуд кардаст… Бо телефон аз маркази ноҳия хабар доданд.

Сарчӯпон тозон рафту шодиёнаи ӯро дод, пул дод, аз харбузаҳои овардааш бидод…

– Муборак – муборак! – мегуфтем мо меҳмонон низ аз «хушқадамӣ»-и худ шод шуда.

Акаи Тундур ҷӯрааш Нормуродро берун хост.

– Ин ҷо биё, дӯстам! Бекор нашин! Ана ин пиёзу помидору бодиринг! Газаки хушрӯ тайёр мекунӣ! Дар кӯза ях барин об ҳаст? Чолоб ҳам лозим! Сӯхтем-ку дар ин гармӣ?– гӯён худ тар-афи чанде бузу гӯсфанд, ки сар ба сар ниҳода, дар сояи ғафси дарахти азими чормағз мехобиданд, рафт. – Кадоми инҳоро сар занем?

– Ба онҳо кордор нашавед! – эътироз кард хонумаш. – Серкаи калон дар оғил!.. Кирои мол куштану гӯшт хӯрдан!..

– Маъқул! – гуфт ӯ ва гашта назди Нормурод омад: – Газак тайёр шуд?.. Хуб, дар оғил серкаи зард ҳаст. Ҳалолакак карда бикуш, ошно! Фаҳмидӣ?

– Фаҳмо!..

Ӯ пас аз додани супоришҳо ҳам назди меҳмонон даромада нанишаст. Худаш он ҷою хаёлаш, ки дар дашт мегашт: якка худаш ҳукмрон! Сари гӯсфандро гӯё ба марғзорони сералаф мегардонид. Гӯё аз дур ба рӯбоҳҳои бозингар, ки алафро поймол мекарданд, бо гургу шағолон, ки гӯё азми ба рама ҳамла кардан доранд, бо тиру камон ва таёқи калладори чӯпонӣ таҳдид менамуд, зарбаҳои марговар задан мехост…

– Худ инҷову ҳушу ёдатон ба кӯҳу дара, ба гӯсфандон-а? – хандид Сулаймони шоир.

– Чӣ кунам, бародар? – гӯён ниҳоят пушти дари кандакорӣ мӯзаи латтагинашро кашиду пойлуч тарафи ҳавлии дарун рафта, шустушӯ карда омад. Худаш дастархони калони шолро аз дасти хонумаш гирифта густурд. Паси ҳам ҷӯра-ҷӯра нони гарми аз танӯр кандагӣ, табақ-табақ қайлаи рӯғанаш об кардагӣ, коса-коса чолоби гашничу райҳондор, тақсимчаҳои газак, шишаҳои обу шароб рӯи дастархон фуромаданд…

– Имрӯзҳо, – гуфт ӯ. – Дар кӯҳистон як хатар ҳаст – фуромадани сангу харсанг!..

Вай бо ҳаяҷон қисса кард, ки дар ҳамин қарибӣ аз як парраи кӯҳ санги азиме кафидаю канда шуда, дар як дам, сари роҳаш чанд гӯсфандро маҷақ карда гузашт.

– Худо нигаҳ дорад аз чунин хатарҳои ногаҳонӣ, – гуфт шоир.

– Ин саҳар, дар кӯҳистон, гапам бо ронандаи чархбол гурехт, – аз коса чолоб дам кашид сарчӯпон. – Дидаю дониста чархболро па-а-а-ст карда, аз болои рама гузашт. «Ҳа-а, бахайр! – гуфтам. – Намедонӣ, ки рама аз ғурриши чархбол қади аҷал метарсад? Хӯс хӯрда, худро ба ҷарӣ ё ба дарё заданаш мумкин?!»… Бефаҳм, механдад!..

– Ҳеҷ чиз нагуфт? – боз кунҷковӣ кард Сулаймони шоир.

– Чӣ ҳам мегуфт? Оҳиста ронад-дия, – аз рӯи тасаввури худ посух дод ӯ.

Мо аз гапҳояш завқ мебурдем. Худаш ҷиддӣ буд. Ақаллан, табассум намекард. Абрувони ғафсаш гирифтагӣ. Чашмони мешиаш бозӣ доштанд. Сулаймони шоир аз шӯхию суолдиҳӣ намемонд.

– Акаи Тундур, – гуфт ӯ, – ҳамаашро як сӯ монеду ба мо аз бархӯрд бо саркори ғалла ва Чорӣ капитанро ба чӯпон табдил доданатон гап занед, илтимос-дия…

– Э мон-е, Сулаймон, – ӯ лабханд кард. – Худ медонӣ, ки аз ҳардуи онҳо ҳам безорам!.. Ба хонаи занбӯр чӯб мехалонӣ-а?

Айни ҳамин ҳолати ӯро дар кӯҳистон Амон – саркори ғаллаю дар маркази ноҳия Чорӣ капитан аз сар мегузарондаанд. Яъне, ҳар сеяшон якдигарро чашми дидан надоштаанд!.. Саркори ғаллаи кӯҳистон – акаи Амон ҳам соҳиби обрӯ-эътибор будааст. Вагарна, кӣ ӯро саркори он миқдор замину одам таъин мекард? Чорӣ капитан бошад, як одами хушгап, зудбовар, раҳмдил ва шӯху дилоро будааст. Ҳангоми адои вазифа ҷиддият ва сахтгирӣ ҳам доштааст. Соҳиби фарзандони хуб буда, як писараш факултаи ҳуқуқро хатм намуда, ба мансаб ноил шудааст.

=4=

Қисса карданд, ки бархӯрди чӯпон аввал бо капитан не, бо саркори ғаллаи кӯҳистон сурат гирифтааст. Он вақт акаи Тундур ҳам хеле ҷавон буда, гапи номақбул ё дашноми қабеҳро тоқати шунидан надоштааст. Мисли ҳар як тоҷики бовиқор хунаш дар ҷӯш меомадааст.

Гап дар ин ки аз хусуси чарогоҳҳо, байни даҳмардаҳои як хоҷагӣ хусумат сар мезанад. Асли мақсад тоза нигоҳ доштани зоти беҳтарин навъи гӯсфанди ҳисорӣ буда, онҳо он зотро ҳазор сол боз дар атрофи Дараи Ниҳон бахусус Хуфару Нелӯ хуб парвариш карда меомадаанд. Аҷдодони Бобоёри Муҳаммад аз аввалин ташкилдиҳандагони заводи гӯсфанд (дар Дашти Ноф) будаанд. Қариб ҳар сол зимистонро дар ҳамон ҷо мегузарондаанд. Худо гӯё мавзеи Дашти Нофро махсус барои парвариши ин навъ гӯсфанд, ки вазни зиндааш то 200-250 кило мерасид, офаридааст. Як қӯчқорбони онҷоӣ – Кӯчарбой, ки аҷаб не аз аҷдодони Азимбойи дар «Дохунда»-и устод Айнӣ тасвиршудагӣ бошанд, соле дувоздаҳ моҳ ҳазор қӯчқор нигоҳ медоштаст. Барои гирифтани насли тозаи он аз Фархори Хатлонзамин, аз Бандихону Кофируни мулки Бойсун, аз Косону Баҳористони Қашқадарё омада кӯчқори зотӣ мебурдаанд. Ҷойи онҳоро боз аз насли ҳамасолааш пур мекардаанд.

Ин гуна инсонҳо кам ёфт мешаванд. Ва беҳтарин зоти гӯсфандон дар собиқ қаламрави Аморати Бухоро, бахусус дар тумани Бухоро, атрофи Қаршӣ, хоки Сурхон, Фархор ва Шаҳритӯсу Қубодиён нигоҳ дошта мешудаанд.

Сухан ба дарозо кашад ҳам, овардани далелеро зарур донистем, ки агар беҳтарин зоти гӯсфандони ҳисорӣ дар ин ҷойҳо бошад, беҳтарин зоти гӯсфандони Қарокӯлӣ ва Сури тиллоранг дар Оққарчиғай ном мавзеи Бойсун ҷой доштааст. Гӯсфанди Сур

мисли абрешим пашми ҷингилак дошта, ҳар кадомаш ба хироҷи як мамлакат меарзидааст. Вай шонздаҳ навъ доштааст. Сури тиллоранг – аз таъсири неки офтоб дар раҳми очагӯсфанд пайдо мешудааст. Сури нуқрафом, (агар гӯсфанд шаб бача зояд) дар торикӣ ҳам ҷило медодааст. Барраҳои пӯсташон дудандуд, ба ранги зари сафед (платина), каҳрабоӣ, биринҷӣ, бунафши сабз (ранги обӣ) – ҳар кадом назокату зебоии худро доштаанд. Ранги махсус дорад пӯсти баррае, ки дар сатҳи пӯст як ҷои сафед (ё чанд тори мӯйи сафед) дорад. Онро Гули Қоз меномидаанд, ки дигар саропо ҷигарранг ва ё халилист. Ранги зард низ мешудааст. Вале пӯсти «Садбарги Сиёҳ» шӯҳрати беандоза доштааст.

Дар хоки Сурхон офтоб дар тобистон, қариб ки тори сари инсон қарор мегирад. Он лаҳза, ҳатто сояи одам гум мешавад. Гармӣ он лаҳза ҳама чизро месӯзонад. Ба он гармӣ мегӯянд, ки танҳо «Садбарги Сиёҳ» тоб оварда метавонаду бас. Чӣ гуна будааст он «Садбарги Сиёҳ»? – мепурсед шумо.

Қадимиён онро чун маҳри зеботарин духтари подшоҳи олам медонистаанд. Дар ин хусус дар мулки Бойсун ривояте ҳаст.

Ба ин мулку диёр лашкаркашҳои аҷнабӣ бисёр ҳуҷум меовардаанд. Боре байни муборизони мардумӣ ҷӯпонписаре бо душман сахт ҷанг мекунад. Инро дида Заррагул ном духтари моҳталъати боғбони шоҳ ба ҷӯпонписар дил мебандад. Падари духтар аз ин хабар ёфта, аз ҷӯпони далер суол мекунад:

– Ту мехоҳӣ Заррагулро ба хиргоҳи худ бубарӣ, ки ягона нури чашми ман аст? Аммо, одати мардуми мо ин аст, ки маҳр (қалин) мепурсанд. Ба маҳри Заррагул ту чӣ медиҳӣ?

– Ҳар чӣ, бихоҳед,– мегӯяд ҷӯпонписар.

– Беақл, – мегӯяд дар ҷавоб боғбони шоҳ.–Оё ту он чи ки ман меҷӯям, пайдо мекунӣ? Умре ҷустам, то «Садбарги Сиёҳ»-ро ба даст орам. Лек натавонистам.

– Пас аз шаш моҳ барои шумо «Садбарги Сиёҳ» меоварам, – ваъда дод ҷӯпонписар.

Охирҳои моҳи шашум вай назди боғбони шоҳ омад. Пеши боғбони ҳайратзада пӯстҳои хушранги барраҳоро паҳн кард. Онҳо гулҳои ҳайратангезе доштанд. Боғбон пӯстҳои дорои гули «Садбарги Сиёҳ»-ро дида хушнуду фараҳманд гардид.

Ин чизро танҳо даҳмардаи далеру шуҷоъ ва пуртаҷриба медонистааст. Ва он ба зот вобаста будаасту баъзан ба гиёҳҳо. Яъне таҳти таъсири офтоб мерӯидаанд. «Алафи паттазор пашми барраро ҷингила месохтааст. Партави моҳу офтоб онро ҷило ме-

бахшидааст, пӯстро парниёносо (абрешимниё) мегардондааст. Обу хоку нури Офтоб будаанд, ки ба ҳусни пӯсти барра ҳусн зам мекардаанд».

Ва боз мегӯянд, ки гирифтани чунин пӯст ба чӯпонҳое муяссар мешавад, ки дар атрофи қаторкӯҳҳои Ҳисори Шодмону Тешуктош ва Нурато бо рамаи худ роҳи дуру дароз тай карда бошанд.

Қаҳрамони мо Тундур ҳоҷӣ яке аз ҳамин гуна даҳмардаҳои кӯҳу ҳомун аст, ки зоти гӯсфанди ҳисорӣ мебонид. Дар бораи гирифтани зоти Сури тиллоранг умре орзу мекард. Дар сари одамони бузург – шоҳон, ҷанролҳо медидаанд одамон ва аз ӯ хоҳиш мекардаанд, ки чунин пӯсти қиматбаҳоро пайдо намояд, барояшон. Лек, ҳайҳот!..

Ҳамон солҳо беҳтарин чарогоҳҳои тобистонӣ дар доманаҳои он қаторкӯҳ барои сарчӯпон – акаи Тундур ҷудо шуда буд…

Чорводорону ғаллакорони он кӯҳпора ҳам мӯъҷизаҳо меофариданд. Асрҳо боз падарони онон аз кӯҳ аввали моҳи май ба водӣ (Тирмиз) фуромада, тухмии ҷаву гандуми нав меоварданд, ки он ҷо зуд пухта мерасид. Ҷаву гандуми навро дар кӯҳистон (пас аз об шудани барф) кишт карда, дар миёнаҳои тирамоҳ медаравидаанд.

Ин вақт рамаи гӯсфанд бордор шуда аз кӯх ба водӣ мефуромад. Онро эҳтиёт карда, оҳиста ва беозор ронда меовардаанд...

Рӯзе тасодуфан чанд гӯсфанд аз рамаи Тундур чӯпон ба ғаллазори ҳанӯз нодаравидаи Амон саркор медарояд ва ба саракҳои нимдумбул даҳон мезанад. Акаи Тундур ва сагаш Аёс то хабар меёбанд, ки саркор гавронеро (чӯби зарангро) бардошта медавад ва онро дар бадани мешҳои бордор майда-майда месозад!..

– Ҳӯ бародар, – мегӯяд дав-давон омада сарчӯпон. – Гӯсфандро назан! Хуб, чашми маро хато карда ба ҷавзорат даромадаст. Гардону мон! Задан чӣ даркор? Охир, гӯсфандон бордоранд. Худ медонӣ, ки гӯсфанд аз ҷаннат баромадагӣ!..

– Аввал ин ки ин киштзор ҷав не, гандум аст! – овозашро сар медиҳад саркор. – Гандум ҳам аз ҷаннат баромадааст. Намегузорам, ки як сараки он беҷо шавад!..

– Дуруст мекунӣ! Лекин, гӯсфандро барои чор бутта хӯрдан ё нахӯрданаш, зада маъюб кардан ҳам аз рӯи инсоф не! Гандум аз хоҷагист, гӯсфанд ҳам аз ҳамон хоҷагӣ, додар! Ин корат хуб не! Медонӣ, нархи яктои ин гӯсфанд чанд аст?!

– Медонам! Барои гандума хӯрданаш мезанам! Боз мезанам! – бо ҷаҳл аз марза сангу кулӯх бардошта, тарафи рама ғуррондан мегирад саркор.

– Назан!.. Ҳой! Шайтонӣ накун! – мегӯяд наздиктар рафта сарчӯпон. – Маро бизан, лекин ба гӯсфанд нарас! – сар хам мекунад ӯ.

– Ме-за-нам! – бо сад мақом гӯё арғушт меравад сабукборона саркор.

– Заданро акнун ман ба ту нишон медиҳам!–сарчӯпон – Тундури ҷавон саркорро маҳкам дошта, ба тори сар мебардорад ва даруни ғаллазораш мепартояд! – Кор ана ин хел шудаст!.. Фаҳмидӣ? – мегӯяд сари марза рост истода.

– Вой мурдам-е! Муштзӯр ҳам ғалларо ба молаш мехӯрондасту ҳам маро дошта мезадаст-е! – саркори ҷавон аз ҷаҳл гандумзорро худ поймол месозад. Баъд хату чак кардаю бурда ба шӯъбаи корҳои дохилӣ месупорад.

– Ин қадар муҳобот чӣ лозим! Ҳеҷ гап набудаст! Аз даъвоят бигузар! Ту худ низ беинсофӣ кардаӣ! Мо шунидем, – мегӯяд сардори милиса Акрам Шароф.

– Шумо ҳам тарафдори он муштзӯр?! Ман ин корро ҳамин тавр намегузорам! Аз афташ, пешгирӣ карда, ба хонаатон аз он думбакалонҳо фиристодааст-а?! Шумо агар ба доди ман нараСед, додситон (прокурор) ҳаст-ку! Назди Тӯхтасин Қиём меравам, – баланд гап зада, диққати одамонро ба худ кашида кӯча мебарояд саркор.

=5=

Он солҳо чунин арзу шикоят аз тарафи ҳизбиён сахт гирифта мешуд.

Гап ба гӯши котиби ҳизбӣ – Тилло Малолӣ мерасад. Вай ба додситон сим зада мефармояд, ки он чӯпонро зуд оварда, таъзирашро диҳанд. Ҳеҷ мумкин не, ки ҳам ғалларо ба гӯсфанд хӯронаду ҳам саркорро занад!

Сардори милиса ва додситон телефонӣ гуфтугӯ карданд.

– Саркор воҳима мекунад! – гуфт Акрам Шароф. – Аз одами дидагӣ пурсидам. Сарчӯпон – акаи Тундур аввал муомилаи хуб кардаст. Зориву тавалло кардаст, ки гӯсфандро назанад, ӯро бизанад... Не, ӯ гӯш накардаст. Баъд рӯи даст бардошта, даруни киштзораш партофтаст… Назадаст! Ҳардуро рӯ ба рӯ мекунед, масъала соф!..

– Дуруст, – гуфт додситон. – Одам фиристед. Тундурро бо худ оварад.

– Киро фиристам?.. Хуб. Ягон қоғаз имзо карда диҳед! Чорӣ капитанро мефиристам…

– Ха-ра-шӯ! – гуфт Тӯхтасин Қиём.

Акрам Шароф капитанро ба ҳузур хоста нағзакак фаҳмонд. Гуфт, ки «Санксия»-и додситонро, ба ҳар эҳтиёт, бо худ гирад.

– Аспсавор меравед ё бо сечарха? – мепурсад ӯ.

Кормандони милиса он солҳо ғайр аз асп, боз бо «мотосикл» (сечарха) таъмин буданд… Аммо барои кӯҳистон асп беҳтар буд.

=6=

Дӯстонаш ба Тундури сарчӯпон хабар расонда буданд, ки саркор шикоят кардаст. Молаш ба ғаллазор наздик наравад!.. Одам меомадаст!..

– Ман дидаю дониста гӯсфандро ба ғаллазор надаровардаам-ку? – ранҷид сарчӯпон. – Гапи беҳударо як сӯ гузоред! – аз назарбаландии худ намонд ӯ.

Аммо, рӯзе ки замини калони доманакӯҳи Сангардак лағжида (8 июни соли 1985) сари роҳи рӯди тезоби Монҷизаро гирифт, ба деҳа, ба ҳаёти одамон хатари ҷиддӣ таҳдид кард. Ҳамаи калонҳои ноҳия он сӯ рафтанд. Хоҷагӣ «комиссияборон» шуд.

– Аҷаб не, одамони милиса ба сари шумо ҳам биёянд, – гуфт ёвараш Атавло.

Сарчӯпон Тундур ба фикр рафт ва гуфт:

– Ту назди алафдаравҳо рав, ошно! Ду-се рӯз худро ин ҷо нишон нате. Фаҳмидӣ? Агар лозим шавӣ, аммаҷон (аммаи Зебуннисо) хабар мерасонанд. Фардо – рӯзи зимистон ба чорво хӯрок, хасу хошок лозим, на гапу калочаи мардум!.. – гуфт сарчӯпон.

Ёвараш бирафт.

Сарчӯпон Тундур шилшилаи пӯпак, ғилофи корд дар камару туфанги шикорӣ дар китф, сари теппаи сабзу хуррам рост истода, ба фашар-фашар алафхӯрии гӯсфандон гӯш медод. Марғзори васеи бағали тал гӯё пури гӯсфанд не, мисли фолизи тарбузу харбуза сиёҳу кабуду сафед метофт. Он ҷо рамаи мешҳои бордоршуда мечариданд. Барраҳояшон кайҳо ҷудо шуда, ба рамаи барраҳои гава (калон) ҳамроҳ шуда буданд. Сарчӯпон эҳтиёт мешуд, ки гӯсфанд дигар ба ғаллазори пухта расида надарояд. Кам монда буд, ки ҷаву гандуми атрофро бидароvarанд. Гӯсафанд паяи онҳоро мелесид. Ана баъд поин мефуромад.

Чоштгоҳӣ саворае аз роҳи калон бероҳа шуда, тарафи рамаи акаи Тундур равона гардид. Вай дар сари баландӣ, мисли ҳайкали азим истода, муоина мекард. Гӯсфанд ҳамоно сар набардошта мечарид. Ҳаво мӯътадил буд. Шамоле аз ҷониби Сангардаксой мевазид.

– А-ё-с! – номи сагашро бо зарб ба забон овард даҳмарда, мабодо ки худро тарафи савора занад. Асп ногаҳон рам хӯрда, савораро афтонданаш мумкин.

Аёс аф-аф мекард.

– Бас! Ин тараф гузар! – дӯғу даранг кард сарчӯпон.

Саг ором гирифт.

Савора наздик шуд.

– Ассалому алайкум, – гӯён сарчӯпон пештар рафт. – Чо-рибой! Шумоед?

– Аз куҷо медонӣ номи маро? – ғайричашмдошт суол кард капитан.

– Чорӣ капитанро дигаре нашиносад ҳам, мо мешиносем, – суст наомад сарчӯпон.

– Монда набошӣ? Гӯсфанд зиёд – ку?

– Саломат бошанд… Касби мо ҳамин – зиёд кардани гӯсфанд, – ба сару либос, туфангча ва сумкаи дар китф овезони капитан чашм дӯхт ва ресмони аспи ӯро гирифта дар шохи дӯлонаи хӯкак баста пурсид: – Кадом шамол парронд?

– Шамоле, ки байни шумо вазидааст. Дигар чӣ шамоле мешуд? –сиёсат кард капитан.

– Хуш омадед! – сарчӯпон ҷомаи сиёҳи худро кашида рӯи сабза густурд. – Бишинед?

– Хуш омадам ё нохуш, – ба сари мақсад омад ӯ, – аҳамият надорад!

– Ин чӣ хел муомила, Чорибой?

– Ҳамон хел, ки худат бо дигарон кардаӣ!.. Чанд бор ба ту «павестка» фиристанд? Чаро ба шӯъбаи милиса ҳозир намешавӣ?!.

– Оҳистатар!.. Кӣ «повуска» фиристод? Кай овард?..

– Кӣ мешуд? Милисаи маҳал!.. Корҳоят ба додситонӣ гузашт, ошно! Аз ҳамин лаҳза ба ҳабс гирифта шудӣ! Ана ин «Иҷозатнома»-и прокурор, – капитан сумкаашро сари зону гирифту варақеро бароварда ба ӯ нишон дод: – шинохтӣ, имзои кӣ?..

– Шинохтам! Ҳо-о, «имзошиносам», – мад кашид ӯ. – Имзои пиркулол…

– Котиби ҳизбӣ фармуд, ки агар худат наравӣ, дастатро баста бубарам!.. Фаҳмидӣ? Чӣ ҳақ дорӣ, ки гандуми давлатро ба чорвои худ хӯронӣ?!. Болои ин, як бечора саркорро «мур!» гуфта задай!.. Аз қонуни давлат натарсидӣ?

– Э, шумо аввал, гапа фаҳмед? Ин аҳмақӣ аз кӣ шуд? Худаш гунаҳкор-у! Боз аз ман шикоят кардаст, ҳе-е номард, нобакор!..

– Вай нобакор ё ту, инро он ҷо ҳал мекунанд.

– Мол моли давлат, гандум ҳам… Ду гӯсфанд чашми маро дур дидаю аз марза гузашта бошад, кӣ гунаҳкор?

– Ту!..

– Хуб…Гуфтем, ки ман гунаҳкор! Халос?

– Куҷо халос?.. Ба маҳбас меравӣ! Худи ҳозир! Фаҳмидӣ?!

– Хестед, ки хобатон!.. Гӯсфандро кӣ нигоҳ медорад?

– Ёвар надорӣ?.. Худи ҳозир ёфта биёр! Ту бо ман меравӣ!

– Ман-а?

– Ҳо-о, ту! Маро беҳуда нафиристодаанд… Ёварат куҷост? Садо кун!..

– Вай бо одамони авул алафдаравӣ рафтагӣ!

– Бирав! Аз таги замин бошад ҳам, пайдо карда биёр! – амр кард Чорӣ капитан ва сари санги тафсоне, ки гирдашро алафу лолахасаки пиршуда фаро гирифта буд, нишаст.

Сарчӯпон каме фикр кард. Сипас ҷомаашро сари китф партофта, маркаби худро савор шуда рафтанӣ шуд...

– Алафдаравҳо дар куҷо?

– Дар соҳили рӯди Монҷизза.

– Ту бо ин маркабат кай рафта меоӣ? Аспи маро савор шав ва зуд баргард! – сиёсат кард Чорӣ капитан.

«Худоя гардам!» – аз дил гузаронд сарчӯпон. Аз ҷон хуштар аспро савор шуд ва бо тавозӯъ гуфт:

– Роҳ гашта омадед, капитан! Гурусна будагистед. Даруни хӯрҷин (болои хар), – ишора кард сарчӯпон, – нон, гӯшти яхнӣ, як каду ҷӯрғот ҳаст. Гирифта таматтӯъ кунед… Ман якбора сару либосамро ҳам дигар карда меоям!.

– Ҳо-о, тайёриатро дида биё!

– Хуб шудаст. Ба Аёс, – сагро нишон дод ӯ. – Як пора нону устухон диҳед, ба шумо зуд одат мекунад. Фақат сахт напартоед, намехӯрад, дилаш нозук, – гуфту сарчӯпон Тундур дар як дам аз назари Чорӣ капитан нопадид шуд. Аёс, ки аз паси соҳибаш то сари ёла рафта буд, бо амри соҳибаш пас гашт ва ҳаллос зада, пеши «меҳмон» омаду сар рӯи ду пояш гузошта хобид. Вай чашмони сурхи хунборашро аз ӯ намекand.

Рама сар набардошта дар бағали тали бузург мечариду мечарид.

=7=

Тундур сарчӯпон рост ба авули худ омад. Аспи мастро ба мехи наздики охури хар баст.

Соҳибаи авул – аммаи худаш, кайвонии иззатманд Зебуннисои пир буд. Вай дар набудани даҳмардаҳо, лозим ояд асо ба даст гирифта, худаш рамаи калонро ба чаро мебурд. Баъд аз сари шавҳараш авулнишин гардида, аз ҳамин ҳисоб нони ҳалол мехӯрд. Барои бонии моли давлат ва чакана, аз соҳибон пул не, барра мегирифт. Дар рама моли шахсии худаш низ кам набуд. Инро калонҳои ноҳия ҳам медонистанд, барои меҳнати ҳалол ҳурматаш мекарданд.

Аммааш аз авзои сарчӯпон пай бурд, ки ҳодисае рух додаст. Чӣ гап? Аз боиси ҳамон дилмонӣ бо саркори ғалла будагист, гуфта фаҳмид ӯ. Медонист, ки як рӯз не як рӯз, он масъала дар деги калон меҷӯшад.

Ҷиянаш тез-тез сару гарданашро об гирифт. Либос иваз намуда, ба сафар тайёр шуд.

– Хотирҷамъист? – пурсид ниҳоят аммаи Зебуннисо.

– Пиркулол (додситон) даъват кардаст, – гуфта ба мӯи барф барин сафеди аммааш нигарист.

– Ба гӯсфанд кӣ нигоҳ мекунад? Ёваратон омад?

– Назди алафдаравҳо фиристода будам. Ба гӯсфанд худи милиса нигоҳ мекунад, – маккорона табассум намуд сарчӯпон Тундур. – Вай одами хуб аст. Ҳатто аспашро дод. Гӯсфандро бегоҳӣ ронда биёяд, меҳмондорӣ кунед… Ман иншоаллоҳ зуд пас мегардам! Чӣ гапу кор гузашт, мардонавор фаҳмонданам лозим, – гуфт.

– Охир, милиса куҷою молбонӣ куҷо? – дар ҳайрат монд аммаи Зебуннисо.

– Э не… Авлод–авлоди вай молбон гузаштагӣ. Чорӣ милисадия. Бехавотир бошед. Ҳӯъ он қӯчқори гург даҳонзадаро сар буретон… Худи Чорӣ мол кушта метавонад…

Пиразан ангушти ҳайрат газида, сар ҷунбонд. Сарчӯпон бовар дошт, ки аммааш ӯро хуб фаҳмид ва бо милиса забон ёфта, ӯро як-ду рӯз кор фармуда метавонад…

– Агар дер монам, ба Атавло одам фиристед… Омада гӯсфандро худаш соҳибӣ кунад…

Пиразан ба ҷуръати ҷиянаш ҳайрон мемонд, бо даъвати пиркулол мераваду парвои дунёро надорад ва боз одами милисаро

ин ҷо молбон карда рафтанаш!.. Маълум, ки гуноҳ надорад, ҷавонмардона рости гапа гуфта метонад!..

– Як дуо диҳед, амма, – хоҳиш кард ӯ.

– Илоҳо о-ми-и-н! – овози пиразан каме ларзид, – сиҳат раведу саломат бозгардед. Қулфи дилтона Худо кушояд!.. Аллоҳу акбар! – Ҳарду даст ба рӯ кашиданд.

Сарчӯпон Тундур аз хайма берун шуд ва аз дил гузаронд: «То авули ҳамсоя бо асп меравам. Аз он ҷо бо сечархаи ӯ нишеб мешавам. Ин беҳтар!».

Вай аспи ҷиранро савор шуда дар ақиби кӯҳдоман ғайб зад.

=8=

Дар ҳавои тозаи кӯҳсор Чорӣ милисаро рӯи санг қариб, ки ғанаб барад. Вай аз шабир гирифта аккас задани Аёс ҳушёр шуда, ҳаросон аз ҷо хест: «Гӯсфандон канӣ?.. Сарчӯпон куҷо шуд? Чаро то ҳол даракаш не? – ба соати қиматбаҳояш («Ориент») нигоҳ кард. Ду соат гузаштаст-е!» Зери харсанг назар афканд. Асои заранг он ҷо тавре мехобид, ки хоҳу ноҳоҳ аз болои он гузаштанаш лозим!.. Агар гузарад, тибқи урфу одати даҳмардаҳо қасам меафтад… Аз рӯи асо ҷаҳида гузарад ҳам, умре худро ноҷӯр ҳис мекунад. Пеши роҳаш баста мешавад. Мардуми атрофи Боботов аз ин чиз барҳазаранд. Ӯ инро хуб медонад.

– «Ҳаҳ, бадтол-е!» – гӯён маҷбур хам шуда асоро аз замин бардошт. Дасташро лапар карда нигарист, ки гӯсфанд чаридачарида, мисли лашкари Сикандар саф кашида, аз бузроҳаҳо гузашта рӯ ҷониби авул оварданист.

Одати гӯсфанд ҳамин: ҳар қадар дур равад, боз ногаҳ рӯ ҷониби манзили соҳибаш меорад.

Вай ба гӯсфандон наздик рафт.

Аёс низ, пас-паси ӯ дум ликондаю ҳаллос зада, ба чор сӯ менигарист. Аз ду саги дигар дараке набуд. Аммо серкаҳое, ки бо шохи худ гӯё осмонро харошидаю бо пашми дарозашон хору хаси раҳи гӯсфандро рӯфта пеш-пеши рама мерафтанд, ногаҳ дар саргаҳи ёла ғунча шуда, ба «чӯпони ношинос» нигоҳ карданд. Не, нашинохтанд. Кӣ бошад? Овоз ҳам намебарорад. Пеш раванд ё нараванд? – аз дил мегузарониданд он ҷонварони боандеша, ором, тезфаҳм, ҳушёр ва ҷасур!.. Онҳо мисли гӯсфанд не. Як махлуқи мисли Одам боақл!.. Ҳо-о! Чорӣ капитан инро медонист. Вай аз чӯпонҳои Боботов борҳо шунида буд. Вақти роҳравӣ буҷилаки пойи пурпашми серкаҳо шиқир-шиқир садо медоданд, ки ин ба ӯ бисёр маъқул шуд.

– Ҳа, Аёс? Ба авул баргардем? Ё ки ҳоло барвақт аст? – сӯи офтобшин нигарист Чорӣ капитан.

Хуршед гӯё беибо даруни абрҳои сиёҳу сафеди уфуқ даромада «ғарқ» шудан мехост. Вай боз ба соаташ чашм давонд. Ақрабакҳои он гирди меҳвари хеш чиқ-чиқ ҳай давр мезаданд.

Маркаби хӯрҷиндор як-як ҷунбида, паҳлӯи серкаҳои сарҷамъ қарор кард. Дили Чорӣ капитан аз гуруснагӣ гӯё мерехт… Вай гапи сарчӯпонро ба ёд овард, ки даруни хӯрҷин ким-чиҳо ҳаст. Аёс ҳам, баумед пас-паси ӯ меомад.

– Ҳейт!!. – ногаҳон хитоб кард милиса.

Серкаҳо овози ӯро шунида, шиқир-шиқир қадам ранҷа карданд. Аммо маркаб намеҷунбид. Хаёлаш, ки Одам бо ӯ кор дорад!..

«Савор шавам-чӣ?». Аз дил гузаронд капитан. Не, кайҳост, ки маркаб савор нашудааст. Асп гапи дигар. Бо ин либос ва кулоҳ, ба бошишгоҳи чӯпонҳо харсавор даромада рафтан «нито!».

Ӯ ҳисоб мекард: «Аз вақти рафтани сарчӯпон панҷ соат вақт гузаштаст... Кайҳо бояд меомад. Сари алафдарав рафта омадан ин қадар душвор шуд?»– ба ҳаяҷон омад ӯ.

Гӯсфанд ором-ором ба соҳили рости Санггардаксой расиду баъд ҳама пасу пеш давида ба ҷои обхӯрӣ фуромад. Ӯ дар як баландӣ қарор гирифта буд. Аз он ҷо замини ҳамвори воҳа намудор буд ва он гӯё бо тамоми ҳастияш даруни тумани кабкабуд ғарқ шуда рафта аст. Наход, ки он ғубори Заводи арзиз (алюминий) бошад?..

Ҳамон лаҳза, ки гӯсфанд об хӯрда пас гашт, Чорӣ капитан худро ташнаю гурусна эҳсос намуда, гапи сарчӯпонро ба ёд овард: «Ҳама чиз ҳаст дар хӯрҷин!..».

Ҳоло ӯ боз ба ёд меовард, мулоҳиза меронд, ки «миллион сол боз чӯпон ва хару хӯрҷин ҳамсафаранд!.. Ҳеҷ аз ҳам ҷудоӣ надоранд!.. Ҳеҷ даҳмардае орзуи вазир, подшоҳ ё президент шудан накард!.. Чаро? Охир, худи ӯ ҳукмдори замину замонҳост!.. Оё ҳамин бас нест ба ӯ?!» – аз ин андешаҳо капитан ба илҳом омада: «Файласуф шаву рав-е!» – хитоб кард ба худ.

Серкаҳо аз ин гапи ӯ чизе пай бурданд магар, ки ба аломати тасдиқ сару риш меҷунбонданд. Аёс ҳайрон буд, ки чаро ин одам ҳеҷ ба хӯрҷин даст дароз намекунад. Охир, он ҷо хӯрданиҳои хушлаззат ҳаст-ку? Рӯзҳои пеш, ақаллан як тикка нон, ё устухони гӯшти яхнӣ, ё порае аз каллапочаи гӯсфанд ба ӯ ҳам мерасид-ку?..

Ба ҳамин умед дигар сагҳои чӯпон ҳам, ки зери кадом арча ва ё харсанг овоз набароварда, сарҳадҳои ба худашон тааллуқдоштаро посбонӣ мекарданд, як-як поён фуромаданд. Дур аз «одами ношинос», гӯшҳои худро чухт карда, мунтазири амру фармоне шуда, аз паси рама мерафтанд.

Серкаҳо чариданро дигар бас карда буданд. Ба ҳар як савтею садое гӯш медоданд, баъзеҳошон ба зангӯлаҳои гардану шиқиршиқири сумҳои якдигар гӯш андохта, роҳ мепаймуданд. Дар ҳар гардишгоҳ таваққуф кардаю рам хӯрда пеш мерафтанд. Аммо гӯсфанд бепарво буд, аз замин сар намебардошт, ҳатто ба суруди чӯпонбачае, ки аз дигар бари сой шунида мешуд, ҳеҷ кадоме аҳамият намедоданд, магар серкаҳои гарданфароз:

«**Аз замин чӣ меҷӯӣ, в-аз само чӣ мехоҳӣ?!**»

– шунида мешуд овози хуши ӯ.

Ҳушу ёди Чорӣ капитан ҳоло бо гӯсфанд банд буд. Хотираҳои овони ҷавонияшро ба ёд меовард, ки чӯпонҳои Боботов мегуфтанд:

«Ҳар чӣ сари роҳи гӯсфанд рост ояд, хӯрда мегузарад. Бахусус, дар аснои «шабчаро» вай мору ғундалро ҳам бо пояш зада куштаю хӯрда мегузарад ва ҳал мекунад. Барои ҳамин гӯшту думбаи гӯсфанд ба ҳар дард даво! Чӯпонҳои асил, маҳз баъд аз «шабчаро» ба рама қӯчқор сар медиҳанд. Гӯсфанди нағз фарбеҳшуда сари вақт бордор гардида, насли солим медиҳад, аксар дугоник тавлид мекунад»…

=9=

Офтоб майли ғуруб мекард. Аммо гӯсфанд гала-гала аз тори талу теппаҳо поён мефуромад.

Ниҳоят, тоқати Чорӣ капитан тоқ шуда, дар нишебӣ маркабро боздошт. Даст бар хӯрҷин бурд. Як баққолӣ (бакал) об ба данташ омад. Ҳамон ҷо истода даст шуст. Дастархони нону гӯшти яхнӣ печондашударо рӯи чашми хӯрҷин гузошта, тикка-тикка нонро ба сагҳо тақсим кард. Худаш ҳам бо қаҳр ва иштиҳо нону гӯшт хӯрд. Устухонҳоро паси ҳам луч карда, пеши пои сагҳо меандохт, ки онҳо ба даҳон гирифта, аз рӯи одат, дуртар мерафтанд. Аммо Аёс дум ликконда ба Чорӣ капитан менигарист. Вай шояд гӯшт умедвор буд. Ҳоло рӯи нон як лӯнда рӯған (чарбу) боқӣ монда буд. Хӯрад ё нахӯрад? Гапи устод Ҳумоидин ба хотираш расид, ки доим русӣ карда «Ин внутренная сала! Ба узвҳои дарунии инсон фоида дорад» – мегуфт.

– Э мон! Фоидааш дар гӯр! – онро ба Аёс доданӣ шуд ва оҳиста рӯи санги кабуд гузошт.

« – Санги кабуд? – парешон ба атроф назар кард. – Ҳама санги сап-сафеду ин ҷо як харсанги азими каб-кабуд!.. Аз куҷо омада бошад? Аз осмон!.. Ногоҳ дар дилаш оташ афтод. Он санг сарчӯпони нопайдо Тундурро ба ёдаш расонд. Вай дар байни даҳмардаҳои ин кӯҳпора мисли ҳамин санги кабуд вонамуд мегардид. Аз дигарон фарқ карда меистод. Марди каме тундхӯ, одами дарундор ҳам ҳаст. Сирро бой намедиҳад. Аз афту андоми касон ба як нигоҳ пай мебарад, ки чӣ гапе дар дил доранд… Хаёлам, ин даҳмарда маро «ба як нул» заду худ тарафи маркази ноҳия рафт!.. Корро Худо зад!.. Илоҳо, оқибаташ бахайр гардад!.. Охир, худ медонистам, ки ӯ бало одам аст. Чӣ коре кардам-а? Боз аспи таги поямро барояш додам!.. Акнун, агар ӯ рафта бошад, ман дар назди роҳбарон кӣ шудам? Мардум аз ин даҳонялагии ман хабар ёбанд, чиҳо мегӯянд?».

Ҳамин тавр, ӯ сар ҷунбонда ба анҷоми неки кор умед мебаст ва ҳаросон ба атроф нигарист: ними гӯсфанд аз рама ҷудо шуда, ба марзаи гандуми пухтарасида наздик рафтаст… Ними дигараш маосзанон худро тарафи рамаи дорои барраҳои гава зад. Худо зад корро! Агар гӯсфанд ба рамаи дигар омезиш ёбад, чӣ мекунад?.. Онҳоро шинохта, аз ҳам ҷудо карда гирифтан машаққат?.. Дар балои азим монданаш аниқ!.. Охир, ин ҷо на гӯсфандонро мешиносаду на чӯпонҳоро…

– Ал-мо-о-с! Зуд бош! Сари молро гардон! – бо асо ишора кард тарафи гӯсфандоне, ки хатари омезиш бо рамаи бегона доштанд. Худаш ҳам маҷбур, тарафи рост давид, то ки гӯсфанд ба гандумзор надарояд: – Ҳайт – ҳайт! – гуфта асои зарангро чиҳил–панҷоҳ қадам гузаронда мепартофт вай.

Гӯсфанд аз ҳар ду тараф ҳам пас гашт ва гирдуғун шуд.

– Чатоқ! – мегуфт ба худ Чорӣ капитан. – Гӯсфанд дар дашт қатраҳои симобро мемонад! Пешгирӣ накунед, беихтиёр ҳар сӯ ғелида рафтан мегирад. Бисёр беқарор аст!

Алмос дав-давон, забонашро бароварда, наздаш омад. Маълум, ки бо ӯ «ошно» шудааст: «Ҳо-о, ошногии ту ҳам, мисли ошногии акаи Тундур аст, медонам. Аҷаб боб карда рафт-а?» – мегуфт Чорӣ капитан аз Алмос чашм наканда. Дар ҷисму ҷонаш оташ афтода буд, месӯхту дуд мекард, дуд мекарду месӯхт…

Вай мехост дасти равғанолудашро бишӯяд. Маркаб бо хӯрҷинаш хеле дур рафта буд. Дар ин кор ҳам Алмос ба вай

«ёрӣ» дод. Алмос чор-панҷ қадам таги шахи азим фуромад, ки чашмаи обе дошт. Аз рӯи одаташ саг аз поёноби чашма об хӯрд. Чорӣ капитан бори дигар ба фаросати саг қоил шуд. Худаш ҳам тез фуромаду дар оби чашма даст шуст. Баъд ба кафаш об гирифта чанд қулт нӯшид ва ҳамон тавр тез боло баромад. Ба гӯсфанд назар афканд. Бидид, ки серкаҳои гарданфароз пеши рамаро дошта, ба рафтан монеъ шуда, мунтазири амру фармонанд. Яке «ҳайт!» гӯяд бас! Пояшонро шиқиррос занонда, рамаи азимро аз ақиби худ бурданашон мумкин…

Чорӣ капитан худро ба маркаб расонд. Вай хеле пиёда гашта, монда ҳам шуда буд. Бисёр мехост рӯи сабза каме дароз кашад. Лекин рамаи селвор нишебшаванда имкон надод. Мехост маркабро савор шавад, ӯро дар ин ҷо кӣ ҳам мебинад?.. Не, «форма»-и милисагиро ҳурмат бояд кард! – мегуфт ба худ.

Ҳамон вақт маркаб хари фақири пеш-пеши чӯпони он бари сойро дида, ҳангас задаву гӯё ҳиқ-ҳиқ ҷон канда, якбора тохт овард. Хӯрҷинро афтонд. Ресмони нӯхтааш кашола шуда, беист ба буттаҳои гози қадкашида дармемонд. Вай то миёнаҷои оби сой расиду ресмонашро Чорӣ капитан дартоз маҳкам дошта гирифт:

*Мискин хар, агарчӣ бетамиз аст,*
*Чун бор ҳамебарад, азиз аст! –*

гӯён оварду хӯрҷинро боз болояш андохт.

Гӯсфанд ба як маром ҳаракат мекард. Аз алафу гулу гиёҳ, барги буттаҳои пурхор сар наметофт. Мехӯрду мерафт, мерафту мехӯрд…

То бошишгоҳ ҳоло хеле роҳ дар пеш буд. Офтоб ғуруб мекард. Нураш домани абрҳоро гӯё сӯзонда, аз худ шафақи лолагуне бунёд карда буд, ки қуллаҳои талу кӯҳҳои азимро сурху зардчатоб нишон медод.

Чорӣ милиса, дигар аз омадани сарчӯпон умедашро канда буд. Дам ба дам сар хам мекард. Ба фикр мерафт: «Агар ӯро (даҳмарда Тундурро) дар зиндон андозанд, чутӯр мешуда бошад? Оё вай ба ҷурми худ сар мефурорад? Оё панҷараи зиндонро канда, берун намезанад худро? Бо чунин даҳмарда, ки доим озод гашту гузор мекунад, зиндон ҷойи шӯхист? Беҳуда ӯро даҳмарда нагуфтаанд!»..

Ҳамин тавр пеши чашми Чорӣ капитан чӯпону зиндон, зиндону чӯпон ба ҳар ранг ҷилва мекарданд… Вай яке сар боло

карда бидид, ки рамаи чӯпонҳои ҳамсоя (дар он тарафи сой) ба кашар расидаанд.

Маълум шуд, ки онҳо барраҳои гаваро имсол аз очаашон ҷудо накардаанд.

Ана дар ҳамон лаҳза ӯ шоҳиди меҳрофаринии аҷоиби табиати зинда гардид: очаҳои баъзе барраҳои кенҷа маасзанон пеш баромаданд. Пистонҳои кадуча барин пури ширашонро алвонҷ дода, худро ба «ҷаҳон»-и баррачаҳои ширмаки бозингар, ки нозук маос зада, сӯи очаашон медавиданд, расонданд. На оча хато мекарду на бачча. Ҳар кадом якдигарро шинохта, шир медоду шир мемакид… Дар ин кор ғалат роҳ намеёфт. Меҳр ва нагҳати якдигар онҳоро гӯё чун нерӯи ҷозибаи ҷаҳонӣ ба ҳам мекашид. Ин нерӯи азиме буд, на монанди он ки сарчӯпон, сари ҷаҳл, бародараш (ҳоло рақибаш) Чорӣ капитанро ин ҷо зору низор гузошта, худ пайи сарнавишт бирафт...

Чорӣ капитан акнун ба ин боварии қатъӣ ҳосил карда буд.

Вай аз ақиби рама ҳушёрона, вале оҳиста қадам мезад. Медонист, ки ҳолати дар авули ҳамсоя рухдода, дар бошишгоҳи сарчӯпон Тундур такрор намешавад. Инҷо гӯсфанду барраҳо кайҳо сара карда шудагӣ…

Баррабон алоҳида, дур аз ин авул будааст...

То бошишгоҳ боз қариб дусад қадам роҳ боқӣ монда буд. Пеши гӯсфанд ба кашар расиду аз рӯи одат маасе зада, гала-гала ба ҷойҳои хоби худ гузашта, сар ба сару дум ба дум қарор мегирифт…

Чашми Чорӣ капитан ҳанӯз ҳам хӯҷаини авул – сарчӯпон Тундурро меҷуст.

=10=

Сарчӯпон Тундур ҳамон рӯз, баъд аз пешин, ба маркази ноҳия расид.

Ӯ хост аввал ба шӯъбаи милиса, назди Акрами Шароф дарояд. Лекин, раҳорах аз ин раъяш гашт: «Дар кӯҳ одами милисаро бересмон баста омадаму боз назди сардораш дароям? «Чорӣ капитан-ку?» – гуфта пурсад, чӣ ҷавоб медиҳам? Не, беҳтараш назди Асадуллои Намоз – муовини раиси комиҷроия медароям. Вай гапамро гӯш мекунад» – хулоса кард сарчӯпон.

Ба телефонхона даромада, аввал бо раиси ширкати худ тамос гирифт. Ӯро аз воқеа хабардор кард. Ба кӣ мурочиат карданашро низ пинҳон надошт. Ваъда дод, ки дар бозгашт ӯро аз натиҷаи гуфтугӯяш боз хабардор месозад…

Баъд бо Асадулло Намоз дар тамос шуд. (Котиба ӯро зуд пайваст кард). Худро шиносонд.

– Аз овозатон шинохтам, акаи Тундур. – гуфт ӯ. – Чӣ хизмат? Хотирҷамъист?

– Не-дия, – гуфт. – Ду даҳон гап дорам ба шумо. Телефонӣ не.

– Пас, биёед! Мошин фиристам? Дар куҷоед?

– Не-не, худам меоям. Наздикам.

– Хуб, – гуфт муовин.

Ӯ одаму оламдида инсон. Доно. Худ муовину аммо вазифаи раисро иҷро мекард. Ба котибааш гуфтаст, ки ӯро бенавбат наздаш дарорад…

Вай салом дода даромад. Аз ҷо хеста даст дод муовин ва пас аз пурсупос гуфт:

– Парешон метобед?

– Чӣ тавр осуда метавон шуд, ки ба сарам милиса роҳӣ кардаанд? Боз бо «санксия»-и додситон! «Ба дасташ ишкел зада биёр!» – гуфтаанд. Агар гуноҳе медоштам, аламаш камтар буд… Худам хеста омадам. Охир, хари бой афтода тӯлумаш накафидааст-ку?

– Асли воқеа аз чӣ сар зад? – пурсид муовин.

– Асл, даъвои саркори ғалла! Ҳамаатон аз ин хабар доред, – гуфт ӯ.

– Хабар дорем, ҳоҷати шарҳ нест. – гуфт вай, – дупула гап. Кирои ташвиш ҳам не. Лекин, агар ӯро дошта, «мур!» гуфта зада бошед, ӯ даъво мекунад ва ба ин ҳақ ҳам дорад.

– Ман назадаам!.. Худи саркор ба ҷонам расонд. Дашном дода, гӯсфанди безабонро калтаккорӣ кард, бо кулӯху санг задан гирифт. «Гӯсфанда назан! Ту маро бизан»-гуфтам ҳам, ки нашуд… Озод бардоштаму даруни гандумзораш партофтам! Ана ҳамин...

– Аз ростӣ? – хандид раис.

– Ба Худо рост, ба шумо дурӯғ!..

– Вазъи чорво чутӯр?

– Бад не… Наслгирӣ имсол бад набуд… Ҳоло марду зан ба алафдарав баромаданд. Ғами зимистони чорворо аз ҳозир бояд хӯрд, ки худ медонед…

– Худи чорворо ё «ғами чорворо»? – ширингуфтори кард ӯ.

Ҳарду хандиданд.

– Нағз! Хуб, аз паси ин гапҳо нагардед. Ба саркор гап меза-

нам. Аз даъвояш мегузарад. Лекин, шумо гӯед, ки оё дар мо гӯсфанди зоти Сури тиллорангро ривоҷ додан имкон дорад? Шумо онро дидаед?

– Дидаам… Имкон ҳам дорад. Дар Оққарчиғай, чӯли Истараю Бандихон (ноҳияҳои Бойсуну Шеробод) як вақте пайдо шуда буд. Чӯпонҳои Қубодиёну Шаҳритус низ гоҳ-гоҳ насл мегиранд. Аз ҳазор гӯсфанд яктояш чунин барра медиҳад, ки шумо ина медонед…

– Алоҳида зот нест, магар?

– Ҳаст ё нест, гуфтан душвор.

– Медонед? Ман дар бораи он аз асари Ҳомер – «Илиада» ва «Одиссея» маъЛумот пайдо кардаам. Инро ҳам шунидаам, ки мардуми араби вилояти ҳамсоя (дар атрофи Қаршӣ, Косон ва Хузор) махсус зот мепарваранд…

– Шояд бошад.

– Лекин он зотро кадом олим ба таъсири офтоб, баъзе гулу гиёҳҳо, ки дар кӯҳсор мерӯянд, вобаста медонад… Як сирр дорад, ки чӯпонҳо ошкор намесозанд. Нархи пӯсти он дар бозори ҷаҳон бисёр баланд аст… Як кор карда онро ривоҷ доданамон лозим...

– Ин душвор аст… Хуб, кӯшиш мекунем. Ман ҳам шиносҳо дорам. Наздашон меравам, иншоаллоҳ, – ваъда дод сарчӯпон.

Лекин ба гӯсфанди ҳисорӣ чӣ расад?..

– Ҳамин тавр…

– Дигар чӣ мушкил доред?

– Не-не, дигар мушкиле нест.

– Аз ҳодисаи тохт овардани гурги касал ба моли деҳаи Хуфар хабар доред? Ба рамаи шумо зарар нарасондааст?

– Хабар дорам. Аз рамаи мо ду гӯсфандро гурге даҳон зад, ки касал набуд. Шикорчӣ зада гирифт. Лекин як гурги нар ба Адҳам полвон-писари Бобоёри Муҳаммад ногаҳон ҳамла овардаст. Ҳарду қад ба қад шудаанд… Гурги калоне будааст. Каллааш каллаи асп барин. Ҷавонмарди бақувват аст Адҳам. Аз таги гулӯяш дошта, афтударафт кардаанд. Қариб монда будаст, ки ҳарду аз ҷарӣ ғелон шаванд. Одамон ба ёрӣ шитофтанд… Ҳамун гург як кӯчқори моро ҳам дандон зада будаст… Дигар, хайрият аст.

– Боз чӣ гап?

– Шумо ба додситон – акаи Тухтасин як даҳан гап занед… Қабулам мекардагист?

– Хуб, – телефони бесимро ба кор андохт раис ва зуд гуфтугӯ кард. – Сарчӯпонамон акаи Тундур наздатон медарояд… Ман сад фоиз ба гапаш боваро дорам… Ҳардуро оштӣ медиҳем! – гуфт Асадулло Намоз… Боз ким чиҳо гуфтанду ӯ ба даҳмарда рӯ овард:

– Додситон Тирмиз рафтааст. Пагоҳ – саҳарӣ наздаш медароед. Нағзакак фаҳмонед… Ҳамааш қонунӣ шавад. Охир, мо ҳама, дар назди қонун ҷавобгарем.

– Мефаҳмам! Раҳмат ба шумо, – даст дода аз ҳузури муовин баромад сарчӯпон.

=11=

Пагоҳаш ӯ назди додситон рафт. Ҳеҷ гапро пинҳон надошт. Росташро гуфт. Ҳатто бо хоҳиши худаш ба ӯ аспашро додани Чорӣ капитанро каме бо муболиға ба забон овард ва аз назди ӯ бо лабони пуртабассум берун омад: «Ана ин гапи дигар!» гуфт ба худ. Ҳоло мехост «саломи Чорӣ капитан»-ро ба сардораш Акрам Шароф расонад…

Гуфтанд, ки вай аллакай хабар ёфтааст… Ва ҳамон субҳ муовини комиҷроия ва додситон телефонӣ, бо ҳазлу шӯхӣ ба ӯ гап задаанд. «Ҳоло ман аз Тирмиз баргардам. Ана баъд бо ин «даҳмардаи навбаромад» кор дорам!» гуфта вай ҳам ба кадом маҷлиси вилоятӣ рафтаст.

Ҳамин тавр, сарчӯпон Тундур як рӯзи дигар дар он ҷо монд… Аввал ба сечархаи савор шуда омадааш пур карда сӯзишворӣ рехт. Мағозаю дӯконҳои шаҳрро давр зад: «Охир, ҳар рӯз ман ин ҷо намеоям-ку?» – гуфта сару савғо хариду тарафи деҳа – он сӯи рӯди Тӯпаланг рафт. Зану фарзандонашро хабар гирифт. Аммо ҳушу ёдаш ба авул – ба аммааш, ба Чорӣ капитан, ба гӯсфанд банд буд. Онҳо чӣ тавр кардfestival? Милиса чӣ ҳол дошта бошад?

Дар деҳа зиёд истода натавонист. Рӯз бегоҳ нашуда ба роҳ баромад…

=12=

Ҳамон рӯз, пас аз рафтани ҷиянаш Тундур, аммаи Зебуннисо хеле парешон шуда, дам ба дам ба роҳи рамаи гӯсфандон чашм меандохт. Гапи ӯро дар бораи Чорӣ милиса ба ёд меовард: «дар ҷавонияш аз паси мол гаштааст».

– Э не, вай дергоҳ бо гӯсфанд дар саҳро гашта наметавонад! Рамаро партояду як сӯ равад, пас чӣ мекунам? «Кошки ягонтои алафдаравҳо меомад» – гуфта боз ба роҳи гӯсфанд чашм медӯхт.

Мувофиқи чашмдошти амма гӯсфанд барвақттар аз муддати муқаррарӣ ба авул омад…

Дари кашари калон, ба шакли кулоҳи паштунӣ, воз буд.

Пиразан онҳоро ҷо ба ҷо карду тарафи «меҳмон» нигарист: вай асо дар даст, хастаю беҳол, бо шарму бо ҳарос, омада рӯ ба рӯи пиразан қарор гирифт, базӯр саломуалейк кард:

– Аммаи Тундур чӯпон шумоед? Вай куҷо шуд? – ҷиддӣ пурсид.

– Куҷо шудани вая шумо медонед? – гуфт пиразан, ки гӯё пешакӣ ба чунин гуфтугӯ омодагӣ гирифта буд.

Вай аз кулоҳ ва либоси низомии милиса, ғилофи туфангчааш, рутбаҳои заррину асои чӯпонии ҷиянаш, ки дар дасти меҳмон ҳам зебише дошт, чашм намеканд.

– Тарсида рӯ ба гурез овард, магар? – пурсид Чорӣ милиса ва худ андеша кард: «Ӯро куҷо фиристодӣ?» – гуфта боз аз гиребонам нагирад ин пиразани тануманд?!.

– Барои чӣ метарсидай?

– Гуфта намешавад-дия. Худаш ба авул омада буд, охир?

– Яке омаду «пиркулол» ҷеғ задаст! – гуфт. Либос иваз кард. Ба аспе нишасту бирафт…

– Ман ӯро ба аспи худам барои овардани ёвараш фиристода будам, – гуфт Чорӣ милиса.

– Ёвараш?.. Ҳамаи авулиҳо хонахез алафдарав рафтагӣ, – гуфт аммаи Зебуннисо. – Шумоя инҷа монда, рафтани худаш нағз не… Хуб, дароед, дам гиред, меҳмон.

– Меояд охир?

– Албатта меояд, куҷо ҳам меравад? – пиразан дохили хайма шуда, дастархон орост. Ва худ ба худ «Худоё, аз гуноҳам гузар! Умре дурӯғ нагуфта будам! Сабил монад, сирр нигоҳ доштан ҳам лозим-ку? Вай ҳам аноӣ не, бегуноҳ буданаша исбот карданаш даркор-ку! Илоҳо сиҳату саломат бозгардад! Ба дигараш кор надорам!–мегуфт гиребонашро дошта. Баъд берун шуда ба дастшӯи бурҷи хайма об андохт. Собуну дастпоки тозае бари дастшӯ гузошт.

Чорӣ капитан ба дари бастаи хаймаҳо чашм медавонд. Дар авул ғайри пиразан касе ба чашмаш натофт. Вай либоси рӯяшро кашида шустушӯ кард. Акнун ба хайма даромаданӣ буд, ки саворае харашро тозонда омад.

– Хайрият-е! – пештари ӯ рафт аммаи Зебуннисо. – Хуб шуд, ки омадӣ, Иқлим! – Алафдаравҳо нағзанд? Хотирҷамъист?

– Ҳо-о, хотирҷамъӣ, бибиҷон. Шумо чутӯ? «Танҳоед» гуфта маро исун фиристоданд.

– Хуб шуд, ки омадӣ, – такрор кард пиразан.–Мо меҳмон дорем… Чӣ кунам? Гӯсфанда гӯшту пӯст кардан лозим. Магар аз меҳмон хоҳиш кунем, ки ҳалолак карда, кушта диҳад?

– Надонам, аммаҷон. – Иқлим ҳайрон шуда, хӯрҷинашро фуроварду харро луч карда сар дод: – рав, чарида гард!..

Авул ором буд. Ҳатто сагҳои чӯпонӣ аз ҷояшон намеҷунбиданд. Ду саг дар ду теппаи гирди авул мехобид… Аёс аз хаймаи соҳибаш, ки ҳоло Чорӣ капитан он ҷо дар болишт такя карда, ба хаёл фурӯ рафта менишаст, дур намешуд.

– Иқлимҷон! – гуфт амма. – «Дивиҷока» (движок) мегиронӣ? Рав, зудтар гирон, ки торик шавад, гӯсфанд кушта наметавонем.

– Ҳозир мегиронам, аммаҷон. Кӣ мекушад қучқорро? – ҳайрон шуд ҷавонзан.

Вай салом дода ба хаймаи сарчӯпон даромад.

«Движок»-ро одатан аз ҳамон ҷо гирон мекарданд, ки аз якчанд «батарея» барқ мегирифт. Хайма ва чароғҳои берун, пас аз гур-гур ба кор даромадани мотор, рӯшан шуд.

Пиразан аз дари хайма нигоҳ карда:

– Меҳмонҷон, як гӯсфандак ҳаст. «Куштан даркор», – гуфта рафта буд ошноятон… Ҳалол карда медиҳед? – гуфт.

– Ташвиш чӣ лозим, амма? Як чизи ҷондора беҷон кардан хуб набудагист? – нимхез шуд меҳмон. Лекин нагуфт, ки гӯсфанд кушта наметавонад.

Гӯсфандкушӣ барои касе, ки ин корро накарда бошад, осон не. Лекин «Гунҷишка кушад ҳам, қассоб кушад» мегӯянд. Маълум шуд, ки ӯ аз ӯҳдаи ин кор намебарояд. Худашро чӣ шудааст? Борҳо, дар набудани мард, худаш барраю бузғола мекушт. Моли гург дандон задаро ҳалол мекард.

Аммаҷон меҳмонро бо гӯшти танӯрӣ, беҳтарин таоми воҳаи Сурхон, зиёфат карданӣ буд.

Танӯриро дар дигар ҷойҳо низ мепазанд. Лекин асл аз байни мардуми ин воҳа паҳн шудааст. Амма ҳам таҳияи онро аз танӯрипазҳои ҳунарманд омӯхта буд. Ҷиянаш Тундур ҳам дар ин кор усто, лекин аксар худаш тайёр мекард.

Аммаи Зебуннисо пешакӣ сари танӯри нонпазӣ корди тез, санги чархи дарозак, лаганди калон, ҳезуми бурс, симу як майда «арматур» (барои кашол кардани гӯшт), арчаи тар (бӯҷа) овард.

– Биё Иқлим, қӯчқора хобонем, – ӯ бо фӯта миёнашро баст.

Банди гардани гӯсфандро кушуд. Дукаса қӯчқорро афтонда, пойҳояшро зич бастанд.

Иқлим ду-се бел зада чуқуре сохт. Пиразан сари қӯчқорро ҷониби қибла гардонда, санги чархро байни сурин гирифт. (Агар зан молро сар занад, чун мард ин амалро ба кор мебурд).

– Нигоҳ накун, Иқлим! Аз хун боз натарсӣ! Бис-мил-лоҳ! Аллоҳу акбар! – гӯён корд биронд. Хун фаввора зад.

То баромадани ҷонаш онро ҳарду зер карда истоданд.

– Шуд, – гуфт пиразан ва санги чархро як сӯ гузошт.

Ин вақт Чорӣ капитан, ҷомаи атласи сарчӯпонро, ки амма барояш дода буд, сари китф гирифта, наздик омад. Узр хост:

– Пайи касби милисагӣ гашта, молкуширо ҳам фаромӯш кардем, – гуфт.

– Ҳалол кардем, – пиразан корди хунолудро бо лабу охирин дандонҳои пеши худ газид. Пойҳои гӯсфандро кушуда, бандро як сӯ партофт. Як пойи онро аз сари зонуяш чок ва бо дастаи чумча сурох карда, бо даҳонаш дам андохт, ки ин усул пӯсткании кӯчҷорро осон мекард. Гӯсфанд аз будаш ду баробар калон шуд. Ба ҳар ҷо – ҳар ҷои баданаш се-чор мушт фуровард, то ки дамиш зери пӯст баробар тақсим шавад.

Чорӣ капитан бодиққат менигарист ва пурсид, ки:

– Ба гӯсфанд намак чашондед?

– Ҳо-о, вақт пешаш намак монда будам.

– Нағз кардед. Лесида бошад, гӯшташ болаззат мешавад. Ин нозукиро на ҳар кас медонад, – сирри худ ошкор намуд меҳмон.

Пиразан тез кор мекард. Вай ҳоло пай бурд, ки меҳмон молкуширо медонаду бо кадом андеша ба ин кор даст назад.

– Иқ-лим! – Танӯра хабар гир! Алов гирон!.. Амаката бо танурӣ зиёфат кунем, – гуфту як пойи гӯсфандро ба дасти меҳмон қапонд. – Ёрӣ медиҳед? Ёрӣ аз ёрон мондааст, – шӯхӣ кард.

Чорӣ капитан лингҳои қӯчқорро ба навбат меқапид.

Иқлим ба танӯр гуррас оташ гиронд. Дар як бурҷ дастархони шол густурд…

Одатан моли резаро овехта пӯст мекананд. Қӯчқор, ки калон буд, пиразан рӯи чим пӯст меканд.

– Кӯчқори ба гург ҳамла оварда ҳамин аст? – пурсид Чорӣ капитан.

– Ба шумо кӣ гуфт? – ҳайрон шуд аммаи Зебуннисо, – дар рама мисли ин қӯчқоре набуд. Аз ҳеҷ бало наметарсид. Ҳатто

сагҳои рама наздикаш намешуданд. Рӯзи ба рама зада даромадани гург ҳамин қучқор давида бо сар задай. Ду дандони гург дар гарданаш меғӯтад. То сар буридан ҷонвар ба гардани кач мегашт. «Талаф нашавад!» – гуфта баста хӯрокаш додем.

Пиразан пою даст, қабӯрға, гардан, думба ва дарунашро алоҳида-алоҳида ҷудо карда гирифт… Баъд рӯи дастархон тахта гузошту гӯштро калон – калон бурда кард. Иқлим онро ба сим мегузаронд, намаку зира пирешид.

Ниҳоят лагандеро рӯи лахчаи оташ гузошта, гӯшти ба симҳо бастаро ба арматҳо овезон карданд.

Чорӣ капитан ба чаққонии пиразану Иқлим келин қоил мемонд.

Рӯғану зардоби гӯшт даруни лаганд чакидан гирифт. Зардоб ба тадриҷ софӣ ва бухор мегардид. Дар қабати гӯшт шохчаҳои тару тозаи арчаи хушбӯро чиданд. Ин ба лаззати гӯшт лаззату накҳати тоза зам менамуд. Аз ин хотир зуд даҳони танӯрро маҳкам карда, ба ҳамон зудӣ гирдашро ловиданд. Тагмӯрии танӯрро маҳкам карданд, то ҳаво надарояд. Ҳамин тавр, танӯрӣ дам партофта шуд. Баъд аз якуним соат гӯшт бояд ҳил-ҳил мепухт.

Иқлим чуқураки хунро бо хок пӯшид, пушти бел зад ва санги вазнинеро ғелонда болояш гузошт, мабодо ки саг чаққа шавад.

Ниҳоят, аммаи Зебуннисо «уф-ф» – гуфта нишаст. Фӯтаро аз камараш кушуд.

Чорӣ капитан аз тезкории амма ҳайрон буд. Ба чӣ мақсад ин ҷо омадани худ, аз ҷониби сарчӯпон фирефта шуданашро қариб, ки аз ёд баровард. Ба ёд меовард, ки замоне бибикалони ӯ ҳам гоҳ-гоҳ ба сурин чӯб ё санг баста мол мекушт, аммо танӯрӣ тайёр карда наметавонист…

– Ҳамин замон мепазад, – гуфт амма, – ана баъд даҳон даркор, ки бихӯрӣ!..

Иқлим ҳама чизро ғундошт. Барои амаки милиса чой дам кард. Гирди як дастархон нишастанд. Меҳмон дам ба дам ба соаташ менигарист…

=13=

Рӯзе ки сарчӯпон бо додситон вохӯрда, ба қавле «хатти амон» гирифта, бо сечархаи ошнояш ба кӯҳистон баргашт, раҳораҳ боз ҳушу ёдаш ба гӯсфанд банд шуд: ҳай-ҳайи чӯпонҳо гӯё дар гӯшаш садо медод. Чорӣ милисаро пеши назар меовард. Бориши жолаю борон, омадани сел, ҳамлаи гург, ё аз кӯҳсор фурӯ рехтани

сангу шағал хаёлашро банд мекарданд. Ба ҳоли Чорӣ капитан дилаш месӯхту лабханд мекард… Лабханд мекарду дилаш месӯхт.

Вай ба худ тасаввур карда наметавонист, ки бо ӯ дигар чӣ тавр рӯ ба рӯ мешавад? Ӯро он ҷо пайдо мекарда бошад? Хуб, аз ӯ ҳатман узр мехоҳад… Аммо вай хашм гирифта аз туфангчааш тир холӣ кунад – чӣ?.. Ӯро дар вазъияти сахт гузоштам. Оё ин гуноҳи маро Худо мебахшида бошад? Хуб, рӯзе ҳаҷ меравам. Хайру худоӣ медиҳам. «Худо бахшоянда ва беҳад меҳрубон аст!»...

=14=

Чорӣ капитан субҳи рӯзи дигар худро хеле ноҳинҷор ҳис кард. Бахусус, баъд аз гӯсфандро ба чарогоҳ ҳай кардани худи пиразан ӯ чӣ карданашро надониста, ноилоҷ кашола шуд. Пиразану Иқлим рамаро то хеле роҳ пеш бурданд. Онҳо аз рӯи эҳтиёт ҷомаеро рӯи хӯрҷини маркаб партофта буданд. Ду чашми хӯрҷин нони осиёӣ, об, гӯшти танӯрӣ ва боз ким-чиҳо дошт, ки пиразан ба ҳар эҳтиёт бо худ гирифта буд.

Аз ин чизҳо дар хӯрҷини Иқлим низ буд. Он ҷо нон зиёд, маҳз барои алафдаравҳо таҳия шуда буд.

– Шумо пас гардед, амма! – гуфт Чорӣ капитан.

Иқлим ба маркабаш савор шуду гуфт:

– Ман рафта мегӯям. Ёвари сарчӯпон – акаи Атавлоро мефиристанд.

– Чойи хушк гирифтӣ, Иқлим? – пурсид пиразан. – Боз аз ёд набароварда бошӣ?

– Гирифтам, аммаҷон.

– Хайр, нағз рав! Ба Атавло гап зан, зудтар биёяд.

– Хӯш! – гуфт ӯ харашро хала кард.

– Инаш ҳам фиреб надиҳад боз?! – ғур-ғур кард Чорӣ капитан.

Пиразан ба авул баргашт: «Тундур кори хуб накард. Беҳурматӣ шуд, дар ҳаққи милиса», – мегуфт худ ба худ.

Чорӣ капитан аз ақиби рама қадам мезаду ба атроф менигарист. Сари ёлаву кӯҳҳои баландро абрҳои боронӣ фаро гирифта буданд. Аз он сӯ шамоли сард мевазид.

Гӯсфанд фашар-фашар алаф хӯрда, сар аз замин набардошта мегузашт. Имрӯз ҳам рама ба чарогоҳи дирӯза ронда шуд. Чорӣ капитан андеша кард, ҷои дигар наронд. Мабодо чӯпонҳои атроф ғурбат кунанд: Охир, чарогоҳҳо байни онҳо тақсим шудагӣ. Кӣ медонад, дар он дашту дараи махуф боз чӣ гапу чӣ кор?..

Ӯ ҳоло барои рама чашму гӯш шуда, сар-сари теппаҳо, боло мерафт. Аз се бурҷи рама се саг. Пеш-пеши гӯсфанд серкаҳо, гоҳ-гоҳ ба алафу барги буттаҳо даҳон зада мегузаштанд.

Чорӣ капитан дар кӯҳсор пайдо шудани абрҳои сафеди тезҷавлонро дида, мақоли «Аз абри сафед битарсу аз марди кӯса!»-ро ба ёд оварда хандид: даҳмарда Тундур кӯса не, ришу бурути сиёҳи зебо дорад. Баръакс, ришу бурути худаш кӯсамонанд аст… Дар ин ду рӯз расидаст, тор-тор… Боз байте ба ёдаш расид, ки дӯстони тоҷикаш месуруданд:

*Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,*
*Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад!*

Абр батадриҷ домон паҳн карда, осмони кӯҳу дараро фаро гирифта, шим-шим об зада, аспи худро ҷониби кӯҳҳои Тоқчиёну Қаратоғ тозиёна мезад. Гулдуроси тундуру рӯшании чароғак чӣ будани худ намоён мекарданд.

Гӯсфанд ором-ором мечарид.

То нисфи рӯз ӯ сархам гаштугузор кард. Аз гулӯяш чизе нагузашт.

Қарибиҳои пешин ёвари сарчӯпон Атавло ҳам расиду Чорӣ капитан худро каме осуда ҳис кард. Ба ёвар зеҳн монд. Афсӯс, ки аспсавор не, харсавор омадаст. Агар асп медошт, мисли сарчӯпон гап назадаю савор шуда аз кӯҳсор поин мефуромад. Харсавор куҷо ҳам меравӣ?..

Ҷавонмарди шӯхе будаст Атавло.

Радиои ҷайбияш беист суруд мешунавонид. Дар оҳангҳои шӯхи мусиқӣ гоҳе асои чӯпонияшро ба сад мақом даровардаю мардона арғушт мерафт. Ба рамаронӣ, ба ҳуҷуми ҳавоии калмурғу лошахӯрҳо ва уқобу гургу рӯбоҳ тақлид мекард. Ба ин васила табъи «меҳмон»-ро хуш гардонданӣ шуд. Вай овози хуб ҳам доштаст. Ба ҳофизони радиои дастияш ҳамовоз шуда, ғазалеро зам-зама кард:

*Бузургӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,*
*Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.*
*Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,*
*Ки нокас кас намегардад аз ин боло париданҳо...*

Ё худ ин мисраҳои ғазалро вирд мекард:

*Гаштанд оҳувон ҷамъ, дар дашт гирди Маҷнун,*
*Аммо ба чашми Маҷнун, холист ҷои Лайлӣ!*

– Э бас-бас! Шуд-шуд, – ба дили Чорӣ капитан нағунҷид ин байт. Хаёл кард, ки ӯро ба Маҷнуну «сарчӯпонро ба Лайлӣ» (ё баръакс) монанд месозад.

То бегоҳ ҳарду чашм ба роҳи сарчӯпон Тундур дӯхтанд. Куҷо? Аз ӯ дарак нашуд. Оҳиста – оҳиста рамаро ронда фуромаданд… То як поси шаб ҳарду дар хайма сӯҳбат ороста, ӯро интизор шуданд… Вақти саҳар Чорӣ капитанро ғанаб бурд…

=15=

Ҳамон бегоҳӣ сарчӯпон сечархаро дар роҳҳои торику ноҳамвори кӯҳ базӯр ронда, гоҳ-гоҳ раҳгум задаю чапғалат рафта, ними шаб ба авули ошнояш расид. Хеле монда шуда буд. Ба хиргоҳашон даромада ду соат хобид. Баъд ҷирани Чорӣ капитанро, ки ҷав дода нигоҳубин кардаанд, савор шуда, аз авул бадар рафт.

Сарчӯпон Тундури сарбаланд вақти саҳар ба авули худ расид.

Ӯро Аёсу аммаи Зебуннисо пешвоз гирифтанд. Алопару Алмоси пир яке хеста, хӯҷаини худро дида, дубора сабад барин ҷое гирифта хобиданд.

Сарчӯпон хӯрҷинро аз болои асп фуровард. Аввалин буридаи нони хушбӯи заводро Аёс аз дасти соҳибаш гирифту паси хайма гузашт… Ба Алопару Алмоси пир ҳам расид. Даҳмарда аспро дуртар аз роҳи рама бурда, лаби ҷӯйбори калон – ба танаи дарахти дӯлона баст. Баъд назди аммааш омад. Ӯ оҳиста:

– Шуморо ташвиш додам-а? – гуфт.

Аммааш гап назад.

– Меҳмон зиқ нашуд, охир? Иззату ҳурматашро ба ҷо овардед, охир?

– Мо-ку ба ҷо овардем, шумо чӣ кардед? – суоли амма духӯра баромад.

– Ҳамааш соз! Масъала ҳал. Мушкил осон шуд… Инбар (ишора ба капитан кард) чутӯ? Зиқ нашуд?

– Зиқ ҳам гап шуд!.. Боз ҳам одами хуб будаст! Таҳаммул кард…

– Ҳеҷ гап не!.. Аз дилаш мебарорам. Ҳозир гап назанед! Ман рамаро ҳай карда меравам. Ҳамроҳи Атавло гусел кунед… Сару савғо диҳед!.. Аз худатон гап намемонад. Ҳозир ману вай набо-

яд рӯ ба рӯ шавем, – гуфт сарчӯпон ва илова кард, – Атавло, баъдтар маро бинад. Надида наравад алафдаравӣ.

Аввал Атавло бедор шуд, пас аз рондани рама. Баъд Чорӣ капитан хамёза кашида аз хайма баромад ва пурсид:

– Омадааст?..

– Ҳо-о, гӯсфандро ронда ба чаро бурд. Ҳозир Атавло мераваду вай гашта меояд, – маслиҳатомез гуфт аммаи Зебуннисо. – Да шумо мурам, оби гарм тайёр. Дастурӯ шӯед. То як пиёла чой хӯрданатон вай меояд! – меҳрубонӣ зоҳир кард пиразан.

– Аспи ман куҷост? – саросема шуд ӯ.

– Дар поён, бастагӣ. Ҷаваш додам! Мо ҷав дорем…

Чорӣ капитан тез-тез дастурӯ шуст. Даромада либосашро пӯшид. Туфангчаашро бароварду «шарақ-шуруқ» кунонда боз дар ғилофаш андохт. Табъаш хира. Хаёле, ки хунаш ба ҷӯш омадааст…

Пиразан хӯрҷини ӯро тайёр кард: як шикамба рӯғани маскаи намакин андохт. Дар чашми дигари хӯрҷин танӯрӣ (як сони гӯсфанд) гузошт. Як халтача чаккаро аз зери хоки тоза берун гирифт, ки обаш рафта сахтакак шуда буд. Онро амма махсус, бо мурчу қаранфул ва алқори кӯҳӣ тайёр мекард, ки дар як ҳафта тунду тезе мешуд. Калонҳои ноҳия гоҳе ба ӯ фармоиш медоданд, ки тайёр карда фиристад. Бас хушлаззат мешуд он дар зери хок.

Пиразан ин ҳамаро тез-тез анҷом дод, ки Чорӣ капитан пай набарад… Атавло барои овардани асп рафта буд. Оварда зину лаҷомашро зад. Хӯрҷинро дукаса (бо амма) пушти асп партофтанд.

Аммаи Зебуннисо аз Чорӣ капитан чашм намеканд: «Мабодо, ки байнашон низо бархезад? Ҷанҷол шавад!..– аз дил мегузаронд ӯ. – Бо одами силоҳдор шӯхӣ ба кор намеравад! Чӣ кор бояд кард, ки ҷиянаш ҳоло боз аз вай рӯ панаҳ кунад? Дар ҷои Чорӣ капитан ман ҳам мебудам, ба чунин худсарии ҷиянам, тоб намеовардам!– аз рӯи адолат андеша меронд пиразан. – Ба ҳар ҳол, ӯро огоҳ кардан лозим! Ҳозир, хубаш, аслоҳо рӯ ба рӯ нашаванд! Вақт ҳамаашро ҳал мекунад: тӯфоне нест, ки хомӯш нашавад. Сел ҳам яке хурӯҷ мекунаду боз бо соҳил баробар мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Тирамоҳон оби дарё мешавад софӣ!». Яке ба ёдаш расид, ки «кӯрдуд» бояд кард. Дигар илоҷи ба ӯ хабар додан нест…

Одатан, гузаштагони мо дар ин маврид, барои огоҳ кардан аз хатар аз оташу дуд кор мегирифтанд. Оташ – шабона барои масофаҳои дуродур. Аммо кӯрдуд барои рӯзона ва масофаи наздик.

Пиразан ба зудӣ таги хокистари дегдонро кофта, рӯи лахча пуски гӯсфанд рехт. Баъд аз чанд сония дуд, чун мори печон, ба ҳаво бархост. Бовар дошт, ки ҷиянаш ин «нишона»-ро зуд мефаҳмад… Бинобар ин садди роҳи Чорӣ милиса нашуд. Атавло ҷилави аспро дошта чанд қадам пештар рафт…

– Шумо чой нахӯрда меравед, бачем? – пурсид аммаи Зебуннисо… – Майлаш! Сафаратон бехатар!.. Хафа нашавед аз мо, аз бародаратон… Иншоаллоҳ дӯстҳои ҷонӣ мешаветон!

– Ин чист? – гуфт Чорӣ капитан ба чашмҳои хӯрҷин назар карда.

– Камтарак сару савғо, – гуфт амма ба ӯ фурсати гап задан надода. – Аз дастранҷи худам!..

– А?

– Ҳаа!..

– Хайр оча, – гуфту худро рӯи асп гирифт ва ҷилави онро сар дод: «Иншоаллоҳ, дӯсти ҷонӣ мешудаем-а?».

Чорӣ капитан аз ғояти асабоният, бо фикру андешаҳои мағшуш аспро тозиёна зад. Аспи маст ӯро якбора гирифта тохт. Базӯр лаҷомро кашиду асп чароғпоя шуд. Саҳл монда буд, ки ҳарду дар қаъри дара фурӯ раванд…

Ӯ дигар тозиёнаро ҳатто боло намекард. Дар андеша афтода буд, ки ҳаёт чӣ гуна мураккаб аст. Бо чӣ шарорате омаду ҳоло чӣ сон ба шикаст мавоҷеҳ шуда, бармегардад аз кӯҳистон!..

=16=

Дар маркази ноҳия гапи кӯча ба идора рост наомад.

Кадоме фурсат ёфта ба роҳбарон расондааст, ки Чорӣ капитан баҳри чӣ рафта буд? Аз чӣ бо «форма»-и милиса асои чӯпонӣ ба даст гирифт, харсаворӣ кард?

Сардори милиса аз ғазаб ҷое намеёфт, ки нишинад. Аммо муовини комиҷроия, ки аз воқеа хабардор буд, дарун-дарун механдид. Мақоли шунидаашро ба ёд меовард:

*Хираханду хираханду хираханд,*
*То кас нахандад, ту наханд!*

Додситон ҳам аз ҳақиқати ҳол бохабар шуда, котиби ҳизбро бо ҳазлу мутоибаи дӯстона ором гардонид. Вагарна ӯ ду пои ҳамаро дар як мӯза ҷо мекард.

Худи Чорӣ капитан ҳам надониста монд, ки дар чунин ҳол чӣ гуна аз вазъият барояд.

– Милисахона ҷои ӯ нест. Аризаашро нависад! Раисии бозор ҳам ҷои бад не! – гуфтааст роҳбари ҳизбӣ ба ҳурмати писари ҳуқуқшиноси ӯ Эркин.

Инро ба ӯ сардораш Акрам Шароф гуфт. Пас аз ду-се ҳафта, ӯ бо сари хам ба ошёнаи дуюми бозори ноҳия (ба кабинети худ) омад. Чанд ҷӯраи шӯхаш гӯё ин лаҳзаҳоро интизор буданд, ки барои «табрик» шитофтанд.

– Э дафъ шавед, ҳамаатон! – гуфта чанд вақт хафаю дилгир гашт раиси бозор.

Аммо онҳо меомаданд, ҳазлу шӯхиро давом медоданд. Ҳар ҷо, ки ӯро бинанд, албатта, нағмае ба кор мебурданд:

– «Ба-а!» – гӯён яке ба гӯсфанд тақлид менамуд.

– «Қӯш-қӯш-е, ҷонвар!» – мегуфт дигаре.

– «Телпаки чӯпон нағз, ё ки кулоҳи милиса?» – қасдан мепурсид сеюмӣ.

Аз дӯстони Чорӣ милиса, касе кӯҳистон равад, барои шӯхӣ аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки асоҳои хушрӯи чӯпонӣ оварад. Ҳамин ки овард, паси дари идора мегузоштанду аз дуртар тамошо мекарданд.

Аввалҳо расо дашномашон медод. Баъд одат кард. Баробар мегуфту механдид. Табиати одамӣ ҳамин. Ва ин бегумон хуб аст.

Ҳамин тавр Чорӣ капитан аз сарчӯпон қимоб шуда буд. Ӯро чашми дидан надошт. Ҳатто чанд бор ӯ салом дод, ба хонааш даъват намуда, оштӣ шудан хост. Не, розӣ нашуд Чорӣ капитан.

Вале ҳамранги ҷамъият бояд шудан. Ҳар кас, ки аз ин қисса лаб во кунад, онро дар ҳамин ҷояш ба охир мерасонид. Қариб, ки ҳар дуи онҳо дар воҳа ба «қаҳрамон»-и қиссаҳои ширине табдил ёфта буданд.

Ҳамон рӯз, ки шоир Сулаймони Хоҷаназар ва мутахассиси чорвои ширкати нав Нусрати Суннатзод қиссаро ба ин ҷо расониданд, даҳмарда (он вақт ҳаҷ нарафта буд) ду табақи чинӣ гӯштбирёни суп-сурх дар дастҳо ворид шуд. Хандаю хушҳолии меҳмононашро дида, ӯ низ хушҳол гардид. Лек Сулаймони шоир ҷилави суханро дигар сӯ тофт.

– Акаи Тундур, аммаи Зебуннисо ҳоло ҳаётанд?

– Кош ҳаёт мебуданд, – ҷавоб дод сарчӯпон. – «Раҳматӣ»

шуданд. Бароям ба ҷои модар буданд… Дар кӯҳистони Шотурӯд будам. Хабар рафт, ки нотобанд!..

– Ёдатон ҳаст? – гуфт Нусрати Суннатзод. – Нимрӯзӣ бароятон чархбол фармоиш дода, ҳамроҳ рафтем?

– Ҳо-о, ёдам ҳаст, Нусратшоҳ, – гуфт ӯ, – чархбол ҳамон вақт ҳам аз шаҳри Китоб меомад ин сӯ. Бисёр хуб буд барои мо чӯпонҳо!..

– Вақте аз нотобии амма гап задем, акем ашк рехтанд. Гиряи марди калонро ҳамон ҷо дида будам… Баъд аз ду соат баргаштем. Мо ҳам расидему гуфтанд, ки амма гузаштанд…

=17=

Ҳамнишинон он ҷо қиссаи дигаре низ карданд. Онро худи сарчӯпон ҳам базавқ мешунавид.

– Аммаҷон, – гуфт Нусрат, – пештар васият кардаанд, ки дар қабристони паси масҷиди қадими Нелу ба хокашон супоранд. Акаи Тундур инро гуфта, дар як по истоданд «ҳамон ҷо бурда дафн мекунем» – гуфтанд.

– Э, не-е! Ничего подобного!» – гуфтанд зиёиёни деҳа.

– Мо ба амма эҳтироми зиёд дорем. Хокҷояшонро «бегона» намесозем! Рафтанӣ бошед, худ рафтан гиред, – иҷозат доданд калонсолони деҳаи Сари Ҷӯй. Худ инбар гурков фиристоданд…

Акаи Тундур тезӣ карда, асп тарафи Нелу давонид... Гумон кардааст, ки гап – гапи худашаст!.. Дигарон тобутро бо мошин ба Нелу мебаранд?

Куҷо?..

Мардум гап назада, аммаро дар қабристони Дашти Қалмоқ ба хок супурданд. Вақте ки акаи Тундур аз Нелу баргашт, оқсақоли маҳалла гуфт:

– Рафта омадед? Қабр ҳам канондед? Надидед, ки замини Нелу чӣ гуна кафидаю лағҷида поён мефурояд? Акнун он қабрро барои худ нигоҳ доред!..

– Ҳамин тавр буд? – гашта пурсид Нусрати Суннатзод.

– Бале, – сар ҷунбонд даҳмарда.

Вай чанд ҳафта аз хона берун нарафта, азо гирифт. Мардуми зиёд ба таъзия меомад. Обу зиёфат дод. Ба шодравон Аҳмадҷон Махдуми донишманд хатм фармуд. Баъд аз хатми Қуръон хесту пайи корҳои чӯпонияш бирафт.

=18=

Кори дунё яксон намемондаст.

Пас аз фавти амма корҳои сарчӯпон Тундур чандон омад на-кард. Чанд бор ба рамааш гург ҳамла овард, ду-се гӯсфандро кушт. Тасодуфан аз кӯҳ санге парида Пӯпак ном як серкаашро маҷақ карда гузашт.

«Гӯсфандҳои ба худой сарфкардааш аз ҳисоби моли ширкат» гуфта кадоме маълумот додааст.

– Гапи беҳуда, – гуфт раисашон Абдураҳмон Сатторов, – навиштанро бас кунед. Айб аст! Ин сарчӯпони мо мард аст, мусулмони комил аст! Пулу моли худаш мерасад!

Ӯро дар маҷлиси сарони ширкат дигарон ҳам тарафдорӣ карданд.

– «Шунидан кай бувад монанди дидан», – гуфт раис. – Ҳатман тафтиш гузаронед!

=19=

Раису мутасаддиёни чорвои ширкат қарор доданд, ки: «Рамаи ӯ саршумор шавад!»

Даҳмарда аввал аз ин гап ранҷид. Сариқтисодчӣ ба ӯ гуфт:

– Ҳа, тарсидед? Майлӣ. Тафтиш нашавад!

Раис табассуми маънидор кард.

Сарчӯпон ҳис кард, ки тафтиш зарур. Роҳбарият ба ӯ бовар надорад.

– Комиссия кай тафтиш мекунад? – пурсид сарчӯпон.

– Кай шурӯъ кунем?

– Худи ҳозир. Аз ҳамин ҷо, якҷоя мебароем. Гӯсфанд дар он сӯи Дашти Қалмоқ аст! – гуфт даҳмарда.

Ҳайъат бо мошини боркаш сӯи дашт равон шуд. Раис «аз ақиб меравам» гуфт.

Рафтанд.

Даҳмарда сари баландӣ рост истода ба асои зарангаш такя кард… Ёваронаш гӯсфандро гурӯҳ-гурӯҳ ба шумур оварданд. Ҳайат аз рӯй хату чак гӯсфандҳои дусоқ, чорӣ ва панҷиро алоҳида шумурда, аз дари кашар медаровард. Гӯсфанди шахсӣ ва чаканаро дигар сӯ ҳай мекарданд.

– Офарин, даҳмарда, – гуфтанд дар охир. – Мо инро медонистем: камомад надоред!

– Қоил! – гуфт раис дасти ӯро фишурда. – Аз мо наранҷед.

– Ана акнун, – гуфт акаи Тундур. – Рамаро аз ман гиред! Ба ҳар кас, ки бовар дошта бошед, супоред! Ман рафтам.

Вай гӯсфандони шахсӣ ва чаканаро, ки ҳақ дошт якҷоя дар чарогоҳ нигоҳ дорад, ронда аз даромадгоҳи дара ба тарафи Дашти Ноф ҳаракат кард. Ӯро ҳатто дӯсташ Сулаймони шоир, ки хабар ёфта омада буд, аз роҳу раъяш гардонда натавонист.

=20=

Аз байн ду-се ҳафта гузашту ин гап ба гӯши мутахассиси беҳамтои соҳаи зироату чорвои вилоят Ҳумоидини Шароф расид. Вай афсӯс хӯрд. Ба калонҳои вилоят гап зад. «Ӯ сарчӯпони бад не! Раиси ширкат рамаашро беҳуда гирифтааст», – гӯён ба раис телефон кард.

Раис ба ҳама хандида як хел ҷавоб медод:

– Ин ҷо мо гуноҳ надорем. Ба ҳамааш якравии худи акаи Тундур сабаб шуд.

– Рамаро ба худаш баргардонед! – амр карданд аз маркази вилоят.

Раис ҳама корашро як сӯ монда ба ҷустуҷӯи ин даҳмарда баромад. Гуфтанд, ки ӯ тарафи «Заводи гӯсфандпарварӣ»-и Дашти Ноф (поёни Боботов) рафтааст.

Бо «УАЗ»-и худ ҳамон сӯ равона шуд.

Ин рӯзҳои аввали тирамоҳ буд.

Раис ӯро пайдо карда, ба мошинаш шинонд ва рост ба сари мол бурд. Чӯпони нав яке аз инсонҳои шарифи Кенггузар буд. Аммо шасти даҳмардагияаш боқӣ намонда. Бинобар ин, дар андак вақт гӯсфандони фарбеҳу бордорро хароб гардондааст. Ин кораш хуб набуд.

Ӯ раису акаи Тундурро дида ҳайрон шуд.

– Чӣ қадар аст гӯсфанд? Оё каму зиёд нашудааст? – гуфт раис.

– На каму на зиёд – 880 сар, – гуфт чӯпон.

– Нағз!.. Ба соҳибаш супоред. Ҳисобу китоб, хату чакашро сариқтисодчӣ дуруст мекунад. Хафа нестед? – аз эҳтиёт пурсид раис.

– Не-не, – сар хам кард чӯпон. – Ёварҳои моро қабул доред?

– Ҳо, чанд рӯз ин ҷо бошанд, – ба ду ҷавони офтобсӯхта нигарист. – Агар ёварони ман наоянд, инҳо корро давом медиҳанд.

– Бисёр хуб.

Раис чӯпонро бо худ гирифта пас гашт.

Ҳамон бегоҳ устод Ҳумоидин ба раис сим зада:

– Чутӯ шуд? Гӯсфандро гирифт?

– Гирифт, – посух дод раис.
– Чӣ? Гирифт ё гирист?– хандид ӯ.
– Ӯ намегиряд!
– Медонам…Гуфтанд, ки гӯсфандаш харобу лоғар шудааст? Ба ака Тундур гӯед, рамаашро сӯи ноҳияи Қизириқ ронад. Заминҳои пахтааш бо мошин чидашудаи серғизо ҳаст. Бо роҳбари он Рӯзӣ Сомон гап задам… Сарчӯпон медонад он касро.
– Хуб шудаст, – гӯшакро дар ҷояш монд раис.

=21=

Дар як вақт, ки акаи Тундур аз хароб шудани гӯсфандон зиқ шуда, рамаро сӯи пистазорони Ҷануби Боботов меронд, ду саворан асп ду рӯбоҳи сурхи доманакӯҳро пеш сурронда, қаҳқаҳзанон хандида наздик шуданд. Сарчӯпон аз дур онҳоро шинохт. Яке муовини раис ҷавонмарди бовиқор Аҳмади Бобоёр, дигаре чӯпони номдор Рустам Камол буданд.

Вафодор – сагҳои чӯпонӣ он сӯ тохтанд.

Рӯбоҳҳо худро ба ҷарӣ заданд.

– Пас гардед! – ёварон он сагҳоро пас гардониданд.

Меҳмонҳо он «гапи қарз»-и раисҳоро ба акаи Тундур расонданд ва худ сӯи авули даҳмарда Гулаҳмад ҳоҷӣ равона шуданд, ки дар ҷануби Дашти Ноф воқеъ буд.

=22=

Ёварони даҳмарда Тундур хурсанд шуда сари гӯсфандро тарафи Чӯли Қизириқ гардонданд. Дастгирии роҳбарони вилоят ба сарчӯпон болу пар бахшид. Рамаи калонро аз паҳлӯи Обанбори Сурхон гузаронда бурданд.

Вай роҳбари ҳизбии он ноҳия Рӯзӣ Сомонро мешинохт, асл фарзанди атрофи Дараи Ниҳон буд. Ӯ ҳам рост ба қабулгоҳаш рафт. Хуб пазирой дид ва аз сим задани Ҳумоидини Шароф гап зад. Рӯзӣ Сомон саркори чӯлро ёфта гуфт, ки ба сарчӯпон Тундур имкон диҳад...

Акаи Тундур хурсанд буд, ки роҳи ба тоб овардани гӯсфандонашро пайдо кард. Он ҷо бо чӯпонҳои Кофируну Бандихон, Чӯли Истара (тобеи Бойсун) ошно шуд. Онҳо низ беҳтарин ва тозатарин зоти гӯсфанди ҳисориро парвариш мекарданд, ки инро медонист ва ҳатто аз онҳо борҳо қӯчқор мебурд барои наву тоза кардани зот!

=23=

– Оҳ, одамон-одамон! – мегуфтанд даҳмардаҳо байни худ дар чӯл. – Чашми дили баъзеҳо сер не! Ин ганда-а! Гӯсфандро бинанд, мисли гург ба он чашм ало мекунанд. Хаёлашон, ки вай соҳиб надорад, ҳисобу китоб намешавад…

Дар он чӯл гӯсфандони бойсуниён низ хеле фарбеҳ ва назаррас шуданд. Он рамаҳо аз чарогоҳҳои Мачай, Қизилнавр ва Биловтун фуромада, то ба ин ҷойҳо расидан садҳо фарсанг роҳ тай карда, вазнашон коҳида буд.

Он ҷо як «нафари масъул»-е ҳам пайдо шуд, ки бо баҳонае аз чӯпонҳо чиз рӯёндан мехост. Рӯзе вай сӣ сар гӯсфанди як чӯпонро пеш андохта бо худ бурданӣ шуд.

– Ҳа, ҷони ака? – гуфт чӯпон пеши роҳи ӯро гирифта.– Гӯсфандон чӣ гуноҳе содир карданд?

– Гӯсфанд не, ту гунаҳкор! – Чӣ ҳақ дорӣ, ки рамаро ба замини пахтааш чиданашуда дарорӣ! – сиёсат кард вай.

Гапашон пасту баланд рафт.

– Ака, иғво накунед, – гуфт чӯпон ноилоҷ. – Тӯҳмат накунед…

Номард аз ӯ чанд ҳазор сӯм пурсидаст, то «беҷанҷол» халос хӯрад.

– Як пули пучак нате! – мегӯяд ака Тундур ӯро дида. – Ин дафъа биёяд, бигӯ ки «гӯсфанд аз ту не, аз ман аст!»…

Ҳарду ба идораи дахлдор рафта маълум карданд.

Он шахс фаврӣ аз вазифа сабукдӯш гардид. Гӯсфандони чӯпони бойсунӣ ба рама гардонда шуданд.

Баъзеҳо даҳмарда Тундурро, ки ростраву ҷасур буд, одами саркаш, гоҳе дилозор мепиндоштанд, хуш намедиданд. Вале вай аз ин гапҳо парвое надошт!

=24=

Ин гапҳоро одамони нотавонбин мегуфтаанд дар ҳаққаш. Вале ӯ дар назари аксар кӯҳистониён чун аввалин даҳмардае мерасид, ки дар таърихи инсон бори нахуст оҳанраборо аз байни сангҳои кӯҳистон кашф карда буд. Барояш ҳар як сангу буттаю гулу гиёҳи кӯҳистон азиз буд. Ҳеҷ дил аз рамаи гӯсфандонаш канда наметавонист. Аз осмони пурситора, ки вақти ба шабчаро баровардани гӯсфандон аз сари ёлаҳо ё чуқурию жарафно наззора мекард, фараҳ мебурд. Аз инҳо муқаддастар чизе гӯё ба назараш намерасид.

Раиси хоҷагиашон А. Сатторов ҳам дар ҳамин ақида буд…

Лек ахиран, рӯзе ки бо ӯ сӯҳбат доштем, вай раисро ҳам дар ҳайрат гузоштааст… Ӯ дар асл, барои хабар гирифтани аҳволи раиси бемор аз кӯҳ фуромада будаст. Ба қавле касалибинӣ омадааст…

– Хуб, аҳволи шумо чӣ тавр? – пурсидаст раис.

– Аз хок берун, гаштем раис, – ҷавоб додаст ӯ ва хоҳиш кардаст, ки ба узраш гӯш диҳад.

– Чӣ узр? – сар аз болин бардоштаст раис ӯро афтодарӯҳ дида.

– Синну солам ба ҷое расидаст, раис. Рамаро супорам мегӯям, раис.

– Хестед, ки хобатон, ака Тундур, – гуфтаст ӯ. – Ҳоло вақти ин гапҳо не… Рамаро ба кӣ супурданиед?

– Агар иҷозат бошад, ба писаронам Муҳаммадӣ ва Абдураҳмон... Шукр, таҷриба, ҷасорат доранд, ба воя расидаанд…

– Медонам, акаи Тундур. Ба ҳар ҳол, онҳо шумо шуда наметавонанд! Аз куҷо ин фикр ба саратон зад?

– Ман ҳам мехоҳам, қатори дигарон ҳаҷ равам, раис, осуда дар хона дам гирам…

– Ин тавр гӯед?.. Барои ҳаҷравӣ рамаро супурдан шарт не. Одамон вақти рухсатии худро истифода бурда, ҳаҷ рафта меоянд… Худамон шуморо ба рӯйхати ҳаҷравҳо шомил мегардонем. То вақти ҳаҷравӣ рама аз кӯҳ мефурояд, ба Дашти Ноф мерасад. Аз ташвиш халос мешавед. Орому осуда ҳаҷ рафта меоед… Дуруст?

– Дуруст, – розӣ шуд сарчӯпон.

Дигар ҳоҷати гап набуд.

Сарчӯпон аз назди раис баромада рост сӯи фурудгоҳи чархбол рафт.

Вай он ҷо озуқаворӣ барои чӯпонҳо ва намак барои рама оварда монда буд.

Чархбол баъд аз пешин бояд мерафт.

Мардуми кӯҳистон, бештар чӯпонҳои шиносу ношинос нишастанд. Чархбол бо қарраси худ атрофро ба ларза оварда парвоз кард. Вай фарози Чиҳил Дараро пушти сар гузошта, аз Дараи Ниҳон ва доманаи Хоҷапиркӯҳи Калон убур карда, сӯи Киштӯту Тамархӯд мерафту мерафт.

Солҳои охир рамаҳои ширкати онҳо тобистонро дар марғзорони он ҷо мегузаронданд.

Вай лаҳзаҳои парвоз ду чизро орзу мебурд: «Масъалаи рафтан ба ҳаҷ – ба Маккаю Мадинаи мукаррама, ки аллакай гапзанон кард… Иншоаллоҳ ба ин орзуяш мерасад…

Дигар ӯ бисёр мехост асрори гирифтани зотро аз гӯсфанди сури тиллоранг омӯзад ва дар амал ҷорӣ созад».

=25=

Ҳамон сол, охирҳои моҳи декабр орзую нияти якуми ӯ амалӣ шуд. Ба даҳмардаи ҷасур муяссар шуд, ки қатори ҳазорон мусулмонони ҷаҳон ба ҳаҷ рафта, сиҳату саломат баргардад. Орзуи деринааш амалӣ гардид.

Иншоаллоҳ, орзуи дигараш, ки гирифтани зоти гӯсфанди сури тиллоранг аст, низ амалӣ мешавад. Вай худ медонад, ки ин навъи гӯсфанд дар дасти чорводорони номӣ ҳаст. Ҳарчанд ки он сирр нигоҳ дошта мешавад, сирр ҳам ногузир дар қалби одамони нек «парвариш» меёбад. Аммо одамони нек дар олам кам не…

Ҳамонҳоанд, ки Осмонро софу беғубор, Заминро чун гавҳараки чашм нигоҳ медоранд. Беҳуда ин гуна одамон «Осмон – падар, Замин – модар» намегӯянд. «Нони ҷаҳон – гандуму ганҷи равон – гӯсфанд» мақоли мардуми атрофи Дараи Ниҳону Дашти Ноф аст, ки тӯли ҳазорсолаҳо ин олитарин зоти гӯсфанди Замин – гӯсфанди Ҳисориро нигоҳ дошта, доим нав кардаю ривоҷ дода меоянд.

Даҳмарда Тундур ҳоҷӣ бовар дорад, ки зоти Сури тиллоранг ва Гули Сиёҳро низ рӯзе дастрас ва афзун мегардонанд. Агар ин орзу даст надиҳад, ҳоҷӣ бобо умедвор мемонад, ки амалӣ гардондани он ба фарзандони ӯ ва дигар даҳмардаҳои ояндаи атрофи Дараи Ниҳон ва Дашти Нофи афсонавию зебо муяссар мегардад.

*Деҳнав-Душанбе, 2008.*

# ҲИКОЯҲО



## *АЗ СИЛСИЛАИ «ГУЛГАШТИ ТӮРОН»*

### ДОРУФУРӮШ

Дар урфият беҳуда «Оби дари хона қадр надорад» нагуфтаанд. Агар ҳамин тавр намебуд, ин қадар фароғатгоҳу мавзеъҳои хушбоду ҳавои кишварро монда, барои истироҳат ба ҳар гӯшаву канори дунё намерафтем. Инак чанд сол аст, ки барои «қадр» пайдо кардани «оби дари хона» банда рухсатиамро дар истироҳатгоҳи атрофи Тошканд мегузаронам ва дар ин истироҳатгоҳ ҳамасола як навоварию усулҳои хуби табобат зуҳур мекунад.

Рӯзи ба истироҳатгоҳи «Тӯрон» ҳозир шуданам духтур Манзура Султонӣ хуш қабул кард, дафтарча кушуд, муолиҷа таъин намуд: масҳи зериобӣ, сияҳлой, оббозӣ дар ҳавзи шиноварӣ ва ҳоказо. Ӯ дафтарчаро ба дастам дода гуфт:

– Алҳол ҳаминаш кифоя.

– Оё қабули ҳамаи ин зарур аст? – гуфтам баҳри андак кам кардани навъҳои табобат.

– Шарт ва зарур, – гуфт дар ҷавоб духтур ва бо лабханд илова намуд. – Ғайр аз ин табобат боз ба қабули профессор Тӯлқин Муродӣ меравед.

– Охир, ман бемор не, барои истироҳат омадаам, аз чизе шикоят надорам, – узр овардам ба духтур. – Ба ҷои ин қадар обу сияҳлой қабул кардан беҳтараш дам гирифта китоб мехонам.

– Ана гапу, – бо табассум аз ҷой хест Султонӣ. – Дигарон обу сияҳлойро кам нависондӣ гуфта шикоят мекунанду шумо бошед…

– Шакара камаш нағз.

– Хуб, – дандонҳои садафосо рахшонашро намоиш дода хандид духтур. – Шакара камаш нағз бошад, нисфашро кам мекунем.

Духтур мисли ҳама соҳибаҳои хилъати сафед фаришта барин зебо буд. Сӯҳбаташ мисли оҳанги марғуб гӯш менавохту аз тамошои чашмони обиаш ҷон роҳат мекард.

Ва ба муоинаву сӯҳбати ин фариштаи чашмони нилобӣ мебоист пас аз як ҳафтаи муолиҷа ҳозир мешудам, вале ӯ рӯзи саввуми табобат маро даъват карда ҳол пурсид:

– Хӯш, шакара камаш чӣ тур аст?

– Бад не, – гуфтам дар ҷавоб ва гӯлпурсӣ кардам: – барои пурсидани ҳамин гап даъват кардед?

– Не-не, барои он, ки имрӯз шуморо қабули профессор дар пеш аст.

– Гуфтам-ку шикоят надорам. Ба қабули он кас эҳтиёҷе нест.

– Шумо эҳтиёҷ надошта бошед, «за то» он кас эҳтиёҷ доранд, – гуфт Султонӣ бо лабханд ва ҷиддӣ илова кард. – Дар табобатгоҳ тартиб чунин аст: ҳар кас ки ин ҷо меояд, ҳатман аз муоинаи профессор мегузарад.

Ҷонам аз тамошои чашмони обию дурахши дандонҳои рахшон роҳат карда, маҷбур ба қабули профессор, ба қабати дуюм баромадам. Аз дари нимроғ симои профессорро дида, иҷозат пурсидам:

– Мумкин?

– Э, даро-ед! Ши-нед! Но-ма-тон?

Ному насабам гуфам.

– Бис-ёр хуб, Аҳ-мад-хон, бис-ёр хуб, – ӯ айнакашро ба хирмани мӯяш андармон намуда боз пурсид:

– Э, со-ли та-вал-лу-датон?

– 1960.

– Э, қа-риб ҳам-сол буда-ем…

– Аҷаб не.

– Со-ла-тон?

– Вафодор, – гуфтам барои озмуд, зеро аслан он соли «муш» аст...

– Э-э, ин хел сол нест, бо табассуми сохта аз рӯи коғаз сар бардошт ӯ.

– Мо, тоҷикон соли «саг»-ро маданӣ карда «вафодор» мегӯем.

– Нағз – нағз, беҳуда «Саг вафодор – зан ҷафокор» намегуфтаанд…

– Дар олам занҳои вафодор ҳам кам не, – боз хурдагирӣ кардам ман.

– Ро-ост, дар мо ӯзбекҳо низ. Э, масалан, со-лаш хук бо-шад, шу-мо барин ма-да-нӣ кар-да «қаракийик» мегӯянд.

– Бале, ёфтед духтур, – гуфтам.

– Про-фес-сор гӯед.. Хӯш, солим ҳас-тед?

– Шукри Худо, профессор.

– Ҳозир ме-би-нем! Пешоб чутӯр?

– Бад не, шикоят надорам.

– Ин ба назари шумо ҳамин хел. Хӯш, ягон дард, э, ҳис меша-вад? – Ба ҷавобам мунтазир нашуда афзуд: – та-би-ист, одам, ки аз пан-ҷоҳ гу-зашт, ғадуд пайдо мешавад! Ҳа.. Номи ин дардро дар илми тиб «а-де-но-ма» мегӯянд, а-де-но-ма.

– Не, ман сиҳатам, рафиқ профессор.

– Гуфтам-ку ба на-за-ра-тон ҳам-ин хе-л, лекин мо мард-ҳо ҳама «а-де-но-ма» дорем. Пешгирӣ лозим, вагарна дер мешавад, ҷа-но-бон! – Дигаронро ҳам фаромӯш накард ӯ. – Давои он – доруи шиш-та-нон.

– Чӣ доруе гуфтед?

– Гуфтам «Шиш-та-нон»!

– Нафаҳмидам, шишта нон?

Ва пас аз ҳарф ба ҳарф рӯи коғаз навиштани номи дору фаҳмидам, ки ӯ ҳарфи «с»-ро «ш» талаффуз мекардаст: «Сустанон»…

– Ин доруро аз куҷо пайдо кунем? –зудтар рафтанӣ шуда пурсидам.

– Аз дорухонаи худамон, – гуфт ӯ коғазчае навишта ба дастам дод.

– Нархаш?

– Қи-мат не, ҳамагӣ си-ву-се сӯм, сиву се сӯм...

– Арзон-ку, хоки сиёҳ-е, – киноя кардам.

– Ҳо-о, ар-зон, – бепарво посух дод ӯ. – Барои ҳамин ҳам се-то навишам, ҳамагӣ 99 сӯм… Якташа ҳамин рӯз қа-бул фар-мо-ед!..

– Доруи обакист?

– Ба-ле. Дутои дигарашро ҳар моҳ, пас аз як моҳ!..

– Метавонам равам?

– Ме-та-во-нед, равед, – гуфт ӯ номамро аз рӯйхаташ хат зад ва хоҳиш кард. – Агар дар қабулгоҳ одам бошад, гӯ-ед дарояд.

Гуфтам.

Як кас даромад…

Дигаре, ки навбат мепоид, хавотир шуда пурсид:

– Чӣ гап бошад? Шикоят надораму маро бемор гуфта даъват кардаанд.

– Парво накунед, ба шумо низ профессор дард ёфта, чӣ будани «аденома»-ю «сустанон»-ро нағзакак мефаҳмонад, – гуфтам оҳиста. Ӯ бо даҳони воз лабханд кард.

* * *

«Сустанон»-ковӣ баромадам. Дӯкони шахсии профессорро нишон доданд. Одиякак, қариб ҳеҷ чиз надошт, аз дорувор. «За-

то» дороие, ки он ҷо буд, бо ҳеҷ чизи дунё баробар наметавон кард: куриёидухтаре бо як ҷаҳон нозу истиғно паси пештахта рост меистод. Дар танаш пероҳани ҳарир. Гӯё парии обӣ ҷои дигар наёфта, ҳамин ҷо даромадааст… Баёзгардан. Дастон – булӯрин. Чашмон танг, мижгон як тири бало. Ғаб-ғаб шафтолуи нимдумбул барин.

Ба салом алек намегирифтааст ӯ. «Наход гунг бошад?» – гуфта коғазакро бо имзои профессор ба дасташ додам. Гап назада се доруи обакии хушғилофро доду лабханд кард. «Хонаобод профессор чӣ доруе фармудааст, ки ин паризоди «гунгу лол» механдад?» – аз дил гузарондам.

– Яктоашро имрӯз гиред, – гуфт, – қувват мебахшад!

– Хайрият-е, забон доштаед, – хурсанд шудам ва илова кардам. – Чандон ҳам камқувват нестем-ку!..

Ҳамаи мо, ҳамон рӯз, яктогӣ «Сустанон» қабул кардем. Сабил ҷисму ҷонро месӯзондааст. Як поямро се рӯз ҷунбонда натавонистам. Духтурам Манзура Султонӣ ба пурсиш омад:

– «Шакара камаш нағз гуфта, охир «Сустанон»-ро ҳам қабул кардед?» – ширин лутф кард.

– Бале, сар хам кардам.

– Ба шумо чандто доданд?

– Сето.

– Чандӣ?

– Сию сесӯмӣ.

– Ҳо-о, доруҳошона расо пул каисен-дия, – гуфт ба лафзи ширини самарқандӣ.

– Ана, гап дар куҷо? – ба ҳамдигар нигоҳ кардем мо «сустанониҳо»…

* * *

Истироҳат, муолиҷа, таомхӯрӣ, тамошои филмҳо давом дошт. Дигар пайи гап намегаштем. Лек пас аз як-ду ҳафта худи гап моро кофта омад. Онро Ҳафизабону, ки сари як миз таом мехӯрдем, овард.

– Сари роҳ дӯкони доруфурӯшие ҳаст. Онро кӣ дидагӣ? – пурсид ӯ бо нозу таманно.

– Дидаем.

– Он ҷо як паризод дору мефурӯхт, дидаед?

– Дидаем, ҳатто доруи «Сустанон» гирифтаем...

– Ана ҳамон паризод профессора боб кадаст: қариб миллион сӯми доруҳоро гирифта ғайб задаст!..

– Саломатии профессор чутӯ бошад? – афсӯс хӯрдем мо ва барои озмуд тарафи дӯкон рафтем.

Лек он гап беасос будаст. Кадоме шӯхӣ кардааст… Дидем, ки паризоди куриёӣ ором-ором, бо табассуму нозу истиғно ба мардум дору медод.

## ХОНУМИ «ХУШБАХТ»

Касе ки дар ин ё он осоишгоҳ истироҳат карда бошад, хуб медонад, ки одамон бо ҳамнишине дар андак муддат унс мегиранд, баъд солҳо ҳамдигарро фаромӯш намекунанд. Мо низ чунин будем. Ҳамнишини мо Ҳафизабону ҳар субҳ ба наҳорӣ бо як гапи наву табъи болида меомад. Лек ин зани хушчақчақу сӯҳбаторо як саҳар мисли ҳавои боронӣ бо табъи хира омад.

– Бахайр аст? – Сабаб пурсидем авзои парешонашро ба муоина гирифта.

– Имшаб ману Раъноҷонро, аз «баномусӣ» баъзеҳо, хоб набурд, – гуфт ӯ ҷониби ҳамхонааш Раъно ишора карда.

Раъно дар мизи шафат таом мехӯрд. Ӯ ҳар сол ин ҷо барои табобат аз Самарқанд бо шавҳараш меомадаст. Ин дафъа бо писараш Бахтиёр омадаст. Ҷавонзани нозанин, аммо дардманд… Ба қавли Ҳафизабону Худо барояш ҳам ҳусн додаасту ҳам дард. Раҳми кас меомад ба ин ситораи саҳарӣ, ба он ҳусни нотакрор.

Агар апаи Раъною Ҳафизабону, апаи Хосияту ду-се соҳибҷамоли дигарро истисно кунем, ҳамон тирамоҳ, истироҳатгоҳ моломоли момоҷонҳо буд. Сари синаи ҳамаашон қатор-қатор ордену нишон. Онҳо ҳатто барои обу сияҳлойгирӣ сари дил ордену нишон зада мерафтанд. Рости гап, ордену нишонҳояшон зебу зинате ҳам дошт. Танҳо сари синаи Ҳафизабонуюю апаи Хосият чизе набуд. Пахтакору пахтачини одӣ будаанд онҳо.

– Ҳафизаҷон, кӣ беномусӣ кард, ки имшаб шуморо хоб набурд? – пурсид апаи Хосият теғ кашида бо мижгон.

– Тавба, аҷаб замоне шуд, ҳа-ҳа нагӯӣ, як чашмат чашми дигаратро фиреб медиҳад. – ӯро аз шиддати сухан сулфа омад.

– Чой резам? – Ғамхорона пурсид ҳамнишинамон Темурхон.

– Резед додар, ки нафасам гирифт, – ӯ як қулт ҷой нӯшида ба ман рӯ овард. –Музайянаи танноз дар ёдатон ҳаст?

– Ҳа, ёд дорам, – гуфтам аз пурсиши ӯ ба чизе сарфаҳм нарафта ва илова кардам. – Дар мизи таги девор рӯ ба рӯи шумо менишаст-а?

– Ҳа-ҳа, – қаноатманд сар ҷунбонд Ҳафизабону. – Чанд рӯз бо ҳам шишту хез карда дирӯз, баъд аз хона рафтанаш, аз сирру асрори ӯ хабар ёфтем.

– Чӣ сирру асрор-е? – Ҳайрон шуд апаи Хосият.

– Сирр ҳам худаш сирр-дия! Рӯзи омаданаш бо як марди дуб – дуруст дар як хона ҷой доштанд. Ба мо ӯро шавҳарам гуфта буд, лекин рӯзи дигар худашро ба хонаи мо гузаронданд.

– Чӣ гап, шӯятон куҷо шуд? – Пурсидем аз ӯ.

– Тобашон гурехт, беморхона бурданд, – гуфт ба чашмонаш ашк чарх зада. – Намедонам чӣ кунам. Акнун як поям ин ҷову як поям дар беморхона мешавад.

Мо аз гапи олам бехабар ҳар рӯз аҳволи шавҳарашро пурсида, таскин медодем. Аз мушкилоташ нолида рӯз табобат мегирифту шаб ғайб мезад.

– Сиҳатии шавҳаратон чи тур? – Пурсидам боре пас аз ду шабу ду рӯз ғайб заданаш.

– Шукр нағз, лекин ҳеҷ не, ки фишорашон фуроянд, – гуфт бо оҳанги дардолуд.

Ва ман барои хуш доштани табъи ӯ ҳазл кардам:

– Шумо барин зани ҷавону нозанин, ки доим дар барашон ҳастед, фишор намефуроянд-дия.

– Рост мегӯед, – бо завқ хандид Музайяна. – Маро доим ғамбароракам гуфта навозиш мекунанд…

– Наход?

– Ҳа, ҳар рӯзи Худо як чизи қиматбаҳо тӯҳфа мекунанд. Ба бемориашон нигоҳ накарда касбу корашон тӯҳфахарӣ. Ба ҳамшираҳои шафқат пул медиҳанд, онҳо чизи дилхоҳи маро аз чайқовбозор харида меоянд.

– Зани хушбахт будаед, – гуфтам бо ҳавас. –Худо ин хел шавҳарро насиби ҳар кас намегардонад.

Ва ҳамин «зани хушбахт» пас аз дирӯз бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо, ҷемперҳои барқаду ангуштариҳои тилло, куртавори мӯди охирин баргашт ва бо шукронаи бисёр гуфт, ки шавҳараш сиҳат шудаасту саҳар ба хона мераванд.

Ӯ саҳар чизу чораашро ғундошта аз мо хоҳиш кард:

– Илтимос, маро то таги дарвоза гусел мекардетон. Борам вазнин.

Ман ҷомадони аз ҳама калонашро бароштам, аппаи Холбибӣ саросема аз сари ҷойнамоз хестанд. Раъноҷон низ ҳамроҳ шуд. Чизу чораашро бардошта то дарвозаи калон бурдем. Он ҷо як

мошини «Мерседес» ӯро интизор буд. Ронанда сигор мекашид. Музайяна дар паҳлӯяш нишасту дар як дам зимми ғайб заданд. Баъд чӣ шуд, гӯед?

– Хайр, чӣ шуд? –бо ханда пурсид Темурхон.

– Мо ҳоло аз таги дарвоза нарафта, як «Тико»-ча омада, ронандааш Музайянаро пурсид.

– Ҳозиракак мо гусел кардем, – гуфт Раъноҷон.

– Куҷо?

– Ба беморхона. Аз он ҷо ҳамроҳи шавҳарашон хона мераванд...

Чӣ хел шавҳарашон? –Ҳайрон шуд ронанда. –Шавҳарашон аз Ҷиззах маро барои бурдани он кас фиристоду…

– Шумо ба он кас кӣ мешавед?

– Ҳеҷ кас.

– Ҳеҷ кас бошед, чаро ба суроғашон омадед? –Пурсидам аз посухи ӯ ҳайрон гардида.

– Ман як ронандаи кирокаш, – гуфт ӯ, – вақти аз шаҳр баромадан қоидаи роҳро вайрон кардам. Шавҳари он кас нозири роҳ аст. Аз «Тӯрон» апаатро биёр, ман праваатро медиҳам гуфт. Ноилоҷ омадам. Акнун ба шавҳараш чӣ гӯям?.. – ба изтироб омад ӯ.

– Чӣ ҳам мегуфтед? Рафта гӯед, ки то ба «Тӯрон» расидани ман занатонро ронандаи правадор бурдааст.

– А-а ? –Аз ин маслиҳати ғайричашмдошт боз ҳам музтар шуд ронанда. Ин лаҳза Раъноҷон бо андеша байн даромад «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» гуфтаанд, додарҷон. Аз паси гап нагардед. Бигӯед, ки шумо ӯро наёфтед. То омадед, ки… рафтааст, вассалом. Бигзор як оила вайрон нашавад...

Мо аз шунидани ин қисса ҳайрон будем. Касе ёрои сухан гуфтан надошт. Пас аз хомӯшии тӯлонӣ аз ҷой хесту Ҳафизабону ин сукутро шикаст:

– Дар зиндагӣ баъзе мардҳои бепарво ана ҳамин хел «хонуми хушбахт» доранд...

## ПАЛАВИ ДАСТӢ

Фараҳбахш буд сайру гашт дар гулгаштҳои Тӯрон.

Гашти рӯз бо ҳамдиёрам Очил Пардаи Бойсунӣ, дӯсти Марғелониам Саидхони Акрам сайр мекардем. Айёми хазонрез

буду дарахтони боғ аз баргҳои тиллоӣ рӯи замин пироҳан мепӯшонданд. Тахмин бист қадам дуртар аз мо дастаи янгаҷонҳо низ сайр доштанд. Онҳо баробари зери чормағзи азим расидан, мисли духтараконӣ дар баҳорон гулчин, худро бо шавқ ба чаҳор тараф заданд.

– Чӣ гап? – ҳайрон шуд Очил Парда.

– Нигаред, – Саидхон бо завқ ба шохаҳои баланди қатор – қатор чормағзи бузург ишора кард. – Зоғҳо чӣ сон чормағзафшонӣ доранд.

Дарвоқеъ, тамошои он манзара завқбахш буд: дар боло зоғҳои сиёҳ чормағзафшонӣ доштанду дар зер янгаҷонҳо чормағзчинӣ. Маслиҳат кардагӣ барин янгаҷонҳо низ либоси сиёҳ доштанд. Дарахти чормағз ончунон шоху барги ғулӣ дошт, ки на онҳо зоғҳоро медиданду на зоғҳо янгаҷонҳоро.

– Зоғҳои Тошканд ҳам мисли зоғҳои Бойсун дар чормағзафшонӣ усто будаанд, – лутф кард Очил Парда. – Зоғро одат ҳамин: ҳар куҷое чормағз бинад, ба минқор гирифта ҳафт қир мебарад ва аз баландӣ онро рӯи санг меандозад, то бишканад… Рафту чормағз нашиканад, аз таги санг баҳорон ниҳоли чормағз месабзад. Қариб ҳама чормағззорҳои кӯҳсорон бо ҳамин хизмати зоғҳо бунёд шудагӣ.

– Нахо-о-д, – ҳайрон шуд Саидхон атласбоф.

– Чӣ, гумонатон, ки одамон боғу роғашонро монда дар кӯҳҳои баланд чормағзшинонӣ кардагӣ? – гуфт Очил Парда ва аз янгаҷонҳо чашм наканда хандон илова кард. – Агар бовар накунед, ана аз Ҳафизабону пурсед.

– Ӯҳ-ӯ-ӯ, чутӯ номи мо дар забонатон нишаст-а? – бо ноз пурсид Ҳафизабону ва ба ҳар кадоми мо дутоӣ чормағзи қоғотӣ дода илова кард. – Беҳтараш чормағз хӯретон.

– Шумоён хӯретон, мо хӯрдагӣ барин, – лутф кард Саидхон.

Аз хандаю қаҳ-қаҳаи янгаҳо боғ гӯё ларзид ва зоғҳо ҳушёр шуда, шохҳои баландро тарк карданд.

– Дигар чӣ кунем? Музайяна барин шӯҳомон хабар нагиранд, мағз – чағз наоранд. Рӯзамон ба ҳамин зоғҳои чормағзафшон мондагӣ!– Нимшӯхию нимҷиддӣ шикоят кард апаи Хосият.

Ҳафизабону боз кабки дарӣ шуд, қаҳ-қаҳа зад.

– Ҳа, хандед Ҳафизаҷон, шӯяки шумо дирӯз омада рафтанддия. Намедонам, шавҳари маро чӣ бало зад? Солҳои пеш ин хел набуд. Дам ба дам хабар мегирифт, ҳар хел меваю чева меовард…

Ҳардуи ин янгаҷонҳо аз водии Фарғона буданд ва дар ҳазлу мутоиба устухон надоштанд. Мо ба ҳазлу шӯхиҳои онҳо одат карда будем, аз ҳар суханашон завқ мебурдем:

– Апаи Хосият!

– Лаббай Ҳафизаҷон.

– Мулло поччоям калонтаранд ё шумо?

– Дар синну сол поччотон калон, дар ҷусса ман, – гуфт апаи Хосият дастони булӯр барин сафеду сергӯшташро совида.

Аз ин посух ҳанӯз мавҷи ханда фурӯ нанишаста, дами дарвозаи осоишгоҳ мошини сабукраве ҳозир шуд ва Ҳафизабону беихтиёр нидо кард:

– Апаи Хосият, писаратон Аброрхон омаданд!

– Оҳ, мурдам ба кенҷаписарам-е, – гӯён апаи Хосият ҷомаи гулдорашро афшонда аз ҷой хест.

Писари хушқаду қомати апаи Хосият хам хӯрда модарро оғуш гирифт. Модар ӯро такрор ба такрор бӯсида пурсид:

– Ҳама нағзанд, бачем?

– Шукр нағз, салом гуфтанд. Худатон чӣ хел? Зиқ нашудед?

– Зиқ шавам ҳам, чӣ кунам? Осмон баланд – замин сахт, хайрият омадӣ, бачем.

– Омадам, ки шуморо барам, – гуфт писараш нимшӯхию нимҷиддӣ.

– О-не-е, – эътироз кард Ҳафизабону. – Мо рафтан намемонем. Бе ин кас, ман як лаҳза ҳам ин ҷо намеистам!

– Ба мошин шинетон, маслиҳат мекунем, – гуфт писар.

Апаи Хосияту Ҳафизабону нишастанд. Мошин тарафи бинои занон роҳ гирифт.Байни онҳо чӣ гапу чӣ маслиҳат шуд, мо хабар надоштем. Ҳафизабонуи муждарасон он саҳар хомӯш буд. Ва гоҳе ҳини таомхӯрӣ лабони базебашро ҷуфт карда чизе гуфтан мехост, аммо бо кадомин андеша боз хомӯш мемонд. Ва ниҳоят, пас аз ду рӯз, вақти хӯроки шом тоқаташ тоқ шуду кафид:

– Медонед, апаи Хосият ҳамон рӯз ба писарашон чиҳо гуфтанд? – Ва интизори «чӣ гуфтанд» – и мо нашуда худ бо шавқ қисса кард:

– Ҳамон рӯз, писари апаи Хосият савғои бисёр оварда будаст. Ба хӯроки шом ҳам набаромадем. Аброрхон баргаштанӣ шуд. Апаи Хосият як қисм чизу чораашро бӯхча баста ба дасти писарашон доданду гуфтанд:

– Мана ин чизу чораи ман. Бару ба дасти дадаат супор.

– Барои чӣ ба дадаам супорам? – Ҳайрон шуд Аброрхон.

– Гӯш кун бачем, ба падарат чӣ шуд, ки як бор омада «ҳолат чӣ?» нагуфтанд. Рафта бигӯй, ки очаам дигар ба хона намеоянд. Агар ягон калу кӯр ёфт шавад, ҳамроҳ шуда мерафтаст…

– Мо занҳо, ки ба ин хел гапҳои шӯхиомези он кас одат карда будем, хуб хандидем. Аммо Аброрхон на хандиданашро медонисту на гиристанашро. Ранги рӯяш парида, чӣ гуфтанашро намедонист.

Ана бинед, ки аз байн ду рӯз нагузашта, мулло поччом, мисли навдомодҳо ангуру харбуза бардошта омадаанд.

– Эҳе –е, зӯр-ку?

– Ҳа, зӯр! Барои як ҳафта боз пул пардохтанд.

– Чаро хӯрокхӯрӣ наомаданд?

– Он кас хӯроки ошхона намехӯрдаанд. Як сатили сирдора то даҳонаш пур карда гӯшту рӯғани думба овардаанд. Як марди хушсурати нуронӣ, ки аз сӯҳбаташон кас сер намешавад.

Мо аз сари миз хестанӣ будем, ки апаи Хосият дар раҳрав пайдо шуда, аҳли нишастро ба оши нисфирӯзӣ – палави дастӣ даъват кард.

Рӯзи дигар, зери ҳамон дарахтони азими чормағз ҷамъ омадем. Марди кулӯтариши намангонӣ дасту остин барзада, дег монда палав мепухт.

Апаи Хосият мисли наварӯсон ба мӯйсафед мадад мекард. Ҳама он ҷо ҳозир буданд.Танҳо зоғҳои чормағзафшон набуданд, ки чормағзафшонӣ кунанд.

*Тошканд, 1997.*

## БЕРАҲМӢ*

Деҳаи Ҷангал дар бари рости Сурхобсой воқеъ аст. Деҳа ба маънои томаш ҷангалистони анбӯҳ буда, ҷангалвор нафас мекашид. Бисёре аз арчаю сада, сарву санавбарашро бурида, зами-

* Ин новелла бо номи «Оё сусмор гунаҳгор?» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» нахуст чоп шуда буд. Онро «Тоҷикистони советӣ» гирифта «Бераҳмӣ» гуфта чоп кард. Устод Сотим Улуғзода, ки меҳмони мо сурхондарёиён буданд (ба шарафи 100-солагии Абулқосим Лоҳутӣ) дар як сӯҳбат гуфтанд: «Бераҳмӣ» ҳаҷман асари хурд аст, лек таъсираш аз як повест кам нест. Ман онро аз китобхонаи ба номи Фирдавсӣ пайдо карда хондам». Ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов 6 марти соли ҷорӣ дар назди хонумҳои ҷумҳурӣ аз сужети тарбиявии он сухан ба миён овардаанд. Ин ҷо ҳоло такмил ёфтааш оварда шуд.

нашро ба боғу токзор табдил дода бошанд ҳам, бӯю накҳати беша ҳанӯз боқист ва мутобиқи ҳамин бӯю накҳат деҳа аз ҷонварони ваҳшӣ, аз қабили рӯбоҳу харгӯш, хорпуштаку ҷайра, мору сусмор ҳам холӣ набуд. Сари чинорҳои баланд тираку шӯртирак, кастонаю санавбар ҳазорон ҳазор паррандагони роҳгузар ба шаббош ҳар шом садои ҳамдигарро пахш намуда, суруд мехонанд. Дар ин миён танҳо Сурхобсой бо ҳамон навои якнавохти азалӣ аз бари деҳа ҷониби рӯди Сурхон ҷорист.

Деҳаи Ҷангал байни понздаҳ – бист соли охир рӯ ба шаҳршавӣ ниҳод. Бойбачаҳои Деҳнав, ки ба таъбире онро Бағдод ё Бомбайи воҳаи Сурхон мегӯянд, аз деҳа замин, ҳатто похсадевори хонаҳои лӯлиёнро харида, боғу манзилҳои боҳашамат сохтанд. Азбаски дар деҳа бойбачаҳои нав ба нав зуҳур мекарданд, дар ин ҷо қариб ҳар бегоҳ тӯю тамошо барпо мешуд. Барои худнамоӣ, ҳатто дар таъзия, мисли тӯй маърака меоростанд. Аммо дар деҳа ҳеҷ як маросим, мисли он ки ҳамон нисфирӯзии якшанбе баргузор шуд, барпо нашуда буд. Гӯиё замини Ҷангал кафиду одам баромад!

Деҳаи Ҷангал дар ҳама фаслҳои сол ба худ хос ҳусну тароват дорад. Бахусус ҳамон чоштгоҳони моҳи май деҳа бас пургулу пурнакҳат буд ва рангу таровати тозае дошт. Бачаҳои деҳа фориғ аз ташвишҳои зиндагӣ, хушҳол аз ҳавлиҳо берун омада, гурӯҳ-гурӯҳ, қиву – чувкунон тӯббозӣ мекарданд. Бо шавқу завқи бачагӣ бо ҳам гӯштин мегирифтанд. Духтаракон кокулчаҳои худро алвонҷ дода, рӯи ҳавлиҳоро об зада мерӯфтанд. Ва бар хилофи ин фориғболиҳои кӯдакон калонсолон бо ташвишҳои рӯзмарраи рӯзгор аз паи кор буданд. Яке ба бозор, дигаре ба саҳро шитоб доштанд. Кадбонуҳо аз паи пухту паз буданду дар танӯрҳо нон мебастанд. Аз бачаҳои деҳа танҳо Нахчир, ки ягона писари хонадон буд, ҳамон саҳар дер аз хоб бедор шуд. Шаб дергоҳ бо падараш нишаста телевизор тамошо кард ва пеш аз хоб аз падараш пурсид:

– Дада, бузу гӯсфандҳоро фурӯхтед-а?

– Ҳа, бачем, фурӯхтам.

– «Барои молбониат туфлӣ, сару либоси нав мехарам» гуфта будед-а?

– Гуфта будам.

– Нахаридед-ку?

– Пагоҳ мехарам, бачем. Саҳартар хез, ҳамроҳ бозор меравем. Аз магазини Амир Холдинг, қимат бошад ҳам, харида медиҳам, – ваъда кард падар.

Аммо хоби саҳар барои Нахчир ширинӣ кард. Ҳарчанд падараш саҳар «хез-хез» гуфт, Нахчир бедор нашуд. Паҳлӯ гашта нимғурма чизе гуфту боз хоб рафт ва Ҳафиз Алӣ танҳо худаш ба бозор рафт. Нахчир қарибиҳои чоштгоҳ аз хоб бедор шуда, чашмонашро бо мушти фарбеҳаки офтобхӯрдааш молида аз очааш пурсид:

– Дадем канӣ?

– Бозор рафтанд. Ҳамин замон меоянд, – гуфт модар дар ҷавоб.

– Моламона фурӯхтанд, сару либоси нав мехарам гуфтанд, ҳеҷ не, ки харанд! – гила кард Нахчир.

– Гуноҳи худат, ҳарчанд кӯшиш кардем, аз хоб бедор нашудӣ, – гуфт модар ва меҳрубонона фарзандро таскин дод. – Ҳеҷ гап не, ҳозир дадет меоянд. Пул мегирему худамон бозор меравем…Хуб? Хез, ҷони оча, дасту рӯятро шӯй, ширчой тайёр!

Нахчир баъд аз наҳорӣ бо умеде, ки ҳамин ҳозир падараш меояд, ба кӯча баромад. Бачаҳо саргарми бозӣ буданд. Яке ду даст дар кисса, дигаре чӯб, дар даст, сеюмӣ бо тӯби чиркини нимдошти чандин сӯрохшуда қиву-чувкунон ба чаҳор тараф давуғеҷ доштанд.

Дар ин асно, аз ҳавлии мобайн муаллима Қарасоч духтарчаи кокӯлонаш тасмапечро, ки пероҳани оҳораш нашикаста дар тан дошт, аз дасташ қапида баромад. Шояд меҳмонӣ мерафтанд, ки андак шитоб доштанд. Дар дасташон гулу дастархон ба дарвозае, ки Нахчир назди он рост меистод, наздик шуданд. Ҳавлии аз ҳама охирини деҳа хонаи онҳост. Аз назди ин ҳавлӣ роҳро миёнбур карда мардум ба роҳи калон мебаромад.

Ҳамин вақт, ҳини ба дарвоза рост шудани муаллимаю духтарак, тӯби обу лойандуди бачаҳо таги пои Нахчир ғелида омад. Агар Нахчир онро нагардонад, тӯб ба ҷӯйбори тезоб меафтид ва дошта гирифтанаш осон набуд. Нахчир осемавор тӯбро сахт зада гардонд ва тӯби лойолуд рост ба шонаи духтарча бархӯрд ва ҳамаи ин кам буд, ки сару рӯйи атру упокардаи муаллимаро низ лесида гузашт.

Аз ин рӯйдоди ғайричашмдошт Нахчир карахт шуд ва бачаҳои тӯббозро воҳима гирифт. Духтарча фиғон бардошт ва муаллима нафрин хонд:

– Ҳаҳ, бетарбият, аҳмақ! Бар падарат! … – Ва ин лаҳза рӯ ба рӯяш рост омадани Ҳафиз Алиро дида аз давоми сухан худдорӣ кард.

Ҳафиз Алӣ, ки чӣ гуна ғелидани тӯб, онро чӣ сон ба зарба зада гардондани писарчааш Нахчир ва чӣ хел ифлос гардидани сару либоси духтарчаро ба чашми худ дида буд, фавран узр овард:

– Муаллимаҷон узр, сад узр! – Ва Нахчирро бо ғазаб гӯш тофта шиддат кард: – ту аҳмақ чӣ кор кардӣ?

– Дадаҷон, тавба кардам, дигар намекунам, – гирист писарча.

– Хайр, ҳеҷ гап не, бачаро азоб надиҳед, – муаллима инро гуфта барои иваз кардани либоси духтарча аз роҳ баргашта ҷониби хонааш рафт.

– Ҷавонмарг! – Ҳанӯз ҳам гӯши Нахчирро тоб медод падари бераҳму шафқат. – Сад бор ба ту, аҳмақ, гуфтам, ки бетартибӣ накун!

– Тавба кардам, дадаҷо-о-н!

Падар тӯрхалтаи пурбори дасташро таги дарвоза гузошта Нахчирро тарафи оғили бузу гӯсфандаш, ки ҳафтае пеш бозор бурда фурӯхта буд, кашола кард ва бо ҳамон шасту ғазаб дари оғили холиро кушода писарчаро тела дод:

– Ҷазои бачаи бетартиб ҳамин!

Ҳафиз Алӣ ба тавбаву гиряи фарзанд эътибор надода, дари оғилро занҷир зад.

Ҳодисаи даҳшатбори фавқулодда пас аз ҳамин қаҳру ғазаб рух дод.

Барои он ки хонанда огоҳ гардад, шарҳ додани як лаҳза, аниқтараш як сирро, ки падари Нахчир аз ҳама пинҳон дошта буд, лозим медонем.

Ҳафиз Алӣ ба молбонӣ шавқ дошт. Ободии рӯзгораш низ аз ҳамин амал буд. Моҳ андар миён аз бозор интихобан барраҳои хушрӯ харида нигоҳубин мекард ва пас аз нағзакак фарбеҳ шудан боз бозор медаровард. То бозоргир шудани мол парвои чорво ба ӯҳдаи худашу хонумаш ва яккаписараш Нахчири шашсола буд.

Ҳамон баҳор Ҳафиз Алӣ чанд сар бузу гӯсфанди барраю бузғоладор харида ба парво гузошт. Чорворо падару писар ҳар субҳу бегоҳ ба соҳили Сурхобсой ба чаро мебароварданд. Аз пояи чормағзи заминӣ, макка, коҳу беда, пӯстаи пунбадона ва кунҷора захираи фаровони хӯрокӣ доштанд. Ба чорво рӯзе се маҳал хӯрок медоданд. Ҳамеша охурҳои махсус сохтаро пур карда мемонд, ки мол баробари ба оғил даромадан бе резу чош хӯрок хӯрда бихобад.

Аммо вақтҳои охир, бузу гӯсфандҳо ба молхона ҳаросида медаромаданд. Ҳафиз Алӣ ҳайрон буд, ки ҳароси молро сабаб чӣ бошад? Ӯ чанд бор мӯрӣ, ҳатто пушту паси оғилро бодиққат аз назар гузаронд. Ҳеҷ осоре аз хавфу хатар набуд. Ҳайрати соҳибхона боз аз он буд, ки гӯсфанду бузҳо рӯз то рӯз лоғар, барраю бузғолаҳо заиф мешаванд. Дар сар ҳамин фикру ҳаёл барои маслиҳат назди ошнои чорводораш Даврон Ғанӣ рафт. Воқеаро нақл карда, маслиҳат пурсид.

– Оғилат маҳкам аст? – пурсид Даврон Ғанӣ.

– Маҳкам-у як мӯрӣ ҳам дорад.

– Боз сусмор надаромада бошад?

– Сусмор? Э, не-е, дар оғили ман сусмор чӣ кор мекунад.

– Дар гирду атрофи ҳавлии ту буданаш мумкин, ошно! Ман шунида будам, ки дар беша як балои азим ҳаст!…

– Наход? – Як андоза дар ҳайрат шуд Ҳафиз Алӣ.

– Ҳа-а, ошно, ҳар бало буданаш мумкин. Ҳоло, ки гӯсфанду бузат шир дорад, ширашонро мемакад, ҳамин ки бузу гӯсфанд аз шир монд, хунашонро мемакад!..

– Не-е?!

– Ҳа, сусмор чизи даҳшатнок аст! Онро бузмак ҳам мегӯянд…Медонӣ-а?

– Пас, чӣ кор кунам?

– Ҳамаи молатро бозор баровварда фурӯш, лекин дар ин хусус ба касе чизе нагӯй. Агар хабар ёбанд, молатро нахариданашон мумкин.

Ва ба ҳамин маслиҳат гӯш дода, Ҳафиз Алӣ молашро як ҳафта пеш фурӯхта буд.

Ҳафиз Алӣ гӯши писарчаи «гунаҳкор»-ро тофта дар оғил маҳкам кард ва сари ҷаҳл ба фарёди ҷонкоҳи Нахчир эътиборе ҳам надод, ки имдодталабона мегуфт:

– Да-да-ҷон! О-ча-ҷон! Дара кушоед! Мана мехӯрад-е! Оҳ! Вой, да-да!

Ҳафиз Алии бераҳм, гӯё гапи ӯро нашунида бошад, тӯрхалтаашро аз таги дарвоза гирифта, ба айвон баромад.

– Чой дорӣ? – Бедимоғ пурсид тӯрхалтаро ба дасти завҷааш дода. – Ташна шудам.

Ин лаҳза боз фарёди ҷонкоҳу ҳавлангези Нахчир баланд шуд:

– О-ча-а! Да-да-а! Маро мехӯрад-е! Дарро кушоед-е! Вой, во-о-о-й!

Ба нолаву фарёди фарзанд модарро дил тоб наовард, барои нарм кардани дили шавҳараш Ҳафиз Алӣ илтиҷоомез хоҳиш кард:

– Ҳой дадеш, бачаро хабар гиред, беҳуда фарёд намезанад!..

– Парво накун! Бачаат расо бетартиб шудааст! Бардурӯғ дод мезанад. – Падар чойники чойро пеш кашида, баҳузур ба болишт такя зад, то кӯфти роҳ барорад…

Ва лаҳзае нагузашта фарёди ҷонкоҳу имдодталабонаи Нахчир дар гулӯ дармонд. Садояш якбора қатъ гардид.

– О-ҳ-ҳ!

Модарро аз ин вазъу ҳол нони дастархонпеч аз даст афтод. Бо ҳарос афтону хезон ҷониби оғил давид. Занҷири дарро кушода дид, ки ду дасти писраш дар таги дару як пояш дар даҳони сусмор!..

– Вой дод! Очаат мурад! – фарёд кашида худро тарафи сусмор зад. – Падар нашуда, муред! Бачекам! Вой-е, до-о – д!..

Модар аз ғояти шитобзадагӣ пешпо хӯрда рӯи оғил афтод. Ҷон ҳавли ҷон хестанӣ шуд, натавонист. Сусмор худро ба кунҷи оғил гирифт. Бо чашмони оташбору забони дарози хунолуд таҳдид дошт. Модар аз ҳуш рафт.

Ва аз ин доду фарёди нобаҳангом Ҳафиз Алиро низ ҳуш аз сар парида ҷониби оғил давид…

– Чӣ шуд? Чӣ гап? Бо ҳайрат мепурсиданд ҳамсояҳои аллакай дар рӯи ҳавлӣ ҷамъомада.

Даврон Ғании қатори дигарон бо ҳарос ҳозир гардида, аввалин шуда худро ҷониби оғил зад ва пои хунолудаву ҷасади сипсиёҳ шахшудаи бачаи шашсоларо дида, ба кунҷи оғил чашм дӯхт. Сусмори бадҳайбате бо ваҷоҳати таҳдидомез ҷонибаш менигарист… Осемавор аз кунҷи оғил белро гирифт ва фурсати зарба нашуда сусмор худро ба мӯрӣ зад… Чанд тан аз ақибаш давиданд, вале сусмор дар як лаҳза ғоиб шуд.

Ҳамсояҳо ба рӯи модар об зада ҳушёр карданд ва чанд зан такя дода, то айвон бурданд. Ҷасади Нахчири шашсоларо рӯи даст ба хона даровардaнд. Ҳафиз Алӣ бо мушт сар кӯфта фиғон мекашид:

– Воҳ бачекам!…Оҳ, ҷигарам! Марг ба ман барин падари бераҳму бешафқат!..

Нолаву фиғони модар аз навҳаи падар ҳам ҷигарсӯзтар буд:

– Воҳ, бераҳм, ин чӣ коре буд, ки кардӣ?! Наход, ки ба дасти худат бачекама ба коми аждаҳо бидиҳӣ! Бе-ин-соф! Дафъ шав!

Ба чашмам нанамо! Мард нашуда, му-у-р! Во писа-рам! Во, Нахчир-ҷонам! Ба ҷои ту маро мехӯрд, чӣ мешуд! Воҳ, ба-че-кам!..

Дар айёми гулшукуфти табиат ва завқу шавқи зиндагӣ деҳаи Ҷангал мотамсаро шуд. Духтур, милиса, додситон омад. Одамон дар ҳавлию кӯчаҳо намеғунҷиданд. Ҳамаро ваҳшату даҳшат фаро гирифта буд. Ҳама андешаи он доштанд, ки он махлуқи одамхӯр ҳоло ҳозир аз куҷое пайдо гардида, боз боиси бадбахтии навбатӣ нашавад?..

Одамон байни худ ҳарчӣ мегуфтанду мешуниданд. Яке мегуфт, ки чанде пеш он сусморро дар қабристони назди қамишзори заҳбури калон дидааст. Дигаре мегуфт, ки бо он боре дар юнучқазор дучор омадааст. Ва аз «фаххас»-и сусмор тарс хӯрдани саги чӯпонро бо чашмони худ дидааст.

– Ба ҳамааш худи Ҳафиз гунаҳкор! – гуфт Даврон Ғанӣ. – О, ин аҳмақ ҳамин ҳолу аҳволро дониста як ҳафта пеш бузу бузғола, гӯсфанду барраҳояшро бозор андохта буд-ку! Дидаю дониста бачаро аз даст дод. Дасти бартоб кушт! Бераҳм, беинсоф! – гӯён оби дидаашро пок мекард.

– Таъна не, тавба гӯед, – гиребон гирифт кадоме аз ҳамсояҳо.

Ҳамон рӯз пас аз пешин Нахчири шашсоларо дар қабристони соҳили Сурхобсой ба хок супориданд.

Баъд аз ин одамони атрофи беша ҳушёртар шуданд. Дару девору ҳавлиҳои худро аз рӯйи эҳтиёт қоидавӣ месохтанд. Ба фарзандон ва молу амволи хеш бепарвоӣ намекарданд…

Лек, вой бар ҷони Нахчири навраси ноком ва волидайнаш, ки аз ғами ӯ обу адо шуданд ва умре азоб мекашанд.

## ЧӮҶА ВА ТУФАНГ

Ҳамааш аз «Оинаи нилгун» сар зад.

Додои Баҳром аз Русия (аз мардикорӣ) баргашту телевизори Нитрон харид. Ба қавли бобояш он «дилизор»-и одӣ не, «ҷаҳоннамо!»-и зӯр будааст!..

– «Ди-ли-зор» нагӯед, бобо, «телевизор» гӯед, – фаҳмонданӣ шуд Баҳром.

– Ҳа, хӯш-ш! – қабул кард бобояш аз гапи ӯ ба завқ омада. – Агар забонам нагардад-чӣ? Гапи ба худам маъқулро мегӯям-дия, ҷони бобо! – Иқрор шуд Зиёхон бобо.

– «Ин бача чутӯ бача!» – тарафи писараш Шер рӯ овард Зиёхон бобо. – «Туф-туф» чашми бад дур! – гуфту оҳиста аз ҷояш хеста рафтанӣ шуд.

– И-и-и! Истед, бобоҷон!

– Наравед, бинед-бинед! Домони ҷелаки бобояшро маҳкам дошт писарча, ки худ либоси боғчаравиашро пӯшида тайёр шуда буд.

– Ҳа, чӣ гап?..

– Бинед-бинед! – ба телевизор ишора кард ӯ.

Бобо нигарист. Ба чизе сарфаҳм нарафт, айнак ба чашм монд: дар намоиш сабадҳои калони пури чӯҷаро дида завқ бурд: ду чӯҷафурӯш, – духтару писар рост истода ва хабарнигори ҷавон, аз гӯшаи бозори Колумбия намоиш мебурд. Падару модарон дасти кӯдакони худро дошта, қатор-қатор, бонавбат назди сабади чӯҷаҳо меомаданд. Ба дасти чӯҷафурӯш пул не, балки туфангча – бозичаи бачаҳоро дода, ба ивазаш чӯҷа мегирифтанд.

– Аҷиб аст, – мегуфт баранда, – ин ҷавонони колумбиягӣ ба кори гӯшношуниде даст задаанд: «Туфангчаҳоро ҷамъ карда мегиранду ба ивазаш чӯҷа медиҳанд …

Бозичаҳо (туфангчаҳо) рангу баранг, калону хурд, наву кӯҳна, шикастагӣ…

Аммо чӯҷаҳо зебо, якранг, сап-сафед, пойҳо ва минқорчаҳояшон заб-зард!.. Муҳиммаш зинда, шӯху беқарор, симоб барин ғелон як ҷо истода наметавонанд, ҷавлон мезананд, беист «чӣ-чӣ-чӣ?» гӯён суруди якнавохти худро месароянд.

Ҳамчунон шӯханд чӯҷаҳо, ки ҳар як бинанда беихтиёр ба завқ меояд.

– Дада, – ба падараш Шер рӯ овард Баҳром, – ба ҳар туфангча якто чӯҷа медиҳад-а?

– Ҳо, – гуфт падараш ва хеста пайи кораш рафт.

Намоиш давом дошт.

– Туфангча хуб аст ё чӯҷа? – суол медод барандаи телевизион ва худаш посух медод: – Албатта чӯҷа –дия. Чӣ расад ба чӯҷаҳои зиндаю зебо! Инҳоро парво бикунӣ зуд калон мешаванд, тухм медиҳанд, гӯшту тухм фаровон мешавад!.. Аммо туфанг чӣ? Фақат паррон-паррон! Қатлу куштор меомӯзонад!..

Биёед, чӯҷа гиред!

Чӯҷа хуб аст! – мегуфт баранда…

Намоиш ба охир расиду Баҳром хандон ба бобояш рӯ овард ва гап назада, дав-давон аз дар берун шуд.

– Куҷо рафтӣ, Баҳром? Саросема ӯсмаю сурма карда баромад очааш Дилором ва пасу пеш нигоҳ карда рӯи ҳавлӣ қадам зад.

– Ҳо-зи-и-р! – овози Баҳром аз таҳхонаашон ба гӯш расид.

– Ту чӣ мекунӣ, он ҷо? Зуд бош! Ба боғчаи ту, ба ҷои кори ман дер мешавад!

– Ана, омадам, очаҷон! – гӯён Баҳром қуттии коғазинро, ки дарунаш пури бозича-туфангча буд, бардошта назди бобояш шитофт.

– Боз ягон чӣ фикр карда баромадӣ, аз афташ? Ин чист? – пурсид бобо.

– Намебинед?.. Туфангча, як гала!.. Шумо бозори Колумбияро дидаед-а, species бобоҷон? – суол кард ӯ баногоҳ.

– Ҳа-ҳа, – хандид пирамард, – дидаам-дидаам …

– Баҳро-ом! Биё, дер шуд! –аз берун боз садо кард очааш.

– Бо-бо-ҷон! Ҳамин туфанчаҳои маро бареду ба чӯҷа иваз карда биёред, ҷон бо-боҷон! Ман рафтам!

– Зуд бош! Очаат интизор! – гуфт бобояш ва гап дар даҳонаш монд:-ана халос, ёбеду гиред!..

Ӯ дарвозаро шаraққас пӯшонда баромад…

Бобояш намедонист чӣ кунад… механдид ва аз хаёл мегузаронд, ки «бача набоша-а-д?.. Колумбия куҷою бозораш куҷо?..» Ӯ шояд хаёл кард, ки бозори Колумбия дар поёни Ҳисор, ё он сӯи Кофарниҳон аст?..

– «Ин бача чутӯ бача? Чутӯ бача?» – гӯён Зиёхон бобо тезгӯяки дӯстдоштаи худро такроркунон қуттии туфангчаи набераашро бардошта ба таҳхона даромад.

Таври худ онҳоро шумурд: як, ду-се…

Ҷамъ ҳафто …

Чӣ бояд кард?..

Оё Колумбия равем? – худ ба худ механдид пирамард, дил хуш медошт ва мегуфт: «Аҷаб Колумбиягӣ ҷавонони нозанин!.. Чӣ касони баақл! Бо ҳамин эътирози худро зидди ҷангу хунрезӣ иброз доштаанд-а! Оҳ балочаҳо-е! Оҳ доночаҳо-е!»…

«Хуб, чӣ бояд кард? – боз ба худ суол медод Зиёхон бобо. – Охир дар бозорҳои худамон ҳам қуттӣ-қуттӣ чӯҷа оварда мефурӯшанд-ку? Баҳром онҷоҳоро дидагӣ, вақти ҳамороҳ бозор рафтан бо падару модараш…

Фақат намедонад, ки ин ҷо ба «туфангча» не, ба пул савдо мекунанд…

Ҳеҷ гап не, рафта овардан лозим. Сухани набераи гулам шикастана гардани шайтон шиканад!.. – Хулоса кард Зиёхон бобояш. – Бо ҳамин хурсанд мешуда бошад, бигзор хурсанд шавад».

Ӯ бозичаҳоро гашта ба қуттӣ андохт. Дар гӯшаи ториктари

таҳхона пинҳон кард: «Пӯсида намеравад, – гӯён берун шуд. – Набераaш бе ин ҳам дигар онҳоро бозӣ намекунад».

Зиёхон бобо як лаҳзаи аҷоиби гузаштаро ба ёдаш овард.

Он вақт писараш Шер ҳанӯз тарафҳои Россия нарафта буд. Пеш аз фарорасии зимистон хост, ки барои Баҳром палтои нав бихарад.

Палточааш аз сари лингаш меомад, калтаю кӯҳна шуда буд. Зану шавҳар хулоса карданд, ки ин зимистон ҳам ҳамонро пӯшад…

– Ман онро намепӯшам: калта, кӯҳна! – гуфт ӯ пеш аз боғчаравӣ.

– Не, Баҳромҷон! Пӯш, ҷони оча! Чашми зимистон кӯр!.. Ҳамин замон мегузарад! – зора кард очааш Дилором.

Падараш гап назад. Баҳром ба замин чашм дӯхту бо оҳанги гиря:

– Охир чашми зимистон кӯр бошад, чашми одамон кӯр не-ку! – гуфт.

Замин накафид, ки Шер дарояд…

Очааш ашк рехт. Бобояш ҳамон рӯз хеста паси нафақааш рафт ва Баҳромро бо худ ба мағозаи «Дунёи бачаҳо» бурда, палтои дилхоҳашро харида буд.

Мисли ҳамон, ин дафъа ҳам бобояш шасти набераашро гардондан нахост….

Пирамард сару либосашро дигар кард. Бозор рафтанӣ шуд, пул гирифта аз хона баромад.

Фикр мекард, ки чӯҷаҳоро чӣ гуна беозор меоварад?

Вай дубора ба таҳхона даромад. Қафаси зебое дошт, ки пеш дар он кабк нигоҳ медошт, кабки Бойсунқош! Онро гирифта берун баромад. Қафас аз химчаҳои сурхи арғувонӣ бофта шуда буд. Бисёр назаррабо ҳам буд. «Пуф-пуф!» карда чангашро равонд…

Зиёхон бобо дид, ки дар бозор мисли колумбиягиҳо бо сабаду бо қуттиҳои калони коғазин чӯҷа овардаанд… Чӯҷаҳо бо «Чӣ-чӣ»-и худ ба он як гӯшаи бозор ҷон ато карда завқе мебахшиданд. Пирамард ҳафт чӯча хариду тарафи бозори ғалладона гузашт, то ки барои чӯҷаҳо дон ҳам бихарад…

Ҳама бо завқ ба чӯҷаҳои беқарори даруни қафас менигаристанд. – Ҳа-а, бобӣ! Аз чӯҷаҳои колумбӣ хабар ёфтед-чӣ? – шӯхӣ мекарданд шербачаҳои даруни «Ғизол»-таксӣ дар бозгашт.

– Ҳо-о, набераи мо ҳам туфангчаҳояшро ғундошта, «бозори

Колумбия баред, бобо, ба чӯҷа иваз карда биёред! – гуфта, худаш боғча рафт, – хушҳол посух медод пирамард.

Одамон завқ бурда механдиданд.

Пирамард хона расиду нӯлзардҳоро рӯи ҳавлӣ сар дод.

Вай аз ин кораш зуд пушаймон шуд.

Чӯҷаҳо пахтаи сафеди шамолбурда барин дар як дам худро ба чор тараф заданд. Ҳа нагуфта байни гулҳо нопадид гардиданд. Чандтояш аз таги мӯрӣ аллакай худро ба ҳавлии ҳамсоя бизад…

Хайрият, ки сагу гурбаи ҳамсоя хабар наёфтаанд! Вагарна, як луқмаи хом мекарданд…

Пирамард, ки аз ин кор хеле хурсанд буд, ҳоло дар ташвиш бимонд… Намедонист онҳоро чӣ хел зуд сарҷамъ созад ва ба мурғхонаи маҳкаму бехатар андозад…

Якбора ба хотираш тадбире расиду дар ҷои кушод, пеши чашми ду-се чӯҷаи нӯлзард арзан пош дод. Худҳошон якдигарро «чив-чив-чив!» садо карданд… Барои ҳамин ҳам «Забони мурғонро мурғон медонанд!» – мегуфтаанд таври худ завқ бурд Зиёхон бобо…

Бегоҳӣ писару келину набера пасу пеш аз дари ҳавлӣ даромаданд. «Чив-чив»-и чӯҷаҳо аз мурғхона баланд шуд.

– О-ҳо-о! – шодӣ кард Баҳром чӯҷаҳои removedбобоҷон овардаро дида. – Раҳ-мат, бобоҷон! – гӯён ӯро оғӯш кард, бӯсид, риши сафедашро хорумол кард. Ва аз гирди мурғхона дур нарафта, ба онҳо менигарист.

Дар ҳавлӣ ҳама хурсанд.

Дере нагузашта ҷӯраҳои Баҳром ҷамъ шуда омаданд, барои тамошо!

– Бобоҷон, инҳоро аз бозори Колумбия оварданд! – мегуфту механдид Баҳром. Баъзе аз бачаҳо бо даҳани воз менигаристанд.

– Э не-е! – гуфт ҳамсоя-писар Сиёмак. – Ман дидам. Бобоҷон аз бозори «Баракат» гирифта омаданд, – сирро фош кард ӯ.

Зиёхон бобо табассум мекард. Охир вай ҳам ба бачаҳо, бояд рости гапро мегуфт: «Колумбия аз ин ҷо хеле дур! Дар бозорҳои ободи худамон ҳам чӯҷафурӯшон ҳастанд. Арзонакак мефурӯшанд. Фақат тафовут ин аст, ки колумбиягиҳо чӯҷаҳоро бо силоҳ-бозича иваз мекунанд»...

Инро ӯ ба бачаҳо фаҳмонд ва ба Баҳром гуфт:

– Вақти набудани ман худат обу дон дода метавонӣ?

– Метавонам бобо! – гуфт Баҳром.

Ҳар рӯз се-чор бор чӯҷаҳоро дон медоданд. Обашон доимӣ… Чӯҷаҳо зуд калон мешуданд.

Баҳром рӯзҳои истироҳат аз назди онҳо дур намерафт. Вай туфангчаҳои чор-панҷ сол боз тӯҳфа гирифтаашро ҳоло тамом фаромӯш карда буд. Ҳатто ба бозии бачаҳои маҳалла, ки дар даст туфангчаҳои аз чӯбу сим сохташуда ба чаҳор тараф медавиданд, ҳамроҳ намешуд.

Чӯҷаҳо калонакак шуданд.

Маълум, ки баъзеҳошон хурӯсчӯҷа! Сари дигаре калонӣ мекунанд, фишор оварданӣ мешаванд, гоҳе ба хурӯсони калон тақлид карда, одамонро аз гузашти вақт огоҳ карданӣ мешуданд, вале кам аз ӯҳдаам мебаромаданд.

Аммо бобою набера ба онҳо «колумбиягӣ» ном дода буданд. Гоҳо рӯи ҳавлӣ сар диҳанд ҳам, имкон намедоданд, ки худсарӣ кунанд.

Бо вуҷуди ин, даво-давии онҳо сар мешуд. Аксар аз пушти малаху шапаракҳо медавиданд.

– Аскарҳо барин-а, бобо! Чӣ хел дар Ироқ ҷанг мекунанд? – мепурсид бо абрувони чин гирифта Баҳром.

– Агар ба ҳавлии ҳамсоя гузаред-ку, таъкид мекард ӯ, – на дон медиҳаму на об! Аз ҳавлии худамон дур наравед, ки талаф мешавед!.. Ҷони ҳар кас барои худаш азиз аст. Фаҳмидед, беақлҳо!

– Медонед, дар ҳавлии ҳамсоя пишакҳои вахшӣ ҳаст, сагашон ҳам ҷиннӣ! – мегуфтанд ҷӯраҳояш. – Қапида хом мехӯранд!..

Бобояшон одами босавод, аз ахбори ҷаҳон огоҳ буд… Сиёсатро хуб мефаҳмид… Ба гапҳои наберачаҳо механдиду механдид…

«Худо дар дилаш андохтааст» – мегуфт – ӯ медонист, ки аскарони баъзе мамолик доим дар кишварҳои бегона паҳну парешон!.. Ҳама ҷоро наҳанг барин ба коми худ фурӯ бурдан мехоҳанд!..

Охир, фикр намекунанд, ки ба дигарон ҳам ҷон даркор! Манзилу маъвои ҳар миллату ҳар халқ ба худаш насиб кунад гуфтанӣ гапро намедонанд-е! Ана, гирем дар Ироқ!.. Чӣ бераҳмиҳо содир мекунанд! Он ҷо чӣ гум кардаанд? Ғайр аз марги худашон ва талафи аҳолии бегуноҳ чизе нест он ҷо барояшон, – аз дил мегузаронд бобо. – Ироқиҳо, арабҳо, умуман, ҳам анойӣ не! Акнун неку бадро фарқ мекардагӣ шудаанд… Мисли пештара рӯи танкҳои амрикоӣ баромада ироқибачаҳо «танс» (арғушт) намераванд!.. Барои озодӣ ҷадал мекунанд. Оҳ,

бечора ҷавонони амрикоӣ! Чӣ тобутҳое сохта, ҷасадҳои сарбозонро ба падару модарашон мефиристанд-а?!.

Ҷангро киҳо мекунанду ҷафояшро падару модари аскарбача мекашад!

– Президенти машҳури Амрико Рузвелт ин хел набуд, – мегуфт ба худ пирамард. Агар дар ҷое ба лашкари амрикоӣ хатар таҳдид кунад, аскаре ҷон аз даст диҳад ё маҷрӯҳ шавад, ӯ азият мекашид. Шабҳо бедорхобӣ мекашид. Тақдири одамонашро фикр мекард.

Чаро бузургони олам фикр намекунанд, хулоса намебароранд, ки теъдоди лашкарро кам кунанд?!. Охир хуб не, ки аскар, ба ҷои милиса, шаҳру халқро ягона посбон бошад! Ҳар кадом дар ҷои худу мулки худ «ҳукмрон» бошад!..

Бинобар ин, колумбиягиҳо дуруст мекунанд. Сулҳпарвар буданд, ки силоҳро рамзан ба чӯча иваз мекунанд.

Ин як навъ ҳушдор аст, барои ҷавонон, барои дигарон.

Зинда бод чӯҷа, нест бод силоҳ!..

Баҳром ҳоло ин гапҳоро намедонад. Аммо кам-кам ҳис мекард ва худи ҳамин кофист…

*Душанбе, 2005.*

## НОМАИ ПУРСӮЗ

*Бисӯхт нолаи ман сангро. Аҷаб санг аст,*
*Дилат, ки сӯхта з-ин нолаҳои зор нашуд.*

Хусрави Деҳлавӣ

Субҳи тобистон буд.

Шафақи тиллоранг қаймоқ мегирифт, ки Тенгизи қирғиз бору буташро аз ошёнаи дуюм поён фуровард. Обу арақи рӯяшро пок карда, кулоҳи қирғизияшро ба сар монд. Чашмаш ба абрҳои сафеди осмон афтод, ки танҳо дар баландиҳои кӯҳҳои Варзоб ва Ҳисори Шодмон ҳамранги барф метофтанд. Беҳаракат буданд онҳо.

Аммо «КАМаз» – и ваъдагии ӯ лапанг-лапанг аз раҳи гузари Зарафшон фуруд омад. Ронандаву ва шогирдаш бори пирамардро ҷо ба ҷо карда, худашро дар кабина нишонданд. Аз ҳамсояҳояш ӯро танҳо Файзуллои Шодмон гусел дошт. Ду чашми бобо Тенгиз ба роҳ буд. Маълум, ки кадомеро маҳтал аст.

– Алмос наомада – а, Тенгиз-амак? – пурсид Файзулло.

– Не, – оҳи бадард кашид пирамард ва ба ӯ рӯй овард, то ни-

ми шаб интизораш шудам, барояш нома навиштам. Номаро худат ба дасташ бидеҳ... Ман агар ба умеди вай нишинам, аз ин мошин мемонам... Аз Тавилдара гузашта, то Мурғоб мебарадам... Он тарафаш то манзили ман чор қадам, – мактубро пирамард ба Файзулло дароз кард.

КАМаз пат-паткунон дуде хориҷ карду ба роҳ даромад ва дар як дам аз назар пинҳон гардид.

Файзулло хона даромад. Вай ҳам ба сафари Россия тайёрӣ медид. Ҷомадонҳояшро таҳ мекард, ки Алмос омад.

– Мӯйсафед рафт? – пурсид ӯ бо ҳаяҷон.

– Рафт, – хунук нигоҳе афканда номаи пирамардро ба дасташ дод Файзулло.

Вай ба варақҳое, ки рӯяш «Барои Алмос Олим» навишта шуда буд, чашм давонд.

Шамолак вазида варақҳоро, ки Алмос ҳарисона хондан мехост, бозӣ медоронд, халал мерасонд, ӯро асабӣ мегардонд...

Алмос мехонд: «Ман туро домодам не, писарам гуфта омада будам. Алмос! Баумед будам, ки дами пирӣ соҳиби зиндаву мурдаам мешавӣ. Вале...

Кунун меравам. Орзую ормонҳоямро ба оби Душанберӯд, ки касро чун оҳанрабо ба худ мекашад, гуфта-гуфта меравам. Охир, ман бо ин зиндарӯд ошноям-овони ҷавониям дар соҳилҳои он гузаштааст. Ҳар гоҳ, ки ин шаҳри ҷононро ёд кунам, аз Ӯш, аз зодгоҳам меомадам ин ҷо. Аз обҳои шифои атрофаш роҳат карда бармегаштам... Аммо ин дафъа ҳам, мисли даҳ-дувоздаҳ сол пеш, бо хотири парешон меравам!..

Боди самуме, ки охирҳои садаи бист вазида буд дар фазои ин шаҳру ин зиндарӯд, қатори дигарон, маро ҳам аз ин шаҳр дур афканда буд. Баргашта будам ба зодгоҳам, ба Ӯши қирғиз.

Ёдат ҳаст, Алмос? Туро низ ҳамон боди самум чи сон ҳамтақдири мо гардонда буд? Бо амри тақдир ту гуреза шуда, ба марзи бобоии ман омадӣ. Чун мусофир, чун ҷавони бехонумон... «Ака Тенгиз» – гӯён бо сари хаму дили бадард ба дӯкони китобфурӯшии ман даромадӣ.

Ман не, шодравон завҷаам Гулҷамол туро хонаам бибурд. Шояд фаромӯш накарда бошӣ, чи гуна инсон буд ӯ? Мисли модари ту моҳрӯй, мавзунқомат, мӯдароз, ширинзабон, меҳмоннавоз!..

Ту ҳам навраси беозор будӣ. Чор сӯми аз бозор, аз равандафурӯшӣ ёфтаатро дасташ медодӣ. Ӯ эҳтиёт мекард. Баҳорон бо молу ҳол ба авул бароянд ҳам, ғами туро мехӯрд...

Мо ки писар надоштем, туро фарзанд хондем. Дертар ягона ҷону ҷигари худ Сутхунро ба худат иҷоб карда додем.

Шоду масрур будӣ, бо ӯ. Мо ҳам хурсанд будем... Сутхуни чун фаришта аз Худо миннатдор буд, ки туро насибаш гардондааст.

... Дар Душанбеи зебо оромӣ барқарор шуду орзуи Ватан бинмудӣ. «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар», – гӯён ҳамсари маҳурӯзатро монда худ ба Душанбе шитоб кардӣ.

Ману Гулҷамолу Сутхун, ки туро аз дилу ҷон дӯст медоштем, чашм ба роҳат дӯхтем. Сутхун хавотир буд аз бедарак шуданат. Пинҳонӣ мегирист.

Маҷбур бо сад азоб, сарҳадшиканӣ кардам, ба суроғат омадам. Аз Душанбе ёфтамат. Хайрият саломат будаӣ. Хуб пазирои ҳам кардӣ. Бегонагӣ аз ниҳодат ошкор нашуд. Сарам ба осмон расид. Дар бозгашт ҳамроҳам бирафтӣ. Ҳарчанд роҳҳо ноором буданд, ҳарчанд дар Рашту Тавилдара қувваҳо пайкор доштанд, ману ту пои пиёда раҳи кӯҳпора паймудем. Бо як олам тарсу ҳарос ба манзил расидем.

Дили инсон неку бадро пешакӣ эҳсос мекардаст. Дар Ӯш ману ту аз болои ҳодисоти мудҳиш баромадем: ягона нури дидаи мо, арӯси чашм во карда дидаи ту сари фарзанд рафтааст. Духтурҳо на худашро наҷот дода тавонистаанду на тифлро.

Чӣ рӯзи сахт буд, барои мою ту!

Гуфтанд, ки дар набудани мо Гулҷамол чӣ гуна сарсон шудааст, барқия дода, интизор гардидааст. Оқибат, мардуми гузар ӯро ба хок супурдаанд, худаш ҳам бемор афтодааст.

Худат гувоҳ будӣ, ҳарчӣ доштам, сарфи Гулҷамол кардам. Аз ғами Сутхун тамом обу адо шуда буд. Пас аз се ҳафтаи бозгашти ту ба Душанбе вай ҳам бо зиндагӣ падруд гуфт. Маро бадбахт гардонда, паҳлӯи Сутхунаш бирафт.

Кори тақдир буд ин... Расму таомул ба ҷо овардам. Ба ту ҳам барқия додам. Одамгарӣ кардӣ-рафтӣ. Ғамҳои маро андаке бошад ҳам, фурӯ нишондӣ. Хонаи ҳуввас задаи маро пур кардӣ...

Медонистам, ки он ҷо дер монда наметавонӣ. Иҷозат пурсидӣ рӯзе. Ман дуоят додам. «Падар» мегуфтию шаш қатор ашкат равон мегашт. Ин ба дили санги ман ҳам беасар намемонд. Сар ба сар шуда, ба ёди азизонамон мегиристем...

– Ту маро ба Душанбе даъват кардӣ. «Охир қабри азизонамро монда чӣ тавр меомадам? Соли Гулҷамол надода буд.

Барқия додӣ, такрор ба такрор сим задӣ. Меҳрубонӣ зоҳир кардӣ. «Танҳоӣ макаш, биё!» гуфтӣ.

Ман чандон танҳо ҳам набудам. Хешу ақрабо аз тоҷику қирғиз (падар тоҷику модар қирғиз), дӯстон, ҳамсояҳои нек доштам. Аспи саманди номварам буд, ки паҳлавонон дар мусобиқаҳо, бузкашиҳо мебуранд. Рамаи гӯсфандони ҳисорӣ ва сури қиматбаҳо доштам дар дасти даҳмардаҳо. Гулҷамол буд, ки дар набудани ман ҳамаашро худаш саранҷом мекард.

Бе ӯ ба ман мушкил буд. Зиндагии пурғаму якранг ҳам ба дил мезадааст...

Рӯзе ба самандам харидор омад. Баъд аз сари Сутхуну Гулҷамол орзую ҳавасҳои дилам бишкаста, маҷоли аспсаворию ёрои гӯсфандбонӣ намонда буд.

Ана, дар ҳамон вазъи ман ту уқобвор ба Ӯш расидӣ. Ҳоламро дида раҳмат омад. Бераҳм набудӣ он вақт.

«Дада!» гуфтанҳоят – ҷигарамро об мекард. Зорию таваллоят аз мағзи устухонам мегузашт. Ниҳоят, ба Душанбе ҳамроҳат рафтанӣ шудам.

Самандро ба харидораш додам. Гӯсфандонро бозор андохтам. Кӯчқорҳои зотиро, ки дар ҳавлӣ мебонидам, дӯлор дода охунҳо барои мантую кабоб бурданд.

Роҳҳои Тавилдара бехатар шуда, Тоҷикистон рӯ ба беҳбудӣ меовард, ки ту маро писарвор ин ҷо овардӣ. Гӯё ба кафи даст бардоштӣ.

Аз барҳавотарин ҷои шаҳр хонаам ёфтӣ. Пеши панҷ вақт намоз дуо мекардамат. Пул гӯӣ, пул медодам, дӯлор гӯӣ-дӯлор...

Хуш будам, ки касбатро давом медодӣ. Охир, бепулу дастмоя корат пеш намерафт. Касбат нозук, даромаднок, чор кас ҳавас мекардагӣ...

Пас аз чанде ба ту гуфтам, ки хонадор шав! Ин ба модарат низ маъқул шуд. Пиразани оқилаест модарат. Арӯси хубе бароят пайдо кард. Тӯят ҳам хуб гузашт. Язнаю хоҳаронат ободаш карданд. «Арӯси нозанин – ба ҷои духтарам, Сутхуни нокомам бошад»-мегуфтам ба худ.

Ба ин минвол вақт мегузашт, ноаён умр мерафт... Гоҳ-гоҳ Ӯш рафта меомадам. Дигар, ман ҳалоку китобхонӣ... Зиёии бекор дигар чӣ ҳунар ҳам дорад?..

Аввал Худо, дуввум ту умедгоҳи дилам будӣ. Ғами дурӣ аз зодгоҳ, азоби безанӣ, зафъи пирӣ чандон ҳис намешуд.

Лек рафта-рафта ба ҳамааш чашм расид. Мисли он ки Горбачёви «хонаобод» бозсозӣ мекунам гӯён халқҳои як мамлакати бузургро сарсону саргардон кард ту ҳам писархондам Алмос,

нағма баровардӣ, солҳои охир аз меҳрубониҳоят асаре намонда буд.

Моҳҳо чашм ба роҳат медӯхтам. «Куҷо ҳастӣ?» намегуфтӣ. Гоҳе ҷӯраҳоят хабар меоварданд. Рост буд ё дурӯғ, бовар намекардам. Ҳатто модарат аз ту ранҷида ҷояшро дигар кардааст. Дар зарфи чанд ҳафта ду бор хонаатро иваз кардай, гӯё пулашро ба қарз додай.

Медонам, ки зиндагӣ мушкил. Бо вуҷуди афзудани сафи бекорон, камии маош, даста-даста ба мулки бегонагон рафтани ҷавонмардон, ҷумҳурӣ пеш меравад. Мушкилот ба тадриҷ ҳал мегардад. Гумонам ки ту низ мушкилоти худ ҳал карда, акнун ба қадри некиҳоям мерасӣ.

Не, чашмандозам дигар шуда баромад...

Мебинам, ки гирдат ҷӯраҳои ҷӯҷа барин даҳонашон воз тор метананд. Яке хурсанд, дигаре андешаҳои мағшуш дорад. Боре аз ин хусус пурсон шудам: «чаро зиқ мегардӣ?».

– «Кӣ гуфт, ки ман зиқ мегардам?» – овозатро баланд кардӣ. Пеш чунин набудӣ.

Ба дилам сахт расид. Дили каси мусофир чию дили кӯдак чӣ? Ҳарду як рақам. Дар чунин ҳолат Гулҷамолу Сутхун зуд ба ёдам мерасанд. Чашмам лиқи об мегардад. Пеш ин тавр набудам. Суханони меҳрубононаи туро ба хотир меоварам: «Дар хонаи ман меистед! Хизмат акнун аз мо бирасад!» – мегуфтӣ.

Кас имрӯзро фардо ёфта наметавонистааст. Аҷаб не, кори асаб бошад, ё аломати пирӣ, ки ахиран бори ранҷурӣ мекашам. Пайи ҳам охирин се дандонамро канондам.

Шояд медонӣ, ки мақоле ҳаст:

*Лаззати дунё зану дандон бувад,*
*Бе зану дандон ҷаҳон зиндон бувад.*

Даҳон холӣ, бо вора хӯрок хӯрдан осон не. Ба заммӣ ин телефон кандагӣ. Телевизор сӯхтааст. Яхдон бефарра. Таоми пухтаам зуд турш шавад... Гармои тобистон гуфтаанд, охир! Як дасту як по бадард... На масҳ фоида дораду на сӯзандору, на муолиҷаи барқӣ.

Духтурам-профессори мӯҳтарам Муҳаммадӣ Наврӯз обҳои шифоро тавсия дод. Аз Обишӯраки соҳили Кофарниҳон беҳтар шудам...

Хуб, ин ҳама дарди бахайранд. Аммо «чӣ ҳол дорӣ?» нагуфтани ту бароям ҳайратовар буд. Дер боз дидори азизи туро

надидаам ва инак, даст ба навиштани ин нома задам ва аз писарамакат Файзулло хоҳиш кардам, ки ба ту сим бизанад.

– Баъд аз кор меоям, – гуфтаӣ ба Файзулло.

Вай ҳамсояи хуби ман аст. Гоҳ-гоҳ аз зиндагӣ шиква дорад. Имрӯз оҳиста бигуфт, ки бо хонумаш Томирис тарафҳои Россия меравад.

– Аз чӣ меравӣ? Он ҷо чӣ гум кардӣ? – гуфтам азоби мусофириро ба ёд оварда аз дилсӯзӣ.

– Бекорӣ, бепулӣ, зиндагӣ маҷбур мекардаст, амак, – гуфт ӯ.

– Гашта меоӣ?

– Худо медонад.

Ин гапаш ҷисму ҷонамро сӯзонд...

– Хуб биравед. Ҳоло ҷавонед, аз русҳои доною поквиҷдон амалу ҳунар омӯзед, – гуфтам ва таъкид кардам. – Танҳо хонаатонро нафурӯшед. Кас хона дошта бошад, ҳис мекунад, ки Ватан дорад, ошён дорад, Тоҷикистон дорад!..

Ин гап ба хонумаш ҳам маъқул шуд ва худ зодгоҳамро ба ёд оварда ашк рехтам. Файзуллоро ҳам гап дар гулӯяш дармонд. Хонумаш маро дилбардорӣ карду ду чашмаш абри навбаҳор гардид. Онҳо хуб бафаҳм будаанд.

Ту Алмос, ҳоло ба маънои ин гапҳо сарфаҳм меравӣ ё не, надонистам...

Хаёлам, чашмат шира гирифтаст. Ин сифати хуби ҷавонмард не... Ба ту ҳеҷ намезебад. Ту аз зоти хоҷаҳои пок ҳастӣ. Зинҳор ба гапи шайтон надаро. Дурӯғ нагӯй! Ҳалол бигард... Маро фаромӯш кардӣ, боке нест. Лек модари пиратро озор надеҳ! Байни нокасон таънасор гардиданашро шунида, ман аз ту дилмонда шудам.

Гапамро кашол додам, бубахш! Лек ин як гапро аз ту напурсида наметавонам: «Ба ту чӣ шуд? Туро чӣ азият медиҳад? Он ҳама пулу дӯлор, ки ба ту додаам, ман ҳоло намепурсам. Вале, ту бигӯй, ки хонаи модаратро фурӯхта маблағи онро куҷо кардӣ? Фоидаи дастмуздат чӣ шуд?»

Ҳарчанд фикр мекунам, фаҳмида наметавонам.

– «Ҷӯраҳо!» – мегӯӣ?

Шарм дор! Ҷӯраи «ҷоният» Н. овоза кардааст, ки аз чӣ дар «билиардхона» шӯр хӯрдӣ! Хушбахтона, одамони ҳукумат ба ёрӣ расидаанд... Чӣ шуданаш мумкин буд? Даҳшат. На билиард монаду на «казино» ва на «барҳои ифлос!».

Ман аз як чиз хурсандам, ки ба шарафи «симпозиуми оби тоза» дар шаҳру навоҳӣ корҳои неке анҷом мегиранд. Кӯчаҳо обо-

ду иморатҳои хароб тармим мешаванд. Деворҳои каҷ ғалтонда, дарахтони хушкро мебуранд. Кошки навбат ба танзими «бар»-у «биллиард»-у «ишратхона»-ҳо ҳам бирасид, то ҷавононро хона-хароб насозанд.

Хаёлам, пулу дороиятро ту дар ҳамон ҷойҳо барбод додаӣ, Алмос! Қалбам ба ин гувоҳӣ медиҳад... Дилам ба ту, ба завҷаат месӯзад, ки ба ҷои духтарам Сутхун аст...

Ӯ дар ёдат ҳаст?

Аз ин ҳама ташвишҳои беҷо ба ту чӣ нафъ мерасаду ба дигарон чӣ зарар? Ту хисораманд шавӣ, дигаронро чӣ ғам?! Мефаҳмӣ ё не?

Афсӯс, ки нотобӣ имконам надод. Вагарна аз паят гашта, намегузоштам ба чунин бероҳиҳо роҳ диҳӣ!

Ҳоло ҳам сари вақт аст. Ҳушатро дар ҷояш бигир! Ба онҳое, ки гирди ту парвона буданду ҳастанд, раҳм бинмо!

Ман касбу коратро ном нагирифта, ин номаро ба номат навиштам, то ки ҳамкоронат пай набаранд, шармсор нашавӣ!

Рӯзгоре ту маро «падар» мехондӣ. Агар аз роҳи ғалат барнагардӣ, маро дигар «падар» нагӯй. Фаҳмидӣ?!

Инро ҳам ба ту ёдрас созам, ки ман дар овони ҷавонмардӣ хуб дуои падар гирифтаам. Солҳо оби таҳорат додаам. Ӯ се кам сад сол умр дида бадуо рафт. Ҷанозаашро камаш ду ҳазор кас бихонд.

Дониста бош, одамон аз «дуои бад»-и модарон наметарсанд, зеро шири сафедаш ҳар гуна дуоро бартараф мекардааст. Аммо Худо аз «дуои бад»-и падар нигоҳ дорад, ки вай тир аст, оташ аст, тӯфон аст!..

Ҳарчанд аз рафторҳои имрӯзии ту чун «падархонд» норизоям, лек ҳаргиз забонам ба «дуои бад» намеравад.

Поко Парвардигоро, ҳамеша дар амон бошӣ!

Дигар ман рафтам. Агар ин номаро хонда, ба ёд оварӣ, ки замоне «падархонд» доштӣ, сӯи ошёнаи ман биё, ба Ӯши ҷоноҷони ман биё! Сарам ба осмон хоҳад расид. Наойи ҳам ихтиёрат».

Ҳамин буд номаи пурсӯзи марди ним қирғизу ним тоҷики бурунмарзӣ.

Алмос онро таги дари хонаи тарккарда рафтаи падархонд – собиқ падарарӯсаш нишаста бихонд. Девонавор аз ҷояш хест. Шамол торҳои мӯи ба китф фуромадаашро парешон карда, қиёфаи ӯро ба ҷиннии тайёр табдил дода буд.

Якзайл кулоҳи қирғизии бобо Тенгиз, чеҳраи гарму гандумгуни Сутхуни ноком ва табассумҳои ризомандонаи хушдоманаш Гулҷамол пеши назараш ҷилва мекарданд.

Вай ба соаташ нигарист.

Таксие омада рӯ ба рӯяш қарор гирифт. Хост, ки бо ҳамин таксӣ КАМаз-ро таъқиб намояд...

– Таксӣ банд аст, – гуфт таксирон.

Файзулло бо хонумаш ҷомадон дар даст баромад ва пурсид:

– Номаро хондӣ, Алмос?

– Хондам.

– Хусурат мард будааст. Ту номардӣ накун, додар! – ба таксӣ нишаст Файзулло.

– Ба ту бахайр?

– Тарафҳои Россия!..

– Маро ҳам намебарӣ?

– Дер кардӣ... Хайр!

Таксӣ бирафт.

– Худоё, дар ҳама ҷо ман дер мемонам!

Алмос бо сари хам сарнишеб шуд. Хаёлаш ки пирамард садояш мекунад:

– Ал-мо-о-с! Биё-ё, пи-са-рам-м!...

Ҳайҳот, хеле дер ва дур мондааст аз ӯ.

## ҶАНГИ ЗИДДИ МУШОН Ё ХУД ҚИЁМИ ЗАНОНИ ЛАБИОБ

Мирзоалиро ёфтан душвор шуд.

Аз идораи хоҷагии Н. пурсиданд.

– Нест, – гуфтанд. – Роҳи хонааш чап. Мошин намеравад, рафтанӣ бошад ҳам. Сӯзишворӣ нест, тухми Анқо шудааст.

– Чӣ бояд кард?

Ба деҳаи Лабиоб суворае рафта омад. Дар хонааш ҳам набудааст. Модари пираш гуфтааст, ки: «Ӯ рафт, ба ҷанги беамони зидди мушон рафт!»

– Чӣ? Куҷо рафт? Шояд шӯхӣ мекунанд. – ҳайрон шуданд идорашинҳо.

– Не, аз ростӣ, вай супориш гирифтааст. Дар киштзори лалмияш муши бисёр пайдо шудааст. Гӯё замин кафидаасту муш баромадааст. Инро овозаю дарвоза накарда, бо аъзоёни худаш муборизаро сар кардааст…

Ниҳоят, ронандаи раис ӯро аз дашт пайдо карда овард. Аввалин суоли раис – ака Турғун ҳамин шуд: – Чутӯ ошно, мушкушӣ охир шуд ё не?

Чанд кас, ки дар наздаш нишаста буданд, баробар хандиданд.

Раис ҳам аз гуфтаи худ баъд завқ бурда, ҷилави хандаро сар дод.

– Нахандед, бародарҳо, – гуфт ӯ. – Аввал кори Худо. Дуввум, тирамоҳ гарм омад. Заминҳои гандуми лалмӣ кишт кардаи Мирзоалӣ дар дамгаҳи Офтоб аст. Донаи ба замин афтодаро як сӯ гунҷишку кабӯтар хӯрад, акнун муши сабил мекашондааст. Ин тавр бошад, фардо ҳосил аз куҷо?..

– Монед, худаш гап занад, ки «ҷанги зидди мушон» чӣ гуна давом дорад, – луқма партофт сарҳисобчӣ.

Боз гуррас хандиданд ҳама.

– То кай бо ҳар баҳона гуноҳи ӯро мепӯшонем? – эътироз кард яке аз аъзоёни ширкат.

– Шароити деҳоти Лабиобро ба назар гиред, додар! Вай гунаҳкор аст магар, ки аз кадом лаҳад муш пайдо мешавад? – ҷидди дастгирӣ карданӣ шуд раис.

Боз ханда фаро гирифт толорро.

– Оё солҳои пеш ҳам муш гунаҳкор буд? Ягон сол безарар кор карданашро надидаем, раис!

– Ба ин гап чӣ мегӯӣ, Мирзоалӣ? – ба вай рӯ овард раис.

– Ман чӣ ҳам мегуфтам, раис – аз ҷо хеста музтар монд ӯ.

– Паси гап нагардед! Раведу тазтар аз пайи нобуд кардани мушҳо шавед!..

Аъзоёни «правления» ҳоло сабук табассум карданд.

– Чутӯ кунем, раис. Доруи «марги муш» лозим будааст…

Ҳамкоронаш боз ҷилави хандаро сар доданд.

– Э-ҳа-а, – гуфт раис. – «Марги муш»-ро ҳоло ба мо кӣ медиҳад? Манъ аст, додар, манъ! Мефаҳмӣ? Бригадаро сафарбар кардан лозим… Чанд тан аъзо дорӣ? – гашта пурсид раис.

– Сездаҳ – чордаҳ тан… Ҳама занҳо…, – Мирзоалӣ ангутшумор карданӣ шуд.

– Фаҳмо… Лекин онҳо муш кушта метавонанд?

Толор аз ханда кӯчид. Раис ҳам боз худдорӣ карда натавонист.

– Охир, – гуфт Мирзоалӣ, – худ медонед, ки зан-мардум, мисли фил, аз муш метарсанд!..

Одамон сари дилашонро дошта механдиданд. Раис зангӯлаи хосаи қадимиро ҳаракат дода, ба оромӣ даъват кард.

– Чӣ мешуд, раис, – гуфт Мирзоалӣ, – аз ҳамин бекорхӯҷаҳои идора чанд каса ба ёрдам мефиристодед?.. Ба лашкари муш… қирон меоварданд!..

– Ҳаминаш намерасид! – эътироз кард кадоме.

– Ба худат ҷавоб! Зудтар бош! – ӯро бароварда фиристод раис.

Аз хандоханд табъаш гӯё рӯшан буд.

Бо чӣ хаёлҳо ӯ роҳи деҳаро пеш гирифт. Шамол барин мерафт. Қарибии намози шом ба хона расид.

Барояш таом оварданд. Базавқ бихӯрд ва рӯи кӯрпача дароз кашид. Дергоҳ хандаҳои имрӯза ва хаёлҳои гуногун ба ӯ имкони хоб надоданд… Баъд чӣ хел хобаш бурд, худаш ҳам надониста монд. Ҳамин қадарашро ҳис кард, ки модараш рӯи пойҳояшро бо кампал пӯшонд.

Модараш медид, ки писараш хоб асту гоҳ қиқир-қиқир механдад, гоҳ қад-қад мепарад. Яқин ӯ хоб мебинад:

… Дар деҳаи азизаш Лабиоб, дар соҳили рӯди Оби Заранг нишаста будааст. Рӯд камобу баногоҳ оби шиша барин кабкабуд лаппасзанон меомадааст!.. Дар паҳлӯяш ҳафт парии обӣ пайдо мешудаанд. Онҳо гӯё пас аз ҷанги беамон бо лашкари мушон ин сӯ омада, барои покшавӣ худро ба дарё мезадаанд. Ҳамаашон чун париҳои обӣ шиновар будаанд… Даруни об гӯё рақс мекарданд.

– Эҳ! Ана, яктааш хонуми паричеҳраи амаки худаш – Музайяна. Зани занон, сарви хиромон… Бо шарму ҳаё чаҳор тараф ҳаросон рӯ оварда либос мекашидаанд… Дунё дунёи ҳамонҳо будааст. То хушк шудани пироҳанҳои ҳарири худ гирди ҳам менишастаанд. Музайянаро дугонаҳояш миёнгир мекардаанд, ки то барояшон афсона бигӯяд.

Ӯ афсона сар мекардаст. Овозаш гӯё аз кайҳон, фусунгарона ба гӯши Мирзоалӣ мерасидааст.

– Ҳо-о-й, нозанинон! Будаст – набудаст дар қаламрави Лабиобу Оби Заранг як сардор будааст. Номи аслияш Мир-зоалӣ!.. Вай ба одамонаш мегуфтааст, ки аз номи ман «мир»-ашро ба забон оред, кофи-и-ст! Он тарафаш «зоалӣ» мемонад, ки чандон аҳамият надорад. Фаҳ-ми-дед?

Ҳукми ӯ раво будааст… Ҳама аз ӯ метарсидаанд. Ҳатто ба кӯдаки гаҳвора «Мир омад!» гӯянд, зуд гиряро бас мекардааст.

Ба қавле, вай одаме будааст хона гирёнаку кӯчахандонак! Мардуми қаламраваш як умр кор мекардаанду ҳеҷ косаашон сафед намешудааст.

«Аз мо-лӯлиён беҳтар, ки дар хона нон ва нозу неъмат доранд!» – гӯён шиква доштаанд.

Ҳатто сойи Оби Заранг, вақти обхез, аз дӯғу даранги ӯ тарсида, тамоми сангҳои кӯҳро бо худ оварда, гирди заминҳои ӯро қалъадевор мекардааст. Ғайр аз мулки ӯ ба зироати дигар касе қатрае об намерафтааст. Мардум «Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем!» гӯён фалакӣ мехондаанд. Аз ин рӯ ҳатто заминҳои обӣ ҳам ба лалмӣ бадал гардидаанд.

Ин «мир»-и деҳот ҳамчунон бепарво будааст, ки ягона мактаби чорсолааш, дар ҳамин солу замона – дар ҳавлии шахси раҳмдиле воқеъ будааст. Бачаҳои калонсол панҷ-шаш фарсах роҳ тай карда, ба мактаби Шоҳқишлоқ мерафтаанд. Роҳ пурхатар. Ҳар шаб ба водӣ хуку хирсу гург мефуромадаст аз кӯҳ… Моли мардумро кафонда мерафтаанд. Вақти борону барф роҳ боз ҳам пурхатар мешудааст.

Одамон норозӣ, ғирев мебардоштаанд. Агар фарёдрасе ояд, худ истиқбол, худ гусел мекардааст. Ба ин тариқ, бист соли дароз «Мир» барин ҳукм мерондааст...

Ниҳоят, рӯзе аз рӯзҳо тафтишгаре шикояти занони Лабиобро бардошта омадааст.. Ҳамаашро бо чашми худ дидааст. Ягон пешравӣ, навигарӣ набудааст он ҷо. Харҷаш ҳамасола аз даромадаш зиёд. Сад ҳазор сарфу як сӯм нафъ надоштааст. «Ин ҳама зиёнро кӣ мепардозад?» – гӯянд, лаб инҷ мекардааст.

Музайянаи паризод афсонаашро дар ҳамин ҷо ба поён расонидааст.

Аз ин гапҳо Мирзоалӣ дарғазаб шуда, мехостааст фарёд кашад, ки навбати афсонагӯӣ ба Фотимабегим расидааст.

Мирзоалӣ ба танг омада, мегуфтааст:

– Худо накунад, ки дигар занон ҳам ба қиём оянд! Охир, ба онҳо ҷанги зидди мушонро бояд хотирнишон кард… Ҳоло дигар чӣ кунад? Оё ба ин кор камар мебаста бошанд? Ҳама аз ман норозӣ. Чашмони сиёҳу кабуду кахрабои ҳама пурғазаб!.. Ҳама чун як тан арғушт мераванд. Худоё, оқибаташ ба ҳайр гардон! Ин хоб, хаёл ё дар бедорист?

Мирзоалӣ қад-қад парида бедор шуд. Чуқур нафас кашид. Ҷомаи хонапӯшии кундалу кимхобашро сари китф гирифта, берун баромад. Ба ёлаҳои кӯтали Дашнободу доманаҳои Ҳисори Шодмон нигарист. Қуллаҳо барфпӯш, ҳаво софу беғубор. Маълум, ки ин ҳафта ҳам рӯз гарм меояд… Муши сабил дар дашт боз меафзояд… Ин қадар муш аз куҷо?! Ҳатто дар хобаш медарояд... Онҳоро-ку кушта адо кардан мумкин… Лекин…

Ӯ хобҳои ҳамин ҳоло дидааш, қиёми занони Лабиобро ба ёд овард. Бо онҳо чӣ сон муросо бояд кард? Чӣ гуна забон бояд ёфт? Онҳо дигар маро ором намегузоранд.

Хоб хоб буду дар ҳақиқат ҳафт нозанини деҳаи Лабиоб аз номи мардум шикоят бардошта ба идораҳои боло рафтаанд… «Ин дафъа кор бо чӣ анҷом мегирифта бошад?» – аз парешонӣ ҷома аз китфаш афтод.

Зери партави моҳи мунир ин сӯ-он сӯ қадам мемонд. Зӯҳраи осмон гӯё тарафаш чашмакӣ мезад, ки ба табъи хирааш намефорид. Хаёлаш, ки аз кулли занҳои дунё қимоб шудааст.

Мирзоалӣ он шабро нахуфта рӯз кард. Ниҳоят худ ба хулоса омад, ки бо ҳамин саллаю калла «мушкушӣ карда мегардам?» Ин вазифаро ба ман якумрӣ надодаанд-ку. Баҳонаи аз ӯҳдаи мушкушӣ набаромад – хуб баҳона!.. Худи пагоҳ ариза ба номи раис медиҳам! То маро аз ғазаби занони Лабиоб халос накунад, рӯзам сиёҳ мегардад!..

Лекин раис чӣ мегуфта бошад?

Мирзоалӣ бо ин фикрҳо нақшаи ҷанги зидди лашкари мушонро тамом фаромӯш карда буд.

## ТИЛЛОЗОДА

*Бо бадон бад бошу бо некон накӯ,*
*Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор!*
(Мақоли тоҷикӣ)

Аввали тобистони соли 1998.

Он рӯзҳо кӯҳистони атрофи Дараи Ниҳон ором буд. Мардуми даҳҳо деҳоти тоҷикнишини дур-дур аз ҳамдигар, мисли авлоду аҷдоди чандин ҳазорсолаи хеш бе газ, бе чароғи баркӣ, бе радио ва телевизор, бе роҳи мошин зиндагӣ ба сар мебурданд… Парвои дунёро надоштанд…

Лекин онҳо бо чархбол ошно буданд. Ҳар рӯз ду-се чархбол аз водӣ одам оварда, одам мебурд. Завракҳои хурд-хурд ҳам доштанд, ки ин чанд соли охир, аз сари дарғоти баланди Обанбори Тӯпаланг мусофир гирифта, даҳҳо фарсах боло бурдаю дар соҳилҳо фуроварда – фуроварда, баъд бо равиши Тӯплангдарё бозмегаштанд.

Бомбаборон чисту таркиши мина чист, намедонистанд. Ин ҳамаро як сол баъд, пас аз он ки ифротиён бо мудохила ва иғвои

душманони силоҳдор аз мамолики хориҷии дур ба амал пиёда карданд, ба таҳлука афтоданд. Гурезо-гурез, кӯч-кӯч, сарсонию саргардониҳо баъдтар сурат гирифтанд, ки қиссаҳои ғамангезашон дуру дарозанд…

* * *

Он чӣ ки ин ҷо ба хонандаи азиз нақл мешавад, як сол пеш аз он моҷароҳо рӯй дода буд.

Бале, он рӯз осмони Зевар* беғубор буд. Ҳавояш на гарму на сард, балки ҷонбахш, рӯҳафзо, дилрабо.

Ибодулло муаллим меҳмон дошт. Ду рӯз мардуми деҳа хонааш омада, аз файзи меҳмоннавозиаш баҳравар шуданд. Худаш, писаронаш, хонумаш гоҳ-гоҳе дафу дӯмбураю рубоб ба даст гирифта, табъи ҳозиринро хуш мекарданд…

Рӯзи сеюм вай ба меҳмонон боғи дар кадом парраи офтобрӯяи кӯҳ бунёд кардаи худро нишон доданӣ шуд. Ҳама аспсавору харсавору пиёда ҳаракат карданд. Меҳмонон, аҳли хонаводаи худаш ҳоло як табори лӯлиёни шаҳрошӯбро мемонданд, ки аз бузраҳаи каҷмакаҷак, тӯрнақатор рӯ ҷониби абрҳои осмони Хоҷапиркӯҳи Калон то таги Каҳкашон мерафтанду мерафтанд…

«Табор» боло баромада – баромада дар яке аз қуллаҳои офтобрас, дар лаби рӯди тезобе ки Шӯдоғ ном дошт, қарор гирифт.

Аз атроф муттасил хониши булбулону вақар-вақари кабкҳои беҳисоб ба гӯш мерасид. Рӯди Шӯдоғ якканавохт суруди худро мехонд. Амвоҷи ин дарёчаи начандон бузург ҷавлон зада, ҳар ҷо – ҳар ҷо шаршара ҳосил карда, сарозер мешитофту мешитофт…

– Эҳ, обаки ширин! Куҷо ин қадар шитоб дорӣ? – нидо кард дӯшизаи ду рухсораш мисли анор суп-сурх Зебогул, ки аз мавҷҳои Шӯдоғ чашм намеканд.

– Ҳаҳ – ҳа – ҳа! Ҳаҳ – ҳа – ҳа! – ҷилави хандаро сар дод почояш – подабони шӯху дилоро Хол Мурод. – Куҷо мешитофт? Сӯи Наркафони ошнояш-дия!

– Э, намуред! – ӯ бо ноз рӯ ҷониби қуллаи осмонбӯси Хоҷапиркӯҳи Калон овард, ки камаш ду ҳазор қадам то доманҳояш масофа буд аз он ҷо.

– Хоҳари мана изо нате! – хандид бародараш Абдуғаффор. – Лек подабон рост мегӯяд…

---

* Зевар яке аз садҳо деҳоти атрофи Дараи Ниҳон аст, ки ҳама номҳои тоҷикии шоирона доранд. (Муаллиф).

Зебогул аз шарм ба худ мепечад. Шарму ҳаёи духтаракӣ як чизи ноёб, ки он ҳам мисли фаслҳои сол – фаслҳои умр, ягон-ягон меояду меравад.

Зебогул ҳам якҷоя бо акояш, ки хонахез омада буданд, ҳатто дугонаи ҷонияш Нозанинро ҳамроҳи хушдораш даъват карда оварда буд.

Абдуғаффор соле як-ду бор ин ҷо омада, дар зодгоҳи обоии хеш хуморашро шикаста мерафтааст. Ин дафъа почояш Ибодулло муаллим дар он парраи кӯҳ як гӯсфанди чории думбакалонро зери қадамҳояшон сар бурид, бештар аз ҳама Зебогул шод шуд. Охир, обрӯи ӯро дар назди дугонааш, дӯстдораш ва дӯстдорӣ худаш ҳам, ки ноаёнакак дар лаби дарёча ба болишти сангӣ такя зада менишаст, басо баланд бурд.

– Ин Шӯдоғи мо, – гапро думболагирӣ кард Абдуғаффори шӯх, – мисли худат ва дугонаат хушдор дорад…

– Э, ака, бас кунед, – гуфт Зебогул таги деги отащдон алов гиронда.

Абдуғаффор қиқир – қиқир механдид:

– Медонӣ, хушдораш кадом? Рӯди Наркафон!..

Ҳозирон ҳама механдиданд.

Ибодулло муаллим, ки корди хунолуд бар дандон газидаю гӯсфанд пӯст меканд, кордро ба даст гирифта, низ ҷилави хандаро сар дод.

Хаёле, ки ин кӯҳсор кайҳо шоҳиди чунин хандоханду масрурӣ нагардида буд.

– Воқеан ҳам, таври табиӣ, ду дарёчаи шӯх аз ду кӯҳи сарбафалак тарафи деҳаи дар чуқурии бетаг ҷойгирифтаи Зевар фуруд омада, поёнтар аз Камари Чилдухтарон бо ҳам бархӯрд мекунанд, гӯё дар он ҷо ба висоли якдигар мерасанд. Сипас, чун рӯди симобии беқарор тарафи Тӯпалангдарёи пурхурӯш шорида, ба Сурхону Ому пайваста, сӯи Арал роҳ пеш мегиранд, – бо шавқ шарҳ бидод Абдуғаффор.

– Шоир шавед-е! – ситоиш кард Ибодулло муаллим хунолуда кордашро об гирифта.

– Дар Зевари мо ҳама шоир, ҳама ошиқ! – рӯ ба дугонааш Нозанин овард Зебогул. Вай аз алангаи оташу фағонаи дуд ба танг омада, рӯймоли шоли ҷопонияшро аз китф гирифта, дар шохи арчаи ба само қадкашида овехт.

Он ҷо ғайр аз меҳмонони рӯи сабзаи навхез нишаста, ҳама бо шитоб даст ба коре мезаданд. Боисаш аён – дар будани рӯшанӣ гӯштро ба дег андохта, ҳалолакак пухта гирифтан!..

– Мо ҳа-ма чиз до-рем! – овози ғафсу бами Ибодулло муаллим мисли овози як деви афсонавӣ ба гӯш мерасид. – Танҳо чаро-ғи барқӣ надо-рем!

– Газ чӣ, муаллимҷон? Роҳи автомобил чӣ? Манораи телевизионро магар аз ёд баровардед? Канӣ?

– Ҳай вақти шикоятро ёфтӣ-дия, – Абдуғаффор луқма партофт ва идома дод: – агар котиби ҳизбӣ Тилло Менглиро аз ноҳияи мо намегирифтанд, ҳама соҳиби барқ мешудем. Роҳи мошин ҳам ба кӯҳистони мо меомад.

– Лофро камтар занед, – хандид подабон, – доим ака Тиллотона таъриф мекунед...

– Ба ҷои он кас туро таъриф кунам?..

Ханда аз нав ба шаххои кӯҳ бархӯрда, акси садо бидод.

– Одами арзанда буд, зӯр буд, акаи Тилло, – эътироф кард Ибодулло муаллим. – Зӯр набошад, магар раиси иҷроқуми вилоят, ҳокими Деҳнав мешуд? Хаёлам, падараш ҳам калон гузаштагӣ.

– Бале, – гуфт яке аз меҳмонон. – То дами охири умраш раиси иҷроқум будааст. Дар деги сиёсат ҷӯшида…

– Акаи Тилло ҳам, писари ҳамон падар-дия! Вақти котиби ҳизбии ноҳияи Сариосиё буданаш дар ҷумҳурӣ ҷавонтарин котиб ба шумор мерафт. Баҷуръат будааст. Ҳатто Бобомуроди Амон – дӯсти наздики Шароф Рашид бо ӯ андеша карда гап мезад.

– Бо вуҷуди ҳамин, – миёни гапро бурид подабон, – падари ин кас – Тиллозода, – ба Ибодулло муаллим ишора кард ӯ, – – як дафъа хуб таъзирашро дода буданд!

– Гапи гузаштаро мон! Кохи кӯҳнаро чӣ бод мекунӣ? – сахт эътироз кард Ибодулло муаллим.

– Гузаштаро ба ёд овардан савоб, – бо хиҷолат даст ба доира бурд Хол Мурод овози осмонкафи онро ба фалак печонда навохтан гирифт...

– Аз ростӣ, байнашон низои сахт рӯй дода буд, – иқрор кард Абдуғаффор.

– Шунавем, – хоҳиш зоҳир кард яке аз меҳмонон. – Чӣ низое будааст? Оё одами одӣ зидди роҳбар сухане гуфта метавонист?

– Эҳ, бечора падарҷон! Аз ҷанг ҷароҳат бардошта омада буд… Каме ғурур ҳам дошт. Ноадолатиро бинад, таҷанг мешуд, – ҳасрат кард Ибодулло муаллим.

Лекин инони суханро Абдуғаффор ба даст гирифт.

– Каси доно буданд, тағоям, – гуфт ӯ. – Кам-кам соддагӣ ҳам доштанд. Доим ду дона тиллои даҳсӯмӣ бо худ гирифта, мегаштанд.

– Тиллопараст буданд-дия, – духӯра гап зад подабон.

– Ҳамон ду дона тиллоро, – гуфт Абдуғаффор, – чор соли ҷанг ҳам бо худ доштаанд. Вақте ки лашкари Шӯравӣ ба Берлин зада медарояд, таго фикр мекунанд: «Мабодо маҷрӯҳ шавам ё ки аҷал бирасад, ҳамин ду дона тилло ҳайф мешавад-дия! Боз ба дасти кадом гитлербача наафтад?!» – гӯён ба госпитал, хабаргирӣ назди як ҳамқишлоқашон мераванд.

Вай ҷароҳати сахт бардошта будаст. Каме сиҳат ёфтаст, ба хона ҷавобаш медодаанд.

– Ҳой, ҷӯра, – гуфтаанд ба ӯ. – Ман як чизак медиҳам, хона бурда, ба дасти апаи Тӯтигулат медиҳӣ?

– Хуб, ҷонам катӣ, – гуфтааст вай.

Таго ба қисми худ рафта аз комендант ду лахт собуни ҷомашӯӣ мегиранд. Тиллоро даруни яктоаш ҷо мекунанд… «Фақат ба дасти Тӯтигул супур!» мегӯянд.

Вай ҳам амонатро хиёнат накарда, оварда медиҳаду мегӯяд: «То омадани худашон собуна сарф накунед будаст…».

Тағоям баъд аз Рӯзи ғалаба ҳам, боз шаш моҳ дар комендатураи Берлин ба хизмат монда, пас хона меоянд…

Омадан баробар «Собуна барор!» мегӯянд.

Тӯтигулашон бастааш катӣ мебарорад. Як ришта гирифта бо он собунро мебуранд. Тиллоро ёфта «ташаккур!» гӯён ба киса мезананд.

Хандаи базарбае дар кӯҳдара танин андохт.

– Ба гап ҷома мепӯшонед-дия, Абдуғаффор, – гуфт Ибодулло муаллим…

– Гап занед, ака, – гуфт Зебогул ба таги дег ҳезум партофта. Алангаи оташ баланд шуда атрофи дегро равшан мекард. Ҷаҳон торик гардида буд. Дар шӯълаи оташ як қадам дуртарро дидан имкон надошт.

– Баъдҳо таго ҷангалбон таъин шуданд, – як табақ гӯштро ба Зебогул дода ба гапаш давом намуд Абдуғаффор. – Гӯё силоҳи ҷангиро бо силоҳи ҷангалбонӣ иваз карданд. Оқсақоли Зевар соҳиби чанд фарзанд буданд, аз ҳама калону «боақлаш!» ҳамин Ибодулло, – бо корд тарафи ӯ ишора кард. – Хуллас, тағоякам, ки солҳои ҷанг ними Русистону сеяки Аврупоро ҷангкунон гузашта, бо рӯҳияи қавии ғолибият омада буданд, дар ҷангалбонӣ ҳам эътибор пайдо карданд. Афсӯс, ки…

– Чӣ афсӯс? – гуфт меҳмоне бо ҳаяҷон.

Вай ба Ибодулло муаллим нигарист, ки ҳамроҳи Зебогул гирди дегҳои гӯштбирёну шӯрбо даву ғеҷ дошт.

– Гап задан гиред, – ба сар ишора кард ӯ. – Гӯшт тайёр шавад, ман ҳам мешинам!..

Абдуғаффор ба гап давом кард: – Ҳамон сол (1984) бо супориши боло ба Зевари мо як ҳайат меояд. Заминҳои порча-порчаи бо сад азоб, рӯи тобасангҳо хок рехта корам кардаи мардумро ба ҳисоби хоҷагии ҷангал гузарондан мегирад.

Мардум пеши «оқсақол»-и худ ба шикоят меоянд. Он кас назди сардори он ҳайъат рафта гап мезанад.

– Ҳар кас ба кори худ машғул шавад! – писанд намекунад сардори ҳайъат.

– Мардумро ранҷ нате! – мегӯянд тағо.

– Кай боз ҳомии мардум шудӣ? – таъна мезанад ӯ.

– Оё намедонӣ? Ҳомии мардум шуда то Берлин рафтаам ман, – гӯён танобчӯби ӯро шарт аз дасташ гирифта, сари зону задаю шикаста даруни оби Шӯдоғ меғурронанд. – Хоҷагии ҷангал ба ин порчазаминҳои дастӣ корам кардаи бечораҳо мӯҳтоҷ нест! Хез! Аробаатро каш! – мегӯянд. – Дағалӣ бошад, дағалӣ!

– Шумо барои ин амалатон ҷавоб медиҳед. Мо супориши болоро иҷро мекунем! – эътироз мекунад сардори ҳайъат.

– Супориши кӣ? Котиб? Ё вазири ҷангалот?

– Ман ин коратро… маълум мекунам!

– Бирав! Ман ҳам меравам! Дар ҳамон ҷо вомехӯрем! – тағо аспро савор шуда тозиёна мезананд.

– Мо ҳам бо шумо меравем! – ду – се ҷавонмарди чаққон ҳам аз ақибашон, аз рӯди Наркафон мегузаранд.

Абдуғаффор дар ин ҷо таваққуф кард.

– Дастархон дуруст кунед, бачаҳо! – гуфт Ибодулло муалим. – Гӯшт пухт!..

– Нағзтар бирён кунед, боз ҳамаро шикамдард насозем, – Абдуғаффори шӯх дастархонро кушода нон пора кард.

– Баъд чӣ шуд? – хоҳиш карданд аз ӯ.

– Чӣ мешуд!.. «Кор расво шуд – ку?» – гӯён сардори он ҳайат аз раҳи дигар, шабошаб аз ағба гузашта, то соати 12 худро ба мошинҳои шабкори кони ангишти Шарғун мерасонад. Аз ҳамон ҷо ба «шеф»-аш телефон мекунад. Шеф бо котиб – Тилло Менглӣ тамос мегирад. Тиллозодаи ҷангалбонро ба вай чун як шахси «шӯрангези қайсар» муаррифӣ карда мегӯяд, ки «бо чанд одам ба идорааш меояд!».

Котиб дар ғазаб шуда, субҳ соате пеш аз вақти муқаррарӣ, ҷои кор рафта мунтазир мешавад. Рӯзномаю маҷалла варақ мезадааст, ки таға:

– Даромадан мумкин? Ассалому алайкум, – гӯён даст ба вохӯрӣ омода карда, ду қадам пеш мемонанд.

Тилло Менглӣ бо ишора ва хунукназарӣ дар нимароҳ боз медорад:

– Аз Зевар омадед?

– Бале, аз Зевар…

– Чанд кас шуда омадед? – якбора ба «ҳуҷум» мегузарад ӯ.

Таға зуд мефаҳманд, ки касе аллакай заҳрашро чакондааст.

– Ман худам… Ду – се гувоҳ! Мегӯянд, ки ин дам он се ҷавонмард ҳам аз дар медароянд.

– Ман қозӣ не! Гувоҳ лозим не! Ман котиби ҳизбӣ! – мегӯяд Тилло Менглӣ.

– Медонам, шумо, котиб!.. Омадем, ки ба гапи мо ҳам гӯш кунед!

– Кӣ ҳуқуқ дод, ки супориши болоро рад кунед?!

– Э, ҳоло даҳан накушода, гунаҳкор мекунед? «Аввал пурсиш, баъд кушиш!» гуфтаанд!.. Вай чӣ гуна фармони боло будааст, ки як порчагӣ замини болои тобасанги мардумро гирифта ба хоҷагии ҷангал медодааст? – овозашонро сар медиҳанд таға.

– «Булбулакатон хонд-ку! Қарорро муҳокима не, иҷро мекунанд! – дод мезанад котиб.

– Ба шарте, қарор ба нафъи мардум ва давлат бошад! .. Онро ҳам аввал фаҳмондан лозим, ки барои чӣ?!..

– Забондарозӣ бас! Вагарна…

– Чӣ? Кутоҳ месозед, ё бурида мегиред забонамонро?. – Оташин мешаванд таға, – ин забони Тиллозодаро соли ҷанг немис бурида натавонист. Ҳоло шумо-а?! Марҳамат, ана теғ! – корди «Шаҳрихон» навишта шудаи ялаққосиро рӯи миз бароварда мемонанд.

Ҳамин вақт чашми котиб ба панҷаҳои тиргирифтаи дасти таға дӯхта мешавад. Каме ба фикр меравад. Аз асп фуроян ҳам аз рикоб по набардошта:

– Чӣ хел иштирокчии ҷанг, ки – мегӯяд ӯ, – ин қадар дағдаға?!.

– Шубҳа доред-чӣ?!

– Шубҳа медоштам, ҳабс мекунондам!

– Баред, ҳабс кунед! Занҷиру завлона занед! Ё худам ба

маҳбас равам? – кордашонро аз рӯи миз гирифта ба ғилоф меандозанд ва берун мебароянд. Ҷавонмардҳо сари роҳи котибро мегиранд:

– Мо барои ҷанг наомадаем, калон! Аз шумо мадад хоста омадем… Агар, Тиллозода ҳабс мешуда бошанд, моро ҳам шинонед! – мегӯяд яке аз ҷавонмардҳо.

Тилло Менглӣ гӯшаки телефонро мебардорад:

– Асадулло Намозович! Назди ман дароед!..

Намозов раиси комиҷроия буд. Зуд меояд:

– Тинҷист? – даст дода бо ҳозирин пурсупос мекунад.

– Тиллозодаро мешиносед? – мегӯяд котиб.

– Тиллозодаи зеварӣ?.. Ӯро кӣ намешиносад?

– Одами ҷанҷолие будаст, ки.. Сари мою шумо одам овардаст, – ба ҷавонмардҳои зеварӣ ишора мекунад.

– Гапатона дониста занед, Тилло Менглиевич! – мегӯянд онҳо бо як овоз.

– Хуб, шумо берун бароед, – хоҳиш мекунад Асадулло Намоз.

Онҳо мебароянд.

– Тиллозода ҷони одам аст, – мегӯяд Асадулло Намоз. – Худаш канӣ?

– Сиёсат карда будам. Биринҷаш об набардошт. Аз афташ, тарафи милисахона рафт.

– Ҳо-о, назди сардори милиса – ҷӯрааш Бойҷонов рафтаастдия! – дандонҳои тиллоияшро ялаққос занонда механдад раис. – Аз ростӣ, инсони наҷиб аст. Мисли шумо «принсипнок!» – абрҳои бparty... 

– Аз куҷо донам, – иқрор мекунад котиб, – шаб телефон шуд. Қодир ака гап зад, ки дар Зевар ҷанҷоли сахт… Масъалаи замин, одамон!..

– Э-ҳа-а! Маълум. Ҳамон намоянда – «Н»-ро он ҷо набояд мефиристодем… Охир, вай одамест, ки «салла биёр гӯед, калла меорад!».. Инаш ҳам ҳаст, ки Тилло Менглиевич, зиндагӣ дар кӯҳистон осон не!

– Мефаҳмам, раис! Ба Тиллозодаатон фаҳмонед, ки чор тараф ҷор андохта нагардад… Масъаларо худамон ҳал мекунем, – мегӯяд котиб аз шасташ гашта.

Баъд аз ин Асадулло Намоз ба идораи милиса меравад. Бойҷонов ва Тиллозода ба ҳурматаш аз ҷо мехезанд. Гарму нарм пурсупос мекунанд.

– Чӣ шуд? – хандида мепурсад раис.

– Котибамон гап напурсида гунаҳкор карданӣ шуданд…

– Ману Бойҷонов шуморо нағз медонем, Тиллозода! Зиқ нашавед. Ҳамаашро фаҳмондам… Кадоме шаб телефон кардаст, гапҳои пасту баланд гуфтаст… Ҳозир аз ҳузурашон баромадам. «Чӣ масъалае бошад, худамон ҳал мекунем» гуфт. – Хандида илова кард: – хезед, хона меравем… Мо намаки шуморо бисёр хӯрдаем. Аз хонаи мо ҳам як пиёла чой нӯшед! – Сардор низ ҳамроҳ мераванд...

Ҳамин тавр, тағо се рӯз дар воҳа мемонанд. Меҳмонгардӣ мекунанд. Ба почта даромада, ба номи вазири ҷангал як нома ҳам мефиристанд. Баъд бо ҷавонмардҳо ба деҳа меоянд..

Дар ин мобайн аз Тошканд бо чархбол худи вазири ҷангал Нӯъмон Яҳё меояд. Маҷлис мегузаронанд. Фаъолони ноҳия – аз раис сар карда то Эшбой Қодир, Муҳаммади Эшонқул, Турғун Қурбон – ҳама зевариҳо гирди вазир парвона мешаванд..

Бо ин баҳона, котиб ҳам бо тағо оштӣ, ҳатто ҷӯра мешавад. Ҳақ ба ҳақдор мерасад. Ҳатто котиб дар маҷлисҳои калон он касро даъват карда, чун собиқадори ҷангу пайкор дар паҳлӯяш мешинонад. Ҳамин ошноияш то рӯзи тармакӯчи калони Зевар, ҳатто баъд аз он ҳам давом мекунад.

– Тармакӯ-ӯ-ч?

* * *

Ин дам дараро торикии тамом зулмонӣ фаро гирифта буд. Як қадам дуртарро дидан имкон надошт. Танҳо оташу чӯғи таги дегҳо дидаҳоро равшан медошт. Зебогул ду табақи лангарӣ гӯштро аз дег бардошта овард. Худаш ҳам гули сари сабади давра шуда, дар паҳлӯи акаҷонаш Абдуғаффор нишаст.

Абдуғаффор барои калонсолҳо аз сурохӣ қул-қул май мерехт. (Кадоме аз меҳмонон як чоба (канистр) шароб аз заводи Синаи боло оварда буд). Шароби нобу гӯшти дар рӯғани худаш тафт додашуда, дар он қуллаи баланд аҷаб мазае медод.

Тирашаб ба гӯштхӯрӣ монеъ намешуд. Насими форам мевазид. Накҳати гулу гиёҳҳоро бо худ меовард. Хониши кабку мурғакон кам-кам басанда мешуд. Аз дуродур уллоси шағолу нӯлаи рӯбоҳ барин овозҳо ба гӯш мерасиданд. Ҳамааш хуб буд. Фақат Моҳ зудтар намебаромад, ки ақаллан меҳмонон самти мавҷудияти худро муайян созанд, ба он Сари Хишнаи ларзаафкан, ки Тармакӯчи калони Зевар аз он ҷо сар задааст, назар афкананд…

Гӯштбирёнхӯрӣ ҳам поён меёфту аз меҳмонон кадоме бесаброна пурсон шуд:

– Акаи Абдуғаффор, ҳамааш фаҳмою лекин давоми гап – ҳамон Тармакӯчи Калонро нақл накардед.

– Э-э-э, аз он гап назанед, – ба ҳаяҷон омад Зебигул, ки дар торикӣ танҳо сафедии чашмони шабгунаш барф барин метофт.

– Натарс! – гӯён ҷилави суханро Ибодулло муаллим ба даст гирифт.

– Пас аз он бархӯрд бо Тилло Менглӣ, – гуфт вай оҳи вазнин кашида, – корҳои падар (Тиллозода) ранги дигар гирифт. Тилло Менглиро ба кори калонтар, ба вилоят бурданд. Ростӣ, ки одамгарияш баланд будааст, ошноияшро аз падар наканд. Роҳхат дода ба истироҳатгоҳҳо мефиристод. Бо тавсияи ӯ падар сарвари Зевар таъин шуд. Ин аҳвол то моҳи марти соли 1984 давом кард, яъне то он рӯзе, ки аз маркази ноҳия Ҷумъа Ҳамза омада дар Зевар маҷлис гузаронд.

Ҳама хурсанд буданд. Меҳмон хост, ки ҳамон бегоҳӣ ба роҳ барояд. Падар ба ӯ иҷозат надод:

– Таомули мо ҳамин: имшаб меҳмон мешавед. Фардо ихтиёратон! – гуфт.

Хона омад, гӯсфанд куштем. Сӯҳбат гарм буд. Ҳамсояҳо хона ба хона шуданду як шамолу тӯфон бархост. Шохҳои чормағзҳо қасар-қасар мешикастанд… Саҳар хеста бинем, барфи баланди хушке боридааст, ки ҳамаи хонаҳои пастак зераш мондаанд…

– Имшаб, барфу борон намеборад, охир? – ба ҳаяҷон омад Зебигулу дугонааш Нозанин ба атроф нигоҳ карданд.

– Ме-бо-рад! – гуфт подабон.

– Ҳе-е, не! – хандид Абдуғаффор…

– Ана мебинед, имшаб ситора меборад аз ҳаво, – хандид Умедулло муаллим.

Ҳама ба осмони пурситора наззора карданд. Аз моҳ ҳанӯз ҳам дараке набуд, лек таги осмони уфуқ сафедӣ мекард.

– Баъд чӣ?

– Баъд, чӣ карданамонро намедонистем. Меҳмонро танҳо гусел доштан дар он кӯҳистон аз инсоф набуд.

– Барфи баҳор дер намепояд, – гуфт падар, – боз як – ду рӯз бо мо бошед, меҳмони азиз шавед!..

– Агар корҳои зарур намебуд, як ҳафта мемондам, – гуфт хиҷолат кашида Ҳамза Ҷумъа.

– Хуб, чӣ илоҷ? – падар ҷавонони деҳаро хост. Маслиҳат

кард: – Ҷои аз ҳама пурхатари роҳ Сари Хишнаро бехатар мегардонем…. Он тарафаш, худи аспҳо роҳро ёфта мебароянд. Аз ағба он тарафаш гап не, осон мефуроянд… – гуфт.

Ҳама розӣ шуданд. Мо ҷӯраҳо то миён ба барф ғӯтида аз оби Наркафон гузаштем. Бо бузроҳаҳо тахмин карда боло баромадем. Падар аз Сари Хишна дуртар, рӯи як теға баромада қарор гирифт. Ба мо фармуд, ки барои бехатарӣ боз камтар, сад қадам болотар бароем. Аммо худаш набаромад.

Ҷои мо ҳаққонӣ бехатар буд. Аз белу курак истифода бурда, барф мерӯфтем, то тармакӯчи сунъӣ ҳосил шаваду барф кӯчида роҳ кушода гардад. Дигар илоҷаш набуд.

Баногоҳ таги поямон ларзид. Ба шикам зада, буттаю харсангҳоро қапидем. Тарма аз поёнтари мо кӯчид. Масофаи калон ва теғаи падар истодаро низ ҳамвор карда, ӯро рӯ-рӯи худ бардошта, ба қаъри сесадметрии ҷарӣ, ба умқӣ бархурдгоҳи обҳои Шӯдоғу Наркафон бурда бизад. Оҳ, ваҳ!

Фиғони Зевар ба фалак печид.

Ҳама он сӯ тохтем. Тарма паси тарма ҳамон самт мефуромад. Падарро аз сад ҷонаш як ҷонаш ҳам намемонд… Инсоне, ки аз ҳазорон хатари ҷанги беамон баргашта буд, дар як мижа задан рафт, ки рафт…

Пагоҳаш, бо сад азоб ҷасадро мардум аз коми тарма ҷудо карда баровард… Иззату икромаш ба ҷо оварда, ба хокаш супоридем. Бист ва чилашро додем…

Дар охирин маърака бо чархбол аз водӣ калонҳо ба таъзия омаданд. Касони шинос гуфтанд, ки байнашон Тилло Менглӣ низ буд, ҳатто сари қабр ашк рехт…

* * *

Ин воқеаи ғамангезро Абдуғаффору Ибодулло муаллим, дар он парраи кӯҳ, ки оби Шудоғ ба ҷустуҷӯи ошиқаш Наркафон шуввас мефуромад, бо оҳу надомат қисса карданду Моҳ ҳам аз паси кӯҳҳои Ҳисори Шодмон баромад. Дашту дара шир барин сафед шуд.

Холмуроди подабон табурок (доира) ба даст гирифт. Ӯ садои осмонкафи доираро ба фалак печонда, сари зону чолок ҳаракатҳо карда, ба сад мақом арғушт мерафту мерафт.

Ба доира ғижжаку рубоб ҷӯр мешуд, ки писарони Ибодулло муаллим бо худ оварда буданд. Зебигулу Нозанин ба рақс пардохтанд. Дар он парраи кӯҳ як базми хоссаю валвалаи тоза барпо шуда буд.

Дар охир Ибодулло муаллим думбураи пӯпакдорашро баргирифту навохт. Абдуғаффор хоҳиш кард, ки суруди дар раҳи Киштут, бахшида ба тӯи ҷӯрааш Нуруллоҳи Наҳанг гуфтаашро сарояд..

Овози ширадори ӯ бо шибир-шибири торҳои дӯмбура ҷӯр шуда, мавҷудоти зиндаи атрофро бедор мекард…

Субҳи рӯзи дигар «корвон»-и меҳмонону мизбонон, чун табори лӯлиёни шаҳрошӯб аз парраи Хоҷапиркӯҳи Калон нишеб шуд. Ҳини убур Сари Хишнаи тармакӯч нишастанд. Ба рӯҳи қаҳрамони деҳа Тиллозодаи шаҳид чанде сура хонданд аз Қуръони маҷид.

Ин охирин рӯзҳои будубоши мардуми Зевар дар манзили бобоии зебоманзарашон буд. Онҳоро пас аз ду сол иҷборӣ аз он ҷо кӯчонда, баҳона карданд, ки дар пӯстини кӯҳистониён кайк даромадааст.

Мардуми Зевар имрӯз ҳам Тиллозодаро ёдовар шуда, мегӯянд, ки ӯ одами замони мо – замони истиқлол буд. Афсӯс, ки новақт рафт.

*Сариосиё-Душанбе, 2003.*

## С И Т Е З

Деҳаи соҳили дарёи кӯҳӣ дар хоб. Танҳо дарё бедор: Шу-у-в, шу-у-в!..

Як «Тико»-и чароғаш рӯшан аз мумфарш – Роҳи бузурги Абрешим ба сангфарш роҳи он деҳа тоб хӯрд. Рафта-рафта паҳлӯи қабристони бедевор, ки байнаш масҷиди сап-сафеде тобон аст, бозистод. Аз он ҷавони қавиҳайкали боронипӯше фуромада, бо ронанда ҳисобӣ намуд. «Тико» атрофро рӯшан карду ақиб гашт. Ба мумфарш расида нопадид шуд.

Ҷавонмард «шапка»-и нимдошташро ба даст гирифту ба осмон нигарист: Моҳи мунир қариби Кӯҳи Нур мерасид. Ғуҷум-Ғуҷум ситораҳои осмон ба чашмаш сарҳои ангури нимдумбули боғи падараш барин чашмакӣ мезаданд. (Дар бачагӣ таги токҳои калону баланд «хонача» сохта, ба сарҳои ангури чашмакзада хуб менигарист, меканд, мечашид). Оҳ, бегумон дар ин ҳашт соли маҳбас… Он боғу ин ситораҳои осмони деҳаашро ёд кардааст.

– Хуб, ҳоло куҷо равам? Хона? Не. Аввал қабристон, сари қабри падар.

… Он мисли ҳамаи қабристони тоҷикон дар тоза теппаи сафедхок воқеъ буд. Истода наззора кард: қабрҳо хеле зиёд шуда-

анд. Афсӯс хӯрд. Сари баъзе мармарсанг, тобасанг, чӯбаки хушк ҳаст. Аксар бенишона, ҳавлангез, ҳузновар!…

Қабри падараш ҳам нишонае надошт. Ҳоло меёфта бошад? Дар қабати Эшони Аъзам буд. Қабри Эшон сангдевори баланд дошт. Ҳар бор хумори падари оҳангараш гирад, таги он сангдевор такякунон сурае аз Қуръон қироат карда, ба рӯҳи падараш мебахшиду сӯйи дӯкони меросияш мешитофт.

Хокчҷои падарро зери охирин нурҳои моҳтоб, ки паси Кӯҳи Нур мефуромад, пайдо кард. Пардаи торикӣ фаро расиду дилаш ҳарос гирифт, овозашро сар дода хонд: «Аузу бил-лоҳи-минаш-шайтонир-раҷим. Бисмиллаҳир-раҳманир-раҳим...» Сураро хушрӯ хонда фуроварду сулфида-сулфида хест. Тугмаҳои борониашро гузаронд. Мабодо, ки шамоли серуни дараю дарё ҷисми заъфаронияшро наларзонад…

Ӯ ҳанӯз аз он қаламрав дур нашуда буд, ки ду тан ғурунг-ғурунг аз пастхамӣ боло шуданд. Сиёҳиро дида пойи пеш мондаашон ақиб рафт. «Сиёҳӣ» уҳу-уҳу сулфид. Он ду тан сулфаи сунъӣ заданд. Калонсолаш пеш омад, ӯро шинохт магар, ки белу каланд ба замин гузошт.

– Ситез нестӣ?

– Ситезам, амаки Ҳамро, – гуфт ӯ бо овози ларзону сулфид.

– Дар ин шабгир омадӣ, ин ҷо? – оғӯш гирифт ӯ ҷавонмардро. – Сиҳат ҳастӣ, бачем? Хуб… сари йигит меғалтад ин рӯзҳо. Кай омадӣ?

– Ҳозир аз мошин фуромадам. Даме сари қабри падар нишастам.

– Дар маҳбаси Каттақӯрғон будӣ ё Қаршӣ?

– Дар ҳурдуяш… Ба шумо ба хайр?

– Бибӣ Фазила гузаштанд. «Гӯрама кан» гуфта доим дуо мекарданд.

– Гӯрканӣ савоб! – гуфта Ситез ба роҳи худу онҳо гӯканӣ рафтанд.

Ситез сулфида мефуромаду пеши чашмаш холаҳои паривашу байни онҳо модараш бо ҳамон як ҷаҳон ҳусни худодод падид меомад. Лек аз гӯрковҳо ақаллан напурсид, ки ӯ чӣ ҳол дорад… Аз номае ёд дошт, ки як чашми ӯро парда гирифтааст. «Шукри Худо бутун кӯр накардаст! Камтари азобашро барои он дунё вогузоштааст!» – сулфида бебок қадам зад Ситез. – Ҳурмати шири сафедаш накуштам ӯро! Агар мисли Рамазони «нархар» ду пораш мекардам, ҳоло дар ин пайраҳа қадам намезадам!» – ӯ

тапаррос лаби дарё фуромад. Рӯи санги кабуд истода дастурӯ шуст, таҳорат гирифт. Шукрона ба ҷо овард. Хаёлаш, ки кадоме таъқиб мекунад, ба атроф гӯш андохт. Не, суруди дарёст, ки шу-у-в, шу-у-в форам мекрасад ба гӯш…

Аз соҳил то хонаи падараш дусад қадам беш набуд. Ӯ шитоб намекард. Ҷуръате ҳам надошт, ки аз паҳлӯи дару девори шуми Рамазони дароз бигзарад. Ногоҳ сулфаи сахташ гирифт. (Ин сулфаро аз чордевори зиндон бо худ меовард. Ҷашни истиқлол омаду авфи умумӣ ҳафт солашро партофта баровард). Ситез роҳашро дигар кард. Ҷониби кӯҳу Дараи Калон, ки гӯё «Биё, то як луқмаи хом созамат!» – гӯён коми фарохашро боз карда меистод, қадам монд. Ба Пули Чӯбин расид. Аз рӯи он ба ҷараёну туғёни оби дарё зеҳн монд.

Дарё аз ҳамин ҷо таг-таги арракӯҳи хурд, ки то Пули Калон рафта қатъ мешуд, оромтар мегузашт. Он сӯяш нишеб, суръат мегирифт, то ҳарчӣ зудтар шорида, ба «оғӯш»-и Бобо – дарёи пиру ҳамеша ҷавон – Омуи муқаддас бирасад…

Ситез акнун бо пайраҳаи борики соҳили чап рӯ ба рӯи он ду ҳавлӣ расид. Ҳавлии аввал-қадамҷои бобоист. Модараш ҳам, ки боиси ин қадар сол зиндонӣ шудани ӯст, ҳамин ҷо бояд мезист. Ӯ ба ҳавлии дигарӣ чашм дӯхт, ки дилбастагие дошт ва ин танҳо бо худашу Саврия маълум буд. Нахост, ки аз омадани худ касеро огоҳ созад. «Бигзор рӯз шавад. Писару духтаракони деҳа бинанд. Шояд, яке шодиёнагирӣ медавад. Аҷаб не, чашми очааш ҳам парид ё зоғи сиёҳаш қар-қар кард, ки ба роҳаш орд мепирешид, як замон!».

Аз ҳамон ҷо чашмаш ба ситораи саҳарӣ афтод, ки болои Боботов истода, якка худаш тобандагӣ дошт. Вай боз Саврияро ба ёдаш овард. «Ба касофати модараш ва Рамазони дароз вай ҳам ба дасти бегонагон рафт. Агар ӯ ин ҷо мебуд, шояд чашм ба роҳаш медӯхт, пешвозаш мегирифт чун хоҳар».

Ситез бо ҳамин хаёлҳо рӯи тахтасанги Арракӯҳ, росторост дароз кашид. Ин лаҳза санг аз пайи санг омад.

– Кистӣ? – пурсид Ситез сулфида-сулфида.

– Худ кистед?

– Саврия? Ин туӣ? – ҳаросон пурсид аз овозаш шинохта.

– Манам, Савриян бадбахт! – ҳазин посух дод соҳиби овоз.

– Ин ҷо чӣ мекунӣ?

– Сулфаатон бедорам кард. Аз паятон омадам.

– Худоё, бовар надоштам, ки ту инҷоӣ!

– Инҷоям!.. Ҳамааш дар гӯр! Дилам ба шумо месӯзад: ҷавониатон шикаст дид.

– Мебинӣ? Зиндаам…

– Месулфед-а? Беморед? Чаро ба ҳавлӣ надаромадед?

– Аз остонаи шумоён чутӯ гузар кунам?

– Ба ҳамааш «туф» кунед! Мисли ман, ки хонаашро партофта омадам. Пирдухтар, чашм ба роҳи шумо…

– Э, э гап назан. Бирав, мардум набинанд!.. Дигар тоқати таъна надорам! Баъд гап мезанӣ!..

– Кай омадед? – мӯйи жӯлидаашро боди саҳар тор-тор мекард.

– Вақти саҳар.

– Рӯи санг наистед, сулфаатон бадтар мешад, – зимми ғайб зад Саврия.

– Эй Худо! Бедорист, хоб ё хаёл? – Ситез аз пайраҳаи бағали Арракӯҳ роҳашро давом дод. То Пули Калон расид, ки сапсафед рӯз шуд…

Мардум говҳошонро ба пода ҳай мекарданд. Ситез оҳиста ба оҳангархонаашон наздик омад: ҳамон қулфи худаш задагӣ. Сахт занг бастааст… Дилаш об шуд, ҷигараш рехт, бо ашки равон, лаб-лаби дарё сӯи боғу кулбаи падарӣ қадам зад.

Бачаҳо бисёр буданд сари роҳ. Бо таҳайюр ба ӯ нигоҳ мекарданд. Онҳо дар ин ҳашт сол ба дунё омадаанд. Ӯро надида бошанд, аз куҷо шиносанд? Танҳо дарё мешинохт ӯро, моҳивор об кашиданҳояшро ба ёдаш меовард ва гӯё аз пазмонӣ шуввос мезад: Шу-у-в, шу-у-в!..

* * *

Чигунагии сарнавишти фоҷиавии ин ҷавонро бидуни худаш ва модараш гӯё касе намедонист. Ҳатто вақти рӯй додани фоҷиа, ба зиндон бурдани вай модараш ҳам лаб ба сухан во накард, нагирист! Ҳоло чӣ сон рӯ ба рӯ шавад, намедонист. Саврия шояд аз омаданаш гап мезанад… Эй Худо! Тақдир чӣ корҳое мекардааст!..

* * *

Бадбахтӣ ин тавр рӯй дода буд.

Падари Ситез Пӯлод ном дошт. Марди миёнақади хушсурат: чашму абрӯсиёҳи кулӯтариш буд. Дар ҳамин дӯконак, ки субҳ Ситез дида гузашт, умре оҳангарӣ кард. Ҳар субҳ ба ду – се асп наъл мезад. Досу теша, корду табар, белу каланд месохт. Марди зиндадили чақчақӣ буд. Ҳар субҳ, албатта, ду – се улфаташ ома-

да, бо лахчаи ақикранги кӯра чашмони хеш об медоданд.

Акаи Пӯлод овози хуше ҳам дошт. Кор мекарду ғазал мехонд. Рубоиҳои Хайёмро таври худ ба оҳанг даровarда месуруд:

*Гӯянд маро, ки майпарастам, ҳастам,*
*Гӯянд маро фосиқу пастам, ҳастам.*
*Дар зоҳири ман нигоҳи бисёр макун,*
*К-андар ботин чунон ки ҳастам, ҳастам.*

Суруди машҳури Ҳоҷӣ Абдулазиз «Ту садбарги кадом боғӣ»-ро ҳамчунон нолакунон мехонд, ки сангҳои соҳил об мешуданд. Хонумаш Паригул ҳам дар вақташ ба хушрӯӣ, пулёбӣ ва овозхониҳояш дил бохта расида будаст. Акаи Пӯлод ӯро бениҳоят дӯст медоштаст. Агар он сурудашро сарояд, гоҳе Паригул низ (дар боғ ё авул ё сари дарав) ҳамовоз мегаштааст: «Ҳаъ, қурбонат шавам!»-гӯён аз шавқ дамро ба кор меандохтааст, болға рӯи сангдон зада, бо нағмаю усул ҳамаро мафтун мегардондаст. Хаёлаш, ки он суруди дилрабо махсус барои вай ва Паригул гуфта шудааст, чашм аз ҷононаш наканда месурудааст:

*Ду чашмат масту махмур аст,*
*Ду рухсорат пур аз нур аст.*
*Қадат чун сими танбур аст,*
*Ту садбарги кадом боғӣ?*
*Дувоздаҳ химчаи кокул,*
*Дувоздаҳ дастаи сунбул,*
*Маро кардӣ ту доғ, эй гул!*
*Ту садбарги кадом боғӣ?*
*Лабон лаълу садаф дандон,*
*Даҳон чун ғунчаи хандон,*
*Чароғи чашми махмурон,*
*Ту садбарги кадом боғӣ?*
*Надорам чораи дигар,*
*Тарозу пур кунам аз зар,*
*Ба вазнат баркашам, дилбар!*
*Ту садбарги кадом боғӣ?*
*Манам – Абдулазиз номам,*
*Макун хор, эй диломам!*
*Занад дарди ту бар ҷонам,*
*Ту садбарги кадом боғӣ?*

Акаи Пӯлод ҳамин сон давру даврон дошт. Аз ин ки ба ӯ як муҷассамаи ҳусни худодод насиб гашт, шод буд: «Гумон аст, ки чунин тӯҳфа дар сад соли дигар ба касе насиб гардад», – мегуфт дар дил.

Ширинихои зиндагӣ ба ҳеҷ кас ҷовид набудааст. Талхӣ ҳам доштааст.

Ӯ батадриҷ ҳис мекунад, ки Паригул як шамъ асту гирдаш парвона ҳам кам не. Ҳар қадар дӯсташ дорад, дигарон ҳам аз ҳусни беолоиши ӯ тамаъ доштаанд.

Соҳибаи ҳусни воло, ана дар ҳамин лаҳзаҳои ҳаёт худро бояд аз чашми бад дур бигирад.

Паригул ба худ устувор буд. Ҳар касу нокасро писанд намекард. Оҳангар ҳар бор аз панду андарз кор мегирифт. Пурсаброна мегуфт, ки «дӯст ҳаст – душман ҳаст. Шарму ҳаё аз даст наравад». Гоҳо «вулқон» мешуд, яке ҳавлиро ба сар бардошта, аламашро аз дару тиреза мегирифт. Аз ҳаво гӯё чойнику пиёла меборид…

Як рӯзи баҳор буд. Ба ҷон расида Паригулро аз дасташ маҳкам кашиду лаби дарё бибурд. Дарё лаппас зада, лаболаб сел меомад.

– Эҳтиёт бош Ҷонон, – гуфт. – Худо накунад, ки ҳам туро, ҳам худро ғарқ созам!

– Барои ман фарқаш не! – хунсардона аз сели азим чашм наканд зан, – худро дидан гиред!..

Бечора мардак, ба дарёи фикру андеша ғӯтавар мегашт.

Рӯзе аз хари калони қаршигӣ афтода пояш шикаст. Акнун сиҳат ёфта буд, ки тутафшонӣ ба дарахти азим баромад. Аз шохи баландаш омада ба замин чалпак шуд. Табибон умри дубора бахшиданд. Писараш Аъзам, ки ҳам мактаб мехонду ҳам дари дӯконро кушода меистод, ба давуғеҷ ва мумиё падарашро сиҳат карда, ба по монд. «Мемурд нағзтар набуд» мегуфт гоҳе ба ҷон расида дӯстдоштааш Паригул.

Намурд. Сиҳат шуду дари дӯконашро боз кард. Пулу мол ба пои худ омадан гирифт.

Писараш Аъзам хесту ҳамон сол пайи таҳсил Самарқанд рафт. Корҳои оҳангарӣ дучанд гардид. Қадри Аъзам гузашт. То вақти дарсаш писари хурдӣ – Ситез ёрӣ медод. Дасти ӯро ба кор ром ва ба худаш моил кардан лозим буд. Навосаи қобил, дамро ба кор меандохт, болғаю кӯба мезад, чарх мекашид, аспро наъл мебаст.

– Чашм нарасад, – туф-туф мекард ҷӯраи улфати падараш Ҳафиз Шокир, – ин Ситезатон баақл, ӯҳдабаро!..

Он вақт Ситез панҷ – шашсола буд. Як субҳ дар ҳавои сард таги як курта дав-давон аз хонаашон ба дӯкон омад.

– Ҳа бачем, чӣ гап? – пурсид падараш.

– Дар хона гӯгирд нест. Очаам «лахча» биёр гуфт.

Бачаҳои дигари деҳа низ чиз оварда лахча мебурданд. Ӯ дасти холӣ омадааст.

– Чутӯ мебарӣ? Ана лахча! – гуфт падараш.

– Мебарам, – гуфт чаққон як каф хокистари хунукро гирифт, бо дасти рост лахчаи сӯзонро рӯи хокистар ниҳоду шамол барин давид.

– Э умрат дароз бод! – даҳони Ҳафиз Шокир воз монд, ака Пӯлод завқ мебурд.

Аз ин ҳам чанд вақт гузашт. Як субҳ ака Пӯлод «бомдод»-ро хонда сӯи дӯконаш шитофт. Ба Паригулаш гуфт, ки Ситезро зудтар наздаш фиристад. Ситез худ аллакай хеста буд. Ӯ як коса ширу шакару нонро наҳорӣ карда, аз дар баромад. Ногаҳ чашмаш афтод, ки модараш бо марде афту дарафт дорад. Белдастаеро бардошта рафту қарсас ба шонаи мард фуровард.

– Ба очаам нарас! Додом омада маҷақата мебарорад!

Мард белдастаро гирифту ба дарё ғурронд. Ситез дашноми обдор дода, шабпараквор давид, хабар бурд:

– Додо-додо! Як мардак очаам қатӣ ҷанг дорад! Ӯро мекушад!..

Ака Пӯлод пешгиракашро зуд кашид. Корди ғилофдору табари дастасафедро ба миёнбандаш халонда баромаду гашта аз Ситез пурсид:

– Мардака нашинохтӣ?

– Шинохтам… Рамазони дароз!

Падар номи Рамазони дарозро шунида суст шуд.

– Очата ба чӣ бизад? Бо дасташ?

– Э не, ҳамин хел бардошта, дар ҷӯяки боғ хобонд. Белдаста қати задам-м!..

– Хайр, ин хел бошад, вай назадаст, ором шав бачем…

– Э не-е, мекушад-е!

– Ин хел намекушанд, бачем, – кордро бо ғилофаш як сӯ андохту табарро дигар сӯ. Як рӯз не як рӯз очаат маро мекушад… Ӯ пешгирашро аз нав баста, ба кор машғул шуд. Ситез дамро ҳаракат медоду ҳайрон аз падараш чашм намеканд. Медид, ки ӯ ашк мерезад!..

* * *

Бо гузашти рӯзҳо сирри Рамазону Паригул сим-сим даҳон ба даҳон рафт, дар деҳа нағунҷид. Оҳангар гоҳе тӯпаланг мебардошт, «вулқон» мешуду вулқонвор хомӯш ҳам мегашт. Хеста пайи кораш мерафт. Охир, харҷи рӯзгор, пул барои писари донишҷӯ, ба хонуми аз ҳад зиёд эрка зарур? Зарур… Ҳар рӯз ба меҳмонӣ, ба куртаворӣ, ангуштариву гӯшвораи тилло пул лозим? Лозим. То меҳнат накунӣ, «Ма, бигир!» гуфта касе ройгон се мирӣ намедиҳад.

Болои ин як саҳар Паригул хушрӯ пӯшидаю хушбӯ шуда аз дари дӯкон даромад:

– Биё! Тинҷӣ? – пурсид оҳангар.

– Янгаи Ҳурзода ҳамроҳи акаи Рамазон Самарқанд мерафтаст.

– Хайр, бираванд, – озмоишкорона ба рӯи моҳаш чашм давонд.

– Шумо ҳам боре дар ҷаҳон, одам барин, писаратона хабар гиред, чи мешавад?

– Нағз мешавад! – ҳис кард, ки худи занак «аспу қамчин» ба сафар тайёр карда омадааст, гуфт: – Ҳурзода ҳам меравад?

– Ҳа-а!

– Ту ҳам рав!… Ман супориш гирифтагӣ. Фардо дарави гандум сар мешавад. Дусад дос додан лозим, – даст ба пешдоманаш молиш дода аз сандуқчаи оҳанин даста-даста пул баровард. – Чӣ вақт мераванд?

– Соати дувоздаҳ мошин меомадааст.

– Ҷо дошта бошанд?

– Намедонам, – ранги Паригул гулобӣ метофт.

– Эҳтиёт шав, ҷонон! Боз ягонтояш дуздида набарад!.. Бе ту чӣ мекунам?

– Э намуред! Хуб мекунад, агар медуздад, – гуфт. – Ба писар чиҳо гирам?

– Ҳарчӣ, ки худат хоҳӣ, бигир! Ягонта костюми хушрӯ харида те! – Мана, инашро ҳам гир! – Як даста пули дигар дод. – Бисёр нагард. Тезтар биё!..

* * *

Оҳангари ҷисман бақувват азоби рӯҳӣ мекашид.

Баъд аз он ки Паригул Самарқанд рафта ҷойҳои таърихияшро дида баргашт, аз ҷӯраҳои улфаташ Ҳафиз Шокири қоқ наздаш омад ва дар харак рӯ ҷониби дарё нишаста:

– Ака Пӯлод, – гуфт ӯ, – писари калонатон Аъзам ҳоло дар кучо?

– Дар Самарқанд. Ҳамон ҷо хонд, ҳамон ҷо монд. Чӣ буд?

– Пурсидам-дия. Аз чӣ бошад, ҳеҷ намеояд. Шуморо хабар намегирад…

– Ҳарҷо бошад, саломат бошад, дар лахчаи ақиқранг оҳан тоб дода ким-чиҳо месохт усто.

– Ин писаратон ҳам ёрӣ медиҳад, охир?

– Ҳа-а, вақти аз мактаб фориғ буданаш… Худ ҳар вақт мебинед-ку…

Ҳафиз дарундор буд. Беҳуда гап намезад. Зери ҳар суолаш сад ҷавоб мехуфт, худ медонисту боз мепурсид. Баъд, бо мурури вақт, нӯги гапро бароварда, ақрабвор неш мезад.

Суолҳои «дилсӯзона»-и ӯ ака Пӯлодро дарун-дарун тамом мекард. Ба гап забонаш намегашт. «Агар рӯзе бимирам, – мегуфт ӯ ба худ, – аз гуфта натавонистани сирри дилам аст… Чӣ кунам? Худкушӣ – ҳаром аст, Худо намебахшад. Худо ҷони каса азоб надода гирад. Беҳуда мӯйсафедон «талхии ҷон кандан осон кун!» намегуфтаанд. Аз ду чиз метарсам: аз мурдан ва зи даст додани Паригул. Ҳамин рӯз ҷавобаша диҳам, то пагоҳ намонда мебарандаш. Ин гуна зана боз кай пайдо мекунӣ?» – гӯён дар хилват оби дида мерехту аламашро аз «шиша» меситонд. Ба мағоза, ки пул фиристод «Московская» худ по бароварда меомад.

Як рӯз аз тӯйи калон, кадоме як табақ оши сергӯштурӯғанусабзӣ фиристод.

– Кӣ дод? – пурсид оҳангар аз ошовар.

– Раис-ошнотон! Достҳои хуб сохта додед.

– Хурсанд шудааст-дия! – Миннатдор ӯро гуселонду табақро пеш кашид, даҳони шишаро воз кард. Як пиёлаи пурро бардошта буд, ки Рамазони дароз гузаштан гирифт. Тарафаш имо кард.

– Ҳа-а, таго! Нағзед, бардамед? – пурсупос намуд ӯ.

– Гапа бисёраш ба хар бор!… Даро оши тӯй, арақ ҳаст…

– Ман аз тӯй омадам…

– Кай омадӣ, гурусна шудагистӣ! – пиёларо пур карда дод, – як чӣ бигӯ, бинӯш!..

– Саломатии шумо, худ намегиред?

– Мегирам. Медонӣ барои чӣ мегирам? … гап байни худамон, Рамазон! Ту йигити чор кас медидагӣ. Хоҳӣ, хушрӯҳои очааш бӯса накарда кати гашта метавонӣ. Лекин ҳамин Парии мана ба ман бимон! Вая нағз мебинам. Ҳай карда наметавонам, мардум чӣ мегӯянд?..

– Амак, – гап сар кард ӯ.

– Тағо гӯй!

– Ҳа, тағо… Чӣ ба ҳар гап бовар мекунед? – Ман зиёиям, ҳамаи занҳоро бо як чашм мебинам. Эҳтиром ба зан маъно надорад, ки ҳатмӣ бо ӯ алоқа дошта бошӣ. Парии шумою Ҳури мо (исми хонумаш Ҳурзода) рафтуо доранд. Одамо инро дида наметавонанд. Шумои содда бовар мекунед. Гап ин тавр не-дия. О, ман аз дасти Парӣ нону намак хӯрдаам, амак!

– Амак не, тағо!..Ҳамун нону намак кӯр накунад боз, – оби дида рехт оҳангар. – Дигар гап надорам фаҳмидӣ?! – табари дастасафедро бо зарб тарафи сутуни ғафс ғурронд, ки то нисфаш фурӯ рафт.

– Хайрият, маро назадед!

– Метарсӣ?

– Аз шумо натарсида мешавад?

– Худо кунад, ки рӯзе ин табар аз ғайб нарасад ба ту!

– Нияти нек нағз, амак!

– Тағо гӯй! «Як тағо ба ҳафт падар баробар!» гуфтаанд, даюс! Болои гап Ситез омад.

– А-са-лом, додо! Биё, гуфтаед?

– Туро не, очаатро…

– Очаам кайҳо аз тӯйхона рафта буд, – ба Рамазони дароз бад-бад нигарист. Чашмаш хаёле ҷигари ӯро сӯрох карда гузашт. Ӯ хапу дам аз дӯкон баромад. Сараш ғуввас мезад.

* * *

Ҳамон сол дар деҳа тӯй бисёр буд. Баҳсобаҳс овозхон Бобомурод Ҳамдам аз Туркман, Ортиқро аз Хоразм, Ҷӯрабекро аз Тоҷикистон, Гулнигор аз Сина, Юлдузро аз Тошканд меоварданд. Давраро Рамазони дароз кушуда, аз ҷавонони сухандону шеърхон раис интихоб менамуд, худ бо сарандозию покӯбӣ мерақсид, қош мепарронд, бо имою ишорае зимми ғайб мезад. Аксар «Ҳур»-ро монда «Парӣ»-ро бо худ мебурд. Андаруни боғоти дара машъал мегиронд, зери дарахту буттаҳои беҳисоб «ғелғелакон» – бозӣ мекарданд, мор барин ба ҳам мепечиданд.

– Парӣ, – мегуфт ӯ, – ту чӣ бало дорӣ? Ҳамаро девона кардаӣ? Ҳатто ҷавон-ҷавонакҳо туро бинанд, даҳонашон воз мемонад!..

Паригул дар ҷавоб ӯро бӯсаборон менамуд. Дарахтон, буттаҳо рӯи онҳоро мепӯшонд. Оби равон гӯё он ҳама фисқу фуҷурро ба сад кину бадбинӣ шуста мебурд.

* * *

Он тӯйҳоро ором гузашт гуфтан муҳобот мебуд. Кӯча – кӯча пури наврасон, ҷавонон, донишҷӯёни ба таътиломада. Ҳа нагӯед, ба тақлиди филмҳои хориҷии гӯр якдигарро «шатта» зада, ду мушту ду лагад аллакай ба ҷанг тайёр!..

Дар тӯйи амакбачаи раис милиса омад. Рамазони дароз «ҳастак-нестак» шуд. Байни писари ӯ Акбару Ситез мағал бархост. Майдонгирӣ ба регзори лаби дарё фуромаданд.

– Ситез, натарс! Мо ҳамин ҷо! – ҷӯраҳояш лаби ҷӯйбор нишастанд. Саврия Акбару Ситезро чун чуҷахурӯсҳои ҷангӣ дида, уқобвор омаду ҳардуро ду тараф тела дод:

– Чӣ якдигарро куштаниед? Аввал маро кушед!.. Кордро парто, Акбар! – ба Ситез худ сипар шуд. Падарама ҷеғ занам?! Маъракая вайрон карданӣ ҳастед? Бешармҳо! – тарафи ҷӯраҳои Акбар нигарист.

– Падарат кайҳо рафтанд, – мазох дошт кадоме, ки аз ӯ сахт метарсид.

– Беҳтараш, очаи Ситеза гирифта биё! – киноя зад дигаре.

Сари Ситез хам шуд, сари Саврия ҳам.

Ситез лаб-лаби ҷӯй боло шуд. Шайтон васваса мекард: «Мур ба ҳамин рӯзат!.. Рамазонро пайдо намо!..» Лекин шаб фаро мерасад, ӯро аз куҷо меҷӯӣ.

Хона даромаду сарашро печонда хобид. Баробари падараш бедор шуду наҳорӣ накарда, бо ӯ (охирин бор) сӯи дӯкон рафт.

Роҳгузаре дар лаби дарё ду аспро обу ҷав дода, барои наъл задан овард. Ба пои аспи пир Ситез наъл зад. Ҷонвар, ором буд.

– Ака Пӯлод, – гуфт он мард, – аспи дигар ҳоло суворӣ нашуда… Онро худатон наъл бандед-чӣ?

– Хуб. Мо бисёр дидаем аспҳои осавро, – чаққон шуд ака Пӯлод. – Соз қапед!..

Теғе барои ҳамвори сумаш расонду асп патаррос чароғпоя шуд. Наълро қоим карда, аз пахлӯ болға мезад, ки асп гашта ба сари дили усто чунон зад, ки ҳам аз асп хӯрду ҳам аз девор!

– Во-о-ҳ! – пуштнокӣ афтод ӯ.

– До-до-ҷон! – навҳа кашид Ситез сари ҷасад.

Ӯро олудаи хоку хун бардоштанд. Духтуру милиса омад. Маркази ноҳия бурданӣ шуданд. «Не, – гуфтанд хешон, – азобаш надиҳед. Монед ором ҷон диҳад».

Мошини ёрии таъҷилӣ хонааш бурд. Хун ба майнааш зада буд, баъд аз пешин ҷон дод. Пагоҳаш ба хок супурданд.

Паригул ба мотам нишаст. Ситез аз субҳ то шом таъзия қабул мекард. Баъд аз маросими «ҳафт» дӯконро кушода, досу белу каланд ва дигар чизҳои мавриди ниёзи одамонро бидод. Дигар ба дӯкон надаромад. Бо оча ногап буд. Саврия гоҳе хабараш мегирифту халос.

Рӯзи додани «чил»-и падар Аъзам ҳам омад, бо хонумаш Людмила омад. Онҳо дар Россия будаанд. Додар – бародар ду – се шабро нахуфта рӯз карданд.

– Ёдат ба хайр, додар! – гуфт Аъзам, – бо сабру бардошт будаӣ!.. Ман ҳам пай мебурдам. Дар он ҷое, ки ҳаром роҳ ёбад, шикаст андар шикаст афтад… Хуб, бало ба пасаш! Эҳтиёт шав! Модар, ин модар аст! Туф гӯӣ, ба рӯи худ афтад!

– Умре мо пеши мардум рӯсиёҳ мегардем?! – гирист Ситез, сахт гирист…

– Ором шав, санги вазнина об набарад! – насиҳат кард пеш аз рафтанаш. – Телефон те! Дидӣ, ки нашуд, дӯкона қулф зану пешам рав!

– Ӯро танҳо монда равам? Айб не?

– Вай танҳо не! Тобистон, вақти бо занаш Самарқанд рафтани он дарози мазанг аз асрораш воқиф шудам. Дар ғайбаш апаи Ҳурзода (занаш) қисса карда буд…

– Оқибат чӣ мешавад? – гуфтам.

– Ба хӯрок марги муш андохта аввал вая мекушам, баъд худама! – қасам хӯрд апаи Ҳурзода.

Хуб, аз тақдираш донад, хулоса карданд бародарон…

Ситез маъракаи «сол»-и падар доданӣ шуд. Дашт рафта бо чӯпон ҳисобу китоб кард, гӯсфанди чорӣ овард. Ду деги калон ош дам партофта, аз назди мардум гузашт. Акааш Аъзам омада натавонист, хавотир шуд.

Занҳо хангома карданд, барги сабз заданд.

Муддати азодорӣ тамом шуду Ситез дӯконро кушод. Се – чор ҳафта кор кард. Алам мекард, ки ба хондан рафта наметавонад. Ният дошт хонаи холаҳояш (ба шаҳри паривашон – Душанбе) равад… Синфи даҳро он ҷо хатм намояд… Нашуд. Ягона тасаллои дилаш Саврия буд. Ӯро ҳам Рамазондароз аз хона берунтар намемонад. Ба кадоме гуфтааст, ки агар ӯро бо Ситез бинад, буғӣ карда мекушад! Чаро? Маълум не…

Гапи хуб набуд, хуни Ситезро тезонд. Аз ҳама чиз дилаш монд. Дӯконро кушода тешаю табар, белу каландҳои аз падар мондаро таҳхона овард. Ба бойбачаҳо ҳавас карда телевизори

ранга хариданӣ шуд. Бехабар аз ҷои пулҳои падар чор-панҷ гӯсфанд оварда фурӯхт. Пеши бародараш рафта аз ҳамон ҷо телевизори «ҷопонӣ» оварданӣ шуд. Антеннаро баланд карада, мусобиқаҳои футболи ҷаҳон «90»-ро тамошо мекунад…

Не, гапи хона ба берун рост наомад. Хости ӯ не, хости Худо шуд. Ҳамон нимашабӣ ҳалқаи дарвозаашонро заданд. Ситез парида хест.. Ҷомаи сиёҳ дар китф чароғро гиронд. Дид, ки аҷалрӯфта – Рамазон.

– Чӣ гап?

– Очаат канӣ?

– Чӣ гап дорӣ? Нафгуфта буданд, ки ӯро ором гузор!

– Чӯ-ҷа-ху-рӯс!

– Чӣ? Чӯҷахурӯсро нишон надиҳам боз! Нағз не, поятона кашед!

– Чӣ мегӯяд ин тирронча! – аз гиребонаш дошта ба чӯяки боғ ғурронд.

Зӯр буд ӯ. Бо ҷуссаи хирсонааш ду-се чунин наврасро меғалтонд. Ситез пай бурд, ки маст аст, ягон фалокат рӯй медиҳад.

– Аз даҳонат бӯи мадраф меояд, баро аз ин ҳавлӣ! – бадқаҳр гуфт Ситез!

Марги падар, бепарвоии модар, манъ гардидани омаду рафти Саврия ӯро аз ҷонаш сер карда буд. Ва имшаба зиёдасарии ин хирс сарборӣ шуд. Ҷавони аз сад гулаш як гулаш вонашуда худро хору залил пиндошт. Дунё дар назараш торик шуд. Ноаён ба таххона гузашт. Табари дастасафедро бардошт…

– Кучҷоӣ, ҷонон! – шарақ-шарақ дари хонаҳоро кушода мепӯшид Рамазон.

– Вай ин ҷо! – овозашро ларзонд Ситез.

Ҳамин ки аз дар сар халонд, баякбор бизад. Дубора бардошта буд, ки очааш бо мӯи жӯлида маҳкам қапид.

– Равед, – табарро тоб дод Ситез, – вагарна ҷазои шумо низ ҳамин! Аз ин раҳи дӯзах нагаштед! – иззас зада гирист бача ва душманашро бо табар зада – зада ду пора карду як сӯ партофт. Худро ба милиса таслим доданӣ шуд. Модари рӯсияҳ намонд. Ба сар рӯймол гирифта, аробаи оҳанинашонро овард.

– Аҳмақӣ кардӣ! … Акнун бор кун!.. Дар лаби дарё обканда – чуқурие ҳаст, бел гиру чуқуртар ков! Гӯр мекунем, сел ояд, рӯфта мебарадаш!

«Гӯрашро пешакӣ канда будааст!» – аз дил гузаронд навҷавон. Ҳарчи модараш мегуфт, Ситез ба ҷо меовард. Чашмаш хун гирифта, сараш сих монда буд.

Шабҳо аз ин пайраҳаи лаби об касе намегузашт… Ду пора ҷасадро бурда дар чуқур андохтанд… Хоку сангреза партофта об заданд. Ситез хуни табару аробаро шуст. Гӯё ҳеҷ қисса рух надода бошад, хона даромад. Очааш «Хок бар сарат!» – гӯён рӯи хунҳои рехтаро то субҳ хокпӯш карда гашт.

* * *

Пагоҳаш ҳама Рамазон хоб дида хест. Аммо ӯ нест. Куҷо бошад? Ҳама ҷоро пурсиданд, маркази ноҳия, вилоят… Нест, ки нест.

Деҳа пури милиса шуд. Одамонро як-як дошта мепурсиданд. Паригул сару рӯяшро бо рӯймол баста буд, овози ларзону ҳоли парешони Ситез ноаён намонд. Ҳамин ки Ҳафиз Шокир пешрӯи сардори милиса омад, гуфт бо заҳрханд:

– Писрашро гиред, боқии гапа худи очааш қисса мекунад!

Ин гап ба раиси маҳалла Анвари зард ҳам маъқул афтод.

– Асл худи шумо гунаҳкор, – сиёсат кард сардори милиса Содиқи Сайёд. – Дунёро сел барад, ки бепарвоед!.. Биё, бача ба мошин даро!

Ситез ба ӯ бо таги чашм нигоҳ кард.

– Дасташ завлона занам?

– Не, намегурезад!

– Бачаро монед, мана баред! – рӯю мӯ канда давид Паригул.

– Ба мошини дигар гиред, – амр кард сардор.

Бозпурс дер давом накард.

– Бачема монед, ҳамааш гуноҳи ман! – гирист Паригул. Ситезро ҳам гап ҳамин буд: – Ба очаам нарасед. Гунаҳкор манам.

– Ӯро ту куштӣ, ё очаат?

– Ман! Гуфтам-ку ман!

– Бисёр «ман-ман» нагӯй! Росташа гап зан, агар не, кашида мезанам, ки сию ду дандонат фурӯ меравад! – сиёсат кард бозпурскунанда.

– Мезанед ё мекушед, ихтиёратон! Аз шумо ҳеҷ чиз пинҳон накардаам! Очаамро монед, хона равад!

Ситезро бурданд. Аз модараш гап гирифта, баъд тарафи деҳаи фалокатзада рафтанӣ шуданд.

– Бо бачаат хайрухуш мекунӣ?

Ӯ бо тааҷҷуб ба милиса нигарист.

– Ба сардоратон як даҳон гап дорам.

Паригулро ба ҳузураш даровароанд. Ӯ аз милиса ҳазар карда гап назад.

– Баромада ист, – гуфт сардор.

– Балои осмонӣ омад ба сарам, додар! Ба гуфтан забонам намегардад. Қаламу коғаз доред?

Сардор қаламу коғаз дод. Ӯ ду сухан навишт… Сардор хонду сар бардошта ба чеҳраи ғамангези ӯ чашм дӯхт. Коғазро қат карда дар ҷайбаш гузошт.

– Фаҳмо! Лекин ҷиноят-ҷиноят аст! Ин гап гуноҳи писаратро сабук намекунад:

– Рафту ин гап овоза шавад, ҳодисаи бадтар аз ин рӯй доданаш мумкин!.. Раҳм кунед, додар!..

– Хуб, равед, лозим шавад, дар мурофиаи суд гап мезанед!

Қарор доданд, ки мурофиаи суди ин наврас дар дигар ноҳия гузарад. Сардор ҳамон ду сухани модарашро ба раиси суд нишон дода буд. Ӯ хост он гапро аз забони худаш шунавад. Шунавиду бипурсид:

– Оё шумо ба иҷоби ӯ даромада будед?

– Ҳа-а.

– Кӣ хабар дошт?

– Ману вай ва як муллои деҳа.

– Гумон мекунед, ки ин сир то охир пинҳон мемонад?

– «То омадани табар кунда осояд».

– Табари шумо аллакай кори худро кард!.. Аз ин гап гуноҳи писаратон кам намегардад!..

Даъвогарон талаб карданд, ки модари «қотил» ҳам ба ҷазо мустаҳақ аст. Раиси суд ин гапи сиёҳкунандаро рад кард. Ноболиғиашро ба эътибор гирифта Ситезро суд ба муддати понздаҳ сол аз озодӣ маҳрум кард.

Касе, ки аз толор ашк рехта баромад Саврия буд.

Бародарони ӯ Ситезро чун қотили падар, бо нигоҳи пурнафрат гусел доштанд. Лаҳзаи вопасини бурданашон ҳоли парешони Саврия дар дидаи Ситез монда буд.

* * *

Ҳамон субҳи аз маҳбас омадани Ситез модари зор – Паригул хоби парешонашро ба об гуфта, як сатил об аз дарё гирифта мебаромад, ки ду тан аз ду тарафи ӯ наздик шуданд. Яке Саврия, дигаре ҷону ҷигари худаш – Ситез!

Пояш суст шуда рӯи пайраҳа афтод. Саврия омада, як каф об аз сатилаш гирифта пошид… Ситез сулфида – сулфида сари ҳамон санги кабуд нишаст, ки рӯи он падараш борҳо нишаста

сел тамошо мекард. Баъд бепарво, рӯ – рӯи хасу хошоки поёни боғ қадам зада,ба айвони фатаротшудаашон баромад. Дарҳои чангу тортанак пахшкардаро кушода пӯшонд. Кадом тугунчаро аз сандуқи кӯҳна гирифта берун шуд.

Саврия Паригулро ба хонае, ки падараш барои «рӯзи мабодо!» созонда буд, бурду худ баромад. Ситез як – як ҷунбида, сӯи раҳи калон равона шуд.

– Ҳа Ситез, куҷо? – пурсид Саврия аз ақиб.

– Ҳамин тараф! – чашм пӯшида ба ҷониби шимол ишора кард.

– Чӣ, мегурезӣ аз мо?

– Ёдат нест, падарат чӣ мегуфт? «Агар туро бо Ситез бинад, ҳардуро буғӣ карда мекушад!».. Тафсилоташро аз очаам бипурс. Фаҳмидӣ, хоҳарҷон?!

– Нафаҳмидам!.. Наравед! Дунё ба умед.. – ҳунгас зад Саврия.

– Ба кори тақдир чӣ ҳам мегӯӣ, хоҳарам!

– Хоҳар нагӯед маро! Ман…

– Ту хоҳарам бошӣ… Хавотир нашав!.. Барои табобат Самарқанд, пеши бародаркалонам меравам. Дар амони Худо! – Ситез ҳамоно сулфида – сулфида сари Пули Калон баромад. Аз баландӣ бастаи пулҳои «сӯхта» (иваз нашуда)-и меросиро пош дод. Онро обу шамоли дарё чун барги хазон ба атроф гирифта метохт…

Ҳамоно суруди якнавохти дарё танинандоз буд: Шу-у-в! Шу-у-в!

Ин вақт боз «Тико»-е пайдо шуд, ки аз Самарқанд гузашта сӯи Тошканд мерафтааст. Ситез сулфида – сулфида, бо чашмони ашкбор ба он нишаст. Роҳ аз поёни ҳамон қабристони масҷиди сап-сафеди тобон мегузашт… Дасти дуо ба рӯ кашиду деҳаи бедори дарё ақиб монд: шу-у-в! Шу-у-в!

*Душанбе, 2002.*

## АЗ ЧӢ НАМЕБӮСЕД МАРО

Моҳ рӯ-рӯи осмони Деҳнав шино мекард. Гоҳе зери абрҳои сиёҳу сафеде мемонд, ки шамоли мағриб онҳоро пеш карда, тарафи кӯҳҳои Ҳисори Шодмон мебурд. Ҳамин ки аз «тасарруф»-и абрҳои даргузар озод мешуд, роҳи беғалату рӯшани худро давом медод.

Осим муаллим медонист, ки имшаб моҳ шом хӯрда зебо шуда баромада буд. Ва ҳоло пеш аз хоб, ин марди миёнсоли тани

танҳо хост дил аз ҷамоли Моҳ рӯшан карда, баъд ба ҷогаҳаш дарояд, ки телефон мусалсал занг зад. Ӯ тирезаи айвони баландро шараққос пӯшонду гӯшакро бардошт.

– Ало-о? Ваъ-лей-кум.. Ҳа, ман. Шумо кӣ? Аз куҷо?

– Ман Наргис, духтари Ҷонон Кабир, аз Тошканд.

– Нағзӣ, Наргис, – гуфт беихтиёру духтар нею модараш – Ҷонон пеши назараш омад аз дур, аз қаъри норӯшаниҳо. – Чӣ гап, тинҷист?

– Ҳо-о, тинҷӣ, – канда – канда гап мезад Наргис, – модарҷон пагоҳ бо тайёра Сариосиё мераванд. Шуморо дидан мехоҳанд.

– Ху-у-б, пеш-воз гирам?

– Агар вақт дошта бошед,.. хайр! – гӯшак дар дасташ ту-у-т – – ту – у-т кард.

Худ, ки парешон буд, парешонтар шуд. Хеле вақт хобаш набурд. Як тараф ғами танҳоӣ, дурии фарзандону набераҳои шиминаш, болои ин хабари ғайричашмдошти «ташриф»-и Ҷонон!… Бедорхоб дар осмони хаёлот гӯё парвоз мкеамуд:

«Худоё, чанд баҳору тобистон гузашт. Аз чӣ вай имрӯз ёди дидани мо кардааст?»

Замоне ки бо ҳам дилёб шуда буданд, Ҷонон духтари хона буд. Синфи даҳро хатм карда, дар китобхонаи шаҳр ҳамроҳи модараш кор мекард. Осим хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии Тошканд буд. Таътилро дар хизмати ҳарбӣ, дар гарнизонҳои Тирмиз бояд мегузаронд, ки он вақт рутба ҳам медоданд. Ду – серӯза ба зодгоҳаш Деҳнав омада буд.

Вай дар ин бораҳо ба Ҷонон, вақти сайр дар соҳилҳои Сурхоб (Қизилсув), гап зада буд. Ӯ гуфта буд, ки агар хоҳад, Ҷононро ҳам ғоибона ба хондан мемонад, баъдтар бо ризоии волидон хостгор мефиристад…

Оё кори тақдир буд, ки то аз хизмати якмоҳаи ҳарбӣ омаданаш боди самуме вазиду гули ишқи онҳоро ба яғмо бурд. Эҳе-е, аз байн чӣ қадар вақт сипарӣ шуд… Кунун духтари қадраси Ҷонон ба ӯ сим зада, аз «дидорбинӣ» бо модараш «мужда» мерасонад.

Дергоҳ симои Ҷонони париваш аз пеши чашмаш намерафт. Ҳамчунин башараи хунуки шӯяш Асо сиёҳи девсиришт як бурҷи дилашро тазйиқ медод. Асо аз ғояти сиёҳи мазанг буданаш ин лақабро гирифта буд. Онҳо ҳамдеҳа буданд. Ҳатто хешӣ доштанд. Ҳамин палид торҳои ишқи ҷавонии онҳоро гусаста, бо кадом найранге Ҷононро ба доми худ афканда буд. Чӣ найранге,

касе намедонист. Ҳар кас ҳар чӣ мегуфт, аммо Осим бовар намекард. Мехост тафсилоташро аз забони худи Ҷонон шунавад. Лек ин барояш муяссар нагардид. Ҷонон тамом аз ӯ худро канор гирифта буд. Ӯ дар вазъияти ногуворе афтода, ба гардаш ҳам расида натавонист.

Ҳоло чӣ кунад? Пешвоз бараояд?

* * *

Саҳар бо табъи хуш Осим муаллим паси фармони «Волга» нишаст. Дастагуле ҳам аз паҳлӯи мадрасаи Саид Атолиқ гирифта, аз соҳилҳои Тӯпаланг гузашта, ба майдони тайёра расид.

Пешвозгирандагон чандон зиёд набуданд. Интизорӣ ҳам зиёд тӯл накашид. Тайёра чун уқоб дар осмони Дараи Ниҳон пайдо шуду ялаққосзанон давр хӯрда, фуруд омад. Осим муаллим ҳоло ба зинаи тайёра чашм медӯхт. Чанд кас чолокона фаромад. Ниҳоят:

– Ҳӯъ ана, – пеши чашмаш рӯшан шуд. Наход, ки ӯ Ҷонон бошад?

Ҷонон чатру сумка бар даст, ба атроф назаре афканду тук-тук пошнаи баландаш рӯи битон кӯфта, рост сӯи марди гулдастадор қадам зад. Пероҳани шонагули атлас қадду баст, рӯймоли заргаронаи сап-сафед фарози гарданашро зеб ва ӯро чун як фариштаи осмонӣ ҷилва медод. Атрофиён дар як он ҳама гули офтобпараст шуда, баргашта ба сӯяш менигаристанд.

– Ассалом!

– Ваълейкум ас-салом, – гулдастаро дароз карду дасти Ҷононро гирифта фишурд Осим муаллим.

Табассуми Ҷонон ҷонгудоз буд, аввалсуханаш боз ҷонгудозтар шуд:

– Аз чӣ на-ме-бӯ-сед маро ?

– Танҳоед? –саросема шуд мардак.

– Танҳоям, бо ҳамин қадар одам, – ба атроф наззора кард Ҷонон лабони ғунчасону бӯсаталабашро пеш овард. Лаб не, лахчаи оташ буд, он ки муаллим бӯса ситонд.

– Бе-ш-шарм! – сухани дар духтаракӣ ба ӯ гуфтаашро ёдовар шуд Ҷонон хандида.

Ҳарду бо хандоханд аз майдон берун шуданд. Осим муаллим чаққон дари мошинро кушода:

– Мешинед? – гуфта пурсид.

Бо ноз нигоҳе афканду нишаст. Худ паси фармон гузашт. Хаёлаш солун мунаввар шудааст:

– Ин чутӯ шуд, кадом шамолҳо паррондӣ, ки баъд аз ин қадар вақт? – рамуз гирифтанӣ шуд Осим муаллим.

– … Ниҳоят, дида ба дидор расид, – гуфтанӣ ҳастед, – давоми гапи ӯро дониста ба забон овард Ҷонон.

Ҳар ду ҳам хушҳол шуданд.

– Хӯш, гап занед, куҷо барам? – аз ҳаё сурх шуда пурсид Осим муаллим.

– Куҷо мебурдед, хонаи модарам, – бо нозу истиғно даст ба китфи ӯ гузошт.

Мошин оҳиста ба ҳаракат омад. Осим муаллим аз ойинаи ақиббин, ноаён ба рухони барфосо сафед, ба чашмони сурмасо, абрувони шабгунаш менигарист. Обу адо мешуд, хаёлаш, ки суруди «Бе усмаю бе сурма ту куштай моро»-ро фарёдкунон сарояд. Нигоҳҳои ӯро аз ойинаи пешрӯяш Ҷонон ҳис карду пурсид:

– Чӣ, пир шудаам?.. Нигоҳи бисёр мекунед?..

– Не-не, – саросема ҷавоб дод Осим муаллим, – аз ҷавонҳо ҳам ҷавонтаред, арӯси бистучорсола гӯям ғалат намекунам.

– Дурӯғ! –итоб кард Ҷонон. – Гумон надоштам, ки пешвоз мебароед. Наргис «девонагӣ» кард, ба шумо сим зад…

– Хуб кард, ки сим зад. Вагарна ба гарди шумо расидан мушкил буд...Оё Наргис бе изни шумо сим зад?

Бисёр мехост, ки бо вай бафурсат гуфтугӯ намояд, ба суолҳои дигари кайҳо боз дар дилаш зангзада ҷавоб пайдо кунад, аз асли мақсади ин париваши зираку некӯсиришт огаҳ шавад.

– Шумо, оё дар Хуҷанд набудед? – ба таъкид пурсид Осим муаллим.

– Тақдир на танҳо маро то Хуҷанду Тошканд бурд, то Байконурам ҳам расонд… Ба ҳамааш Наргис ва падараш сабаб шуд. Ягона вай падарашро дӯст медошт, бо вуҷуди он ҳама бедодгариҳояш.

– Шумо чӣ?… Оё шумо ӯро дӯст намедоштед? – ночаспон ба забон меомад сӯзи дили Осим муаллим. Ҷонон инро ҳис мекард.

– Ман шуморо дӯст медоштам! – шаш қатор ашкаш равон шуда даст ба китфи Осим муаллим ниҳод. Кафи дастони булӯрини тафсонаш китфи ӯро сӯзонд.

– Аз зиндагӣ гап занед, Ҷонон. Зиндагӣ чӣ тур? – худ нафаҳмида монд, ки чи сон оҳи бадард кашид.

Ҷонон ба хотир овард, ки овони ҷавониашон, ӯ пас аз якбора ситонидани сад бӯса, дар бешазори чормағзакони навниҳол ҳамин навъ оҳи чуқур кашида буд.

– Зиндагӣ ҳам гузашту боз мегузарад, ба қавли Хайём «Ҳар он сон, ки гузаронӣ, гузарад», – гуфт ӯ.

Осим муаллим мошинро дар сояи тиракҳои қатор боздошт. Ҷонон ҳам оҳи чуқур аз дили пурдард бароварда ба гапаш давом намуд.

– Хешатон – падари Наргис устухонамро сафед гардонд. Азоби бисёр дод… Ниҳоят, моро партофта хонуми дигар гирифт.

– Шунида будам… Боиси ҷудоӣ чӣ буд?

– Шунида бошед, медонед: зиёд менӯшид, бадмастӣ мекард. Ҷанг, занозанӣ… Маъзур доред, мо занҳо ҳақ надорем, ки аз падари фарзанди худ пеши дигарон бадгӯӣ кунем… Лекин вай ҷиннии тайёр будаст… Муҳандиси хуб буд, обрӯ дошт. Вале одамгарӣ надошт. Бовар мекунед, ҳатто дами хонаро тарк карданаш дар ҷевон на коса монду на пиёла. Ҳамаро зада чинга – чинга кард. Ҷевони бо «ҳаққулзаҳмат»-и худ гирифтаамро бо табар пора-пора кард.

– Боиси хашмаш чӣ буд? –сахт буд пурсидани ин гап, вале пурсид Осим муаллим.

– Рашк, – гуфт ӯ. – Ин марди гӯр аз санги сари роҳ ҳам рашк мебурд. Бо касе аз ёру ҷӯраҳояш, ҳамсояҳо ё ҳамкорон ҳеҷ гап зада намешуд. Ҳатто ба шогирдони падарам, ки яктояш шумоед, рашк мебурд.

– Ба ман ҳам? Аз ман рашк бурданаш беҷо не,– хандид Осим муаллим.

– Эҳ, намуред!–Боз кафи даст ба китфи муаллим расонд. – Кошки аз азал ба вай дучор намешудам, – ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифт Ҷонон. – Умрамро арра кард, бадбахт…

– Пушаймон шудед?

– Аз рӯзи азал…

– Чӣ тавр? .. Чаро бо ман ногап шудед?

– Чуту ҳамгап мешудам?… Ман акнун шавҳар доштам. «Худкардаро чора нест, вовайлои пинҳонӣ» – гуфтаанд.

– Аз байн чӣ гапе гузашта буд? Чаро бо ман гап намезадед, якбора рӯ тофтед? Нафрат кардед?

– Нафрат? Аз шумо? – хандид ӯ.–Не, шуморо аз ҷон ҳам хуштар медидам… Чӣ тавр фаҳмонам? Ёдатон ҳаст, ҳамон рӯзи тобистон бо ман хайрухуш карда, ба хизмати ҳарбӣ тарафи Тирмиз рафтед? Кошки намерафтед.

– Он рӯзҳоро оё фаромӯш кардан мумкин?

– Шумо ҳам рафтеду баъд аз ду – се рӯз – ин Асо сиёҳ аз кадом гӯр пайдо шуд. Шуморо ном гирифт.

«Ин китоб – он китоб» лозим гуфта меомад. «Китоб баҳонаю…

– Дидор ғанимат», – илова кард Осим муаллим

– Ҳа-а. Оҳиста – оҳиста ҳар куҷо равам, аз думболам кашола мешуд. «Набиё, падарам бинанд, мекушанд! Феълашон тез», – тарсонданӣ мешудам. Куҷо?.. Аз ҳамкорону ҳамсояҳо шарм медоштам.

– Аз ҳад зиёд шармин будед, – эътироф кард Осим муаллим.

– Баъд аз ҳаждаҳ – бист рӯзи рафтани шумо буд, ки мо дугонаҳо тӯҳфа харида, хонаи Сабоҷон, ба табрики рӯзи таваллудаш рафтем. Нағзакак зиёфат кард. Арақ, коняк овард… Моён қаҳва менӯшидем. Як вақт буд, ки ҳамроҳи бародари Сабо думкашак шуда, Асо ҳам омад.

– «Қаҳва ҳам чиз шуд?!» – гуфта ба ҳама «шампан» рехт. Ҷавони шилқини ба гап устое будаст. Маҷбуран дугонаҳоро нӯшонд. Ҷуръае ба ман ҳам дод, ки дар гулӯям ҷаҳид, сахт месулфидам. Бо «меҳрубонӣ» обу шарбат доданд… Хонасӯхта ба шарбат доруи хобоварӣ биёр андохта будаст... Хобам бурда шаб ҳамон ҷо мондаам... Вақти саҳар чашм кушодам, ки ҷисму ҷонам месӯзад...

Вай чанд сония хомӯш монд. Дар чашмонаш ашк ҳалқа баст.

– Баъд чӣ?

– Баъд, гуфтам-ку, мурданам афзалтар буд… Он сирро аввал пинҳон доштам… Фақат Сабо медонист… Бародараш ва Асо сиёҳро калтаккорӣ кард. Гуфт, ки ҳар он чӣ шуд, гузашт. Ба очаат маълум мекунем. Ҳарчӣ он кас гӯянд, ҳамон мешавад. Худаш тарсидаю ларзида ба очаам гап зад. Медонед-ку, он кас чӣ хел инсон. Худи ҳамон рӯз рафта гиребони ӯро гирифтаанд ва гуфтаанд, ки: «Ё рафта ба хонаам хостгор мефиристӣ, ё ки худи ҳозир ба гарданат таноб андохта ба милиса месупорам?!

Вай, аз ҷон хуштар хостгор меояд гуфтааст. Бо ранги паридаи рӯи нонпарзадааш пешам омад. Чанд китоб ба сараш задам. Мӯи ғӯлиашро тор-тор кандам. Гӯшашро ҳам наҷунбонд. Зора кард, ки худи ҳамин лаҳза Зарабоғ меравам, Пошхурду Вандоб меравам… Ба хонаатон амакҳоямро хостгор мефиристам. Бо ҳамин дафъи мӯъминон шуд… Баъд «аз гуноҳам гузар, туро нағз дида ба ҳамин роҳ рафтам» – гӯён узри бисёр хост.

– Хостгораш омад?

– Омад...

– Модарам дар ғазаб, падарам ҳайрон, ки ин гап ногаҳон аз куҷо?.. Ман худро пучида мегирифтам. Охир, чӣ гуна таҳаммул кардан мумкин.. Виҷдонам азоб медоду фикру зикрам ба шумо: «бо кадом рӯ бо шумо вомехӯрам?» ба мурдан розӣ будам. Духтаре, ки иффат аз даст диҳад, мурданаш беҳ!.. Маро ҳаё ва хаёли шумо зинда медошт.

Осим муаллим: – Ҳо-о, ана гап дар куҷо будаст? – оҳ кашид таҷанг шуд. Ниҳоят гуфт:

– Ба хотири ваъдаю воизҳоямон, ақаллан нӯги гапро ба ман мефаҳмондед, худам медонистам ба сари он малъун чӣ рӯзҳо андозам.

– Ин имкон надошт. Модарам маро мекушт… Гуфтам-ку, бо дахолати ӯ ман ба сарам шӯ доштам. Бо ҳамин даҳони мардум баста шуда буд… Аз рӯи иҷоби шаръӣ ман бояд бандаи фармони ӯ мешудам. Даму дуд захри қотил мехӯрдам, то падарам хабар наёбад аз ин сирру савдо

– Оқилона, – иброз дошт Осим муаллим.

– Оё касе аз ҳамкоронам ба шумо гап назада буд? – пурсид ниҳоят Ҷонон.

– Не-не, хизмат охир шуду бо қатора рост Деҳнав омадам. Ҳамин қадар гуфтанд, ки шумо ногаҳон байни ду-се ҳафта тӯй шудаед, тӯйи бодабдаба… Дунё дар назарам тира шуд. Чаппасар гашта хона рафтам.

– Хости Худо ҳамин будаст, – лаб фурӯ баст Ҷонон.

Осим муаллим ғарқи хаёл боз мошинро гиронда, пеш ронд. Ба кӯпруки нави Тӯпаланг расида, паҳлӯи кӯпруки селғалтонда қарор кард. Хаёлаш, ки тақдири ҳардуяшон ба ин кӯпрукҳо монанд аст. Рӯи кӯпруки кӯҳна чашм андохт: дӯсти деринааш Бағдод он ҷо ошхонае сохта, шабу рӯз кабоб ва таомҳои хушлаззат мепухт. Чун дид, ки дуди кабоб печида мебарояд, тарафи Ҷонон назар кард:

– Аз раҳи дур омадед. Як пиёла чой нӯшида гузарем, чӣ мешавад?

– Нағз мешавад, – китфакони наҳифашро дарҳам кашид Ҷонон.

Ҳарду пасопеш фуромаданд. Аз баландӣ ба мавҷҳои дарёи пурхурӯши кӯҳӣ назора карданд. Оби тези лойандуд кафккунон ба сангу харсангҳои соҳил бархӯрда, сутунҳои кӯпруки навро ҳам гӯё афтонданӣ шуда, тӯпалангкунон мегузашт. Онҳоро дида Бағдод пештар омад:

– Э-ҳе-й, хуш омаданд! –нидо кард, – шумо ҳам тарафҳои мо меомадед-дия?

Онҳо даст об гирифта ба ошхона даромаданд.

– Хӯш, кабоб биёрам ё танӯрӣ?

– Ё ҳарду, – гуфт Осим муаллим.

– Ба чашм, – гуфта Бағдод рӯи кӯра сихҳои думбаю ҷигару гӯштро махсус чида-чида монд. Дар чойники қирмизӣ чой овард. Баъд ба Осим муаллим ишора ҳам кард, ки аз «сафедаш» биёрам ё аз «сурхаш»?

– Албатта аз сурахаш, – фармоиш дод ӯ.

Дар чойники сафед бо ду пиёла «аз сурхаш» (коняк) ҳам оварду:

– «Қитта-қитта» гиред, муаллимҷон, – гӯён аз меҳмон чашм намеканд.

– Пиёлаи дигар ҳам биёред… Ман, «қитта» гирам, мошинро кӣ меронад? – тарафи Ҷонон чашмакӣ зад Осим муаллим.

– Ба ман чӣ шудааст? Худам-дия – хандида ба пиёлаи худаш ҳам рехт Бағдод.

– Ба ман? Не, – рад кард Ҷонон. – Кабоб мегирам…

– Ин чизи тоҳир, иштиҳо меорад.

– Ба саломатии сари меҳмон, – аз ҷо хеста бардошт Бағдоду чаққон рафта кабоб овард. – Гиред, меҳмон…

– Кабобатон ин қадар болаззат!

– Ош шавад, гиред, ман танӯрӣ фармоиш диҳам, – сӯи ошхона давид ӯ.

– Ҳамин гуна сирру асрор, гӯед? Як даҳон гап назадед. Байни мо гапе набуд-ку?..

– Байни мо? – эътироз кард Ҷонон, – бисёр гап буд: ишқ буд, эҳтиром буд, ростию сафо буд!.. Он рӯсиёҳ ҳамаашро барбод дод. То ҳол аз ӯ нафрат дорам. Ба ёд овардани он хоби ғафлату он хобдору ҳанӯз ҷисму ҷонамро месӯзонад.

– Гиред, – пиёлаи Ҷононро ба дасташ дод ва илова кард, – ниҳоят ҷудо ҳам шудед?

Кам-кам гирифтанд. Бағдод ба табақи чинӣ танӯрӣ бардошта омад, чобукона сари кӯраи кабоб рафт.

– Ҷудо ҳам шудем, – ба гапаш давом намуд Ҷонон . – Аз ӯ кайҳо дасту дил шуста будам. Дер халос шудам аз лату кӯб ва дашномҳои қабеҳаш…

– Шунидам, ки хонуми наваш ҳам лабу даҳонашро пур карда, партофта рафтааст.

– Ҳо, вай ҳам аз оилаи обрӯманд буд, ҳайф шуд…

– Касе, ки падари худро нашиносад, аз ӯ некӣ мебарояд?

Падараш ҳам норизо рафт. Бародаронаш – ку ақаллан «кучо ҳастӣ» намегӯянд. – Ҷонон баногоҳ хандид. – Кадом рӯз назди модарам омадаст: «Духтаратона аз нав ба ман иҷоб карда диҳед» – гуфтааст. «Хез, гум шав, ифлос! Ту такаи пир акнун ба газаки кӣ даво?!» – гуфта аз ҳавлӣ пеш кардаанд.

– Мардсифатанд модаратон, – гуфт Осим муаллим.

– Дар ғами мо тамом шуданд, бечора. Кадом рӯз шуморо дидаанд. Ба ман телефон карда шӯхӣ – шӯхӣ «ҳоло ҳам ба ҳамон одам бирас, ишқи аввалинат» гуфтанд.

– Кошки инро ба ман ҳам мегуфтанд, – ҳарду ба завқ хандиданд.

– Аз аввал ҳам гапашон ҳамин буд: Ҳамон шогирди падарат, Ҷонон, одами бад не!..

– Баъд аз Асо боз шавҳар кардед, аз афташ?

– Чӣ кунам? Рӯзамон нагузашт. Зиндагӣ мушкил шуд… Як афсар сари роҳамро гирифт… Ба ёрӣ сахт мӯҳтоҷ буд. Ҳамон одам моро ба Байконур бибурд. Солҳои пеш дар тасодум афтода будаст. Як пояшро бориданд. Зимистон пояш мадда кард, аз болотараш буриданд. Бемории қарасон дарди бедаво будаст. Бечора дар дастам ҷон дод. Гӯрондем. Солашро дода, ба Тошкент кӯчидам. Аз Челонзор хона харидем. Боз танҳо мондам. Духтаракам Наргис расо азоб кашид... Таҳсил тамом шавад, ба Деҳнав меояд. Назди бибияш монданӣ…Ба падараш ҳам наздиктар…

– Оё Наргис аз ин сирру савдоҳо хабардор аст?

– На аз ҳамааш… кадом рӯз аз зиндагӣ ҳасрат кардам. Ҳамон бегоҳ Худо ба дилам андохт магар, ки аз шумо гап кушодам. Дилакаш об шуд: «Солҳои зиёд якдигарро фаромӯш накарда бошед, ин фоли нек» гуфта ба шумо сим зад…

Бағдод болои гӯшти танӯрӣ, ки бӯи арчаи кӯҳӣ дошт, кабоби гарм овард.

– Ҳоло ҳам як ҷуръа кам нашудааст-ку, хуб «ашки булбул» барин резам? – гӯён кам-камак рехт. Аз танӯрӣ қабурғаи хушлаззатро ҷудо карда назди Ҷонон гузошт.

Осим муаллим аз тиреза ба туғёни дарё менигарист. Чанд лаҳза хомӯшӣ ҳукм ронд. Онро бо оҳи бадард Ҷонон халалдор кард.

– Фаромӯш карда будед-а, маро?

– Оё, Ҷононро фаромӯш кардан мумкин?

– Зиндагии шумо чун аст?…

– Шукр, бад не. Фарзандони хуб дорам. Каме дур аз ман: яке

дар Маскав, дигаре дар Бишкек, сеюми дар Ишқобод. Духтаронам дар Душанбе. Хабар мегиранд. Телефон мекунанд. Ман аз қадамҷои падарон, аз зодгоҳ дур рафтанӣ не…

– Танҳоӣ ба дилатон назад?

– Азоб аст, лекин чӣ илоҷ?

Ба чашмони умедвори Ҷонон чашм дӯхт Осим муаллим. Чеҳраи гармаш гармтар метофт. – Хӯш, Ҷонон, – пиёларо ба дасти ӯ дода пурсид: – Ба ман чӣ хизмат?

– Аввал гиред, баъд гап мезанам, – гуфт Ҷонон.

Занги қадаҳро ғурриши дарё пахш мекард.

– Ба шумо хизмат ҳаст. Лекин чӣ тавр гап занам, намедонам…

– Беистиҳола, – гуфт Осим муаллим.

Ӯ нӯги гапро баровард. Шодравон Саидхони Кабир бо сад орзую ҳавас ягона писараш Зуҳурро хонадор карда буд. Роҳаташро надида рафт. Арӯсашон ҳам пас аз як соли хонадорӣ, сари фарзанд рафт. Инак, ҳафт сол боз безан… Арӯсе ёфтаанд. Лекин имкон не, ки тӯяшро гузаронанд. Албатта, гӯсфанд, биринҷ, орд ва дигар лавозимоти тӯйро пайдо бояд кард… Аз шогирдони падараш Мусулмонқули қазоқ, Ҷаббор Амин, дугонааш Сабоҷон як қисм харҷи тӯйро ба ӯҳда гирифтаанд…

– Хуб, боқимондаашро ҳам як ҳисоб мекунем, – гӯён Осим муаллим дилбардорӣ кард. Ниҳоят, бо Бағдод хайрухуш карданд. Ҷонон хурсанд ба мошин даромад.

– Ин кас кӣ? – оҳиста аз Осим муаллим пурсид Бағдод.

– Дӯстдоштаи овони ҷавониям, ишқи аввалинам, – гуфт оҳиста ба гӯши ӯ.

– Ҳо-о, парӣ-е, парӣ, – гиребонашро дошт Бағдод.

– Ҳамин тавр, – таъкид кард Осим муаллим. – Афсӯс, ки… насиби мо нагашт. Ба дасти нобакоре хӯрд. «Ангури нағзи боғро саг хурад!» гуфтаанд. Ҳанӯз ҳам аз ҳар суханаш, аз ҳар нозу адояш дилам таҳ мекашад…

* * *

Осим муаллим аз соҳил дур нашуда, як сурук гӯсфанд фӯкашро ба замин расонда фуромад. Аз ақиб дӯсташ Пӯлодхони сандуқсоз омада монд:

– Ҳа-а, муаллимҷон! – самимона бо ҳам вохӯрданд.

– Омади корро бинед-а, Пӯлодхон. Гӯсфанди кордӣ доред? – пурсид Осим муаллим.

– Ҳамааш кордӣ, – завқ бурд ӯ. – Гӯсфанд лозим?

– Якто фарбеҳашро қапед. Ҳисобу китобаш баъд!..

– Як суханатон, – гуфту гӯсфанди думбакалони сурхро дошт. Бо ресмон пойҳояшро баста, паси мошин андохт.

Ҷонон аз осон кӯчидани кор хурсанд буд. Деҳнав рафтанд. Модараш Тазкира хонум онҳоро паҳлӯи якдигар дида, кучо нишонданашро намедонист.

Байни ду-се рӯз Мусулмонқули қазоқ, Ҷаббор Амин, Сабоҷони ҷомафурӯш якҷоя маслиҳати тӯйро пазонда, сари ду ҷавонро ҷуфт карданд. Ҳамааш хуб буд. Фақат Наргис ба тӯй омада натавонист. Ҷонон парешон шуд. Рӯзи рӯбинони арӯс аз Тошканд хабар расид, ки Наргис бемор ... Ранг аз рухи Ҷонон парид. – Худо накунад, ки бечора аз нав ба ғам мубтало шавад, – мегуфт Осим муаллим.

Гуселонидани ӯ низ ба зиммааш афтод. Раҳораҳ ӯ Бағдоди кабобпазро бо худ гирифт. Вай ҳам гуселкунӣ ба фурудгоҳ омад. Бо азоб якто чипта пайдо карданд.

– Агар чипта мебуд, ҳамроҳ мерафтам, – гуфт Осим муаллим. Чиптаро дода дасти Ҷононро фишурда монд. Вай бо изтироб аз Осим муаллим чашм намеканд. Хаёлаш, ки боз «Аз чӣ намебӯсед маро?» мегуфта бошад. Не, нагуфт. Ашк аз чашмонаш таровида рӯяшро шуста фуромад.

– Зиқ нашавед. Тани гарм-дия, сиҳат мешавад. Рафтанбаробар сим занед, – гӯён Ҷононро ба оғӯш гирифт, бӯсид.

– Ҳо-ҳо, муаллимҷон, – гӯён давида омад Бағдод, – боз як чипта ёфт шуд! Бемалол баромадан гиред. Ҳамроҳ равед. Мошинатон дар ҳавлии ман истодан мегирад! Иншоаллоҳ ҳамааш нағз мешавад!

Осим муаллим ҳам нишаст. Тайёра водиро як давр зада, худро болои Дараи Ниҳон гирифт.

*Душанбе, 2003.*

## ЁДИ ЯНГАИ СОҲИБҶАМОЛАМ

Ҳафтаи дуввуми табобатам дар дармонгоҳи «Тӯрон» ба мазмуни зайл барқия расид:

«Тоҳир, зуд биё. Янгаат сахт бемор аст».

Барқияи модарам фиристодаро такрор ба такрор хонда озими роҳ шудам. Аз назди сардухтур гузашта, худро ба метро задам ва дар як дам ба вокзал расидам. Пас аз ним соат бояд қатораи «Москва-Душанбе» ояд. Аз бисёрии одам саҳни вокзал роҳи гузар надошт. Ба қавле сӯзан афтад, рост меистод. Бо он ваҳме, ки аз барқия ба дилам нишаста буд, симои янгаам як лаҳза аз пеши

назарам дур намерафт. Барои тасаллои дил байни хонумҳои вокзал ба ӯ монандеро меҷустам, вале ҳеҷ як хонум дар ҳусну ҷамол мисли ӯ набуд.

«Наход ҳодисае рух диҳад?» аз ин андеша дилам таҳ кашида сарам хаёле чарх мезад.

Ниҳоят қатора омад. Ба вагони дувоздаҳумаш баромадам. Аз Тошканд то Тирмиз роҳи арасот… Ба назарам ҳар соат мисли моҳ бо андешаҳои махшушу дар қабзаи беқарори тапиданҳои дили ман мегузашт. Чӣ ҳодисае рух дода бошад? Агар дардаш саҳл мебуд, бароям барқия намефиристоданд.

Ин суолҳо пайгирона сабру қарорамро бурда буданд. Ҷавоб ёфтан амри муҳол. Бечора янгаи соҳибҷамолам!.. Ҳоло беҳтарин лаҳзаҳои ҳаёти ӯ аз лавҳи хотирам мегузаштанд.

* * *

Ман он айём наврас будам. Ба мисли ҳама писару духтараконии ин синну сол янга доштанро орзу мекардам. Ҳавасам ин буд, ки бародарам хонадор шаваду хонадони мо ҳам, мисли дигарон соҳиби арӯси нозанине бошад. Модарам низ дар ин хусус шабу рӯз ба гӯши бародарам байту ғазал мехонд.

Худо оҳи моро шуниду бародарам аз ҳамсоягузар барои худ арӯс интихоб кард.

Арӯси интихобияш ба ҳамаи мо маъқул буд. Ҳар кас бинад, ҳаваси дубора диданаш мекард. Охир, инсони хубу зебо ба кӣ маъқул не? Янгаҷонам хубу зебо буд. Бародарам ӯро ҳангоми дар Тирмиз хонданаш таги чашм карда будаст.

Ҳалқаи ҳамчун ҷиҳоз аз Ромиш заргар харидаи модарам ба як ҳуснаш сад ҳусн зам мекард. Шаддаи марвориди гарданаш зебу зинати дигаре дошт. Янгаҷонам чунон камгап, ки ба сад суол як даҳон «ҳа» ё «не» мегуфт. Ба ҳар садо бо «хӯшу лаббай» ҷавоб медод.

Аз рӯзи арӯс шуда омадан бо меҳрубониҳояш дӯстдоштаи хонадон гардид. Дар кори рӯзгормон мададгораш будам. Намегузоштам, ки ӯ кӯза ё сатил бардошта барои об лаби наҳр равад. Худам ҳар рӯз сатил-сатил об меовардам. Модарам низ ба ӯ меҳрубон буд ва сари ҳамин меҳрубониҳо говро худаш меҷӯшид. Ба даҳони падарам таому ҳалвоҳои пухтаи янгаҷон мазза медод, доим тавсиф карда мехӯрд. Танҳо бародарам Раҳматулло ба ӯ муомилаи ғайриодӣ дошт. Ҳеҷ фаҳмида намешуд, ки вай завҷаашро дӯст медорад ё не. Янгаам ҳам сир бой намедод. Боре ҳам хандаю чақ-чақи онҳоро надида будам.

Янгаҷон фақат бо ман бо лабханду табассум гап мезад, шумо-шумо мегуфт. Ман ҳам ба ӯ янгаҷон гуфта муроҷиат мекардам. Ҳарчанд номи зебое дошт, ӯро ҷуз бародарам дигар касе Маъво ном намебурд. Гоҳе ба хаёл рафта фикр мекардам, ки ба янгаҷон ин номро ғалат додаанд. Агар ба ӯ Товус ё Парасту ном мегузоштанд, беҳтар мебуд… Модарам мегӯяд, ки ҳар як инсон ба ҷонзоде ё паррандае шабоҳат дорад. Янгаҷон айнан ба товуси зебову хушхиром шабоҳат дорад.

Аз вақти арӯсиаш рӯзу моҳҳо гузаштанд ва ӯ соҳиби фарзанд шуд. Ба духтарчааш бо ҳавас Наргис ном мондем. Қобил буд Наргисча, гиря чист, немедонист. Ҳама аҳли хонадон хизматгори янгааму духтарчааш... Мегӯянд, ки ҳар як зани соҳибҷамол низ баъди як фарзанд дидан, ҳусни худ аз даст медиҳад, лоғар ё худ фарбеҳ мешавад… Аммо янгаҷони ман баръакс, боз ҳам зеботар шуд. Оддитарин сару либос қаду қомати расояшро ҳусни тоза мебахшид.

Пас аз яксола шудани Наргис янгаам аз рӯйи ихтисосаш ба кадом як лабораторияи шаҳр ба кор баромад.

Аз деҳаи мо шаҳр ду қадам роҳ асту бисёр сокинони деҳа дар шаҳр кор мекунанд. Ман низ мактабро хатм карда ба шаҳр рафтам ва бо кӯмаки янгаҷон донишҷӯ шудам. Дам ба дам ҷойи кораш рафта, хабар мегирифтам. Рӯзе ӯро набинам, гӯё чизеро гум карда бошам, бесаранҷом мешудам.

Ҳамон сол бародарамро ҳамчун дастпарвари мактаби ҳизбии Тошканд ба яке аз ноҳияҳои атрофи Дараи Ниҳон котиб таъин карданд ва пас аз ду-се моҳ ӯ янгаамро ҳам бурд. Хаёл кардам, ки натанҳо хонаамон, балки коргоҳаш бе янгаҷон холӣ шуда монд. Лабораторияи кимиё гӯё дигар вуҷуд надошт. Ҳатто вақти аз назди корхонаи янгаам гузаштан дилам вайрон мешуд. Танҳо ман не, ҳамкорони янгаҷон низ ӯро пазмон шуда буданд. Ҳар гоҳ маро бинанд ҳол пурсида, хоҳиш мекарданд салому паёмашонро расонам.

Вақти таътил тасмим гирифтам, ки ба ноҳияи бародарам рафта, аз ҳолашон хабар гирам. Аз қатора фаромада, рост ба идораи бародарам рафтам. Ӯ паси мизи ялаққосӣ нишаста, ба занги телефонҳояш ҷавоб медод. Табъаш болида, вале мисли ҳарвақта ҷиддӣ. Бо таваҷҷӯҳ дарк кардам, ки дар ҷабинаш ожанг пайдо шудааст.

– Бишин, – бо ишораи даст курсии бароҳатро нишон дод ва худ ду гӯшак дар даст, дер гоҳ гап зад. Ба яке дӯғ мезад, дигареро дашном медод. Ин амалаш ба мани донишҷӯ маъқул нашуд,

охир гапро бе дашном ҳам фаҳмондан мумкин-ку. Котиб бояд одами соҳибэҳтиром бошад. Ба қавли шоир:

*«Ба корафтода коромӯз мебош,*
*Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош!..»*

Дилсӯзӣ куҷо?! Ниҳоят, ӯ гӯшакҳоро ба ҷояш гузошта бархест. Қадаш ҳамон қад, вале ба бар тағйир ёфта, шикам мондааст. То ба назди ман расидан шикамашро молида омад ва ба китфам даст партофта ҳол пурсид:

– Аҳволат чӣ хел?

Аҷабам омад, ки чаро ӯ маро бародарвор оғӯш гирифта намебӯсад? Дар сар ҳамин хаёлу бедимоғ посух додам ба таъбири донишҷӯён:

– Мешавад.

– Таътилро дар куҷо мегузаронӣ?

– Назди падару модар.

– Хуб мекунӣ, – таҳсиномез бо навозиш даст ба китфам гузошт. – Ман дамгирӣ тарафҳои Ялта рафтанӣ. Янгаат танҳо мемонад. Барои ҳамин ҳафтаи оянда очама гирифта биё, то омадани ман ин ҷо бошетон.

– Он кас мӯйсафедашонро партофта ин ҷо намеоянд, – гуфтам.

– Меоянд. Худашон ваъда дода буданд. – Ӯ инро гуфта ҷониби дари нимроғ садо кард. – Неъмат!

Пушти дар ҷавони мисли худаш уқоббинӣ ҳозир шуд.

– Меҳмонро хона бару зуд гашта биё.

Аз ин суханаш боз аламам тоза шуд: – чаро додар неву меҳмон гуфт ба ронандааш.

Неъмат чанд кӯчаву тангкӯчаро убур карда маро ба хонаи бародарам бурд. Дари ҳавлӣ боз буд. Ғайр аз саги бадҳайбат ҷонзоде ба назар намерасид. Саг занҷири гарданашро шарақќос занонда аз ҷой хест ва Неъматро шинохта хомӯш монд. Ҳайрон –ҳайрон тарафи ронанда нигаристам. Ӯ рамз гирифта пурсид:

– Янгаро меҷӯед?

– Ҳа, албатта.

– Он кас дар кор, Наргис дар боғча. Ҳамин замон меоянд.

Рӯи ҳамин гап янгаҷон ҳамроҳи Наргис омад. Ҳарду ҳам зебо пӯшида буданд. Янгаҷон дар тан пероҳани мӯди онвақта «миллионерка» дошт. Чевар пероҳанашро он қадар шинам дӯхтааст, ки янгаҷонро дар назар чун фаришта ҷилва медод. Ӯ қомати

мавзунашро (аз бародарам як сару гардан баландтар буд) хам дода аз ҷабинам бӯсид. Аз накҳати атраш димоғам муаттар шуд. Бо ҳолпурсию суолу посухи бисёр хона даромадем. Ба ӯ саломи паёми собиқ ҳамкорону дугонаҳояшро расондам. Ӯ шод шуда, гаштаву баргашта мепурсид:

– Башорат чутӯ?

– Нағз.

– Сайёраи соҳибҷамол шӯ кард ё не?

– Не ҳоло.

– Нӯъмонӣ чутӯ?

– Мудири лабораторияро мегӯед?

– Бале, химики машҳур буданд-ку?

– Он кас ба дигар кор гузаштанд. Чанд моҳ пеш бо мошин дар роҳи Ҳайрондара тасодум карданд.

– Наход? – барошуфт янгаҷон.

– Ҳа, сари роҳ як симчӯби зиёдатӣ интизорашон будаст, гов-ро назанам гуфта ҳамун симчӯбро бо мошин ба нишон гирифта-анд, – гапро ба ҳазл бурдам.

– Муҳобот мекунед, Тоҳирҷон? – бо ханда пурсид ӯ.

– Беҳазл, – ҳамин тавр шуд. Хайрият зинда монданд.

Янгаҷон дастархон густурда ба хонаи дарун даромад ва фур-сате нагузашта хилъати гули шафтолуяшро пӯшида баромад.

Ҳама сару либос ба ӯ зебандааст. Ман ба қомати зебои ӯ на-зар андохта дар дил ҳавас мекардам, кош маро ҳам дар зиндагӣ мисли ӯ саname даст медод. Чунин фикрро то он рӯз ҳаргиз ба ёд наоварда будам. Аз афташ, ба қавли модарам, ман ҳам ба балоғат расидаам.

Янгаҷон чой дам кард. Рӯи дастархон ҳарчӣ аз нӯшиданию чашиданиҳои лазиз дошт, овард. Ҳанӯз фурсати як пиёла чой нӯшидан нашуда бародарам омад. Либос иваз карду барномаи «Время»-ро диданӣ шуда гӯшаки телевизорро тофт. То оғози барнома ҳоло фурсат буд. Кадом як филми ҳиндӣ намоиш медо-данд. Барои тамошо ба курсии чармини бароҳат нишаст.

– Аз филми ҳиндӣ ҳеҷ серӣ надоред-а? – Ҳазл кард янгаҷон.

– Худат чӣ? Рӯзе даҳ бор филми ҳиндӣ намоиш диҳанд, даҳ бор ҳам мебинӣ! – Бо ҳазл маҳз ҷавоб гуфт бародарам.

Аз баҳси онҳо завқ бурдам. Янгаҷонро бо Ҳема Малинӣ ба-рин ситораҳои филми ҳиндӣ муқоиса намуда, ҳардуро як себи дукафон медидам. Ва боз фикр кардам, ки оё бародарам ҳам ба ягон ҳунарманди машҳур шабоҳат дорад? Бале, вай ба як овоз-хони машҳури Хоразм (Ортиқ Отаҷон) монанд аст. Онҳо, ҳатто

боре баҳс ҳам кардаанд. Ҳофиз дар аввали вохӯрӣ гуфтааст, ки шумо ба ман монанд, вале бародарам лутфомез иброз доштааст, ки не, шумо ба ман монанд.

Дар ин хусус худаш ба завқ ҳарф мезад. Суханаш ба назарам сохтакорона мерасид. Хилофи ин ҳарфҳо гапакои янгаҷон олами дигар буд.

Ҳамон бегоҳ, пас аз тамошои филми ҳиндӣ, бо қатораи наздишаҳрӣ ба деҳа баргаштам ва пас аз як ҳафта мувофиқи ваъда бо модарҷон ба хонаи бародарам омадам.

Воқеае ки ин навбат он ҷо рӯй дод, маро моту мабҳут кард. Бо ҳайрат дарк кардам, ки янгаи соҳибҷамолам ба чӣ қодир асту бародарам чӣ гуна роҳбари ҳизбист.

Рӯзи дуввуми ин ҷо омаданамон, янгаҷону модарамро зани ҳамсоя Шаҳодат ба меҳмонӣ даъват кард. Ман китоби беҳисоби ҷевонро аз чанг тоза карда, баъзеашро варақ задам. Аҷабам меомад, ки бародарам ин китобҳоро кай харидаст? Баъзе китобҳоро ба ӯ бо соядаст тӯҳфа кардаанд. Аммо ягон китоб ақаллан варақ задагӣ не, ҳанӯз бӯи матбаа мекунанд «Канӣ вақт, ки ин китобҳоро хонӣ».

Маълум, ки бародарам ба китобхонӣ вақт надорад. Шабу рӯз пайи кор медавад. Нақшаи пахта, чорво, ғалла ва ҳоказо гуфта медавад. Ба замми ин, мардум остонаи идораашро бо саду як арзу шикоят охурча кардаанд…

Янгаҷон аз меҳмонӣ омаду пурсидам:

– Оё китобҳои шуморо касе мехонад?.. Аз онҳо бӯи матбаа меояд…

– Ҳоло кадом котиб китоб мехонад, ки бародари шумо хонанд? – Тамасхур кард янгаҷон, – ба котибҳо даводавӣ, улфатию маишат бошад, бас!

– Чутӯ? – Ҳайрон шудам.

– Ман ҳам пештар намедонистам. Ин ҷо кӯчида омадему чашмам кушода шуд, – гуфт янгаҷон. – Муҳит дарё будааст, хоҳед – нахоҳед касро ба маҷрои хеш мекашидаст.

Ман китоб варақ мезадам. Янгаҷон боз чизе гуфтанӣ буд, ки телефон занг зад, ӯ гӯшакро бардошт:

– Лаббай.

– Маъво, худатӣ? – Овози кадом хонуме шунида шуд аз гӯшак.

– Ҳа, ман. – ҳаросон ҷавоб дод янгаҷон.–Салом, Филура Ҷоналиевна, гӯшам ба шумо. Хайрият аст?

– Аҷаб зани бепарвой! – Таънаи ӯ аз гӯшак баръало шунида мешуд.

Ба гуфтугӯи телефонии онҳо гӯш доданро аз рӯи одоб надониста, берун баромадам, янгаҷон инро дарк намуда табассум кард.

Рӯзҳои дигар низ ҳамин хонум сим зада бо гапҳои росту дурӯғ табъи янгаҷонро хира мекард. Лекин заррае сир бой надода сари дастархон менишаст, хуш сӯҳбат меорост ва аз ҷевон китоб гирифта мехонду чашм ба роҳи бародарам медӯхт.

Бародарам аксар, пас аз моро хоб бурдан меомад ва субҳи дигар ҳанӯз мо аз хоб нахеста идора ё саҳро мерафт. Ва ман боре нашунидаам, ки янгаҷонам ба ӯ «чаро дер омадед», «даме дар хона намешинед?» гуфта бошад.

Рӯзи чоруми он ҷо омадани мо буд, ки бародарам хурсанд аз дар даромад. Вай ба янгаҷон ва модарам либосвориҳо тӯҳфа оварда гуфт:

– Ман сафар дорам. Ҳамин ҷо бошед, келинатон танҳоӣ накашад! – Ва ба ман рӯ оварда пурсид:

– Таътилат чӣ хел мегузарад? Ҳоло вақт ҳаст-а?

– Ҳа, вақт ҳаст… Китобҳои шуморо мехонам

– Вақти рафтан гап зан, янгаат пул медиҳад…

Модарам ӯро оғӯш гирифта бӯсид, даст бардошта дуо бидод. Ману янгаҷон ӯро то фурудгоҳи тайёра гусел карданӣ шудем.

– Не, лозим не. Модарамро танҳо нагузор, – баҳона пеш овард бародарам ва аз лабони ақиқмонанди янгаҷон бӯса ситонд.

Ман чашм ба замин дӯхтам. Ронандааш ҷомадон ва «дипломат»-и ӯро ба бордони мошин андохт.

Аз хайрухуш бист дақиқа нагузашта, телефон занг зад. Янгаҷон сари сурфа нишаста орд мебехт. Гӯшакро ман бардоштам. Ҳамон овози шиноси занона янгаамро мепурсид.

– Филура апаатон, – гӯён гӯшакро ба янгаҷон додам.

– Лаббай, мебахшед, дастам дар хамир буд, – бо хиҷолат узр овард янгаҷон.

– Э, хамира як сӯ мону дав, ки дер мешавад, – бараъло шунида мешуд овоз.

– Чӣ гап, апаҷон?

– Чӣ гап мешуд! Борҳо ба ту гуфта будам, ки шавҳарат туро фиреб мекунад. Ана, имрӯз Муноҷот катӣ дамгирӣ рафт.

– А? Вай Муноҷоташ кӣ худаш?

– Кӣ мешуд, ҷононааш-дия! Эҳ, но-донаки ман-е!..

Аз ин «паём» ранг аз рӯи янгаҷон парида гӯшаки телефон дар қабзааш ларзид. Бо вуҷуди ин худро даст гирифта шубҳа кард.

– Мабодо-ку, апаҷон, шӯхӣ намекунед?

– Шӯхӣ? Ин кор шӯхӣ надорад. Агар бовар накунӣ, ба фурудгоҳ баро! Боз як –ду соат вақт ҳаст то парвоз!..

– Мошин нест, чутӯ бароям?

– Мошина ман мефиристам. Дар як дам мебарад.

Янгаҷон бо вазъи парешон дасти хамиролудашро об гирифта ба ман нигарист:

– Ҳамроҳ меравед, Тоҳирҷон?

Китф дарҳам кашидам. Ҳарчанд аз ҳама гапу ҳарф бохабар будам, худро ноогоҳ вонамуд карда, пурсидам:

– Хайрият аст, янга?

– Не-дия. Баъд мефаҳмед! – гуфт ӯ бо шигифт.

Ва ҳанӯз ба хулосаи аниқе наомада, аз берун садои мошин ба гӯш расид. Дами дарвоза ба рамзи нохушии дар пеш истода «Волга»-и сиёҳ ҳозир шуд ва ронандаи сиёҳҷурдаи ҳиндушамоил баробари ҳозир шудани мо ба янгаҷон лутфан гуфт:

– Бу-ши-нен, ху-вар!..

Вай роботвор канда-канда гап мезад. Ба афташ зеҳн мондам. На танҳо «Волга»-ю айнакаш,балки шиму курта, туфлӣ, ҷилди курсиҳо, ҳатто пардаи паси мошинаш ҳам сиёҳ буд. Аз роғи айнак дидам, як чашмаш ба чашми одам монанд не. Чашми кадом як ҷонзодро ёд меорад. Ҳарчанд зеҳн мондам, чашми кадом ҷонвар буданашро аниқ карда натавонистам. Якчашма бошад ҳам, чолок мошин меронд. Аз гирумонаш пайдост, ки дар ин амал ҳунари воло дорад. Пас аз ба роҳи калон баромадан ӯ янгаҷонро ҳол пурсид:

– Чӣ хе-лӣ, ян-га? Нағ-зӣ? Чӣ гап шид?

– Ҳеҷ гап не, – сир бой надод янгаҷон.

– Хи-дут, ҳеҷ гап не, ме-гу-й, ле-кин апаи Фу-лу-ра ҳам-маша бай ма-на гу-фт… Пар-во наъ-кунен. Дар як соат ба ун-ҷа ме-ра-со-нум-тон! Ин кас кӣ ме-ша, бай шумо-ра?

– Ин кас додарарӯсам.

– Ҳе-ва-рум би-гу-ен. Дар Нувободи мо додараруса «ҳевар» меган.

Ронанда гоҳ «ту», гоҳ «шумо» гуфта гап мезад. Аз лафзаш ба мардуми Қаротегин мансуб буданашро эҳсос мекардам.

– У ме-хуна?

– Ҳо, дар донишгоҳ мехонанд, – гуфт янгаҷон бо эҳтиром.

Бо ҳарфҳои канда-канда беист саволборон карданаш намефо-

рид ба ман. Хостам бигӯям, ки бо саволу гапҳои беҳуда сари янгаҷонро гаранг накун. Аммо бо андешаи он ки бо ин эрод ба мошинрониаш халал мерасонам, хомӯширо афзал донистам. Ӯ бо суръати баланд мошин меронд ва ҳар лаҳза мошинҳои роҳро ақиб гузошта бештар суръат мегирифт. Ба уммеде, ки янгаҷонро ором гузорад, аз ӯ пурсидам:

– Бародар, босуръат мошин меронед, оё айнаки сиёҳи чашматон халал намерасонад?

– Неъ, до-дар! Халал наъ-мерасо-над. Ако-ят дар яку-ним соат ай Ду-шанбе бай Ғар-ма ме-расид. Ай Кабудҷар чишм пушида мегзаш-тум. Як-чишма бо-шум ҳам, раҳ-ра хуб ме-бинум!

Ронанда масти таърифу тавсифи ҳунараш чанд мошини дигарро бо шаст гузашта боз ба пургӯӣ сар кард:

– Ян-гаи ту-ра бус-ёр ҳур-мат ме-кунум. Аз дас-тар-хо-нуш нуну намак хур-даги-йум. Рос-ти гапа бигум, ман ай за-ни хидум руз на-дидум. Ана, ҷу-раи ҷони ман ки бошӣ, ҳа-мин чишми мара зани хи-дум ови ҷуш рех-та кур кар-дагӣ-ай! Баъд талоқуш кард-ум. Панҷ пи-сар-ма хи-дум ка-лон кар-дум. Шукр, аз касе мут-таҳам нес-тум!..

Вай бо ин гап қариб ҳама сирри дилашро ифшо кард. Янгаҷон хиҷолат кашида гоҳ-гоҳ ба ман менигарист. Вақте ки ба фурудгоҳ расидем, ронанда аз вай узромез хоҳиш кард:

– Меб-бахшӣ, ян-га, ман худ-та ба фу-руд-гоҳ расондум, лекин, ай мана ба ун кас гап назанен! Ха-фаъ ме-шава.

– Хуб, – розӣ шуд янгаҷон.

– Мо-шина ист-гоҳунда ме-монум, – гуфт ронанда ва маслиҳати дурӯғин дод моро. –А-гар ума-ден, ма-ра тасо-дуф ин ҷо ди-ден.

Янгаҷон аз мошин фуромада ҷониби баромадгоҳ рафт. Он ҷо пешхизмати шиносаш Адолатро дида пурсид:

– Акоятон ба тайёра нишастанд, Адолатҷон?

– Ҳа-а, чӣ, шумо дер кардед?

– Ҳо, андаке дер кардам, – ӯ инро духӯра карда бо садои пасти қариб ношунаво пурсид. – Бо кӣ ба тайёра баромаданд?

– Танҳо, худашон.

– Дурӯғ! – Якбора оташ гирифт янгаҷон. – Ҷон Адолатҷон, маро ба тайёра бароварда метавонед?

Адолати чиптафурӯш ба соати дасташ нигарист. То парвоз ҳанӯз фурсат буд. Охирин мусофирон савор мешуданд. Адолат дасти янгаҷонро дошта ҷониби тайёра рафт. Онҳо пасопеш аз зинапоя боло шуданд…

Ҷои бародарам дар салони пеш будааст. Ӯ паҳлӯи париваше нишаста гап медодаст. Чунон ҳарф мезадаст, ки аз даҳонаш шаҳду шакар мерехтааст. Аз ин вазъу ҳол янгаҷонро ҳуш аз сар парида, дар оташи рашк мағз андар мағз сӯхта бошад ҳам, аз Адолат хоҳиш кардааст:

– Илтимос, Адолатҷон, акоятона ҷеғ занед.

– Чӣ гап? – пеш омада пурсидааст пешхизмати тайёра.

– Ман завҷаашон, гӯед як лаҳза бароянд.

Бародарам овози шиносро шунида ҷо ба ҷо тамом шуда, баробари аз салон баромадани ӯ янгаҷон мегӯяд:

– Бе-ин-софф! Фуроед! Курорт-пурорт намеравед!

– Чӣ шуд? Худаш чӣ гап?

– Охир, гап аз ин зиёд чӣ шавад, ки маро дар хона монда, бо кадом як таннози кӯчагӣ курорт меравед? – Янгаҷон дар тақвияти ин суханҳо хонуми таннозро ду-се дашноми дастабиринҷӣ дода бо ғазаб аз зинапоя мефуроянд.

Ходимони фурудгоҳ аз ғалоғулаи ногаҳонӣ дар ҳайрат афтодаанд… Кадоме аз онҳо, бо хоҳиши бародарам, ҷомадонашро пас мегардонад... Худаш «дипломат» дар даст, аз зинапоя фуромад, ки басо шигифтзада метофт.

Мо пасопеш аз фурудгоҳ баромадем. Ронандаи якчашма гӯё моро тасодуфан дида бошад, самимона пурсупос кард. Мо хомӯш будем. Бародарам аз ӯ оҳиста пурсид:

– Мошин дорӣ, Ихтиёр?

– До-рум, чӣ хиз-мат? – маккорона пеш омад вай.

– Моро то хона мерасонӣ?

– Ба чишм, ба чишм, – такрор ба такрор изҳор кард. Ӯ, ки ин бароям хандаовар буд. «Ба кадом чашм?».

Мо ба мошин нишастем. Касе ҷуръати ҳарф задан надошт. Ронанда Ихтиёр ҳам ба даҳан об гирифтагӣ барин хомӯш буд. Вай дигар шитоб намекард, аз зери айнаки сиёҳ гоҳ-гоҳе ба ақиб, ба ману янгаҷон менигарист.

Вақти ғуруби офтоб мо хона расидем. Модарам бо ҳайрат аз мо чашм намеканд. Хаёлам, ки ҳоло ҳозир ҷанҷолу хархашае сар мезанад. Янгаҷон ё шавҳараш хонаро ба сар мебардораду модарам зор-зор мегиряд…

Не, хайрият ин тавр нашуд. Янгаҷон ба пухтупаз сар кард. Бародарам хона даромада, тағйири либос кард. Баъд китоби «Фиеста»-и Ҳемингуейро ба даст гирифт…

Вай як ҳафта аз хона набаромад. Ҳар кас бипурсад, «ман дар рухсатӣ» мегуфт. Ҷиддӣ буд. Бо касе ёрои гап задан надошт, ӯ

дар хонаи худ чун меҳмон даробаро мекард. Аммо янгаҷон ҷаҳони дигар буд. Дарахти пурбор барин сархам, беозор ва дилрабо буд.

Таътил ҳам ба охир расиду ман ба шаҳр баргаштам. Дар бораи бародарам ҳукми одилонаро худи ҳаёт баровард: Ҳамон сол ҳанӯз рухсатии бародарам ба охир нарасида, фаъолияти ҳизби ҳукмрон қатъ гардид. Бародарам аз вазифа сабукдӯш гардида, тамом хонанишин шуд. Ва дар яке аз номаҳояш янгаҷон навиштааст, ки бародарам ҳар ҳафта ду-се китоб мехонад.

– Худоё, – худ ба худ меандешидам ман, – одамони инқилобкор чаро то ин замон асарҳои нобиғаҳои тамаддунро нахондаанд? Агар мехонданду баҳра мебардоштанд, шояд салтанаташон бо ин ҳол завол намеёфт.

Бо ҳамин гуна саду як фикру хаёл соати нӯҳи саҳар ба Тирмиз расидам, аз қатора фуромадам. Шитобон худро ба телефони наздиктарин расондам. Хабар ёфтам, ки янгаҷон дар беморхонаи шаҳрӣ аст. Фавран мошин киро карда ба беморхона расидам, аммо духтурҳо барои ба назди янгаҷон даромадан иҷозат надоданд. Аҳволаш бад гуфтанд.

Ӯ аз дарду алам ним шиша сирко хӯрдааст.

– Оча, чаро янгаҷон ин хел кард? – Пурсидам аз модарҷон, ки бо бародарзодаам Наргис паҳлӯи дар истода ашк мерехт.

– Асло напурс, бачем, – гуфт ӯ гирёну нолон. – Ба келинам тӯҳмат карданд. Ҳамроҳи чанд зан ба саёҳати Туркия рафта буд. «Касетаи ҳунарпешаҳои номӣ» гуфта, амали фаҳши занҳои сабукпоро тӯҳфа кардаанд. Дар байни онҳо устокорона сурати занҳои моро ҳам ҷой додаанд. Баъди сафар бехабар аз амали нобакорон касетаро тамошо мекунанд. Янгаат аз ин амали нобакорон чӣ карданашро надониста роҳи наҷотро дар сирко мебинад.

– Оҳ, нобакорон! Чӣ разилоне ҳастанд дар ин олам! Зиндагиашро заҳролуд карданду вай заҳр хӯрда худро кушт! – Фиғон кард бо алам модарам.

– Ман ба янгаҷонам бовар дорам! Ӯ аз он қабил занҳо не! – Аз ғазаб ларзидаву аз алам ба худ печида ба умеди шояд зинда монад, назди палатаи хобаш рафтам. Бисёр мехостам, ки чеҳраи гарм, табассумҳои ширинашро боз як бор бинам! Аммо афсӯс, дер шуда буд, дер!

*Душанбе, 2002.*

## *АЗ СИЛСИЛАИ «ЛАҲЗАҲОИ МУАССИР» ВА ШИРИНГУФТОРИИ БАЧАҲО*

## ФАЙЗИ НАСИМИ САҲАР

Шаҳрамон Душанбе, шукр хиёбонҳои зебо дорад.

Ҳар субҳ дар гулгаштҳояш бо ҳавас сайр мекунам.

Насиме форам мевазад. Ҳаловат мебарам аз он ва сахт одат кардаам ба ин сайр, ба он насим.

Чанде нотоб будам.

Тани гарм ҳамин. Худ рӯи бистар хобаму хиёбон ва насими форамаш пеши назарам… Орзу мебарам – сиҳат ёбаму боз дар он гулгаштҳо қадам бизанам.

Хушбахтона, он рӯз боз муяссарам шуд. Боз фараҳманд гузар мекардам аз он ҷо. Ба ҳар гулу гулбутта бо ҳавас менигарам. Боз ҳамон насими ошно мевазад. Хаёлам, ки вай бо забони ҳол мепурсад:

– Эй Фараҳманд, куҷо будӣ? Аз чӣ камнамоӣ?

– Бемор будам. Инак, сиҳат ёфтаму боз омадам!

‾ Хуш омадӣ! Биё! Кӯшиш бикун то субҳ дер намонӣ. Оё медонӣ, ки ман – насим кай гузар мекунам аз ин ҷойҳо?

– Ме-до-нам! Вақти саҳар! Лек намедонам, ки баъд куҷо меравӣ? Тақдир ба ту чиҳо мекунад?

– Ҳо-о, рост гуфтӣ, эй Фараҳманд. Оҳ кашид Насим. – Ман ҳар субҳ ба истиқболи Офтоб мешитобам. Наход, ту инро эҳсос накардӣ?

– Эҳсос мекардам. Ме-ди-дам чу парвона ба истиқболи Офтоб метохтӣ. Бо нурҳои он ҳулул мешудӣ, омезиш меёфтӣ!..

– Хуб гуфтӣ, эй Фараҳманд! Ману ту бе Офтоб ҳаёт надорем… Ман ки бо нурҳои Офтоб ҳулул мегардам, шабонгаҳ бо нури Моҳтоб аз нав зинда мешавам. Ҷон мегираму субҳ боз сӯи Офтоб мешитобам… То ҷаҳон ҳаст, кори ман ин аст. Ту низ саҳархез бош! То навозишат бикунам ва дигар бемор нашавӣ!.

«Ташаккур, эй Насими Саҳарӣ, эй ҷони зиндаю рӯҳафзо!» – мегуфтам зимнан ба худ! – Бас меҳрубонӣ!»

## ШОИРАИ ШАҲРОШӮБ

Шоираи ҷавон – Саидаи Рамзон солҳои нооромі ҳамсари умрашро дар соҳилҳои Кофарниҳон баногаҳ гум кард.

Ӯ ёфт нашуд…

Пайваста суруди халқии гурҷиёнӣ мехонд он рӯзҳо Саида:

*Ёри худро ман мекофтам,*
*Ба ҳиҷрон шуда мубтало.*
*Беҳисоб кашидам дарду ғам,*
*Пас, куҷоӣ ту, Сулико?**

Саида хесту бо оҳу фиғон ду фарзанди дӯстрӯяшро бо худ гирифта, аз Файзобод ба зодгоҳаш Сина (Деҳнав) роҳ пеш гирифт.

Дар Синаи офтобрӯ омӯзгор шуд. Ҳамон ҷо ҳам зи сӯзи сина шеър мегуфт.

Шеъраш ҷонгудоз.

Дӯстонаш осори ӯро то Тошканд, (ба «Овози Тоҷик») бурданд…

«Садои Сурхон»-и вилоят низ шеърҳояшро чоп мекард.

Ҳазорҳо тоҷики Ӯзбекистон аз шеъри тару тозаи шоира баҳраманд мешуданд. Аҳсан мехонданд. Қариб ҳама шеъру ғазали Саидаи Синавӣ меҷустанд. Ин ба як тоифаи нотавонбин маъқул нашуд.

Рашк мебурданд онҳо…

Дар як деҳкадаи бисёр калон ӯро нагунҷонданд…

*«Фиғон зи гардиши даврон,*
*Ҷудо кард аз диёрам ҳам!»*

гӯён Саида зодгоҳашро тарк кард.

Ба ҳолаш гӯё «Қалъаи духтар», «Сунбулсой»-и беҳамто, «Хоҷабаркӯҳ»-и ҳамеша сарсафеди зодгоҳаш гӯё ашк мерехтанд!..

Саида куҷо рафт, «чӯҷа»-ҳояшро куҷо бурд, маълум набуд…

Рӯзномаи тоҷикии «Садои Сурхон» бо таассуф иттилоъ дод, ки «Шоира – чашмаи ҷӯшони шеъри дарӣ аз Сина кӯч баст»…

Лек баъдтар бо масаррат хабар дод, ки шоира гарди хоки қадамҷои Адиб Собири Тирмизиро ба чашм сурмаю тӯтиё карданӣ шуда, ба соҳили Омуи пиру ҳамеша ҷавон кӯч бастааст. Ҳамон ҷое рафтааст, ки қариб ҳазор сол пеш шоҳи бераҳм Отсиз барои ошкор гардондани як сирр ба фоидаи «дӯстон»-аш Адиб Собирро ба пояш санг баста, дар ҳамин Ому (Ҷайҳун) ғарқ карда буд.

* Сулико – асл аз Зулайхо форсӣ-тоҷикӣ будааст, ки вақти тарҷума устод Абдулқосим Лоҳутӣ ба хонуми худ Ситсилия Бону дар ин бора гӯшрас кардаанд. (Муаллиф).

Шаҳри бостонии Тирмиз шоираро хуш қабул кард, ба оғуш гирифт.

Нахустин як синфи тоҷикӣ дар як шаҳри азим таъсис доданд. Дар он синф ӯ дарс медод. Пайваста шеър менавишт. Шеъру ғазалаш он ҷо ҳам (ба таъбири шоир Ҷаъфари Холмӯъмин) «Ашки борон»* шуд. Аз қалби ошиқон, дӯстдорони шеъру шоирӣ, ки дар «Чашмаи Хуршед» ном маҳфили адабӣ гирд омаданд, ҷой гирифт…

Кунун мешунавам, ки нотавонбинон он ҷо ҳам ӯро чашми дидан надоранд!..

Гумонам ин ба эҷодаш таъсир намерасонад.

Иродааш қавӣ,

рӯҳияаш пок,

дилаш соф,

чун чашмасарони Хоҷабаркӯҳ!…

Ҳоло гӯянд, ки ӯро аз ин шаҳр низ ба рафтан водор бинмудаанд. Акнун куҷо мерафта бошад?..

Куҷо мерафт?

Ҷои рафтан дорад.

Ӯ худшинос аст.

Доност,

биност. Шаҳру билоди аҷдодиашро хуб медонад… Кунун ӯ Тирмизро ба қасди поёноби Ому – Хоразм тарк карданист!..

Аз пайи сандуқи Тоҳир ба мулки Зӯҳро («Тоҳиру Зӯҳро») сӯи Хоразм рафтанист. Он тарафаш то Баҳри Арал чаҳор қадам роҳ мемонад…

Баҳри Арал, ки аз оби Чиҳил дарёи азими Тоҷикистону Ӯзбекистон серӣ надораду лабҳош аз ташнагӣ карахш бастаанд, шояд бо оби дидаи шоираи шаҳрошӯб зи нав пуроб мегардад!

## ҲОФИЗИ ХУШХОН

Овозхоне дар соҳилҳои Тӯпалангу Оби Заранг машҳур гардид.

Маъракае бе ин ҳофизу дастаи ҳунариаш намегузашт.

Аз тамоми воҳа, одамон пешакӣ ба вай «замонат» дода, ба тӯйҳояшон мебурданд.

Рӯзе дар хонаводаи ин ҳофизи хушхон нохушӣ рух дод: гул барин ҷиянаш Зулайхо сари фарзанд рафт…

---

* «Ашки борон» нахустмаҷмӯаи Ҷаъфари Холмӯъминиён аст.

Инсони хубе буду модари меҳрубоне!..
Тамоми шаҳраку деҳоти атроф бароящ азо гирифт.
Айни авҷи тӯйҳо буд он вақт.

Ҳамон шаб ҳофиз бояд дар деҳаи ҳамсоя тӯеро обод мекард. Соҳиби тӯй Сулаймон муаллим хонаи ҳофиз омад. Аз наздаш як гузарам, ягон ҳофизи дигарро оварам, – аз дил гузаронд ӯ. – Охир, ҳофиз барои ҷиянаш азо мегирифтагист, тӯйгардиро чанде қатъ мекардагист?..

Омад. Изҳори ҳамдардӣ кард.

– Барои маслиҳат омадам, – гуфт Сулаймон муаллим ба ҳофиз. – Шумо азодор ҳастед. Ягон ҳофизи дигар даъват намоям? Ё ки тӯйро ба вақти дигар гузаронам?

– Гап байни худамон монад, – дандонҳои тиллояшро нишон дода гуфт ҳофиз. – Бегоҳ ториктар ки шуд, мошин фиристед. Худам рафта хизмат мекунам…

Бегоҳӣ мошин омад. Рафт.

Пагоҳаш мардум гап карданд: «Берӯ будаст. Оини азодорӣ риоя накард!» – гуфтанд.

Ҳофиз парво надошт. Фурсатро аз даст намедод.

Понздаҳ рӯз нагузашта тағояш аз олам гузашт. Худ сар шуду бо иззату обрӯ тағояшро ба хонаи охираташ бурданд.

Мардуми деҳа ҳар чӣ мегуфт:

– Барои тағояш азо мегирад! – гуфт яке.

– Куҷо! Вай аз тӯй намемонад! – мад кашид дигаре.

– Не-е, чӣ хел хуноба шуд ҳамон рӯз! Тағоҷонам! – гӯян овоз баланд карданаш дили сангро об карда мегузашт! – гуфт сеюмӣ.

– «Раҳматкунанда Ол-лоҳ!» – гуфта пас-паси тобут то қабристон овоз андохтанаш ҳамаро хун гирёнда буд…

Вай фақат шаби аввал аз ҳавлии тағояш набаромад.

Рӯзи дигар дилаш бухс кард.

Хонаҳои «тамтам»-аш даромада, аввалин коре, ки анҷом дод, шиносоӣ бо рӯйхати тӯйдорон буд.

– Шуморо фалонӣ кофта омад!..

– Ба шумо фалонӣ сим зад! – хабар медоданд дар ҳавлияш зану фарзандонаш.

Ба чанд ҷо сим зад.

Ба мошин нишаста, сӯи сарҳад рафт.

Раққосааш Лӯъбат ҳамон ҷо зиндагӣ дошт. Лӯъбате, ки рӯи як танга метавонист арғушт равад. Дар ҳусн ҳам номбардор буд он раққоса.

– Хез! Либосатро иваз кун! Ба тӯйи Ҷалолиддини Бензин наравем намешавад, – хоҳиш кард ҳофиз.

– Шумо чӣ хел одам? Тағоятон фавтидагӣ-е! Ҳоло ба тӯй надароед! Азо гиред!.. Мардум чӣ мегӯянд? – раққоса мутаҳайир шуд.

– Парво накун, фалокат! – гуфт ӯ, – сад – дусад долларро кӣ медиҳад?

– Э намуред! – хандид раққосаи барги гул. – Акнун «артисти ҳақиқӣ» шудаед!..

Вай хона даромад.

Ҳофиз ҳарчанд оранди (сигнал) мошинашро пахш кард, ҳарчанд дарвозаи кандакорию ҳалқаи онро ба ҳам бизад, ӯ набаромад!..

## СОАТСОЗИ КУЛОҲИ АҶАРИПӮШ

Дар шаҳрчаи соҳили Тӯпаланг дӯсте доштам.

Номаш – Афсаридин. Касбаш – соатсозӣ. Аслу насабаш – лакс, аз мардуми Қафқоз. Марди хушгап, хушсарулибос. Рахи дарзмолхӯрдаи шимаш дами шамшер барин. Туфлияш – сиёҳи ялаққосӣ.

Рӯи мизу рафҳои соатмонияш пур-пури соат.

Ҳамааш топ-тоза.

Худаш чаққон,

ҳушёр,

устувор…

Шикоят чист – намедонист.

Боғи ҷаннатосое барпо карда буд Афсаридин. Як дунё дарахту гулу гулбутта, ҳатто аз Қафқоз оварда нишонда буд, ки дигарон надоштанд.

Як гӯшаи боғашро барои мурғу қозу хурӯсони қашқарию товусу тазарв ҷудо карда буд.

Болои ин ҳама сифаташ вай одате дошт, ки доим кулоҳи зебое аз пӯсти барраи сури тиллоранг пӯшида мегашт. Онро ҳеҷ гоҳ аз сар намегирифт, магар қабл аз хобаш.

Худаш онро «кулоҳи аҷарӣ» меномид.

Боре аз ӯ маъзарат хоста, вақти бозии нард пурсидам:

– Афсаридин оғо, ҳама кору рафторат олӣ!.. Лекин аз чӣ ин кулоҳи худро баҳору тобистон ҳам аз сар дур намесозӣ?

Вай гап назад. Баъд ором-ором ба сари роҳи серодам, ба сари лучи ҷавонони роҳгузар наззора карду гуфт:

– Фарзанди мусулмон бо сари луч намегардад. Ман, алҳамдуллилоҳ мусулмонам!

Ин гап дар соҳилҳои Тӯпалангдарё аз даҳон ба даҳон гузашт. Гӯё панд шуд. Бисёр ҷавонон баъд аз он тоқию телпаку кулоҳ мепӯшидагӣ шуданд.

## ШӮХИҲОЯШОН ҲАМ ҒАНИМАТ БУДАСТ

Зодгоҳи мо Пасурхӣ кӣ дошт – як ҷувозрону даҳҳо одамони пири навадсолаю садсола.

Ҷувозронро Қиём Порсо мегуфтанду лақабаш ҳам Бангӣ буд.

Вай ҳар субҳ, ки мо мактаб мерафтему подаи деҳа ба дашт, як гови якшоху як хари думкалтаашро ба пода ҳамроҳ мекард. Баъд паси ҳавлиаш, рӯи сабза каҷпаҳлӯ зада, ким-чиро дуд мекунонд ва ба ҳар роҳгузар гап мепарронд.

Аз тангкӯчаи боло, ҳар субҳ, айни ҳамон вақт, бобои Қарор харсавор то бозор рафта, неку бадро дида, нос гирифта бармегаштанд.

Ҳар субҳ байни ҳардуи онҳо айни як гуфтугӯ такрор мешуду мешуд:

– Ассалому алайкум, бобои Қарор, – мегуфт ҷувозрон.

– Ваъ-лей-кум!... Нағ-зӣ, со-зӣ, Қи-ё-м! – хитоб мекарданд он кас аз болои маркаб.

– Ман – нағз! Шумо чутӯр?

– Шукри худо, нағзам!..

– О-о, ба чанд даромадед, бо-бо?

– Наврӯз омад, акнун се кам сад! – мегуфтанд бобои Қарор бо рӯҳияи баланд.

– Э-ҳа, аз ман се сол хурд будаед-дия, бобо!

– Э... номаъқул кардӣ-е! – гӯён харашонро тозонда мерафтанд он кас.

Ҷувозрон шах шуда-шах шуда механдид.

Мо наврасакон низ механдидем.

Дертар ҷувозрони мо шаст сол ҳам умр надида аз олам гузашт. Саду чанд сол умр дида бобои Қарор ҳам рафтанд.

Мардум ҳанӯз ҳам ин гуфтугӯи онҳоро ёдовар мешаванд.

Ман низ ҳар гоҳ ки аз он кӯча гузар мекунам, «Ҳамон шӯхиҳояшон ҳам ғанимат будааст!» – гӯён дил хуш медорам.

## «ТУ-ТУ» ХУШ АСТ,
## «ШУМО-ШУМО» БОЗ ХУШТАР!

Каси наздики худро «ту-ту» гуфтан шояд самимӣ бошад.

Лекин «шумо-шумо» бегумон самимитар аст.

Чанде аз дӯстонам ҳамаро «ту-ту» мегӯяд.

Боре ман аз эшон эрод гирифтам.

– Мо ҳамаро баробар «ту-ту» мегӯем, – сар нафуровард рафиқам Н. ва илова кард: – «шумо-шумо» хоси забони тоҷикии мо нест!..

– Чаро? – эътироз кардам ман, – ҳатто классикони адабиётамон дар ғазалҳояшон ба маъшуқа «шумо-шумо» гӯён муроҷиат кардаанд.

– Дар осори классикон, – гуфт он рафиқам, – мо ба чунинаш ҳанӯз дучор нашудаем.

Дар ҳайрат будам ва мехостам, ки чанд байти обдор барояш мисол оварам.

Ин дам аз ақиб овози шодравон нависандаи ҳаҷвнигор Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ баланд шуд, ки байти Ҳофиз бихонд:

*Азми дидори ту дорад, ҷони бар лаб омада,*
*Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо?*

Ӯ боз илова кард:

*Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо,*
*Ай ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо.*

– Ваҳ-ваҳ! – ба хушнудӣ сар меҷунбонад дӯстони дигарам.

## *АЗ СИЛСИЛАИ ШИРИНГУФТОРИИ БАЧАҲО*

## ҚАСД МЕГИРАД

Гулсуман акнун калонакак шуда дар ҳама корҳои очааш Ҳокима ёрӣ медод. Хонаҳоро ҳар ду-се рӯз «пилесос» мекард. Гоҳ шӯрбо меандохт, гоҳ палав пухтанӣ мешуд. Лекин метарсид. Ҳоло «палавпазӣ кори ман не!» гуфта телевизорро монда тамошо мекард.

Ҳамон рӯз падараш магнитафон харида овард. Вай як касетаи эҳтиёт карда гаштаи очаашро ба телевизор пайваста диданӣ шуд. Лекин натавонист. Духтари ҳамсоя Таманноро ҷеғ зада омад.

Вай ба телевизор пайваст карду худ бирафт.

Гулсуман базавқ тамошо кард: маросими «ЗАГС» пеш аз тӯй чойгаштаки очааш… манзараҳои зебо, дарёи азим, одамон, духтаракон… байни онҳо очаашро шинохт. Завқ бурда хандиду хандиду хандид.

Баъд якбора ба сараш фикре расид: чаро он ҷо ман нестам?

Қаҳраш омад.

Қариб, ки гиря кунад… «Ҳоло истед! Ман ҳам қасдамро нагирам, Гулсуман набошам!», – гуфта касетаро то охир тамошо кард. Худи дастгоҳ онро бароварда дод. Ва касе набинад, – гуфта боз бурду дар ҷои пинҳон кардаи очааш гузошт ва орому ором ба роҳи очааш чашм дӯхта нишаст.

Очааш Ҳокима аз бозор як бисёр чиз бардошта омад. Ҳалқаш қоқ шуда буд.

– Чойи хунук дорӣ, Гулҷон? – пурсид очааш.

– Дорам! – гӯён вай давида аз ошхона чойник бардошта омад.

Очааш чойи хунукро нӯшида:

– Илоҳо хушбахт шавӣ, духтарам! – дуо кард ва нафас рост намуд.

– Оча, – гуфт Гулсуман сирри дил карданӣ шуда, – як рӯз не як рӯз аз шумо қасдама мегирам!...

– Чӣ? Қасдатро? Чиҳо мегӯяд ин духтар? – ҳайрон шуд очааш.

– Ман кассетаи чойгаштаки шумоя тамошо кардам… На-муред-е оча! Барои чӣ мана набурдед? На дар ЗАГС-атон бурдед, на дар «чойгаштакатон»!..

Ваҳ-ҳа-ҳа-ҳа! – хандид очааш даст сари зону зада.

– Гирад ақлата! Девона гӯям, девона нестӣ, – сарзаниш кард очааш… – Майлаш, ту ҳам маро дар ЗАГС-у чойгаштакат даъват накун!..

Гулсуман мижа назада менигаристу менигарист…

## МАН КАЛОН ШУДАМ, СОАТА КАШЕД!

Хонаи дӯстам Бобомуроди варзобӣ рафтам.

Дар дастам харбузаи калоне. Барои набераҳояш Сайёду Шаҳло шоколаду сақич доштам…

Бинам Сайёд рӯи кӯпруки оҳанини Оҷукдарё таги дарвозаи бобояш ғел-ма-ғел дораду бо тамоми овоз фарёд мезад. Акси садои гиряаш ба тобасангҳои тали сурхи азим бархӯрда, сар то сари гузар паҳн мешуд.

– Ҳа, Сайёд-ҷон? Чӣ шуд? – бардоштам бо навозиш. – Ма, ана ин «сникерс» ба худат! Гиря накун! Ба ту чӣ шуд?

– Ғал-ти-да-а-м, аз ве-лик! – гуфт аламаш боз ҳам зиёд шуда.

– Бачаи зӯр гиря намекунад, – гӯён дучархаашро, ки чаппа шуда мехобид, рост мондам.

Вай ҳамоно мегирист.

– Ронда натавонӣ, чӣ савор мешавӣ? – таъна зад хоҳараш Шаҳло. – Дар як рӯз даҳ бор либос мепӯшонам. Боз чиркин карда меояд! Ҳеҷ чиз натед ба вай, бобоҷон!

Ба дасташ сақич додам.

– А-а-а! – эътироз кард ӯ бо гиряи талх.

– Майлаш, ту гиря кардан гир. Ман ба соатам нигоҳ мекунам, – гуфтам, – канӣ, бинем, чанд соат гиря карда метавонӣ?..

Вай ҷим шуд. Ҳо, гиряро бас кард.

Ҳастанд ҳамин гуна бачаҳои қайсару акс.

Ман соати занҷирдору киссагиамро баровардам.

Бача-дия, Сайёд аз соат чашм наканд.

– Ин соат ба ту маъқул аст? – пурсидам оҳиста.

– … Сар ҷунбонд ӯ. Оби дидаашро ҳам бо муштчаҳои хоколудаш пок кард.

– Дигар гиря накун. Шоколад хӯр, калон мешавӣ. Калони калон, ки шудӣ, баъд ман ана ин соатро ба худат тӯҳфа медиҳам, – гуфтам.

Сайёд «шоколад»-ро гирифт. Дучархаашро ронда сари пул рафт. Аз пули оҳанин гузаронда роҳи калони зери чиноронро яке давр зада омад ва тарафи ману бобояш нигоҳ карда-нигоҳ карда гуфт:

– Бобо, мебинед, ман шоколад хӯрда калон шудам, соата кашед! – милт-милт ба соат менигарист ӯ.

– Одат накунонед, – хандид дӯстам Бобомурод. Ӯ аз дарахт химчае шикаст.

– А-а-а! – гӯён гурехт Сайёд ним хандаю ним гиря!..

## ДАСТРО БАД МЕБИНАД

Духтараки қобил аст ин Дилрабо.

Ба касе коре надорад. Зарараш ҳам намерасад ба касе.

Бо дугонаҳояш Маликаю Нозанин соатҳо лӯхтакбозӣ мекунад, механдад, мерақсад. Якҷоя гоҳ-гоҳе суруд мехонанд:

*Як хол дорад, дугона,*
*Ду хол дорад, дугона.*
*Се сол боз надидем,*
*Чӣ ҳол дорад, дугона?*

Ё ки:

*Дӯстон – тоҷи сар,*
*Душманон – зери по!..*

Сурудҳои зиёд медонанд онҳо...

Ба замми ин рафтори хубаш Дилрабо одате дошт: ҳамин ки туфлии пошнабаланди модарҷонашро бинад, зуд пӯшида кӯча мебарояд.

Оҳ, агар ба хона дугонаҳои модарҷонаш биёянд-ку, ба вай Худо медиҳад: интихоб карда нағзашро пӯшида мегирифт.

Қариб ҳамаи онҳо туфлиҳои зебою пошнабаланд мепӯшанд-ку. Фақат вай як калӯшчаи майдаҳаки даҳаняларо нӯги пояш гирифта мегардад!..

Лекин хуб набуд, ки ду бор туфлии модарҷонро сари роҳи калон баровард. Машғули бозӣ шуд рӯи рег, пойлуч, ҳамроҳи дугонаҳояш… Туфлиро ҳамон ҷо фаромӯш карда хона давид…

Туфлиҳо гум шуданд, ду бор…

Оҳ чи хел модараш ҷанг кард!..

Ҳатто як дафъа очааш бо даст, (ҳо-о, бо даст!) поёнтар аз камараш зада буд…

Барои ҳамин чанд бор очааш ӯро ҷанг кард ва бо дасташ поёнтар аз камар зада буд.

Ана, имрӯз ба хонаашон холаҷонаш – Банот хонуми куртадӯз омадааст.

Ӯ намедонад, ки чаро он касро «хонум» мегӯянд? Баъзеҳо «хон» мегӯянд. Не, хон гуфта ба мардҳо муроҷиат мекардаанд… Занону духтараконро «ҷон-ҷон» бигӯянд. Ҳа-а, боре амакалонаш ҳамин тавр гуфтанд.

Э, хайр, ҳар чӣ гӯянд, гуфтан гиранд. Лекин туфлии Банот холаҷон бисёр хушрӯ: сап-сафед, пошнааш як ваҷаб.

Ҳавасаш омад.

Пасу пеш нигоҳ карда, почаҳаки лӯндаашро даровардa озмуд. Як-ду қадам пеш монд, оҳиста!..

Нағз, чудо ҳам нағз-дия!..

Хеле маъқул шуд.

Ҳамон тавр ҳам пӯшида рӯи ҳавлӣ баромад… ана баъд…

Дугонаҳояш Маликаю Нозанин ҳам аз дарича сар халонданд…

Не, давида омаданд!..

Оби даҳонашон рафт, туфлиро дида.

Онҳо дав-давон, тозон-тозон сари роҳи калон баромаданд…

Ман ҳам равам?

Вай як чашм сӯи хона, як чашм сӯи кӯча қдам мезад, ки баногоҳ аз ақиб модараш омад: дар дасташ калӯшаки ӯ!..

– Ҳа-а? Бахайр? Куҷо? Ин дафъа туфлии холаҷонро пӯшида баромадӣ-а? Нагуфта будам, ки ин кора накун! – бо даст якто фуровард модараш...

Туфлиҳоро аз пояш бароварда гирифт:

– Ана, ин калӯшчаи худро пӯш! – дод зад ӯ, – ҳоло вақт ҳаст, дертар мепӯшӣ, ин хел туфлиҳоро!..

Дилрабо аз тарс як тоқа калӯшча дар по, як тоқа дар даст, гирёну нолон сӯи дарвоза давид…

Вай дида буд, ки мошини падараш омада паси дарвоза қарор кард…

Падараш Ҳаким Ҷаббор аз кор баргашта буд. Вай аз мошин фуромада, худ дарвозаро воз карданӣ шуду духтарчаи гирёну нолонашро дида, ҳайрон монд:

– Ҳа – ҳа, Дилиҷон? Чӣ шуд? Чаро гиристӣ? –пурсид ӯро ба оғӯш гирифта падарҷонаш.

Дилрабо бо дили пуралам боз сахттар гиря карда, ба гардани ӯ часпид.

Навозиши падар ӯро оромӣ бахшид.

Вай бо дастакони лӯндаю фарбеҳак оби дидаашро пок мекард...

Падараш аз киса рӯймолчаи топ-тоза баровард…

Дилрабо бо лелаҳояш бурути падарҷонро тор-тор совиш дод…

Вай доим ҳамин тавр мекард ва падараш ҳам доим:

– Чӣ хел нағз дастаки ту, – гӯён роҳат мекард. Дасташу худашро мебӯсид.

Лекин ин дафъа Дилрабо ғайри чашмдошт ба ӯ гуфт:

– Шумо дастро нағз мебинед, дада?

– Ҳо, дастакони туро нағз мебинам, ҷони дада. Даст нағз-дия! Кас бе даст ҳеҷ кор карда наметавонад. Ҳатто хӯрок хӯрдан душвор аст, бе даст …

– Не, дада! – сар чунбонд Дилрабо. – Даст нағз не! Ман дастро нағз намебинам! Ганда мебинам!..

– Барои чӣ? – чашмонашро калон кушода, абруҳои ғафсашро боло бардошт падарҷони хушрӯяш.

– Барои он ки модарҷон доим маро бо дасташон мezананд!

– Ҳо-о, ин тавр гӯй? Ба гапи модарҷон гӯш накардагистӣ-дия! – ҳайрон шуд падараш.

– Не, да-да!..

Ҳамин дам модарҷон ду даст сари дил печонда, ҳамроҳи холаҷон Банотхонум таги дарвоза омад.

Дилрабо як қад парида, ду чашм ба туфлии ялаққосии холаҷонаш дӯхту пурсид:

– Оча, боз мезанед.

– … – гап назад модараш

Аммо холаҷон хандид.

– Барои чӣ, – гуфт падараш, – шумо «духӣ»-и маро «бо даст» задед? Охир, ин духтарчаи нағз-ку? – чашмакӣ кард ӯ тарафи меҳмон…

– Шумо ҳам акнун тарафашро гиред! – гуфт қатъӣ модараш. – Шон, туфлии пошнабаланд мепӯшанд!..

– Хайр, чӣ шудаст?

– Ҳамин зайл, ду туфлии маро гум кард-ку. Имрӯз туфлии Банот-холлаҷонро пӯшида баромадаст… Мо туфлӣ мекобем, туфлӣ нест! Агар гум мешуд? Холаҷон чӣ пӯшида хонаашон мерафтанд? А? Гап зан!..

– Бур-дед-ку! Ана, дар пояшон-ку? – эътироз кард Дилрабо.

Банотхонум ба завқ омада ӯро навозиш кард.

Модарҷон дигар гап назад, рӯяшро сӯи девор гардонд.

Вай механдид ё мегирист, маълум набуд.

– Медонӣ, Диличон! – гуфт ниҳоят падараш бо овози хушу форам, – агар духтарчаҳо ба гапи очаҷонҳо гӯш диҳанд, бисёр ҳам хушбахт мешудаанд.

– Ба гапи падарҷон ҳам, а? – пурсид худи доноча – Дилрабо.

– О-фа-рин! Бо-ра-кал-ло, духиҷони да-да!..

Дилрабо лабханд кард. Узрхоҳона чашмакони сип-сиёҳашро тарафи модарҷон дӯхт.

– Ана ҳамин тавр-а? – ҳарду сӯи холаҷон нигоҳ карданд.

Модарҷон «духтарамро беҳуда задам!» гӯён дилаш сӯхта об шуд магар, ки оғӯш карда, ӯро аз замин бардошта гирифт.

Ҳарсе, бо дастафшонӣ, Банотхонумро гусел доштанд.

Дилрабо аз қадаммонӣ, туфлии баланд ва пойҷомаи шероза-аш ироқии холаҷон, ки ба худаш бисёр ҳам зебиш дошт, чашм намеканд.

*Душанбе, сентябри соли 2004.*

## ҲАҚИҚАТНИГОР

Он вақт сардабири «Овоз»… Шоҳ Ниёз буд.

Инсони шарифу ҷиддӣ, марди солор.

Солҳои зиёд он вазифаро ба ӯҳда дошт. Бо ҳама баробар, ёвару бародар буд…

Ӯ Арбобзода ном хабарнигоре дошт. Худ ӯро аз ғалбез (ғаллабез, ғирбол) гузаронда, мухбир гирифта буд, барои ду вилоят!..

– Гап ҳамин, – гуфта буд ӯ, – неку бад, уволу савоби мардуми ин вилоёт ба гардани мову ту. Моро беҳуда «ҳокимияти чаҳорум!» нагуфтаанд. Чашму гӯши давлату ҷомеа бояд шуд. Нашавад, ки одамон шиква аз мо пеши дигарон бубаранд!..

Ин гапро Арбобзода дар гӯш ҳалқа кард.

Ӯ албатта, андешаҳои мустақилона низ дошт. Нотарсона амал мекард. Гоҳ шод, гоҳе ношод мегашт. Ба зиндагӣ, рафтору гуфтор ва тақдири одамон бо чашми ақл менигарист.

Алоқадри ҳол менавишт.

Мекӯшид рӯзномаи худро бо матолиби рангин таъмин созад. Қариб, ки бетаҳрир чоп мекарданд фиристодаҳояшро.

Аз ин рӯ, мудирони шӯъба ва худи сардабир аз кори ӯ розӣ буданд.

Боре сардабир дар аснои гуфтугӯи телефонӣ гӯшрас кард, ки мақолаи танқидӣ кам!..

Ин як ишора буд он вақт, айни авҷи «бозсозӣ», ки кам одамон сарфаҳм мерафтанд.

«Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан» – хулоса кард Арбобзода. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Ба аспи соз – як қамчин, ба аспи бад – сад қамчин!».

Ӯ чанд матолиби «қамчиндор» (тозиёнадор) фиристод. Ҳатто ду-се фелетон роҳӣ кард, ки банавбат чоп шуданд.

Ӯ шаҳр ба шаҳру ноҳия ба ноҳия мегашт. Китобу рӯзномаю маҷалла мехонд. Радио мешунавид, телевизор медид. Бо зиёиён, муаллимҳо гуфтугӯ дошт. Ҳарчанд маълумоташ олӣ буд, ғоибона дар аспирантура мехонд, рисола ҳам менавишт. Диққат мекард, ки мақсад аз «бозсозӣ» чист?

Бисёре аз соҳибмансабҳо низ мисли ӯ дар ҳайрат буданд аз бозсозӣ.

– «Чӣ, шумо оё аз нав «инқилоб» карданӣ ҳастед?» – пурсиданд рӯзҳои аввали сари қудрат омадани Горбачёви «хонаобод».

Ҳашт тан аз рӯзноманигорони Ҳинд, ки махсус ба Маскав омада буданд, ин суолро доданд.

Ҳамон овон дар ҳайрат будем: наход хатари сукути як ситораи дурахшон – Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуқӯъ пайвандад?»

– Оре, – ҷавоб дода буд саросема сарвари давлат…

Вой бар ҳоли чунин сарвар!..

Батадриҷ пояҳои давлати абарқудрат суст гардид. Душманонаш барои аз байн бурданаш сахт «иқдом» карданд. «Ҳайвони бузург» меномиданд онон шӯроҳоро!..

Сиёсат дигаргун мешуд.

Роҳбарон, бавижа пирони барҷомондаи Кремл лоқайд буданд... Парвое надоштанд, ки дунёро об мебарад ё сел!..

Ҳамин тавр, зиндагӣ маҷрои худ дигар мекард… Танҳо ишқ, муҳаббат, одамгарӣ, мусулмонӣ, сулҳҷӯӣ аз байни халқҳо бардошта намешуданд, барҷо буданд. Як рақам тифл ба дунё меомад, наврас ба воя мерасид, ҷавон камол меёфт. Танҳо пирон «Сари кӯҳи баланд» маъво мегирифтанд…

Ин ҳама табиӣ ва аз рӯи қонуни ҳаёт буд…

Ҳамон баҳори соли 1986 ба хабарнигор Арбобзода нохушӣ овард. Падари пири 91 солааш аз олам гузашт. Инсони одӣ, мусулмоне пок буд. Дар ҷанозааш ду ҳазор кас ширкат варзид.

Дӯстони Арбобзода аз Тошканду Самарқанду Душанбе ба таъзия омаданд.

Аз Тошканд худи сардабир омада, се рӯз меҳмон шуд. Якҷоя ноҳияро давр заданд. Дар деҳаи Авлод, зери қадамаш гӯсфанд сар заданд, деликатеси маҳал – «гӯшти танӯрӣ» тайёр карданд, ки лаззату накҳати арчаи кӯҳӣ дошт.

Ҳамон ҷо сардабир гӯшрас кард, ки фелетон лозим.

– Фелетонҳои нимтайёр дорам, – омади гап кард ӯ, – баъзе ҷузъиёташро санҷиданам лозим…

– Фелетон чизи одӣ не. Ба меъёраш бояд бирасонд. Масъулияташ баланд! – таъкид намуд Шоҳ Ниёз. Тезтар фиристед…

Ӯ баъд аз бозгашт низ сим зад, «Чизи ваъдагӣ гӯшти шутур хӯрд-ку!» – мегуфт.

Арбобзода таваккалан «Зиндаҳои кафанпеч» ном фелетоне фиристод. Андеша мекард, агар чоп гардад, хешони наздикаш озурда мешаванд. Охир, он ҷо воқеае тасвир шуда, ки баъзе хешони наздикаш низ мазаммат мешуд. Аз онҳо чашм пӯшад, мардум чӣ мегуфтанд?..

* * *

«Зиндаҳои кафанпеч» чоп шуд. Дар ҳама ҷо гап-гапи ҳамон…

Фелетон урфу расми сохтакоронаеро фош мекард.

Одами бефарзанд, яккаю танҳо, дар овони пирӣ, аз ин ки пас аз фавт касе бо дуо ёдаш намекунад, дар зиндаҳолӣ, аз рӯи тавоноии худ ба мардум «ош» ва «хайрот» медод. Ва он одам (мард ё зан) то анҷоми маъракааш, бояд даруни кафани пешакӣ ё ҳамон рӯз бурида (надӯхта) мехобид!..

Аммо яке аз мулобачаҳои навбаромад ин русумро барои ҳама – пиразану пирамарди дорои фарзандони барӯманд низ тавъам донист. Одамон баҳсобаҳс он «маъракаи ғарибона»-ро ба тӯй табдил медоданд. «Ҳеҷ бало намезанад!» – мегуфтанд ба каси даруни кафан хобидаи зинда!..

Ин гуна лаҳзаҳоро мардум бо чашми худ медиданд. Бо кадбону – Бибӣ Фазила, ки аз ғояти ҳусн дар ҷавонияш Зардпарӣ мегуфтанд, ҳамин ҳол рӯй дода буд: ду пиразан ӯро даруни кафан хобонда, худ ошхӯрӣ ба хонаи дигар мегузаранд. Ӯро даруни кафан ғанаб мебараду баногоҳ тарсида бедор мешавад. Ӯ кафанро пора карда мехезад ва он дугонаҳояшро ба хилват хонда мегӯяд:

– «Шуморо хӯрам, дугонаҳо! Ин рафтор ба касе накунед, ки ба ман раво дидед! Одам даруни кафан талхакаф мешудаст! Бо ин ҳама нотарсиям, дилкаф шудам. Аз аҷалам пештар мемирам!».

Пиразан баъд аз се рӯз ҷон ба ҷаббор супурд. Мардум бо нолаю фиғон ба хокаш супурданд…

Ҳамин воқеа асоси фелетонро ташкил медод, ки мардум аз дилсӯзӣ нисбати инсон ин русумро дигар риоя намекарданд!.. Рӯзномаҳо тарҷумаи онро ба чоп расонданд.

Баҳс дар атрофи он давом кард. Мардуми ноҳия талаб кард, ки муаллиф дар муҳокимаи он иштирок намояд…

Арбобзода бо мошин аз ағбаҳои махуф гузашта он ҷо рафт. Гирдиҳамоӣ дар толори мактаби деҳа баргузор шуд. Вақте ба муаллиф сухан доданд, ӯ ду даҳон гап зад: «Фикри мо дар фелетон таҷассум ёфтагӣ. Ташаккур ба Шумо, ки онро бодиққат хонда, дуруст хулоса кардаед!..»

«Далелҳо пурра тасдиқ гардиданд», – гуфта ба марказ ҷавоб доданд, ки ҳамин навъ ба чоп ҳам расид.

Сардабир хурсанд шуда, ба муаллиф сим зада, хоҳиш кард, ки фелетони дуюмро фиристад.

Фелетонҳояш «Мунофиқон» ва «Раис манам, манам, ман!» чоп шуда, обрӯи рӯзномаро бардошт... Аммо фелетони охирин, ки аз «корнома»-и қаллобии як идораи савдо буд, боиси нохушӣ гардид. Он «Муфаттиш омад, гурез!» ном дошт. Арбобзода хост назди рафиқаш бурда компютер созад. Таъкид намуд, мабодо ба дасти нохалафе наафтад… Лек афтод. Дар рӯзи равшан ба сирқат бурданд!..

Кор то ба милиса рафт.

– «Дар коми аждаҳо бошад, ки пайдо мекунем!» – гуфт сардор Акрами Ҳумоидин.

Воқеан ҳам варақҳои он ба «коми аждаҳо» рафта будаст. Ёфт шуд. Тоҷире бо ёрии Ӯрол ном муфаттиш онро ба даст оварда будаст…

Арбобзода иловаҳо дохил карда, онро ҳам фиристод. Сардабир хонда зуд ба ӯ сим зад: «Ба фелетон гап нест!.. Рӯзи сешанбе чоп мешавад!».

Не, нашуд…

Рӯзнома рӯзи сешанбе бо имзои сардабири нав баромад... Боиси сабукдӯш шудани сардабири бебадал маълум набуд. Фелетон натанҳо чоп нашуд, он тамом гум шуд… Натиҷаи «Бозсозӣ»-яш ҳамин бошад? – андеша мекард Арбобзода. Корманди корчаллони савдо нағмаи дигаре ба кор бурда будаст!.. Ин дертар ошкор гардид. Зеро сардабири нав баъд аз як моҳ хабарнигоронро ба пойтахт даъват кард.

Арбобзода низ рафт. Он ҷо маҷлис оростанд. Ҳамон ҷо, гап омаду ӯ аз тақдири «Муфаттиш омад, гурез!» пурсон шуд.

– Чоп шуд-ку! – «Зиндаҳои кафанпеч»-ро дар назар доред? – гуфтанд худро ба нодонӣ зада

– Не. Инаш бо(з) дигеш, – хандид Арбобзода.

– Хуб, шояд гум шуда бошад! Дигарашро нависед, чоп мекунем! – гуфт сардабири нав.

Арбобзода гап назад, нозеҳ ҳам нашуд.

Ӯ дар шароити бозсозӣ он ҷо як чизро барои худ кашф кард: ҳарчанд фелетоннавис аст, лек аз баъзе гапҳо бехабар будаст: як дӯсти ҳамқаламаш, сари як пиёла чой, аз ӯ суол кард:

– Оё медонед, ки дар аҳди «бозсозӣ», навишти як фелетон чанд ҳазор арзиш пайдо кард?

– Аз ростӣ, бехабарам, – гуфт ӯ.

– Панҷоҳ ҳазори русӣ, – посух дод ва илова кард. – Дар ҷумҳуриҳои Қафқоз аз ин ҳам зиёд!.. Аммо арзиши «аз чоп мононданаш» медонед чанд ҳазор?

– Ин хелаш ҳам ҳаст, магар? – ҳайрон шуд Арбобзода.

– О-ҳо-о! Боз чӣ хел! – сар ҷунбонд вай. – Ҳафтодупанҷ ҳазор!..

– Ваҳ! – нидо кард қаламкаш. – Кайф будаст-ку?..

– Ин «бозсозӣ» не, бар сари мардум як балои осмонист! – оҳи вазнине кашид рафиқи ҳамқаламаш.

Арбобзода аз пойтахт бо дили ҳазин баргашт.

Дертар ӯ корро бас кард.

Вазъияти кишвар торафт дигаргун мешуд… Дасту дилаш дигар ба мақолаю фелетоннависӣ нарафт. Бо кори хона машғул шуд: чор-панҷ барраю гӯсфанди ҳисорӣ дар ҳавлӣ нигоҳ дошта, аҳли оилаашро таъмин мекард ва бо ҳамин дилхуш буд.

Аммо одамон ба ӯ дар ҳама ҷо бо эҳтиром, чун фелетоннавис ва ҳақиқатнигор муносибат мекарданд.

*Душанбе, октябри 2004.*

## ОРЗУИ ПИРАМАРД

Аз рӯзе ки писараш Парвиз (бо хонуми худ Светлана ва духтаракаш Алана) Россия рафт, пирамард Искандари Оқил дар хонаи онҳо танҳо бимонд.

– Дада, оё барои шумо душвор намешавад? – гуфта буд писарҷонаш пеш аз сафар.

– Не, бачем. Ҳоло, шукр, аз чашму по намондаам!.. Ин ҷо додару хоҳаронат хабар мегиранд. Иншолло, азоб намекашам, – тасалло дода буд Искандар – чоли дукам ҳафтодсола.

– Намехостам дар пирӣ танҳо бимонед. Лекин, илоҷам чӣ? Бекорӣ ба дилам зад! Қатори ҷавонон ман ҳам Россия рафта, бахт озмуда бинам, – гуфт ҷавонмарди ҳалим бо лабханд.

– Оҳ писарам! Мусофирӣ чизи хуб не. Андак фикрат бошад… Албатта, ба худат роҳи сафед мехоҳам, – ба чашм об гирифт пирамард. – Лекин…

Ӯ фикрашро ифода карда натавонист. Вай аз як чиз ҳарос дошт. Аниқтараш, фикр мекард ҳоло, ки келинаш – ӯрус. Падару модари ӯ низ ҳамин ҷо буданд. Солҳои ҷанги бародаркушӣ Душанберо тарк карданд. Ба Воронеж кӯч бастанд. Светлана дар Воронеж истода натавонист, ба зодгоҳаш Душанбе омад. Тақдир ӯро бо писарам рӯ ба рӯ кард. Яктаҳак фарзанд доранд. Светлана мехоҳад ӯро ба бобою бибии ӯрусаш нишон диҳад… Онҳо раванду ҳамон ҷо бимонанд!.. Баъд ба ҳоли ман шағолон оё намегирянд?!..

Ана аз чӣ метарсид пирамард Искандари Оқил!..

Дар ин бора оҳиста фикри писарашро фаҳмиданӣ шуд.

Парвизи зирак ҳам аз чӣ андешаманд будани падарашро пай бурд.

– Не-е, дада, – гуфт ӯ. – Света Душанберо Ватанаш ҳисоб мекунад… Мо иншолло гашта меоем. Ана, аз худаш пурсед!..

– Не, бачем. Бо келин мо ин гапҳоро маслиҳат намекунем. Худат гуфтӣ, бас!.. Лекин, оё худ фикр кардӣ, ки аз он ҷо баргашта, баъд дар куҷо зиндагӣ мекунетон? – гуфт пирамард ва ба ҷавоби ӯ маҳтал нашуда давом дод. – Модоме ки хонаатро ба савдо мондаӣ аз ҷои дигари шаҳр, арзонтар (якхонагӣ бошад ҳам) савдо карда бигир. Ҳар куҷо бошӣ, фикр мекунӣ, ки дар пойтахт хона дорӣ, беватан нестӣ!..

– Охир, онро ба кӣ монда меравам?

– Э, кӯдак!.. Ба ман бимон! Маро чӣ шудааст?

– Оё шумо хонаи Деҳнави худ, ҳавлии меросии бобоямро монда, ин ҷо меоед?.. Кошки биёед! – хурсанд шуд писараш. – Лекин…

– Лекинат чӣ?

– Мо роҳи дур меравем, дада. Агар ба як қисми пули хонаамон арзонтар ҷое бигирем ҳам, раҳкиро кам мемонад…

– Чӣ қадар намерасад?

– Қариб ҳазор доллар.

– Ҳеҷ гап не. Ман ёрӣ мерасонам. Бо Светлана маслиҳат карда, якхонагӣ гиретон…

– Хонаи худро ба кӣ мегузоред?

– Меистад, ба нияти додарат… Аммо ҳавлии меросии furbобоятро мефурӯшем…

– Чаро?

– Охир, онро шонздаҳ сари сол аст, ки ба хоҳарон ва фарзандонашон дода мондаам. Боғи обод буд. Ангуру бодом, чормағзу себу анораш ба хӯрдан адо намешуд. Боғро хароб карданд… Деворҳояш фурӯ рафта ба замин яксон шудааст.

– Дар шароити деҳа онро кӣ мехарад?

– Эҳа-а! Талабгор бисёр. Фақат деворашро соз бардоштан даркор. Қадамҷои бобоят гуфта, то ҳол нигоҳ доштам… Бигузор ба дасти одамони савобҷӯе расаду ободаш кунанд… Зарур бошад, раво бошад гуфтаанд, бачем.

Парвиз дигар гап назад.

Падарашро аз назди бозори «Зарнисор» гусел кард.

– Иншолло, баъд аз ду ҳафта меоям, – ваъда кард пирамард ва раҳи Деҳнавро пеш гирифт.

* * *

Парвиз гуфтаҳои пирамардро ба Светлана расонд.

– Маъқул! – гуфт ӯ хандида.

Светлана духтари хушфаҳму чеҳракушод. Ҳама кор аз дасташ меомад: дӯзанда, пазанда. Тармими хонаро низ бо андак ёрӣ анҷом медод. Муҳиммаш ӯ дар оила тарбияти хуб дидааст, солим, хушрӯ, қадаш алиф барин!…

Пагоҳаш зану шавҳар Аланаро ба боғча супурда, хонакобӣ баромадаанд.

Он вақт хонаҳои маҳаллаи Зарафшон арзонтар буд... Панҷ ҳазор доллар дода, «якхонагӣ» гирифтаанд. Ёрдамчие ёфта, хонаро тармим карданд. Бору буташонро ҳам гузарондаанд.

Парвиз аз ин кор хурсанд.

– Агар худи падар биёянд, – гуфтаст Светлана келин, – шароити зист ба вуҷуд оварданамон лозим. Азоб накашанд: хуб, бозор наздик. Хонаи духтарон ва писари хурдӣ наздик. Маҳалла обод, масҷид ҳаст. Ҳамсояҳо мӯъмину мусулмон!..

Ақли Светлана аз ақли баъзе тоҷикдухтарон расотар. Хондагӣ-дия.

Духтарҳои хондагии тоҷик ҳам бад не. Хушфаҳм. Худшинос, хушсаводашон чунин фикр мекунанд, албатта: «Мо аз кӣ кам? Чӣ, оё мо ҳам хонда, одамони сазовори давр шуда наметавонем? Оё модари тоҷик фарзанди боиси ифтихор таваллуд карда наметавонад? Оё таърих фаромӯш кардааст, ки зани тоҷик барои ҷаҳониён чӣ гарданфарозоне додааст мисли Абӯалӣ Ибни Сино, Ал-Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Бедил, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалии Раҳмон, Турсунзода, Робиаи Балхӣ, Зебуннисо, Дилшоди Барно, Гулрухсор!..»

Светлана низ инро медонад…

* * *

Бобо Искандари Оқил ҳамон бегоҳ ба манзил расид.

Шаб дар соҳили Сурхоб (Деҳнав) хобид. Пагоҳаш сӯи зодгоҳаш кӯҳистони Бойсун ҳаракат кард. Дӯстон, ҷиянҳо, аҳли деҳа хушҳол шуданд аз омаданаш.

– Акнун тамоман биёед-де! Пир шудаед, тағоҷон! Мулки падариро соҳибӣ кунед! – гуфтанд амакҳояш, ки хонаро пур карда менишастанд.

Ними шаб онҳо хеста-хеста рафтанд. Вай ба ҷиянаш Хушвақт иҷозат надод, ки биравад.

– Чӣ гап, таѓо? – оромакак нишаст ӯ дар паҳлӯяш.

– Дар чанд рӯз гирди боѓро сангдевор бардоштан мумкин? – пурсид аз ӯ Искандари Оқил.

– Сангдевор карданӣ ҳастед, таѓо? Ташкил мекунем…

– Санг ёфт мешавад? Семент чӣ?

– Ёфт мешавад... Шербачаҳо дар ҳар сой, дар ҳар доманаи кӯҳ сад мошин санг ҷамъ карда мондаанд!.. Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо! – гуфт ӯ. – Сементи фурӯшӣ низ меёбем, таѓо. Агар гирди боѓ деворро дуним газ баланд бардоштанӣ бошед, сӣ мошин санг, мувофиқи он семент, ду бӯшкаи калон об, се-чор мардикор, устои сангчин лозим… Барояшон се вақт хӯрок, чойпулӣ, нонпулӣ ҳатто носпулӣ, мепурсанд! – базавқ хандид ӯ.

– Коѓазаке гиреду ҳисоб кунед! – гуфт таѓояш Искандари Оқил.

Хушвақт ҳисоб кард ва тоқӣ аз сар гирифта гуфт:

– Саду панҷоҳ ҳазор барои сангу сементу об лозим. Дигар майдачуйдаҳояш ҳам панҷоҳ ҳазор… Ман худам сар мешавам…

– Бисёр хуб… Мошини аввалини сангро кай оварда мерезед?

– Пагоҳ, чоштгоҳӣ!

– Ҳаво борад чӣ?

– Барф борад ҳам, жола ояд ҳам, оваронданаш тани ман, таѓоҷон!

– Гап якто?

– Гап якто.

– Ана ин дусад ҳазор! – аз даруни дипломат пул баровард таѓояш. – Пас аз як ҳафта меоям… Камашро пур мекунем боз, – ваъда кард ӯ.

– Шуд, таѓоҷон, – бо меҳрубонӣ Хушвақт пулро ба миёнаш баста, шабошаб бирафт.

* * *

Субҳ дамид.

Мулло азон мегуфт, ки Хушвақт омад. Пасопеш ду самосвал санг оварда, қатар-қатар резонд…

– Чӣ гап? – гӯён ҳамсояҳо хабаргирӣ як-як хеста меомаданд.

– Устоҳои наѓз дорем, – гуфт муаллим Қаҳҳоров. – Сангчиниро ҳамаашон аз Душанбе ёд гирифта омадагӣ.

Ин дам ду ҷавон чаққон омада, бо белу каланд ҷои сангдеворро тоза кардан гирифт. Баъд аз ин Искандари Оқил бо дили

пур хеста рафт ва расо пас аз як ҳафта баргашт. Вай девори баландро аз санги кабуди хоро дида, ба чашмонаш бовар намекард. Воқеан ҳам сангро мисли дандони мор хушрӯ чида баровардаанд…

– Ташаккур, ҷиян! – ба оғӯш кашид пирамард Хушвақтро. – Боз панҷоҳ ҳазор сӯму савғои овардаашро ба дасташ дод…

* * *

Ҳамон рӯз он ҷо коре шуд, ки дар хаёли касе набуд.

– Амак, – гуфт ҳамсоядевори пирамард Раҳматҷон – ҷияни Кенҷа паҳлавон. – Аздусар шумо шаҳри калонро монда ба деҳа намебиёед. Фарзандонатон дар он ҷо ба шумо интизор. Хубаш, ин ҷоро ба мо фурӯшед… Обод мекунем. Боз кадом вақте ки омадед, марҳамат!… Меҳмони азиз мешавед.

Искандари Оқил хандид…

– Раҳматҷон ду-се писар дошт, ки калон шудаанд. Хонадор карданаш лозим… Раҳматҷон кайҳо боз худ ин гапро гуфта мегашт.

– Аз нархаш гап занед, – гуфт муаллим Қаҳҳоров.

– Ду каси холис як чиз бигӯяд, ҳамон-дия, – гуфт пирамард.

Пас аз дақиқае қатор шуда ҳафт кас омад. Дигар талабгорон низ шунида, аллакай худашон нарх муайян кардаанд.

– Чор лимон (миллион), – гуфтанд.

– Не, амакам каме гузашт мекардагистанд, – талош варзиданӣ шуд Раҳматҷон.

– Гап якто, – гуфт муаллим Қаҳҳоров араќи ҷабинашро пок карда.

– Чутӯ мешавад? – андеша кард соҳиби ҳавлӣ.

– Ман медиҳам ҳамин нархро, – аз ҷо хест писари ҳамсояи дигар Қаҳҳор Норқул. Пул баровард, – доллар медиҳам, амак! – бозори хонаро тез кард ӯ.

– Савдоро ба миёнаш назанед! – бадқаҳр шуд Раҳматҷон! – Лозим бошад ман пули тилло медиҳам!..

– Мо ҳам талабгор! – даъво кард Раҳматулло полвон. – Баумед омадем.

– Ба пули худамон гап задан гиред! Дилмонӣ лозим не, – мобайнро соф кард Аъзам Сӯфӣ.

Дигарон хеста рафтанд.

Раҳмат даллолҳоро хонааш даровард. Ними пулро бидод. «Ними дигарашро худам ба хонаатон – Деҳнав бурда медиҳам» – гуфт.

Даст дода хестанд…

Вай рӯзи ваъдагӣ пулро овард.

Искандари Оқил ҳам дар вақти ваъдагӣ ба Душанбе, ба хонаи писараш омада тавонист…

Ин 30 майи соли 2003 буд.

Ҳамон бегоҳӣ Парвизу Светлана бо қатораи «Душанбе-Астрахан» сӯи Россия бояд ҳаракат мекарданд.

Вақти гусел Парвиз гуфт:

– Дада, бо дуо ёд карда истед. Аз он ҷо ки баргаштем, иншолло, мо хонаи калонтар мегирем… Ин хона ба шумо мемонад!..

– Хона ба худатон тақдир кунад, – гуфта падараш ӯро ба оғӯш гирифт. – Лекин Светлана! Писарамро ба ту, туро ба Худо супурдам! Якдигарро, набераи ҷони ман – Аланаро эҳтиёт кунед. Ба хешон – падару модарат саломи маро расон!.. Зуд-зуд хат нависетон, Светлана, – гӯён пирамард ашк рехт ва илова кард. – Моро фаромӯш накунед!.. Донед, ки шумо ин ҷо моро доред, Душанбеи зебо – Ватан доред!

* * *

Инак соли сеюм сипарӣ мешавад.

Мусофирони тоҷикистонӣ мераванду меоянд аз Россия…

Дар Россия қоидаю қонунҳои нав-нав ҷорӣ мегардад. Лекин ҳеҷ кадомаш мисли пештара не! Ҳоло «Гастербайтер» гуфтанӣ гап баромадааст. «Шиносномаи хориҷӣ» ҷорӣ шудааст. Кошки арзонтар ҳам бошад?!

Пирамард мусофирони худ – писару келину набераашро интизорӣ мекашад. Дар раҳи онҳо чашмаш чор аст… Шабу рӯз, пеши панҷ вақт намоз дуо мекунад, ки сиҳату саломат баргарданд… Ҳеҷ не, ки онҳо бозгарданд…

Пирамард худ бори рӯзгор мекашид.

Ҳамсояҳояш одамони хуб. Эҳтиромаш ба ҷо меоранд. Дар маъракаҳо, ки аксар аз Россия омада «ташкил» мекунанд, ӯро ҳам пешгоҳ мешинонанд…

Бинобар ин ӯ аз худо фақат ҳаминро мехоҳад, ки «писару келину набераи ӯ ҳам зудтар биёянд, то мисли дигарон ӯ низ ҳамсояҳояшро намакхӯр созад, шодмон бошад.

Баъзан дилаш бухс мекунаду вай ҳавохӯрӣ ба кӯчаю хиёбонҳои маҳаллаи Зарафшон мебарояд. Дер гоҳ гум шуда меравад. Ба теппаҳои хушбоду ҳаво мебарояд. Чанги заминро баровардаю пойҳояшро кашолакунонон аз паҳлӯи қабристони

маҳалла мегузарад. Гӯё аҳамияте ба он намедиҳад. Худро ба нодиданӣ мезанад ва гӯё хушҳол омада ба хонаи писараш медарояд…

Касеро бо ӯ коре нею ӯро бо касе.

Фикру зикраш орзуяш ин ки ҷону ҷигарҳояш кай бармегарданд!..

## ГУЛИ ҚАҲҚАҲА

Рӯз офтобӣ буд.

Аз чоштгоҳӣ нафаси гарми ҳавои Душанбе дар ҷони кас роҳат мебахшид.

Кӯчаю хиёбонҳо симои наврӯзӣ доштанд. Гулгаштҳо, ба вижа Боғи истироҳат, басо серодам. Сару либоси ҳама рангину гулгун.

Аз сояи чинорҳои бузург ду парипайкар худро ба офтобрӯ гирифтанд. Яке дар тан пероҳану пойҷомаи якранг – атласи шонагули шерозадор ва туфлии сафеди ялаққосӣ дорад. Дар дасташ ду дона гули садбарги сурху сафед. Худ моҳи тобон, чашму абрӯ сиёҳ. Аз чеҳрааш нур меборад. Фариштаи тайёр.

Ҳамроҳаш низ офати ҷон. Дар тан куртаи кӯтоҳаки сурхусафед, шими ҷинсии танг, туфлии сиёҳи пошнабаланд дорад. Мӯяш чун «думи асп» шона задагӣ.

Ҳарду назди истгоҳи шишагин бозистоданд.

Хонуми атласпӯш ба ҷинсипӯш, ки каме ҷавонтар метофт, рӯй овард:

– Гули Қаҳқаҳаи ҷон! Дер намон. Зудтар хона биё. Гуфтамку, имрӯз меҳмон дорем. Дӯстони почоят меоянд. Ту бояд ба ман ёрӣ диҳӣ! Мефаҳмӣ?

– Хуб, апаҷони Савригул, гуфт Гули Қаҳқаҳа, – фаҳмидум. Дар «Студия» ним соат кор дорум. Соат дувоздаҳ нашуда хонаатон мерасум. Дар паноҳи Худо, мурдум ба шумо.

– Хуб. Ман рафтам, – гӯён Савригули баландболо хамтар шуда аз рухони Гули Қаҳқаҳа бӯсаҳо ситонд. Сипас, хиромида худро даруни «Ғизолтаксӣ» гирифт. – Дар паноҳи Худо! – даст афшонд ӯ.

Ғизолтаксӣ байни сели мошинҳои беҳисоб гӯё ғарқ шуда рафт.

Гули Қаҳқаҳа рӯ-рӯи сангфаршҳои ороишии хиёбон чидачида қадамзанон ҷониби эълонҳои барқии бинои почта равона

шуд. Вай эълонҳои рангинро хонда-хонда, тук-тук по мемонд. Худаш ин ҷою хаёлаш дар ким-куҷо!..

Атрофиён чорчашм сӯяш менигаристанд: гӯё рӯҳи равоне, оромиҷоне қадам мезад. Ӯ ҳоло оҳуи рамандаеро мемонд, ки худ гӯё бехабару аз кӯҳистон – аз Дараи Ромит ё атрофи Симиганҷ, аз байни ғизолон фирор кардаю рамида-рамида худро ба ин ҷодаи шаҳр задааст! Қад – сарви сиҳӣ, баст – пайкари парӣ. Қадаммонӣ ҷонситон.

Ӯ мехиромиду по ҷудо, даст ҷудо, бастаи мӯйи «думи асп» ҷудо ҷилва доштанд.

Онҳое ки аз ақиб қадам мезаданд, аз ғояти мафтунӣ товусхиромеро ба худ тасаввур мекарданд.

Ҷавони бурутие тоб наовардаю ба шавқ омада гап мепарронд:

– Э-ҳе-е, духтар!

– «Сар шуд» – гуфт ба дигарон шунавонда Гули Қаҳқаҳа.

Лекин эътиборе надод ва ҳамон зайл қадам задан гирифт.

– Ҳӯ-ӯ духтар! – дубора садо кард ҷавон, ки мӯйи сип-сиёҳи ялаққосии ғӯлӣ, бурути сип-сиёҳ, гарданбанди сап-сафед, тавқи суп-сурх дошту пиҷаки ҷигарфомашро кашида сари китф гирифта буд.

Атрофиён бо лабханд, балки бо ҳавас, бархе бо ситез, сӯйи онҳо наззора мекарданд.

Духтар ҳамоно бепарво, чун оби равон мерафту мерафт ва ногузир аз дил мегузаронд: «охир, атроф пури духтар. Ҳар кадом номе дорад. Кӣ медонад, ки ӯ кадом духтарро садо мекунад».

– Ҳӯ-ӯ хонум! – ба зорӣ даромад бурутӣ аз ақиб, ки ба вай наздик мешуд.

– Де-во-на, – гуфт ба худ Гули Қаҳқаҳа хандида. – «Духтар» гуфт, акнуни «хонум» мегӯяд... Оё аз кӯчаи одоб гузашта бошад?

Гули Қаҳқаҳа ҳоло фаҳмид, ки ҷавон маҳз ӯро садо мекунад, қадаммонияшро тезонд. Туқтуқи пошнааш баландтар садо дод, ба «оҳанг» даромад.

Ҷавони бурутӣ низ қадамашро тезонид. «Ҳӯй хонум?» – гӯён илтиҷоомез ба байтхонӣ пардохт:

*Ҳой хонум куҷо мерӣ?*
*Ин қадар баноз мерӣ.*
*Як каме сабр бикун,*
*Маро бо худ бибарӣ!*

Боз ҳам нигоҳу манзуре накард Гули Қаҳқаҳа, посухе надод. Аммо товусхиромӣ, каллаҷунбонӣ, ҷилваи «мӯйи думи асп»-аш якҷоя бо тук-туки пошна гӯё оҳангу овои «не-не-не!»-ро ифода мекарданд. Ниҳоят ҷавони бурутӣ сӯи ӯ даст дароз карда илтиҷо намуд:

– Оҳ! Туқтуқи пошнаҳота қурбон-е!

Гули Қаҳқаҳа ҳамоно мешитофт: – боз чиҳо мегуфта бошад?– аз дил гузаронд ӯ.– Лекин ба вай ҳеҷ рӯй наовард.

– Э-ҳей, духтар, ист! Ба худат гап дорум. Мешунавӣ? – Ба атрофаш назар карда писханд зад: – кару гунг набошад боз?

Атрофиён аз гапаш завқ мебурданд. Баъзеҳо қошу қавоқ гиронданд. Аммо духтар мерафту мушт гиреҳ мекард, дандон ба дандон мемонд.

Бурутӣ хост ӯро боздорад, рӯ ба рӯ гап бизанад. Лек боз ҳам натавонист. Гули Қаҳқаҳа чапғалат медод, мегурехт. Хаёле, аз ҳафт маҳалаш безор аст.

– Охир, чаро ба ман рӯй наменамоӣ? – ниҳоят ба риққат омад бурутӣ. – Чӣ сирреву савдое, дар ин рӯ тофтанҳо? Ин қадар бераҳму сангдил?! Ва боз гуфт: – Ай духтари хола! Мастум гумон кардӣ? Худо бизанадам, маст нестум. Бароят байт бихонум? Байт бисёр медонум. Аз байтакои Бозор бихонум? Ё аз Лоиқ? Не-не, аз Гулрухсор-а? Байтакои Рухсор мефорадам. Бозор не. Фақат «пушта-пушта» мегуяд. Қабристона ба ёд меорад!.. Гӯш бикун! Чӣ, маро «намешиношӣ?» Охир, ман Баҳром! Баҳроми Гӯр не!

Гули Қаҳқаҳа ин дам ба майдони калон расид. Бо итоб сӯйи ҳайкали Сомонӣ тоб хӯрда, ба муҷассамаи ду шери шарза наздик шуд.

Ҷавони бурутӣ давид. Баногаҳ рам хӯрду истод. Тарсид. Хаёлаш, ки шерони шарза аз ҷой мехезанд!..

Гули Қаҳқаҳа дар зинаҳои зери ҳайкал қадам монд. Гӯё аз он бурутӣ, аз ин фарзанди одобгумкардаи Ҳазрати Одам рӯй тофта мерафт, мегурехт.

Ҷавони бурутӣ таъқиб карда боз ба шеърхонӣ даромад:

*Шоҳдухтар-шакар духтар,*
*шоҳи духтаро-о-н!*
*Абрӯкат ба ман бинмо, шавум*
*бар ту ғу-ло-о-м!*

Халосӣ набудаст, аз ин беодоб! – мегуфт дар дил Гули Қаҳқаҳа ва ногоҳ худро байни суратгирҳо бидид, ки дар сояи ҳайкали мӯҳташам, дастгоҳҳои аккосӣ рӯи дасту сари китф мегуфтанд:

– Сурат мегиронед, хоҳарҷон?

– Акаи бурутӣ, сурат мегирен?

Аммо онҳо хомӯш. Яке фирор дорад, дуюмӣ таъқиб... Дигарон дар ҳайрат!..

– Эй духтари хола! – боз баланд шуд овози бурутӣ. – Ист, сурат бигирем! Баъд худаму худат ресторан меравем! Сари роҳ, аз фурушгоҳи «Ҷавоҳирот» тилло мехарум. Бигуй. Чӣ бихарум? Гушвор? Занҷир? Ангуштарӣ? Обещаю! Ваъда метум.

Гули Қаҳқаҳа ба зинаи баланди назди шерон расиду истод! Ҷавони бурутӣ ҷаҳида аз ӯ пеш гузашт. Ду даст дар камару ду пой ду тараф, раҳи ӯро банд карданӣ шуд.

Гули Қаҳқаҳа низ суст наомад: бо суръати барқосо чизе ба рӯяш кашид, ё ки афту андомаш табиӣ чунин безеб буд, ки ба вай ногаҳон рӯй овард ва бо ҳалҳалаю ҳамҳама гуфт:

– Чӣ мегуӣ? Аз ман чӣ мехоҳӣ?

Бурутӣ ба рӯи нонпарзадаю даҳшатбори «духтар» чашм дӯхта, ҳуш аз сараш парид. Забонаш гирифт. Аз тарс рӯ ба фирор оварданӣ шуд. Лекин мувозинатро гум карда, пеши пойи «духтар» афтод ва ду даст ба само бардоштаю зоракунон гуфт:

– Эъ-эъ, ту не. Ту не! Ман ғалат кардум! Ҳо-о, ғалат кардум. Маро маъзур дор! Маро бубахш!..

Ӯ аз ҷо хестанӣ шуд. Аммо Гули Қахқаҳа имкон надод. Бо ҳамон ҳамҳамаю дабдаба гуфт:

– Маро дидӣ – дидӣ? Чӣ хелум? Намефорум-а? Ҳамин қадар ҳунар доштию «ҳой духтар! Ҳой хонум!» – мегуӣ? Ина ман! Гап бизан! Чӣ мегуӣ?!..

– Ваҳ, чӣ хуш овозе! Овози духтари хола барин! Худат не? Валлоҳ худат-ӣ!

– Безебум? На-ме-фо-рум? А?

– Не-не! Базебӣ. Бисёр базебӣ! – ӯ саросема нимхез шуда, калавида-калавида рӯ ба фирор овард.

Духтар аз ақибаш «қаҳ-қаҳа»-ро сар дод. Яке овози хандаи ӯ ба атроф бархӯрда, сад акси садо баровард ва ноаён ӯ ниқоб аз рӯяш барканд. Атрофиён дар шигифт!.. Бархе механдиданд. Наврасон аз ақиби бурутии шитобзада ҳуштак мекашиданд. Суратгирҳо сурат мебардоштанд. Ҷавони бурутӣ, пичак дар дас-

ту чаппасар мегурехт. Хаёлаш, ки шерон якҷоя бо «хонуми дев-сиришт!» аз ақиби ӯ афтоданд…

Не, Гули Қаҳқаҳа бо чеҳраи беолоиши пуртабассум, рӯ-рӯи сангҳои мармари ҷигарфом, ба як маром туқ-туқ қадам зада, сӯйи «студия»-и худ гузашта мерафт. Мӯйи ба шакли «думи асп» шоназадааш ба ҷилва омада гӯё «хайр-хайр, то боздид!» мегуфт.

*Душанбе, марти 2005.*

## МУФАТТИШ ОМАД, ГУРЕЗ!

– Соҳиба!

– Лаббай!

– Муфаттиш омад, гурез!

Ҳамин тавр шӯхӣ мекарданд ҳамкорони Соҳиба дар шӯъбаи фарҳанги ноҳия.

Соҳиба аз ин ҳазл пештар сурх мешуд. Ба худ мепечид аз шарму ҳаё, ки ин зеби духтаракон аст.

Аммо дертар ӯ ҳам одат кард. Ба парвояш ҳам намеомад. Баръакс, хушҳол мешуд, баробари дигарон ҷилави хандаро сар медод. Ҳарчанд, ки ба ёд овардани он лаҳзаи ногувор барои ин духтараки ниҳол барин нозук ғашовар буд.

* * *

Асли воқеа ин тавр рӯй дода буд.

Рӯзе ба ҳамон шӯъбаи фарҳанги ноҳия Арбобзода ном ха-барнигори махсуси яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ шитобон да-ромад.

Шиноси деринааш – мудири он шӯъба Зариф Рашид ӯро хуш қабул кард.

– Чӣ ҳол доред, дӯстам! – пурсид ӯ бо эҳтиром.

– Ме-ша-вад! – гуфта Зариф ҳам ҳолпурсӣ кард. – Кадом хиз-мате ҳаст ба мо? Серташвиш метобед?

– Агар имкон бошад, Зариф Ҳамроевич, – гуфт хабарнигор, – се варақ дастхатро компютер мекардем…. Соати дувоздаҳ аз марказ тайёра меояд. Ба сардабир фиристоданам лозим… Чизи таъҷилӣ ва андаке махфӣ ҳам ҳаст, дӯстам!.. Ана ин музди чо-паш! – аз ҷайб пул баровард ӯ.

– Пул лозим не, ака! Як давр зада биёед, тайёр мешавад, – гуфт мудир.

Арбобзода хурсанд бирафт.

Зариф Рашид котибааш Соҳибаро ба ҳузур хонда гуфт?

– Ана ҳамин варақҳоро тезакак чоп карда мон! Маро раис фарёд карданд. Зуд меоям… Ба касе нишон нате!.

Вай ҳам рафту Соҳиба саросема, бастани дарро фаромӯш карда, паси компютер нишаст. Худ нафаҳмида монд, ки чӣ сон як марди девсиришти кулоҳпӯш омада, тори сараш рост истод ва бо овози ғафсу бам пурсид:

– Му-ди-рат ку-ҷост?

– Ҳозиракак назди раиси ҳукумати ноҳия рафтанд, меоянд, – посух дод Соҳиба.

– Бирав, ёф-та биё! – наъра зад ӯ.

– Каме сабр кунед. Ана курсӣ, нишинед. Ҳозир меоянд, – гӯён котиба бо як даст рӯи варақи «Фелетон» сабт шударо пӯшонд. – Чӣ коре доред? Худи шумо аз куҷо, амакӣ? – пурсон шуд хушодобона Соҳиба дар ҷавоби он ҳама дӯғу даранг.

– Ма-ро на-шинохтӣ? – аз даҳонаш кафк парида, маст будани он мардака аён шуд.

– Не-е, – сар ҷунбонд ӯ, – мебахшед, корам зарур гуфт аз варақ сар набардошта.

– Аз ку-ло-ҳам ҳам на-ши-нох-тӣ? – бо шаст гӯшаки телефонро бардошт. – Телефонат ҳам, мисли худҳотон бекора!– гӯшакро баробари қадаш тараққос рӯи миз афтонд.

– Телефонро шикастед-ку, амак, хокатон безад! – мувофиқи рафтораш муомила кард Соҳиба.

– Ин духтарак чӣ мегӯяд? Бихез, мудиратро ёфта биё! – пештар омад марди кулоҳпӯш.

– Одами «шилқин» будаед, – суст наомад котиба.

– Ба даҳонат нигоҳ карда гап бизан! Ман «шилқин!» Не, ман му-фат-тиш!.. Ту чӣ чоп мекунӣ? – Вай хам шуда чашмони чалақ-палақи худ ба рӯи варақҳо дӯхт. – Ҳо-о, вақти кори идора ту чизи дигаронро – «фелетон»-ро чоп мекунӣ-а?!

– Кори шумо чӣ? Равед, аз ин ҷо! – ҷаста хесту овоз баланд кард Соҳиба.

– Ра-вам?! Ку-ҷо ра-вам?!

Мағали онҳоро шунида китобдор – Марҳабои Даврон давдавон омад.

– Чӣ шуд, дугона?

– Бинед, ин одам кор кардан намемонад.

– Чӣ гап доред, амак? – ба вай рӯй овард Марҳабо мушташро гиреҳ карда.

– Ту ҳам нашинохтӣ-а? «Каратэ мекунӣ-чӣ?.. М-ман Ӯрол Ҷумъаев! Му-фат-тиш!.. Худи ҳозир тафтиш сар карда, ҳамаи дарҳоро, аз ҷумла даҳони шумо – духтарчаҳоро, мӯҳру сурғуч мебандам-м!.. Маҳмаддоноҳо-о!

– Саратон чандто, амак?.. Донистем: саҳар қатӣ нӯшида омадаед… Пагоҳ, нанӯшида биёед, пагоҳ! – мазох дошт Марҳабо.

– Гапаша бинам-м! – сӯи мизу ҷевон чашм давонд муфаттиш ва чашми Соҳибаро хато карду варақҳоро чанг зада гирифт.

– Варақҳоро дар ҷояш монед! – ба ҳаяҷон омад Соҳиба ва ким-киҳоро ба ёрӣ даъват кард.

Ин дам мудираи китобхона Робиаи Турсун шитобон даромад.

– Чӣ гап? Бахайр Ӯролбой? Чӣ ҷанҷол карда гаштед, ин ҷо?

– Эҳ, хайрият, яктааш мешинохтаст! – бо ҷаҳл рӯйи миз мушти обдоре фуровард ӯ. Аз зӯри зарба ҷонаш бар лаб омада, даст ба даҳон бурданӣ шуд, ки кулоҳ аз сараш афтод.

Духтарҳо қаҳ-қаҳ хандиданд.

Соҳиба гиребони палтои ӯро маҳкам қапид:

– Варақҳоро дар ҷояш монед!..

– Чӣ? Вақти кор... чизи касонро чоп мекунӣ? – коғазҳоро қат карда ба кисабағалаш зад.

– Ба милиса хабар додан лозим, – гӯшакро бардошт Робиа. – Эҳ, кор намекунад-ку! Бишин, Соҳиба. «Айбнома» менависем! – ба даст қаламу коғаз гирифтанд духтарон.

Инро шунида Ӯралбой тапаррас гурехт… Хонумҳои дигар сари роҳашро гирифтанд.

– Варақҳоро диҳед!..

– Медонед, инро аз дасти кӣ мегиред? – тори сараш бозӣ доронд ӯ варақҳоро…

– Вай чӣ хел варақ: – мепурсиданд кормандони дигари шӯъба.

– Фелетони журналист, – аз марказ омадагӣ… Мо ба ӯ чӣ мегӯем?.. Хуб нашуд! – ба шӯр омад Соҳиба.

Робиа «муфаттиш»-ро таъқиб карданӣ шуда баромад. Аммо вай аллакай ғайб зада буд.

– Ӯҳ бадбахт, – мегуфт Робиа. – Мақсадаш гирифтани ҳамон фелетон будааст-дия.

* * *

Соҳиба зиқ шуда, сархам менишаст, ки Зариф Рашид омад.

– Ҳа-а, Соҳиба? Чӣ шуд?

– Варақҳоро гирифта бурд, – гирист Соҳиба.

– Кӣ бурд?

– Муфаттиш будаст. Шуморо пурсид… Аз шӯъбаи фарҳанги вилоят – Ӯрол… Ин ҷо омада ҷанҷол кард. – «Ҳама ҷоро мӯҳру сурғуч мекунам!» гуфт.

– Гуфта будам-ку, дарро баста эҳтиёт бояд мекардӣ!.. Ҳоло куҷо рафт? – саросема аз дар берун шуд ӯ.

Зариф раҳорах аз чанд кас пурсид.

Вай аз дур Зарифро дида, чапғалат дод. Худро ба поёни пули Оби Заранг гирифт.

Ба ноомади кор, ин дам аз боло, қатораи боркаши дуру-дарозе, сели дарёи кӯҳӣ барин шуввосу шарақ-шарақкунон омад. Зариф дар паҳлӯи роҳи оҳан музтариб бимонд.

* * *

Ӯролро одами даркориаш дар чойхонаи лаби об (тарафи чапи кӯпрук) мунтазир будаст.

Бо имою ишора бо ҳам гап заданд.

– Гирифтам, – гуфт коғазҳоро ба ӯ дода, – духтаракон қариб маро мехӯрданд

– Дандони онҳо ба пӯсти ту намеғӯтад! Пӯстғафси ту! – масхара дошт саркори бокарру фарри кадом фирма!..

– Зуд хонда «ошно» шавед. Баргардондан лозим. Вагарна дар бало мемонем!

– О-ҳо-о! Фелетон-ку? – варақи аввалро дида ба даҳшат афтод саркор!..

– Беҳтараш, ҷои коратон бурда, дарро маҳкам карда хонед. Баъд аз ду соат ман худам даромада мегирам, – гуфту Ӯрал аз раҳи байни буттаҳо сӯи истгоҳи таксӣ гузашт.

Вай нафаҳмида монд, ки одамони Зариф ӯро чӣ тавр ба гап гирифтанд.

– Ҳа, Ӯрал? – маҳкам қапид Зариф. – Ин чӣ номаъқулӣ, ки ту кардӣ? – дасташро печонд Зариф Рашид, ки вай ҳам нон хӯрдагӣ буд. Варақҳоро куҷо кардӣ? – даст ба кисабағалаш андохт.

– Чӣ гуна варақ? – худро ба нодонӣ бизад ӯ.

– Аз дасти котибаи ман гирифтай-ку?

– Ма-а-н?

– Ҳо-о, ту!.. Чӣ, рости гапро намегӯӣ? Рӯят қурут!.. Чизи кас ба ту чӣ даркор?

– Рост… Чизи кас ба ман чӣ даркор?

– Варақҳоро барор! – гиребони ӯро дошта, дудаста такон дод Зариф.

– Варақҳо рафтанд, Зариф! Медонӣ, аз дасти кӣ мегирӣ?

– Ту палид, ин гапҳоро як сӯ бимон! – худ дар сари як мӯ гаштаӣ! Каппаю козаат дар пуштат мешавад!

– Рав-рав!.. Осмонро фурӯ намегардонӣ ба сари ман?! – дӯғу даранг кард муфаттиш ҳам суст наомада.

– Фелетонро куҷо кардӣ?..

– Ба ту чӣ?.. Он ҷо тақдири «фермер» ҳал мешавад!..

– Бале! Тақдири «фермер»-ҳое, ки ҳазорҳо сар гӯсфанди ҳисорию гови зотиро нест кардаанд ва ту барин ҳаромхӯрҳо дастгирӣ мекунед ононро! – бо ду даст тела дод Зариф Рашид.

Ӯрол аз ҷон хуштар «халос хӯрдам!» – гӯён гурехт. Тапар-тапар гурехта, худро ба мошини рафтаистодаи сари роҳ расонд.

– Ҳаҳ но-мард!..

Зариф ӯро дигар таъқиб накард. Ба ҷои кораш баргашту баъд пушаймон шуд.

– Ӯро ёфтед? – гунаҳкорона пурсид Соҳиба.

– Ёфтам-у, лекин боз гурехт… Нағз нашуд, ба «корреспондент» чӣ мегӯем, акнун?..

* * *

Ҳамон рӯз ҳаво сахт гарм буд.

Соатҳои ёздаҳ хабарнигор ба обу арақ ғӯтида омад.

– Шуд? – пурсид уммедворона.

– Кор чатоқ, – хиҷолат шуд Зариф Рашид. – Як нобакор пайдо шуда, фелетонро чанг зада аз дасти котиба гирифтаст.

– На-хо-о-д? – ранги хабарнигор парид. – Ӯро мешиносед?

– Ҳо-о, қапида дар роҳ гап задам… Аз афташ онро бурда ба касе додааст. Ин палид ҳамин гуна одат дорад: якчанд вақт боз муфаттиш!.. Барои ришвахориаш ду-се сол хобида ҳам омадагӣ.

– Аҷаб коре! – зиқ шуда ба соаташ нигарист хабарнигор. – Тайёра пас аз як соат омада меравад… Ба сардабир дурӯғгӯй мешудаам-дия? – афсӯс мехӯрд ӯ. – Ба фурудгоҳ, барои фелетон одам мефиристанд…

– Боз як бор сим занед, – гуфт мудир.

– Чӣ гӯям? Фелетонро дуздиданд! – гӯям?

Зариф сар хам кард.

– Милиса ёрӣ медода бошад? – пурсид Арбобзода.

– Рафтем, – аз ҷо хест Зариф Рашид.

* * *

Ҳарду ба ҳузури майори милиса – Акрам Шароф даромаданд. Воқеаро шарҳ доданд.

– Дар фелетон сухан дар бораи кӣ мерафт? – пурсид сардори милиса аз хабарнигор.

– Худ хабар доред-ку? Қаллобию ҷиноят… Аз фермерҳои худатон!

– Аз фелетон чӣ хел хабар ёфтаанд?

– Надонистам! – китф дарҳам кашид Зариф Рашид.

– Аз таги замину кӯки ҳаво бошад ҳам, пайдояш мекунем! – аз ҷо хест Акрам Шароф.

Ҳарсе ба мошини сардор нишастанд. Рост сӯи идораи Н. рафтанд. Сардораш бо сари луч, кулоҳ дар даст, зери маҷнунбед дар соя роҳат мекард.

Мошини милисаро дида, ҷаста аз ҷо хест ва пештар омад.

– Ӯрол Ҷумъаро аз куҷо ёбем? – ба оҳанги таъкид пурсид Акрам Шароф.

– Чаро аз ман мепурсед ӯро? – ранги сардор парид.

– Хоҳед ки расво нашавед, гап бизанед. Варақҳо канӣ? Ӯрол куҷост? – аз таги манаҳи ӯ нигарист Акрам Шарофи кулӯлаю даҷам.

– Дар чойхона дида будам. Тарафи идораи рӯзномаи ноҳия рафт.

– Ана ин гапи дигар... Бефаҳмҳо! Ба номи ноҳия иснод овардед бо ин рафторатон! – гуфта ба мошин нишаст Акрам Шароф.

Онҳо сари роҳ ба идораи рӯзнома даромаданд. Он ҷо ғайр аз посбон дигар кас набуд.

– Сардабир ку?

– Ҳама ба танаффус рафтагӣ, – гуфт посбон.

– Ӯрол муфаттиш ин ҷо омада буд? Ӯро шумо дидаед, мешиносед?

– Ӯро кӣ намешиносад?.. Думи хука мекандагӣ як махлуқи Худо-дия.. Ҳозиракак ҳамин ҷо буд… Ду-се варақ коғазро оварда таъкид кард, ки албатта ба дасти Нусрат ака бидиҳам!.. Худаш зимми ғайб зад…

– Куҷо кардед онро?

– Рӯи мизи муҳаррир гузоштам… Биёрам? Мебинед!…

Биёред.

– Хуб шудаст.

Ҳар се ба ҳамдигар нигоҳ карда аз мошин фуромаданд…

Ҳамон варақи пасу пеш навишташудаи дастахтро, ки қат-қат гардидааст, қаровул овард.

– Ташаккур, амак! Ин дастхати меҳмон, аз пойтахт. Ҳамон

нобакор гирифта, ҳамаро сарсон кардааст, – ба Арбобзода рӯ овард Акрами Шароф.

Ин дам ягона тайёрае, ки ба марказ парвоз мекард, осмони водиро давр зада, то рафт баландтару дуртар мешуд.

Хабарнигор бо сарҷунбонӣ онро гусел медошт гӯё.

Ин вақт ака Нусрат ҳам аз танаффус баргашта буд.

– Варақҳоро диҳед, – гуфт ӯ, – мо ҳам «компютер» дорем, – тарафи Зариф хандида назар кард ӯ.

Пагоҳаш Арбобзода бо матни иловашудааш фелетонро аз «компютер» гирифта парвоз кард.

Дар фуроварди фелетоне, ки чоп шуда баромад, аз шӯъбаи фарҳанги вилоят тавассути факс хабари расидаро низ илова кардаанд: «Муфаттиш Ӯроли Ҷумъа ба гуноҳаш иқрор шуд ва дар асоси аризааш аз вазифа сабукдӯш гардид».

Баъд аз он муфаттишу он саркори «фирма»-ро одамон дар ноҳия дигар надиданд...

Аммо баъзеҳо ба идораи фарҳанг дароянд, котибаро дида, ширингуфторӣ мекунанд:

– Соҳиба!

– Лаббай!

– Муфаттиш омад! Гурез!

Соҳиба ҳоло табассум мекунад.

## ЗИНДАҲОИ КАФАНПЕЧ

1

Хабари омад-омади мулло Бойсоат ба Сунбулсой расид, ду тан, ки як ҷо сар ба сар мешуд, фич-фич гапи ӯ:

– Мулло Бойсоат меомадаанд!.. Шунидед?

– Не-ку, аз куҷо?

– Аз Бухоро!.. Даму дуояшон чунон зӯр будааст, ки!..

– Дарёҳои Тӯпалангу Қаратоғро чаппа мекунанд гӯед?.. – луқма партофт Абдулмалики танбӯрӣ.

– Бемалол! – гуфт ихлосманди ӯ усто Тоҷидини мӯзадӯз.

– Расо муҳобот кардед-дия, усто, – дарун-дарун хандид Абдулмалик ва гашта суол кард. – Ҳамон кӯсамард не, ки обҳои шифои Хоҷаи Пок ва Амонхонаро бӯшка-бӯшка бозори Деҳнав бурдаю бо оби одӣ омехта ба савдо мезад?

– Бале. Мардак чанд сол ин ҷо набуд. Мегӯянд, ки дар ҳамин солу замона «мадраса» хонда омадаст!

– Чӣ будани ӯро аз мо пурсед, – гуфт Абдулмалик. – Ғайбат нашавад, аз ӯ «корчаллон» – тар кас дар олам нест… «Мадраса» мехонд-ку гап набуд. Дар омӯзишгоҳи динӣ чанд вақт фаррошӣ кард. Аз он ҷо ҳуҷҷате бо худ оварда, хатиби масҷиди деҳаи Зарабоғ шуд. Муллобачаҳои зарабоғӣ писанду манзураш накарданд… Акнун ба қабристони бобоияш – Тан(ҳ)описта наздик омадааст-дия.

Чашмони калони усто Тоҷидин аз ин гап ҷаста баромаданд.

– Одамонро наҳ задан хуб не, додар. Одами хуб шавед… Ҳӯъ ана он танбӯрро гиреду якто оҳанги «Наво»-ро навозед, гуфт ӯ ва худ паси дастгоҳаш гузашт.

– Ёфтед, вақти «Наво» шунавиро, – хандида даст ба танбӯр дароз кард ҷиянаш Абдулмалик.

Усто Тоҷидин танбӯрро махсус он ҷо овехта мемонд, ки танбӯрнавозе ба дӯконаш ояд, ин ё он оҳангро навохта, ӯро хурсанд созад.

Дӯстонаш – муаллимони мактаб Самӣ Саъдулло, Саид Асомидин, Насиридин Нӯъмон, Оллоқул Самад низ дам ба дам ин ҷо омада, сӯҳбат мееоростанд.

Абдулмалик акнун гӯшакҳои танбӯрро тоб дода «тинг-тинг» ҷӯр мекард, ки онҳо қатор шуда омаданд.

– Навозед, мо ҳам шунавем! – хоҳиш кард устод Самӣ Саъдулло, ки чашмони кабудчатоби мешӣ дошт ва гапашро касе ду намекард.

Абдулмалик менавохт.

Усто дарзҳои рафтаи маҳсиеро бо дирафшу ду сӯзан монугир медӯхт. Аз овози дилхароши танбӯр роҳат мекард.

– Бо мо меравед, усто? – гуфт ака Самӣ. – Оши худоӣ будаст.

– Мо ҳозир аз ҳамон ҷо омадем, – тарафи дуторнавоз ишора кард ӯ.

Онҳо дар як дам соя барин дур шуданд. Устою мутриб гапашонро давом доданд.

– Мулло Бойсоатро наҳ заданӣ нестам, – гуфт Абдулмалик. – Лекин вай як одами бепою қадам аст!..

– Боз ҳамон гап, – эрод гирифт усто.

– Ман ҳафт пушти ӯро медонам охир, – илова намуд танбӯрӣ. – Завҷаи ман аз авлоди ҳамонҳо. Бобокалонашон «Саҳан Йӯлбарс» ном доштаст. «Паҳлавони покалон»-аш ҳам мегуфтаанд. Аз пӯсти ду каллаи барзагов чоруқ (ба қавли мо «басаночка») дӯзонда мепӯшидаст.

– Ӯҳ, – нидо кард усто.

Ҳарду завқ бурда хандиданд.

– Ана, шуд, – гуфта усто маҳсии дӯхтаашро ба коғазе печонда дасти ҳамсӯҳбаташ дод.

Абдулмалик аз киса як даҳсӯмии сурх баровард ва давоми гапашро думболагирӣ кард: – Бойсоатбой биёяд, баъд ба чӣ қодир будани ӯро оҳиста-оҳиста мешунавед!

– Монед, асло нашунавам! – хандид усто.

2

Гапи Абдулмалики танбӯрӣ ҷон дошт.

– Аҷаб не дар Бухоро таълим гирифта, одами хуб ҳам шуда бошад, – мегуфтанд бисёриҳо. – Лекин ӯ ҳеҷ гоҳ ба савияи муллоҳои ин кӯҳпора – Пасурхӣ, Кӯшкак, Авлод, Саросо, Ҳавз, Қӯрғонча, Вахшвор, Сина намерасад, ки дар Бедилфаҳмию Ҳофизхонӣ беҳамто буданд. Қироаташон ҳам олӣ, ба дараҷаи санъат мерасид.

Ин гап ба он солҳо рост меомад, ки ҷаҳониён филми «Марги судхӯр»-ро (аз рӯи асари устод С.Айнӣ) дар Қоҳира сазовори ҷоизаи «Уқоби тиллоӣ» дониста буданд.

Хуб, ин ҳама дар омади гап.

3

Ҳамон шабурӯз, ба хушбахтии Бойсоати Исмоил тағои ӯ ба мансаб расид. Бойсоат дар пероҳанаш намеғунҷид, дар деҳааш низ!..

Зуд аз маркази ноҳия ҷо таҳия карданд: телефон, қубурҳои газ, об (аз чашмаи калон) гузаронданд. Сарвари муллоҳои ноҳия таъин шуд.

Муллобачаҳо дар атрофаш парвона… Саллаи ӯро шалғамӣ баста, ҷомаю ҷелак, калӯшу маҳсиашро нав карданд. Аз деҳаи Лаклакон «Москвич»-и як бечораро арзон харида, тӯй ба тӯю азо ба азо мегаштанд.

Дигар чӣ коре ҳам доштанд?..

Бойсоат салобат дошт, аммо қироат не.

Сураҳои Қуръонро хушовозҳо мехонданд. Вай ба дуо даст мебардошт, гоҳе ваъз ҳам мегуфт.

Мусулмонони комиланд одамони мо. Ба диндор эҳтиром ва эътиқоди қавӣ доранд. Ӯро ба хурдтарин маъракаашон ҳам даъват мекарданд. Бойсоат ҳатман мерафт. Ҳатто дар шабҳои

ҷумъавӣ, ҷашну гӯштин ва бузкашӣ иштирок карда, ҳаққашро меситонд!..

4

Омад-омадаш ояд, ҳодисаҳо «ҷуфт-ҷуфт» рух медоданд.

Мардум «бозсозӣ» мекунем гуфта, усули нави гузарондани тӯй, («оши наҳор»), расму оини азодорӣ, урфу одати қадимиро ҷорӣ ва одамонро ба худотарсӣ тарғиб мекарданд. Ва ин бад набуд.

Ҳамон рӯзҳо дар деҳаи Н. хонуми як марди доро фавтид.

Ҷанозаро як бало карда Бойсоатбой хонд. (Амри маъруфаш»-ро дигарон карданд). Ӯ сари қабр ваъз ҳам гуфта таъкид кард:

– дар маросими дафн хайрот додан манъ аст;

– «хайрот» дар сари қабр не, пас аз мурдан не, дар зиндаҳолӣ дода шавад ва ғайра.

Нақшаи ӯ пухта будааст.

Охир, «хайрот»-и зиндаҳо дар таҳ-таҳ намеғунҷад-ку?!

Аз ҳамон вақт сар карда ҳама ба рафтору гуфтори ӯ диққат доданд.

Баъзе «мазахӯрак»-ҳои сари гӯр гумон доштанд, ки он рӯз камаш даҳ «рубл» ба даст меоранд. Охир, аз сари кӯи он одами доро бӯи пул ба димоғашон мерасид.

Баъд «хайротдиҳӣ манъ шуд» – гуфта бисёриҳо сари қабр намерафтанд. Гоҳе «тобуткаш» пайдо нашуда монд, дар рӯзи мурдаи бенавоён…

Ин албатта хуб набуд.

Баръакс, пулдорҳо вақти «хатм» бахшидан, ба ҷои се «рубл» акнун (ба аҳли ришу фаш ҳам) даҳсӯмӣ медоданд. Ба сарварашон якбора 25 сӯм!..

– Ӯ-ҳу-ӯ! Мо кам кардем, Худо зиёда гардонад! – гӯён Бойсоат пулро ба киса зада, қироатро ба дигарон мефармуд.

Муллоҳои таҳҷойӣ мутаҳайир.

Ҳамин тавр мулло Бойсоат кӣ будани худро нишон медод.

Ӯ дар ҳар деҳаю маҳалла намояндаи худро монд. Хоҳ дар маърака ояду хоҳ не, ҳаққашро аз ҳар хатм, дафн, тӯй, оши наҳор, «чил», «сол», ҳатто бузкашию гӯштин ҷамъ карда бидиҳанд.

Ҳо-о, супоришро муҳокима не, иҷро мекунанд-а?

Иҷрокунандагон ҳам таъбир меҷустанд. Ҳамонҳо худ таъбири «зинда кардани мурда»-ро ёфта баровroutанд.

– Чӣ тавр? – мепурсед шумо.

– Оддӣ. Тамоман одӣ.

5

Ин усулро дар деҳаи П. бори аввал дар маъракаи Бибӣ Фазила ҷорӣ намуданд.

Мувофиқи «болобардорӣ»-ҳои мулло Бойсоат он пиразани соҳиби фарзанд ва набераҳои обрӯманд, дар «зиндаҳолӣ» ба мардум хайрот доданӣ шуд.

– Оча, ин «ҳангома» чӣ даркор? Ҳоло аз шумо умеди калон дорем! Саду бистсола мешавед! Ана баъд боз «маслиҳат» мекунем-дия, – гуфт писараш Саид Шариф.

Онҳо худ медонистанд, ки ин корро касони барҷомондаи бекасу бефарзанд анҷом медиҳанд.

Пиразан гапи муллоро кард.

Пиразанҳои ин урфу расмро медонистаи деҳа омада, Бибӣ Фазиларо ба хонаи торик гузаронданд. Даруни кафани пешакӣ тайёр кардаашон хобонда, ба чанд ҷояш сӯзан халонданд (лек надӯхтанд)!..

Аз рӯи одат, то ошро хӯрда хестани мардум, ду-се соат (балки бештар) каси хайротдиҳанда бояд даруни он кафан мехобид!..

– Ав, шуморо хӯрам, – ибораи давраи «одамхорӣ»-ро ҳазломез ба забон овард пиразан ба дугонаҳояш. – Боз кафанамро якбора надӯзед!..

– Не-не, натарс! Намемурӣ! – шӯхӣ карданд Бибӣ Шарбат ва Бибӣ Панир ва худ барои ошхӯрӣ ба хонаи шафат гузаштанд.

6

Бибӣ Фазила он рӯзҳо секам сад сол умр дошт. Пиразани қаддарози нотарсе буд. Овозаш тундур барин гулдурросию босалобат буд. Барояш қариб аз бист метр суф кафан бурида буданду ҳоло даруни он мехобид.

Ӯро дар деҳа аксар Зардпарӣ мегуфтанд. Қиссаҳое мегашт дар борааш. Як касбаш чироғмонӣ (аз оини оташпарастӣ), дигар моманофии як деҳаи калон. Хонумҳо беозор дар дасти ӯ фарзанд ба дунё меоварданд.

Он деҳа камоб буд. Обро мардони майдон аз таги Кӯҳи Қаламқош бастаю ронда меоварданд. Боғи калони аз шавҳараш меросии Бибӣ Фазила доим беоб мемондаст. Қариб, ки токҳои ангури беҳамтояш хушк шаванд.

Шабе ӯ нотарсона ба Даҳанаи Шаъм (он ҷо чароғи лампа ё шаъм мегирондаанд шабҳо) рафта оби сарбандро тарафи боғи худ ҷорӣ мекунад.

Ӯ он шаб дар тан пероҳани сап-сафеди суф доштааст. Мӯи дарози жӯлидаашро партофта, зуд-зуд, аз хасу хошок оташ афрӯхта арғушт меравад дар сари ҷӯй…

Одамон аз дур дида мешиносанд! Гап назада ба роҳашон гузашта мераванд.

Худаш арғушт мерафтасту ашк мерехтаст. Он шаб то саҳар ҷӯякҳои ҳавзмонанди боғаш шодоб шудааст.

7

Ҳамон нисфирӯзии даруни кафан хобиданаш Бибӣ Фазила (Зардпарӣ) манзараи пурдаҳшатеро дар хоб дидаю як қад парида бедор мешавад. Кафанро пора карда аз худ дур меандозад.

Дугонаҳояш хабардор шуда меоянд.

– Як дами дигар хоб накардӣ? – мегӯянд бо хандоханд.

– За-мин ка-шад, шу-мо-ро! – эътироз мекунад Зардпарӣ, – Ин амалро, ки ба ман раво дидед, ҳаргиз ба дигаре раво набинед! Ман даруни кафан талхакаф шудам! Баъд аз се рӯз мемирам! – беҳол мегардад ӯ.

Воқеан ҳам пас аз се рӯз мардум гирёну нолон ҷасади он покиза инсонро ба хок супурданд. Баъд аз ин чанд вақт он русуми ҳавлангез дар деҳа фаромӯш шуда буд.

Бойсоатбой омаду онро аз нав барқарор кард. Аз ин рӯ хурду калон, дорою нодор худро «ош»-у хайрот медодагӣ шуд «дар зиндаҳолӣ!»…

Рӯзи чунин «зиёфат» додани амаки шодравон Самад Муҳаммадӣ хеле аҷиб гузашт.

Вай чиҳил сол дар заводи пахтаи Тирмиз заҳмат кашида ба нафақа баромад буд. Ба деҳа омада, як порча замини вайронаро ба боғи хуррам табдил дод. Ӯ ҳам расми «намурда кафандаро麵»-ро ба ҷо оварданӣ шуд.

Инро шунида хонумаш ҳам аз завод ҷавоб гирифта, пули зиёд ба миён баста омад.

– Ман ҳам, шӯҷон, ба савоб шарик мешавам? – гуфт. – Шумо сесӯмӣ «хайрот» диҳед, ман ҳам медиҳам!..

– Маъқул! – гуфтанд оқсақолҳо.

Бойсоатбой ҳам дуо дод.

Ҳафт деги калон (бо равғани зиғиру пунбадона) ош дам партофтанд.

Кӣ намехост чунин палав нахӯрад, шашсӯмӣ пул, нону қандалоти муфтро аз хонадони хайротдиҳанда набарад бо худ?

Пагоҳаш – субҳ гӯё замин кафида одам баромад. Фақат аз Бойсоатбой дараке нашуд…

8

Мардуми кунҷков дарҳол сабаби наомадани ӯро «кашф» карданд: ҳамон бегоҳ, вақти бозгашт, дар роҳ, хонуми беваеро фиреб дода, ба «Москвич» нишондаст… Хешони ӯ шабошаб хабар ёфта, ба сараш рафтаанд, шапошап кардаанд!..

«Ё аз қайд гузарондаю зан карда мегирӣ, ё аз ҷони ширин даст мекашӣ! – гуфтаанд.

Мулло Бойсоат аз тарси ҷон ба ҳамааш розӣ шуда, бо сару рӯи кафидаю харошида раҳи духтурхонаро пеш гирифтааст. Пас аз докапеч шудани сару гардан ду-се ҳафта аз хона набаромадааст.

Лекин «шербачаҳо» ҳақашро аз ҳама ҷо ҷудо карда меовардаанд. Соҳибони маърака ба ӯ ҳам бебаркаш мефиристодаанд. Зеро дар зиндаҳолӣ «хайрот» додан дар ноҳияҳои ҳамсоя низ ба авҷаш расида, аз ин даромади Бойсоатбой торафт афзун мешуд.

9

Баъдтар вай қоидаи дигаре низ ҷорӣ кард: «Маитро эъзоз бояд кард. Ақаллан то сари қабр болои тобутро бо матоҳои рангин, гилему қолинчаҳои патдор музайян созед! Ӯ бо худ намебарад-ку!..» – гуфт ӯ.

Ин гапаш ҳам ба мардум маъқул афтод. Аммо «оқибат»-ашро кам одамон ба худ тасаввур мекарданд.

Охир, ҳама якбора кӯр не-ку! Медиданд, ки пас аз «амри маъруф»-и сари қабр мулло Бойсоат ба «шербача»-ҳо имои бурут мекунад, то чизакои тоза-тозаро бурда паси «Москвич»-и ӯ биандозанд.

Бечора азодор кай парвои он чизҳоро дорад вақти дафн?

10

«Хуб, бало ба пасаш» мегуфтанд одамшавандаҳои деҳа.

Он ҳам дарди бахайр буд.

Лекин, вақте ки дар деҳаи Дидоркам инсони шариф – мулло Шоимқул фавтид, Бойсоатбой мақоли «Инсофу дин соф!»-ро тамом фаромӯш кард.

Шодравон мулло Шоимқул маркаби сафеди хубе дошт, ки ҳар ҷо маърака шавад, савор шуда мерафт. Онро Бойсоат таги чашм карда будаст.

Рӯзе ки «ҳафт»-и муллоро доданд, Бойсоат пиёда омада буд. Дар бозгашт бепурсишу бепӯшт-пӯшт онро савор шуда ҳай кард.

– Ҳа, мулло Бойсоат, бахайр? – пурсид писари аршади хонадон.

– Эъ, ин хар акнун «табаррукӣ» шуд, – гӯён шарм ба таги чарм кашид ӯ.

– «Махдум»-ро иззо надиҳед, – гуфтанд хешовандонаш.

Мулло Бойсоат чанд вақт, то соз шудани «Москвич»-и масту аласт ба симхарии битонӣ задааш, ба қавли худаш, «мазза карда» хари сафедро савор шуда гашт.

11

Ҳодисаи охирин боиси билкул шармандаю шармсор гардидани ӯ шуд.

Кадоме ба идораи ҳизбу ҳукумати ноҳия (назди тағоҷонаш) шикояте бардошта омад. Шарҳи он хеле мухтасар буд.

«Овозаи даму дуои Бойсоатбойро кадом келинчаки бефарзанд шунида, хонаи ӯро суроғ карда омадааст. Ӯ дар «чиллахона»-аш танҳо нишаста, гӯё китоб «тиловат» мекардаст.

Бечора келинчак аз куҷо донад, ки кӯсамуллои «номбардор» дар чиллахонааш чӣ «ихтирооте» дорад: он ҷо аз як бурҷи девор то бурҷи дигар тор кашида, рӯи он чанд курта-эзори мардонаю занона, рӯймоли заргарона партофта мемондаст. Ягон девонаю савдоиро он ҷо барои даму дуо оваранд ҳам, ӯ фаҳм мекардаст, ки чаро мулло «лозимиро» он ҷо кашол кардааст?..

Келинчаки бефарзанд ҳам онро дида дар ҳайрат меафтад.

Вай хеле дилкаш ҳам будааст. Ҷавонзани нозо-дия!

Мулло Бойсоат наздаш як коса об гузошта, дар даст қамчин расо дуо мехонад… Ниҳоят, ба авҷаш расондаю бо қамчин арбада карда, ногаҳон аз ҷо хеста: онро каш, бад-бахт! – мегӯяд ва бо ҳаяҷон ба «лозимӣ»-и сари тор ишора мекунад.

– Ин беимон чӣ мегӯяд?! – гуфта келинчак чӣ қадар дашноми туркию тоҷикӣ медониста бошад, баланд-баланд ба забон оварда, бо пошнаи туфлии таги дар гузоштааш кашидаю кушода ҷабини муллоро ба нишон мегирад!..

Рӯи ин кор муридҳои мулло ҳозир мешаванд. Хуни ҷабини муллоро пок карда «йод» мемоланд. Аз хонум – келинчаки «нозо» узр пурсида, «сирри дӯстон пӯшида беҳ!» мегӯянд, то ба касе дар ин бора гап назанад.

Лек, яке пеши сели кӯҳсорро гирифтан мушкилу дигар неши забони мардумро... Бар замми ин «шикоят»-ро ҳам рост бурда ба дасти «тағоҷон»-и мулло мерасонанд!..

Ёбеду гиред!..

Бойсоат мурғи посӯхта барин худро кучо занад, намедонист.

Ҳамин тавр, бозори манофеъаш касод шуда, нақшаҳояш ба пуч мебаромаданд!..

Яке аз муридҳояш, ки оҳиста-оҳиста остонаи ӯро тарк мекарданд, шӯхӣ-шӯхӣ маслиҳат бидод:

– Ака муллои калон, – гуфт ӯ, – шояд ҷанобашон ҳам «хайрот» медиҳанд? Тамоми мушкилот бартараф мегардад!.. Якто «оши наҳор» киро куштаст? – шӯхӣ низ кард шогирди «касофат»-аш. – «Москвич»-у хари сафедро мефурӯшем, харҷ мекунем. Обрӯ аз даст наравад!..

Бойсоат лабханд кард.

«Ин фалокат, – аз дил гузаронд муридаш, – боз як найранг мебарорад!»

– Ман розӣ, – гуфт Бойсоат, – ба шарте, ки мисли дигарон маро ҳам даруни кафан наандозанд!.. Одамон маро ҳам ба қатори «зиндаҳои кафанпеч» ном нагиранд!..

– Не-дия, муллоҷон! – гуфт ҳофизи хушхони деҳа–пушту паноҳи ягонааш Неъматуллои ғамхор. – Ин қоидаро худ ҷорӣ кардед! Мо дастгирӣ намудем. Акнун ҷои гурез нест!..

– Э гум бӯл-э! (Дафъ шав-э!) – гуфта Бойсоат хари сафеди «табаррукӣ»-ро тозонда, аз мавзеи Дидоркам ба қасди макони ангуру мавиз сӯи мавзеи Хоҷа Соат нишеб шудааст. Раҳораҳ дилаш бухс карда, пайваста суруд мехондаст:

*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,*
*Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад.*

Қиссаи «Зиндаҳои кафанпеч» ҳамин тавр аз забоне бар забоне мерафту ӯро дар ҳама ҷо думболагир мешуд.

## ЭҲТИРОМ БА ҚАСАМЁДИ ГИППОКРАТ

1

«Овозаи Рустам беҳ аз Рустам» ҳамин будааст.

Овозаи Ҳафиз духтур ба зодгоҳаш пеш аз худаш омад, ки ӯ он вақт дар истгоҳи «Ёрии таъҷилӣ»-и пойтахти тоҷикон кор мекард. Мошинҳошон тавассути ратсия идора мешуд. Духтурҳошон сар то сари шаҳр, чун фароштурук давр зада, сари роҳ ҳам амалиёти ҷарроҳӣ анҷом дода, дар мамлакат номбардор шуда буданд.

Кор дар он ҷо барояш боиси ифтихор буд. Доим дар ҳалқаи дӯстон ва устодонаш буда, вақти холиашро бо хондани китобҳои нодир (аз Кутубхонаи давлатии Фирдавсӣ) мегузаронд. Ҷои исташ ҳавлии пиразан «Н» буд. Иҷора менишаст. Худаш, завҷааш Норбибӣ ва писарчааш Ҷовид… Мисли ҳамаи наврӯзғорҳо хонаи зисташ ҷиҳози зиёд надошт: сандуқ, кӯрпаю кӯрпача, мизу курсӣ, чойнику пиёла… Зиндагияш – хуб, муҳимаш – ҷои кораш маъқул. Касе ки ёрӣ пурсад, ёрӣ медод. «Назди Ҳафиз духтур меравем!»-гуфта аз воҳаи Сурхон, аз кимкуҷоҳо бемор меоварданд. (Он вақт Душанбе беморонро аз ҳама ҷо, бемонеа қабул мекард. Дертар замона дигар шуд).

2

Як саҳар дарвоза тақ-тақ шуд. Ҳафиз нав аз шабкорӣ омада буд. Норбибӣ писаракаш сари китф баромад:

– Кист?

– Хонаи Ҳафиз Умар ҳамин ҷо? – овози шиносеро шунида, занҷираро бардошт. Рӯ ба рӯяш собиқ роҳбари хоҷагии асалпарварӣ Неъматро бидиду шинохт ва «дароед» гуфту худ пас гашт. Рӯи кати зери чинори азим кӯрпача андохт. Дастархон густурд, дар чойники сафеди одӣ чой овард. Ҳафиз ҳам чашмони хоболудашро молида омаду гарм вохӯрӣ ва пурсупос кард.

– Кулбаи моро чутӯр ёфта омадед? – пурсид Ҳафиз хоксорона.

– «Пурсида – пурсида Маккаро ёфтаанд!» – калонгапӣ кард Шастрӣ.

Ҳафиз хандид. Медонист, ки вай чанд сол сардори хоҷагиҳои калон буд. Аз сиёсаташ дару девор меларзид. Ҷуссааш хурд бошад ҳам, гапҳояш бӯғҷома барин. Улфатҳояш «Пипини пастак» ё «Салом калта» гӯянд, худаш аз куҷоҳо номи шахсиятҳои қадпастро ёфта, ба онон тақлид мекард, ба Левинсон (аз романи «Торумор») ё ҷаноби Лаъл Баҳодур Шастрӣ монанд мекард худро, ки баъдҳо ҳама Шастрӣ мегуфтанд. Он замон кордаш болои думба буд. Гӯсфандони ҳисорӣ, қароқӯлӣ ва сури тиллорангро дар ҳуҷҷат каму зиёд нишон дода, ба даст хӯрда буд, бо дастгирии кадом «амак»-аш аз ҳабс монд… Иллат биравад, одат наравад гуфтагӣ барин, ҳоло ҳам аз каттадимоғӣ ба ҳавлии фақирона ва чинори баланд назарногир сайъ мекард:

– Иҷора мешинед?

– Мувaққатан… Ба қарибӣ хона мегирам…

– Зиндагии шаҳр душвор-а?

– Душворӣ ҳам дорад, вале гуворо!

– «Гуворо»-яш чӣ?

Ҳафиз тааҷҷуб кард. Зиёие, ки «гуворо»-ро надонад, чӣ ҷои посух мегуфт ӯ ба худ.

– Дар ҳамин чойникча чой мехӯред? – аз осмон тароша афтонд.

– Наврӯзгорем, раис, – худро ноҷӯр ҳис кард ӯ.

– Медонистам, як баста чойнику пиёлаи қирмизӣ меовардам. Очаи бачаҳо болои ҷевони қатор чида мондааст…

Ҳафиз гапро ба шӯхӣ гардонд:

– Чойники «қирмизӣ»-и шумо садқаи ин чойникчаи мо шавад. Мо аз ин ҳар шому саҳар чой менӯшем… Инаш хуб не?

Чашмони кабуди Шастрӣ милт-милт тофт:

– Гап дар чойник не, – гапашро гум кард вай.

– Дар чӣ, раис?

– Кор ҳаст, додар. Ёрии шумо лозим.

– … Як қулт чой нӯшида ба гапи ӯ гӯш дод Ҳафиз.

– Як акахондам катӣ омадам. Одами хуб. Шаш моҳ пеш тобути писарашро аз афғон оварданд. Очааш савдоӣ барин шудааст. Илоҷи ба ягон духтури нағз нишон додан ҳаст ё не? Набихон одами доро, ҷонаша дареғ намедорад, – хулоса кард Шастрӣ.

– Дороияш барои худаш, ака! Аз ҷои дур баумед омадед, – гуфт Ҳафиз, ки тоқати чунин гапҳоро надошт, – ҳамин кифоя…

Меҳмон ҳамаро мисли худ таъмакор мепиндошт…

– Бемор куҷост? – пурсид духтур.

– Дар сари роҳ.

– Чаро наовардед?

– Ҳастед – нестед, – гуфтем…

Ҳафиз либосивазкунӣ хона даромад.

3

Неъмату Ҳафиз пасопеш сари роҳи вокзал баромаданд. Одам бисёр. Мошинҳои беҳисоб, даста-даста ҷавонони ба аскарӣ даъватшуда аз қатора фуромада, сӯи гарнизон мерафтанд. Ба назди «Нива»-и зангор расиданд, ки он холӣ, дарҳояш кушода…

– Бемор гурехта бошад? – ҳайрон шуд Неъмат.

Зани писармурда Гулниҳол то ин ҷо омадан ором буд. Вай аз тиреза ба одамон, мошинҳои беҳисоб ва сафи аскабачаҳо чашм афканда, ногоҳ бо дили ғарқи хун аз шавҳараш пурсид:

– Мардак, мана куҷо овардед?

– Ба Душанбе. Ба духтури Душанбе баред, мегуфтӣ-ку. Мана, овардам. Ҳозир ба духтур нишонат медиҳем…

– Ин мард гапи рост надорад-е. Ин ҷо Кобул-ку? Ҳа, дилизор (телевизор) нишон дода буд: ана кӯчаҳо, мошино, аскаро!.. Ҳӯъ ана, бачемо даст афшонда меравад! Ист гӯед, аз пасаш давед! – худро аз дари воз партофта бари боло давид бемор: писарҷон! Ист, нарав! Бачекам! Ту зинда будию ба мани зор «мурд!» гуфтанд… Ҳаҳ хонаи дурӯғ… сӯзад!.. Ист, туро серӣ бинам!..

Бемор ҷиншамол барин медавид. Вай рафта – рафта дар гулгашт, назди боғбон, ки навдаҳои гулро қайчӣ мезад, дармонд. – Бинед, амакаш!.. Писарат мурд гуфтанд. Вай бо ҷӯраҳои аскараш ҳамин сӯ гузашт, мурам манак, гум кардам. Надидед, куҷо рафт?

Боғбон аз авзоъи зан огоҳ шуд:

– Илоҳо зинда бошад, писарат! Ӯро меёбӣ! – гуфт…

Рӯймоли шоли зан аз сараш афтод. Ӯ мисли ҳайкал шах шуда буд. Шавҳараш Набихон рӯймолашро аз замин бардошт. Ҳафизу Неъмат низ наздик шуданд. Мӯи парешони зан албастии аз банд раҳо шударо мемонд.

– Биё, бенаво! – ашкрезон Набихон аз дасташ дошта пеш омад, – кош писарамон зинда мебуд. Ману ту ба ин рӯзҳо намеафтодем… Борҳо гуфтам, ки аз ёдат барор! Вай қаҳрамон шудагӣ. Командираша аз марг наҷот дода, худашро ба тири душман партофтагӣ… Командир ба диданат меояд, ҳоло!..

Бо ҳамин гапҳо ӯ беморро то «Нива» расонд.

– Мана куҷо мебаред?

– Бесабрӣ накун! Ҳозир пеши духтури нағз меравем. Бин, одамон «раҳмаша Худо хӯрад!» мегӯянд, дуо мекунанд…

– Чӣ? Дуо? Зудтар ҷонаша гир! – гӯянд, – ларзида ба мошин даромад. Ҳафиз ҳам нишаста онҳоро рост назди клиникаи доктор Яъқубӣ бурд.

4

Яъқубӣ пас аз муоина айнаки дастатиллоияшро яллақос занонда ба даст гирифт ва беморро назди ҳамшира Асалбибӣ гузошта, ҳамроҳи Ҳафиз Умар ба кабинети дигар гузашт.

– «Просто нервное растройство!» – хулоса кард ӯ. – Худамон дар ҳамин ҷо табобат мекунем.

Ба Асалбибӣ гуфтанд, ки ӯро дар хонаи дукаса ҷой диҳад.

– Хабардорӣ карда истед, – гуфт ба Набихону Неъмат, ки зору низор зери дарахт меистоданд.

Онҳо «ташаккур!» гуфта рафтанд.

Ҳафиз ҳам пас аз ҷо ба ҷо кардани апаи Гулниҳол хонааш омад.

– Куҷо шудед? – пурсид завҷааш. – Хавотир шудам. Чӣ гап, худаш?

– Меҳмон… як касал овардааст. Бечора занак, дар ғуссаи писараш савдоӣ шудааст… Хабардорӣ карданам лозим… Савоб аст…

– Савоб? Ягонтааш миннатдор шуд, охир? – лабханд кард завҷааш.

– Эҳ занҷон! Худо нишон надиҳад доғи фарзанд ба модар! Нашунидаӣ, ки гуфтаанд:

*Ба корафтода коромӯз мебош!*
*Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош!*

Духтур ин байтро такрор-такрор хонда худро рӯи рахти хоб партофт. Норбибӣ шишаи шири нимгармро ба даҳони тифлаш гузошт, то гиря накунаду ба хоби падараш халал нарасонад.

5

Гулниҳол дар касалхонаи Яъқубӣ бист рӯз табобат гирифт. Хеле рӯ ба беҳбудӣ овард.

Шавҳараш ҳар ҳафта меомад. Ӯро дида хушҳол бармегашт… Ҳарчӣ аз дорую дармон лозим шавад, ёфта меовард. Доруҳо, сӯзанзаниҳои бонизом, таомҳои саривақтӣ вазъи ӯро рӯз то рӯз беҳтар мегардониданд. Чӣ хел, ки вай аз Яъқубӣ метарсид: сари пурмӯй, бинии дароз, бурути сип-сиёҳи ғафс, ки бо абрувонаш ҳамранг буданд, айнаки дастатиллоияш ӯро хеле босалобат нишон медоданд.

Аммо Ҳафиз духтур дигар: ҷавони кушодарӯй, мулоимгап. Духтур бошад, ҳамин хел бошад… Доим аҳволпурсӣ мекунад!

Гулниҳол ба духтурҳо ихлос монд. Ихлосу халос! – гуфтаанд.

Лекин одамони кунҷков ҳам дар ҳама ҷо будаанд. Рӯзе ҳамшираи шафқат Асалбибӣ аз Гулниҳол пурсид:

– Ҳафиз духтур ба худат кӣ мешавад?

– Ҳамшаҳр, – ҷавоб дод ӯ.

– Ҳамшаҳр лав задай! Хеши наздик не?

Асалбибӣ беҳуда суол надода буд. Вай гумон мебурдааст, ки Ҳафиз аз духтурҳои «таъмакор» аст… Ким-чӣ хел лақид дар ҷое.. Ин гап ба Яъқубӣ ҳам рафта расид. Зуд ӯро наздаш хонда, танбеҳ дод:

– Асал, чӣ гап аст? Шарм намедорӣ? Дар ҳаққи одамон надониста гап назан! Одами хуб шав!.. Ғайбат чизи бад аст!..

Асалбибӣ узр хост.

Яъқубӣ Ҳафизро ҳанӯз аз давраи донишҷӯияш хуб мешинохт. Ҳар сол ин ҷо таҷрибаомӯзӣ меомад. Бе маслиҳат ба кор даст намезад. Иродааш қавӣ, чашму дилаш сер. Тоза мепӯшид, покиза мегашт. Зеботарин духтарони донишгоҳ, ки ҳамроҳаш мехонданд, ба вай майл доштанд.

Албатта ин гапи кӯча не. Боре воқеаи ногуворе рӯй дода буд, ки ҳамон вақт Яъқубӣ ва дигар духтурони шиносаш ба пурсабрию таҳаммули ӯ қоил шуда буданд.

## 6

Соли сеюми таҳсилаш буд. Як рӯз шарикдарсаш Санавбар ғайричашмдошт ба Ҳафиз таъна зад.

– Аҷаб бепарвоед-дия, акаи Ҳафиз.

– Чӣ гуфтанӣ ҳастед, Медея? – сар аз китоб набардошта пурсид Ҳафиз.

Санавбар фаъола ва аълохони гурӯҳашон буд.

Байни писарҳо Ҳафиз ҳам… ӯро ҳурмат мекард. Вай баробари соҳаи тиб, ба осори Юнон, драма ва назми он дилбохтагӣ дошт. Дар як нишаст байни худашон вай муноҷоти (монологи) Медеяро (аз кадом спектакл ё кино) иҷро намуд. Ҳафизи шӯх ӯро «Медея» гуфту ҳама одат карданд. Ин ба худаш ҳам маъқул шуд, ҳарчанд Медеяи соҳираю фусункор тимсоли некӣ набуд. Вай бо нохудои киштии «Арго» – Ясон ба ҷустуҷӯи гӯсфанди сури тиллоранг рафт… Вақте Ясон хост ба духтари шоҳи Корринф хонадор шавад, Медея рашк бурд. Рақибаашро бо ду писари аз Ясон шудааш кушт. Худ бо фойтуни аспи болдор фирор кард. Ҷасорати он зан ба Санавбар мақъул буд…

– Аз китоб сар бардоред! – бо нозу итоб такроран диққати ӯро ба худ кашид Сановбар. – Оё медонед, ки дили духтарон баъзан аз санг ҳам сахттар шуданаш мумкин?

– Медонам! – хандид Ҳафиз дандони даричадорашро нишон дода.

– Пас, аз чӣ Башоратро азоб медиҳед?

– Чӣ ҳақ дорам, ки духтари як касро азоб диҳам?

– Оё дил доред, дил?

– Аз дил гап назанед, Медеяи азиз! – боз хандид ӯ, – вақти як ҷарроҳӣ кӣ аз тарс бехуд шуда буд? Ман ё шумо?

Ҳарду завқ бурданд. Ҳафиз чилави гапро дигар сӯ кашид:

– Имсол ҳам пахтачинӣ мебаранд?

– Инро Башорат хуб медонад, – боз сари ҳадафи худ омад Медея. – Тағояш мудири кафедра… «Домод» мешудед, парвои пахтачинӣ ҳам намекардед.

– Ҳоло вақти ин гапҳо не, Медеяи азиз, – ба мижгонҳои пари зоғ барин сиёҳи ӯ нигарист. – Агар вақташ ояд, ба худи шумо гап мезанам! – духӯра шуд гапи ӯ.

– Эҳ, намурид? – Якто ба тахтапушташ зад Медея.

Занги даромад садо доду ҳама ба синфхонаҳо ворид шуданд.

Ҳафиз мутаассир шуда буд. Дарс ба гӯшаш намедаромад: «Чӣ кунам? Таҳсилро як сӯ монам? Домони ишқро гирам? Хонаи падар рафта, қуфли дил во кунам: Ҳарчӣ аз зоти гӯсфанду буз доред, фурӯшед. Ман ба боварии «Шаҳрзод»-и худ бояд дароям! – гӯям?

Ин як ҷиҳати масъала. Ҷиҳати дигараш, аз чӣ вай (Башорат) ба ман дил бастааст? Ман чӣ каромоте доштаам? Хуб, Ҳафизбой, ба дили худ ҳам як назар созед. Оё дар ниҳоди шумо ҳам аз ишқ асаре ҳаст? Беҳтараш, онро аввал аз ошиқон, аз шоирон бояд омӯхт. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

*Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,*
*Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин!»*

Он рӯзҳо Ҳафиз ин байтро зери лаб такрор карда мегашт. Гапи Медея, симои Башорати париваши соҳили Сирр дилашро таҳ мекашонд. Ду моҳи таҷрибаомӯзӣ, ки ҳар кадом ба ҳар шаҳру ноҳия тақсим шуда рафта буданд, Ҳафизро лаҳзае ором намегузошт.

Ду моҳ барои дигарон гӯё дар як мижа задан гузашт. Ҳама шодону хандон бозгаштанд.

Одатан, гурӯҳашон баъд аз бозгашт, нишаст ташкил медод: ҳар кас раҳоварди худро рӯи миз мегузошт: ғӯлинги Фалғару Хӯҷанд, парвардаи Истаравшан, нону кишмиши Самарқанд, тутмавизи Бадахшон, пистаи Деҳнаву албатта гӯшти «танӯрӣ»-и Бойсун – бо накҳати арчаи кӯҳию зира зеби дастархон мегардиданд. Нишаст охир шуду Санавбар (Медея) ба Ҳафиз луқма партофт:

– Ба шумо салом…

– Меҳрубонед, Медея… Аз кӣ?

– Аз кӣ мешуд? Аз волидайни …, – сӯи Башорат назар кард.

– На-хо-о-д?

Башорат ҷилави гапро дигар сӯ тофт.

– Ману Медеятон театр рафтанӣ… «Эдип» – шоҳро дидан мехоҳед?

– Чаро не… Рафта чипта биёрам?

– Чипта тайёр…Тағояшон Самандарӣ овардаанд…

Ҳафиз сар ҷунбонд.

7

Театр ҷои холӣ надошт. Одамон бе ашкрезӣ ба саҳна чашм дӯхта наметавонистанд. Ҷавонон бештар мутаҳайирона менигаристанд.

Ҳафиз Умар ва дугонаҳо Башорату Санавбар аз театри Лоҳутӣ то хобгоҳ пиёда, баҳскунон он масофаро тай карданд. Ҳарсе ҳам ғамгин… Тақдири қаҳрамони саҳна фоҷиавӣ буд.

Эдип – писари шоҳ Фив, ки қатлаш аз дасти писараш пешгӯӣ шуда буд, дар хурдсолӣ ба кӯҳ бурда партофта мешавад. Дар дасти чӯпоне зинда мемонад. Бузург шуда, бехабар аз кори дунё падарашро кушта, бо модараш издивоҷ мекунад. Чун мефаҳмад, ки пешгӯии коҳини пир рух додааст, ӯ худро нобино месозад…

Баҳси онҳо бо як сухани беэҳтиёт гуфтаи Ҳафиз анҷом ёфт: «Саг – вафо, зан ҷафо» – мегӯяд дар охир ӯ.

– Занҳо ҳам як хел не! – сӯи Башорат нигарист Санавбар. Ӯ сурх шуд.

Гапи беҷо ба Башорат сахт расида буд. «На ҳар кас ишқу ошиқи донад»-аш ҳамин, – аз дил гузаронд ӯ. Дар хобгоҳ бо касе гап назада, дергоҳ китоби рӯи мизиашон «Анатомияи одам»-ро варақ зад. Хаёлаш, аз ҳар саҳифаи он чашмони калон, лабони ғафс, мӯи ғулии Ҳафиз якҷоя бо устухон, косаи сар, қабурғаҳои холии даҳшатовар гӯё як сӯ, бо ваҷоҳат ҳаракат мекарданд… «Шарт буд оё пеши Санавбар «ба саг» баробар кардани зан? Иззати нафс гуфтанӣ гап ҳаст. Мо ба ӯ моилу ӯ безор!»-бо қаҳр китобро пӯшонд Башорат.

Онҳо хеле вақт ногап гаштанд. Ҳафиз ақаллан узр нахост, якравӣ кард.

Башорат рӯзе ба пурсиши хонуми тағояш Собинаи Самандарӣ сирри дил кард… Хонум яктои ӯро садто карда ба шӯҷонаш расонд. Бехабар аз ҳақиқати гап Самандарӣ масъаларо ҷиддӣ гирифт. Дар кафедра ахлоқи ҷавони «беодоб» муҳокима шавад! – гуфт.

Ҳама ҳайрон ва ҳукми қатъии пешакӣ: «Ӯ ҳақ надорад таҳсилро давом диҳад». Ҳафиз тарафи Самандарӣ бо хандаю истеҳзо назаре кард: «Эҳ кош, устодонаш Татяна Подолская ё Вячеслав Михайлович ин ҷо мебуданд… Онҳо дар Маскав… Кай меоянд, номаълум. Агар мебуданд, қилро аз хамир ҷудо мекарданд…»

Пагоҳаш Ҳафиз китобҳояшро ҷамъ карда ба қатора нишаст. «Нахондем, ҳеҷ боке не!» гӯён рафта дар истгоҳи Элбаён фуромад.

Шабошаб ҳафтод километр раҳи кӯҳистони Бойсунро пиёда тай кард, ба деҳаи азизаш Авлод расид.

## 8

Дар деҳа касе пай набурд, ки ба ин ҷавон нохушӣ рӯй додааст. Бекор нанишаст.

Вай бо маслиҳати падараш Умархон як қисми хонаҳои кӯҳнаро тит кард. Тарҳи нав кашид. Чӣ қадар чӯб, санг, шағал, рег, шифер, оҳак лозим – ҳисоб кард.

Замони фаровонии Шӯроҳои бузург чӯбу тахта кам набуд. Санг-фаровон ва ройгон. Дарёчаи кӯҳи вақти сел аз кӯҳ миллион тон сангро фуроварда дар ду тарафи соҳил тахт мезад… Аз сементу санг дандони мор барин суфтаю зебо девор бардошт.

– Чашм нарасад, ин ҳунарро аз кӣ омӯхтааст? – мегуфтанд аҳли деҳа бо таҳайюр.

Кори «сохтмон»-аш охир мешуд, ки ба вай чашм расид: лағҷида аз тори бом афтод. Пояш лат хӯрд. Бо кадом гиёҳи кӯҳӣ худ табобат кард. Хешу таборон ба дидораш меомаданд. Аз куҷо хабар ёфта, гирёну нолон Бӯрӣ Ҳаким расид…

Ҳафиз вақти сахт бемор будани ин ҷавони шапалтанг ёрӣ дода буд. Дар айни ҷӯши ҷавонӣ ин бечора, ба гапи як ҳангоматалаб парида, ба ивази як бузу бузғола сад кило намакро пуштора карда, ба хонаи ӯ мерасонад. Раҳораҳ ба обу арақ меғӯтад, рагу пайи сару гарданаш якбора шамол кашида, девона барин шуд. Боз худи ҳамонҳо «Бӯрӣ тентак»-аш гуфтанд. Табобати Ҳафиз духтур намебуд дар Душанбе, сиҳат ёфтанаш гумон буд.

Инак вай омаду:

– Хонаҳоро нав кардаед, муборак, – гуфт. Чой нӯшид. Таом хӯрд. Баъд ҷомаи сип-сиёҳи дарозашро кашид. Эзори сӯфашро нифа зад.

– Ба ман чӣ хизмат? – пурсид аз Ҳафиз.

– Хизмат нест, – гуфт вай.

– Гап ин тавр нашудааст, – оби дида рехт ӯ, – агар некиҳои шуморо аз ёд барорам, кӯр мешавам! Мардум «кӯри Бӯрӣ» мегӯянд… Ман барои ёрӣ омадам.

– Андак кор монд, худам эрмак мекунам, – гуфт хандида Ҳафиз.

– Истед, ки ман калон ё шумо?

– Албатта шумо, усто, – устои андова буд Бӯрӣ, ки инро духтур медонист.

– Ба сол – ман ба ақлу фаросат – шумо. Агар мани маслуқро шумо сиҳат намекардед, кайҳо ба пеши додом бурда буданд… Ҳарчанд «Бӯритентак» мегӯянд, лекин ақлам дар ҷояш… Тирамоҳ наздик… Иморат таги борону барф монданаш мумкин.

Бо ӯ баҳс фоида надошт. Ҳафизу ӯ хонаҳоро хушрӯ андова карданд. Рӯи сангҳои девор, мисли қафқозиҳо, алиф шакиданд. Дару тирезаҳо бӯи хуши ранг мекард…

Расо 24 август мошине омада, зери чормағзи азим қарор кард. Ҳафиз назар кард, ки устодаш Ростовщиков… Давид…

– Ҳо-о, «гурезпо»-и мо дар куҷо? – гӯён гарм вохӯрд.

Баъд ба кӯҳҳои наздикаки каб-кабуд, обҳои зулоли шилдиросзанон фуроянда нигарист. Бадоҳатан мисраҳои Рӯдакии бузургворро бо лаҳни шикаста ширин бихонд.

*Зи оби ҷӯй ҳар соат, ҳаме бӯи гулоб ояд,*
*Дар ӯ шустааст пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун.*

Аз шеърхонии «духтури урус» ҳама завқ бурданд.

Мо ҳам худро тоҷик гуфта мегаштем-дия! – ба пешониаш даст бурд усто Бӯрӣ

– Устод шеър бисёр медонанд, – шод буд Ҳафиз.

Ҳусни деҳа Вячеслав Михайловичро мафтун гардонид. Бо ҳавас ӯ ба ангури нав чашмакзада, анору биҳӣ менигарист. Як сӯ харсангҳои азим, як сӯ қарқари экскватору мошини сангшикан… Тамошои шоми деҳа боз аҷибтар буд, ки фаро мерасид.

– Усто Бӯрӣ, – гуфт оҳиста Ҳафиз.

– Лаббай, ака!

– Ҳунари қассобӣ доред?

– Оҳо-о, боз чӣ хел… Чӣ кушам? Барра, бузғола, гӯсфанд, гӯсола ё буқа?

– Э, шуд-шуд, – овозашро паст кард Ҳафиз.

– Гӯсфанди чориро бароред аз оғил.

– Хуб, ака! – Гӯшакӣ карда пурсид: – муаллиматон?.. Барои бурдани шумо омадаанд?

– Шояд, – ноаник ҷавоб гардонд…

– Худоя гардам, – усто Бӯрӣ дастафшону покӯбон дар рӯи ҳавлӣ ба ракс даромад. Вай гоҳ бел, гоҳ таёқи чӯпониро гирифта, гоҳ сатили холиро нақора карда, лаб-лаби ҷӯй рӯи сабза ғел зада арғушт мерафт. Устод ҳайрон. Умархон бо лаби пурханда корд тез мекард. Ҳафиз ба устодаш болохонаро нишон медод.

– Ин хонаҳоро аз нав сохтем. Ана вай «масхарабоз» ёрӣ дод, – ба усто Бӯрӣ ишора кард ӯ.

– Кори сара… Ҳа-а, «масхарабоз» мегӯӣ? Ӯро дар ҷое дидаам…

– Бемори сад кило намак бардоштаи мо, ана ҳамин, – ӯро дар клиникаи Яъқубӣ дида будед, устод.

– Дуруст… Ҳоло чӣ тавр?

– Сиҳат аст. Нафақа мегирад, кор ҳам мекунад…

– Нағз. Кор бикунад, боз ҳам нағз…

Устоду шогирд ба меҳмонхона гузашта, ба сӯҳбат нишастанд.

– Бо ректорамон Исҳоқӣ маслиҳат карда, ин сӯ омадам… Самандарӣ ба ғалаташ иқрор шуд. Ба дил нагир… мехонӣ, Ҳафиз, – гуфт устодаш.

Дигар ҳоҷати гап набуд. Дили Ҳафиз худ гувоҳӣ медод, ки чунин лаҳза рӯзе фаро мерасад. Устодони ҳақҷӯю фидокор, Медеяи соҳибҷамол нақш бозидаанд…Инак устоди арҷмандаш нахуст ба суроғаш омадааст…

Аз рӯи таомули деҳа чанд муаллими деҳаро хона даъват кард. Ба шунидани ин хабар сардори хоҷагӣ Раҳмон Бӯрӣ ҳам омад. Зиёфат шоҳона буд… Аз ҳама ҳам асали Авлод диққатро ҷалб мекард… «Онро бо асали замони Ибни Сино баробар метавон донист» – иброз дошт Ҳафиз.

– Ба ҳар ҳол, – гуфт ҷиддӣ устодаш, – замони мо замони озмоиши силоҳҳои зарравию лазерӣ. Радиация зиёд. Асали замони Ибни Сино ба ҳазор дард даво буд, чизи дигар буд…

Суханони Ростовщиков барои ҳозирин гӯшношунид буд. Ӯ аз Ибни Сино бисёр гап зад, ба заковаташ аҳсан хонда, сӯҳбатро метафсонд.

Шабошаб аз гӯшти гӯсфанди арчахӯрда, «деликатес»-и Бойсун тайёр шуд. Накҳати арчаи кӯҳию мазаи он лаззати хоссае

дошт. Ба устод хеле маъқул афтод, ки Ҳафиз печонда, ғами Душанберо ҳам хӯрд… Шабошаб Ҳафиз либосу китобҳояшро ҳам дар ҷомадон андохт. Ба усто Бӯрӣ сарупо дод. Ба устоди писараш Умархон ҷомаи зебо пӯшонд.

Саҳарии барвақт ба роҳ баромаданд.

Ҳафиз рӯзе, ки ба дарс рафт, барои худашу дӯстонаш, мисли он ки баъдтар дипломи аъло гирифта, бо устодону шарикдарсон хайрухуш карданд, лаҳзаи фаромӯшношуданӣ гардид.

Яъқубӣ дар симои Ҳафиз Умари духтур ҳамин гуна инсонро медид. Ҳамин ки вай ҳамшира Асалбибиро хушдор дод, ӯ ба Гулниҳол ҳам боз хубтар нигоҳубин мекардагӣ шуд.

Гулниҳол хеле сиҳат ёфт. Ҳафиз, ки ҳамон рӯзҳо ба Маскав, бо кори заруре бояд мерафт, ӯро хонааш овард. То омадани Набихони шавҳараш ӯ дар хонааш монд.

9

Дар ин мобайн Ҳафиз барои омӯзиши кадом як асбоби беморсанҷ («Узи») ба Маскав сафар кард. Аз он ҷо вай тез ва парешон баргашт. Воқеаҳои Россия, дигаргуниҳои сиёсӣ, низоҳои байни роҳбарони ҳизбу давлат, ки дар он шаҳри азими ноором огоҳӣ ёфт, ӯро моту мабҳут гардонд. Вазидани бодҳои самум, дарҳам-барҳамиҳои ногаҳонӣ ба ҷумҳуриҳо ва дӯстии байни онҳо футӯр расонданашро духтури ҷавон ҳис кард. Худо накунад, ки дар рӯзи равшани офтобӣ барфу жола бар сари мардуми Шӯравӣ борад! – мегуфт ӯ ба худ.

Омаду чанд рӯз зиқ гашт.

Ӯ ба тӯи писараш омодагӣ мегирифт. Тӯйро бобояш, дар деҳа, худаш гузаронданӣ шуд…

10

Гуфтем, ки овозаи духтур ба зодгоҳаш пештар аз худаш омада буд. Ниҳоят, худаш ҳам омад. Духтури кӯдакон, мудираш Худойқул ака хурсанд. Ӯро чун духтури аз шаҳри калономада эҳтиром карда, дар ҳар ҳолати ногувори беморон ба маслиҳат меоварданд. Вай мекӯшид, ки дар ташхиси бемор ғалат накунад. Аз ин рӯ ҳам духтурон, ҳам беморон ӯро арҷманд медонистанд.

Ӯ одате дошт, ки аз Авлод то маркази ноҳия пиёда меомад. Мошиндорҳо бо эҳтиром «нишинед» – гӯён мошин бозмедоштанд. «Ду пойи сиҳатро Худо барои чӣ додааст?» мегуфт. Пиёда рафтуо карда, ҳатто ҳисоб кард, ки он масофа 1111 қадам аст.

Дертар барояш мошини «Запорож» ҷудо карданд. Худаш меронд. Чизу ҷораи зарурати тӯйро худ мекашонд бо он.

– Ҳӯ-ӯ додар! – гуфт Неъмат ака Шастрӣ рӯзе. – Мо ҳам ҳастем… Тӯй кай?

– Пас аз як ҳафта, – гуфту «Даъватнома» дод.

– Боз як «Даъватнома» лозим, – гуфт ӯ. – Акаи Набихон ва апаи Гулниҳол ба тӯятон омаданӣ ҳастанд… Аз шумо ва Яъқубӣ бисёр миннатдоранд, – хотирнишон кард ӯ ва бо шитоб «Нива»-ашро ронд…

Ин дам Даврон артист бо ҳоли парешон омад:

– Доктор, шуморо кофта омадам.

– Чӣ гап?

– Духтарчаам сахт касал… Аз Тирмиз духтур хостем, аэродроми Бойсун қабул намекардааст.

– Касал дар куҷо?

– Дар шӯъбаатон…

– Ман ҳозир аз он ҷо баромадам-ку.

– Мо ҳам ҳозир овардем.

Зуд баргашт доктор… Духтарчаро бидид, ки қад-қад мепарад. Ҳама ҷояш бутун, лек таб дорад, чашм кушода наметавонад.

– Шамол кашида буд? – пурсид духтур.

– Не, – гуфт Даврон артист. Хонумаш хомӯш..

Ҳамаро берун баровард. Духтарча дар дасти модараш монд.

– Рости гапро гӯед, шумо ӯро сахт афтондед! Ҳамин тавр не?

– Ҳа-а, – сар ҷунбонд ӯ. – Шавҳарам фаҳмад, маро мекушад! – зора кард модари духтарча.

– Гап ҳамин ҷо мемонад… Мо табобат мекунем… Лекин духтарча гунг шуда мемонад.

Барои «гунг» нашудани духтарча бисёр кӯшиш ба кор бурданд. Модараш қариб, ки девона шавад, ҳамавақт аз сари دасташ паридани духтарча ба ҷарӣ, рӯи тобасанг афтодани ӯ пеши назараш меояд!… Падараш ҳарчи доруе, ки лозим буд, аз Душанбе, Тошканд, Алмаато ёфта меомад… Духтарча сиҳат шуд. Лек гапи духтур шуд. Вай якумрӣ гунг шуда монд[1]. Ҳама ба тақдир тан доданд.

---

1 Ҳоло вай ба камол расидааст. Шаби тӯй шуда рафтани дугонааш – Гулдаста ҳамчунон гирист, ки гӯё дар чашми осмон об намонд…

11

Неъмат даъватномаи Ҳафиз духтур додаро ба хонумаш дода гуфт:

– Тайёр шав! Ба тӯй мебарам! – ба «Нива»-аш нишаста худ тарафи Қумқӯрғон рафт. Вай медонист, ки Набихону Гулниҳол ба нияти тӯйи духтур як буқаи сесолро баста, чанд моҳ бонӣ карданд. Онро бо «КАМАЗ» ба Душанбе бурданӣ буд. Хаёлаш, ки тӯй дар Душанбе мегузарад. Неъмат хабар дод, аммо нагуфт, ки он дар куҷо барпо мешавад.

Набихон хурсанд, буқаро аз ҷойи хирмани пахтаборкунӣ ба мошин бор карда, нӯги ресмони шохбанду ҳалқаи бинии буқаро ба бордон баста, тарафи Душанбе ҳаракат кард. Неъмат аз ақиб омаданӣ буд, бедарак шуд. «КАМаз» ба Чоряккорон расиду чӣ тавр ба шаҳр даромаданашро надониста, таваққуф кард. Ронанда Ғаффори бурутӣ шаҳрро хуб намедонист.

Ин буд, ки як мошини «жигулӣ»-и зард омад. Аз он марди шофбуруте фуромад.

– Капитан Нур! Аз куҷо, пурсам? – ҳуҷҷат ҳаст?

– Аз Қумқӯрғон… Ба тӯй савғо овардем, – гуфт Ғаффори бурутӣ.

– Роҳи сафед, – гуфт капитан…

– Раҳмат, акаи Нур, – гуфт Набихон.

– Номи маро аз куҷо медонӣ?

– Ҳозир худ гуфтед-ку.

Ҳарсе баробар хандиданд.

– Кист, ки шуморо нашиносад, таъриф кард ронандаи КАМаз. – Шуморо тамоми Иттифоқ мешиносад. Дар Москаву Париж ҷоизаи аввалро гирифтаед.

– Бисёр таърифамон кардӣ. Чӣ мехоҳӣ?

– Мо ба шаҳр нобалад. Ба гузари Шоҳмансур, (кӯчаи умед 420) бурдани ин «тулфор» лозим.

– Ҳай кунен! – ба роҳи Ҷӯйбодом даромад худаш. Аз роҳи поёни Ҳисор онҳоро ба роҳи Моҳи Нав дароварда, аз паҳлӯи комбинати бофандагӣ тарафи Вокзал бурд ва сад қадам поёнтар аз бинои «Фароғат» қарор гирифт: – Ин тарафаш чор қадам…

– Ҷони одам будаед. Ташаккур, – гуфтанд.

Набихон тарафи хонаи Ҳафиз Умар равона шуд. Он ҷо касеро наёфт. Пиразани тотор Фироя дарвозаашро воз кард, ки вақти ин ҷо будани Гулниҳолаш шинос шуда буданд.

– Гулниҳол ёхши (нағз)? – пурсид ӯ.

– Нағз… Дар ин ҳавлӣ касе нест?

– «Хапиз жаннар тӯйға китти», – ҳама гапро якбора гуфт ӯ: Ҳафизаҷон ба тӯй рафтааст.

Латтаи Набихон дар об афтод… Пас гаштанд. Раҳораҳ дам гирифта вақти саҳар ба Бойсун расиданд. Аввалин касе, ки сари роҳашон баромад, Асрор милисаи Авлодӣ буд ва ӯро хоҳиш карданд, ки роҳи хонаи Ҳафиз духтурро нишон диҳад.

Ниҳоят тӯйхонаро ёфта рафтанд…

Асрор милиса аз нимароҳ баргашт.

Ҳафиз онҳоро хона даровард. Ба усто Бӯрӣ гуфт, ки буқаро нафуроранд. Пас аз обу зиёфат мошинро ҷавоб додан лозим шуд.

– Беҳуда заҳмат кашидед. Ҳатто буқаро то Душанбе бурдаед, – гуфт. – Онро намефурорем. Гардонда мебаред.

– Гап ин хел нашудааст. Апаатон хафа мешавад, – ларзид овози Набихон.

– Мо духтурҳо қасамёд дорем. Қасами Гиппократ! Мехоҳед, ки қасамзада бошам? Бечора апаи Гулниҳол дар ғами фарзанд касал шуд… худ набератӯй мекунед, – гуфта будед…

– Шукр, мол бисёр, – гуфт Набихон.

– Ҳамин тӯёнаи мост, охир?

– Тӯёнаи шумо.

– Моли мо шуд?

– Моли шумо шуд.

– Биёед ин хел кунем. Барору фурори он осон не. Ин акнун тӯёнаи мо ба худатон.

Набихон аз гиря бадтар шуд…

– Илтимос! Хафа нашавед. Чашми одамон чорто! Бо буқаи кас тӯй кард мегӯянд.. Хоҳиш ин ки мабодо ба қассобҳои Бойсун нафурӯшед. Рост хонаатон баред. Ба тӯятон хабар кунед. Бо дӯстон рафта, гӯшти ин буқаро хӯрда меоем…

Усто Бӯрӣ худро пучида-пучида мегирифт, ки духтур ҳамин хел «тӯҳфа»-ро рад кард…

Баъд аз чанд рӯз Ҳафиз духтур бо дӯстонаш дар «Зопорожец» нишаст. Неъмат Шастрӣ бо Нива сӯи тӯйхонаи Гулниҳол рафтанд. Буқаро Набихон пеши пои доктор сар зад. Гӯшти он ва ҳатто калла-почаашро хӯрда, тӯйро гузаронда баргаштанд.

## 12

Имрӯзҳо духтур Ҳафиз Умар дар маркази Бойсун «Узи» ба кор андохта, ба мардум хизмати беҳамто мерасонад.

Мегӯянд, ки вай боз вақт ёфта ба кӯҳҳои Фарҳод, Нур, Қуйроқ ва Қизилнавр мебарояд. Баъзе гиёҳҳои дору-давоиро, ки замоне Ибни Сино аз ин кӯҳҳо ҷамъ оваронда ба Балху Бухоро мебурдаанд, ҷамъ меоварад. Номҳо ва хосияташонро муайян месозад. Сипас, сари миз нишаста, менависаду менависад. Чӣ менависад, шояд ин сирр бошад.

Лек ба ман ҳаминаш маъқул, ки ӯ дар ватан аст, бо баду бо неки ҳамдиёрон шарик ва шоду масрур умр ба сар мебарад.

*Бойсун-Душанбе, 2003.*

## ҶАНГИ ПИШАК БО ОДАМУ МОР

1

Агар одӣ назар созед, гӯё ҳеҷ гап не.

Лекин, тасаввур намоед ба худ, ки пишак,

гурбаи одӣ

ё ваҳшӣ бо одам ҷанг бикунад!..

Ё ки бо мор… Мори калони карахт!

Даҳшатбор аст-а?!

Хуб, пишак ҳам як ҷонзод аст.

Бисёриҳо онро дӯстдорӣ мекунанд.

Дар хонаашон нигоҳ медоранд.

Парвои онро надоранд, ки ин ҷонвар ҳам, ҷояш ояд, барои инсон нафратовар шуда мебарояд…

Ман, иншодкунандаи ин сатрҳо, ҳамаи ҷонваронро ба як чашм медидам, ба ҷуз пишак.

Ин бесабаб набуд. Дар ман як ривояти халқӣ чунин таассурот боқӣ гузошта буд. Гӯиё пишак мегуфтааст:

– Эй Худо! Бачаҳои соҳибхонаи маро бикуш! Бикуш, ки ман дӯстдоштаи ин хонадон бошам!..

Худи ҳамин гап кофист, ки одам гурбаро (пишакро) бад бинад, сараш санг андозад.

Ба замми ин, боре дар соҳили рӯди Қаратоғ, аз ваҳшонияти пишак қиссае шунида, аз он тамом дасту дил шуста будам. Ҳар ҷо, ки баъд аз он пишаке медидам, ҳатман хам шуда, аз замин кулӯху санг мебардоштам.

Шояд шумо «он қисса чутӯ қисса?» гӯён суол ба миён меоред. Дарвоқеъ, агар мисли он ки шунидааму қисса карда битавонам, худ қазоват хоҳед бинмуд, ки он даҳшат аст…

2

На танҳо рӯйдод (қисса, воқеа) даҳшатбор буд, балки он кас ҳам, ки бори нахуст ва охирин барои мо қисса карда буд, босалобату пурвоҳима буд.

Ӯро усто Олими атласбоф мегуфтанд.

Пирамард қавиҳайкал буд. Аз дари дуқабатаи зебо кандакорӣ шудаи қадимии ҳавлияш базӯр, дуқат шуда, даробуро мекард. Сараш сабад барину чашмони чуғзӣ дошт...

Ӯро ҳамсояҳояш шастсола бемор мегуфтанд.

Муддати шаст сол ба ӯ як зани вафодор хизмат мерасонидааст. Он зан Маҳрӯ ном дошта, байни ҳамсояҳои тоҷику урусаш ба Морӣ шӯҳрат доштааст.

Чаро он номи зебояшро ба «Морӣ» иваз кардаанд, ба касе маълум набудааст. Инро танҳо устокори атласбофони қаратоғӣ Абдураҳими Сангқалагӣ медонистаасту халос. Зеро шавҳари аввалини ин зан дар солҳои ба ном босмачигарӣ ба тири Темур додхоҳи қаратоғӣ парида ҳалок мегардад. Мохрӯро ӯ аз ҷойҳои дур, бо зару зевари кофӣ гирифта гурехта будааст. Ҳанӯз ба висоли якдигар норасида будаанд…

Мувофиқи ривояти табибе аз деҳаи Ҳакимӣ (шимоли Қаратоғ) усто Олим вақти рӯй додани зилзилаи Қаратоғ навраси калонакак будааст. То бистсолагиаш устои машҳури атласбоф шуда ба воя мерасад. Он зани хушдораш ба тир паридаро иҷоб карда ба усто Олим медиҳанд. Ҳамон рӯзи аввали арӯсиашон усто Олим аз паси пардаи арӯсӣ барун баромада, баногоҳ сабади ғелонро дида, ғиреви одаму пишаки даруни онро шунида, мадҳуш меафтад. Боиси умре бемор шуда монданаш низ гӯё ҳамин будааст. Ва ҳамон зани бовафо – бибӣ Морӣ, то дами мурданаш, хидмати он марди мубталоро адо мекард.

Мардак аз ӯ ризо буд… Дар мобайн чанде гачча-гачча гап мезадагӣ шуда буд. Ҳамон вақт, бо кадом хешовандаш, ӯро диданӣ рафта, миёни кому забон гап задани ӯ, қиссаи «ҷанги одаму пишак»-ро шунида будем.

Он пирамард, баъд аз он ҳам, он қиссаро ба касе нақл накрада буд. Охирҳои умраш гӯшаш руст, чашмаш ҳам нобино гардида, бо олам падруд гуфт.

3

Пирамард гачча-гачча на танҳо қиссаи ҷанги одаму пишак, балки вазъи то заминларзаи Қаратоғро низ, таври худ, тасаввур карда, баён бинмуда буд.

Воқеан ҳам то заминларзаи азим, Қаратоғ масоҳати васее доштааст. Шаҳр маҳсуб мешудаст. Мардуми зиёд доштааст, ҳама пурҳунар будаанд. Серу пур зиндагӣ мекардаанд. Паҳлавону родмардон доштааст. Паризоду нозанинонаш зиёд… Аз шаҳру навоҳии атроф бо ҳавас одамон омада, чизу чораи дилхоҳашонро аз дӯконҳои зиёди ҳунармандӣ харид карда, духтарони зебояшро арӯс хонда, писаронашро ба домодӣ қабул карда, бо худ мебурдаанд…

Муҳимаш аъёну ашрофи шаҳр, то замони зилзила (соли 1908) чунон тартиботи банизом ҷорӣ кардаанд, ки касе ёрои риоя накардани онро надоштаанд.

Вале ҷомеа ин ҷомеа аст.

Ҳазор пешгирӣ намоед ҳам, дар оилаҳо, дар хонаводаҳо ҷангу хархашае ба амал меомадааст. Сардорони маҳалла ба як зудӣ ҳаллу фасл мекардаанд.

Аммо барои онҳое, ки ба ҷони одам қасд бикунанд, зино ё уздӣ содир намоянд, пурдаҳшаттарин ҷазо муқаррар карда будаанд. Ва он аз қадим-қадим замонҳо давом карда меомадаст.

Мабодо дар гузаре ё хонаводае хилофи тартиботи қатъӣ ҳодисае рух диҳад, ба номусе таҷовуз шавад, худи ҳамон соат намояндаи қозиёт ва одамони маҳалла ҳозир шуда, гунаҳкорро (мард аст ё зан, ё ҳардуро) гуноҳ ба гарданаш дайн карда, фавран бо худ мебурдаанд. Ҳукамою уламо, ки фатво медодаанд, ҷазо фаврӣ сурат мегирифтааст.

## 4

Ҷазо одӣ, бениҳоят қатъӣ ва сахт будааст:

– дар он теппаҳои баланди ҳар ду тарафи рӯди пуроб ва тезоби кӯҳии Қаратоғ дастгоҳҳои ниҳонӣ доштаанд;

– Одамони он дастгоҳ аз химчаҳои зардбеду юлғун, чени қади одам сабад мебофтаанд;

- дар заминканҳои алоҳида пишак нигоҳ медоштаанд, ки пишакҳои ҷангӣ маҳсуб мешудаанд;

– каси бегонае он ҷо наздик намешудааст;

– касе ришва намедодааст ва намеситонидааст;

– ин амал, вақтҳои эҳсоси авҷи фисқу фуҷур ба кор медаромадаст;

– махсус таъкид мекунанд ровиёни ахбор, ин қоида, чанд сол пештар аз рӯйдодани зилзилаи азими Қаратоғ, ки чил шабу чил рӯз замин, ба мисоли ғир-ғирак рафта меомадаст, риоя нашуда,

зану мард, пиру ҷавон аз роҳ бероҳа шудаанд ва ба қаҳру ғазаби Яздони пок гирифтор омадаанд;

– бутун як шаҳри азим дар қаъри хоку сангу кӯҳҳои нав пайдошуда мондаанд;

– ҳатто аз он дастгоҳҳои сабадбофию заминканҳои пишаки ваҳшӣ нигоҳ дошташаванда асаре боқӣ намонда будаст;

– он ҳазоро одамон аҳён-аҳён дар ёд доштаанд.

5

Ва он, чунон ки гуфтем, бо вуҷуди даҳшатафканияш, хеле одӣ ҳам будааст:

Одами гунаҳкорро даруни сабад ҷо карда, пишаке дар қабаташ мегузоштаанд.

Тасаввур намоед, ки даҳони сабадро зич пӯшондаю баста, аз баландӣ ҷар мекардаанд (яъне меғелондаанд).

Аз баландӣ ғелида-ғелида то ба соҳили дарё (даруни дарё) расидани он, пишаку одам аз тарс ба ҳамдигар дарафтода, маҳшаре бунёд мекардаанд.

Агар ин амал вақти камии оби рӯд рух диҳад, одами муаззаф аз ҳоли «сабаднишастагон» хабар мегирифтааст, аксар одамро ҳалоку пишакро зинда дарёфт мекардаст.

Рафту вақти обхез рух дода бошад, обу сел бо худ то соҳилҳои Сурхон ва гузашта аз он ба мавҷҳои бесадои Ому бурда таслим мекардааст.

Қисса мекунанд, ки баъд аз чанд соли заминларзаи Қаратоғ, ҳамон ҳазоро як бор, ҳангоми бистсола будану шаби никоҳи арӯсии усто Олими атласбоф, мардум такрор кардаанд. Ва ҳамин сабад, ҳангоми ғел хӯрдан, ба харсанге бархӯрда, роҳи худро дигар карда, ба лабгӯшаи айвони усто Олим зада даруни сели пуртӯғён меравад. Бемории якумрии ӯ ибтидои худро аз ҳамон ҷо мегирад.

Ҳамин фоҷиаро усто Олим баъд аз чандин соли каме ба худ омаданаш қисса карда будаст. Инро ҳам гуфта будаст, ки вай дар бораи ҷанги одаму гурба то он рӯз ҳам тасаввурот доштааст.

Вақте ки инро ман аз забони нимғурмаи усто Олим шунида будам, нисбат ба пишак нафрати зиёд пайдо карда будам. Аз ин рӯ, агар ҷое пишакро бубинам, тир намеёфтам, ки бизанам. Ноилоҷ, ҳатман хам шуда аз замин санге, кулӯхе, ё ҳар чиз ки ба дастам ояд, мебардоштам.

6

Вале, баъд аз воқеаи дигаре, ман аз ин раъям баргаштам. Тасаввуротам дар бораи ин ҷонвар тамом тағйир ёфт.

Ду сол пеш (аниқтараш 22 октябри соли 2004) дар «Тарозуи адолат» ном рӯзномаи додситони яке аз шаҳрҳои соҳили Ому «ҳодиса»-еро хондам, ки афсонаеро мемонд.

Ҳодиса дар мавзеи Ҷойилмоҳи музофоти Дилварзини Қадим* рӯй додааст. Дар он аз ҷанги «оштинопазир»-у таъқиби якдигарии пишаку мори дугазие сухан мерафт. Воқеаро Маҷоибхони Искандар, ки набарди пишаку морро бо чашми худ дидааст, зеби рақам кардааст.

7

«Аввалҳои моҳи октябр буд, – гуфтааст Маҷоибхон. – Миёндард шуда, дар хона, ҷогаҳу пӯстак андохта мехобидам…

Ҳамон рӯзҳо ҳавои тирамоҳ якбора сард шуд. Аммо намеборид. Биборад, хубтар буд, дардам камтар мегардид…

Дар ҳавлӣ, байни зурриёти ҳайвонот, пишаки зардалои базарбае ҳам доштем. Вай ба саги ҳамсояҳову рубоҳи соҳилҳои Сурхон дарафтода, мурғу чӯҷаи ҳамсояҳоро ба дод оварда мегашт. Номаш Мошон.

Мошон дар хона орому доим хоболуд мехобид. Бачаҳо лату кӯб кунанд ҳам, парво надошт. Аз хоб бедор, ки шуд, бо «даст»-и чап рӯяшро оби даҳон катӣ мешуст, бурути сихи ҷайра баринашро тоб медод. Лекин аз вақти ногаҳон сард шудани ҳаво вайро намедидам.

Рӯзи сард шудани ҳаво, қарибии ғуруби офтоб Мошон аз куҷое пайдо шуд. Ҳамчунон «мяв-мяв!» гӯён вағғасу даводавӣ кард, ки ҳамаи мо асабонӣ шудем. Аз чӣ ин қадар «девонагарӣ» мекард, ҳеҷ сарфаҳм намерафтам.

Ҳамсарам чой оварду каме муҳобот кард: «Беист «мяв-мяв» кардани гурба хосият надорад!.. Ба ин «пишаки шумо!» як гап шудагӣ! Дар бади ҳама зад-ку! Агар хафа нашавед, худи пагоҳ нест мекунам!.. Бозори Деҳнав бурда гум накунам, аз вай халосӣ нест!»

– Ҳар-чӣ ме-ку-нӣ, их-ти-ё-рат! Фа-қат ма-ро о-су-да гу-зор! – гуфтам базӯр нафас рост карда. – Пишак-ку пишак, худат ҳам дар назарам шум шудаӣ!

---

* Дилварзин теппа – замоне пойтахти Чағониёни бузург будааст. Пугаченкова як хум тилло ёфта он ҷоро машҳур гардонд. Ҳоло он ҷо олимони Ҷопон, тадқиқот мегузаронанд.

Занак чойникро монду бо захрханда берун шуд.

Ҳамон шаб бориш нашуд. Пагоҳӣ ҳам ҳавои абролуд боқӣ монд. «Ана меборад – мана меборад!» – аз ҳаво чашм намекандам…

Аз пишак ва «мяв-мяв»-и вай бехавотир будам, ки вақти азон хонум боз ғур-ғур карда хабаргирӣ омад.

– Пишакатонро надидед?

– Чутӯ акнун пишаки ман будаст? – ҷаҳлам омад.

– Шаб боз нест! Ман бозори Деҳнав меравам… Ба шумо чӣ биёрам?

– Пишаки дигаре бардошта набиёӣ, бас! – гуфтам бо ҳазл.

– Э намуред! – гӯён занак бирафт.

Аз байн ду рӯз гузашт.

Аз пишак дараке нашуд.

Ман таври худ занамро сарзаниш кардам. Дилам ба пишак месӯхт: «Дарахти макри зан сад реша дорад. Фалак аз дасти зан андеша дорад!» – гӯён суруд хондам. – Худи ҳамин зан бурда нест кард, аз афташ! – аз дил гузарондам. – Аздусар Мошон боз хонаро ёфта меояд бовар доштам ман…

Рӯзи сеюм ҳаво мӯътадил гардид. Офтоб баромад. Каме фориғ нафас мекашидам, ки духтарам Умеда аз берун, бо овози баланд, аз ман «шодиёна» хост:

– Да-да! Да-да-ҷон! Мошон омад. Пишакатон омад! Эҳ, хайрият! – гуфта Умеда бардошта гирифтанӣ шуд, ки Мошон даста надод. Ҷаҳида-ҷаҳида назди ман омад. Сар бардошта нигоҳаш кардам.

Думашро нарра карда ду-се бор тарафам мяв-мяв кард. Баъд наздиктари бухории барқӣ рафта худро гарм кард. Баданаш, пойҳояш ях барин. Дере нагузашта «хур-хур» хобаш бурд. Пас аз ду-се дақиқа чартӣ чашм кушод. Парешон ба тарафи ман нигоҳ карда худашро молиш дод. Хаёлам, ким-чӣ гуфтанисту фаҳми ман намегирад… Калла!..

Фарзандонам ба косачааш хӯрок андохтанд. Хӯрду боз зимми ғайб зад…

Бачаҳо хоначаи худ даромада, бо тайёр кардани дарсҳошон машғул шуданд. Калонҳошон маро ба тамошои филми ҳиндии «Инспектор» даъват карданд.

Филми хубе буд. Хаёлам, дарди миёнам монд.

Ниҳоят, филм охир шуд…

Бачаҳо ҳар кадом ба ҷогаҳи худ даромаданд.

Дар берун шамоли сахт сар шуда, аз роғи тирезаҳо шуввас медаромад, пардаҳои ҳарирро алвонҷ медод.

Хобам парида, ба ғуввоси шамол гӯш медодам. Баногоҳ аз ақиби тирезаи даҳлезамон, ки чароғаш шаби дароз фурӯзон буд, шарфаи шатар-шутур, тасар-тусур шунида шуд.

– Чӣ гап? – аз ҷо нахеста тарафи дари рӯбарӯ овоз андохтам.

– Да-да-а! Хезед, бин-е-д! – фарёди изтиробомези Умеда баланд шуд.

Хонум бошитоб наздам омада:

– Мардак! Хезеду бинед. Пишакатон бо як мор афтударафт дорад! – гуфт. – Боз вай пишаки бечораро як луқмаи хом накунад! Халос кунед! – раҳмаш омада ба зорӣ даромад.

Маълум шуд, он тасар-тусурҳо шарфаи ҷанги мору пишак будаст…

Чакман ба китф гирифта баромадам.

Писарҳо ба даст бел гирифтанд.

Мор доноӣ карда худро берун задани мешуд. Дари берун маҳкам… Вагарна, мор рост ба хонаи хоби бачаҳо роҳ мегирифтаст, ки пишак имкон надодааст!..

Медонистам, ки морони раҳгумзадаи Боботов* баъзан, аз ногоҳ сард шудани ҳаво дар Дашт монда, ба хонаҳои одамон, кашари чорво даромада, зарари молию ҷонӣ мерасонданд.

Худ дарк кардам, ки ҳамон рӯзи аввал ба таҳхона даромадани морро пишаки зирак дида будаст. «Мяв-мяв»-и муттасилаш низ аз ҳамин будаст, ки мо пай набурдаем.

Дигар ду шабу ду рӯз мори карахту пишак пайт ҷуста, «чашмаки ман-чашмаки ту!» гӯён якдигарро поидаанд. Чашми оташбори пишак дар таҳхона ба мор имкон надодааст, ки раҳи гурез пеш гирад…

Ҳамон бегоҳ пеши ман омадани Мошон, дар гармии бухорӣ худро каме тоб дода, баъд хӯрокашро хӯрда, ба ман «ким-чиҳо» гуфтанӣ шуданаш ҳам бесабаб набудааст…

Мо дигар ҷанг, гирифтугири сахти мору пишакро якҷоя тамошо доштем. Ба гурба ёрӣ дода наметавонистем. Белу каланд ба мори чапғалатдиҳанда не, ба пишак расиданаш мумкин буд…

Мор кулча зада дам ба дам ба пишак зарба ворид карданӣ мешуд. Карахтияш имкон намедод, ки пишакро бо як зарба печонда гирад…

---

* Боботов – макони морон ба шумор меравад дар афсонаҳои тоҷикони Бойсуну Сариосиёву Деҳнав. (Муаллиф).

Ногоҳ нохунҳои пишак ба чашми мор кора кард магар, ки мор кулӯла шуда, бо пишак даруни таҳхона ғелида рафт.

Дидани онҳо дигар имкон надошт. Чӣ шуд, маълум набуд. Думи мор ба девор мехӯрд, ки шарфаашро мешунидем…

Баъд маълум шуд, ки вақти афтодан пишак морро аз пушти сараш даҳан зада, бо нохунҳои тезаш маҳкам қапида будаст…

Ҳамин тавр ҳам пишак вағғасу фаххас зада морро кашолакунон аз дари вози таҳхона ба рӯи ҳавлӣ баровард. Вай «душман»-и ҷонҳоро ба осонӣ сар надод. Пас аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа, то хомӯш шудани тапиши думи мор онро дошта истод ва баъд аз каллааш ба хӯрдан сар кард…

Мори карахт ҳанӯз хам талвосае дошт… Мо аз ғолиб омадани пишак дар ҷанги беамони тан ба тан хурсанд будем. Чунин ҳодиса ягон-ягон рӯй медод.

8

Ин гап пагоҳаш дар атрофи Дилварзини мо паҳн шуд.

Пирамарду пиразанҳои рӯзгордида хона омада маслиҳат доданд, ки ба зудӣ хун барорем, ҳатман гӯсфанд бикушем, то ба пишак (то сер шуданаш) думбаи гӯсфанд хӯронем…

Агар пишак равғани думба нахӯрад, заҳри бадани мор ба дандонҳои пишак сахт осеб мерасондаст ва боиси ҳалокати натанҳо худи ин ҷонвари бовафои хонагӣ мешудаст, балки мабодо ба косаю қошуқ даҳонаш расад, барои дигарон ҳам хатар ворид мекардаст. Ягона давои он равғани дунбаи гӯсфанд маҳсуб мешудаст.

Мо ҳамин тавр ҳам кардем.

Мошон чанд вақт нотоб гашт, ҳатто пашмаш кам-кам рехт. Лекин думба дармонаш шуд. Вай ҳоло аз пештара ҳам калон, хушрӯ ва зӯру тавоно метобад».

Аз ростӣ,

баъд аз он ҳодиса, ки мани пишакбадбин ин ҷо қисса кардам, нисбат ба ин ҷонвараки хайриятхоҳ фикрам тамоман дигар шуд.

Ҳоло дигар ҳар ҷо пишак бубинам аз замин санг намебардорам. Балки ҳар чизи хӯрдание бошад, барояш дареғ намедорам.

Гап дар он аст, ки ин махлуқи Худо воқеан ҳам ҷонвари безараре будааст. Агар нек нигоҳдорӣ шавад, душман не, дӯсти хонаводагии инсон мешудааст.

*Душанбе-Деҳнав, 2005.*

## ҶОН ДАР КАФИ ДАСТ БО ПАРИЁН

Ронандагӣ ҳам мекардам ман он вақт.

Худам хабарнигору худам ронанда.

Дар ду вилояти калон гаштугузор доштам. Ба қавли сардабир «ӯболу савоб»-и мардуми тоҷикзабони он ду вилоят ба дӯши ман низ буд… Шабу рӯз, зимистону тобистон нагуфта як «Волга»-и сафеди наппа навро(!).. шаҳр ба шаҳр, дашт ба дашту кӯҳ ба кӯҳ ронда мегаштам… Чун ронандаҳои касбӣ ҷон дар кафу рӯ-рӯи яху барф, аз ағбаҳои махуф убур мекардам.

Ҳафт соли хабарнигорӣ ин як байт* бо ман буд…

Ҳафт сол беосеб гаштугузор доштам.

Парвои дунёро надоштам.

Вале соли охирини адои вазифа, чашм расид.

Чунон ки мегӯянд, гӯсола чаппа омад.

«Ба ҳамааш худат гунаҳкор, Ҷӯра Билол!» – мегуфтам ба худ. – Шабгардӣ хуб нест, хатарҳо дорад!

Не-не, гап дар ин ҳам не. Охир, қариб бист сол гузаштасту то ҳол он ҳодисаро фикр мекунам!..

Баъд аз воқеаи аввалин боз ду ҳодисаи мудҳиш – садамаҳои ғайричашмдошт дар ҳамон атроф, начандон дур аз Ағбаи Сапеддара рӯй дод… Чӣ сон Худо нигоҳ дошт, намедонам... Воқеаи дуввуму саввумро хуб дар ёд дорам. Зеро онҳо рӯзона дар пеши назари худам, вақте ки сари фармони «Волга» нишаста мерафтам, рух доданд!..

Аммо воқеаи аввалин то ҳол бароям муаммост!..

То ҳол касе аз дӯстонам, аз шиносу ношиносон намегӯяд, ки он шаби ситораборон маро дар Ағбаи Сапеддара, яккаю танҳо, даруни «Волга»-и сафед дидаанд ё надидаанд?..

Он ҳодиса, воқеан ҳам, ҳайратангез буд.

Субҳи ҳамон рӯз хонуми худ Покизаро дар Дараи Қаратоғ (деҳаи Ҳакимӣ) монда, ҷониби Душанбе роҳ гирифтам.

Вай он ҷо, назди волидонаш бимонд.

– Бигузор каме роҳат бикунад, Билолбой, – гуфтам ба худ ва

---

* Он байтест, ки ронандаҳои кобулӣ хушрӯ нависонда пешрӯйи худ мегузоштанд, вақти дилхоҳашон месуруданд:

«***Мекунам ронандагӣ, дорам талаб ман аз Худо,***

***Аз хатар эмин намо, ё Муҳаммад Мустафо!***»

шитобон сӯи устохонаи «СТО-1» (роҳбараш – дӯстам Абдулҳамиди Пирмат) рафта, рӯғани мошинро иваз кардам… Нату болташро кашонда, қариби бегоҳ бо дили пур, аз дарвозаи устохона берун шудам.

Лозим буд он ҳафта сӯи ноҳияҳои шимоли вилоят биравам.

Роҳ аз тариқи се ағбаи махуф мегузашт: аз Ағбаи Сапеддара, Ағбаи Чак-чак ва Ағбаи Тахтақарача.

Ҳамон субҳ пули ҳавлии дар маҳаллаи «Мехкалон» ба фурӯш расондаамро низ аз дасти дӯстонам Икромҷон ва Абдуқодир Ҷӯраевҳо гирифта, бо худ мебурдам.

Пули калон: сӣ ҳазор рубли русӣ.

Он вақт ду-се мошини майда харидан мумкин буд бо он пул.

Дар шаҳр дигар ҳушкашолие надоштам.

Рӯзҳо дароз буданд. Бароям лозим буд, ки шаб фаро нарасида ақаллан ба зодгоҳам Бойсун бирасам.

Мошин нағз мекашид. Ба мотораш гап набуд.

Сари роҳ дар ду манзил (Сариосиё ва Деҳнав) дӯстонам Нусратуллои Шоймардон ва Ҳафизи моҳипазро дучор кардам, ки каме боздоштанд, то шаб меҳмонашон бошам…

Чун фурсат надоштам, ваъдаи сӯҳбат ба вақти дигар дода, ба роҳам давом намудам…

Ман роҳҳоро панҷ панҷа барин медонистам.

Шунида будам, ки пули калони рӯи Сунбулсойро ҳамон баҳор сел гирифта буд. Бо роҳи наздики Миршодӣ не, балки аз тариқи ноҳияи Шӯрчӣ, чӯли беохири Катманро убур карда, сӯи Ағбаи Сафеддара гузаштанам лозим мешуд. Ин роҳ қариб бист километр дуртар буд. Бинобар ин дар торикшаб монда мерафтам…

Мошин роҳҳои зиёди вайронаи селзадаро тай карда, ба доманаҳои хокию сангии ағба часпида, ғурросзанон рӯболо мерафт, ки хоб бар ман ғалаба кард!..

Қариб буд, ки дар чанд ҷо мошин аз роҳ барояд. Бисёр мехостам байни талу теппаҳо ҷои бехатаре ёфта таваққуф намоям. Ягон даҳ-бист дақиқа рӯйи фармон сар монда бихобаму баъд боз роҳамро давом диҳам…

Таваккал ба Худо карда, аз талу теппаҳои хокӣ гузашта, ба ағбаи сангин расидам. Гӯё роҳ дар ҳамон ҷо қатъ мешуд!..

Атроф тип-торик!

Аз хамгаште як назар дидам, ки моҳи шомхӯрдаю суп-сурх аз ақиби Боботов, гӯё «хафаю дилгир» баромад!..

То сари ағба боз сесад-чорсад қадам масофа боқӣ монда буд. Ана ҳамин масофаро тай кардан басо мушкил шуд… Хоб чунон пахш мекард, ки дар ҳавои тозаи кӯҳсор, дигар гӯё илоҷи пеш рафтан боқӣ намемонд…

Дар ағба майдоние ҳаст, ки он ҷо бароям бехатар тофт. Он майдони начандон калон байни ду кӯҳи баланди сангин воқеъ шуда, холигоҳи байни ду кӯҳони шутурро мемонд.

Ниҳоят, бо азобе он ҷо расидам.

Мошинро аз роҳ берун, ба ҷои бехатар тоб дода, оҳи вазнине кашидам.

Дар чиҳил соли умри худ бори аввал эҳсос кардам, ки хоб ин андоза қудрат дорад!..

Тасмим ҳамин буд, ки он ҷо, сари фармони мошин, бист дақиқа мехобаму баъд боз роҳро давом медиҳам…

Тукмаҳои қулфи дари мошинро пахш кардам, аз тирезаи тарафи худам андак роғ гузоштам, то ки ҳавои тоза дарояд…

Сар рӯи дасту фармони мошин мондаму хобам рабудааст…

Ин таъриф не, одате доштам, кадом вақти шаб аз хоб хестанӣ бошам, ҳамон соату дақиқа чашмам чарти во мешуд.

Аммо ин дафъа ин тавр нашуд.

Қариб чиҳил дақиқа баҳузур хобидаам. Аз чӣ буд, ки боз хобидан мехостам… Ким-чӣ хел хоб дидаам ва ба он хоб гӯё хуморӣ шудаам… Давоми онро боз ҳам дидан мехоҳам!..

Лекин чашм кушода бинам, ҳар чаҳор дари мошин во…

Саросема даст ба ҷои пул дароз кардам. Сӣ ҳазор – пули як ҳавлии гулу гулзор дар ҷояш буд…

Ҳуҷҷати мошин, сиру ҳасиб, рӯғани маска, лимӯ ва дигар хӯрданиҳо, ки аз шаҳр бо худ гирифта будам, ҳама дар ҷояшон…

Ҳайратам меафзуд: бо чӣ нияте дарҳои мошинро воз карадаанд?.. Лек зиёне нарасондаанд…

Ақаллан пули тайёрро нагирифтаанд, ки он маблағ аз сӣ миллиони имрӯзӣ бақадртар буд.

Дарҳоро бастам. Дар рӯшании моҳ ва чароғи мошин ба таги по назар кардам. Ғайр аз пайи туфлии худам дигар на пай буду на ҳайдар!..

Муҳиммаш тарс надоштам.

Дилам рӯшан буд. Аз ин пеш ҳам ман тарсу набудам… Ҳафт соли сафари хизматӣ дар он сӯи Ому ҳам аз чизе ҳарос надоштам.. Ҳатто шабҳои торик дар наврасию ҷавонӣ…

Аз дилам гапе гузашту ба осмони пурситора наззора кардам. Чанде аз ситораҳо чунон наздик метофтанд, ки гӯё даст дароз бинамоӣ – мерасад… Хаёлам аз осмон ситора мефуроянд… Ситора мекӯчид… Ба ҳар ранг метофт…

Аз рӯи эҳтиёт «капот»-и пеши мошинро кушуда, муоина кардам: он ҷо низ ҳама чиз дар ҷо-ҷояш.

Баъд аз ҳамин паси фармон нишаста, калидро тоб додам.

Гургури мотор ногоҳ гургури дигари ҳамин ҳоло дар хоб дидаамро ба ёдам расонд.

Гургури тайёра барин, не гургури насоси обӣ барин!.. Вале гӯё аз дур.

Мошинро ҳай карда ба роҳи мумфарш дароварам.

Се қуллаи баландро печутоб хӯрда нишеб шудам.

То Кӯҳи Сафед, ки аз тагаш як тоққа об чиҳил бор давр хӯрда, дарун-даруни он дара ба водӣ мебаромад, боз якуним километр гузашта, ба селбур расидам.

Якзайл афсонаҳои сари Кӯҳи Сафед, он ҷо санг шуда мондани аждаҳое, тамғаи аз кӯҳ шорида рехтаю шах шуда мондаи хунро ба ёд меовардам…

Дар лаби чашмаи Оби шифои гӯгирд, ки аз мағзи санги мармари сафед заҳида мебаромад, таваққуф карда, дастурӯ шуста, се қулт об хӯрдам. Гашта мошинро ба ҳаракат овардам. Аз таги талу тобаҳои сурх мегузаштам, ки дар қуллаи кӯҳи Тан(ҳ)описта оташ афрӯхтани чӯпононро дида шердил шудам.

Акнун он тарафаш, то боғи падарӣ, боз бист километр роҳ дар пеш буд. Соатҳои дуними шаб ба хона расидам…

Чоштгоҳӣ аз хоб падарҷон бедорам намуд.

Дастурӯ шуста сари дастархон нишастам.

Аз боғ як лаълӣ ангури ҳусайнӣ, тӯдакчӣ, ҳақдодӣ канда, об гирифта рӯи дастархон гузошта буданд…

– Шабу нимишаб гаштан хуб не, – худ ба худ ба гап даромад падарҷон. – Шаб то саҳар дар хоб механдидед, мегиристед, ҳарза мегуфтед! – гӯё аз ҳама гап хабар дошта бошад, бо диққат ба ман нигарист. – Чаро келинро наовардед?

– Монед, каме роҳат кунад дар хонаи падараш, – гуфтам.

Гапи дар дил доштаро ба падар нагӯӣ, ба кӣ мегӯӣ!..

Хоби шаб дар ағба кушода мондани чаҳор дари маҳками мошинро низ базавқ қисса кардам.

Падарҷон ҳайрон шуд.

Гап назад. Пагоҳаш аз рамаи чӯпонамон як саркаи калон оварда, «хомталош» карда ба хешу табор ва ҳамсояҳо бидод.

Ман ҳам сер шуда гӯшт хӯрда, аз падар дуо гирифта пайи кори худ равона шудам…

Корҳоям бад набуд.

Ҳамааш бо роҳи худаш давом дошт. Супориши рӯзномаро адо мекардам.

Муҳиммаш солим будам.

Лекин, акнун, пас аз воқеаи Ағбаи Сапеддара ҳар шаб дар меҳмонхонаҳо хоб медидам. Хобҳои аҷоибу ғароиб: Парие аз само, дар либоси сап-сафеди ҳарир, дар иҳотаи париёни дигар меомадаст. Дар сар рӯмоли заргаронаи гулобӣ доштаасту дигарон рӯмоли ҳарранг!..

Номи парӣ То-мо (гӯё Томирис) будааст. Атрофиёнаш Тамара мегуфтаанд…

Янгаи соҳибҷамоли худӣ-ку? Хонуми амакҷон – Нарзӣ Қозӣ ҳо-о, ӯ Тамара ном дорад!.. Дар ҳусну ҷамол, ақлу фаросат, ҳунари кашидадӯзӣ (сӯзанӣ) ҳамто надорад… Ҳамеша хандон аст, ширинзабон аст... Чашмонаш фаттон, мисли чашмони духтарони Кӯҳи Қоф . Не. Онҳо париёни худи кӯҳсори Бойсун будаанд!..

Ҳамаашон танноз, зебо, доно, хушово!..

Чунон ноаён парвоз мекардаанд, ки гӯё замину осмон аз ҳастиашон ҳаловат мебурдаанд. Ман низ ҳамроҳи онон дар парвоз будаам. То осмонҳои дур бурдаю боз пас меовардаанд.

Ман пайваста рубоии Хайёмро мехондаам:

*Тан дар ғами рӯзгори бедод мадеҳ,*
*Моро зи ғами гузаштагон ёд мадеҳ.*
*Дил чуз ба сари зулфи паризод мадеҳ,*
*Бебода мабошу умр барбод мадеҳ!*

Томирис қариб ҳар шаб ба хобам даромада, дастам гирифта парвоз мекард. Ба осмонҳои дур мебурд.

Париёни дигар (фариштаҳои пок) дур-дур аз ҳамдигар парвоз мекарданд.

– Охир, маро куҷо мебаред? – суол мекардаам.

– Суоли бисёр мадеҳ! – мегуфтааст ҳамроҳи ӯ Салмо парӣ.

Томирис чашмони каб-кабуд, ҷабини васеи сап-сафед, абрӯ ва мӯйи сип-сиёҳи дарозе доштааст. Қадаш низ дароз, Парвозаш ҷозибадор ва бо шаҳомат!.. Ӯро духтари шоҳи париён мегуфтаанд.

Ман дар само гӯё аз дасти Томирис хато мехӯрдаам… Фарёдам ба фалак мепечидааст:

– То-ми-ри-и-с! Маро наҷот деҳ!

Салмо парӣ аз поён сӯям даст дароз мекардааст…

Қаҳ-қаҳаи париён дар само мепечидааст… Мисли турнаҳо саф мекашидаанд онҳо… Аз қаҳ-қаҳаи онон ҳаво меларзидааст.

– Ху-до-ё! – гӯён бедор мешудам.

Қариб як ҳафта, шабҳо ҳоли ман ҳамин: хоббинӣ. Аксар тарсида бедор мешудам. Лек ҳушам дар ҷояш буд…

Аз сафар баргашта як ҳафта дар хона мондам.

Дар хона набудани завҷаи қашангам маълум шуд…

Вай ҳам аз ҳеҷ парӣ монданӣ надошт. Оҳ, таомҳои таҳия кардаашро ҳеҷ як парӣ тайёр карда наметавонист…

Ошиқ шуда ман ӯро ба занӣ гирифта будам. Вай ҳафт хоҳару хоҳаркалон дошт, ки яке аз дигаре зеботар буданд. Аммо ҳеҷ кадомашон мисли Покиза не!.

Дар овони духтаракиаш ӯро дар деҳа ҳама «Шоҳдухтар» мегуфтаанд. Ҷавонони шӯх ӯро бинанд, беихтиёр бадеҳахонӣ мекардаанд:

*Шоҳдухтар – шакардухтар, шоҳи духтарон!*
*Абрӯкат ба ман бинмо, шавам бар ту ғулом!..* *

Покиза аввал механдидааст.

Баъд санге бардошта бо дасти чап сӯяш меғуррондааст.

– Шоҳдухтар! – мегуфтаанд шӯхтарҳо. – Бо дасти чап не, бо дасти рост санг андоз, ки ба касе бирасад!.. Дар асл, одати духтаракони деҳа ҳамин: кулӯху сангро ҳатман бо дасти чап меғурронанд. Ӯ забон бароварда масхара медоштааст. Баъзе сусттарҳоро дошта «тӯби футбол» мекардааст, то хонаҳошон рӯфта бурда, шармсор мегардондааст.

Вай арӯс шуда хонаи мо омаду худро зани занон гирифт…

Рӯзе, ки Покиза аз деҳаи Ҳакимӣ баргашт, мисли ман парешон буд. Нафас рост карда наметавонист. Писарчаамонро ба дастам доду гуфт:

– Зуд Тирмиз рафтанамон лозим.

– Чӣ гап «Шоҳдухтар»? – гуфтам хандида.

– Бародаркалонам суд мешудаст, – лаб ба лабаш нарасонда гап мезад ӯ.

– Чаро? – гуфта хандидам, ман аз мавзӯъ хабар доштам.

---

* Аз романи «Ғуломон»-и устод Айнӣ.

– Чӣ механдед? – қаҳраш омад. – Наравем, намешавад!..

– Пагоҳ – шанбе. Рӯзи корӣ не! – гуфтам. – Сим зада мефаҳмем. Агар зарур бошад, меравем, – ӯро сахт ба оғӯш гирифтам. Пазмонаш шуда будам.

Мехостам аз хобу хоббиниҳои худам гап бизанам. Не… Андеша кардам…

Ба Абдусалом сим задам. Худи ӯ гӯшакро бардошт ва гуфт, ки «суд ба рӯзи дигар мононда шуд»…

«Хайрият!»-гуфтам. Аз хона набаромада дам гирифтем.

Дигар чӣ лозим: хонум дар хона. Чой тайёр. Хӯрок дар вақташ.

Хонум дар барам-у боз хоб мебинам. Шаби дароз бо париёни Сафедкӯҳ парвоз мекардам… Шаби дароз гоҳ механдидаам, гоҳе мегиристаам!.. Субҳ мехезам – болишт тар. Тар аз оби дида!..

– Худоё! Чӣ бояд кард? Ба завҷаам гап назадам.

Бе ин ҳам рашкаш ларзаафкан буд. Агар шунавад, расо майнаро холӣ карданаш мумкин, лекин, хоббиниро пешгирӣ кардани худам лозим буд…

– Оё хоббиниро пешгирӣ кардан имкон дорад? – пурсидам аз Абдухолиқ ном писари ҷувозрони мулло Субҳон ва қиссаи хоббиниҳоямро ба вай гап задам.

Вай гапро ба падараш расондааст. Пагоҳаш Абдухолиқ коғазпече овард: ҳафт тор абрешими ҳафтрангу чанд гиреҳдоре!..

– Дар ҷои хушк нигоҳ доред, будаст. Отем париҳоро «баста» доданд. Дигар хоб намебинед, – гуфт ӯ.

– Эҳ, кори хуб накардаанд! – шӯхӣ кардам ман. – Чор рӯз бо «париҳо» дар само парвоз мекардем… Онро ҳам Худо гирифт! – «чилбанд»-ро даруни ҳамёни зарди чарминам гузоштам.

Як даста пулро ҳам ба дасташ қапондам. Абдухолиқ нагирифт.

– Бе ин ҳам «отем» аз шумо миннатдор! – гуфт ӯ таъзим ба ҷо оварда. – Некиҳои шуморо фаромӯш накардаем, муаллим.

Яке не, балки ду ҳавлии (даруну беруни) муллоро домоди худаш (аз бесаводии мулло истифода бурда) ба номи хонуми худ гузаронда будаст…

Судяи ҷавоне ришва гирифта, қарор ҳам баровардa додаст… «Аз ошёнаш наронед!» ном памфлет навишта, онҳоро фош карда будам…

Чоп шуду судя аз кор рафт.

Хонаҳо ба номи мулло ва писаронаш гузашта буданд… Ба ивази он некӣ кунун «чилбанд!»

– Инак, бинем-ку, даму дуои ин мулло ба чӣ қодир аст Ҷӯра Билол? – мегуфтам ба худ.

Нисфишаб Абдусалом аз Тирмиз ба хона сим зад: то ман наравам, гӯё масъала ҳал намешудааст.

Субҳ бо завҷаам равона шудем.

Ҳаво гарм буд.

Таги як куртаи беостин, ҳуҷҷату дафтарчаи хотиротро ба «дипломат» андохта паҳлӯи завҷаам гузоштам…

Ҳамёни чармини зард низ он ҷо буд… Наход онро кофта ёбад: – аз дилам мегузашт дам ба дам.

Соати даҳ ба Тирмиз расидем.

Мурофиа барпо гардид.

Абдусалом як вақт аз мардуми панҷобӣ хонадор шуда, аз он хонум як писар доштааст. Он зан даъво пеш овардааст.

Судя гапгузаронӣ карда, Абдусаломро бо андаке ҷарима аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намуд.

Ними рӯз аз он ҷо баромада, паси фармони мошин нишастам.

Абдусалом моро ба хонаи хонуми туркманаш Хадича даъват карда бурд.

Писарчаи қобили шашмоҳаи мо Ҳумоюн дар хоб буд…

Модараш даруни мошин нишаста, «Аз бекорӣ-кадукорӣ» – гӯён даст ба «дипломат» задааст… Албатта аз он ҷо чизи ба худаш «даркорӣ»-ро пайдо кардаст-дия!..

Ман аз дунё бехабар…

Сари роҳ савғо – тарбузу харбуза ва боз ким-чиҳо бо худ гирифтем… Ҳамааш гӯё дар ҷояш. Аммо завҷа бо ман ногап!.. Аз қошу қавоқаш барфу борон меборад… Вай ки гап намезад, ман низ ба даҳон об гирифтам… Ҳамроҳи Абдусалом соҳили Ому рафта, аз моҳигир як сатил моҳӣ харида овардем…

Моҳию пивои «Қибрай», ба қавли Абдусалом, худро мекушт!..

Ҳамон бегоҳ хавотир шуда падару модари Абдусалом низ расида омаданд. Хотирашон ҷамъ шуд… Пагоҳаш ҳамроҳи мо ба мошин нишаста, пас гаштанд…

Раҳорaҳ дар хонаи хешон дам гирифта, рӯзи сеюм онҳоро ба шаҳри Турсунзода расондам.

Завҷаам дар ин рӯзҳо бо ман ҳеҷ гап намезад. Бо модараш «фич-фич»-е дошту халос…

Аз вақти «чилбанд»-и муллоро гирифтанам чанд рӯз ҳам ки гузашта бошад, боре ҳам даруни ҳамёнамро хабар нагирифта будам.

Дар ин мобайн ба шарофати ҳамроҳам будани завҷаам ё ки аз таъсири «даму дуо»-и мулло Субҳон, ки хобу хоббиниро қариб фаромӯш карда будам.

Гоҳ-гоҳе механдидам, ки дигар париёнро дар хоб намебинам!..

Ҳамин як «паризод»-и худам – «Шоҳдухтар» бас аст, – гуфта ба каллачаи зебо, чашмони калони ҳазинаш менигаристам... Баногоҳ аз тағйир ёфтани вазъи ӯ эҳсос кардам: абрҳои боронии қошу қавоқаш пароканда шудаанд. Завҷаам худи гули намошомкушо барин зебою хушҳол буд он намози шом...

Мошинро дар қароргоҳ гузошта, хонаи хоҳараш даромадем. Ман либос иваз мекардам, ки ҳамёни чармини зардам аз кисаи пидҷак афтод. Онро бардоштаму «чилбанд»-и мулло додагӣ ба ёдам расид. Дидам, ки нест! Маълум шуд, ки завҷаам онро рӯзи Тирмиз рафтанамон ёфта гирифта будасту рӯзи ба шаҳри Турсунзода расиданамон ҳамроҳи очааш бурда, ба муллои калони Лаби наҳри Қаратоғ нишон додааст...

– Беҳуда хуноба нашавед, келин! – гуфтааст муллои мӯҳтарам. – Ба шумо дахле надорад. Кадоме хоб медидааст. Муллое чанд гиреҳ баста, дам андохта додааст... Чизи безарар!..

– Онро акнун куҷо кунем? – пурсидаанд.

– Лаби наҳр бурда, дар об шӯед. Дар ягон ҷои тоза гузоред ё ба об сар диҳед...

Рӯзи дигар завҷаам худ хандида дар ин бора гап зад...

Ман чизе ба ӯ нагуфтам.

Ҳоло бароям лозим буд бидонам, ки хоббинии ман чӣ тавр мешавад?

Ҳо-о, хоббинӣ боз шурӯъ шуд.

Ҳоло аз париёни Сафедкӯҳ дараке набуд. Хобҳои тамом дигар дигари кайҳонӣ медидам...

Пеш ба даму дуои мулло Субҳон бовар надоштам. Ба афту андомаш нигарам, хурӯси қашқарӣ ба ёдам мерасиду мокиёнҳои атрофаш...

Гап дар ин ки боре ӯ бо як пиразани «чироғмон» таври худ аҳду паймон кардааст: «Пеши ту, – гуфтааст ӯ, – занҳои нозой ҳам меоянд. «Даму дуои мулло нағз!» – гуфта онҳоро назди ман фирист. Агар «девонаавзоъҳо» назди ман оянд, пеши ту мефиристам» – гуфтааст вай.

Ӯ боре як хонуми аламзадаи бефарзандро наздаш фиристодааст.

Он қисса ҳам аламангез буду ҳам хандаовар…

Гоҳе бо мулло шӯхӣ карда, он кирдорашро ба ёд меовардам…

– Мулло! – гуфтам боре ба пераҳани сафеду риши сип-сиёҳ рангкардааш нигаҳкунон, – ҳамон хонум аз ростӣ бо пошнаи туфлиаш ҷабини шуморо молиш дода буд?

– Эъ, мо-нед-е! – гӯён фаши дарози саллаашро пас партофта, ба шайтонаробааш савор шуда мегурехт.

«Ман дар масҷиди Хоҷа Яъқуби Чархӣ» таълим гирифтаам» – гуфта болобардорӣ низ мекард.

Минбаъд, гоҳе ба ҷойи нозукаш «нохун» занем, ӯ ҳам:

– Дигар хоб надидед? – гӯён луқма мепартофт.

Воқеан, вақтҳои «чилбанд»-и муллоро бардошта гаштанам кам андар кам хобҳои гуногун медидам. Акнун баъди ба «яғмо» рафтани чилбанд дар хоб, дар заводи азиме, назди насосҳои обкаш истода кор мекардаам. Садои дастгоҳ замину осмонро ба ларза меовардаст. Дар ҳавои ғурриши он, аз дур писарчаи «скафандр»--пӯше, бо суръати кайҳонӣ сӯям давида меомадаст. Ман баробари наздик шуданаш:

– Ӯро қапед! Вай бачаи ҷин аст! – мегуфтаам.

Вай чун лӯхтак бо ҳамон суръати омадааш пас мегурехтааст!..

Аҷибаш бароям ин буд, ки ба ёдам мерасид: ин гуна насос ва он «скафандрпӯш» бачаи «ҷин»-ро аз он сӣ сол пеш ҳам дар хоб медидам. Ҳол он ки он вақт на «насос»-ро дида будам дар деҳа ва на дар бораи «скафандр» тасаввуроте доштам. Баъдтар, вақте ки хабарнигор будаму сафарҳои хориҷиро паси сар кардам, дар ин бораҳо маълумот ҳосил намудам…

– Аҷаб олами буқаламуне! – мегуфтам ба худ.

Батадриҷ хобу хоббинӣ бидуни «чилбанд» ҳам басанда шуд… Ҳатто акнун «лухтак»-и «скафандрпӯш»-ро дар хоб намедидам.

Рафту аз сидқи дил париёнро ба ёд орам, онҳоро ҳатман дар хоб медидам ва гӯё ба ман илҳом мебахшиданду ёрӣ медоданд.

Дертар, дар байни ду-се моҳ, бо ду ҳодисаи басо хатарнок рӯ ба рӯ шудам. Чунон ки пештар хотирнишон кардам, ду дафъа ҳам вақти рондани «Волга»-и сафед, дар атрофи ҳамон Сапеддара, рӯзона ба тасодум дучор шудам.

Як чоштгоҳӣ (дафъаи дуввум) аз Самарқанд меомадам…

Дар ақиб писарчаам Ромиз ва тағояш Толиби Қамар нишаста буданд. Аз Сарқамиш гузашта, ба Сафеддара наздик мешудем, ки борони сел борида, лойобаҳоро муттасил рӯи раҳи мумфарш мефуровард.

Ногоҳ ба ёдам расид, ки лой мошинро «партофтанаш» мумкин, поямро аз «газ» гирифтам. Худо гӯён ҳамон «байти ронандагон»-ро вирд мекардам, ки мошин лағҷид, аниқтараш парид!

Мувозинат гум шуд…

Мошин аз роҳ баромада, рост сӯи харсанги азиме равона шуд.

Ихтиёр аз дасти ман рафта буд.

Баногоҳ як қувваи фавқуттабиӣ суръати мошинро боздошт. Вай секин лағҷида лаби ҷар рафта қарор кард. То харсанг як ваҷаб ҷо монда буд…

Худо нигаҳ дошт!

Дар як дам одамони роҳгузар бо мошинҳо ҳозир шуда, паснокӣ кашида бароварданд. «Ободок»-и тарафи рост пачақ шуда буду халос.

То ба ҳол ман ҳайрон, ки аз куҷо расид он қувваи фавқуттабиӣ, ки он суръати барқосои мошинро фурӯ нишонд…

Дафъаи дигари ба садама дучор шуданам, айнан дар ҳамон нишебии Ағбаи Сапеддара, рӯ ба рӯи кашари гӯсфандон ва саломат монданам амри тасодуф не, ғамхории раббонӣ буд аз афташ.

Ин воқеа дар поёни ҳамон майдони ба холигоҳи ду кӯҳони шутур монанд, ки бори аввал чиҳил дақиқа хобидаю париёнро дар хоб медидагӣ шудам, рӯй дод. Дусад қадам аз он ҷо нишеб шудам бо мошин, ки фармон (рул) ба ман итоат накард!..

Як поям дар тормоз буд. Суръат хоҳӣ-нахоҳӣ дар он нишебӣ худ аз худ афзун мешуд… Ҳамоно номи Худо ва байти ронандагон дар забонам буд.

Ҳис кардам, ки як тори мӯй барин рул тоб хӯрду мошин рӯ ҷониби кӯҳ ниҳод ва ғели пеш бо шаст ба ҷӯйчаи аз обҳои борону барфу жола ҳосилшуда тараққас фуромад… «Тормози дастӣ»-ро кашидам… Куҷо?.. Мошин бо ҳамон суръат мерафт... Аз дасти ман ҳеҷ коре намеомад. Он лаҳза ҳам эҳсос кардам, нерӯи ноаёне суръати онро боздошт. Чӣ нерӯе, ҳеҷ ақл бовар намекунад.

Аз ҷониби чап сесад – чорсад метр ҷарӣ. Аз ҷониби рост – кӯҳи сангӣ!

То даруни Сапеддара камаш ним километр роҳи нишеби мумфарш, баъд бероҳа, баъд ҷарӣ ва харсангҳо!..

Мошин истоду фуромадам. Як поям лат хӯрда буд. Лангон-лангон сари харсанги азим баромада нишастам.

Сарам чарх мезад…

Он ҷо ҳамин хел ҷо буд, ки на мошини аз боло омада имкони истодан дошт ва на аз поён болораванда.

– Даҳҳо мошин як назар ба ман афканда гузаштанд… Ниҳоят, ду мошини боркаши даҳ-дувоздаҳметрӣ боло баромаду ронандаҳои озарбойҷонӣ ё гурҷистонӣ барои ҳолпурсӣ омаданд.

– Чӣ шуд?

– «Тяга» баромад, фармон гум шуд, – гуфтам.

– Не-йе! – бовар накарданд онҳо.

Яке кулоҳ аз сар гирифту хам шуда ба таги мошин чашм дӯхт:

– Ӯҳӯ, худо ба ту умри дубора додааст, ҷӯра, – бо тааҷҷуб гуфт ӯ.

– «Наверное, ты в рубашке родился!»* – хитоб кард дигарӣ.

Онҳо гиребони худ дошта, «Туф-туф! Чашми бад дур! – гӯён рафтанд.

Кадоме ба Бойсун хабар расондааст: «Мухбир ба садама дучор шуд!».

Мардум ба по хестаанд. Бо се-чор мошин хешовандон расида омаданд. Маро «зинда» дида гирён ба гарданам часпиданд:

– «Амак, ба мардум некӣ бисёр кардагӣ!… Вагарна дар ин ҷо «фармон»-и мошин аз кор барояду одам зинда монад!» – муҳобот мекард Бадал Асади амакам.

Ман пас гаштанӣ шудам сӯи Душанбе.

– Не, – гуфт Бадал Асад. – Мардум кӯча-кӯча интизор. Ҳамаи хешон рӯю мӯй канда баромадагӣ!..

Гапаш маъқул афтод…

Баъд усто Ҳафиз таги мошин хобида «тяга»-ро соз кард. Думболи ҳамдигар равона шудем.

Ҳамин тавр ронандагӣ кардаву аз хатарҳо эмин монда будам ман.

Ҳоло ки синну сол рафтаасту тани танҳоям, гоҳ-гоҳе орзу мебарам, ки кош як бори дигар он париён – он Томирису Салморо дар хоб медидам!

---

* Гӯё ту дар пероҳан таваллуд шудаӣ!

Ҳайҳот!.. Аз пирон ҳама гурезон мешудаанд!

– «Зинда бодо ҷавонӣ!» Ҷӯра Билол мегӯям ба худ.

Оре, зинда бод ҷавонӣ, ки рӯзгоре ҷон дар кафи даст бо париён парвозҳо доштем мо ҳам…

*Душанбе, декабри соли 2004.*

## ФАРЁДИ САБО

Зимистони қаҳратуни гузашта ва барфу яхбандиҳои даҳшатборашро наслҳои имрӯзӣ дер гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.

Ин воқеа, як рӯз пеш аз шурӯи зимистон (охирин рӯзи тирамоҳи соли 2007) байни маҳаллаҳои Зарафшону Испечаки пойтахт рӯй дода буд.

Ҳамон рӯз, аз чоштгоҳ то пешин, ҳаво офтобӣ буд: на гарму гарм ва на сарду сард.

Писару духтаракони биноҳои қабат ба қабати панҷ ва нуҳошёна, дар берун, қивучув машғули бозӣ буданд.

Баъд аз пешин ҳаво якбора айнӣ кард – сард шуд: аввал камкамак лапид. Баъд шамоли сарде омад, ки нафаси одами шумро мемонд. Вай торафт шадидтар мевазид. Аз ким-куҷо абрҳои борониро рӯфта меовард, ки мисли шутурҳои покАшолу калтадум рӯ-рӯи талу теппаҳои хокӣ, сӯи кӯҳҳои осмонбӯси Варзоб мегузашт... Донаҳои калони борон рӯи раҳи мумфаршро сиёҳ мекард!.. Бод торафт ҳуввас зада, чангу гард, баргу хазонро бо коғазпораҳои сари роҳ ба осмон бардошта, тӯфоне барпо менамуд.

– Хо-на да-ро-ед, ба-ча-ҳо! – фарёди кАлонсолон аз ҳар сӯ баланд мешуд. – Бозӣ бас бу-да-гист!..

Бачаҳои бозингар кай парво доштанд.

Хаёлашон, ки боди сар-сар мегузараду меравад…

Не, ҳамин ки шамолу борон шиддати сахт пайдо кард, бачаҳо тар шудаю хунук хӯрда, гурӯҳ-гурӯҳ, баъзе хурдтараконро сари китф гирифта, тарафи хона давиданд-е!..

Дар як дам майдону кӯча аз бачаҳо холӣ шуданд.

Баъзеи онҳо таги долон гузашта, ё аз тирезаи айвонҳо ба нахустборони тирамоҳӣ, гӯё муроҷиат карда, сурудашонро такрор ба такрор мехонданд:

*Бор борон тез-тез,*
*Қатра-қатра рез-рез!..*

Мани пир низ, ин байтро такрор карда, тирезаи филезии садоногузари кабинетамро (дар ошёнаи дуюм) мепӯшондам, то ки хонаҳакам сард нашавад.

Як бор пӯшондам, ки нашуд.

Дубора сахттар кашидам.

Боз ҳам баста нашуд.

Баръакс, резини қабати поёнаш канд. Онро то аз фарши хона бардошта ҷӯр кардан, чанд дақиқа вақт лозим шуд.

Ин дам ба гӯшам, аз таги замин буд ё аз тори ҳавои абру боронӣ, ки овози кӯдаке расид.

Овоз ҳавлнок ва боз овози духтарча!..

Ва духтарча якканавохт, гоҳ пасту паст, гоҳ андаке шунаво, канда-канда «о-ча!» мегуфт:

– О-ча-а!

– Э о-ча-а!

– Оч-ча-а!

– О-ча-ҷо-о-о-н!..

– Ин чӣ овозе! – мегуфтам ба худ.

Вай кадом оча будаст, ки ақаллан як бор «ҳа!» намегӯяд?

Ҳастанд ҳамин хел хонумҳо ҳам, ки сад бор «оча!» гуфта фарёд зананд ҳам, тарафи бача нигоҳу манзуре намекунанд.

«Ин ҷо ҳам будаст аз ин хел очаҳо!» – гӯён резини тирезаро ҷо ба ҷо карда мебастам, ки овози духтарча мудҳиштар садо дод. «Оча!» – гуфтанҳояш ба гиря табдил ёфт.

Парешон тарафи тирезаи дигар давидам, онро ҳам шарақошуруқ кушода гӯш андохтам, ки ин овоз аз куҷо?..

Не, маълум нашуд: ҳамон овоз, ҳамон нола, ҳамон овои гиряолуд...

Тарафи дари баромад рафтам. Онро кушодам, ки ду хонуми тануманди куртадароз дар даҳлез гап-гап доранд…

Дилам балоӣ карду пурсидам:

– Шумо ҳам мешунавед? Кадом духтарча фарёд дорад: «Оча, оча!», – мегӯяд!..

– Не-ку! Мо нашунидем… Будагист-дия гуфт яке.

Бачаҳои мо, ҳама хона омаданд, – гуфт дигаре, ки бо ду даст сари дилашро дошта гап медоду механдид…

Гашта назди тирезаи аввалӣ омадам. Овози духтарчаро дигар нашунидам.

Ба ҳаяҷон омада, ҷомаамро сари китф гирифта, гӯш андохтам, ки боз:

– О – ча-а!..

– Оча-ҷо-о-н! О-чаа-ъ! – гуфт.

Ин дафъа сактадор буд овозаш.

Дилам таҳ кашид. Дав-давон берун тохтам.

Он ду зан ҳанӯз ҳам гап-гап доштанд…

Ба ошёнаи якум фаромада, тарафи кӯчаи калон гузашта, гӯш андохтам: гур-гури мошинҳои кӯча ва шувваси боду шарраси борон имкон намедод бишнавам, ки овоз аз куҷо?.. Хаёлам, ки духтарчаро дигар маҷоли «оча!» – гуфтан намонд… Дар куҷо бошад? Дар таххонае ва ё даруни чоҳе? Дар куҷо?!.

Борон гӯё аз даҳони сатил мерехт. Оби роҳҳо ҷӯйборҳои бетониро пур карда, аз ҳар ҷо – ҳар ҷо зада, ба майдонҳои атрофи биноҳо мефуромад…

Он ҷойҳоро – пойини роҳи калонро чанде пеш, сардорони маҳалла, аз ҳар гуна «сохтмон»-ҳои худсарона тоза карда, тавассути экскаватор канда буданд… Баъзе чоҳ (люк)-ҳои бекора, дар ҳоли худ, сар воз мехобиданд. Онҳоро ахлоту оби боронҳо пур мекарданд… Атрофашонро бутаҳои марминҷон пӯшонда гирифта буданд. Метарсидам мабодо ки бачаҳо (набераҳои ман ҳам) ба онҳо, вақти бозӣ, фурӯ равананд!..

Он ҷо се чоҳи атрофаш бетонпӯшу даҳонвоз буд. Овоз аз ҳамон сӯ такрор ёфту ҷома ба сар гирифта давидам, то ки тар нашавам!..

Якумашро дидам, ки аз оби борон пур шудаст… Дуюмаш низ қариб лаболаб!.. Тарафи чоҳи сеюм тохтам!..

Дидаму дилам таҳ кашид: духтарча ҳамон ҷо!!. Даруни чоҳи бетонӣ!!. Куртаҳаки сурхаш ба симу арматураю хорҳои марминҷон печида дармондаст. Дигар баромада натавониста-аст!..

Обҳои борони ба сел мубаддал шуда, шароққас он ҷо даромада, қариб ба таги гулӯи духтарча расидаст!!.

Бошитоб буттаҳои зарду сабзи марминҷонро берун кашидам. Дастам хуншор гашт...

Ногоҳ рӯи буттаи сабзи марминҷон чашмам ба гаҳворачунбоне афтод!..

– Худоё, ин чист, боз?!. Афти хунукат дар гӯр! – гуфтам беихтиёр…

Дар як он аз дилам гузашт, ки духтарча, дар асл аз ҳамин махлуқи безеби сабзу хеле калон, ки якзайл ҷунбида, ба вай гӯё таҳдид мекард, тарсида ин қадар «оча-оча!» гуфтаст!..

– Натарс-натарс! Бибиҷон! Ана, қариб шуд, – гуфта базӯр куртаю эзорчаҳаки ба симу арматураю буттаҳои марминҷон печидаашро кушудам. Бо пушти даст зада, он шохчаи сабзи марминҷонро ҳам, ки гаҳворачунбон – махлуқи новақт он ҷо ба дунё омада ва ранги сабз ба худ қабул кардаро ҳам берун андохтам…

Духтарча бо ҳаяҷон аз гаҳворачунбон чашм намеканд.

Аҷаб не гаҳворачунбон ҳам аз духтарча тарсидаю ларзида «гаҳвора»-и худро беист меҷунбондааст… (Ин лаҳзаро бегумон он ҷо, ғайр аз Худою худи духтарча дигаре ба худ сознар тасаввур карда наметавонист)…

Он махлуқ куҷо шуд, дигар надидам…

Лек духтарчаро аз чоҳ берун кашидаму селоби бало!.. Дар як дам онро пур кард ва худро ба дигар сӯ зад!..

– Тарсидӣ? – пурсидам аз духтарча.

– Тас-си-дам, – лабони аз сардӣ кабудшудаи вай базӯр ҷунбид.

– Чӣ ном дорӣ? – гуфтам вақти шалаппас аз даруни селоб ӯро бардошта гузаштанам...

– Сабо, – гуфт.

– Чих ел номи нағз... Хонаатон кадомаш? – ба биноҳо ишора карда, ӯро раҳорах даруни ҷома печондам ва рӯи лой лағҷида – лағҷида, таги «арк»-и бинои худамон расидам...

– Ҳу ана, – хонаи кунҷакиро нишон дод.

Ман он биноро медонистам: рӯи як порча тунука «Испеча-22, бинои №2» навишта шуда буд…

Мардум магар аз тирезаҳошон моро дидаанд, ки тапар-тапар фаромаданд…

– Чӣ шудаст? – гӯён одамон ҳайрон ба духтарчаю ман, ки зери борон шип-шилта тар шуда будем, раҳмхӯрона менигаристанд...

Гирди мо, даруни арк, пури одам шуд…

Маълум шуд, ки Сабо духтараки яке аз ҳамон ду хонум будаст, ки дар ошёнаи дуюми бинои мо, бо хонуми тюлен барин тулум гап-гап дошт…

Аз гап-гап боз маълум шуд, ки ҳангоми шиддати шамолу борон ин духтарчаи сеюнимсола ҳам, бо хоҳару додараконаш дар майдон будаст…

Дигарон ба хона давидаанду ӯро «бо очааш, дар раҳрав монд» гуфта гумон бурдаанд!..

Аммо вай, ҳангоми гурезогурези бачаҳо, фир-фирак барин «фирр» гашта, рӯи баргу хазон ва замини тар лағҷида, шуввӣ ба чоҳ фурӯ рафтааст. Он ҷо гаҳвораҷунбони ларзону «таҳдид»-кунандаро дида, бутун дамаш ба дарун задааст!..

Тарсу бими ду-сетарафа қариб, ки кӯдакро талхакаф созад!..

Ҳоло ӯро пеши мо ҷомапеч дида, ҳамон зан аз дасташ гирифта бурданӣ буд, ки баногоҳ аз куҷое падари дар борон таршудааш дав-давон омад...

– Тинҷӣ? – гуфта ӯ тарафи занаш нигарист.

Борон шиббод мерехт.

Шамол ҳуввас зада, шохи калони ягона дарахти таги тирезаҳои моро қасаррас шикаст!..

Ҳуш аз сари ҳама парид…

Маълумам шуд, ки овозаки «оча»-гуфтанҳои ин духтарчаро, ғайр аз ман дигар касе нашунида будаст!..

Падараш ҳайрон-ҳайрон ба одамон менигарист. Намедонист, ташаккур гӯяд ё ки ба ягон кас дарафтад!..

Ман беист атса мезадам…

Дигарон фикри худро иброз медоштанд…

– Шамол мекашед, ака. Хона дароед, – гуфт кадоме аз ҳамсояҳо ва худ шарҳ дод: Хайрият, ки муаллим ҳушёрӣ карда баромадаст. Вагарна, аз сад ҷонаш як ҷонаш халос намехӯрд!

– Дуруст, мо аз боло дидем, ки чӣ хел аз сел гузашта, духтарчаро аз чоҳ берун кашид!..

Ҳама ба вазиши шамол, бориши борон, мавҷ зада фаромадани селобаҳо аз талу теппаҳои хокии чун хирс хуфтаи гузари Зарафшон зеҳн мемонданд…

Ёр Аҳмад ном доштааст падари ин Сабочаи ҳоло чапонпечи ларзон!..

Ӯ дасти духтарчаро аз дасти завҷааш гирифту ҷомаро баргардонданӣ шуд.

– Накаш ҷомаро, накаш! Духтарчаро бин, чӣ хел меларзад! – гуфт хонуме.

– Ҳамин хел хона баред! – гуфтам ман.

– Калушчаҳакаш куҷо шудай? – ба пойи духтарча нигарист очааш.

– Калушчаро баъд аз бас шудани борону сел, аз даруни он чоҳ пайдо мекунед, – гуфтам сулфида сулфида.

– Ҳа-йу, – гуфт хонуми рус Светлана, – агар каме дер мешуд, нафақат калушча, балки духтарчаро ҳам аз даст медодӣ, апаҷон!

– Гапуш қоқай, – хандид дигаре аз ҳамсоязанҳо. – Кас, дар ин хел ҳавои вайрон бачаро магар дар кӯча мегузорад?!..

Ин гапҳо ба очаи духтарча алам кард магар, ки шатар-шутур ӯро ба задан даромад…

– Ту девона шудӣ-чӣ? –занҳо ӯро базӯр пас кашиданд.

Ба вай зӯри як ё ду зан намерасид…

– Ҳоло хона бидаро-о! – гуфт бо ғирев шавҳараш Ёр Аҳмад. – Заданро ман ба худат нишон медиҳам, ки чӣ хел мешавад!..

Занакро ҳамсояе хонаи худ бурд, то ки низоро пешгирӣ намояд.

– Рост, – гуфт зани дигаре, ки ман нашинохтам. – Дар даҳлез як соат боз «лағ-лағ дошт». Охир, ҳар чӣ ҳам ба эбаш-дия! Раҳмат ба муаллим, ки Сабоҷонро аз марг наҷот дод!..

Баъд аз ин ҳама пароканда шуданд.

Ман ҳам хона даромадам.

Аз ҳодисаи рухдода шукрона ба ҷо меовардам: «Дар умрат муаллим, ҳарчанд ба мардум некӣ бисёр кардаӣ, вале фарзанди инсонро аз марги ногузир наҷот надода будӣ. Инро ҳам кардӣ!».

Тирезаҳои вомондаро бастам.

Дар берун офат: шамол гув-гув мезад худро ба баданаи иморатҳо. Борони сел мерехт… Ин аҳвол соатҳо давом кард.

Баъд борони сард ба барф мубаддал шудан гирифт.

Чароғи кӯчаҳо гиронда шуданд. Дар рӯшании онҳо аз тиреза медидам, ки барф чӣ сон меборад, барфи аввалини ибтидои чиллаи зимистон!.. Вай дар як дам ҳама ҷоро сап-сафед пӯшонд…

Баъд аз он хунукиҳои сахт шурӯъ шуданд. Барф болои барф борида ҳама ҷоро ях фаро гирифт ва барфу ях моҳҳо дар замин хобида монд!..

Акнун рӯзҳои сарди офтобӣ, ки мардум онро «офтоби бачакуш!» меноманд, бачаҳои гузар, дар майдончаҳои бехатар ҷамъ шуда, ҳай барфбозию яхмолак мекарданд!..

Чашмони камнури ман аз байни онҳо Сабоҷонро меҷуст.

– Сабо – ку? Сабоҷон? – мегуфтам ӯро диданӣ шуда.

– Ина ман, бобӣ!..

Ӯ дар иҳотаи чанд духтару писарчаи ҳамсоли худаш, назди ман меомад. Онҳоро навозиш мекардам. Аз ҳама ин Сабоҷон ба чашмам гарм метофт. Чун набераҳои ширини худам, сари зебояшро сила мекардам ва аз ҷайб гоҳ қанду гоҳ сақич бароварда медодам…

* * *

Инак, Худо ба Наврӯзи нав расонд.

Дар хонадони ҳамаи ҳамсояҳо наврӯзӣ…

Мо ҳамсояҳо ҷамъ шуда, ба хонаи Сабоҷонашон низ ба муборакбодии Наврӯз даромадем… Бо баҳонаи идгардак «омин!» гуфта аз ҷо мехестем, ки падари Сабоҷон Ёр Аҳмад дар ду даст ду ҷома аз хонаи дарун баромад.

– Кадомаша мегирӣ, маълим? – гуфт хандида.

Мо идгардҳо ҳайрон шудем.

Ҳамон ҷомаи кӯҳнаи худро шинохта, даст дароз кардам.

– Не, маълим, – гуфт Ёр Аҳмад бо табассум. – Ту и(на)ша-навша биги(р)! И(н) куҳнаҳакша мн, барои хотира, то арусак шудани Сабоҷон, нигаҳ медорум!

Вай ҷомаи махмали навро сари китфи ман андохт.

Бадоҳатан байти Ҳофиз ба ёдам расид, ки гуфтам:

*Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,*
*Ки Эзид дар биёбонаш диҳад боз!*

Шукр!..

*Душанбе, марти 2008.*

## БОБО МУНОСИБ

*«Аз беэҳтиётӣ бо газ ва барқ соле садҳо одамон ҷон аз даст медиҳанд» – омадааст дар яке аз маводҳои «Чархи гардун».*

Не-не, гумон набаред, ки ин қиссаро аз рӯи фармоиш навишта бошам.

Ҳамту, одӣ, аз ҳаяҷону изтироби ғайри чашмдошти бобо Муносиб ба ваҷд омада, рӯи коғаз овардам.

Охир, чутӯ кунад бечора пирамард?

Аз куҷо донад, ки дар пирӣ ҳама кас дораду лек яккаю танҳо, қариб ки бепарастор мемонад.

Аёл не.

Фарзандон дур-дур аз ӯ.

Боз ҳам боракаллои ҷонаш. Боирода будааст. Худро сариштаю саранҷом мекунад. Китобашро мехонад, намозаш ҳам тарк не… Умре боғбонӣ кард, току дарахт нишонд. Сафарҳои хориҷӣ рафта баргашт. Ба нафақа баромад, аз давлати фарзандон роҳат карданӣ шуд.

Аммо замона дигар гашт. Бозсозҳо як давлати бузургро чаппа карданд. Ба қавли мағрибиён «Ҳайвони бузург»-ро куштанд!.. Мардум инону ихтиёр аз даст доданд, дар ҷустуҷӯи кор, пулу мол ҳарҷоӣ шуданд! Фарзандони ӯ ҳам!..

Худоё, оқибаташро бахайр гардон!.. Ба дӯст зору ба ағёр мӯҳтоҷ насоз!

Дӯстонаш чанд бор гуфтанд, ки хонадор шавад, танҳоӣ хуб не. Танмаҳрам ба фарзанди Ҳазрати Одам дар пирӣ зарур!.. Дар ҷавонӣ чандон маълум не. Ба қавли шоир «Ҳар он сон ки гузаронӣ, гузарад!». Аммо, ҳамин ки сарат ба болин омад, қадри зан садчанд мегузарад!..

– Ме-фаҳ-мам! – мегуфт ӯ. – Лекин андеша ҳам ба кас лозим. Намехоҳам, ки фарзандонам нозеҳ шаванд… Набераҳо акнун калон-калон, лоиқи арӯсу домод… Дигар ин ки ба мо барин пирон, кӣ ҳам мерасад?!.

Гапаш, аз як ҷиҳат, дуруст.

Лек ҷабр ба ҷони худаш мекунад.

Ва ҳоло ягона орзӯяш ин ки мусофир фарзандонаш аз Россия баргарданд… Чӣ ҳодисаҳо рух медиҳад дар он кишвари бекарон!…

Аз писари калонияш Ҳурмуз дилаш пур. Умраш дароз шавад, беҷогардӣ надорад. Бо хонумаш Светлана, духтаракаш Алана тарафи Воронеж бирафт. Хусуру хушдоманаш (пеш сокини Душанбе) дар ҳамон ҷо. Якҷоя «фирма» ташкил кардаанд. Омаданаш ҳоло номаълум…

Аммо писари хурдӣ Мунис дили ӯро чун мум об кардааст. Вай ҳам «Дада, Россия меравам. Раҳкиро диҳед!» – гуфту бо ҷӯраҳояш хеста рафт.

Хайрият, ки Россия будааст. Ҳама худро он сӯ мезанад.

Аз ӯ ду моҳ боз на хат ҳасту на хабар. Хоҳаркалонаш Зубайда (духтур) сим задааст. Ягон гап гуфтагист-дия. Дилаш хавотир. Барои фаҳмидан тарафҳои Сунбулсой (Деҳнав) рафтанаш лозим. Дар ин бора ба дӯсти варзобияш Бобомуроди Шокир сирри дил кардааст.

Гоҳе назди ӯ (рафиқи овони донишҷӯӣ) рафта, чорта «чақчақ» карда, асабҳояшро ором бахшида меояд. Бобомурод ҷавонмарди дилаш дарё. Оила ва фарзандони пурҳунар дорад.

Ҳамон бегоҳӣ аз Варзоб омаду бобо Муносиб тасмим гирифт, субҳ, ҳатмӣ, тарафи Деҳнав меравад. Набераю фарзандони онҷоияшро пазмон шудааст.

Шаби дароз ким-чиҳоро фикр кард. Таври худ нақшаҳо кашид.

Дар ин солу замона ҷое рафта омадан осон аст, магар? Хобаш парид. Баъд ғанабаш бурду ким-чӣ хел хобҳо дид, лек дар ёдаш намонданд…

Пагоҳӣ хесту аз маҳаллаи Зарафшон сӯи бозори хеле ободшудаи «Зарнисор» гузашт. Аз ҳамон ҷо барои наберааш Азиза дастовез харид: «красовка»-и сап-сафед, сақичу мандарин ва боз ким-чиҳо… Баъд, чор қадам ба истгоҳи ғизолтаксиҳо рафт. Вале аз чӣ буд, ки пояш намекашид… Хаёлаш, ким-чӣ коре анҷом медод, лекин ҳеҷ ба ёдаш намерасид…

Ин лаҳза ҷавоне одамонро ба ғизолтаксӣ беист давъат мекард:

«Биё, Шаҳринав, шаҳри Турсунзода! Ду кас, инак – як кас!».

– Ҷойи нишаст дорӣ? – ба дар наздик шуд бобо Муносиб.

– Ҳаст, бобӣ. Барои худат як ҷо ҳаст! – ҷавон дасти ӯро дошт, то боло шавад.

Ғизолтаксӣ рӯ ҷониби Мағриб қарор дошт. Осмон ғуборолуд. Абрҳои сиёҳу сафед болои кӯҳу пуштаҳо серҳаракат, мисли хотири пирамард парешон буданд… Боз ҳам, ким-чиро фаромӯш кардагӣ барин метофт дар назараш. Фаромадан дигар имкон надорад. Нишаст, ҷойро банд кард. Хуб не, рафтанаш лозим…

Ғизолтаксӣ раҳакӣ шуд. Вай аз Чоряккорон гузашту суръат гирифт. Пирамард чашм пӯшида ба фикр рафта буд. Дар чунин ҳолат, одатан, хотираҳои мухталиф, хобҳои ширини шаб дидааш ба ёдаш мерасиданд. Ҳо-о, ногаҳон хоби парешони шаб дидааш ба хотираш расид:

«Худ савори аспи кабуд – аҳалтегини туркманӣ будааст. Аз чӯл ҷониби кӯҳу дараҳои махуф мерафтааст. Монеаҳо зиёд будааст: сангу яху тарма мефуромадаст. Ҳаво басо сард будаст. Асп уқобвор домани абрҳоро дарида, сарозер мерафтааст».

Ин дам ғизолтаксӣ аз баландии Мортеппа мегузашт. Шамоли сахт ба равиши он монеъ мешуд. Солун яхдон барин сард гардид. Пирамардро ғанаб бурда будааст, ки чартӣ бедор шуд. Ғубори тирезаро бо ангуштонаш пок кард, бидид, ки аз ҷануб тумани ғафс пахш карда меояд… Ронанда чароғи зидди туманро гиронд. Одамон аз сармо дар либосҳои худ маҳкамтар мепечиданд.

Мошин медавид. Гоҳ-гоҳе онро милисаи роҳ манъ карда, ба қавле «ҳаққи худ»-ро меситонд. Дигар монеае вуҷуд надошт. Туман аз деҳаи Чузӣ он сӯ умуман набуд. Ҳамин тавр,

ғизолтаксӣ баъд аз як соат ба шаҳри Турсунзода расид. Бобо Муносиб аз он ҷо ба тикотаксӣ нишаста сӯи сарҳад рафт. Дигар, ба вай лозим буд, ки қариб якуним километр масофаи байни сарҳадро пиёда тай намояд. Раводид (виза) дошт, касе ғам намедод. Мисли ҳарвақта, ба шиносномааш мӯҳре пахш карда, бо эҳтиром «Хуш омадед!» гуфтанд.

Ин субҳ дар «гумруки»-и ҳамсоя барқ набудааст. Дар утоқҳои ториктар шамъ месӯхт, корҳо дастӣ сурат мегирифт…

Пирамард аз он сарҳад низ, қатори дигарон, осон гузашт. Ба сероҳаи калон (Душанбе-Узун-Деҳнав) баромад. Соҳибони мошинҳои сабукрав аз ӯ:

– Бобо, таксӣ даркор?

– Куҷо барем: Бухоро, Самарқанд ё Тошканд? – беист мепурсиданд.

– Э не-е, то хона пиёда равам ҳам мешавад! – ҳазл мекард пирамард.

– Узун равед, мошин ҳаст, – гуфт духтари Қурбон* милисаи ошнояш.

– Меравам, – гуфт.

Ҳар гоҳ ки он сӯ равад, бобо Муносиб, ҳатман, дӯстонаш – акаи Нусратулло ва Иззатулло Аминро дида мегузашт. Ахиран онҳо ба ӯ китоби «Духтари дайду»-и Солеҳ Қаххорро ёфта доданӣ буданд. Ин романи собиқ адиби ӯзбекзабони Тоҷикистон (таҳти таҳрири Шукур Холмирзои Бойсунӣ) дар Осиёи Марказӣ даст ба даст мегашт, ёфт намешуд.

Бобо Муносиб ин дафъа дӯстонашро дида натавонист. Онҳо дар сафар будаанд. Ба дамастаксӣ нишаста, роҳашро давом дод. Пас аз ним соат ба дидори фарзандонаш расид. (Чашм нарасад нағз ба манзил расид). Ҳама фараҳманд шуданд. Тӯҳфаҳояшро тақдим кард. Набераатш Азиза аз «красовка» хушнуд гардид, бобояшро бӯсид.

Бобо фориғ нафас кашида, камзӯли чарминашро баровард ва аҳвол пурсид.

– Эҳ, напурсед, – гуфт духтари хурдӣ Зоира, – ду рӯз боз на барқ доштему на газ!..

– А-а? Газ? – ин лаҳза ба хотири бобо Муносиб расид, ки чиро фаромӯш карда омадааст. Мурвати плитаи газро тоб надода-

* Қурбон – аз милисаҳои машҳури Шаргун (шаҳри ангиштканон) буд. «Қурбон омад!» гӯянд, ҳатто кӯдаки гирёни гаҳвора ҷим мешуд. (Муаллиф).

аст! – рангаш пахтаи кӯҳна барин канд. Қариб, ки беҳол шуда афтад.

– Худро доред, – даст гирифт Зубайда духтараш.

– Беэҳтиёт набудед-ку? – усто Фаррух – акаи Зубайда, ки бобо ҳардуи онҳоро аз хурдӣ чун фарзанди худ калон карда буд, меҳрубонӣ зоҳир намуд., – ба Ромиз акем сим занем-чӣ?

– Вай дар Хуҷанду Бишкек, – гуфта аз ҷо хест. – Калидаш дар ҳамон хона. Дигар касе дари оҳанини онро боз карда наметавонад.

– Ана ин-муаммо! – ба фикр рафт Зоира.

– Рафтан лозим! – ба соат нигарист ӯ, – аз соати 4 то 8 газ медиҳанд. Соат ҳозир ду. Мерасида бошам? Газ хориҷ шавад, Худо мезанад! – Ба ҳаяҷон омад вай.

– Чой мондем. Палав тайёр! Даҳони хушк наравед! – гуфтанд духтарон.

– На-ра-вед, бо-бо-ҷон! – бехабар аз хатари газ зорӣ кард Азиза.

– Не, ҷони бобо! Зудтар рафтан лозим… Медонед, ду ҳафта пеш ҳамсоя Бахтиёр бо зану духтараш, мисли ман, бастани газро фаромӯш кардаанд. Таъзирашонро диданд. Агар Шер – ҳамкори Бахтиёр халос накунад, ҳалок мешудаанд. Як духтараш ҳанӯз ҳам дар касалхона хоб аст, – қисса кард бобо. – Бо газу барқ шӯхӣ ба кор намеояд, – гӯён хаёлан ӯ ҳамсояҳояш Тиллохон, ака Хайрулло, Ҳамро, Алӣ, Шери шӯху дилоро, Бахтиёри ҳамеша хомӯш ва бобо Искандари нурониро як – як пеши назар овард. – Агар монеае пеш наояд, расида рафтан мумкин.

– Раводид медоштам, худам зада мерафтам, – хандид Зубайда.

– Аф-сӯс! – оҳи бадард кашид Зоира.

– Чойи хунук доред? Ҳалқам хушк шуд, – гулӯ афшонд бобо.

– Оби шифои «Амонхона» менӯшед? – як коса аз шиша рехта дод, ки дар табобати ҷигар аз Байсун ба чор тараф мебаранд…

– Худоро шукр! – об нӯшида гуфт ӯ аз рӯи таомул ва қоматашро рост карда аз дар баромад.

Набераю фарзандонаш то роҳи калон гусел намуданд. Вай рафта, аз паҳлӯи мадрасаи Саид Атолик бояд ба таксӣ менишаст. Истгоҳи сарҳад онҷо буд…

Мошин кам. Охирин тикотаксӣ якто ҷой доштааст. Боборо бо эҳтиром аз курсии пеш ҷо доданд. Нишаст. Оҳиста узрашро ба ронанда расонд. Вай, баръакс, таксиро тамом тарафи муқобил ронд.

– Э, шумо куҷо меравед? – ба шӯр омад бобо.

– Таги дарвозае одам дорам. Мегирему пас мегардем, – гуфта, аз байни қатори мошинҳо базӯр гузашт. Ҳеҷ не, ки «таги дарвоза» бирасад. Нафаси бобо дар гулӯяш мепечид.

Аз ҳамон лаҳза монеа паси монеа сар задан гирифт.

Ниҳоят, аз гузари Калламазор* шутур барин як ҷавони «банур» омаду дуқаду сеқад шуда, даромада дар ҷои пиразане нишаст.

Тико пас гашт.

Оқибат, ба пости Тӯпаланг расиду ронанда гуфт:

– Ҳама шиноснома дорад?

– Аз ман, аз ин ҷо не! – гуфт «банур».

– Ба ман бидеҳ! – гирифту дар киса зад. – Агар пурсанд «аз Суфиён ҳастам» бигӯ.

– Хуб! – итоат кард ҷавони «банур».

Ронандаҳо барои ин амал низ аз «роҳгузар» ҳақ меситондаанд. Чӣ пастӣ! Аз ин хотир ҳам роҳбарони доно «муаммо»-и сарҳадро ҷиддӣ мегирифтаанд…

Тикоро сари пули Тӯпаланг тавaққуф доданд. Роҳ-танг Монеаҳои бетонӣ боз ҳам тангтар кардаанд роҳро.

– Ҳуҷҷат бароред! – амр кард афсари зарринрутбае.

Тафтиш давом дошт, ки аз рӯ ба рӯ се-чор мошини азими боркаши Эрону Туркияву Россия, чанги заминро бароварда омаданд ва роҳ банд шуд.

– Чутӯ мегузарем? – ба ҳаяҷон омад бобо. Пешу пас нигарист. Писари Қурбонмилисаро шинохт. – Ту Сашка нестӣ?

– Манам, – шинохт ӯ ҳам ва пурсупос кард. Бо кӯмаки ӯ тикоро аз роҳи эҳтиётӣ гузаронд.

Ҳамин тавр, соати саҳл кам се ба сарҳад расиданд.

Дар ихтиёри пирамард як соат вақт монда буд. Ӯ бояд сарҳадро гузарад ва боз на кам аз шаст километр роҳро тай намояд… бадии кор дар ин ки гази хориҷшаванда оё ӯро интизорӣ мекашад? Чӣ фалокатҳо пеш оварданаш мумкин?! Даҳшат!..

Бобо бо ронанда ҳисобӣ кард ва гӯё дар «тохти марафонӣ» иштирок мекарда бошад, шитобон қадам задан гирифт. Атрофи-

---

*Калламазорро Амир Музаффари манғит дар замони ҳукмрониаш (асри XIX) он ҷо, пас аз қатли ом «бунёд» кардааст. Он рӯзҳо борони сел онро афтонда буд, ки каллаю хуни шахшудаи мудҳишро одамон рафта тамошо мекарданд. (Муаллиф)

ён ҳайрон: «Ба бобо чӣ шуда бошад? Чаро ин қадар парешон аст?».

Дар қабулгоҳи аввал се-чор хонум, яке бо кӯдак. Риояи навбат – шарт. Боз сари компютер сарбози наве нишастааст, дасташ ба кор намечаспад. Ҳар як ҳуҷҷатро назди сардор мебурд. Пирамард базӯр тоқат мекард. Илоҷаш чӣ? Якзайл ба соат менигарист, оҳи бадард мекашид.

Инак, навбати хонуми кӯдакдор расид. Тифлаки домангираш беист ғаш карда, рӯю мӯйи очаашро меканд.

– Иҷозат нест…Барои кӯдакат шаҳодатнома даркор. Кӣ медонад, вай кӯдаки кист?..

Занак ҳайрон-ҳайрон пас гашт.

Навбат ба хонуме расид, ки дар паҳлӯяш парӣ барин духтари қадрас дошт. Ба ӯ ҳам иҷозат надод.

– Охир, мо аз Сариосиёем, ҳамсарҳад ҳастем. Ҳақ дорем, ки то шаҳри Турсунзода бигзарем, – ҳуқуқашро талаб кард хонум.

– Дуруст, – гуфт сарбоз. – Мӯҳлати шиносномаи шумо гузаштааст. Онро нав созед, баъд мегузаред.

– Э додар! – ба гиря омад хонум, – медонӣ, бибӣ Морӣ (Мария) аз олам гузаштагӣ. Мо барои таъзия меравем!

– Бибӣ Морӣ гузаштагӣ ё холаи Каждум, фарқ надорад, – гуфт нозири сарҳад.

Ҳозирон хандиданд.

Бобо Муносиб дандон ба дандон монд. Хаёлаш, ки охирин дандонҳояш зириққас зада фурӯ мерезанд.

Сардори сарҳадбон бо лабханд ишора кард: «Мон, биранд!». Ӯ худ ба ҳуҷҷати бобо низ мӯҳр пахш кард.

Пирамард ба чизе нигоҳ накарда, сӯи сарҳадбонони ҳамсоя шитофт. Он ҷо кор чӣ гуна сурат мегирад, намедонист.

– Эҳе-е, бобо Муносиб! Ин қадар зуд пас гаштед? Ба хайр аст? – пурсон кард капитан Сайфулло, ки рутбаи заррин дар китфҳои васеяш зебише дошт.

Вай аз «изтироб»-и пирамард ва шитоб доштани бобо воқиф гардида гуфт:

– Ин ҷо биёед. Ана ин мошин. Тарафи шаҳр меравад. Шумо то куҷои Душанбе меравед?

– То бозори «Зарнисор» – гуфт бобо.

Капитан ба ронандаи бурутии нозанин таъин кард, ки боборо ҳарчӣ тезтар ба он ҷо бирасонад. Ӯ даҳҳо мошини тезрафторро пушти сар гузошта, пас аз ним соат боборо таги дарвозаи бозор фуроварду худ роҳашро давом дод.

То хонааш бобо боз дусад қадам роҳ бояд тай мекард. Вале ин масофа дар назараш аз дусад километр ҳам дуртар тофт, вақте бидид, ки ҳамон рӯз раҳи рости хонаашро роҳсозон бо экскаватор кандаанд…

Вай маҷбур, аз тангкӯчаи байни ҳавлиҳо, ба сангу хиштҳои шикаста пешпо хӯрда гузашт. Аз наздаш «жигулӣ»-и ҳамсояаш Тиллохон (рақамаш 80 – 88) бошитоб убур кард. Чароғаш рӯшан! Ин боз бештар ӯро парешон намуд: «Чаро ӯ шитоб дорад? Наход дар он ҷо ҳодисае рух дод?..»

Бобо қадам ба қадам ба бинои худ, ки дар ақиби ду бинои шонздаҳошёнаи сохти ленинградӣ пинҳон аст, наздик мешуд. Одамон дар нимторикӣ (офтоб фурӯ рафта буд) ҳарсӯ рафтуо доштанд. Байни онҳо духтараки самбӯсаи варақифурӯш Шаҳнозаро шинохт, ки лагандча бар дӯш, сӯи бозор мерафт.

– Туӣ, Шаҳноза? Чутӯ, духтарам? Хонаҳо тинҷӣ? – пурсид ӯ.

– Тинҷист бобо, тинҷӣ.

– Э пири сода! – худро коҳиш кард пирамард. – Ин духтар аз вазъи хонаю дари бастаи ту кай хабар дорад? Зудтар бишитоб!

Бобо Муносиб мерафту ба фазоҳо менигарист, ҳаворо бӯ-бӯ мекард, ки мабодо дуде, бӯи сӯхтагие ҳис мешавад?.. Гӯш меандохт, ки оё мошини сӯхтор оранд намекашад, садое шунида мешавад? Хаёлаш, ки ҳамин ҳоло аз болои ҳодисаи мудҳише мебарояд!..

Вай ба дари даромадгоҳи бино расид.

Не, ҳоло ҳеҷ гап не… Тирезаҳо бастагӣ. Аммо дар гӯшаш, гӯё аз дурии дуриҳо овози шуввоси бадвоҳимае расид. Ҳо-о! Овози хориҷшавии газ!.. Мор барин фашшос мезанад!..

Пояш суст шуд. Сари зонуяшро дошта, аз зинапояҳо боло шуд. Ҷон ҳавли ҷон калидро аз ҷайб ба даст гирифт. Аз саросемагӣ онро афтонд, ки аз таги панҷара ба ошёнаи якум ҷарангас сарозер рафт.

Чӣ қадар сахт буд фуромадан… Онро ба осонӣ наёфт. Дар торикии хираю тира ба ду дасту по мепалмосид… Ба чӣ азобе ёфт, чӣ сон боло шуд, худ надониста монд. Бо дастони ларзон қулфҳои дари вазнинро боз карда, нотарсона даромад.

Даҳлез пури бӯи газ!.. Эҳтиёт кард, ки ба чароғ даст нарасонад! Рӯймолчаашро ба даҳону бинӣ пахш карда, газро қатъ намуд. Шарақ-шарақ тирезаҳоро кушода партофт. Шамоли дару тирезаҳо ба ҳам омезиш ёфта, гази хориҷшударо рӯфта мебароварданд. Аммо хона дар як дам ба яхдоне мубаддал гардид.

Пирамард аз зӯри ҳаяҷон ва сармо дарақ-дарақ ларзид. Вай худро рӯи кати бароҳаташ афканд ва гиребонашро дошта тавба кард. «Худоро ҳазорон бор шукр, ки шармандаам накард… Сари вақт омадам. Дар акси ҳол, агар дар он тарафи сарҳад мемондам, фалокате рух доданаш мумкин буд. Он гоҳ ин рӯсиёҳиро куҷо мебурдам?!».

Ҳавои хона батадриҷ тоза шуд. Пирамард хесту дару тирезаҳоро баст.

Дилаш тасф пайдо карда буд. Хост пиёлае чой бошад. Не, чойник холӣ. Тарсидаю ваҳмида газро гиронд. Об монд дар чойники қарабоӣ. Об зуд ҷӯш овард. (Шиддати газ баланд буд). Чойи кабуд дам карда, се бор гардонд. Шаммааш таҳшин шуд. Оҳи бадарде кашида, дар пиёла рехт, як қулт гирифт ба даҳон, лек фурӯ бурда натавонист. Ким-чӣ гулӯгираш кард… Ва аҷаб не он аз алами танҳоӣ буд, ки ӯ рӯзгоре боз бори сангини онро ба дӯш дорад.

Баъд аз ҳамин чанд қатра оби дидааш равон шуд.

Бале, борҳо шунидаем мо, ки рехтани оби дидаи пирон сахт аст… Ва он аҳён-аҳён рух медиҳад. Барҳазар мебояд буд аз он …

*Душанбе, феврали 2007.*

# ХОТИРАҲО

## ДУ ЛАҲЗАИ ДИДОР
## БО МАРДИ БУЗУРГВОР АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ

Аввали декабри соли 2003 бо пурсиши раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ ба қабулгоҳашон рафтам. Шоири шаҳир Мӯъмин Қаноат, нависанда Абдулҳамиди Самад, устод Камолиддин Садриддинзода Айнӣ дар даҳлез истода бо ҳам гуфтугӯ доштанд.

Ин дам шоири дӯстдоштаи кӯдакон Ҷӯра Ҳошимӣ як даста даъватномаро ба ҳама тақсим кард. Аз ҷумла ба ман низ расид, қатори дуввум, ҷои 22-юм рақамгузорӣ шуда буд. Рӯи он сурати бузургмард Абдулаҳад Қаҳҳоров босалобат ба чашм мехӯрд. Ва он ҷо иншо шуда буд, ки «Шуморо ба маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 90-солагии арбоби намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки 13 декабри соли 2003 дар Театри Опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор мегардад, даъват менамоем. Кумитаи тадорукот».

Аз ростӣ хурсанд шудам. Ташаккур гуфтам. Ва беихтиёр ду лаҳзаи муассири вохӯрӣ бо он кас, ки ба фосилаи даҳ сол воқеъ гардида буд, пеши чашмам омад. Яке дар Тоҷикободи худамон, дигаре дар микрарайони Бибимаҳрӯи Кобул... Афсӯс хӯрдам, ки чаро барвақт аз ин ҷашн бохабар нашудаам. Охир, кайҳо боз мехостам он хотираро рӯи коғаз оварам.

– Хуб, ҳоло ҳам дер нашудааст, – худро тасалло додам ва дар ин хусус ба дӯстам шоир Алӣ Бобоҷон хотирнишон кардам.

* * *

Вохӯрии аввал моҳи декабри соли 1966-ум буд.

Ман дар редаксияи «Тоҷикистони Советӣ» чун мудири шӯъбаи илм ва фарҳанг кор мекардам. Мудирони шӯъбаро одатан аз тасдиқи Кумитаи Марказӣ мегузаронданд. Бисёриҳо маро медонистаанд. Ман ҳам аз он хуш будам, ки ҳар субҳ офтоби оламоро бар сарамон нур меборад. Котиби ҳизбии абарқудрат, сарвазири обрӯманд, шоиру нависандагони ҷаҳоншумул дорем. Тоҷикистон дорем, ки байни понздаҳ ҷумҳурии муттафиқ бехавотир, сарбаландона дар он кор ва зиндагӣ мекунем. Бар сарамон Ҷаббор Расулов – котиби ҳизбӣ, Абдулаҳад Қаҳҳоров – сар-

вазир, Мирзо Турсунзода – раиси шоиру нависандаҳо ҳастанд. Дар сояи давлаташон, ҷои кор, вазифа, хонаю ҷои обод, хонуму фарзандони дӯстрӯ дорем. Аз мо хушбахттар инсон гӯё нест дар олам.

Ман боз аз он хурсанд будам, ки ҳамон сол кумитамарказ ва додситонии ҷумҳурӣ боварам карда, пайи иҷрои ин ё он супориш ба шаҳру ноҳияҳои гуногун мефиристоданд.

Ин гуна супориш кам набуд. Дӯсти ҷониям Карим Ҳасанов – муовини додситони ҷумҳурӣ инсони донишманд ҳанӯз ҳам ёдовар мешавад, аз ҳамааш огоҳ буд. Фелетон, памфелет ва матолиби танқидӣ менавиштам. Ҳақиқат ва адолатро тарғиб мекардем.

* * *

Ҳамон як субҳи сардмоҳи декабр ба идораи рӯзнома омадам. Сардабирамон Ашӯр Ҳалимов (шодравон) маро ба ҳузур хонд ва гуфт, ки худи ҳозир хонаам биравам, палто, чизҳои дигари сафарӣ бигирам ва базудӣ, ба кумитамарказ рафта, Холмурод Шарифовро пайдо намоям... Тоҷикобод мераветон!

Холмурод Шарифов – муовини шӯъбаи сиёсӣ буд. Дар қабулгоҳаш боз ду тан – Абдураҳмон Қурбонов – аз вазорат ва муовини кумитаи давлатӣ оид ба кинематография Акрамбек Тошмуҳаммадов менишастанд.

– Рафтем, рафиқо, – аз ҷо хест Холмурод Шарифов.

Бароямон «Уазик»-и наппанав доданд. Ҳар кас ҷои худро дониста нишастем. Ман таги дари охирин – аз рӯи синну сол ҷо гирифтам.

– Шитоб, эҳтиёт ва боз ҳам эҳтиёт! – гуфт тарафи ронандаи худ сардорамон Холмурод Шарифов.

Борон меборид. Аз Файзобод гузашта ба барф дучор омадем.

Ҷои аз ҳама хатарнок Кабудҷар («Голубой берег») буд, ки зери кӯҳи баланд, соҳили танги Вахш, ҳар лаҳза сангу тарма мефуромад. Ду экскаватор қариб якуним – ду километр масофаро монугир тоза мекарданд.

Мерафтему аз дунё бехабар будем. Лек аз ҳаракати мошини мо аллакай, дар Обигарм, Ғарм ва Тоҷикобод медонистаанд. Ба қавле «Шӯришгарон»-и Тоҷикобод ҳамон андоза хуб муташаккил будаанд, ки ҳамаи одаму мошини сӯи Тоҷикобод ҳаракаткунандаро медонистаанд. Киҳо, кай, аз куҷо баромадаанд, ба куҷо расиданд – ҳамаашро ба «ситод»-и худ хабар мекардаанд.

Мо соатҳои сеи рӯз ба Тоҷикобод расидем. Роҳҳо пури барф. Дар майдони беҳад васеъ ҳазорҳо одамон ҷамъ омадаанд... Ҳаво сард, вале офтобӣ.

То анбӯҳи одамон расида мошини мо таваққуф кард. Ҳанӯз имкони фуромадан нарасида, понздаҳ – бист ҷавонмард гирди мошинро гирифта, онро якҷоя бо мо, озод бардоштанд. Рӯи мошинро тарафи роҳи омадаамон гардонданд. Ва як тан аз ҷавонмардони ҳузарб, ки дар китфаш занҷири ғафс дошт, дари ронандаро воз карда гуфт:

– Сағира, худат мерай, ё ки бубаремут?

Ронанда ба мо нигоҳ кард.

Холмурод Шарифов хост ким-чӣ бигӯяд.

Ҷавонон мошинро аз се тарафаш тела карданд.

Ман «шарақ» дарро кушода фуромадам.

Онҳо ҳайрон! Чашмонашон аз ҳадақа баромадагӣ барин!

Аз таги палтои ғафсам дастгоҳи аккосӣ доштам, ки онро дуруст кардам.

Онҳо бодиққат ба ман чашм медӯхтанд.

Ҳамин лаҳза чашмам ба Орзуев ном хабарнигорамон афтод, ки сӯяш:

– Ҳа, Сиҷоуддин! – гуфтам.

– Э-ҳа, одамони худи-ку! – гуфта ӯ давида омад. Оғӯш кушода вохӯрдем.

Ҷавононе, ки мошини моро тела дода, то ҷарии калон burданӣ буданд, ҳама дасташонро бо барф бишустанд...

Шиносҳои Холмурод Шарифов ва ду рафиқи дигарамон ҳам омада, бо як меҳру шафқат саломалек карданд. Мошинро ронанда таги меҳмонхона ронда бурд. Мо ба издиҳом наздик шудем.

Ҳама ба мо менигаристанд. Одамон рӯи майдони пурбарф кадом минбари тахтагин гузоштаанд. Дар ақиби минбар ду инсони бузург-Расулов ва Қаҳҳоров рост истодаанд. Дар сар телпак, палтоҳои қиматбаҳо, гиребонашон хушрӯ.

Ҷаббор Расулов навакак гапашонро гуфта, ба мардум гӯш медоданд.

Мо дуртар аз онҳо истодем.

Ин вақт аз дур овози як пирамард баланд шуд:

– Э рафиқ Расулов! Ҳами(н) Тоҷикобод «район» меша (вад) ё намеша (вад) ?

Мардум яке чун оби баҳри барфаралаш ғалт хӯрд.

Ба минбар Абдулаҳад Қаҳҳоров наздик омаданд. Оддӣ, овозро баланд накарда гуфтанд:

– Бародарон! Мо дида истодаем. Мефаҳмем. Талаби шумо, то андозае маълум. Лекин, ҳисобу китоб карда дидан лозим. Оё Тоҷикобод ба «статуси» ноҳия шудан ҷавоб дода метавонад ё не. Ҳамааш ба мо маълум. Бо вуҷуди ин боз ҳам дида мебароем, рафиқон.

Ин вақт аз гӯшаи дигари майдон пирамарде овоз андохт:

– Э рафиқ Қаҳҳоров! Ҳамин Тоҷикобод «район» меша ё намеша?

Мо ҳар чаҳор ҳам ноаён, беихтиёр ба минбар наздик шудем.

Расулов ва Қаҳҳоров дигар чизе нагуфтанд. Ба ҳамдигар назар афканда, сӯи мо ишора карданд. Чӣ мегуфтанд, ба мо маълум набуд. Ҷаббор Расулов ба худ қиёфаи ҷиддитаре гирифта буданд. Дар андоми Абдулаҳад Қаҳҳоров мисли ҳамеша як лабханди ба бузургон хос ва бонизом эҳсос мешуд.

– Ба инҳо чӣ мефаҳмонед, боз? – оҳиста гуфтанд Қаҳҳоров ба Расулов.

Расулов ҳам тарафи моён чаҳор тан ишора карда, ким-чӣ гуфтанд.

Инони суханро боз Абдулаҳад Қаҳҳоров ба даст гирифтанд:

– Бародаро! Халоиқ! Мо аз шумо гапи пинҳонӣ надорем. Ин ҷо намояндаи мо – бародарони худи шумо омадаанд. Яке аз ташкилоти ҷавонони ноҳияи шумо (дар воҳаи Қаротегин) солҳо кор кардааст. Дигаре ходими кино, сеюмӣ аз вазорати маданият ва намояндаи матбуот – дӯстони коргару деҳқон (ба ману Сиҷоуддини Орзу ишора карданд).

Ҳамаи талаб ва тақозои худро ба онҳо гап занед. Онҳо бо Тоҷикобод шинос мешаванд. Ҳақиқати ҳолро ба мо мерасонанд. Шояд гапҳои ба мо нагуфтаатонро ба онҳо мегӯед! – суханро ба худи халқ ҳавола карданд.

Овозашон қатъӣ, одӣ ва самимӣ буд.

– Маъқул, рафиқ Қаҳҳоров! – гуфт як марди қоқинаи як чашмаш нобино, ки ӯ ҳам Расулов ном дошт ва намояндаи Тоҷикобод дар назди комиҷроияи Ғарм. – Тоқати мардум тоқ шудааст!

– Ест! Гапи ӯро буриданд Ҷаббор Расулов.

Ҳардуи онҳо минбарро тарк карданд. Ҳамроҳашон Холмурод Шарифов низ ба меҳмонхоначаи назарногире даромаданд.

Пас аз чанде Абдулҳақов аз ҳузури бузургон баромада ба ман ишора намуданд:

«Раиси кумитаи умури дохила чӣ мегуфта бошанд»-гуфта дав-давон наздашон рафтам.

– Ин чист? – ба дастгоҳи суратгириам даст расонданд.

– «Аппарати суратгирӣ» – гуфтам.

– Э, онро аз таги палто бароред, ба китф гиред, – таъкид карданд хандида.

Ман зуд палторо пеши назари мардум кашида онро ба китф овехтам.

Пас аз чанд дақиқа Холмурод Шарифов ва дигарон котиби ҳизбӣ ва раиси шӯрои вазиронро гусел карданд.

Ин вақт барфи майдон кам-кам об шуда, ба ҷӯйчаҳо фуромада, мисли одамон нопадид шуда мерафт...

Баробари фурӯ рафтани офтоб барф ба ях мубаддал шуда, таги по қатар-қатар мекард. Зери пои издиҳоми пароканда шуда истода, мисли сели кӯҳӣ, садои мағшуше мебаровард.

Мо шаби аввал дар ҳамон меҳмонхона мондем.

– Ҳа, ҷӯраи «силоҳдор?» – мегуфтанд шӯхиомез дӯстонамон Орзуев, Мираков, Расулов, ки ҳамроҳи мо мегаштанд.

Ҳамин тавр, мо чор тан, чанд рӯз дар Тоҷикобод мондем.

Ҳаво бениҳоят сард буд. Лек дили халқи Тоҷикобод гарм, нияташон холис, орзуҳояшон бепоён буд...

Онҳо ҳар кадом хонаю ҷойҳои хубе доштанд. Дар меҳмонхонаҳояшон то даҳ-бист кас ҷо мешуд. Аммо клуби калон ё кинотеатр надоштанд. Мағозаҳо холӣ, хонаҳо, идораҳо хунук. Ангишт не, ки оташ гиронанд. Орд, шакар, собун, гӯгирд, колои сафед барин чизҳои зарурати рӯзгор хеле кам, қариб, ки нест.

Ҳикоят мекарданд, ки бечора як пирамард ба нафақа баромаданӣ шуда, тобистон се-чор бор ба маркази Ғарм рафта, бо дасти холӣ баргаштааст...

Дар ин бораҳо мардум ба мо дар «меҳмонхонаҳои калоне» ки бӯи пилла ва шоху барги тут мекард, гап мезаданд. Дар ҳамон пиллахонаҳо хас, хошок, пахол андохта, рӯяш гилем, қолин, кӯрпачаҳо густурда, ҷой тайёр мекарданд. Мардуми меҳмоннавоз дастархонҳои калон густурда, барои сад-дусад кас табақ-табақ палав, гӯштбирён, кабкбирён, қурутоб, нонҳои калону ғафси, ба қавли худашон, бойсунӣ ва лавош меоварданд. Рӯи дастархонро бо ангуру ҳалвою себу ноку чаҳормағз пур ме-

карданд. Табақҳои лангарии пур-пурро ҳар кас, ки меовард, аввал назди мо меҳмонон мегузаштанд.

Хуб, чӣ қадар мехӯрӣ? Табақҳои таом то аз боло ба пойгаҳ рафта расиданаш холӣ шуда, аз дар бо соҳибаш якҷоя мебаромад. Сарфарозии ӯ дар ҳамон буд – таомашро бихӯрданд. Онқадар лаззатбор буданд таомҳояшон, ки ҳанӯз ҳам таъму эҳтирому эътибори ононро фаромӯш накардаем...

Мо шаш рӯзро дар хоҷагиҳои гирду пеши Тоҷикобод гузарондем. Бо шароити мардум ошно шудем. Раисон, ба нон қасам хӯрда ҳақиқати ҳолро ба мо гап мезаданд. Фақат аз беаҳамиятии роҳбарони ноҳия шиква доштанд.

Дар ин бора Ҳамидулло Расулов – намояндаи Тоҷикобод, Н. Пираков – директори омӯзишгоҳ чандон кушоду равшан гап назананд ҳам, дигарон ошкоро мегуфтанд. Сӯҳбатҳои мо бо онон хеле самимӣ мегузашт. Холмурод Шарифов, ки одамони водии Қаротегинро қариб, ки ном ба ном медонистааст, давраро метафсонд. Шодравон – ҳофизи халқӣ Иброҳим Кобулӣ расо суруд мехонд.

Он ҷо ки суруду мусиқӣ танинандоз бошад, ҳаргиз ғайбат, низоъ, бетартибӣ роҳ намеёфтааст...

Дар сӯҳбатҳо мардум, аксар муаллимон, фаъолони хоҷагиҳо суолҳои гуногун ба миён меоварданд. Мо бонавбат посух медодем. Раисони мӯҳтарам Абдурасул Саломов, Абдусамад Идрисов, Шарифи Шодӣ (аз хоҷагии машҳури «Қалъаи Лабиоб») чун одамони солор, ҷиддӣ вазъи онрӯзаро хуб таҳлил мекарданд, беҳуда будани «зӯрозмоӣ»-ҳоро таъкид менамуданд. Афсӯс мехӯрданд, ки нисбат ба ду сарвари барҷастаи ҷумҳурӣ беодобӣ зоҳир шуд, ақаллан, «намакхӯр» карда натавонистанду аз рӯи барфи майдон, аз ақиби як минбарак хеста рафтанд. Беодобии калон зоҳир шуд. Охир, онҳо ба тасаввури халқ «подшоҳи» моянд. Подшоҳ сояи Худост дар замин!

Бисёр будаанд чунин одамони дурандеш он ҷо ҳам, ки агар гап занӣ, сухан ба дарозо мекашад.

Мо мутмаъин будем, ки он «балво»-ро чанде аз муҳассилини кадоме аз мактабҳои ҳизбии Осиёи Марказии худамон ташкил додаанд.

Маҳз онҳо ду-се касро ҳайъат нишон дода (Шарифи Карим, Искандари Тош ва боз як кас) аз тариқи Тошканд ба Маскав фиристодаанд. Гап якто: «Тоҷикобод ноҳия шавад!» Онҳоро гӯё бузург инсон Юрий Владимирович Андропов қабул менамояд, ваъда медиҳад, ки дар ҳалли масъала ҳатман ёрӣ мерасонад.

Мо аз пайи ин гапҳо нагашта, оид ба талаби асосии мардум, беҳавсалагии баъзе роҳбарони маҳаллӣ тасаввурот пайдо карда, аз рӯи виҷдон, асли сабабҳои «шӯриш»-ро (агар ин тавр гуфтан ҷоиз бошад) хаттӣ навишта ба мӯҳтарам Ҷ. Расулов ва А. Қаҳҳоров маълум карданӣ шудем.

Мо чунин маълумотномаро дар ҳузури худи дӯстони тоҷикободӣ ҳам нишаста рӯи қоғаз оварда метавонистем. Азбаски ба тайёра расида тавонем, ба маркази Ғарм рафтем. Дар хонаи телефондори як муаллими мӯҳтарам-дӯсти Х. Шарифов, сари як пиёла чой нишаста навиштем. Котиб ман будам. Фикрҳоро хулоса карда, охирин бор таҳрир кардем.

Дӯстони тоҷикободӣ моро баногоҳ «гум» карда, ниҳоят аз он ҷо буданамон хабар ёфта, беист сим мезаданд. Гумон кардаанд, ки ба кумитамарказ «росту дурӯғ» нанависем.

Не. Дар ниҳоди ҳар чори мо ҳам чунин ният набуд. Ҳадафи асосӣ – ободии он сӯи дарёи Сурхоб-Тоҷикобод буд.

Ман бо охирин тайёра аз Ғарм, ҳамон бегоҳӣ, ба Душанбе парвоз кардам.

Дигарон ба Тоҷикобод баргаштанд.

Мактуб дар бағал рост ба КМ рафтам. Аллакай аз баргаштани ман хабар расида будаст. Худам ба даста бояд мактубро ба дасти Ҷ. Расулов месупурдам...

– Вазъият чӣ тавр? – гуфтанд айнак аз чашм гирифта.

Ҳамин дам мӯҳтарам Абдулаҳад Қаҳҳоров нуронӣ шуда аз дар даромаданд, даст доданд.

– Вазъият бад не. Баъд аз баргаштани шумоён іздиҳом парокандa шуда буд... Бисёриҳо аз кардаашон пушаймон, «ақаллан як пиёла чой дода натавонистем» – гӯён афсӯс мехӯрданд, – гуфтам наздашон рост истода. – Мардум аз бисёр чизҳо танқисӣ доранд: ангишт нест, рӯған, шакар, орд, собун нест. Ягона мағозаашон холӣ... Ҳамаашро мо, бо маслиҳат, ин ҷо сабт кардем...

– Аппарат (силоҳ)-ро куҷо кардед? – шӯхӣ карданд Абдулаҳад Қаҳҳоров.

– Ба дӯстам Орзу тақдим кардам! – гуфтам. Ҳарду бузург бо табассум ба якдигар нигаристанд. Ман бадар рафтам.

Баъдтар фаҳмидам, ки пас аз гирифтани «нома»-и мо аз Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо ба Тоҷикобод бештар аз дусад мошин ҳаргуна мавод, дар паҳлӯи ронанда як милиса (дар либоси шаҳрвандӣ) меравад, то ки мавод дар роҳ талаф нашавад...

Ба ин тариқ, ҳамон зимистон таъминоташон хуб шуда, минбаъд ҳам осуда гаштанд. Ғайр аз Пираков ба дигар ягон кас тазйиқ ворид нагардид. Лек орзуи ноҳия шудани Тоҷикобод дар дилашон монда буд, ки шодравон Пираков низ ҳаминро мехост.

Он орзу дар замони Истиқлолияти нав, пас аз сессияи XVI, баъд аз ба сари қудрат омадани қаҳрамони миллат Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҷомаи амал пӯшид. Тоҷикобод ҳоло пул (кӯпрук)-и худ, фарҳанги худ, театри халқии «Баёзи кӯҳистон» – и худро дорад, ки дар ҳайаташ писарони санъаткори дӯстони мо Сиҷоуддини Орзу, Иброҳими Кобулӣ – Саъдӣ ва Саломиддин ҳунарнамоӣ мекунанд ва бо ҳамин шоду масруранд.

II

Аз он мулоқоту воқеаи хотирмон бештар аз даҳ сол гузашта, боз ҳам тасодуфан, бо бузургмард Абдулаҳад Қаҳҳоров дар Кобул вохӯрдам.

Халқи қаблан шӯравидӯсти афғон бо роҳбарии Нурмуҳаммад Таракӣ ва генерали тоҷик Абдулқодир дар моҳи саври соли 1978 инқилоб кард. Инқилоби ногаҳонӣ, ғайричашмдошт, вале пурумед, бо ҳадафҳои муайян – ободӣ, гулгулшукуфӣ ва пешрафти Афғонистони озод ва мустақил!

Ин инқилобро аввалин шуда Давлати Шӯравӣ зуд дастгирӣ кард. Аз кӯмак ва ба расмият шинохтани ҳукумати Таракӣ ҳама шод будем, ки ниҳоят бар сари халқи ҷафокашу «занҷиршикан»-и афғон офтоби бахт шӯълаафканӣ мекунад.

Ин буд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ мутахассису мушовирони зиёде ба он мамлакат фиристод, то ки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи онро пешрав гардонад, ки инро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад.

Барои онҳо тарҷумонҳои зиёд ҳам лозим буд, ки аксар аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, қисман аз Озарбойҷон сафарбар мешуданд.

Ҳамон рӯзҳо ба Тоҷикистон аз Маскав В. И. Баранов ном дипломат омад. Интихоб ва пешбарии тарҷумонҳоро Вазорати умури хориҷӣ якҷоя бо Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба ӯҳда доштанд. Аз пажӯҳишгоҳ ба ман супориш шуд, ки Барановро бо мошини худ гирифта гардам ва барои бист тарҷумон ҳуҷҷату сурат таҳия карда ба дасташ диҳам.

4 июн ӯ ба Маскав рафт. 8 июн мо чор тан тарҷумон – банда, Гулҷонов, Пӯлодов ва Абдураҳмоновро ба Маскав даъват дода, якбора Кобул фиристоданд. Маро насиб дар вазорати зироат аф-

тод ва аз микрарайони Бибимаҳрӯ (Кобул) хона доданд. Чизу чораамро ҷо ба ҷо карда, бегоҳӣ ҳавохӯрӣ рӯи ҳавлӣ баромадам ва баногоҳ дар мошини Шевролети сиёҳи дароз ду чеҳраи бароям оташ барин гарму шинос омада фуромаданд. Яке пири нуронӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров, дигаре ҷавонмарди тилло барин дурахшдор Мирзо Бобоевич Бобоев буданд.

Бисёр шод шуда наздашон рафтам. Дар як опортмон (квартира) се кас (аз Ӯзбекистон, мутахассис Н. Қӯйбоқаров низ будааст) иқомат доштаанд... Ҳамсоя шудем.

Ҳар субҳ бо мошинҳои тамғаҳои гуногун ронандагони лоғару офтобхӯрдаи афғон омада, моро ба вазоратҳо мебурданд. Аммо онҳоро ё ба сафорат, ё рост ба қабулгоҳи «шогирди вафодор» – и Тараки – Ҳафизуллоҳи Амин мебурданд. Лекин ҷои асосиашон Вазорати зироат буд, ки вазираш марди инқилобкор Зерай ном дошт.

Аз мушовирони маскавӣ оқои Колядный марди қоматбаланд, чеҳракушод, босалобат мисли Абдулаҳад Қаҳҳоров бо онон ҳамкорӣ мекард. Ҳама якҷоя системаи «Ислоҳоти замин»-и Афғонистонро таҳия мекарданд. Дастур ва қонуни онро ба дараҷот саҳеҳ бояд мураттаб мекарданд, ки ин кори осон набуд ва басо пурифтихор ҳам маҳсуб мешуд.

Ман тарҷумони оқои Ҳасан Паймон (аз раёсати тарвиҷ) будам. Ин ҷавонмарди инқилобкор хеле босавод буд ва бевосита бо созандагони «Ислоҳоти замин» алоқаманд буд.

Масъалаҳои умда ва таҷрибаи ҳамаи мамолики дунёро ба ҳисоб гирифта, мақсад, асноди пурмӯҳтавое таҳия бояд мекарданд. Аз ин муҳимтар масъала он рӯз гӯё набуд, дар Кобул.

Абдулаҳад Қаҳҳоров ва ҳамроҳонашон рӯзҳои аввали Инқилоби Савр он ҷо рафта буданд. Боз ду моҳи дигар (то сентябри ҳамон сол) корро бояд анҷом медоданд.

Мо тарҷумонҳоро ба утоқашон даъват карда, сӯҳбат мероростанд. Аз дониши энсиклопедӣ, тамкин, риояи қоидаҳои дипломатии эшон ибрат мегирифтем. Пеш аз ба Ватан баргаштанашон палаву кабоб фармуда як меҳмонхона одамро зиёфат доданд. Мо дар хизмат будем. Суханони пандомезашон оид ба кӯмакҳои шӯравӣ, оид баояндаи дурахшони Афғонистон, бахусус дар замони амалӣ гардондани «Ислоҳоти замин», беҳамто буд. Ба дӯстони афғон комёбиҳо орзу карда баргаштанд...

Мо ки муддати сеюним соли муташанниҷи баъдӣ он ҷо бу-

дем, аз рӯзҳои аввали амалӣ гардондани «Ислоҳоти замин» дар он ҷо шоҳиди бисёр воқеаю рӯйдод мегардидем.

«Ислоҳоти замин» ба шакли китоби калон ба се забон – форсии дарӣ, русӣ ва пашту чоп шуд. Рӯзномаю маҷаллаҳо он қадар тарғибу ташвиқ карданд, ки гӯё «Ислоҳоти замин» дар кураи арз ва дар таърих аввалин бор мураттаб гардида бошад...

Ҳамон сол телевизиони рангаи афғонҳо ба кор даромад. Ба забони дарӣ ва пашту ҳамчунон намоишномаҳои ҷолиб таҳия мешуд, ки ақл лол мемонд. Дунё дунёи афғонҳо шуда буд. Бахусус, процесси ба мардум тақсим карда додани заминҳои аҷдодӣ ҳамчунон бо шӯру шааб мегузашт, ки гӯё «Ислоҳоти замин» барояшон дуввумин Инқилоби Савр гардид. Ва ин ҳама бо телевизион намоиш дода мешуд.

Духтару писаракони афғон дар ҳама ҷо, бо сару либоси тоза суруд хонда мегузаштанд. Нақароти яке аз сурудашон:

«Дӯстон тоҷи сар! Душманон зери по!» буд. Онро ҳамчунон ба оҳанги инқилобӣ дароварда мехонданд, ки қалам дар тасвираш оҷиз мемонад...

Борҳо иҷрои онро мо дар ҳавлии худ – макрӯёни Бибимаҳрӯ ҳамроҳи мутахассисон, аз ҷумла устод Абдулаҳад Қаҳҳоров (дар балкон истода) мешунидем, ки он кас завқ мебурданд. Хурдтаракон гоҳе ғалат карда он байтро «Дӯстон – зери по, Душманон – тоҷи сар!» ҳам мегуфтанд. Завқовар буд. Шояд дар мусофират фарзандон набераҳои ширинашонро, ки дар Ватан, саодатманду бахтиёр буданд ба ёд меоваранд.

Нигоҳҳои хирадмандонаашон ҳазин мегардид ва дар чашмонашон осори ашк намудор мешуд. Ҳис мекардем, ки дар симои хурдтаракони афғон ояндаи дурахшони он кишварро медиданд, дар нишастҳо иброз ҳам медоштанд.

Тарғиби «Ислоҳоти замин» дастур ва қарорҳои давлат оид ба он хеле вақт мутантан идома меёфт. Аз тамоми кишвар рафти тақсими заминро ба деҳқонон, камбағалу бенавоён, тавассути телевизор ва радио мешунавонданд. Мардуми соҳиби замин гардида, қатъӣ назар аз он ки вай обист, лалмист ё санглоху хористон – белу каланд дар даст, чӯбе чун асои даҳмарда сари китфу дар камар, рӯ-рӯи замину обу санг арғушт мерафтанд. Садои якнавохти дуҳул аз дуру наздик ба гӯш расида, ҳамаро ба он бовар мебахшид, ки мардуми афғон акнун дашту биёбони Марго, ҳамвории кафи даст барини Қундузу Бағлонро то Балх, ки дашти Ширмаҳӣ меноманд, обшор месозанд. Бо ёрии техни-

каи ҷаҳонӣ ба гулистон табдил медиҳанд. Яксара Дашти Ширмаҳӣ мисли соҳилҳои рости Вахшу Панҷу Ому ба макони пахтаи мисрӣ мубаддал мегардад. Мамлакат базудӣ рӯ ба рушд оварда, бою ғанӣ мешавад.

Мақсад аз таҳияву шарҳи нақшаҳои «Ислоҳот» ҳамин буд.

Аммо баъдтар чашм расид. Душманони дохилию хориҷии ин мулк ояндаи дурахшони онро дида натавонистанд. Зери таҳдоби бинои азимашон об сар доданд. Шӯразамин шӯрид. Аввал Ҳафизулло Амин ба гапи ким-киҳо даромада вазъи кишварро дигаргун кард. Устоди худ Таракиро аз байн бурд, ки одамон то ҳол намедонанд қабраш дар куҷост.

Тараки пеш аз он ки ба дасти Ҷондод ҷон диҳад, соати худро аз даст кашида ба ӯ медиҳад, то онро бурда ба Амин бидиҳад. Ин рамзе будааст, ки «вақту соате низ фаро мерасад, ки Амини хуношом ҳам ба ҷазои Ҳақтаоло гирифтор хоҳад шуд».

Амин дар сухан бо шӯравиён буд, лек амалаш тамом дигар. Вай сар карда кӯпрукҳои калони ду тарафи Солангро битарконид. Мо шоҳиди он будем, ки чи сон одамонаш дар камари кӯҳҳо лонаи сангӣ сохта, катҳои симини шӯравиро ҷои хоб карда, харобкорӣ мекардаанд. Мо ҳамроҳи шоири зуллисонайн Амриддин Сарҳад, вақти бозгашт аз Қундуз ба Кобул (13 сентябри с. 1979) ба чашми худ дида будем, ки чи сон одамони раҳгузар ба онон пулу пайса ва хӯрокворӣ меоварданд.

Дере нагузашта одамони Амин «Ислоҳоти замин»-ро бо хок яксон кард. Мардум бо шодмонӣ барои гирифтани як порча замин ба вулусволиҳо бидароянд, ба ҷои замин «марги муфоҷо»-и худро меёфтаанд.

Даҳшатовар буд замоне, ба қавли вазири зироат ҷаноби Мӯъманд, ки заминхоҳон ба чӣ аҳволе расиданд дар Ҳироту Нимрӯз: чанд нафар ариза бардошта мераванд ба власвол.

– Замин мехоҳен? – мепурсад як нафар.

– Бале соҳиб, замин...

– Аз куҷо мехоҳен?

– Аз замини бобоӣ, соҳиб.

– Хуб, ина дар ҳаликубтар (чархбол) нишинед! – амр медиҳад сардор.

Онҳо менишинанд.

Чархбол дар осмони деҳаи онҳо чарх мезанад. Онҳо заминҳои бобоии худро бо даст нишон медиҳанд. Онҳо дари чархболро воз карда боз мепурсанд:

– Ҳами (н) аст?

– Бале, соҳиб!

– Хуб, ина биравен! Соҳибӣ кунен заминатонро! – гӯён аз ақиб бо пой мезананд. Онҳо сарозер меравaнд.

Ана, ба чӣ ҳол оварда буд Амин баъд аз сари Тараки «Ислоҳоти замин»-ро. Ин ҷабру ҷафо бештар ба сари даризабонон, ӯзбеку туркманҳо омада буд.

Ниҳоят худи Амин ҳам ҷазояшро бидид. Ӯ дар Қасри Доруламон ба тук-туки соати Тараки фиристода гӯш андохта ҳукми қатли худро бишунид.

Баъд аз 27 декабри с. 1979 ба сари қудрат ҷоннисори мардуми афғон Бабрак Кормали тоҷик омад. Зерай, Аннаҳито ва Қодир омаданд. Сулаймон Лоиқу Борик Шафеӣ боз ба эҷоди хеш оғоз карданд.

Боз суруди Аҳмад Зоҳир ҷонбахш садо дод. Ғазали Лоҳутиро дар марҳалаи дуввуми Инқилоби Савр ба хондан оғоз кард, ки он то иншо гардидани матни суруди миллии афғон, ба ҷои он, ҳар субҳу шом баланд мешуд:

*Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест!*
*Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест!*

Ин суруд афғононро аз нав бедор мекард, аз нав баҳри озодию истиқлол ҷадал мекарданд. Мо ҳамзабонон шод будем, ки мулки афғон дигар рӯи ғам намебинад. Боз ҳам суруди азалии кӯдакон танинандоз мегашт. Боз фарзандони ҳамсояи мо – ҷанрол Осаф, ҷанрол Бобоҷон, писару духтараконн Сулаймон Лоиқ, суруди «Дӯстон-тоҷи сар, Душманон – зери по»-ро мехонанд.

Ин дам аз нав чеҳраи абармард Абдулаҳад Қаҳҳоров пеши назарам ҷилвагар мешуданд.

Афғонҳо китоби «Ислоҳоти замин»-ро, ки бо заҳмати зиёда худашон ва шӯравиён мураттаб гардонда буданд, чун ёдгор аз мардони фозили Тоҷикистон маҳфуз медоранд. Умедворанд, ки боз ягон вақт дар кӯчаю ҷодаҳояшон тӯй барпо мегардад, зиндагии навин тантана карда, Офтоб ҳам ранги дигар шӯълаафшонӣ хоҳад кард. Он гоҳ боз ба масъалаи «Ислоҳоти замин» баргашта мураттибонашро, аз ҷумла Абдулаҳад Қаҳҳорови донишмандро ёдовар мешаванд...

## БИБИҶОНИ БАЧАҲО
### *(Ба ёди Гулчеҳра Сулаймонӣ)*

*Доғ аст дили лолаву нилист бари сарв,*
*К-аз боғи ҷаҳон лолаузорон ҳама рафтанд.*
*Афсӯс, ки афсонасароён ҳама хуфтанд,*
*Андӯҳ, ки андӯҳгусорон ҳама рафтанд!*
*Маликушшуаро БАҲОР*

Шоир, ки «дар рафтани ҷон аз бадан» чунин сухан гӯяд аз санг нола хезад.

абр ашк резад,

бод ба туғён ояд,

баҳр биғуррад,

моҳи осмон ҳам лаҳзае таваққуф созад!..

Шоҳбайтҳои болоро бо афсӯсу андӯҳ мехонаму як инсони шариф пеши чашмам меояд.

Шоира буд он инсон.

Лолаузор буд ӯ ҳам.

«Афсонасаро»-и бачаҳои мо буд, ки ҳама бо ширинадоӣ «бибиҷони бачаҳо» меномидем.

«Андӯҳгусор»-и калонсолон, шабеҳи Индира Гандии хушхисол буд, ки ҳама бо номаш ифтихор доштем.

Он инсон Гулчеҳра Сулаймонӣ буд.

Афсӯсо, ки чанд баҳор ин ҷониб байни мо нест!

Андӯҳо, ки бо ин ҷаҳони пурташвиш, ҳазорон ҳазор дӯстдорони шеъру шоирӣ – тифлакону наврасонро партофта рафт!

Ҳамин сол, баъд аз Наврӯзи оламоро буд, ки фарзандонам хабар оварданд: «Дилатон ганда нашавад, дада!», – гуфтанд, – «бибиҷони бачаҳо» аз олам гузаштанд».

Дасти дуо ба рӯ кашидам.

Сукут рафтам, чанде.

Одамӣ ҳамин!..

Як хас аз одамӣ беҳ аст, гоҳе!.. Агар хасро ҷое гузорӣ, агар нам нарасад ҳазор сол боқӣ мемонад.

Аммо одамӣ?

Аз одамӣ номи нек бо таъбири Зардушт «Гуфтори нек, пиндори нек, кирдори нек!» монда.

Аз Гулчеҳра-ойтӣ – шоираи ширинкалом низ ин сифатҳо боқӣ мондаанд.

Охирин бор он касро, рӯзи фавти санъаткори мумтоз Атои Муҳаммадҷон, ки тобуташро дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ гузошта буданд, дида мутаҳайир шудам.

Ҳама ашк мерехт…

Гулчеҳра ойтӣ, магар сиришки хеш рехта – рехта тамом карда буд, ки дар пероҳани мотам, рӯи курсӣ, дар як кунҷи чароғаш хирасӯзи толори азим, дуртар аз сари роҳи видоъкунандагон орому ором менишаст.

Ману бародархондам Камолиддин Айнӣ ҳам аз паҳлӯи тобут гузашта, назди он кас таъзим ба ҷо овардем, сар хам кардем.

Аз андӯҳ касеро ёрои сухан гуфтан набуд…

Лек ман, ки чанд вақт боз он касро надида будам, наздиктар рафта пурсупос кардам.

Хомӯш сар ҷунбонд он фариштаи ғамзада.

Маълум, ки аз талафи ҳунарвар беҳад андӯҳгин аст.

Одатан, андӯҳгинии шоир – модар сахт мегузарад, дарун-дарун месӯзад, ҷигархун мегардад.

Он фасли тирамоҳ буд.

Омада баҳорон худ «сафар» кард, сафари ногузаштанӣ, абадӣ!..

Он дам, ки пояи тобуташ гирифтем, овони ҷавонӣ ва гулгулшукуфиаш пеши чашмам ҷилва кард: ҳамроҳи модару хоҳараш Лолаҷон ва шавҳари соҳибқаламаш Акобир Шарифӣ, ки он вақт бо ҳикояи «Амаки милиса» машҳур буд, аз назарам дур намерафт.

Он чеҳраи гарм ба мо аз нимаи дуввуми солҳои 50-ум ошно буд.

Солҳои донишҷӯии мо ӯ навниҳоли арғувониро мемонд. Ҳамроҳи устодони назм Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирсаид Миршакар, барои мулоқот ба Дорулфунуни мо, ки инсонҳои абарқудрат Ибодулло Қосимович Нарзиқулов ва Солеҳ Ашурович Раҷабов роҳбар буданд, меомаданд.

Шеър мехонданд.

Сӯҳбаторой мешуд.

Дар дилу дидаҳо ҷо мегардиданд!..

* * *

Баъд?..

Баъд аз хатми таҳсил бо Гулчеҳра ойтӣ аз наздик шинос шудем.

На танҳо бо он кас, балки бо модарашон ва хоҳарашон Лолаҷон ҳам…

Мо ҳамсоя шудем, бо тақозои зиндагӣ.

Ҳамсояи нек, ғамхор ва лаҳзаҳои ба сари ҷавонамон омадани ғам, ойтию ҳамсояҳои андӯҳгусоре буданд онон.

Ва он хотираи ғамангезу фаромӯшношуданиест барои мо!..

* * *

Нимаҳои августи соли 1961 буд.

Ман чун ходими адабии маҷаллаи «Тоҷикистон» нав ба кор шомил шуда будам.

Сармуҳаррирамон – устод Абдусалом Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ, маро ба тафтиши як шикоят ба Ҷиргатолу Лахш фиристоданд.

Ҳарчанд роҳаш пуразоб буд, лек бо шавқмандию азму ҷазм рафта омадам. Натиҷаи сафар бад набуд. Оид ба картошкапарварони Лахш лавҳае навишта, ба устод таври шифоҳӣ мехондам, ки рафиқи давраи донишҷӯиям Юсуф Акобиров омад, саломалек кард ва гуфт, ки ӯро табрик намоем, ба хондан – ба Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горкий меравад.

Устод Деҳотӣ хабар доштаанд, табрик гуфтанд.

Мо ҳамкорон – Мурод Боғир, Ҷумъа Одина, Шоҳин, Раҷабалӣ Имом, Лев Қандин низ дасташ фишурдем. Ӯро нависандагон бо қиссаи «Баъде ки осиё боз монд» ва чун «набера»-и устод Айнӣ мешинохтанд. (Ман бо ӯ шарикдарс, якҷоя мегаштем ва дӯстӣ буд миёни мо). Дар идораи «Садои Шарқ» кор мекард. Аз бинои нависандаҳо хонае ҳам ба ӯ дода буданд, ки дар ақиби чойхонаи «Роҳат» ҳанӯз ҳам ҳаст.

– Гап ҳаст, – гуфт вай ба ман.

– Аз мо пинҳон надор, сағира? – луқма андохт Шоҳин.

– Не, чӣ ҷои пинҳон? – китфҳояшро чун устодамон Додоҷон Тоҷиев боло-боло бардошта монд ӯ. – Хонаамро барояш монда рафтанӣ, – гуфт маро нишон дода.

– Бахудо, сағираи боақл ҳастӣ, – таърифаш кард Шоҳин.

– «Сағира» нагӯй! Падару мордар дорам, – эътироз кард ӯ.

– Шӯхӣ-дия, – Шоҳин ҳамаро хандонд.

Вай мудири шӯъба буд. Иҷозат пурсида ҳамроҳи Юсуфҷон ба идораи «Садои Шарқ» рафтам. (Он вақт «Шарқи сурх» ном дошт).

Аз он ҷо коғазҳои ӯро бардошта хонааш рафтем.

Медонистам, он бино қадамҷои одамони бузург устод Лоҳутӣ, Деҳотӣ, Миршакар ва бисёр дигарон он ҷо иқомат ва эҷод кардаанд.

Чун иҷорашин будам, аз ҳиммати дӯстам мамнун, пагоҳаш ӯро ба Маскав гусел карда, кӯчида гузаштам.

Бо ҳамсояҳо – шоир Убайд Раҷаб, Шарқӣ, ака Салоҳ шинос шудам. Он ҷо Ӯрун Кӯҳзод, Шарофиддин Рустам даробуро доштанд. Аз ҳама хурсандии ман аз он буд, ки оилаи Пайрав Сулаймонӣ (бо духтарашон Лолаҷон ва набераи дӯстрӯяшон Камолхон) он ҷо зист доштанд.

Гулчеҳра-ойтӣ дам ба дам модарашонро хабаргирӣ меомаданд. Гарм пурсупос мекарданд. Он қадар ором, хоксор, меҳрубон – нисбат ба ҳамсояҳо ва шиносҳо буданд, ки дили кас лабрези фараҳ мегардид.

Бахусус, модарашон инсони наҷиб, ба модари ман шабоҳат доштанд: ботамкин, вале ҷиддӣ гап мезаданд.

Ошноӣ бо осори Пайрав, аз наздик дидани аёлу пайванди он кас, дар ман як ҳисси ифтихору эҳтиром бедор мекард. Ҳамон солҳо устод Соҳиб Табаров дар бораи Пайрав тадқиқоти калоне анҷом дода буданд, бо ҳарорат дарс медоданд. Медонистем, ки дар мавзӯи ишқ, пас аз устод Лоҳутӣ он кас устод будаанд. Лек ҳар кас ҳар навъ таҳлилу маънидод мекард.

Он давра мо ҳам шавқманди ашъори ошиқона будем. Бо кори идора машғул шуда, ҳар чутӯ духтарро писанд накарда, аз «ситораҳои осмон» умедвор мешудем.

Дар идораи мо ду хонуми беҳад зебо Фаридаи пиёлачашм ва Соро бонуи ширинзабон бо рассомию чоп машғул буданд. Дам ба дам ба мо муҷаррадҳо (ману Ҷумъа Одина) аз зебосанаме, сарву санавбаре салом расонда, бо онҳо ошно карданӣ мешуданд.

Ҷумъа Одина аз субҳ то пешин роман тарҷума мекард. Баъд бо Шоҳину Лев Қандин шоҳмот мебозид. Домулло аз шоҳмот қимоб буданд. Аксар бо Шоҳин, ба сафари Панҷакенту Дарвозу Помир мерафтанд.

Мо маҷалла мехондем. Супориш адо мекардем.

Ҳамаамон лаҳзае оромӣ надоштем… Кӯшиш мекардем, бо навиштаҳоямон табъи устодро хира насозем.

Ман ҳам очерку лавҳа менавиштам, ки устод дар ғайбам «бад не!» гуфтаанд.

Ҳамон сол аскар – додарам дар Ленинград нобуд шуд. Барқияаш дар дасти устод будааст, ки ба ман дилбардорию хеле насиҳат карданд…

Ба падару модарам душвор буд. Онҳоро бо ягон «навигарӣ» хурсанд карданам лозим мешуд.

Яъне оиладор бояд мешудам…

Як субҳ суратгири маҷалла Саид Ҷалил хурсанд омад.

– Ҳой сағира, туро, ду духтар кофта омад, баро! – гуфт.

– Худат «сағира»! – Хандидам.

Баромадам.Бинам. паҳлӯи ҳайкали азим Софияи соҳибҷамол бо дугонааш Озода, ки мӯи дарозаш ба замин расида мегашт, пинҳон шуданд.

– Ҳа, Софя? – гуфтам наздик рафта.

– О-ма-дем-м!! – бо ноз салом кард Софя.

Ғам чист – намедонист ӯ.

Аммо дугонааш Озода аз ғами сари оилаи мо омада хабар дошт.

Мо ҳолдон будем. Падару модараш асл аз Самарқанд, дар Бойсуни мо зиндагӣ мекарданд... Муаллим шуда бо акояшон Ӯктам Ҳайдарович Қамаров ба Бойсун омада буданд.

– Чӣ гап? – гуфтам.

– Аз Самарқанд волидонашон меоянд, – гуфт Софя. – Шуморо диданӣ.

Маълум.

– Боз чӣ гап?

– Пагоҳ аввалин имтиҳони давлатӣ аз физика!

– Медонам… Ба табрикатон меравем, – гуфта онҳоро гусел доштам…

Пагоҳаш гулдаста бурдам.

Аз байн ду рӯз гузашту ҳамкорам Раҷабалӣ Имом табассуми маънидоре кард:

– Имрӯз зиёфат аз худат, – гуфт ӯ.

– Ба чашм, – гуфта ба давоми гапаш гӯш додам.

Гап назад.

Дида будам, ки ӯ пирамарди сиёҳпӯши кулаҳдори чагас дар дастро аз кабинети устод Деҳотӣ то роҳи калон гусел дошта буд.

Баъд аз лаҳзае устод Деҳотӣ пеш-пеш, мо аз ақиб самбӯсахӯрӣ сӯи бозори Шоҳмансур равона шудем. Устод ошноҳои «охун» доштанд, ки расо пазанда буданд.

Хостам он рӯз ман пайса барорам.

– Зиёфати Шумо ҳоло дар пеш, – гуфтанд бо лабханд устод Деҳотӣ.

Дар бозгашт Раҷабалӣ оҳиста гуфт:

– Гапи домуллоро фаҳмидӣ?… Хусурат наздашон омаданд, аз Самарқанд, хешӣ доштаанд. «Як ҷавон таги дасти Шумо кор мекардаст… Чутӯ одам? » – гуфта пурсиданд…

– Фаҳмо, – хандидам ман.

Напурсидам, ки домулло чӣ гуфтанд.

Раҷабалӣ инро ҳам гуфт, ки устод баъд аз рафтани «хусур»-ат гуфтаанд: «Мо барои Ҷумъа Одина ба чанд дари хона хостгорӣ рафтанӣ шудем. Барои ин шогирд падари арӯсшаванда назди мо омаданд!».

Ҳамин гап худ бас буд. Раҷабалиро бародарвор оғӯш гирифтам.

Пагоҳаш бо волидон дар кинотеатри «Ватан» вохӯрдем.

Баъд аз як ҳафта дар хонаи бародаркалонаш (болои «Дунёи бачаҳо») ноншиканон барпо шуд.

Тӯйи одӣ карда, арӯсро ба хонаи пурфайзи нависандаҳо, ки дӯстам монда рафта буд, иҷоб карда овардам.

Ҳамон ҷо модару хоҳари Гулҷеҳра модархонду хоҳархонд шуданд ба мо наврӯзгорон!… Вагарна наврӯзгорӣ, дур аз назару навозиши волидайн осон набудааст…

Озода соли охирин мехонд.

Хурсанд будем, ки ӯ ҳомила шуд.

Худаш, ки миёнақади кулӯлае буд, рӯз то рӯз кулӯлатар мешуд.

– Эй Худо, чашми бад дур! Туф-туф! – мегуфтанд модару хоҳарон Гулчеҳраю Лолаҷон.

Асрори хонумҳоро хонумон медонистаанд.

– Арӯса эҳтиёт шавед, – насиҳат мекарданд холамулло, – чизи вазнин набардорад, ба автобус нашинад!…

Дунёи ман ҳам дигар мешуд. Насиҳат чун равғани маска мефорид. Намегузоштам, ки «Лундаҳак»-и ман даст ба оби сард бизанад. Худаш бағайрат буд. Дар оилаи хуб тарбия ёфта, пухтупаз, шустушӯйро худаш мекард.

Якҷоя меҳмонӣ ё сайри боғ мерафтем.

Духтарони парӣ барин зебои кӯчаи Турдӣ аз наздамон ҷилваю пурсупоскунон мегузаштанд.

Ҳама ба арӯси ҳомиладор назари хайрхоҳона доштанд. Инро ҳис мекардем.

Одам пешомади худро кам тасаввур мекардаст.

Кадоме ба завҷаам гуфта, ки дар «Санглохбозор» кати симин (барои кӯдак) мефурӯшанд. «Ҳошо ҳамроҳ рафта меорем!» – Гуфт.

– Аз аммакалонам Бибӣ Қанди чевар шунида будам, ки барои тифл пешакӣ чиз намехаранд! Хосият надорад, – гуфтам.

– Не – дия! Не!

Субҳ рафтанӣ будам, ки ӯ ҳам хест. Туфлии пошнабаланд пӯшид.

– Бепошнаашро пӯш, бозор сангистон аст! – таъкид кардам.

– Не, гуфт. Ҷонамро ба таги ҳалқам овард. Дилам намешуд, ки сарзаниш бикунам. Пасопеш баромадем. Ба чойхонаи «Роҳат» расидем.

Роҳи калон об задагӣ.

Мошин кам. Ногаҳ автобусе «Гуррас» омада тоб хӯрд.

– Пас истед! – гӯён дасташро гирифтанӣ будам, ки нашуд: лағҷиду гурсас рӯи роҳи мумфарш афтод.

Дилу ҷигарам рехт.

Боз ҳам хайрият, ки таги ғели мошин намонд!…

Туфлиаш аз пояш се қадам он сӯ парид, кадом хонуми рус бардошт:

– Дар ин ҳолат кас пошнабаланд намепӯшад! – гапи маро гуфт ӯ ҳам. – Дар даст гиру хона рав! Ва зуд ба духтур мурочиат кунетон!

Пас гаштем. Дасташро дошта меомадам. Дилаш гуп-гуп мезад.

Аз ошёнаи дуввум холамулло диданд, ки чи сон мо рафтему зуд баргаштем.

– Нагуфтам, эҳтиёт шавед! – бо табъи хира кучоҳо назар мекарданд холамулло, – пайи чизхарӣ нашавед, келин!…

Хонуми Убайд Раҷаб давида баромад. Ҳамсоязан Татяна Сергеевнаи меҳрубон худаш ӯро хона даровард.

Ман рафта беҳтарин кати симинро бардошта омадам, то ӯ хурсанд бошад.

Татяна Сергеевна, ки дар истгоҳи «Ёрии таъҷилӣ» кор мекард, духтур ҷеғ занонд. Донишманде омада фаҳмонд. Не, «лозим не!» – гуфта, ба духтур нарафт завҷаам.

Кам – кам якравӣ ҳам дошт. Паҳлӯяшро дошта мегашт. Метарсидам, ки ҳамон сахт афтоданаш асар карда бошад.

Баъд аз як ҳафта ӯро сим-сим дард гирифт.

Татяна Сергеевна худ мошин ҷеғ зада ба таваллудхонаи якум фиристод.

Ана он ҷо лаҳзаҳои ҷонкоҳ барои ӯ ва ман сар шуд-е!

Ҳамон шаб то саҳар беруни таваллудхона гаштугузор карда, дам ба дам мепурсидам. «Не» – сар меҷунбонданд ҳамшираҳо.

Субҳ дамид. Чоштгоҳ, пешин ва боз шом шуд!

Чӣ кардан, куҷо рафтанамро намедонам.

Ногоҳ момодоя омада аз ман пурсид:

– Гулчеҳра Сулаймонова ба Шумо кӣ мешаванд?

– Чи буд? – пурсидам ман.

– Телефон карданд… Дам ба дам мепурсанд, – гуфт ӯ.

– Одами наздиктаринамон… Шоира… Модарашон модархондамон, – гуфта фаҳмондам.

– Ҳар чӣ аз дастамон ояд, ёрӣ медиҳем. Лекин азоб мекашад, завҷаатон. – Ба вай чӣ шуда буд? Мабодо чизи вазнин?… пурсид доктор.

– Афтода буд, – бо изтироб нӯги гапро баровардам. – сахт афтода буд!..

Момодоя дигар ба гапам гӯш надод. Давид. Бо таъсири кадом фикри «бедоршудае» давид.

Аз ақибаш ман ҳам давидам. «Даромадан мумкин не!» гуфтанд.

Ба худ меларзидам.

Қарибиҳои шоми рӯзи дуввум хабар доданд, ки духтурҳо ба машварат нишастаанд.

Аз худаш пурсидаанд: «чӣ кунем, бо ҷарроҳӣ кӯдакро гирем?».

Ӯ худашро фикр намекардааст. «Тифлро солим гиред» розигӣ додаст.

Аз ман пурсиданд: «Ба тақдир тан медиҳем, – гуфтам. – Худаш зинда бошад, сад тумани дунё!.. Дигар гап зада натавонистам.

Якзайл ба ин ҷо телефон кардани шоира Гулчеҳра ва ҳамсоязани рус Татяна Сергеевна ба дилам умед мебахшид, ба анҷоми неки мушкилот!…

Тамоми он шабу рӯз орзуманди шунидани овози тифл будам. Ҳоло аз дилам мегузашт: илоҳо, завҷаамро Худо нигаҳ дорад!…

Гуруснаю ташна, ҷое намерафтам. Ба касе аз хешон хабар расонда ҳам натавонистам. Худро гум карда будам… Рӯи харак нишаста ғанабам бурдааст.

Ними шаб аз шараққоси дари берун як қад парида бедор шудам.

Ҳамон момодоя – доктор … Бо қавоқи гирифта дар паҳлӯям нишаст.

Маро араќи хунук рез кард!

– Дилатон ганда нашавад, кӯдакро зинда гирифта натавонистем, – гуфт, – писар будааст!…

Шаш қатор ашкам рехт, беихтиёр.

Мехостам барояш номи додари дар дарёи Нева ғарқшудаамро диҳам, ки нашуд!

Доктор гуфт, ки «Сиҳатии завҷаам нағз! Азоб кашид. Иродааш мустаҳкам будааст». Ӯ боз гуфт, ки шабошаб Татянаю Гулчеҳра – шоира омада рафтанд. Шуморо хабар накардем!…

– Завҷаамро дида метавонам? – пурсидам.

– Ҳоло не, – гуфт ӯ.

– Ягон чизи хӯрданӣ биёрам?

– Худамон ҳама чиз дорем… Саҳар пурсида, чизи дилхоҳашро оварда метавонед… Ҳоло хона равед. Шумо ҳам азоб кашидед.

Чи тавр хона расидам, намедонам.

Чароғи хонаи дигарон хомӯш буд.

Танҳо дар хонаи холамулло – хонуми Пайрав Сулаймонӣ чароғ фурӯзон буд. Он кас ду табақи тирезаро кушода, ба роҳ нигарон будаанд.

Чун диданд, ки латтаи ман дар об афтодагӣ, бо даст ишора карда поён фаромаданд…

Вазъиятро фаҳмондам.

Ашкашон равон шуд:

– Хайр, писарам. Бесабрӣ накунед. Шукр, ҳоло шумоён ҷавон, – гуфтанд он кас.

Саҳар хеста бозор рафтам. Мева бурдан лозим буд…

Духтури шиносро дидам.

Вай ҳамоно шитоб дошт. Боз кадомеро овардаанд…

Гуфт, ки ба шоира саломашро расонам. Ҳамон шабу пагоҳаш ҳам зуд-зуд сим зада, аз ҳоли завҷаи ман хабардор мешудаанд, Гулчеҳра ойтӣ.

Боз гуфт, ки баъзе духтурон ҳам ба «бемор»-и худ назарногир мешаванд… Агар он шоира онҳоро ба телефон водор намекардааст, ҳардуяшон нобуд шуданашон ҳам аҷаб набудааст!...

Духтурҳо шоираро шахсан мешинохтаанд…

Шояд, фарзандонашро ӯ ҳам дар ин ҷо таваллуд карда бошад!

* * *

Барои завҷаам мурғшӯрбо бурдан лозим шуд…

Хона омадам.

Дар ҳавлии бино қариб ҳамаи занҳо ҷамъ омадаанд.

Лолаҷон маро диду ашк рехт.

Ман дуруст гап зада наметавонистам. Забонам ба гуфтан намегашт…

Холамулло (ҳама он касро ҳамин тавр мегуфтанд) дар зарфи сарпӯшдор мурғшӯрбо ва боз ким-чиҳо баста доданд.

Мушкилам осон шуд. Сарам сих монда буд, ки гӯшти мурғро аз мағоза гирам ё зиндаашро аз бозор бихарам?.. Онро кӣ мепазад?

– Ташаккур! – гуфтам ба холамулло…

Акнун аз ҳавлӣ мебаромадам, ки он кас:

– Мана бинед! – гуфта пештар омаданд. Оҳиста пурсиданд: – Келинро дидед?

– Дидам.

– Чӣ гуфт?

– Ҳеҷ чиз. Фақат оби дида мерезад.

– Кӯдакро чӣ кардетон?

… Ҳуш аз сарам парид. Охир, ман ҳеҷ фикр накардаам, дар ин хусус. Завҷаам ҳам бо ғаму дарди худ овора. Ниҳоят:

– Кӯдак, ҳоло дар дасти духтурҳо-ку? – гуфтам.

– Эҳ! – норизо сар ҷунбонданд он кас.

Ман дасту по хӯрдам. Узр хостам аз он кас.

Акнун ба сарам зада буд, ки кӯдакро аз он ҷо гирифта, мувофиқи қоидаи мусулмонӣ амал кардан лозим. Аз он миннатдор будам, ки ин пиразани фариштахисол маро аз чӣ «гуноҳ»-и азим пешгирӣ намуд.

– Эҳ, бачекам, – гуфтанд он кас, – зуд равед. Ба духтурҳо гап занед. Баъд тағоҳояш, ҷӯраҳои худро ҳамроҳ гиред. Аз мағоза ба пули худатон суфи тоза гиред. Ду газ бас. Духтурҳо дар рӯйҷо не, дар ҳамон суфи тоза печонда диҳанд, – таъкид карданд он кас. Ман фаҳмидам, Гулчеҳра гуфт: кӯдак якам нозанин будааст, қариб чор кило. Рӯда ба гарданаш печида будаст. Ин натиҷаи шуми ҳамон ғалтиданаш!.. Ба қабристони тоҷикон баретон! Худро ба даст гиред! – меҳрубонӣ зоҳир кард он инсон.

Модари худ гоҳо чунин меҳрубонӣ намекунад ба кас!..

Таъзим ба ҷо оварда рафтам.

Мерафтаму фақат додари нокомам ва писарча, ки рӯяшро дидан муяссар нашуда буд, пеши назарам …

Мурғшӯрборо додам. Тифлро пурсон кардам.

Завҷаам ҳушёрӣ карда гуфтааст, ки мо авлоди хоҷаҳоем. Тифлро ҷои тоза нигоҳ доранд, омада мебаранд!..

Ҳарчанд хидмати тиббӣ бепул буд он солҳо интизом ҳам сахт…

… Тағоҳояш ва дӯстонам ҳамроҳ шуданд.

Сӯфи тоза бурдем. Нишон доданд: аҷоиб як тифл: мӯ – дарози сиёҳ, абрувон – ғафс, мижгон – пари зоғ.

Зоча барин печонда ба дастам доданд.

Ҳамаи гуфтаҳои холамуллоро ба ҷо овардем.

Қаравули хокҷойи мӯъминон ҷои тифлаконро нишон дод, дар қабристони ДОК.

Одамонаш лаҳад канданд.

Бо донаҳои ашки боронӣ нахустфарзандро ба хок супорида баргаштем.

Дар рӯзи сеюм истода натавониста завҷаам аз таваллудхона»-и ноумедшудааш баромад. Хона рафтем.

Дуою дилбардории холамулло, меҳрубониҳои духтаронашон – Гулчеҳра ойтӣ ва Лолаҷон хеле ором гардонид завҷаамро. Умре аз онҳо хуш будем.

Дигар ҳамсояҳо низ меомаданд.

Болои ин Юсуфҷон ҳам аз Маскав аз таҳсил баргашт…

Ӯ аз фоҷеаҳои ба сари ман омада бехабар буд. Нафаҳмонда, бо изҳори миннатдорӣ хонаашро зуд холӣ кардем…

Боз ба иҷора рафтем…

Дере нагузашта бо ёрии устоди зиндаёд Абдусалом Деҳотӣ ва коргузори ҳизбӣ – Самиҷон Шодиеви шодравон соҳиби ҳавлию дар шудем.

Ҳарчанд аз ҳамсоягии Сулаймониён ва Татяна Сергеевнаи меҳрубон дуртар будем, лек диламон наздик, дӯстӣ барқарор, меҳрамон саршор буд.

То зиндаем, ёдашон бо мост он шоираи давру замон – Гулчеҳраи Сулаймонро.

*Душанбе, 2003.*

## ДАРГОҲИ МУҚАДДАС

Солҳои 60-уми қарни XX кор кардан дар идораи «Тоҷикистони Советӣ» (имрӯза «Ҷумҳурият») барои мо, ҷавонон боиси ифтихор буд.

Тирамоҳи соли 1964 аз Шӯъбаи адабию драмавии радио, ки бо Султон Сафар (драмнавис, сармуҳаррир) ва нависанда Ҷумъа Одина якҷоя кор мекардам, ба идораи рӯзнома гузаштам. Сардабираш шодравон Ашӯр Ҳалимов буд. Ба шӯъбаи ҳизбӣ (мудираш инсони шариф Абдуқайюм Комилов) вобаста намуданд. Бо аксари кормандон, ки аз сӣ тан бештар буданд, ба зудӣ унс гирифтам ва муттафиқона заҳмат мекашидем. Маърӯзаҳои беҳад тӯлонии Хрущев, баъдтар Брежневро хондаю беғалат аз чоп мебаровардем, то аз Маскав расидани иловаю дигаргуниҳояш шабро даруни бинои матбаа рӯз мекардем.

Мусаҳҳеҳи рӯзнома апаи Шафо – хонуми хушсаводу хушгапу меҳрубон чой дам мекард ва бо ғайрати тамом аз ҳашт то дувоздаҳ саҳифаро хонда мефаровард. Мондашавиро намедонист. Котибони масъул шодравон Шафқат Саид ва баъд Шавкат Маъруфӣ аксар маро ҳамроҳи Комилов ва Ҳалимов навбатдор мемонданд. Ба боварии онон сазовор будаам. Аз ин хурсанд будам: забон ва саводи сиёсӣ меомӯхтам. Зуд-зуд барои тафтиши ин ё он арзу шикоят ба гӯшаю канорҳои ҷумҳурӣ мефиристоданд.

Ҳар ҷо равам, хабару мақолаҳои тоза меовардам. Супоришҳоро табъи дил ба иҷро мерасондам. Дере нагузашта маро дар ҷои Н. Тӯлаев мудири шӯъбаи ахбор ва варзиш гузарониданд ва ин, албатта, бо тавсияи А.Комилов–котиби ҳизбӣ буд. Тавсияномаро ҳам ба узвияти ҳизб ҳамон кас навишта буд барои ман...

Шӯъба тезкорию навигарии зиёдро тақозо дошт. Ду ходими адабӣ ёрӣ медоданд. Бахусус, Юрий Некрӯз Некталов оид ба варзиш, басо фаъол буд. Дигаре Саъдия Лоҳутшо буд, ки аз хушсавод, зебо ва хушодобтарин духтарони давр маҳсуб мешуд, ҳама чун хоҳари меҳрубон ҳурмат мекардем. Бо қаламкаши варзида Турсун Маҳмадалиев дар як утоқи корӣ будем.

Назди мо ҳам одамони машҳур зиёд меомаданд. Ба хусус хабарнигори онвақтаи «Правда» Ғоиб Қаландаров «чӣ навигарӣ

дорӣ?» гуфта сар мехалонд. Аз таҷрибаи москвагиҳо сабақ медод ва боиси пешравии кори мо мегардид. Дорои маданияти баланд буд. «Аз некон шарофат» гуфта, тақлидаш мекардам, фаъолтар мешудам. Худи муҳити он идораи муқаддас имкон медод, ки озодона ҷавлон занем.

Он рӯзҳо навигарӣ болои навигарӣ рух медод. Мамлакат рӯ ба тараққӣ мерафт. Адибон, санъаткорон ба ҷоизаҳои гӯшношунид муваффақ мешуданд. Ҳамон шабонарӯз ба ҳофизи хушхон Аҳмад Бобоқулов унвони «Артисти халқии СССР» доданд. Ман супориш гирифтам, ки дар бораи ӯ очерке нависам, ки бо номи «Булбули санъат» дар рӯзнома чоп шуд.

Баъд аз он ҳофиз дам ба дам назди мо меомад. Соатҳо менишаст. Пайваста аз Саъдияи мо чашм намеканд, ки алов барин фурӯзон, хушрӯ пӯшида, моҳирона ӯсмаю сурма карда меомад. Зебоию назокат чизи хуб-дия. Ҳофиз ба ин чиз эътибор медодааст. Боре дар набудани Аҳмад ака ӯ аз Турсунбой пурсид:

– Ин корманди шумо, хаёлам саҳар соати панҷ бедор мешудагист?

– Чутӯ донистед? – гуфт Турсунбой.

– Агар саҳархез набошад, то ба кор омадан худро ин қадар оро дода наметавонад, – посух дод ӯ.

– Ҳо-о, – гуфт Турсунбой. – Ҳамин покизагияш аст, ки ба як ҷавони шофбурут маъқул шудааст.Ба қарибӣ тӯяшро мехӯрем.

– Нағзро нағз мегӯянд-дия. Чашми бад дур! – мегуфтем мо ҳам. Шодравон як даста гул, оташи фурӯзоне буд…

Аввали Соли Нави 1965 Ашӯр Ҳалимов маро ба Шӯъбаи илм ва маданият мудир таъин намуд. Масъулият боз ҳам афзуд. Ходими адабӣ он ҷо шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ буд. Ҷавони донишманд, соҳибистеъдод. Шоирони бузург таърифаш мекарданд. Мо акнун дар як утоқ бо Шодӣ Ҳаниф ва шоир Салимшо Ҳалимшо, аз Шӯъбаи адабиёт ва саъат будем.

Ин ҷо ҳам Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Наҷмидинов, Абдусалом Атобоев омада хабарамон мегирифтанд. Аминҷон Шукӯҳӣ, Аъзам Сидқӣ, Ашӯр Сафар назди калонҳо медаромаданд.

Вақти танаффус гоҳе шоҳмот ҳам мебозидем. Шодравон Шодӣ Ҳаниф бештар шавқ дошт. Аз ҳарифи худ агар як пиёда зиёд гирад, бо овози хуш аз «Шашмақом» сурудеро сар мекард. Ҳарифаш бебаркаш донаҳои ӯро шарт-шарт мезад. Ана, бинед

шавқу завқ, хандаю дилхуширо!.. Хандаҳои дилкаши дӯсти ҷониамон Абдусалом Атобоев ҷаҳони дигар буд, ки ба ёд орам, ҳанӯз ҳам дилам лабрези шодмонӣ мегардад.

Шодӣ Ҳаниф – дӯсти ҷонии ӯ ба кори дигар гузашту Абдусалом ҳам кам меомад. Дар шӯъбаи адабӣ Абдуҷалил Воситзода омад. Сардабир ба ин ду шӯъба диққати бештар медод. Чакидаҳои қалами адибону олимон ва санъатваронро бетаъхир ба чоп омода мекардем. Саҳифаи «Адабиёт ва санъат» доштем. Ҳафтае як бор шеъру ҳикояву очеркҳои беҳтаринро, ки моли адабиёт мешуданд ва эътибори рӯзномаро боло мебурданд, ба чоп медодем.

Мо ҳам ба навиштани чизҳои бадеӣ, мақолаҳои илмӣ дасти худ рост мекардем. Масъалаҳои ҷиддии рӯзро мебардоштем. Чанде аз ҷавононро ба узвияти ҳизб ва иттифоқҳои нависандагону журналистон маҳз аз «Тоҷикистони Советӣ» пешбарӣ менамуданд.

Худамон сӯҳбатро бо шоиру нависандагон ва олимони намоён, монанди Аловиддин Маҳмудович Баҳоваддинов, Зариф Шарифович Раҷабов, Солеҳ Ашурович Раҷабов, Муҳаммад Осимӣ, Носирҷон Маъсумӣ ташкил мекардем. Вохӯрии ходимони рӯзнома бо файласуф басо шавқовар гузашта буд. Вақти бозгашти он кас, то Институти таърихи ҳизб гусел доштам. Он кас маро аз вақтҳои дар маҷаллаи «Тоҷикистон» (сардабираш Абдусалом Деҳотӣ) зери як бино буданамон медонистанд. Сари роҳ гуфтанд, ки ба институташон ба кор гузарам – дар ду сол номзади илм мешавам ва бо тарҷумаи асарҳо машғул мегардам.

– Маслиҳат карда бинам, – гуфтам.

– Дуруст. Маслиҳат кунед. Натиҷаашро расонед, – гуфтанд.

Маслиҳатгаре доштам. Маслиҳат андохтам. Авзои он кас беҷо шуд ва гуфт:

– Агар «профил»-ро дигар карданӣ бошед, ба кафедраи худи мо биёед! – гуфт.

Содда набошам, инро боз омада ба устод гап задам.

– Маслиҳатгаратон кӣ? – оҳиста пурсиданд Аловиддин Маҳмудович.

Гуфтам: профессор Мулло Эркаев. Гапи дурӯғ надоштам. Ному унвони он касро ба забон овардаму гап тамом шуд. Бад будани муносибати ду олими забардастро ман аз куҷо медони-

стам. Ҳатто тасаввур надоштам, ки байни фарзонагон ҳам низоъ вуҷуд дорад… Лекин суханони файласуф нисбати илмомӯзӣ дар ман такони ҷиддие шуданд…

* * *

Соли 1967 фаро расид. Мамлакат ба ҷашни 50-солагии Октябри Кабир тайёрӣ медид. Рӯзномаҳо ба ҳар ҷумҳурӣ мухбир фиристода шумора, саҳифаҳо ба якдигар мебахшиданд. Маро ба Қирғизистон роҳӣ карданд. Сафарам бобарор шуд. Дар идораи «Советтик Киргизистан» зуд матолиб ва суратҳои даркорӣ ҷамъ овардам. Бо вазирон ва одамони номдорашон дар тамос шудам. Муҳимтар аз ҳама бо нависандаи маҳбуб Чингиз Айтматов вохӯрданӣ шудам. Дар ин бора ба муовини сардабир Бӯрибоев машварат кардам.

– Шумо хушбахт будаед, – гуфт ӯ. – Ин ҷо набуданд. Аз 13 ҷумҳурӣ кас омада надида рафт… Дирӯз аз сафари дур баргаштанд. Пагоҳ ба идораи кинематографистон (он кас раис) медароед…

Пагоҳаш бо роҳбаладам (Қодирқулови мунаққид) он сӯ равона шудем. Раҳорах ба ӯ гуфтам, ки қариб ҳамаи асарҳои устод дар мо ба тоҷикӣ гардонда шудааст. Ҳатто охирин ҳикояаш «Себи сурх»-ро ман худ тарҷума кардаам.

Чингиз Турақулович навакак сари мизи худ омада нишаста будаст, ки мо даромадем. Вохӯрдем, шинос шудем. Аз фурсат зуд истифода карда, як вараќи сафед пеши устод гузоштам:

– Барои хонандаҳои «Тоҷикистони Советӣ» соядаст медиҳед, – гуфтам.

– Ба кадом забон? – гашта пурсид он кас.

– Албатта ба забони модарӣ-қирғизӣ, – гуфтам ҷазбмандона.

Дар чеҳрааш ноаён табассуме давид. Нарангушт ба ҷабин ниҳода, фикре карду сипас «Дар ангушташ қалам монанди булбул дар фиғон омад». Зуд-зуд имзо монд, таърих бизаду ба дастам дод. Он ҷо бо ранги баланд омада буд: «Қимбаттуу тожик элина…». Яъне **«Ба мардуми мӯътабари тоҷик!… Обу ҳавоямон як, иқлимамон як аст. Аз як сарчашма об мехӯрем!... Ба шарафи 50-солагии Октябр табрику таҳнияти маро бипазиред!**

**Чингиз Айтматов. Имзо. Таърих».**

– Боз чӣ гап? – ба роҳбаладам ман нигарист адиб.

– Хуб мешуд, – гуфтам ман, – аз асари наватон порчае ё ҳикояе медодед…

– «Қизил олма»-ни («Себи сурх»)-ро ёфта диҳед, – гуфт ба мунаққид.

Ӯ, ки аз тарҷума шудани «Себи сурх» ба тоҷикӣ хабар дошт, ба ман нигарист ва ба русӣ гуфтам: «Красный яблок» – таджики давным давно съели».

Ӯ баланд хандид. Хандааш басо самимӣ ва хушоянд буд.

– Пас, «Писари аскар» (Сын солдата»)-ро гиред, – гуфт. – Ба қарибӣ рӯзномаи урусӣ чоп кард…

– Ташаккур! – гуфта бо миннатдорӣ аз ҳузураш баромадем.

Ҳамон рӯз «Писари аскар»-ро ёфта оварданд. Дар меҳмонхонаи ҳизбии зебои қирғизҳо нишаста тарҷума кардам. Фардояш бо Бишкек (он вақт Фрунзе ном дошт) хайрухуш кардам. Бо тайёра то Тошканд парида, аз он ҷо ба Душанбе расидам. Саҳифа бо матолиб, соядасту ҳикояи нависандаи бузург чоп шуд, ки ин 29 октябри соли 1967 буд. Мукофоти ҷашнии рӯзнома насиби ман гашта буд.

* * *

Эҳсос мешуд, ки ҳамон солҳо баъзе ҷавонони «худшинос» пайдо шуда, ба масъалаҳои сиёсӣ дахл мекарданд. Аз ҷумла, шоири умедбахш Ғоиб Сафарзода мақолае навишт, ки бо «риштаи сурх» оид ба ному номгузорӣ эътирозаш аз пеши назар мегузашт. Ман низ онро хонда, суол монда ва зери баъзе ҷумлаҳояш хат кашида, ба Ашӯр Ҳалимов фикрамро гуфта будам.

– Шумо ҳам метарсен-а? – тамасхур карда буд ӯ.

Пешниҳод мешуд, ки чаро ба ҷои ноҳияи «Роҳи оҳан» мисол «Гулистон» нагӯем?» ва монанди ин фикрҳои одӣ...

Ва ин, албатта ба бародарони бузург маъқул намешуд…

Пагоҳи он рӯз маро ба Хуҷанд, ба тафтиши «Шикояте аз соҳили Сирр» фиристоданд. Нависанда-хабарнигори мо Ҳилолиён Аскар пешвоз гирифт. Ду рӯз якҷоя гашта, шаҳру ноҳияҳоро давр задем… Дар бозгашт аз тариқи Самарқанд гузаштанӣ шуда, ба тайёра чипта гирифтам. Аскар гусел карданӣ шуд… Мо аз ғурфа рӯзномаи нав гирифта назар кардем. Он ҷо мақолаи Сафарзода чоп шудааст. Ҳайрон ба якдигар нигаристем, ки кор чӣ гуна ранг мегирифта бошад.

Пагоҳаш ба Самарқанд омада, аз Регистон сӯи саройи Панҷакент (гузари Мирзо Пӯлод) мерафтам, ки дар қарибии ҳавлии устоди арӯздон, саҳҳофи ҳунарманд Абдуқодири Ҷомеъ (тағои модарарӯсам, 10 сол дар маҳбаси Сибир ба сар бурда омада буд) чашмам ба бузургмарде афтод. Ӯ филвор, босалобат қадам мебардошт. Аз дур тахмин кардам, ки устоди бузургвор Боқӣ Раҳимзодаанд – домоди самарқандиён. Ҳамон вақтҳо суруди «Кай бе ту равам сайри Самарқанду Бухоро!» – яшон машҳур шуда, беҳтарин ҳофизон мехонданд, дар забонҳо печида буд.

Ва инак, ба Самарқанд омадаанд.

Ман ҳам тез-тез қадам монда назди устод расидам.

– Ҳа-а, домоди самарқандиён? – гуфтанд бо як ҷаҳон самимият. Даст доданд. Ҳолпурсӣ кардем.

Ҳамон субҳ омаданду ҳоло ба сайр баромадаанд.

– Танҳо омадед ё бо янгаҷон? – гуфта, нақароти он сурудашонро хондам ва аз Душанбе пурсон шудам. «Ташаккур», – гуфтанд.

Хавосам парешон буд аз оқибати мақолаи Сафарзода ва ёдрас кардам.

– Э-ҳа-а! – гуфтанд устод, – аз Маскав махсус одам омад. Ашӯр Ҳалимовро бюрои Кумита марказ муҳокима кард, аз вазифа сабукдӯш шуд. Кори хуб нашуд, – афсӯс хӯрд шоири ширинадо ва ҳамон лаҳза мошинашон аз сӯйи мадрасаи Шердор пеш омад ва мо хайрухуш кардем.

Дилам ба Ашӯр Ҳалимов месӯхт. Бенуқс кор мекард. Ба ҷойи узрхоҳӣ ҳатто фикрашро дуруст гуфта исбот карданӣ шудаст. Дар айни пиронсолӣ ин ҷазо барояш сахт буд.

* * *

Кумитамарказ ба мо Шодӣ Саидро чун сардабир фиристод. Пештар ӯ ҷонишин буд. Марди ором, доно ва дар деги сиёсат ҷӯшида буд. Гоҳе таги забон нос мепартофт. Бо сари хам паси миз нишаста матолиб мехонду мехонд. Дар аснои навбатдорӣ якҷоя рӯзнома мехондем. Бо вуҷуди ин гоҳе ягон саҳв мегузашт. Парво ҳам надошт.

Боре Ҳаким Эргаш аз Вахш «репортаж» навишт. Бадеӣ карданӣ шуда, тасвире овардааст: «**Мо байни ҷӯякҳои пахта хамуростшавии ду ҷавонро медидем**». Онҳоро номбар ҳам кардааст...

Муовин Расул Болтаев хонда ба чоп имзо кардааст. Одамон гап кардаанд. Ба идора шикоят бардошта омаданд… Ана бинед, узрхоҳию тавбаю тазарроро.

Ба масъалаи забон эътибори бас ҷиддӣ медодем.

Аз кӯлоб Маҳмадуллои Одина ном мухбирамон ҳам баъд аз танқид дар маҷлиси хабарнигорон ба мо чизи «хонданибоб!» мефиристам гуфта, гӯё «бадеӣ» карда навишта буд:

«Агар кас аз ҳавои тоза **шикамашро пур карда нафас кашад**»…

Ин гап ҳам болу пар баровард. Ёру ҷӯраҳояш ӯро бинанд, ба шикамаш даст расонда, «Ҳа, чутӯ?» – мегуфтанд… Ҳимоб шуда, ба дигар кор гузашт. Ба ҷояш журналисти бақувват Алавидин Давлатов омад, ки рӯзнома аз қаламу лутфу карамаш хушиҳо дошт.

* * *

Дар мо он вақт иштирокдорон ва маҷрӯҳони ҷанги калон низ кор мекарданд. Бахусус, Йӯлдош Зиёев, мудири шӯъбаи «хоҷагии қишлоқ» буд шодравон. Марди заҳматкаш. Дар ҷанг «мадҳушӣ»-и сахт аз сар гузаронда буд. Ҳушёр, далер, чолок. Нисф зиёди матолиби ҳар шумора аз шӯъбаи ӯ мегузашт. Каме одати асабӣ шуданаш боқӣ монда буд. Ҳама эҳтиром мекардем. Гоҳо рафиқон шӯхӣ ҳам доштанд.

Қисса мекарданд, ки солҳои пас аз ҷанӯ аз «Тоҷикистони Сурх» ба сафари расмӣ – Панҷакент меравад. Бо либоси оддии ҳарбӣ. Аз хоҷагиҳо далелу рақами зиёд мегирад. Ҳини сӯҳбат кадом (барои ҳазл) мегӯяд:

«Ака-мулло, мо таҷрибаи нав гузарондем: аз замини лалмӣ ҳосили фураймони шолӣ бардоштем! Дар ин кор фулониҳо ҳисса гузоштанд!»…

Он кас, бовар мекунад. Охир, дар Панҷакент навъи беҳтарини шолии зирагӣ (девзира) расонда мешавад-ку.

Устод хабарро тавассути ким-кадом телефони идора ба Сталинобод (Душанбе) мерасонад. Кадоме дар поварақ «срочно в номер» менависад. Навбатдор шубҳа мекунад ва ба сардабир (ҳаҷвнигор Самад Ғанӣ) оварда нишон медиҳад. Чанд вақт ин гап боиси гуфтугӯ ва хиҷолати он кас мегардад. Агар хурсанд бошаду ёдовар шавем, гоҳе тан мегирифт, завқ мебурд…Гоҳе, гап намезад…

Аксар ҳарду навбатдорӣ мекардем. Ӯ чун сардабир мехонд рӯзномаро.

Рӯзе ходиме як саҳифаи ба «Чорво» бахшидаро овард, ки ба ҷои «Ғами чорворо аз ҳозир хӯрем», «ғам» афтода, «Чорворо аз ҳозир хӯрем» шудааст. Ҳама хондаанд, лек гузаштааст. Ман ислоҳ карда наздаш бурдам. Диду «раҳмат, рафиқ!» – гуфт ва гӯшакро бардошта мусаҳҳеҳ Шафои бегуноҳро сарзаниш кард.

– Ҳай-ҳай, қорпоччо! – гуфта, котиби масъул Шавкат Маъруфӣ аз чойник як стакан чой рехта наздаш монд.

– Кӣ «қорпоччо?!» – гӯён стаканро бо чояш ба девор зад.

Ҳама хомӯш рӯ ба девор овардем. Бечора пирамард аз карда пушаймон шуда, зуд ҷилави хандаро сар дод. Хандоханд хеле давом кард.

Идораи рӯзнома ана ҳамин гуна ҳазлу шӯхиҳо ҳам дошт.

* * *

Боре ҳамин гуна як «суханбозӣ» бо худи сардабир шодравон Шодӣ Саид низ рух дода буд.

Лекин ӯ асаби мустаҳкам дошт. На зиқ мешуду на механдид.

Дар ҷаласаи саҳарӣ ӯ ба ҷавоне мавзӯъ пешниҳод кард, то ба зудӣ рафта чизе навишта биёрад ва таъкид намуд:

– Худат соҳили Кофарниҳонро медонӣ? Ҳамон ҷо бирав! Он ҷо як «зани аз таги дор гурехта»-е ҳаст, ҳама нишонат медиҳанд, гуфта носашро ба носдон туф кард.

Ҳозирон, ба хусус занҳо якбора қоҳ-қоҳ заданд. Худаш ҳам ба гапи гуфтааш баъд сарфаҳм рафт. Андаке табассум намуд.

Воқеан ҳам он ҷо мубориз хонуме будааст, ки солҳои аввали Инқилоби бузург корномае зоҳир кардааст. Инсонҳои некӯкор аз таги дор раҳояш бинмудаанд. Аммо то ҳол касе дар бораи вай чизе ненавиштааст. Бирав, навис!..

* * *

Он солҳо сиёсат сахт буд. Агар як ғалати фаҳш содир гардад дар рӯзнома, то кумитамарказ мебурданд, кас беҷазо намемонд. Бинобар ин ҷиддӣ рафтор мекардем.

Як дафъа ғалати калоне рух дод. Ин солҳои ҳисобот ва пешниҳоду будҷаи умумииттифоқ буд. Рӯзномаҳо пур пури номи Гарбузов шаш-ҳашт саҳифа мебаромад. Чунон ки гуфтем,

дар ин гуна маврид шабро дар бинои матбаа, дар меҳмонии мусаҳҳеҳ «Шафо-ойтӣ» мегузаронидем.

Ҳамон шаб соат аз дувоздаҳ гузашту хабар доданд, ки ба маърӯзаи фалонӣ, аз Москва, чор-панҷ коғаз «иловаю ислоҳ» омадааст, ҳатман дохил шавад.

Сардабир хона рафта буд. Иттилоъ додем. Наомад, ба мо бовар кард.

– Боз то субҳ шабзиндадорӣ мекардем-дия, – оинаи шикаста, ӯсмаю сурмаашро як сӯ гузошт Шафо-ойтӣ, ки одаташ пеш аз рафтан ҳамин буд.

То соати дуи шаб ислоҳ кардем. Шафо-ойтӣ шаррос хонда, дастони сип-сиёҳ шудаашро собуншӯй кард, ба абрувонаш аз нав қалам кашидан гирифт.

Ҳоло навбати хондан ба ману ходими адабӣ Турдиалӣ Бойбобоев расида буд.

Хондем. Ҳамааш гӯё дуруст... Лек эҳсос мекардам ким-чӣ намерасад, ғалате ҳаст. Як тараф бехобӣ, хастагӣ.

Аз эҳтиёт ба матни асл (иловаи русӣ) нигоҳ карданӣ шуда оварондам. Намояндаи «ТоҷикТА» рафта будаст.

Муқоиса карда сарам сих монд. Ҳар чаҳор саҳифаро, ки ахиран аз Маскав расида буд, тарҷумони навбатдор ва мошинистка ғалат иншо кардаанд. Ба ҷои «миллиард»-ҳо «миллион» ва «ҳазор» шудаанд рақамҳо, барои ин чанд кас бояд аз кор мерафт...

– Шафоҷон-ойтӣ? – гуфтам.

– Ҳа, боз чӣ? – дубора аз раҳаш гашт.

– Ками дигар ба қошатон қалам кашида истед! – гуфтам. – Шармандагӣ!.. Ислоҳ бикунем. «Сонеш баъд» меравед, – ба лафзи самарқандиён шӯхӣ кардам.

Ӯ бо ду-се дашноми дастабиринҷӣ, сари қаҳр, ҳамаи ғалатҳои содир кардаи «ТоҷикТА»-ро ҷамъ карда назди ман монд ва гуфт:

– Ин бори аввал не! Агар ин ғалатҳо мегузаштанд, на танҳо «редаксия», балки боло будагиҳо ҳам мепариданд. Бо худ гиред. Пӯстаки онҳоро дурустакак афшондан даркор!..

Гапаш маъқул буд.

Ҳамин тавр ҳам кардем.

– Варақҳоро бо ғалат биёред, – гуфт сардабир.

Муовинҳо, котиби масъул, мудирони шӯъбаҳо, намояндаҳои

«ТоҷикТА», беҳтарин тарҷумонҳо, ҳатто худи Почоҷонови донишманд ба идораи мо омаданд.

– Гап бизан, – гуфт сардабир ба ман.

Ба иззати нафси касе нарасида, далелҳоро муқоисакунон шарҳ додам. Ҳама ба даҳон об гирифтагӣ барин хомӯш…

– Хайрият, ғалат пешгирӣ шудааст, – дасти маро фишурда баромаданд устод Почоҷонов...

Дарвоқеъ, чанд соли дигар чунин ғалат такрор нашуд.

* * *

Хотираҳои неки ман аз он даргоҳ зиёданд. Агар нақл бикунам, сухан ба дарозо мекашад.

Дар охир ҳамин як воқеаро ҳам, ки бо тақдири инсонҳои сахт ҷавр дида алоқа дорад, қисса накарда наметвонам.

Он рӯзҳои ба таҳсили аспирантӣ рафтанам буд.

Як субҳ сардабир фармуд, ки ба кумитамарказ (назди Ҳомид Гадоев) биравам.

– Чӣ гап? – гуфтам.

– Худшон гап мезананд. – гуфт.

Рафтам. Ҳомид Гадоев гуфт:

– Мактуби шикоят дорем. Аз Панҷакент. Муаллимеро

корд задаанд авбошон. Додситон онҳоро «бегуноҳ!» гуфта ҷавоб додааст. Мардум норозӣ. Нағзакак тафтиш карда биёед. Лекин сирр фош нашавад!..

Супоришро гирифта идора омадам. Ҳамон лаҳза аз додситонии ҷумҳурӣ муовин Карим Ҳасанов сим зад: «Нусхаи дигари он шикоят дар дасти мо низ ҳаст. Онро ҳам бо худ бигиред», – хоҳиш кард ӯ.

– Барои боварӣ ташаккур, – гуфта гирифтаму бо тайёра сӯи Самарқанд парвоз кардам. Аз он масир ба Панҷакент осон расидам.

Хабарнигорон одатан дар чунин маврид аввал ба идораи рӯзномаи ноҳия сар мехалонданд. Он ҷо сармуҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Зарафшон» мӯҳтарам Зайниддин Насириддинов буд, тахаллус Зарафшонӣ. Ҷавонмарди нуронӣ, оқилу доно.

Бо маслиҳати ӯ корро аз беморхона сар кардам. Вазъи муаллими кордхӯрда бад буд. Бечора муддати ду моҳ чӯб барин

хушк шудааст. Ӯро се корд задаанд. Корди ба сутунмӯҳрааш расида бас хатарнок будааст.

Сардухтури касалхона Банотбой – ҷияни дӯстам – нависанда Ҷумъа Одина ҳамин тавр шарҳ дод.

– Шояд аз хизмати «авиатсияи граждании» (сардораш Козлов Ю.И.) истифода мебарем? – Шояд духтурони ҳозиқи Душанбе аз марг наҷоташ диҳанд? – маслиҳат андохтам.

– Не, – гуфт ӯ. – Бефоида. Мо аз душанбе профессор овардем.

Фикри он кас низ ҳамин. Мо иҷозат бидиҳем ҳам, модараш розӣ намешавад, – ҳар чӣ гапе, ки буд, Банотбой возеҳу равшан баён намуд.

Дар асл ҳақиқати ҳолро устодони мактаби деҳаи Ёрӣ дар шикоёти худ низ равшан шарҳ дода буданд: рӯзи 1-май се тан шиносҳо ба сайри кӯҳпораи сабзу хуррам мебароянд. Муаллими танбӯрнавоз барои он ду палид сурудҳои дилнишин мехонад. Кам-кам машрубот низ истеъмол мекунанд. Лекин баъд, мисли он, ки «супориш»-е гирифта бошанд, «бозӣ-бозӣ» даст ба куштор мезананд. Писарчаи ҳезумкаш аз даруни буттаҳои анбӯҳ ҳодисаро дида, худро рӯи сангрез андохтаю лағҷида аз кӯҳпора сарозер мефурояд ва одамону очаи муаллим ва хонуми аз ҳад зиёд париваши ӯро хабар медиҳад.

То расидани ёрӣ муаллим сахт муқобилият мекунад. То ҷон дар рамақаш будан ӯ ҳам рақибонашро мезанад. Ҳатто танбӯраш майдаю пора мегардад. Танҳо ба захмҳои корди қотилон тоб наоварда сари тали баланд меафтад, хунаш ба ҳадар мерезад. Ҳамаи гап ҳамин.

Шӯъбаи милисаи ноҳия ҳамин ҳақиқатро тарафдор буд. Аммо шарҳу баёну дӯғу даранги додситони ноҳия, ҷавони сабуксайр, ки лаб ба лабаш нарасида, ба мо гӯё «лексия» мехонд, дигар буд. Беҳуда дар рафти кораш шонздаҳто «строгий выговор» нагирифта будаст.

Бо вуҷуди ин, аз ӯ иҷозати ҳабси ҷинояткоронро гирифта, бо муовини хушсалиқааш сӯи деҳаи Ёрӣ рафтем. Дар ҷои воқеа бо шоҳидон, хонумаш, ки пайваста ашк мерехт, бо модараш, ки «ба тақдираш тан дода буд», вохӯрдем. Модари ҳақиқӣ, сарбаланд, меҳрубон, мардонаворе будааст очааш. Ашкҳояш рафтарафта тамом шуда буданд магар, ки дигар намегирист. Бо дарду алам гап мезад ва риши сипсиёҳе дар манаҳ дошт, бо як дас-

ту нӯги рӯймоли докаи сафед аз рӯи назокат пинҳон дошта меистод…

Бегоҳӣ дар милисахона бо авбошон, ки худи ҳамон рӯз ба ҳабс гирифтаанд, бозпурс сурат гирифт. Яке «Кордро ӯ не, дигаре зад» гуфта ба сари якдигар бор мекарданд. Ниҳоят ҳардуяшро рӯ ба рӯ карда, ба хулосаи аниқ омада. Шабошаб ба Самарқанд баргаштам.

Дар хонаи хусури худ Қамарӣ-муаллими навадсола нишаста, «памфлет» навиштам. Субҳ соати ҳаштуним бо тайёраи аввалин ба Душанбе расида, дастнависамро сари мизи сардабир гузоштам ва худ хона рафтам, то қусури бедорхобии шабро барорам.

Рӯзи дигар ҷои кор омадам. Навиштаам чоп шудаасту ҳама «нағз-нағз» мегӯянд. Аммо ҷонишини сардабир Расулхон Болтаев мурғи посӯхта барин давуғеҷ дорад. Гап назада, дари утоқҳоро ба ҳам зада, даробуро мекард. Намефаҳмидам, ки гап сари чӣ.

Котиба кормандонро ба ҳузури сардабир ба маҷлис даъват кард. Даромадем.

Ҳамон шаб навбатдор худи сардабир будааст. Ба сарони боло гапро расонда «памфлет»-ро пахш кардааст…

Аммо дар ҷаласа зиёд гап назад. Аз ҳозирин пурсон кард, ки оё шумора беғалат баромадааст?

Мудирони шӯъбаҳо гап мезананд. Сухан аз фоҷиаи деҳкадаи Ёрӣ рафту онро чун матолиби оҷил ва хуб таъриф намуданд, ҳатто ҳавасманд гардонидани муаллифаш ба миён омад.

Лек муовин Расулхон хеста чизи дигар гуфт:

– Шумо медонистед Шодӣ Саид, ки – ба сардабир сахт расонд, – додситони Панҷакент рафиқ Яъқубов дӯсти ҷонии ман аст. Ман акнун дар назди ӯ чандпула одам шудам?!. Дидаю дониста ба ман як даҳан гап назадед, памфлетро ба ин зудӣ ба чоп расондед!..

Дигарон ором-ором тарафи сардабир нигаристанд. Ӯ, носхалтача дар даст, китф дарҳам кашиду гуфт:

– Аҷаб гап мезанӣ! Охир, ман чум, ки ӯ дӯсти худат аст!..

Кабинетро хандаи базарбае фаро гирифт ва он ба хархашаи муовин нуқта гузошт.

Пас фаҳмидем, ки додситон аз идорааш ба Расулхон сим за-

даast. Расулхон айни вақти ба чоп рафтану сад-дусад шумора чоп шудани рӯзнома ба матбаа омада хабар гирифтааст…

Дигар чӣ амале ба кор андохтааст, ба мо номаълум буд. Ҳамин қадараш аён шуд, ки соати шаши субҳ тавассути телефони идора «памфлет»-ро ба дӯсташ Яъқубов хонда додааст…

Рӯзи сеюми чоп шудани он додситон латтааш дар об афтода назди сардабир омада, аз мо узр хоста рафт. Ӯ аз вазифа сабукдӯш шуд. Бо ҳукми суд ба ҷазо маҳкум шудани қотилон (аз комиҷроияи Панҷакент) ба идора иттилоъ доданд.

Баъд аз чанд ҳафтаи дигар бечора муаллим аз олам гузашт…

Ин охирин амали рӯзноманигории банда буд дар «Тоҷикистони Советӣ». Зеро ҳамон тирамоҳ имтиҳон супурда, ғоибона ба аспирантура дохил шуда будам… Дар он мобайн барои як ҳафта маро ба хизмати ҳарбӣ даъват намуданд. Аз хизмат омадам. Аммо аз корубори идора бехабар будам.

Акнун паси мизи кор нишаста будам, ки телефон занг зад. Гӯш кардам. Устодам – роҳбари корҳои илмиям профессор Носирҷон Маъсумӣ.

Пас аз пурсупос гуфтанд:

– Мулло Истад, шуморо табрик, «аспиранти рӯзона» шудед. Президенти Академия Муҳаммад Сайфиддинович Осимов фармон имзо карданд.

– Ташаккур устод, – гуфтам. Хурсанд шудам.

Бовар бикунед, ин муболиға не. Аз он гуфтугӯ чанд сония гузашту аз кумитамарказ Ҳомид Гадоев сим зада гуфт, ки ману Абдуҷалил Воситзода зуд ба ҳузураш ҳозир шавем.

– Чӣ гап бошад? – пурсидам аз Воситзода, ки дар мизи рӯ ба рӯ менишаст.

– Равем – канӣ, як чӣ мегуфтагистанд-дия, – бо табассум ва каллаҷунбонӣ (чунин одат дошт) назар бинмуд шодравон.

Рафтем. Ҳомид Гадоевич хуш қабул кард ва рӯшод гап зад:

– Ба ҳардуи шумо вазифа доданӣ ҳастем… Сардабиратон Шодӣ Саид ҳарду муовинашро иваз карданӣ… Шумо ба ин чӣ мегӯед? – аввал ба ман рӯ овард. Ман ба Воситзода эҳтиромона муроҷиат карда гуфтам:

– Ҳар вазифа, ки бошад, акнун ба устод Воситзода супоред…

– А? Чаро? – мутаҳайир шуд ӯ.

– Ҳамин субҳ, пеш аз занг задани Шумо, роҳбари илмии аспирантиям Носирҷон Асадавич гуфтанд, ки маро аз таҳсили ғоибона ба рӯзона гузаронидаанд.

– Э-ҳа-а, шумо аспирант-а? – гӯён аз ҷо хест. Аз дар баромад ва лаҳзае чанд гузашту омада моро ба ҳузури котиби идеологӣ Ибодат Раҳимова даъват кард.

Хонуми мӯҳтарам низ хуш қабуламон кард ва ба ман гуфт:

– Шуморо медонем. Вазифа доданӣ шудем. Модом, ки ба аспирантураи рӯзона гузаштаед, муваффақ бошед. Хатм ки кардед, боз мо фаромӯш намекунем, ба назар мегирем…

– Ташаккур! – гуфтаму рафтам.

Пас аз як ҳафта бо рӯзномаи дӯстдоштаам хайрухуш кардам. Пайваста ба худ мегуфтам, ки «ман чӣ коре кардам? Чаро ба ғалат роҳ додам? Мансаб, мошин, маоши калон, ҳаққи қалам (бисёр менавиштам), эътибори хуби садрнишинон, муҳимтар аз ҳама боварии ҳизби ҳукмронро ба сад сӯми аспирантӣ иваз карда меравам-а?»

Дертар ҳис кардам, ки барои худам не, барои оилаам, фарзандонам, рӯзгорам вазнин шуд… Ҳамон вазниниро хонуми заҳматкашам – муаллима, духтари Қамарӣ-муаллим – Озода Ҳайдаровна ба зимма гирифта буд…

Баъдтар ҳамааш хуб шуд… Ҳатто ба сафари ҳафтсолаи хориҷӣ – он сӯи Омуи пиру ҳамеша ҷавон рафта омадем…

Лекин даргоҳи рӯзнома ҳамеша бароям муқаддас буд ва ҳамин тавр ҳам бимонд. Зеро ҳамон ҷо тарбият ёфтам. Рӯзнома баротам дод.

# МУНДАРИЧА

Сарсухан ........................................................................................

***Қиссаҳо***

Ошиқ будаем рӯзе ..........................................................................
Маъшуқаро накушанд......................................................................
Холи бахосият ...............................................................................
Ҷафо ...............................................................................................
Буқамаст .........................................................................................
Ҷигархун .........................................................................................
Бобо заргар ва набера.....................................................................
Кӯдаки тирачашм ва профессор ......................................................
Тундур чӯпон ва Чорӣ капитан ......................................................

***Ҳикояҳо***

Аз силсилаи «Гулгашти Тӯрон».......................................................
Бераҳмӣ............................................................................................
Чӯҷа ва туфанг.................................................................................
Номаи пурсӯз...................................................................................
Ҷанги зидди мушон ё худ қиёми занони Лабиоб ............................
Тиллозода .......................................................................................
Ситез ..............................................................................................
Аз чӣ намебӯсед маро .....................................................................
Ёди ягнаи соҳибҷамолам ................................................................
Аз силсилаи «Лаҳзаҳои муассир» ..................................................
Ҳақиқатнигор .................................................................................
Орзуи пирамард..............................................................................
Гули қаҳқаҳа...................................................................................
Муфаттиш омад, гурез ...................................................................
Зиндаҳои кафанпеч ........................................................................
Эҳтиром ба қасамёди Ҳипократ .....................................................
Ҷанги пишак бо одаму мор ............................................................
Ҷон дар кафи даст бо париён..........................................................
Фарёди Сабо ..................................................................................
Бобо Муносиб.................................................................................

***Хотираҳо***

Ду лаҳзаи дидор .............................................................................
Бибиҷони бачаҳо ............................................................................
Даргоҳи муқаддас...........................................................................

**Истад ҚОСИМЗОДА**

**ОШИҚ БУДАЕМ РӮЗЕ**
**(қисса, ҳикоя ва хотираҳо)**

**Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода**

Муҳаррири ороиш: Ромиш Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ: Меҳрӣ Саидова
Мусаҳҳеҳ: Фирӯза Қосимова
Ҳуруфчини компютерӣ: Буригули Қосим

Ба чопаш имзо шуд.
Адади нашр ……… Супориши №…….
Нашриёти «Адиб», 2008.